facebook.com/Китобхона

Абурайхон

Беруний

ОСОР · УЛ · БОКИЯ

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

Абдурайхон

БЕРУНИЙ


ОСОР·УЛ·БОКИЯ

facebook.com/Китобхона



facebook.com/Китобхона

ББК 72.3+22.61
Б 56



Ба чоп тайёркунандагон:

Аликул Девонакулов, Мухаммадрахими Исо,
Одина Хамид, Мехримох Бако

Мухаррирони масъул:

Доктори илмхои фалсафа

Мӯсо Диноршоев,

номзади илмхои филология

Аликул Девонакулов

Мухаррир

Одина Хамид

Абурайҳон Беруни

Б 56 Осор-ул-бокия.—Душанбе. Ирфон, 1990, 432 сах.

«Осор-ул-бокия»-и олим, мутафаккир ва ҳакими барҷаста Абурайҳон Муҳаммади Беруни шоҳкори афкори илмии асрҳои X—XI ба шумор меравад. Муаллиф дар он ба таҳлили ташаккули шаклҳои мухталифи фарҳанги инсонӣ пардохта, сабабҳои пайдоиши ҷараёнҳои мухталифи мазҳабӣ ва муборизаи байни онҳоро ошкор намуда, муносибати мутафаккирони гузашта ва ҳамзамонони худро нисбат ба онҳо муайян менамояд.

Хонандаи арҷманд аз ин китоби бебаҳо дар бораи пайдоиши олам, ҳаёт, воқеаҳои оддиву ғайриоддии табиӣ, сабабу тарзҳои пайдоиши онҳо, нешҳо, маънии пайдоиш ва шакл гирифтани тақвими ҳиндуён, румиён, яҳудиён, тоҷикону форсҳо, арабҳову қибтиён маълумоти фаровон ба даст меорад.

Абурайхон Беруни

Памятник минувших поколений

А $\frac{0505000000-148}{501(12)-90}-90$ ББК 72.3+22.61

ISBN—5—667—00009—1.

Нашриёти «Ирфон», 1990.

facebook.com/Китобхона

«ОСОР-УЛ-БОҚИЯ»-и АБУРАЙҲОН БЕРУНӢ

Олим, мутафаккир ва ҳакими барҷаста Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Беруни соли 973 дар шаҳри Кот, ки аз тобеиёни Хоразм буд, дар оилаи ба назар намоёне таваллуд ёфтааст. Мавқеи ҷуғрофии Коту Хоразм ва тадбирҳои нисбатан дурусти дастбакорони сулолаи Офриғиён (305—995), ки гузаштагони худро аз Сиёвушу Кайхусрав медонистанд, имконият фароҳам меоварад, ки илмҳои гуногуни он аср каму беш равнақ пайдо кунад. Чунин доираи илму маърифати хоразмиён Беруниро ҷавонро, ки маҳз атои беҳамтои табиат буда, минбаъд мояи ифтихори башарият гардиданашро пай бурдаанд, ғамхорӣ зоҳир менамоянду ба камолот мерасонанд. Пеш аз ҳама соҳиби истеъдоди фавқулодда будани Абурайҳонро муаллим ва устоди ғамхори ӯ, донишманди маъруфи давр, Абунасри Мансур ибни Арроқ фаҳмида, ҳӯшиш менамояд, ки Беруниро толиби илм ва кашфиётҳои илмии Юнони Қадиму арабон, суриёниёну ибриёну калдониёну паҳлавиён ба таври бояду шояд баҳраманд гардад.

Абурайҳони Беруни барои асосҳои илми машриқзаминро аз худ намудан саъй менамояд, ки забонҳои арабӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, ибрӣ ва паҳлавиро омӯзад. Вай пас аз омӯхтани ин забонҳо бо ғарази маънавии онҳоро ба куллӣ аз худ намуда, ба олиме табдил меёбад, ки доир ба илмҳои ситорашиносӣ, фалсафа, математика, тиб, ҷуғрофия, маъданшиносӣ, массоҳӣ (геодезия) ва таърих натанҳо баҳсу мунозира менамояд, балки оид ба ҳар яки он асарҳои мукаммале эҷод мекунад.

Бинобар он ки тақдири як қисмати хаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ бо сулолаи Зиёриён ва махсусан ба давраи ҳукмронии Шамсулмаолӣ Қобус сахт алоқаманд аст, зарур мешуморем, ки оид ба пайдоиши ин сулола маълумоти сатҳии таърихӣ бидиҳем:

Асосгузори сулолаи Зиёриён Мардовиҷ бинни Зиёри Дайламӣ (928—935) мебошад, ки вай дар овони ҷавонӣ лашкаркаши бомаҳорати амир Асфор будааст, ки он дар музофоти Гургон, Табаристону Қазвин ҳокимият дошт. Мардовиҷ пас аз ҳокимиятро ба даст даровардан, дар муддати кӯтоҳе ҳудуди ҳукмрониашро аз ҳисоби шаҳрҳои Рай, Ҳамадон, Канговар, Динавар, Кум, Котон ва Исфаҳон васеъ менамояд. Вайро таърих ҳамчун шахсе мешиносад, ки бо тамоми ҷисму ҷонаш тарафдори эҷоди давлати миллии эронӣ буда, кӯшиш менамояд, то ки давраи шоҳаншоҳии аз байн рафтаро аз нав баркарор кунад. То ҳатто боре ӯ лашкарашро ба Хузистон фиристонида, амр мекунад, ки онҳо то омаданаш

facebook.com/Китобхона
харбаҳои Мадоинро таъмир кунанду ӯ ба мисли онҳо шоҳаншоҳии Сосониён (226—652) бар тахт бинишинад. Вай чун шоҳаншоҳони гузаштаи сарзаминаш ба тахти тиллоӣ нишаста, саркардагону наздиконашро барои ба сар гузоштани тоҷҳои симин даъват менамояд. Маҳз Мардовиҷ амр мекунад, ки дар Исфаҳон ҷашни Садаро бо тантана қайд намоянд. Вале дере нагузашта Мардовиҷро туркҷуломонаш нобуд мекунанд. Пас аз марги Мардовиҷ ибни Зиёр бародараш Заҳируддавла Абумансури Вушмагир (935—967) соҳиби тахт мегардад. Вушмагир дар аввалҳои салтанат ҳудуди шоҳиро аз ҳисоби забт кардани Озарбойҷон васеъ карда бошад, дар охирҳои ҳукмрониаш ба ҳуҷуми Оли Бувайҳ (914—1023) гирифтор шуда, заиф мегардад. Пас аз ҳалок шудани Вушмагир писараш Бесутун (967—976) соҳиби аморат мегардад ва дертар ҳокимият ба дасти писари хурдиаш Абулҳасан Шамсулмаолӣ Қобус бинни Вушмагир (967—1012) мегузарад. Шамсулмаолӣ Қобус шахси олим, то андозае мутафаккир ва хаттоти чирадаст буда, бо осори ба забони арабӣ иншо намудааш дар таърихи маданияти мардуми форсу тоҷик машҳур аст. Беҳуда нест, ки Муҳаммади Авфӣ донишмандӣ ва яке аз аҳли илму адаб будани Шамсулмаолӣ Қобусро ба тариқи зер сабт менамояд: «Амир Қобус дарьёи... эҳсон буд ва ҳар кӣ «Камол-ул-балоға», ки расоили ӯст, мутолиа карда бошад, донад, ки ҳадди фазли ӯ то куҷо бошад»[1].

Инак, Абурайҳони Берунӣ, аввал ба Рай ва баъд ба шаҳрҳои Исфаҳон, Ҳамадон, Табаристону Гургон рафта, як давраи муайяни ҳаёташро дар вазъияти ба Шамсумаолӣ наздикӣ доштан мегузаронад.

Хидмати сулолаи Зиёриёнро ихтиёр кардани олим бесабаб набуд. Чунон ки дар боло ишорае рафт, хонаводаи Зиёр ба мукобили ҳаргуна қонуниятҳои хилофати араб ба миён оварда баромада, барои зинда намудани кешу оини гузаштагон чорабиниҳо мекарданду худро аз авлодони Анушервон медонистанд. Ин фикрро Абурайҳони Берунӣ дар ҳамин асар ба тариқи зер меоварад.

«Ва ҳеҷ кас ҳам мункир нест, ки хонаводаи салтанатӣ (сулолаи Зиёриён А. Д.) бо Сосониён аз як тоифаанд, зеро доии Шамсулмаолӣ Рустам бинни Шарвин Бинни Рустам... бинни Қубод аст, ки падари Анушервон буд».

Баробари ин худи Абурайҳони Берунӣ ҳамчун як нафар зодаи сарзамини Хоразм ва тарбиягирифтаи сулолаест, ки гузаштагони онро олим чунин баён мекунад:

«Ба ворид шудани Сиёвуш писари Қайковус ва салтанати Кайхусрав ва хонадони ӯ дар Хоразм таърих гузоштанд. Ва ин воқеа наваду ду сол пас аз сохтани Хоразм буд. Сипас хоразмиён аз раъйҳои эрониён дар таърих, ки ба ҳар як зодагони Кайхусрав, ки ба «Хоразмшоҳ» маъруф мешуданд, пайравӣ карданд, то он ки Офриғ, ки аз нажоди Кайхусрав буд, ба шоҳӣ расид».

Илова бар ин олим борҳо ба сосониёну суғдиён мансуб будани хоразмиёнро гӯшзад менамояд. Шояд, ки ҳамин муҳаббат ва майлу рағбати таърихи бостонии халқу ватанаш ӯро бештар водор карда бошад, ки раҳи мусофиратро пеш гирад.

---

[1] Муҳаммади Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, ҷилди 1, Лондон, 1906, сах. 30.

facebook.com/Китобхона

Абурайҳони Беруни қариб понздаҳ сол азоби беватанӣ кашида, дар ин муддат бо шаҳрҳо ва олимону шахсони бузурги таърихӣ шиносо шуда, бо бештари онҳо мулоқот ва баҳси сиёсию илмӣ менамояд. Саҳв намекунем, агар мо дар зарфи ин солҳо таълиф карда шудани асари «Осор-ул-боқия»-ро хидмати ҷовидонии олим хисоб намоем. Инак, соли 1000-ум дар синни бисту ҳафтсолагӣ Абурайҳони Беруӣ аввалин асари калонҳаҷми ҷиддии илмиро бахшида ба амири Гургон Шамсулмаолӣ Қобус, бо унвони «Ал-Осор-ул-боқия ан ул-қурун-ал-ҳолия» навиштааст, ки он минбаъд бо мурури замон дар таърихи илму маданияти мо бо номи «Осор-ул-боқия» машҳур мегардад.

Муаллиф сабаби ба навиштани чунин асар шурӯъ намуданашро ба тариқи зайл баён менамояд: «Яке аз адибон аз таворихе, ки милал истеъмол мекунад ва ихтилоферо, ки дар усули пайдоиши он ҳаст ва қисмҳое, ки моҳҳо ва солиён аст ва сабабҳое, ки боиси ихтилоф шуда ва ҷашнҳои бузург ва рӯзҳои машҳур, ки ҳар якро баъзе аз уммathо ба кор мебандад, аз ман пурсид. Ва хоҳиш кард, ки ин масъалаҳоро бо баёни возеҳе, ки қобили фаҳм бошад, барои ӯ шарҳ диҳам, ки ӯро аз хондани китобҳои гуногун ва пурсиш аз як-яки аҳли ин навиштаҷот бениёз кунад».

Абурайҳони Беруӣ бараъло тасаввур мекард, ки анҷом додани асаре, ки он масъалаҳои пайдоиши солшуморӣ, ҷиҳатҳои мухимми илми ситорашиносӣ, таъсисьёбии оину кешҳои гуногун ошкорсозии таърихи тамаддуни ҳар як сулолаву халқҳо, қисматҳои илми табиатшиносӣ, баён кардани хусусиятҳои хоси ҷуғрофии ин ё он кишвар ва афкори ичтимой-сиёсӣ ва фалсафии халқҳоро дар бар гирад, кори басе душвор буда, дониши амиқи илмҳои дақиқ, таърих, этнография ва хикматро дархост менамуд. Ғайр аз ин Беруӣ дар назди худ вазифа мегузорад, ки тамоми сарчашмаҳои ба забонҳои гуногун мавҷударо бо ахбороти мутахассисони алоҳида дар якҷоягӣ санҷида, арзиши илмии онҳоро муайян намояд ва асосан бо методи танқидӣ-илмӣ, ки мо минбаъд дар эҷодиёти олим ба камол расидани чунин равияро хуб мушоҳида мекунем, мавзӯи тадқиқу таҳқиқи ин асарро ҳал бикунад. Аз ин ҷост, ки муаллиф, дар як маврид, мутолиакунандагони асарашро аз душвору печ дар печ будани сохту услуби навиштаҷот водор намуда: «Бо он ки ин роҳу қоидае, ки ман пешниҳод кардаам, осон нест, ки ба зудӣ онро равшан кунем, балки порае аз он ахбор имкон дорад, ки ба амал ояд», (саҳ. 15) бинависад, дар мавриди дигар ба масъулиятнокии вазифа ишора карда, гӯшзад менамояд, ки: «Ман дидам, ки анҷом додани ин хоҳиш кори бисьёр душвору сахт аст ва бад-ин зудиҳо намешавад, бад-он дастрасӣ ёфт». Олим бо ҳисси кунҷковии хос ва дақиқназарии махсусе ба ахбороту асарҳои муаллифони гузаштаву муосири худ наздик шуда, ҳарчӣ барои таҳлили комили илмӣ кардану равшан намудани ҳақиқати илмӣ саъй мекунад, «Мо бояд ҳар кадом аз ин ахборро, ки наздиктару машҳуртар аст, аз соҳибони он бигирем ва то андозае, ки метавонем, онро ислоҳ кунем».

Ҷониби диққат аст, ки барои Абурайҳони Беруӣ дар масъалаи баён кардани ҳақиқати таърихӣ ақидаҳои фалсафӣ, асосноки мавзӯи бахсу тадқиқ тафовути урфу одат, оину кеш ва мазҳабии ин ё он халқ такрибан аҳамият надорад. Вай дар ин бобат шахсан таъкид мекунад, ки: «Мо тарафдорӣ аз касе накардаем ва бегаразона фикрронӣ намудаем».

facebook.com/Китобхона

Донишманди бузург аз изҳор намудани ин ё он масъалае, ки барояш равшан нагардидааст, худдорӣ накардааст, ки чунин равиши пешгирифтаи ӯ моҳияти тарбиявӣ дорад. Инак, агар ӯ, дар ҷое ба тариқи: «Ман дар ин китоб то андозае, ки медонам, аз зикри ин амрҳо ногузир ҳастам ва он чиро, ки яқин бад-он пайдо накардаам ва дар ин боб чизе аз ашхоси эътимоднок нашунидаам, ба канор мегузорам»,— баён кунад, ҳангоме ки захмати чандгоҳан кашидаашро ба итмом мерасонад, бо як мамнунияти томе менависад: «Акнун вақти он фаро расид, ки дигар лаб аз гуфтор фурӯ бандем ва ваъда дода будем, ки посух гӯем, ба ваъдаи худ вафо кардем».

Мундариҷаи «Осор-ул-боқия»-ро масъалаҳои баҳси олимони машриқзамин оид ба пайдоиши олам, ҳаёт, нуқтаи назари пурихтилофи халқҳои гуногун нисбат ба воқеаҳои бузурги таърихӣ, воқеоти оддӣ ва ғайриоддии табиӣ, сабабу тарзҳои пайдоиши оину кешҳо, моияи пайдоиш ва шакл гирифтани таквими хиндуён, руму яҳудиён, тоҷику форс, арабу қибтиён ташкил додаанд. Маҳз ҳамин асар нишон медиҳад, ки доираи дониши Абурайҳони Берунӣ бениҳоят васеъ буда, натанҳо доир ба таърихи пайдоиши маданияти ин ё он халқ маълумот медиҳад, балки ба он эволюцияе, ки дар соҳаҳои ҳаёти маданӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо бо мурури замон ба амал омадаанд, назар меафканад. Аз ин ҷост, ки имрӯз, яъне пас аз нӯҳсаду ҳафтоду се сол маҳз «Осор-ул-боқия»-и Берунӣ барои тоҷикону форсиён, ҳиндуёну яҳудиён, арабону румиён ва ғайра яке аз манбаъҳои гаронбаҳоест баҳри омӯхтани андешаҳои гузаштагон ва муайян намудани хиссаи ҳар яке аз он халқҳо, ки бар такомули афкори илмӣ, фалсафии инсоният гузоштаанд.

Моҳияти дигари ин асари донишманд иборат аз он аст, ки муаллиф сарчашмаҳои то давраи ӯ мавҷуда, асарҳои илмӣ-тадқиқотии давр, ҳуҷҷатҳое, ки аз мушоҳидаҳои одамон нақл ёфтаанд, нақлу ривоятҳои характери фольклорӣ доштаро ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар натиҷа, «Осор-ул-боқия»-ро метавон маҷмӯи таҳлили илмии асарҳои тадқиқотии давра ва инчунин то давраи Абурайҳони Берунӣ ҳисоб намуд.

Бояд қайд кард, ки агар ҳатто «Осор-ул-боқия» ҳамчун ёдгории бузурге дар бобати сафҳа гардондани таърихи пайдоиши санъати солшумории халқҳои гуногуни машриқзамин бошад ҳам, вале он нишонаи хусусияти хоси фаъолияти илмӣ-эҷодии Абурайҳони Берунӣ мебошад. Бехтар аст, ки дар ин бобат ишораи худи олимро аз назар бигузаронем:

«Чун шахс ҳамвора дар як илм назар кунад, хаста мешавад, вале агар аз фанне ба фанни дигар ворид шавад, монанди ин хоҳад буд, ки дар боғҳои гуногун қадам гузошта, ки ҳанӯз аз яке берун наёмада, боғи дигаре бад-ӯ арза дорад».

Бинобар ҳамин ҳам ба фикри мутарҷими асар ба забони форсӣ, донишманди мӯътабари Эрон Акбари Доносиришт, ки «Осор-ул-боқия»-ро танҳо асари гоҳшуморӣ ҳисоб менамояд, розӣ шудан мумкин нест. Ҳол он ки Абурайҳони Берунӣ баробари гоҳшуморӣ ба масъалаҳои таърих, фалсафа, фольклор, этнография ба таври ҷиддӣ дахл намудааст.

Бинобар ин «Осор-ул-боқияро» натанҳо чун асари мӯътабари гоҳшуморӣ, балки ба қатори бехтарин асарҳои нодири таърихӣ гузоштан равост, зеро ки дар он оид ба Сабиён, Ҳарроният, Калдониён, Пешдодиён, Сосониён ва гузашта аз ин дар бораи Ис-

facebook.com/Китобхона

кандари Зулқарнайн, Монӣ, Зардушт, Ибни Муқаннаъ, муборизаҳои намояндагони дину мазҳабҳои гуногун ва ғайра маълумоти пурқимате оварда шудааст.

Қобили қайд аст, ки ҳиссиёти хайрхоҳӣ ва таваҷҷӯҳи махсусе нисбат ба таълимот ва шахсияти таърихии Мониву Зардушт доштани Абурайҳони Берунӣ маҳз дар ҳамин асар равшан инъикос ёфтааст. Ҳангоме ки ислом бо тамоми ҳастии худ ба муқобили Мониву Зардушт ва таълимоти онҳо мубориза мебурд, Берунӣ бошад, таҳдиди хавфу хатарро сарфи назар намуда, ошкоро ба ҳимояи онҳо мебарояд. Масалан, иртиҷоъпарастони ислом Зардуштро ҳамчун шахси ҷодугар маънидод намуда, ба ӯ ҳаргуна разолату бадахлоқиро нисбат медоданд, то ки нафрати ҳамагонро барангезонанд. Инак, Берунӣ дар ҷое: «Зардушт дар илму дониш пояи баланде дошт, ки илми моҳгирӣ назди дониши ӯ ночиз будааст»— гӯяд, дар ҷои дигар, рӯирост ба муқобили айбноман ислом баромада, менависад: «Дар бораи никоҳи модар, ки ба зардӯштиҳо нисбат медиҳанд, аз сипаҳбуд Марзбон бинни Рустам шунидам, ки Зардушт ин амалро ҷорӣ накардааст».

Ҳамин навъ сипари олимро мо дар ҳимояи Монӣ ва монавиён мебинем, ки рӯҳониён барои сиёҳу бадном кардани онҳо қабоҳатеро бофта буданд, ки гӯё ҳар як монавӣ ходиме амраду хушрӯ дар ихтиёр дошта бошад. Вале Абурайҳони Берунӣ ҷуръат намуда, исбот мекунад, ки: «Вале ман то он ҷо, ки аз китобҳои Монӣ дарёфтаам, ба чунин чизе барнахӯрдаам, зеро сирати Монӣ бо ин ақида мухолифат дорад».

Абурайҳони Берунӣ офариданда шудани «Авесто»-ро яке аз муваффақиятҳои нақиби инсоният мешуморад. Вай воқеаи аз байн рафтани ингуна офаридан ақлу заковати башарро ба мисли он воқеаи аз тарафи Қутайба бинни Муслим бо хок яксон карда шудани Хоразм бо ҳасрату алами махсусе қайд мекунад. Ӯ менависад:

«Авесто»-ро дар хизонаи Доро бинни Доро, подшоҳи Эрон, нусхае буд тиллокорӣ шуда, ки дар дувоздаҳ ҷилди гов навишта шуда буд. Ва чун Искандар оташкадаи Форсро вайрон кард, ин нусхаро низ бисӯзонид ва хирбадонро аз дами шамшер гузаронид»

Имрӯз, даме ки ҳар як шахси соҳибтамаддуну солимафкор чунин ахбори олимро, ки: «Сабаби дигар ин аст, ки Искандар ҳар чӣ аз улуми марғуб ва саноеи бадеъ дар Эрон ёфт, ҳамаро тӯъмаи оташ гардонид»— мегӯяд, аз назар мегузаронад, ҳатман нисбат ба маҳвкунандагони маҳсули тафаккури башар ва хоку туробкунандагони дасткиштҳои дастони мӯъҷизакори инсоният кини беамону нафрати беҳад пайдо мекунад.

Муаллиф натанҳо масъалаҳои илми ҳайат, ки асосан ба таҷриба ва мушоҳидаҳои аз овони ҷавонӣ кардааш такья намуда, бо дақиқии фавқулоддае ҳолатҳои сайёраҳо, ихтилофҳои тақвимҳои гуногун, вобастагии чирмҳои кайҳонӣ ба ҳамдигар ва ғайраро мувофиқи таълимоти илми ҳайату табиатшиносӣ дуруст муайян мекунад, балки як қатор мулоҳизаҳоеро нисбат ба илмҳои фалсафа, забоншиносӣ, биология ифода менамояд, ки онҳо имрӯз ҳам моҳияти илмии худро гум накардаанд. Магар чунин нуқтаи назари Беруни: «Тағйироти қиёфа ранги пӯсти бадан, ахлоқ, хулқу хӯй натанҳо ба насаб вобаста аст, балки ба мавзеи зист, об, ҳаво ва ғайра зич алоқаманд мебошад»,— имрӯз ҳам намояндагонии нажодпарастону кастаофаронро ба ташвиш намеандозад?! Ё худ

facebook.com/Китобхона

ақидаи нисбат ба пайдоиши забонҳо изҳор кардаи ин донишманди закӣ бар пояи таълимоти динӣ, ки калому нуткро офаридаву атои ваҳдати вуҷуд мешумориданд, табар намезад?! Дар ин бобат ӯ менависад: «Сабаби забонҳои гуногун доштани мардумон он аст, ки онҳо дар давраи аввал ба гурӯҳҳо тақсим шуда, аз ҳам ҷудо гардидаанд ва мувофиқи зарурат ба ҳар як гурӯҳи халқ лозим омад, ки бо ин ё он калимае ба ҳамдигар мурочиат намоянд. Бо мурури замон ин калимаву ибораҳо зиёд шуда, такрор гардида, ба хотири одамон нақш бастанд».

Абурайҳони Берунӣ ба мукобили сеҳру ҷодуву афсуну тилисм баромад карда дар ин бобат асари махсусе ба номи «Ачоиб-ут-табиат ва ғароиб-ус-саноия» навиштанӣ шуданашро дар «Осор-ул-бокия» зикр менамояд. Вай изҳор мекунад, ки «Муҳол аст, ки қувваи ирода аз шахси афсунгар таҷовуз кунаду ба шахси афсуншуда бирасад».

Умри инсон мувофиқи таълимоти ҳар гуна дин бо ҳукми қазову қадар муайян карда мешавад. Вале барои Берунӣ дар ин масъала ҳукми қазову қадар вуҷуд надорад. Вай дар бобати умри инсон дарозию кӯтоҳии он ақидаи илмии худро дорад, ки он чунин ифода гардидааст, «Дарозии умрҳо гоҳ мешавад, ки ба як макони хос ихтисос меёбад ва дар мамлакати дигар ин тавр нахоҳад буд, монанди мардуми Фарғона ва Ямома, ки аҳли ин диёр аз ҳама ҷои ҷаҳон умрашон дарозтар аст».

Табиатшиноси бузург пардаи ҷаҳолатро даронида, роҳи кашфи ҳақиқати қонунҳои табиатро васеъ мекушояд. Вай чунин афкореро изҳор мекунад, ки он минбаъд яке аз рукнҳои бузурги мухаққиқони соҳаи илми табиатшиносӣ мегардад. Чунончӣ:

«Баъзе аз маконҳо бар хилофи кӯҳи Мозандарон аст, монанди Фустоти Миср ва диёри ҳамсояи он, дар ин мавзеъ борон намеояд. Ва ин умур марбут ба табиати макон аст, ки дар чӣ маҳал аз кӯҳу баҳрҳо воқеъ шуда ва пастию баландии он чӣ андоза аст ва дар чӣ арз аз арзҳои шимолу ҷанубӣ аст. Ва ҳар як аз инҳо, ки гуфта, мавқеи муайян дорад».

Бояд қайд кард, ки Берунӣ натанҳо ачоибот ва баъзе воқеаҳои таърихиро диққатҷалбкунанда ва мароқовар нақл менамояд балки масъалаҳои душвори илмиро низ кӯшиш менамояд, ки фасеҳ ва мӯъҷаз баён кунад. Вай ифодаҳои маъмули халқиро аз қабили «Тассуб чашмҳои бинаро кӯр мекунаду гӯшҳои шунаворо кар месозад»— ё худ: «Гуфтугӯй бо мардуме, ки аз роҳи пок дар ботилии хеш пофишорӣ мекунанду нодониро маркаби худ сохтаанд, беҳуда аст»,— ҳарҷониба истифода мебарад.

Ишора намудан ҷоиз аст, ки бо ақидаи, гӯё услуби иншои Абурайҳони Берунӣ душвор буда, дарҳам барҳамие дошта бошад, ҳамраъй шудан мумкин нест. Зеро ки олим барои соддаю фаҳмо баён кардани проблемаҳои илмӣ, аз як тараф, нақлу ривоят, ачоиботу ғароиботи табиатро бо мароқи томе оварад, аз тарафи дигар, ибораву зарбулмасалҳои халқиро мувофиқи мақсад васеъ истифода мебарад. Мо ба ғайр аз «Авесто», дар «Осор-ул-бокия» дучор омадем, ки унвони дарьёи Вахшро сарзаминамон аз номи фариштаи гӯё зеборух гирифта шуда будааст: «Вахш — номи фариштаест, ки ба ҳама обҳо ва вижа ба наҳри Ҷайҳун мувакқал аст».

«Осор-ул-бокия» моҳияти ҷиддии тарҷумаиҳолӣ дорад. Воқеа-

facebook.com/Китобхона

ҳои дар муддати понздаҳ соли дарбадарӣ аз сар гузарондаи Абурайҳони Берунӣ дар мавридҳои мувофиқ қайд гардидаанд. Масалан, олим бо ҳакими бузурги тоҷик Абӯалӣ Сино вохӯрданашро дар мавриди баёни масъалаи пайдоиши ҳарорат ба тариқи зерин сабт менамояд: «Вале ба ақидаи ман зери кураи Қамар оташ вуҷуд надорад. Ва чун фалак сареъулҳаракат аст, аз суръати ҳаракати он ҳарорат ёфт мешавад. Ман ин масоилро дар ҷои дигаре, ки аз ин китоб муносибтар аст, зикр кардаам, ба хусус дар сӯҳбате, ки миёни ману ҷавони фозил Абӯалӣ Ҳусайн бинни Абдуллоҳи Сино дар ин матлаб рӯй додааст».

Омӯхтан ва тадқиқ намудани «Осор-ул боқия» баъд аз хидмати шоёни таҳсини шарқшиноси немис Эдуард Захау, ки бори аввал дар байни солҳои 1876—1878 дар асоси чор нусхаи дастхатти пайдокарда дар Лейпциг ба табъ расонид, сар мешавад. Олим, Эдуард Захау баъдтар, соли 1879, бо кӯмаки ду муҳандис асарро ба забони англисӣ тарҷума кард ва бо ҳамин доираи паҳншавии «Осор-ул-боқия»-ро дар байни донишмандону мухлисони илм васеъ менамояд. Дар соли 1923 ба муносибати дастрас шудани дастхатҳои нав бо такмилу тасҳеҳи матни арабии «Осор-ул-боқия» Эдуард Захау аз нав нашр карда мешавад.

Мутарҷим ва донишманди маъруфи Эрон Акбари Доносириштӣ дар соли 1321 ҳиҷрӣ (1943) барои дастраси хонандагони форс намудан «Осор-ул-боқия»-ро ба забони форсӣ тарҷума мекунад, ки ин дар илми шарқшиносӣ хидмати фавқулодда бузурге мебошад. Акбари Доносириштӣ дар тасҳеҳ намудани матни аслӣ ва тарҷумаи нисбатан дурусти илмии асар кӯшиши фаровоне кардааст. Вале ин чоп аз баъзе нуқсонҳо хориҷ набуд. Бинобар ин дар соли 1352 ҳиҷрӣ (1973 дар асоси истифодаи ду нусхаи дастхатти қадимае, ки дар Истамбул маҳфуз аст, чопи такмильёфтаи «Осор-ул-боқия» аз ҷониби Акбари Доносириштӣ анҷом дода шуд. Дар соли 1952 ба тавассути мусташриқони немис Карл Ҳерберс ва Йоҳанн Фюкклбар, мартабаи дигар, матни арабии асар аз чоп баромад.

Шарқшиноси маъруфи советӣ М. Салье барои дастраси хонандагони Иттифоқи Советӣ гардонидани матни пурраи «Осор-ул-боқия» саҳми бузурге гузошта, дар соли 1957 дар асоси истифода бурдани нусхаҳои чопии асар ва он дастхатти хеле қадимае, ки дар захираи дастхатҳои ЛОИВАН маҳфуз аст, асарро ба забони русӣ гардонд. Олим ва мутарҷими номии Ҷумҳурияти бародарии Ӯзбакистон А. Расулов ин ганҷи бебаҳоро ба забони ӯзбакӣ тарҷума намуда, соли 1968 аз нашр бароварад. Бояд қайд кард, ки ин тарҷумаи «Осор-ул-боқия» нисбатан пурра буда, ҳоло нусхаи комилтарин ба шумор меравад.

Шӯъбаи Фалсафаи Академияи Улуми РСС Тоҷикистон дар яке аз шӯроҳои илмии худ Сектори Нашри Осори Фалсафиро ӯҳдадор намуд, то ки чунин асари моҳияти таърихӣ, адабӣ-ахлоқӣ, этнографӣ ва фалсафӣ доштаи Абурайҳони Берунӣ, яъне «Осор-ул-боқия»-ро ба чоп тайёр кунад. Инак, гурӯҳи (таъиншуда дар асоси нусхаи чопи Акбари Доносириштӣ (чопи солҳои 1943, 1973) бо истифодаи нусхаи асл (нашри 1923, Лейпциг), нусхаи русӣ (табъи соли 1957), нусхаи ӯзбакӣ (нашри соли 1968) ин асари безаволро ба чоп ҳозир кард. Дар вақти ба табъ ҳозир намудан лозим омад, ки аввалан то андозае барои ба фах-

facebook.com/Китобхона

ми хонандагони тоҷик наздик кардани матни тарҷумаи форсии он калимаву ибора ва баъзе ҷумлахоро аз нав каму беш мувофиқи талаботи забони тоҷикӣ дигар карда шавад. Қисматхо ва ҷадвалхое, ки дар чопи Теҳрон вуҷуд надоштанд, аз нусхаҳои асл, тарҷумаи русӣ, ӯзбакӣ интихоб намуда, ба забони тоҷикӣ гардонида, дохил карда шуданд. Номҳои моҳхо, ҳафтахо ва рӯзхое, ки тарзи дар байни ҳарфхои ҳамсадо дохил кардани садонок ва ҳосил кардани ин ё он ҳиҷо имконнопазир аст, тарзи дар чопи русию ӯзбакӣ қабулкардашуда маъқул дониста шуд. Ибора, ҷумлаҳо ва ашъори арабии дар чопи Теҳрон нигохдоштаро ба забони тоҷикӣ гардонда, дар қавсайн гирифтанашон раво дониста шуд. Ба болои ном ва мафҳумхои тавзеҳдодашуда мувофиқи тартиб рақам гузошта шуд.

Бояд изҳор кард, ки ба ин тарз ба чоп ҳозир намудани асарҳои илмӣ, фалсафӣ таҷрибаи аввалист ва аз ин рӯ камбудиҳое роҳ пайдо карда метавонанд, ки онҳо мувофиқи фикру андешахои баён мешудаи мутахассисон минбаъд ислоҳ ва бехтар карда хоҳанд шуд.

А. Девонақулов

facebook.com/Китобхона

БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН

Ҳамду ситоиш худовандеро сазост, ки аз зиддиятҳо ва шабоҳатҳо бартар ва болотар аст ва дуруд бар Муҳаммади Мустафо, ки беҳтарини офаридагон аст ва бар фарзандони ӯ, ки пешвоёни ҳақиқатанд.

Яке аз тадбирҳои латифи худованди мутаол дар масолеҳи башар ва яке аз неъматҳои бузурге, ки бар кулияи мавҷудот арзонӣ фармуда, ин аст, ки ҳеҷ гоҳ ҷаҳон аз пешвои одил, ки паноҳи мардум аст, тиҳӣ нагардад. То бандагон дар гирифториҳо ва пешомадҳои рӯзгор ба ӯ паноҳ оваранд ва чун амре бар эшон пӯшида ва мушкил гашт, бар ӯ арза доранд, то аз мушкили эшон гиреҳ бикушояд ва низоми олам барои ҳосил кардани мақсад аз ӯ поянда бимонад. Ва фармонбардорӣ аз чунин касеро василаи савоби ухравӣ қарор дод ва ин амрро бар мардумон воҷиб гардонид ва бо итоати худ ва расул баробар сохт. Чунон ки дар гуфтаи ӯ, ки покии ҳаққу адл ва қазои фасл аст, мегӯяд: «Эй мардуме, ки ба худованду пайғамбари ӯ ва увлоул-амреро, ки аз худи шумо ҳастанд, имон овардаед, фармонбардорӣ кунед».

Пас худовандро сипос мегузорем, ки бар бандагони хеш ниҳояте гузошт. Ва мавлою валинеъмати мо амири замон ва саиди фотеҳ Шамсулмаолиро баргумошт ва ӯро имоми одил барои мардум қарор дод, ки то дини ҳақро ёрӣ кунад ва нигаҳбони хонаводаю номуси мусулмонон бошад. Ва аҳли исломро дар баробари муфсидон ҳимоят кунад. Ва хӯе бад-ӯ бахшид, ки чун мо-

facebook.com/Китобхона
нанди онро ба расул ва расонандаи ваҳйи худ бахшид, миннате бар ӯ гузошт ва фармуд: (Ту ҳамоно соҳиби хулқи писандидаӣ).

Худованд бақои ӯро бардавомӣ диҳад ва тавоноию бузургии ӯро зиёдӣ бахшад ва дар рӯзгор бар шоду хуррамӣ ва баҳои ӯ биафзояд ва арсаву даргоҳи ӯро ҳифз кунад ва ҳосидону душманонашро аз миён бардорад.

Бисьёр ҷои шигифт аст, ки чӣ гуна худованд ба корҳои писандидаи нажоди поки ӯ, хӯи карими ӯро биафзуд ва ба ҷони гиромии ӯ, ки зери бори ҳеҷ зулму ситаме намеравад чӣ тавр хислатҳои писандида: — аз парҳезу ҳидоят, нигаҳдорию диёнат, адлу инсоф, фурӯтанию меҳрубонӣ, ҳазму азм, сиёсату риёсат, тадбиру тақдир ва дигар сифоти писандида, ки хаёлҳо натавонад онро тасаввур кунад ва мардум тобу тавоноии шунидани онро надоранд, биафзуд: (Агар худованд ҷаҳонеро дар инсоне ҷамъ кунад, барои ӯ нописанд нест).

Худованд баҳрамандии мусулмононро аз ҳусни иноят ва раъйи ҷамил ва шафқату меҳрубонии кирдорҳои ӯ давом диҳад ва рӯз ба рӯз он чи аз лутфҳои ӯ хӯй гирифтаанд, бештар кунад ва ҳамагонро аз хосу ом ба итоати воҷибу фарзи ӯ тавфиқ бахшад, (ба вай ва ҳастии ӯ).

Ва баъд яке аз адибон аз таворихе, ки милал истеъмол мекунад ва ихтилофотеро, ки дар усулу пайдоиши он ҳаст ва қисмҳое, ки моҳҳо солиён аст, ва сабабҳое, ки боиси ихтилоф шуда ва ҷашнҳои бузург ва рӯзҳои машҳур, ки ҳар якро гурӯҳе аз умматҳо ба кор мебаранд, аз ман пурсид. Ва хоҳиш кард, ки ин масъалаҳоро бо баёни возеҳе, ки қобили фаҳм бошад, барои ӯ шарҳ диҳам, ки ӯро аз хондани китобҳои гуногун ва пурсиш аз як-як аҳли ин навиштаҷот бениёз кунад.

Ман дидам, ки анҷом додани ин хоҳиш кори бисьёр душвору сахт аст ва бад-ин зудиҳо намешавад бад-он дастрасӣ ёфт. Ва агар касе бихоҳад ин хохишро анҷом диҳад, дар ҳудуди матолиб ошкор ва зарурӣ нест, ки шубҳае дар қалби воқиф бад-он нагузарад, валекин аз баландии давлати валинеъмат ва мавлои худи амири саиди замон, фотеҳ Шамсулмаолӣ, ки худованд қудрати ӯро идома диҳод, дар фарогболӣ барои ҷустуҷӯи ин маъхаз ва сарфи кӯшиш дар анҷоми ин таклиф ба андозае, ки илми ман аз он чӣ шунида ва ё дидаам, би-

facebook.com/Китобхона

расад, кӯмак хостам. Ва чун пеш аз ин ҷомаи хидмати фархундаро пӯшида будам, ин кор маро ҷуръат дод, ки бори дигар ҷасорат кунам ва ин китобро ҳам ба маҷлиси баландмартаба тақдим намоям, то ман хидмати наве карда бошам. Ва бад-ин хидмат аз нав ҷомаҳои фахр, ки зикри он барои ман ҳамвора дар рӯзгор пойдор бимонад ва шарафи он бо шиканҷаи ман то солиёни дарозе мерос монад, бипӯшам.

Умед аст, ки ин ҷасоратро аз бандагони худ чашмпӯшӣ кунанд ва ин узрро барои соиби худ қабул намоянд. Акнун оғоз ба мақсуд кунем:

Гӯем, наздиктарин сабабе, ки маро бо он чи аз ман пурсидаанд, мерасонад, шиносоии ахбори умматҳои гузашта ва таворихи қарнҳои гузашта аст ва бештари ин аҳвол, одатҳо ва усулест, ки аз эшон ва розу сирри эшон боқӣ мондааст. Ва ин корро бояд аз роҳи далелҳои ақлӣ ва қиёси ақлӣ донист, бо ҳиссиёт наметавон азхуд намуд. Ва интиҳои роҳе, ки мавҷуд аст, ин аст, ки аз «Аҳли китобҳо»[1] ва дин ва асҳоби ҳамраъёну мазҳаб, ки ингуна таворих нишонаи асосии вуҷудиёти онҳост, тақлид ва пайравӣ кунем ва он чӣ онон барои худ асос қарор додаанд, мо низ чунин кунем. Ва пас аз он ки фикри худро аз омилҳои зиёноваре, ки бад-он одат шуда, аз қабили ғалабаи таассуб ва ҳавобаландию риёсатталабӣ, ки сабаби ҳалоки бисьёре аз мардум аст ва монеи дидори ҳаққу ҳақиқат аст, пок сохтем, бояд фикрҳо ва гуфтаҳои эшонро дар исботи ин мақсуд ба якдигар бисанҷем.

Ва ин равиш беҳтарин роҳест, ки моро ба ҳақиқати мақсуд мерасонад ва нерӯмандтарин ёрест, ки шубҳа ва дудилагиро аз мо дур месозад, зеро ҷуз ин роҳи дигаре нест, ки моро ба ҳақиқати мақсуд бирасонад, агарчи дар ин роҳ бисьёр кӯшиш карда ва сахтиҳои зиёде дида бошем.

Бо он ки ин роҳу қоидае, ки ман пешниҳод кардаам, осон нест, ки ба зудӣ онро равшан кунем, балки порае аз он ахбор имкон дорад, ки ба амал ояд. Ва агар ба ботилии он гувоҳии дигаре набошад, монанди ахбори рост ва воқеъ хоҳад буд.

Ва гоҳе аз аҳволи оддӣ имрӯз чизе мушоҳида мекунем, ки агар монанди онро аз замонҳои қадим нақл кунанд, мо онро муҳол хоҳем донист. Ва умри инсон ба шиносоии таърихи як миллат кифоят намекунад, то чӣ

facebook.com/Китобхона

расад ба таърихи миллатҳо! Ва чун амр аз ин қарор шуд, пас мо бояд ҳар кадом аз ин ахборро, ки наздиктару машҳуртар аст, аз соҳибони он бигирем ва то андозае, ки метавонем, онро ислоҳ кунем. Ва дигар гуфтаҳои эшонро бо он тавре, ки ҳаст, бигузорем, то ин кор барои ҷӯяндагони ҳақиқат ва дӯстдорони ҳикмат дар тасарруф, дар ғайри ин ҳукмҳо сармашқ бошад ва низ худи моро ба маҳфилоти дигаре иршоду роҳнамой кунад. Ва мо ҳам ба хости худо чунин кардем.

facebook.com/Китобхона

ФАСЛ

ДАР ҲАҚИҚАТИ ШАБ ВА РӮЗ ВА МАҶМӮИ ОН ВА ОҒОЗИ ҲАР ЯКИ ОНҲО

Гӯем, шабонарӯз сабаби бозгашти Офтоб аст ба даврони кулл ба доирае, ки барои он рӯзу шаб ибтидо фарз шуда, бештар аз ҳар як аз давоир, вале бад-ин шарт, ки ҳам мо онро мабдаъ дониста бошем ва ҳам азима бошад, зеро ҳар доира азимае билқувва уфуқ аст, яъне мумкин аст, ки барои маҳалли уфуқ воқеъ шавад. Ва фалак ба даврони кулл бар рӯи ду қутби худ ба ҳаракати зоҳирӣ ва наслоён аз Машриқ ба Мағриб меравад.

Арабҳо оғози рӯзу шабро нуқтаҳои мағориб, ки бар доираи уфуқ аст, фарз кардаанд. Пас шабонарӯз ба ақидаи онон аз оғози ғуруби Офтоб аст аз уфуқ то ғуруби Офтоби фардо. Ва он чи эшонро бар ин амр водор намуд, ин аст, ки моҳҳои арабӣ вобаста бар гирдгардии кураи Моҳ аст ва аз ҳаракати Қамар истихроҷ мешавад. Ва аввалҳои моҳҳои қамарӣ ба дидани ҳилол вобаста аст, на ба ҳисоб. Ва ҳилол дар вақти ғуруби Офтоб дида мешавад. Ва дидани ҳилол дар назди тозиён аввали моҳ аст. Пас дар натиҷа ба ақидаи тозиён шаб пеш аз рӯз шуд. Ва одати эшон дар тақдими шаб ба рӯз ба ҳамин тариқ ҷорӣ гаштааст.

Далели пайравони ин ақида он аст, ки мартабаи торикӣ бар нур мукаддам аст. Ва нур бар торикӣ ногаҳонӣ аст. Пас бехтар он аст, ки торикиро бар фурӯғ мукаддам дорем.

Ва ин даста сукунро бар ҳаракат мукаддам шумурдаанд, бад-ин тариқ, ки гуфтанд: «Осудагӣ ва роҳати тан дар сукун аст ва ҳаракат ҷуз барои ҳоҷат зарур нест ва ранҷ дар дунболи ҳоҷат ва зарурат аст, пас ранҷ натиҷаи ҳаракат аст».

Далели дигарашон ин аст, ки агар сукун дар аносир

facebook.com/Китобхона

давом ёбад, тавлиди фасод намекунад, вале агар ҳаракат дар аносир пойдор бимонад, аносир фосид мешавад. Чунон ки дар мавриди зилзилаҳо ва бодҳои тунд ва амвоҷ ва ғайра ин амр зоҳир мегардад.

Аммо миёни ғайр аз араб монанди румиҳо ва эрониҳо ва мардуми дигаре, ки бо эшон ҳамдил ва ҳамдастонанд, чунин маъмул аст, ки рӯзу шаб аз оғози тулӯи Офтоб аст, аз Уфуқи Машриқ то тулӯи Офтоб, аз уфуқи фардо зеро моҳҳои ин миллатҳо эътимод бар ҳисоб аст ва бо кураи Моҳ ва ситорагони дигар ба ҳеҷ ваҷҳ вобастагӣ надорад. Ва бинобар ин ақида оғози шабонарӯз аз ибтидои рӯз аст. Дар натиҷа ба ақидаи ин миллатҳо рӯз бар шаб муқаддам аст ва далели ин муддао ин аст, ки фурӯғ ҳастӣ аст ва торикӣ нестӣ ва ҳастӣ бар нестӣ пешӣ дорад.

Онон, ки нурро бар зулмат муқаддам мешуморанд, гӯянд: «Ҳаракат бар сукун ғалаба дорад, зеро ҳаракат вуҷуд аст на нестӣ ва ҳаёт аст на марг». Ва дар мукобили далелҳое, ки пайравони арабҳо меоваранд, муораза ба масал менамоянд, чунонки мегӯянд: «Осмон бар Замин бартарӣ дорад ва шахси коргару ҷавон тандурусттар аст. Ва оби равон чун оби кӯл бӯи бад барнамедорад».

Аммо ба ақидаи куллияи уламои нуҷум шабонарӯз аз вақте аст, ки Офтоб ба доираи нисфуннаҳор мерасад то зӯҳри фардо. Ва ин ақида миёнаи ин ду қавл аст. Пас оғози шабонарӯзҳо ба ақидаи эшон аз нисфи зоҳири доираи нисфуннаҳор аст ва ҳисоботи уламои нуҷум дар зиҷҳо эътимод ба ҳамин раъй аст. Ва ба ҳамин қарордод мавзеи кавокибро ба ҳаракати муставӣ ва ҳаракати тақвимӣ дар дафотири солиёна сабт кардаанд.

Дастаи дигар аз уламои нуҷум нисфи нопайдои доираи нисфуннаҳорро баргузидаанд ва шабонарӯзро аз ними шаб оғоз мекунанд. Чунон ки соҳиби «зиҷи шаҳриёроншоҳ» бар ин раъй будааст.

Ин тариқ ҳам бе айб аст ва бозгашти ҳар ду тариқ ба як ҳақиқат аст.

Нуқтае, ки асҳоби нуҷумро бар ин гумошт, ки аз доираи уфуқ чашм пӯшанд, чанд чиз аст: Яке ин аст, ки диданд миқдори шабонарӯз бо шабонарӯзи дигар мухталиф аст ва ҳеҷ гоҳ бо якдигар яке нест. Чунон ки ихтилофи онҳо бо якдигар дар ҳангоми кусуф ба таври ҳувайдо барои ҳис ошкор мегардад.

facebook.com/Китобхона

Ва иллати ин ихтилоф сайри Офтоб аст дар фалакулбуруҷ, ки гоҳе тунд ва гоҳе кунд ҳаракат мекунад.

Иллати дигар он аст, ки қитъахои фалакулбуруҷ бар давоир ба таври мухталиф убур мекунанд.

Пас, барои ин ки ин ихтилофро аз миён бардоранд, маҷбур ба таъдили он шуданд. Ва таъдили он ба доираи нисфуннаҳор дар ҳама ҷои гетӣ умумият дорад, зеро ин доира яке аз офоқи истивоӣ аст ва лозими он дар ҳама рӯи Замин тағьирнопазир аст, вале доираи уфуқ ба воситаи ихтилофоте, ки дар ҳар мавзеъ пайдо мекунад ва дар ҳар арзи баладе ба шакли мухолиф бо арзи дигар аст ва қитъаҳои фалакулбуруҷ бар он ба тафовут убур мекунанд. Аз ин рӯ амали таъдил ба доираи уфуқ том нест ва бар як низом ҷорӣ намегардад.

Сабаби дуввум он аст, ки миёни тамоми нисфуннаҳорҳои билод доираи муаддилуннаҳор аст ва ё мадороти мувозӣ бо муаддил, вале миёнаи давоири офоқ зиёда бар он чи гуфта шуд, завоири моил ба шимол ва ҷануб ҳам мебошад. Ва дар шиносоии кавокиб ва мавозеи онҳо ба донистани тӯл ниёзмандем, ки бо донистани нисфуннаҳор мулозимае дорад ва ба арзе, ки мулозима бо шиносоии уфуқ дорад, мӯҳтоҷ нестем.

Уламои нуҷум барои равшан намудани ин нуқта доирае баргузиданд, ки ҳисобҳои эшон дар он ошкор ва умумият дошта бошад ва аз ғайри ин рӯ баргардониданд, бо он ки агар ба доираи офоқ ҳам амал мекарданд, боз ба мақсуд мерасиданд. Ва ҳамон натоиҷе, ки аз давоири нисфуннаҳор мегирифтанд, мумкин буд, ки аз давоири офоқ бигиранд, вале дуртар мешуд. Ва бузургтарин хато ин аст, ки шахс аз роҳи рост по берун гузорад ва масофати худро тӯлонитар кунад, то ин ҷо ҳадде буд, ки шабонарӯзро рӯиҳамрафта бад-он таҳдид ва таъриф кардем, вале таърифи ҳар як аз ин ду ба таври тафсил чунин аст: Лафзи явм (рӯз) ва наҳор (шаб) ҳар ду ба як маънӣ аст. Ва рӯз аз ибтидои пайдоиши ҷирми Офтоб аст то ғуруби он ва шаб бар хилофи ин аст. Ва куллияи милатҳо бар ин таъриф ҳамдил ва ҳамдостонанд ва ҳама кас гувоҳӣ медиҳад, ки касеро бо дигаре дар ин маънӣ ихтилофи назарӣ нест, вале қисме аз уламои фиқҳи исломӣ ибтидои рӯзро пайдоиши шафақ донистаанд ва иллати онро чунин зикр кардаанд, ки миёни муддати рӯз ва рӯза мусовот бошад. Ва аз «Қуръон»-и маҷид ин оятро ба гу-

facebook.com/Китобхона
воҳӣ овардаанд: (Бихуред ва бинӯшед, то он ки субҳидам шумо нахи сиёҳро аз нахи сафед фарқ карда тавонед). Ва чунин даъво карданд, ки ин ду тараф, ки дар ояти муборака зикр шуда, оғозу анҷоми рӯз аст, вале ин ашхос, ки рӯзро аз тулӯи сафедии субҳ донистаанд, наметавонанд, ин оятро далели худ қарор диҳанд, зеро агар оғози рӯза оғози рӯз бувад, чун таърифи рӯз барои мардум зоҳиру ошкор аст. Он вақт худованд амри возеҳу ошкореро, ки таъриф ва тақлиди он суде надорад, зикр карда буд. Чунон ки охири рӯз ва аввали шабро таъриф ва таҳдид накард, чун оғози шаб маълуму мутаорифи башар аст ва ҳеҷ кас бад-он ҷоҳил нест, то ниёзманд ба таъриф ва тавсиф бошад. Ва чун худои таоло оғози рӯзаро ба тулӯи сафедии субҳ таъриф кард ва охири рӯзро дигар таъриф накард, балки ба ҳамин андоза, ки гуфт: «То шаб рӯза бидоред»,— кифоят кард. Зеро ҳама мардум медонанд, ки аввали шаб ғуруби қурси Офтоб аст. Пас, донистем, ки мақсуд аз таҳдиди аввали рӯз ин нест, ки рӯзро таъриф кунад, балки мақсуд ин аст, ки аввали рӯзаро таъин намояд.

Агар фуқаҳо бигӯянд: «Рӯзи шаръӣ ғайр аз рӯзест, ки мардум дар урфият қоиланд». Ин гуфта ҳам ҷуз ихтилофи лафзӣ беш нест ва ҳақиқатеро, ки дар урфият дорои номи хосест, номе гузоштаанд, ки урфияти мардум ва вазъи луғавӣ аз он бехабар аст, бо он ки дар оят аз зикри рӯз ва оғози он сухане дар миён нест. Ва пас аз он ки душманони мо дар маънӣ бо мо муттафиқ шуданд, агар ҳам дар иборот ихтилофе бошад, ин ихтилофро чашмпӯшӣ мекунем.

Ва аз чизҳое, ки ба сиҳҳатии гуфтаҳои мо далолат дорад, ин оят аст: (Шаби рӯза мубоширатро бо занҳоятон ба шумо иҷозат медиҳем). То он ки мефармояд: (Пас, рӯзаро то ба шаб анҷом диҳед). Пас, мубошират бо занон ва хӯрдану ошомидан то вақте маҳдуд ва мавқеи муайян қарор дода шуд, на ин ки дар ҳама шаб. Чунон ки пеш аз нузули ин оят хӯрдану ошомидан пеш аз шомгоҳи охирин мамнӯъ буд. Ва дар он вақт намегуфтаанд: «Мо рӯзро бо қадре аз шаб рӯза доштем», балки ба таври озод мегуфтанд, ки «Мо рӯзҳое рӯза будем».

Чӣ гуна шахс метавонад ба чизе мӯътақид шавад, ки хилофи он аъёну ошкор аст, зеро шафақ дар самти

facebook.com/Китобхона
Мағриб ҳазиран. Сафедии субҳ ва, аз ҷиҳати Машриқ ва иллати ҳарду як ҷиз аст ва ҳар ду ҳам ба як ҳолат ҳастанд.

Ва агар тулӯи сафедии субҳ оғози рӯз бувад, бояд, ки ғуруби шафақ ҳам охири рӯз бошад. Ва гурӯҳе аз шииён ночор ин ақидаро ҳам қабул кардаанд.

Бо он ки ашхосе, ки дар гуфтаҳои пеш бо мо мухолифат кардаанд, дар ин маънӣ бо ман мувофиқ хоҳанд буд, ки рӯзу шаб дар муддати сол ду мартаба бо ҳам мусовӣ мешаванд: Яке дар мавқеи баҳор ва дигаре дар тирамоҳ. Ва гуфтаи ӯ бо он чи мо гуфтем, мутобиқ мешавад, ки рӯз ҳангоме ба мунтаҳои дарачаи тӯли худ мерасад, ки Офтоб ба мунтаҳои наздике аз Қутби Шимол расад ва ҳангоме рӯз ба кӯтоҳтарин вақтҳои худ мерасад, ки Офтоб ба мунтаҳои дурии Қутби Шимол ноил гардад. Ва низ дар ин маънӣ бо мо мувофиқанд, ки кӯтоҳтарин шаби зимистон ба кӯтоҳтарин рӯзи тобистон мутобиқ аст. Ва маънои ин оят (Худованд қисме аз шабро дохили рӯз мекунад ва баракс қадре аз рӯзро дохили шаб менамояд) ва ояти дигар (Худованд шабро ба рӯз мепечонаду рӯзро бар шаб), ҳамин аст, ки гуфта шуд.

Агар душманони мо ин масоилро надонанд, ё он ки худро ба нодонӣ бизананд, аз қабули ин як масъала чора нахоҳанд дошт, ки нисфуннаҳори аввал шаш соат аст ва нисфуннаҳори дигар ҳам шаш соат. Ва наметавонанд дар қабули ин масъала таҷоҳул ва кӯрӣ намоянд, зеро хабаре, ки дар зикри фазилати ашхосе аст, ки ба намози одина мераванд, бисьёр ошкор аст ва дар он хабар фазилати ашхосеро ки дар шаш соате, ки аз оғози рӯз аст, то ҳангоми зуҳр ба намоз мераванд, ба тафовут зикр шудааст.

Ва ин хабар бар «соати замони муаввач» маъқул хоҳад буд, на бар сооти муставӣ, ки онро «сооти мӯътадила» низ мегӯянд. Ва агар мо бо эшон дар ин даъво саҳлгирӣ кунем, воҷиб меояд, ки шабу рӯз вақте ки Офтоб ба ду ҷанбаи инкилоби зимистонӣ расад ҳам мусовӣ гардад. Ва ин ҳам дар порае аз мавозеъ хоҳад буд ва лозим меояд, ки шаби зимистон бо рӯзи тобистон мусовӣ нашавад. Ва лозим меояд, ки нисфуннаҳор вақте бошад, ки Офтоб дар миёни вақти тулӯъ ва ғуруб ба доираи нисфуннаҳор нарасад, бо он ки хилофати ин лавозим назди ашхосе, ки камтарин

facebook.com/Китобхона
басират ба ҳаракати кураи самовӣ дошта бошанд, зоҳир ва ҳувайдост.

Агар касе барои муддаои худ ин тавр далел биёварад, ки мардум вақте сафедии субҳ толеъ шуд, мегӯянд: «Вориди субҳ шудем ва шаб тамом шуд». Бояд ин ашхос аз гуфтаи дигар мардум ғафлат нанамоянд, ки чун ғуруби Офтоб наздик шуду ранги Хуршед аз сурхӣ рӯй ба зардӣ гузошт, мегӯянд: «Шаб шуд ва рӯз рахт барбаст». Ва мақсуд аз ин қабил иборот ҳақиқатгӯй нест ва танҳо мақсудашон ин аст, ки мардум ба тариқи маҷоз ва истиора аз бадбахтӣ, яъне рӯ баргардонидани ҳолате, ки эшон доштанд ва аз иқбол ва рӯ овардани ҳолати дигар хабар диҳанд. Ва ингуна амрҳо дар луғат ҳам ҷоизу сазовор аст. Чунон ки боз «Қуръон»-и маҷид мегӯяд: (Амри худованд омад ва шитоб нанамоед). Боз ба тасдиқи гуфта ин ривояти набавӣ гувоҳӣ медиҳад, ки фармуд: (Намози рӯзро бояд дар дил хонд.). Ва агар мардум намози зуҳрро «намози аввал» мегӯянд, мақсудашон ин аст, ки аввалин намоз аз намозҳои рӯз аст. Ва агар намози асрро намози мобайнӣ гӯянд, барои ин аст, ки миёни намози аввал аз ду намози рӯз ва намози аввал аз намозҳои шаб, васату миёна аст.

Мақсуди ман аз он чи дар ин мавзӯъ баён кардам, фақат ин буд, ки агар касе чунин гумон карда, ки заруриёт ва бадеҳиёт ба хилофи «Қуръон» гувоҳӣ медиҳад ва барои исботи гумони ботили худ ба гуфтаи яке аз фуқаҳо, ё тафсиркунандагон истидлол мекунад, ман ин гумонро нест кунам.

ФАСЛ

ДАР МАБДАИ СОЛ ВА МОҲ

Сол бозгашти Офтоб аст дар фалакулбуруҷ ба нуқтае, ки аз ҳамон нуқта ҳаракат кардааст. Ва бояд ин ҳаракат ба хилофи ҳаракати кулл бошад. Ва дар ин муддат замонҳои чаҳоргонаро, ки баҳору тобистон ва тирамоҳу зимистон аст, дар бар мегирад. Ва табоеи чаҳоргона ин фаслҳоро фароҳам мегирад. Пас ҳаракати Офтоб ба нуқтае интиҳо меёбад, ки аз ҳамон нуқта ибтидо карда буд. Ва замонҳои ин бозгаштҳо дар наз-

facebook.com/Китобхона
ди Батламиюс[2] баробар аст, вале ба ақидаи дигарон аз пайравони «Синдухинд»[3] ва ҳадискунандагон ин замонҳо ғайри мутасовӣ аст, зеро ки дар назари инҳо барои авҷи Шамс ҳаракате ёфт шудааст. Ин бозгаштҳо чи мутасовӣ бошанд, чи мухталиф, сол аз чор фасл иборат аст ва табиати ин фаслҳоро дар бар мегирад.

Аммо каммияти сол аз айём натиҷаҳои ба тариқи мухталиф дидан аст: Ба баъзе дидан зиёдтар ва ба чанде камтар ёфт шуда, вале тафовуте, ки пайдо мешавад, дар муддати кам ғайри маҳсус аст. Ва агар замонро давом диҳем ва ин ихтилофотро ба ҳам биафзоем, он вақт хатои фоҳише ҳосил мешавад. Ва аз барои ҳамин аст, ки ҳукамо тавсия кардаанд, ки бинишро чанд мартаба такрор кунанд, шояд халале дар ӯ ёфт шуда бошад. Ва барои ин матлаб дар китоби дигарам, ки мавсум ба «Китоби далелҳо дар ихтилофи бинии»[4] аст, бештар баён хоҳед дид.

Дар ин муддат, ки бозгашти Офтоб бошад, дар фалакулбуруҷ Моҳ дувоздаҳ давр ва камтар аз як давр ҳаракат мекунад ва дувоздаҳ дафъа ҳилол падидор мегардад. Пас ин бозгаштҳои дувоздаҳгонаи Моҳро дар фалакулбуруҷ «як соли қамарӣ» истилоҳ кардаанд. Ва он қадар миқдор касреро, ки тақрибан ёздаҳ рӯз аст аз соли қамарӣ соқит кардаанд ва ҳамин сабаб шуд, ки фалакулбуруҷро ба дувоздаҳ қисми мутасовӣ қисмат кунанд, чунон ки дар китоби «Ошкор кардани шуоҳо ва нурҳо» баён кардаам. Ва ин ҳамон китоб аст, ки ба пешгоҳи муборак[5] тақдим намудаам.

Пас дар назди мардум ду гуна сол ҳосил гардид,— соли шамсӣ ва соли қамарӣ. Ва сабаби ин ки аз ин ду кавкаб ба дигар ситорагон таҷовуз накарданд ва ҳаракоти онҳоро миқьёси замон қарор надоданд, ду чиз аст:

Яке ин ки ҳаракоти дигар ситорагон пинҳонӣ аст ва пай бурдан ба он ҳаракат аз роҳи чашм кам ҳосил мешавад ва фақат ҳаракати инҳоро аз роҳи расад маълум мекунанд.

Дигар он ки аз ин ду кавкаб дар аҳволи замонҳо ва ҳаво ва наботу ҳайвон ва ғайра аз ҷузъиёти аносир ва истиҳола, қисме ба қисми дигар барои бузургӣ ва имтиёзе, ки аз дигар кавокиб дар нур ва манзар доранд, ҳосил мешавад.

facebook.com/Китобхона

Пас аз ин ду хел сол солҳои дигарро берун оварданд, аммо аҳли Қустантания ва Искандария, чунончи Совун[6] дар «Зиҷ»-и худ баён карда ва дигар румиёну суриёниён ва калдониёну аҳли Миср дар замони мо ва онон, ки ба раъйи Мӯътазид[7] ҳастанд ва солашон соли шамсӣ аст ва ба тақриб сесаду шасту панҷ рӯз ва чорьяки рӯз бошад, соли худро сесаду шасту панҷ рӯз гардониданд. Ва ин чаҳорьякҳоро дар чаҳор сол ба ҳам ҷамъ мекунанд ва як рӯз ташкил медиҳад ва он солро «соли кабиса» гӯянд.

Аммо соли мисриёни қадим соли хуршедӣ буда, ҷуз ин ки эшон ин чаҳорьякҳоро вомегузоштанд, то як сол ташкил шавад ва ин амр дар як ҳазору чаҳорсаду шаст сол анҷом мегирифт. Ва он вақт як солро кабиса мекарданд ва дар аввали сол бо аҳли Искандария ва Қустантания, бинобар он чи Совуни Искандаронӣ гуфта, мувофиқ мешуданд.

Аммо эрониён ҳам дар айёми давлати худ соли шамсиро баргузида буданд ва солро сесаду шасту панҷ рӯз қарор дода буданд ва касрҳоро мепартофтанд, то ин ки аз ин чаҳорьякҳо дар муддати яксаду бист сол як моҳ дуруст мешуд ва аз панҷьяк соот як рӯз. Ва аҳли Хоразму Суғд ва онҳое, ки пайрави кеши порсиён ва дар таҳти фармону тоати онҳо буданд ва дар айёми давлаташон худро ба онон мансуб мекарданд, монанди мулуки пешдодӣ[8] аз порсиён (ва онҳо касоне буданд, ки тамоми гетиро молик шуданд), солро сесаду шаст рӯз мегирифта ва дар сари шаш сол як моҳ кабиса мекарданд ва он солро «соли кабиса» меномиданд. Ва дар яксаду бист сол ду моҳ кабиса мекарданд: Яке ба сабаби он панҷ рӯз ва дуввум ба сабаби чаҳорьяки рӯзҳо ва чунин солро бузург медоштанд ва «соли фархунда» меномиданд ва дар ин сол ба ибодот ва мусолиҳи малик мепардохтанд.

Ва аммо ақидаи уламои қибтиён бар он чи дар китоби «Миҷастӣ»[9] гуфта шуда ва солро бар он бино ниҳода ва раъйи порсиён дар ислом ва аҳли Хоразму Синд ба куллӣ пайдоиши он аз касрҳо, яъне аз чаҳорьякҳо мебошад. Аммо иброниёну яҳудон ва ҷамеи Бани Исроил ва Собиину Ҳаррониён қавле миёнаи ин ду қавл интихоб кардаанд, солро аз сайри Офтоб ва моҳро аз сайри Қамар гирифтаанд, то он ки ҷашнҳои онҳо ва рӯзҳо бар ҳисоби қамарӣ бошад ва вақтҳои солиёна

facebook.com/Китобхона
ҳам маҳфуз бимонад. Ғасе дар ҳар нуздаҳ соли камарӣ ҳафт моҳро кабиса кардаанд, чунон ки дар истиҳроҷи даврҳо ва чигунагии санаҳо онҳоро баъзан баён хоҳем кард.

Ва ин дастаро насоро дар гирифтани ҳисоби рӯзҳо ва пора аз идҳо мувофиқат намуданд, зеро мадори амри насоро бар фисҳи[10] яҳудон аст, вале дар истеъмоли моҳҳо ба яҳудон мухолифанд. Ва дар ин кор пайрави руму суриёниён ҳастанд ва араб ҳам дар ҷоҳилият чунин мекарданд ба тафовути миёнаи солашон, ки қамарӣ ва соли шамсӣ аст, назар мекарданд, ки ин миқдор даҳ рӯзу бисту як соат ва панҷьяки соат аст. Ва ҳар вақт, ки ин миқдор як моҳ мешуд, бар сол меафзуданд ва онҳо ин миқдорро даҳ рӯзу бист соат медонистанд. Ва ӯҳдадории ин корро ба онҳо вогузошт, ки Бани Кинона[11] боаҳд буданд. Ва инон дар назди араб маъруф ба «Қаломис» ҳастанд, ки муфради он «Қаламмас» мешавад. Ва «Қаламмас» — дарьёи пуробро гӯянд. Ва эшон инчунин Абӯсумома Ҷунодат бинн Авф бинни Умоят бинни Қалаъ бинни Ҳузайфа ва тамоми инҳо такмилдиҳандагон буданд. Ва аввал касе, ки аз эшон бад-ин кор пардохт, Ҳузайфа буд ва ӯ писари Абд бинни Фуқайм бинни Идӣ аст ва охири онон Абӯсумома аст. Ва шоири Кинона дар васфи ӯ ин шеърро гуфтааст: (Ин Фуқайм, ки «Қаламмас» номида мешавад, асосгузори ин равиш аст, ки солҳоро фаромӯш мекунад ва он чи ӯ мегӯяд, дигарон ба вай гӯш медиҳанд.).

Ва дигаре гуфтааст:

(Яке аз машҳуртарин пешгузаштагони Бани Кинона, ки дар байни ин қавм дорои азамат ва шӯҳрат буд, ба ҳамин тариқ замони худро гузаронид).

Дигаре сурудааст:

(Миёни гардиши Офтоб ва Моҳро дар вақти ҳисоб барои ин ки моҳро комил кунад, ҷамъ мекард).

Ва ин кор сад сол пеш аз ислом аз яҳудон пайдо шуд, вале яҳудон дар ҳар бисту чаҳор соли қамарӣ нӯҳ моҳ кабиса мекарданд. Ва солиёни онон ба як тариқа бо замон чорӣ буд ва аз вақтҳояш аввалу охир намегирифт.

То он ки дар соли Ҳаҷҷат-ул-видоъ расули акрам ба ҳаҷ рафт ва ин оят бар ӯ нозил шуд:

facebook.com/Китобхона
[illegible] дар куфр аст ва кофиршудагон солеро ҳалолу солеро ҳаром ҳисобида, мардумро бо ин амалашон гумроҳ месозанд) Пас ин хутбаро хонд: (Акнун замон баргашт ба ҳамон тариқа, ки худованд онро офаридааст. Дар рӯзе, ки Осмону Заминро офарид). Ва ояти мазкурро бар онон қироат кард. Ва кабсе, ки «Насӣ» бошад, ҳаром фармуд. Пас араб аз он рӯз кабсеро қабул карданд ва моҳҳояшон аз он чи собиқан бар он буд, тағьир кард. Ва номҳои ин моҳҳо аз ифодаи маънои худ кӯтоҳ шуд.

Аммо фикри уммати ҳои дигар дар ин масъала маъруф нест ва зоҳир ин аст, ки аз ин чанд тариқа, ки гуфта шуд, таҷовуз нанамояд. Ва ҳар уммате пайрави ақидаи уммати ҳамсояи хеш бошад.

Шунидам, ки ҳиндиён низ падидории ҳилолро дар моҳҳои худ ба кор мебанданд ва ҳар нӯҳсаду ҳафтоду шаш рӯз як моҳи қамарӣ кабиса мекунанд. Ва таърихи худро аз вақте оғоз менамоянд, ки дар бурҷи номуайяне иҷтимоъ даст дода бошад. Ва аз ҳар иҷтимоъ дар назди эшон иҷтимоъ, ки дар яке аз ду нуқтаи эътидол рӯй диҳад, бехтар аст. Ва соли кабисаро «замоса» мегӯянд.

Шояд иллати ин кор чунин бошад, ки дар аҳкоми нуҷум худ ба бурҷҳо коре надоранд ва фақат аз миёни кавокиб Моҳро ба танҳоӣ интихоб карда бошад. Ва манзилҳои Қамар ва ҷуфури онро дар аҳкоми нуҷумӣ истеъмол мекунанд [12].

Абӯмуҳаммад Ноиби Омулӣ [13] дар «Китоб-ул-ғурра» аз Яъқуб бинни Торик [14] нақл мекунад, ки ҳиндиён чаҳор навъ таърих доранд: Яке он аст, ки Офтоб аз нуқтае аз фалакулбуруҷ, ки дар ҳаракат оғоз карда, ба ҳамон нуқта боз гардад ва ин солро «соли шамсӣ» номанд. Дуввум он аст, ки Офтоб сесаду шаст мартаба тулӯъ кунад ва инро «соли вусто» гӯянд, зеро ки аз соли қамарӣ зиёдат ва аз соли офтобӣ камтар аст. Саввум он аст, ки Моҳ аз Саратон, ки Раъсулҳамал аст, ҳаракат кунад ва пеш аз дувоздаҳ давра ба ҳамон ҷо боз гардад ва соли қамарӣ назди ҳиндиён ин сол аст. Ва миқдори он сесаду бисту ҳафт рӯз ва ҳафту аз се ду соат аст ба тақриб. Чаҳорум он аст, ки дувоздаҳ мартаба ҳилол намоён гардад ва соли қамарӣ мустаъмали ҳамин аст.

facebook.com/Китобхона

ФАСЛ

ДАР ҲАҚИҚАТИ ТАЪРИХ ВА ИХТИЛОФИ УММАТҲО ДАР ОН

Таърих муддати муайянест, ки аз оғози сол шурӯъ мегардад, ки дар он сол пайғамбаре фиристода шуда, ё подшоҳи бузурге қиём карда, ё уммате ба тӯфону зилзила ҳалок гашта, ё мамлакате фурӯ рафта, ё вабо ва қаҳтии шадиде иттифоқ афтода, ё интиқоли давлате ва табдили миллате ва ё ҳодисаи азиме аз қисматҳои самовӣ ва аломати машҳури заминӣ, ки ҷуз дар замонҳои дароз ҳосил намешавад, рӯй дода бошад. Ва ба ёрии таворих вақтҳои маҳдуд ва муайян шинохта мешавад. Ва дар ҳама ҳолоти динию дунявӣ аз таърих гузире нест.

Куллияти умматҳо ва миллатҳое, ки дар сарзаминҳои мухталиф парокандаанд,— ҳар як таърихи махсус ба худ доранд. Ва мабдаи он таворих аз замони подшоҳони бузург, ё пайғамбарон, ё давлатҳои эшон, ё яке аз иллале, ки дар боло зикр шуд, мебошад. Ба кӯмаки ин таворих эшон ниёзмандиҳои хешро аз муомилот ва вақтшиносӣ рафъ менамоянд. Ва албатта ҳар таърих мухтасар бад-он умматест, ки онро вазъ кардааст.

То он ҷо, ки медонем, қадимтарин ва машҳуртарин умуре, ки мабдаи таърих қарор гирифта, пайдоиши башар аст. Пайравони ин таърих аз аҳли китоб, яъне яҳудон, насоро ва маҷусу гурӯҳи мухталифи онҳо дар кайфияти ин таърих ба андозае бо якдигар ихтилоф доранд, ки назири ин ихтилоф дида нашуда ва навъан амрҳое, ки бо оғози халқ ва аҳволи қарнҳои пешин тааллуқ мегирад, ба воситаи фосилаи зиёде, ки бо замони мо дорад, бо маъолиби нодуруст ва афсона омехтааст. Ва худованд ҳам фармуда: (Оё куффор аз ахбори ашхоси гузашта бохабар нашудаанд, ки ҳеҷ кас ҷуз худованд он ахборро намедонад). Пас, бехтар ин аст, ки қавли ин умматҳоро дар чунин мавридҳо қабул накунем, магар он ҷо, ки китобе мӯътамад, ё хабаре, ки бо шароити эътимоднок тавъам бошад, бар он гувоҳӣ дихад, бо мулоҳиза дар ин таворих ба ин нукта пай мебарем, ки миёни миллатҳои гуногун ихтилофоти бисьёре мавҷуд аст.

facebook.com/Китобхона

Эрониён ва мачус умри чаҳонро бинобар бурҷҳои дувоздаҳгона дувоздаҳ ҳазор сол донистаанд ва Зардушт, буньёдкунандаи дини эрониён чунин пиндоштааст, ки пайдоиши олам то замони зуҳури ӯ се ҳазор сол аст, ки кабисакардашуда ба чаҳорьяк ҳаст. Зеро худи ӯ солҳоро ҳисоб карда, нуқсонеро, ки аз чиҳати чаҳорьякҳо лозим ояд, тасҳеҳ кардааст. Ва фосилаи зуҳури ӯ то оғози таърихи Искандар дусаду панҷоҳу ҳашт сол аст. Пас, он чи аз оғози чаҳон то замони Искандар гузашта, сеҳазору дусаду панҷоҳу ҳашт сол мебошад. Вале чун аз оғози подшоҳии Каюмарс[15], ки ба ақидаи эрониён нахустин касест, ки тамаддунро ба эрониён омӯхт, то замони Искандар[16] бо тавоҷҷӯҳ ба ин ки салтанати Эронро аз хонадони ӯ ҳеҷ гоҳ чудо накарда, ҳисоб кунем, ҳазору дусаду панҷоҳу чаҳор сол хоҳад шуд.

Аз ин рӯ тафсили ин воқеа бо он чӣ муҷмалан гуфтем, татбиқ наменамояд.

Илова бар ин эрониён бо румиён дар таърихи Искандар ҳам ихтилоф доранд. Баёни матлаб он аст, ки миёни Искандар ва оғози подшоҳии Яздигурд[17] нӯҳсаду чиҳилу ду сол ва дусаду ҳафт рӯз аст. Ва чун аз ин муддат подшоҳии Сосониёнро то аввали Яздгурд, ки қариб чаҳорсаду панҷоҳ сол аст, кам кунем, панҷсаду бисту ҳашт сол боқӣ хоҳад монд ва ин муддати подшоҳии малик Искандар ва «Мулук-ут-тавоиф»[18] хоҳад шуд. Ва чун замони салтанати ҳар як аз Ашкониёнро[19] ба ҳам афзоем, бинобар он чи эрониён исбот кардаанд, дусаду ҳаштод сол хоҳад шуд. Ва бо ҳама ихтилоф замонҳои Ашкониён сесад сол бештар нахоҳад шуд, вале ин ихтилофро дар оянда қадре ислоҳ хоҳам кард.

Ба ақидаи тоифаи дигар аз эрониён се ҳазор соли мазкур аз аввали офариниши Каюмарс аст, зеро пеш аз ӯ фалак шаш ҳазор сол сокин будааст ва табиатҳо ҳанӯз истиҳола наёфта буданд. Ва уммаҳо ба ҳам омехтаю якҷоя нагашта ва кавну фасод ҳам вуҷуд надошт ва замин маъмуру обод нагашта буд. Ва чун фалак ба ҳаракат омад, инсони нахустин дар муаддилуннаҳор офарида шуд. Ва ниме аз он ба тарафи шимол ва ниме ба тарафи ҷануб ва инкишоф ёфт ва ҷузъҳои басита[20] ба тавассути кавну фасод ба ҳам омехта шуд ва дуньё маъмуру ободон гардиду олам интизом ёфт.

facebook.com/Китобхона

Ва яҳудиён бо насоро ихтилофи бузургтар доранд. Яҳудиён мегӯянд, ки «он чи аз замони Одам то Искандар гузашта сеҳазору чорсаду ҳаштоду чор сол аст» ва насоро мегӯянд, ки «панҷ ҳазору як саду ҳаштоду панҷ сол аст». Бад-ин сабаб яҳудон аз замон костанд, ки то хурӯҷи Исо дар миёна чаҳор ҳазор сол, ки васати ҳафт ҳазор сол умри олам аст, воқеъ шавад ва бо ин ки анбиё ба валодати Исо аз покдоман-Узро муждагонӣ доданд, мухолиф шуд. Ҳар як аз ин ду дастаро дар далелҳои худ эътимод ва такья бар таъвилоте аст, ки ба ҳисоби ҷуммал[21] истихроҷ мешавад. Пас, яҳудиён мунтазиранд, то соли ҳазору сесаду сию шашӯми Искандарӣ ба анҷом расад ва Масеҳи мавъуд хурӯҷ намояд. Ҳатто ин ки дастаи зиёде аз мутаннаббиини фирқаи яҳудиён, монанди Ровӣ ва Абӣ Исои Исфаҳонӣ ва монандаҳои эшон иддио намуданд, ки «мо расулони Исо ҳастем, ки ба сӯи бандагон омадаем».

Тавзеҳи он ки аввали ин таърих бо вақти бутлони қурбониҳою инқитъо, ваҳйю фитрати пайғамбарон мувофиқ аст ва аз ҷузъи панҷуми «Таврот» ин оятро гирифтанд, ки эзиди таоло ба ибронӣ мефармояд:

(А-н-в-х-й ҳ-с-т-р а-с-т-р п-в-н-о-й м-б-ҳ-и-м
в ҳ-о-т-ф б-й-в-м ҳ-о ҳ-в-й-м)

انوخی حستر استیر پونای مبهیم و هاتف بیوم ها هویم

Тафсираш ин аст, ки «ман худованд ҳастам ва зоти худро то имрӯз аз мардум пӯшонидаам». Пас, «хаста», «астир»-ро ки ду лафзи пардапӯш аст, ҳисоб намуданд, якҳазору сесаду сию панҷ сол шуд. Ва гуфтанд, ки «ин муддат замони инқитои ваҳйю бутлони қурбон аст ва маънии пардапӯш ин аст». Ва зот дар ин ҷумла ба маънии амр аст. Ва аз барои тасдиқи ин иддио қавли Дониёлро дар китоби худ ба гувоҳӣ оварданд, (М-й-ъ-й-т ҳ-в-с-о-р, ҳ-т-в-м-й-д л-в-с-й-т ш-в-м-и-м-а-л-ф ва м-в-о-с-о-й-м в т-ш-ъ-й-м)

میعیث هوسار هتومید لوثیث شقوص شومیم الف ومواثایم و ششعیم

ки тафсираш чунин мешавад: «Аз оғози вақте ки қурбон ҷоиз шуд, то он ки палидӣ рӯй ба нестӣ гузошт, ҳазору дусаду навад сол мебошад». Ва боз дар дунболи ин мегӯяд:

facebook.com/Китобхона

(А-ш-р-ӣ ҳ-о м-ҳ-к-ӣ в ӣ-к-ӣ-ъ л-ӣ-о-м-и-м а-л-ф в ш-л-в-ш-р-м-и-в-с в ш-л-в-ш-ӣ-м в х-м-ш-о

اشری ها محکی ویکیح لیامیم الف و شلوش میوث و شلوشیم و خمشا

Ва тафсираш ин аст: «Саодату хушӣ ба касе ки то соли ҳазору сесаду сию панҷ сабру шикеб намояд!»

Баъзе аз яҳудиён гумон кардаанд, ки миёнаи ин ду қавл чиҳилу панҷ сол аст, зеро ки қавли аввали ӯ дар ибтидои иморати Байтулмуқаддас буда ва қавли охир пас аз фориғ шудан аз сохтмони он. Қисми дигар мегӯянд, ки «қавли аввал вақти муайяни замони таваллуди Исо аст ва қавли охир вақти муайяни зуҳурьёбии ӯст». Ва гуфтанд, ки «чун Яъқуб бар Яҳудо[22] баракат дод ва дуояш кард, бад-ӯ хабар дод, ки мулку салтанат аз писарони ӯ берун нахоҳад рафт, то касе[23] биёяд, ки салтанат аз они ӯст». Ва яҳудон мегӯянд, ки воқеъ ҳам чунин аст ва риёсат аз дасти оли яҳуд хориҷ нагашта, зеро раъс-ул-ҷолут (тафсири ин калима-раиси ҷалокунандагон, ки аз ватани худ ба Байтулмуқаддас ҷало шуданд) соҳибу амир бар ҳар яҳудест дар дунъё ва молик ва мутои ӯст дар ҷамеи асрҳо ва бар яҳудон дар аксар аҳвол фармонравост.

Насоро ҳам ин калимотро, ки суриёнӣ аст, далели мӯътамади худ қарор доданд. Ва он ин аст:

يشوع مشيحا فروقا ربا

(й-ш-в-й м-ш-и-ҳ-о ф-р-в-қ-о р-бб-о)

ки тафсираш чунин мешавад: «Исои Масеҳ наҷотдиҳандаи аъзам аст» Ва он калимотро ба ҳисоби ҷуммал ҳисоб карданд ва миқдори он як ҳазору сесаду сию панҷ рӯз шуд. Пас гумон карданд, ки муроди Дониёл аз ин ададҳо ин калимот мебошад, на солҳои мазкур, зеро ададҳои дар каломи гуфтаи Дониёл фақат ададҳо аст, бидуни он ки дониста шавад, ки ададҳои он сол аст ё рӯз.

Насоро мегӯянд, ки ин ададҳо ба исми Масеҳ башорат аст, на бар вақти омадани ӯ ва Дониёл ҳангоме, ки дар замини Бобул дар зумраи Бани Исроил ба дасти эрониён асир буд ва барои худованд намоз мехонд, дар бисту чорум рӯзи моҳи аввал аз соли савуми подшоҳии Куруш[24] ба хоб дид, ки худованд бар

facebook.com/Китобхона

ӯ ваҳй фиристод, ки Урушалим, яъне Байтулмуқаддас ҳафтод собӯъ таъмир мешавад[25] ва барои қавми ту ҷойгоҳи амну роҳат мешавад, онгоҳ Масеҳ меояд ва кушта хоҳад шуд. Пас аз омадани ӯ Урушалим охирин дафъа вайрон мегардад ва то ҷаҳон барпост, вайрон хоҳад буд. Ва собӯъ — ҳафт сол аст ва аз ин муддат ҳафт собуъ дар бинои Урушалим бигузашт. Ва ин ҳамон аст, ки Закариё ибни Бархиёни Адов дар китоби худ мегӯяд, ки «ман манораеро дар хоб дидам, ки дар он ҳафт чароғ буд, ҳар якро ҳафт забона». Ва пеш аз ин мегӯяд, ки «ду дасти зари Бобул асоси ин хонаро ба по ниҳод ва ҳам ӯ такмил хоҳад кард». Ва муддатеро, ки аз аввали таъсиси Байтулмуқаддас то камолоти он тӯл кашид, чилу нӯҳ сол буд, ки «ҳафт собӯъ» мешавад. Сипас мегӯяд, ки баъд аз инқитои ваҳй ва анбиё ва пароканда шудани Бани Исроил дар билоди олам ва бидуни раису сарпараст ва қурбонию ҷои қурбонӣ доштани онҳо расид.

Аз куллияи матолибе, ки зикр шуд, ҳар як аз ин ду даста иддиое доранд, ки ба сиҳати он наметавон, эътимод намуд, ки онро аз роҳи таъвилот, ки аз ҳисоби ҷуммал берун овардаанд ва баъзе тамаллуққорони сабукфикри дигар. Ва агар шахси мутааммид бихоҳад як даъвои дигарро, ки ғайр аз ин ду иддио бошад, бо ин ҳисоб исбот кунад ва ҳамаи далелҳоро, ки бар ин муддао зикр кардаанд, рад намояд, корест, ки сахту душвор нахоҳад буд.

Он чи яҳудиён роҷеъ ба баҳои малик дар Оли Яҳудо гуфтаанд ва ба риёсати ҷолут[26] таъвил намуданд. Агар иттилоқи исми подшоҳу малик бар амсоли чунин риёсате аз роҳи изофае ба ғайри саҳеҳ бошад, пас маҷусу бутпарастон ва гурӯҳи дигари онҳо дар ин маънӣ шарик хоҳад буд ва аҳли Бани Исроил ва ғайри Бани Исроил аз доираи ин салтанат хориҷ нахоҳанд буд, зеро ҳеҷ башаре нест, ки фаразан агар пасттарин афрод ҳам бошад, навъе соҳибмулкӣ ва риёсат нисбат ба зердастони худ надошта бошад.

Агар мо лафзи пардапӯшро, ки дар «Таврот» аст, бар адад ҷамъ кунем, барои ин ки миқдори муддате бишавад, ки байни таърихи Бани Исроил аз хурӯҷашон аз Миср то замони Исо ибни Марьям аст, мо дар ин таъвил сазовортар хоҳем буд, зеро муддатеро, ки миёни хурӯҷи яҳудон аз Миср то қиёми Искандар бу-

facebook.com/Китобхона
дааст, бинобар қавли худашон ҳазор сол аст. Ва Исо бинни Марьям дар соли сесаду чори искандарӣ мутаваллид шуд ва худованд ҳам ӯро дар санаи сесаду сию шаш ба сӯи худ боло бурд. Пас шумораи солҳои ин муддат як ҳазору сесаду сию панҷ сол хоҳад шуд. Ва ин муддат бақои шариати Мӯсо бинни Имрон аст, то замоне, ки Исо онро такмил кард.

Аммо он чи аз ду қавл, қавли Дониёл зикр намуда ва ба гувоҳӣ овардаанд, агар бар ғайри ин таъвил ҳам ҷамъ кунем, боз мумкин аст, балки ба ҳеҷ як аз вуҷӯҳе, ки зикр намуданд, саҳеҳ нест, магар ин ки мабдаи ин замон аз муддате, ки бад-ин ду қавл гуфтугӯ кардааст, муқаддам бошад.

Баёни матлаб чунин аст, ки агар мурод ин бошад, ки мабдаи ин ду муддат вақти воҳиде бошад, бештар аз гузашта ва ҳолою оянда, он вақт барои ихтилофи ду муддат такаллум бад-ин калимот маъное нахоҳад буд ва тафовуте, ки миёни ду вақт мебошад, ба ҳеҷ ваҷҳ маънӣ ва муҳассил нахоҳад дошт.

Вале он ки насороро дар даъвои худ лозим меояд, бештар ва зоҳиртар аст. Ва баёни матлаби он ки ин тавр фарз мекунем, ки яҳудон омадани Масеҳро пас аз ҳафтод собӯъ аз рӯъёи Дониёл мусаллам бидонад, боз ҳам бо хурӯҷи Исо. Пас аз ин муддат тавофиқ нахоҳад дод, зеро яҳудон бар ин азманд, ки миёни хурӯҷи Бани Исроил аз Миср то бинои Байтулмуқаддас чорсаду ҳаштод сол аст ва аз бинои он то вайрон кардани Бухтанассар[27] чорсаду сӣ сол аст. Ва ҳафтод сол ҳам ин хона харобу вайрон буда, пас рӯи ҳамрафта нӯҳсаду чил сол мешавад. Дар ин ҳангом рӯъёи Дониёл воқеъ шуд ва ин муддат аз ҳазор сол чиҳил сол кам дорад. Ва боз яҳудону насоро муттафиқанд, ки таваллуди Исо дар соли як ҳазору сесаду шаши искандарӣ буда ва мувофиқи гуфтаи худашон таваллудьёбӣ пас аз рӯъё ва иморати Байтулмуқаддас чилу чор сол аст. Ва ин муддат ба тақриб чил собӯъ аст ва аз замони таваллуди Масеҳ то зуҳураш ҷаҳор собӯъ ва ним аст. Пас дар натиҷа таваллудьёбии Исо бар он чи тарафайн гуфтаанд, муқаддам хоҳад шуд. Ва яҳудонро дар ин қавл мушкилие лозим намеояд ва агар насоро ононро дар камияти муддате, ки байни иморати Байтулмуқаддас ва аввали таърихи искандарист, дурӯғгӯ хисобанд, яҳудон муқобила ба мисл хоҳанд кард.

facebook.com/Китобхона

Ва агар мо қавли ду тарафро ба канор бигузорем ва ба ҷадвали мулуки Қалдониён, ки баъдан баён хоҳем намуд, бинигарем, мебинем, ки аз аввали салтанати Куруш то аввали подшоҳии Искандар дусаду бисту ду сол аст ва аз салтанати Искандар то таваллуди Исо ҳам сесаду чор ва рӯиҳамрафта панҷсаду бисту шаш сол хоҳад шуд. Ва чун мо се солро аз ин муддат кам кунем, зеро иморати Байтулмуқаддас дар соли саввум аз подшоҳии Куруш будааст. Он вақти боқимондаро ба собӯъ тақсим намоем, хоҳем дид ба таври тақриб, ки аз замони рӯъё то мелоди Масеҳ чанд собӯъ аст. Пас таваллудьёбии Исо бар он чи насоро гуфтаанд, муқаддам мешавад. Аммо ҷумлаҳоеро, ки ба суриёнӣ ҳисоб карданд, чун мувофиқ ба ададҳои шартӣ аст ва солҳои мурод нест, амрест, ки қабули он мумкин нест ва агар ҳисобкунандае ба ҳисоби ҷуммал ин ҷумларо ҳисоб кунад.

بشر موسى ابن عمران بمحمد و لمسيح باحمد

(Мӯсо бинни Имрон аз пайдоиши Муҳаммад ва Масеҳ аз Аҳмад хабар доданд).— Мисли аввал хоҳад шуд. Ё ин ҷумларо ҳисоб намояд:

يشرق برية فاران بمحمد الامى

(Биёбони торики Форонро ҳам нури Муҳаммад равшан гардонид).— бо ҷумлаи аввал як чиз хоҳад шуд.

Агар касе гӯяд, муроди ин ададҳо башорат аст, чун ададҳои башорат бо ин оят мувофиқ аст, он вақт ҳар зарару нафъе, ки барои насоро дар ин даъвост, бидуни ҳеҷ тафовут ӯро ҳам хоҳад буд.

Махсусан, агар барои ҳазрати расул ва сидқи башорат бар ӯ қавли Ашъиёи Набӣ[28] гувоҳ шавад, ки дар китоби худ мегӯяд. Ва ин ҷумла дар ҳақиқат маънии он ва ё шабеҳ ба он маънӣ аст: (Худованд, ӯро амр кард, ки дидбонеро бар манзара бифирист, то он чиро, ки мебинад, бад-ӯ хабар диҳад. Пас дидбон ба манзара шуд ва гуфт, ки «ман як харсавор ва шутурсавореро дидам, ки яке аз он рӯ кард ва фарьёд мезад»: «Бобул ба ҳам рехт ва бутҳои тарошидашудаи он дар ҳам шикаст»). Ва ин хабар бар Масеҳ, ки бар хар савор мешуд ва бар Муҳаммад, ки бар шутур савор буд, башорат аст ва ба зуҳури Муҳаммад Бобул дар ҳам

facebook.com/Китобхона
рехт ва бутҳояш дарҳам шикаст. Ва қасрҳояш ба зилзила даромад ва салтанаташ аз миён барчида шуд. Ва боз дар китоби Ашъиёи Набӣ аз башорат бар Муҳаммад суханони мармузу наздик ба таъвили возеҳ бисьёр аст. Ва ин аст, ки эшонро бармеангезонад, ки исрор бар ботил кунанд ва даъвои ӯро ба дурӯғ бароранд, ки урфи халқ бар он ҷорӣ нест, ки мурод аз шутурсавор Мӯсо аст, на Муҳаммад.

Мӯсо ва пайравонашро бо Бобул чӣ кор? Ва оё барои Мӯсо ва қавми ӯ он чи ки барои Муҳаммад ва пайравонаш зоҳир гардид, ҳеҷ ҳосил шуда? Ва агар аз аҳли Бобул сар ба сар наҷот меёфтанд аз ғанимат ба бозгашт розӣ мешуданд. Ва аз чизҳое, ки ин иштиҳоро таъид мекунад, боз гуфтаи худованд аст, ки дар сифри панҷуми «Таврот», ки ба «Мусанно» маъруф аст, Мӯсоро хитоб карда, мегӯяд: «Зуд бошед, ки мононди ту аз бародарони Бани Исроил пайғамбаре барангезам ва каломи худро дар даҳони ӯ мегузорам ва ҳар чиро, ки ман амр мекунам, бад-эшон бигӯед ва мардеро, ки итоат нанамуд, каломи касеро, ки бо ман такаллум мекунад, ман аз ӯ интиқом хоҳам кашид».

Қош донистаме, ки оё Бани Исҳоқро ҷуз Бани Исмоил бародарест! Ва агар бигӯянд, бародарони Бани Исроил авлоди Ису[29] ҳастанд. Оё мононди Мӯсо касе аз эшон бархост, ки ба Мӯсо шабоҳате дошта бошад, ва оё боз он чи дар ин сифр аст, ба Муҳаммад шаҳодат намедиҳад? Ва ин тарҷумаи он аст:

«Худованд аз Тӯри Сино омад ва аз Соир ба мо нур афшонид ва аз кӯҳи Форон ошкор шуд. Ва бо ӯ дастае аз покон буданд, ки дар сӯи рости ӯ ҷо доштанд».

Ин калимот рамзӣ аст, чун далел исбот шудааст, ки ин қабил сифот сазовори зоти худовандӣ нест ва ба сифоти ӯ ҳам наздик нест. Пас, мурод аз омадани ҳақ аз Тӯри Сино ин аст, ки Мӯсоро дар он ҷо муноҷот кард ва дурахшидани ӯ аз Соир зуҳури Исо аст ва ошкор гаштани ӯ аз Форон, ки маҳалли зисту рушди Исмоил аст, ва дар он ҷо издивоҷ кард, зуҳури Муҳаммад аст, ки бар тамоми асҳоби адьён бо гурӯҳе аз покон, ки аз осмон ба имдоди ӯ омаданд, ҳувайдо ва ошкоро гашт. Ба касе, ки ин таъвилро, ки аён бар ӯ гувоҳӣ медиҳад, мункир бошад, мо аз ӯ хоҳишмандем, ки бар гумроҳие, ки дар ин қавл аст, тасдиқи бурҳон

facebook.com/Китобхона
намояд ва маро аз хатои худ биогоҳонад. (Касе, ки шайтон аст, наздиконашро ҳам меранҷонад).

Ва агар ҳисоби калимотро ба арабӣ ҷоиз надонанд, мо ҳам ҳисоберо, ки ба суриёнӣ кардаанд, ҷоиз намедонем, чунки «Таврот» ва кутуби ин даста аз анбиё тамом ба ибрӣ аст. Ва ин суханон, ки мо ва эшон гуфтем, ҳуҷҷатҳои қотеъ ва далелҳои возеҳ аст, ки калима дар ин китобҳо аз ҷои худ харобӣ ёфта ва тағьир пайдо кардааст ва ҷанг заданд ба мисли ин фикрҳо. Ва ин гуфтор қавитарин далелест, ки соҳиби он аз роҳи ҳаққу ҳидоят тамоил ёфтааст: (Гарчанде дар само бароямон даре кушодем. Онҳо лангида ба он дохил шуданду гуфтанд: «Ҳамоно ки чашмони камонғулакпарон хира шуданд. Моро ҷоду кардаанд»). Балки яҳудон аз дидани ҳақ кӯр ҳастанд ва мо аз худованд таъиду исмат ва дурустии фикрамонро хостгорем.

Яҳудон муддаӣ ҳастанд, ки каломи «Таврот» далолат бар ин аст, ки ҳар кас иддиои нубувват кунад, бояд ӯро кушт. Бутлони ин гуфтор басе ошкор аст ва ҷои ин гуна суханон дар китоби дигар аст. Аз ин рӯ мо ба мақсуди худ боз мегардем, ки калом ба дарозо кашид ва сухане сухани дигарро ба миён овард.

Ҳар як аз яҳудон ва насоро як нусха аз «Таврот» доранд, ки бо гуфтаи асҳоби он мувофиқ аст. Ва он нусха, ки дар назди яҳудон аст, мегӯянд, ки холӣ аз омехтагиҳо аст. Ва нусхае, ки дар назди насорост «Тавроти ҳафтод» ном дорад. Ва шарҳи ин қисса он аст, ки чун Бухтанассар ба Байтулмуқаддас даст ёфт ва он ҷоро хароб кард, тоифае аз яҳудон ҷалои ватан карданд ва ба подшоҳи Миср паноҳанда шуданд ва дар канори ӯ иқомат ҷустанд, то он ки замони подшоҳии Батламиюси Филиёдилфиюс[30] шуд. Ва ӯ шунид, ки «Таврот» китобест аз осмон афтодааст. Ва аз ин тоифа ҷустуҷӯ кард, то он ки эшонро дар шаҳри Зуҳро биёфт. Ва шумораи яҳудон дар ин вақт сесад ҳазор буд, аз ин рӯ эшонро ба сӯи худ бихонд ва маскан дод ва лутфҳои бисьёр кард. Ва иҷозат дод, ки ба Байтулмуқаддас бираванд ва Байтулмуқаддасро Куруш, ки омили Бахман дар Бобул буд, сохта буд ва иморати Шомро ба ҳоли нахустин баргардонида буд. Пас Бани Исроил ба қасди хурӯҷ аз Миср бо ҷамъе аз наздикони малик, ки шоҳ ба роҳнамоии яҳудон фиристода буд, берун шуданд. Ва Батламиюс гуфт, ки «маро ба шумо ниёзест, ки агар

facebook.com/Китобхона
ҳоҷати манро бароваред, ҳаққи маро сипос гузоридаед. Ва он ин аст, ки як нусха аз китобатон «Таврот» ба ман бубахшед». Бани Исроил ҳоҷати шоҳро иҷобат карданд ва савганд ёд намуданд, ки «мо ба аҳди худ хоҳем вафо намуд». Чун ба Байтулмуқаддас бозгаштанд, ваъдаи хешро вафо намуданд ва як нусха «Таврот» барои подшоҳ фиристоданд. Ва ин нусха ба ибрӣ буд, Батламиюс намефаҳмид. Пас ӯ ба сӯи эшон кас фиристод, ки касонеро назди ман бифиристед, ки юнонӣ ва ибрӣ бидонанд, то ин китобро барои ман тарҷума кунанд. Ва ваъда дод, ки ман эшонро ҷавоиз ва тӯҳфа хоҳам бахшид.

Бани Исроил аз қабилаи дувоздаҳгона ҳафтоду ду тан баргузиданд, ки аз ҳар қабила шаш нафар бошад ва номҳои эшон дар назди насоро маъруф аст. Ва ононро ба назди шоҳ фиристоданд. Пас ба тарҷумаи «Таврот» машғул шуданд ва эшонро Батламиюс ду ба ду аз ҳам ҷудо кард ва бар сари ҳар ду нафар маъмуре гузошт, ки дар ҳоли эшон роҳбарӣ намояд, то он ки аз тарҷума фориғ шуданд. Ва сию шаш тарҷума ба даст омад ва онҳоро бо якдигар муқобала карданд, ҷуз ихтилофи иборот, ки дар ҳикоят аз як мақсуд ҳосил мешавад, чизи дигаре дар ин нусхаҳо наёфтанд. Пас малик ба ваъдаи худ вафо кард ва эшонро ба таври нек тӯҳфа дод. Ва ин мутарҷимон як нусха аз ин нусхаҳоро хостанд, то он ки асбоби ифтихору мубоҳот бар ҳамсаронашон бошад. Подшоҳ ҳам аз бахшидани он музоиқа накард. Ва ин ҳамон нусха аст, ки дар назди насорост ва ин нусха ба гуфтаи эшон табдилу таҳриф наёфтааст.

Яҳудон ин ҳикоятро бовар намедоранд ва мегӯянд: «Дар нақли «Таврот» макрӯҳ ва маҷбур будем ва ин корро барои он анҷом додем, ки аз ғазабу шарри он подшоҳ харосон будем, вале боз ҳам дар тахлиту таҳриф бо якдигар созиш карда будем». Ва «Таврот»-ро фақат ин ду нусха нест ва нусхаи сеюме аст, ки дар назди Сомира, ки ба «Ломасосия» маъруфанд, мавҷуд мебошад. Ва инҳо касоне ҳастанд, ки чун Бухтанассар яҳудонро аз Шом асир оварда, эшонро ба ҷои яҳудон фиристод ва чун Сомира Бухтанассарро ба айбҳои Бани Исроил огоҳ карда буданд ва ба мақсуде, ки дошт, кӯмак намуда буданд, ин буд, ки эшонро накушт

facebook.com/Китобхона

ва асир накард. Ва барои ин ки дар таҳти тобеияти ӯ бошад, ин қавмро дар Фаластин ҷой дод.

Мазҳаби эшон махлутест аз яҳудият ва маҷусият ва бештари эшон дар Фаластин зиндагӣ мекунанд ва маскани онон «Нобулус» ном дорад ва дар он ҷо ҳайкале бино намудаанд. Ва аз замони Довуд дар ҳудуди Байтулмуқаддас дохил намешаванд. Чун мегӯянд, ки Довуд зулму ситам кард ва ҳайкали муқаддасро аз Нобулус ба Илиё, ки Байтулмуқаддас бошад, гузаронид ва эшон мардумро таъқиб наменамоянд ва агар таъқиб кунанд, бояд ғусл намоянд ва ба рисолати пайғамбарҳои дигар, ки пеш аз Мӯсо буданд, мӯътақид нестанд.

Аммо он нусха аз «Таврот, ки дар назди яҳудон аст ва бар он эътимод мекунанд, ба мисли зиндагии Бани Одам аз ҳангоми берун кардан аз биҳишт то тӯфони Нӯҳ мебошад. Ва ҷамъи ин муддатҳо як ҳазору шашсаду панҷоҳу шаш сол мешавад. Ва ин миқдор дар «Таврот»-и насоро ду ҳазору дусаду чилу ду сол аст. Аммо «Таврот»-е, ки назди Сомира аст, нотиқ бар ин аст, ки ин муддат як ҳазору сесаду ҳафт сол аст.

Асинус, ки яке аз асҳоби ахбор аст, мегӯяд: «Муддатеро, ки миёнаи офариниши одам ва миёни нахустин шаби Одина, ки тӯфон буда, дуҳазору дусаду бисту шаш сол ва сездаҳ рӯзу чаҳор соат мебошад». Ва ин қавлро Ибни Бозёр[31] дар китоби «Қаронат» аз ӯ нақл кардааст, вале ин гуфтор ба гуфтаи насоро наздиктар аст. Ва чунин ба хаёл мерасад, ки гуфтаи Асинус бар тариқи асҳоби аҳком аз уламои нуҷум асос ёфтааст, зеро асари таасуф дар он ошкор аст.

Ва чун ихтилофи миёни умматҳо чунин бувад, ки гуфта шуд ва қиёси ақлиро дар ҷудо кардани ҳақ аз ботил нокасӣ набувад. Пас, дигар чӣ гуна мумкин хоҳад буд, ки шахси ҷӯянда тамаъ намояд, ки аз ҳақиқати амр огоҳ гардад. Ва натанҳо «Таврот»-ро бисьёрӣ ва тафовути нусхаҳо аст, балки «Инҷил» низ чунин аст. Ва дар назди насоро чаҳор нусхаи «Инҷил» мебошад, ки ҳар чаҳор дар як китоб ҷамъ аст. Ва яке аз он чаҳор аз Мато аст ва дуввумин аз Марқус ва саввумин аз Луқо ва чаҳорумин аз Юҳанно, ки ҳар як аз ин чаҳор шогирд бар ҳасби даъвате, ки дар шаҳри худ карда, таълиф намудаанд. Ва ин чиро, ки дар ҳар як аз ин чаҳор «Инҷил» аз сифатҳои Масеҳ ва гуфтори ӯ дар рӯзгори даъват ва вақти даркашидани Ма-

facebook.com/Китобхона
сеҳеҳ [illegible] ҳаанд, бо якдигар мухолиф аст. Ҳатто дар насаби Исо, ки насаби Юсуф номзади Марьям ва парварандаи Исо бошад, ихтилоф аст, Мато мегӯяд: «Юсуф бинни Яъқуб бинни Матон бинни Илъозар бинни Илҳиюд бинни Ёкин бинни Содуқ бинни Озур бинни Ильёким бини Абияҳур бинни Зарубобил бинни Солтанил бинни Юкниё, бинни Юшиё бинни Омун бинни Муншӣ бинни Ҳазқиё бинни Иҳоз бинни Ютом бинни Азьё бинни Юром бинни Яҳушофот бинни Осо бинни Абьё бинни Раҳбъом бинни Сулаймон бинни Довуд бинни Ясо бинни Авид бинни Бӯъз бинни Шаламун бинни Наҳшун бинни Аминодоб бинни Ором бинни Ҳисрун бинни Форис бинни Яҳудо бинни Яъқуб бинни Исҳоқ бинни Иброҳим алайҳиссалом».

Аммо Луқо мегӯяд: «Юсуф бинни Ҳолӣ бинни Матот бинни Ловӣ бинни Малкӣ бинни Юно бинни Юсуф бинни Матоито бинни Олус бинни Ноҳум бинни Ҳаслӣ бинни Наҳҷӣ бинни Мот бинни Матоито бинни Шамъӣ бинни Юсуф бинни Яҳудо бинни Юҳанно бинни Айсо бинни Зарубобил бинни Солтаил бинни Нирии Малкӣ бинни Адӣ бинни Қусом бинни Илмудом бинни Айр бинни Юсуф бинни Илъозир бинни Юрим бинни Маттот бинни Ловӣ бинни Шамъун бинни Яҳудо бинни Юсуф бинни Юнон бинни Ильёқим бинни Малиё бинни Маниён бинни Матого бинни Нонон бинни Довуд».

Ва насоро аз ин ихтилоф бад-ин тариқ узр меоваранд, ки яке аз суннатҳои воҷиби «Таврот» ин аст, ки чун марде бимирад ва аз зани худ авлоде надошта бошад, бародари ӯ, бояд он занро бигирад, то он ки барои бародари худ насле дуруст кунад. Ва чун тифл аз шавҳари дуввумин по ба арсаи ҳастӣ гузошт, аз ҷиҳати насаб мансуб ба марҳум аст ва аз ҷиҳати таваллудьёбӣ ва ҳақиқат мансуб ба падари феълии худ. Ва насоро мегӯянд, ки ба ҳамин ҷиҳат Юсуф мансуб ба ду падар буд. Ҳолӣ аз ҷиҳати насаб падари ӯ буд ва Яъқуб аз ҷиҳати таваллудьёбӣ ва мегӯянд, чун Мато Юсуфро ба нисбати таваллудьёбӣ мансуб кард, яҳудон бар ӯ таъна заданд ва гуфтанд: «Мувофиқи кеши мо нисбати Юсуф саҳеҳ нест, зеро падари насабии ӯ зикр нашудааст». Ин буд, ки Луқо аз роҳи мухолиф бо яҳудон мӯҷиби суннати мазҳаби эшон насаби ӯро зикр кард. Ва ҳар ду насаб ба Довуд мерасад ва ғараз аз зикри насаб ҳамин аст, зеро аз шароити Масеҳ ин аст, ки

facebook.com/Китобхона
бояд писари Довуд бошад ва барои ин нукта нисбати Юсуфро ба Масеҳ изофа кард ва аз нисбати Марьям чашмпӯшӣ намуд, ки суннати мазҳабии яҳудон ин аст, ки ҳеҷ кас ҷуз аз қабилаву зоти худ зан нагирад, то он ки насабҳо омехта нашавад. Ва одати яҳудон барои ин ҷорӣ шудааст, ки нисбати шахсро ба мардҳо мединҳанд, на ба занон ва чун Юсуфу Марьям ҳар ду тан аз як қабила ва як хонадон буданд, пас ночор бояд ба як аслу ба як реша бирасанд. Ва ғараз аз исботи насаб ҳамин аст ва назди ҳар як аз асҳоби Марқиюн ва асҳоби Ибни Дайсон[32] «Инҷил»-е аст, ки порае аз онҳо бо «Инҷил»-ҳои мазкур махолифат дорад.

Ва пайравони Мониро[33] ҷудогона «Инҷил»-ест, ки аз аввал то хатми он бо он чи насоро гуфтаанд, мухолиф аст. Ва пайравони Монӣ ба он мӯътақиданд ва чунин мепиндоранд, ки «Инҷил»-и саҳеҳ ҳамин асту бас. Ва он чиро, ки Масеҳ оварда ва бад-он амал намуда, мувофиқ ва мутобиқ бо мазмунҳои ин «Инҷил» аст ва ба ғайр аз он ҳар «Инҷил»-и дигаре ботил ва пайравони он ба Масеҳ онро тӯҳмат задаанд.

Ва «Инҷил»-ро нусхаест, ки ба «Инҷили ҳафтод» мавсум ва мансуб ба Балолис аст ва дар садри он чунин мактуб аст, ки ин нусхаро Салом писари Абдуллои Салом аз забони Салмони Порсӣ[34] нигоштааст. Ва ҳар қас, ки дар он «Инҷил» назар кунад, бар ӯ пӯшида нахоҳад монд, ки ин «Инҷил»-и сохтагӣ аст. Ва насоро ву ғайри насоро ин «Инҷил»-ро инкор мекунанд.

Ва он чи пас аз ин таърих аст, таърихи «тӯфони аъзам» аст, ки дар замони Нӯҳ буда, ки ҳар чиз дар он ғарқ шуд. Ва ин таърих ҳам монанди таърихҳои дигар дорои тафовут ва ихтилоф аст, ба қисме, ки намешавад ба сиҳати он қатъ кард ва намешавад дар иҳота ба ҳақиқати он тамаъ намуд, зеро аввало миёни «Таърихи Одам» ва ин таърих ихтилоф аст. Ва дар оянда хоҳем гуфт, ки миёни ин таърих ва «Таърихи Искандар» низ ихтилоф аст. Ва Яҳудиён аз «Таврот»-и худ ва китобҳои мутааллиқ ба «Таврот» чунин ҳисоб кардаанд, ки миёни тӯфон ва Искандар як ҳазору ҳафтсаду наваду ду сол будааст. Ва масеҳиён аз «Таврот»-и худ ин тавр ҳисоб карданд, ки ин муддат ду ҳазору сесаду сиву ҳашт сол будааст.

Аммо эрониён ва омманӣ маҷус тӯфонро ба куллӣ мункиранд ва чунин мегӯянд, ки подшоҳӣ дар мо аз

facebook.com/Китобхона
Каюмарси Гилшоҳ, ки дар назди эшон нахустин инсон аст, муттасил будааст. Ва ҳиндуёну чиниён ва гурӯҳҳои умматҳои шарқӣ бо эшон мувофиқанд. Ва қисме аз фурс мегӯянд, ки тӯфон воқеъ шудааст, вале сифатҳоеро, ки барои он зикр мекунанд, бо он чи дар китобҳои анбиёст мутобиқ намеояд ва мегӯянд: «Ин тӯфон дар Шому Ғарб дар аҳди Таҳмурас ба амал омадааст ва дар ҳама замин умумият пайдо накард. Ва ҷуз умматҳои каме дар он ғарқ нагаштанд ва аз дараи Ҳулвон таҷовуз нанамуд ва ба мамолики Машриқ нарасид». Ва боз чунин мегӯянд, ки «мардуми Ғарбро чун ҳакимон ба тӯфон андоз карданд, биное монанди Ҳарамайн, ки дар Миср аст, сохтанд. Ва бо худ гуфтанд, ки «агар офати самоӣ бошад, мо ба даруни он шавем ва агар заминӣ бошад, бар болои он равем». Ва форсиён гумон мекунанд, ки осори тӯфон ва таъсироти зилзилаи он бар миёнаҳои Ҳарамайн ошкор аст ва болотар аз нисфи он нарафтааст.

Ва баъзе мегӯянд, ки Юсуф ин ду ҳарамро барои захира сохт, дар он таому озуқа барои солҳои хушк нигаҳ дошт. Ва ин тоифа аз фурс мегӯянд, ки чун Таҳмурас ҳам аз ин андоз огоҳ шуд, дар дусаду сию як сол пеш аз воқеъ шудани он, амр кард, то ҷои хушобу ҳаво дар кишвари ӯ биёбанд. Ва ҷуз Исфаҳон ҷое, ки сазовори ин ду васф бошад, наёфтанд. Ва он гоҳ амр кард, ки илмҳоро дар китобҳо ҷамъ кунанд ва дар солимтарин ҷои он пинҳон намоянд. Ва мешавад, барои ин матлаб чунин гувоҳ овард, ки дар замони мо дурче, ки дар яке аз шаҳрҳои Исфаҳон аст ва талҳое, ки шикофта шуда, хонаҳое ёфтанд, ки халтаҳои бисьёре аз пӯсти дарахте, ки тӯз ном дорад ва бо ӯ камону сипарро ҷилд мекарданд, пур буд. Ва ин пӯстҳои дарахт ба китобатҳое навишта шуда буд, ки дониста нашуд, чист.

Ин қабил ихтилофҳо дар ҳикоёт ва ахбори эшон инсонро бар ин меангезонад, ки чунончи дар қисме аз китобҳо ҳаст, тасдиқ мекунад, ки Каюмарс инсони аввалин набуда, балки ӯ Комир бинни Ёфус бинни Нӯҳ аст. Ва Каюмарс бузургу солхӯрдае буд, ки дар кӯҳи Дамованд нузул кард ва он ҷоро дар таҳти тасарруфи худ овард, то он ки кам-кам кораш боло гирифт ва мулки ӯ рӯй ба вусъат гузошт. Ва мардум дар он аср шабеҳ ба мардуми аввалпайдоиш буданд ва ӯ ва порае аз зодагони ӯ

facebook.com/Китобхона
баъзе аз иқлимҳоро молик гаштанд. Ва дар охири кор зулму ситамро пешаи худ қарор дод ва номи худро «Одам» ниҳод ва гуфт: «Ҳар кас, ки маро ҷуз бад-ин ном бихонад, гарданашро хоҳам зад!» Ва баъзе аз эрониён мегӯянд, ки «ӯ Амим бинни Довуд ибни Ирам бинни Сом бини Нӯҳ будааст».

Аммо асҳоби нуҷум ин солҳоро аз оғози қирони аввал аз қиронҳои Зуҳал ва Муштарӣ, ки уламои Бобул низ монанди онро исбот кардаанд, тасҳеҳ намуданд, зеро ки тӯфон аз ноҳияи Калда будааст ва гуфтаанд, ки «Нӯҳ киштии худро дар Кӯфа бисохт ва дар Кӯфа об аз танӯр ҷӯшид, ва киштии Нӯҳ бар кӯҳи Ҷӯдий қарор гирифт». Ва тӯфон аз ин навоҳӣ дур нест ва ин қирон дусаду бисту нӯҳ солу саду ҳашт рӯз пеш аз тӯфон будааст. Ва уламои Калда бо амри он эътино намуданд ва таваҷҷӯҳи махсусе доштанд ва солиён пас онро тасҳеҳ намуданд ва ёфтанд, ки миёни тӯфону оғози подшоҳии Бухтанассари Аввал ду ҳазору шаш саду чаҳор сол будааст. Ва миёни Бухтанассару Искандар чаҳорсаду сӣ сол будааст. Ва ин раъй ба муқтазои «Таврот»-и Насоро наздиктар аст.

Абӯмаъшари Балхӣ[35] барои ин ки васатҳои кавокибро дар «Зиҷ»-и худ ба таърихе бино ниҳад, ба ин таърих ниёзманд шуда ва гумон карда, ки тӯфон ҳангоме будааст, ки ситораҳо дар оҳири Ҳут ва аввали Ҳамал гирд омада буданд. Ва Абӯмаъшар дар ин вақт мавзеъҳои ситорагонро берун кард ва дид, ки ҳамаи кавокиб аз оғози бисту ҳафтумин дараҷаи Ҳут то охирин дараҷаи аввали Ҳамал ҷамъ шуда буданд. Ин буд, ки ин мард бар ин гумон шуд, ки фосилаи тӯфон то оғози таърихи Искандар ду ҳазору ҳафтсаду навад сол ва ҳафт моҳу бисту шаш рӯзи кабиса бошад. Ва ин гуфтор барои насоро наздиктар аз дигар фикрҳост, ҳарчанд аз солиёне, ки асҳоби нуҷум ҳосил кардаанд, дусаду чихилу нӯҳ солу се моҳ камтар аст. Ва чун дар назди Абӯмаъшар ба тариқае, ки ӯ рафта, мусаллам гашт, даврҳоеро, ки мунаҷҷимон «даврҳои кавокиб» мегӯянд, сесаду ҳаштод ҳазор сол буда, ки даври нахустин саду ҳаштод сол пеш аз тӯфон мебошад. Аз рохи нодонӣ ҳукм карда будаанд, ки тӯфон дар ҳар саду ҳаштод ҳазор сол як мартаба ба вуҷуд меояд ва дар оянда низ чунин хоҳад шуд.

Абӯмаъшар ин даврҳои кавокибро, ҷуз аз хатти сай-

facebook.com/Китобхона
ри кавокиб, ки чуз ба мушоҳидаи аҳли форс ба даст меояд, берун наёвардааст. Ва бо даврҳое, ки натичаи ирсоди ҳиндиёи, ки маъруф ба «даврҳои Синдуҳинд» мебошад, мухолиф аст. Ва низ бо «айёми Арҷабҳаз[36] ва «айёми арканд», мухолиф аст. Ва агар шахсе бихоҳад, ки бо ирсоли асҳоби ботаҷриба аз муҳаддасин даврҳое ба даст оварад, албатта ба кӯмаки аъмоли машҳура барои ӯ имкон хоҳад дошт. Чунон ки барои бисьёрие аз донишмандон аз қабили Муҳаммад бинни Исҳоқ бинни Устод Бундоди Сарахсӣ[37] ва Абулвафо Муҳаммад бинни Муҳаммади Бузҷонӣ[38] фароҳам шудааст. Ва чунон ки барои ман ба вижа дар «Китоби шаҳодатдиҳанда ба ихтилофи ирсод» фароҳам гаштааст.

Ва ба ҳар як аз даврҳо кавокиб дар оғозу анҷоми ҳаракати худ дар аввали Ҳамал ҷамъ мешаванд, валекин дар вақтҳои мухталиф. Ва агар касе ҳукм намояд, ки кавокиб дар аввали Ҳамал дар он вақт офарида шудаанд ва ё он ки иҷтимои кавокиб дар оғози Ҳамал аввали олам буда ва ё охири олам аст, албатта иддиое ғайридалел хоҳад буд. Агарчи дохил дар ҳадди имкон аст, валекин монанди ин қабил қазоёро чуз ба далеле равшан ё ба гуфтаи шахсе, ки аз аввалҳо ва мабодии мавҷудот бохабар бошад, ки гуфтори ӯ дар ҷон монанди ваҳй таъсир намояд, наметавон бовар кард, зеро мумкин аст, ин ҷирмҳо ҳангоме, ки офаридгори онҳо пайдо ва падидор намудаанд, мутафарриқу пароканда бошанд. Ва ин ҳаракот, ки бар ҳасби қонунҳои риёзӣ дар чунин муддате дар як нуқта ҷамъ шаванд, барои онҳо бошад.

Чунон ки агар мо доирае фарз кунем ва дар мавзеъҳои мутафарриқа аз он ҳайвоноте бигузорем, ки порае аз онҳо тундрав ва қисми дигар кундрав бошанд ва ҳар кадом аз навъи ҳаракати худ ба ҳаракат дароянд, дар вақтҳои мутасовӣ ҳаракоти мутасовӣ кунанд. Ва низ ин масъаларо ҳам бидонем, ки дар вақти муайян ва тахминӣ фосилаҳо ва дурии байни онҳо ва ҷою ҳаракати ҳар як аз онҳо дар шабонарӯз чӣ миқдор будааст. Ва аз шахси муҳосиб бипурсанд, ки «чӣ миқдори замон лозим аст, ки пас аз ин иҷтимоъ гуфта шудааст, дар нуқтаи дигар монанди ин иҷтимоъ даст диҳад ва ё он ки пеш аз ин иҷтимоъ дар чӣ нуқтае ин ҷонварон гирд омада буданд»? Агар шахси муҳосиб дар посух бигӯяд, ки «ҳазорон-ҳазор сол лозим

facebook.com/Китобхона
аст», аз гуфтан ӯ лозим намеояд, ки дар замони гузашта ва ё оянда чунин бошанд. Валекин муқтазои посухи ӯ ба таври баёншуда ин аст, ки агар ин ҷонварон ба ҳолати кунунӣ дар замони гузашта ҳам чунин буданд ва дар оянда низ чунин бошанд, ҷуз он чи ҳисоб хабар медиҳад, нахоҳад буд. Аммо ҳақиқат ва вуҷуди хориҷӣ ёфтани ин матлаб вобаста ба илму санъате ғайр аз илму саноати ҳисоб аст, яъне аз вазифаи илми ҳисоб хориҷ мешавад ва бояд ё дар калом, ё дар фалсафа собит кард, ки олам қадим аст ва ҳамвора чунин бувад.

Ва агар шахсе, ки ҳукм ба даврҳо мекунад, ин тавр гӯяд, ки ситорагон чун дар оғози Ҳамал ҷамъ шуданд, дар ҳама даврҳо низ чунин хоҳад буд ва дар ҳамин нукта гирд хоҳад омад. Зеро бинобар гуфтаи ӯ аҳволи фалакӣ қобили кавну фасод нест ва гузашта чунин буда, ки акнун аст. Албатта ин ҳукм низ даъвои соддае хоҳад буд, ки гӯянда мехоҳад худро бад-он фиреб диҳад, бидуни он ки далеле дар даст дошта бошад. Ва чун бурҳон бар ҳар ду тараф мухолиф аст намешавад, исбот кард ва танҳо ихтисос ба яке аз ду тараф хоҳад дошт ва тарафи дигарро рад хоҳад намуд. Мо далел бар пайдоиши олам меоварем ва далели мо ин аст:

Назди фалосифа ва мардуми дигар ошкор шудааст, ки хурӯҷи ҳама афрод лониҳоят аз қувва ба феъл муҳол аст ва ҳаракоту даврҳою замонҳои кам ва қобили шумор ҳастанд, ки қобили фузун ва бешӣ мебошанд. Пас дар натиҷа ҳаракот ва даврҳою замонҳо лониҳоят нестанд.

Шахсе, ки дорои инсоф ва ҳақҷӯ бошад, бо ин як далел кифояту қаноат мекунад. Ва агар хост, ки гарданкашӣ кунад ва ба ҳарзагӯии аҳли мукобира тамоил ҷӯянд, дар нест кардани шак аз қалби ӯ ва давои мараз ақлии ӯ ва дар нишондани ниҳоли ҳақ ва ҳақиқат дар ҷони ӯ ба далелҳое, ки бештар аз ин китоб хоҳад шуд, ниёзманд аст. Ва ҷои ин қабил мубоҳисот китобе дигар аст.

Натанҳо ихтилофи ирсод, балки ихтилофи даврҳо нерумандтарин далелу қавитарин мададгоре аст, ки он чиро Абӯмаъшар анҷом додааст ва аблаҳоне, ки ба сиҳату ростии кешҳо таъна мезананд ва «даврҳои Синдҳинд» ва амсоли онро барои дашном ба мардуме, ки ба растохез мӯътақиданд ва эшонро ба савобу укубати

facebook.com/Китобхона
ухравӣ хабар медиҳанд, дастовез кардаанд. Ва уламои ҳайату ҳисобро низ ба ҳамақидагӣ бо худ муттаҳам карданд, дафъ намояд ва агарчи бар шахсе, ки камтарин иттилоъ аз илму дониш дошта бошад, ҳақиқати амр пӯшида нест.

Пас аз ин таърих таърихи Бухтанассари Аввал аст, ки ба форсӣ Бухтнарсӣ бошад. Ва дар тафсири ин ном гуфтаанд, ки маънои он шахсест, ки бисьёр гирьёну нолон бошад. Ва ба ибронӣ Юхазунассор аст. Ва низ дар маънои ин ном гуфтаанд: «Аторуди гӯён». Ва сабаби чунин ном ниҳодан ин аст, ки ӯ бисьёр ҳикматдӯст ва донишпарвар буда ва ҳамвора хирадмандонро ба даври худ ҷамъ мекард. Ва чун ин номро кӯтоҳ ва арабӣ карданд, «Бухтанассар» шуд ва ин он Бухтанассар нест, ки Байтулмуқаддасро хароб кард, зеро миёни ин ду нафар саду чиҳилу се сол бар ҳасби ҷадвалҳое, ки дар оянда хоҳад омад, фосила дорад.

Ва таърихи ин подшоҳ ба солҳои қибтӣ мазкур аст. Ва дар муайян кардани мавзеъҳои кавокиб бисьёр дар «Миҷастӣ» ин таърих ба кор баста шуда, зеро Батламиюс ин таърихро барои худ интихоб карда буд ва васатҳои кавокибро бо он муайян менамуд. Сипас даврҳои Қоллибус аст ва нахустин даврҳои ӯ дар соли чорсаду ҳаждаҳи Бухтанассар будааст. Ва ҳар давре аз ин даврҳо ҳафтоду шаш соли хуршедӣ аст. Ва касе, ки ин матлабро надонад, ба он чи дар китоби «Миҷастӣ» ёфта, ки ба солҳои қибтӣ зикр шудааст, далелҳо меоварад.

Ва баёни матлаб он аст, ки Иббархис[39] ва Батламиюс вақтҳои ирсоди худро ба шабҳо ва рӯзҳо ва моҳҳои қибтӣ зикр мекунанд. Ва баъдан онро ба даврҳое, ки бо даврҳои Қоллибус мувофиқат карда, нисбат медиҳанд, бидуни он, ки ҳақиқати амр чунин бошад. Валекин аввалин даврҳое, ки моҳҳоро ба гашти Қамар ва солҳоро ба гашти Офтоб ба кор бастаанд, маъмул аст, даври ҳаштгона аст ва даври дуюм даври нуздаҳтой аст. Ва Қоллибус аз шахсҳое будааст, ки ӯ риёзидон ва қавмаш аз гурӯҳи таълимгирандагону ҷустуҷӯкунандагон буданд. Ва ин даврро, ки дарбаргирандаи чор даври нуздаҳтой аст, истихроҷ кард. Дастае аз мардумон гумон кардаанд, ки ин даврҳо бо дидори Моҳ истеъмол мешавад на ба ҳисоб, зеро дар он замон касе ҳанӯз ба ҳисоби кусуф, ки андозаи моҳи қамарӣ ҷуз ба он

facebook.com/Китобхона

дошта намешавад, равшан ва аниқ нашуда буд ва ин ҳисоб ҷуз ба донистани он тамом намешавад. Ва нахустин касе, ки ба ҳисоби кусуф ошно шуд, Солис[40] аст, ки аз аҳли Малтия буда, ки чун бисьёр бо асҳоби риёзӣ рафтуомад мекард ва илми ҳайату ҳаракоти каррotро аз эшон ёд гирифта буд, аз ин рӯ ба донистани гирифтани Моҳ дастрасӣ ёфт ва ба Миср рафту мардумонро аз гирифтани Моҳ тарсонид ва чун гуфтаи ӯ рост омад, Солисро бузург доштанд.

Ва хабари мазкур дар шумори мумкинот аст, зеро ҳар илму санъатеро мабодӣ аст, ки ба он мунтаҳӣ мешавад ва ҳар чи илм ба мабдаи худ наздиктар бошад, баситтару соддатар мегардад, то он ки якбора ба мабдаи худ бирасад ва танҳо ба ҳамон мабдаи худ мунҳасир гардад.

Вале он чиро, ки бояд риоят кард, ин аст, ки набояд ба таври мутлақ гуфт: «Касе пеш аз Солис аз ҳисоби гирифтани Моҳ огоҳ набуд». Зеро қисме аз муаррихон ӯро ҳамаср бо Ардашери Бобак[41] донистаанд ва қисме бо Кайқубод. Ва агар, чунончӣ, ҳамасру ҳамзамон бо Ардашер бошад, Иббархис ва Батламиюс бар ӯ муқаддам хоҳанд буд.

Ва агар дар асри Кайқубод бошад, ки наздик ба асри Зардушт[42] аст. Ва Зардушт дар илму дониш нисфи ҳукамои Ҳаррон ва пешиниёни эшон будааст. Зардушт дар илму дониш пояи баланде дошта, ки илми моҳгирӣ назди дониши ӯ ночиз будааст. Пас агар ҳам ин қавл дуруст бошад, ба таври мутлақ нахоҳад буд, балки вобаста ба шароите хоҳад буд.

Пас аз ин таърих таърихи Филифус[43] бародари Искандар аст, ки ба солҳои қибтӣ аст ва бисьёр рӯй медиҳад, ки ин таърихро аз марги Искандари Мақдунӣ бино ҳисоб мекунанд. Ва ҳар ду як чиз асту фақат ихтилофи лафзӣ аст, зеро пас аз Искандар бинои навбат ба Филифус расид. Ва хоҳ, ки пайдоиши ин таърихро аз мамоти Искандар бидонем, ё аз қиёми Филифус, фарқе намекунад, зеро ки таърихи фасли муштараки минёи ин ду нафар аст. Ва онон, ки ин таърихро ба кор мебанданд, ба «Искандарониён» маъруф шудаанд ва Совуни Искандаронӣ зичи худро, ки маъруф ба «Қонун» аст, бар ин таърих бино ниҳодааст.

Пас аз ин таърих таърихи Искандари Юнонӣ аст, ки қисме аз мардум ӯро «Зулқарнайн» донистаанд. Ва

facebook.com/Китобхона
ман барои ихтилофе, ки дар ин боб аст, пас аз ин фасл, фасле чудогона тартиб хоҳам дод. Ва таърихи Искандар ба солҳои румӣ аст ва бештари умматҳо бад-ин таърих амал мекунанд. Ва чун Искандар ҳангоме, ки бистушашсола буд, аз Юнон по берун гузошт ва ба азми ҷанг бо Доро, подшоҳи Эрон, шитофт ва ба Байтулмуқаддас расид. Ва яҳудон дар он ҷо сукунат доштанд. Ва Искандар эшонро амр кард, ки таърихи Мӯсо ва Довудро канор бигузоранду таърихи ӯро ба кор банданд. Ва соли дохилшавии ӯро ба Байтулмуқаддас оғози таърих бидонанд, ки бисту ҳафтумин соли милоди ӯ буд. Ва яҳудон фармони Искандарро ба кор бастанд ва юғи амри ӯро гардан ниҳоданд, зеро ахбор ба яҳудон иҷозат медод, ки чун ҳар ҳазор сол аз замони Мӯсо бигузарад, дар бар кор бастани таърихи навине озод хоҳанд буд. Ва қазоро дар он сол ҳазор сол тамом шуда буд ва чунон ки зикр кардаанд, қурбониҳои эшон қатъ шуда буд. Ин буд, ки яҳудон ба таърихи Искандар гузаштанд ва он чиро, ки аз амалҳои моҳона ва рӯзона ниёзманд буданд, аз соли бисту ҳафтуми таваллуди Искандар, ки нахустин соли ҳаракати ӯ буд, оғоз карданд, то он ки ҳазор сол тамом шуд. Ва пас аз он ки аз таърихи Искандар ҳазор сол гузашт, дар ҳангоми тамом шудани он ҳодисаи бузурге рӯй надод, ки онро пайдоиши таърих бидонанд ва ба ҳамон ҳолоти пешин, ки таърихи искандарӣ бошад, пойдор монданд ва сару кори юнониҳо дар таърих ба ҳамин таърих буда, чунон ки Ҳабиб бинни Беҳрез [44] матрони Мавсил дар китобе, ки тарҷума кардааст, мегӯяд: «Ва юнониён пеш аз ин таърих ба хурӯҷи Юнон бинни Бурс аз Бобул ба сӯи Мағриб, таърих мегузоштанд».

Пас аз ин таърих таърихи Ағустус аст [45] ва ин подшоҳи сарсилсилаи қайсарҳо аст ва маънои қайсар ба луғати форсӣ «пора шуд аз он» мебошад. Ва сабаби ин номгузорӣ ин аст, ки модари Қайсар дар вақти таваллуд ҷонро ба ҷонофарин таслим кард, дар ҳоле, ки Қайсарро ҳомила буд ва шиками модарашро шикофтанд ва Қайсарро берун оварданд ва «Қайсар» лақаб доданд. Ва ӯ ҳамвора ба дигар подшоҳон мубоҳот мекард, ки аз фарҷи занон берун наёмада. Чунон ки Аҳмад бинни Саҳл бинни Ҳошим бинни Валид бинни Ҳамлат бинни Комкор бинни Яздигурд бинни Шаҳ-

facebook.com/Китобхона

риёр [46] ба ҳамин чиҳат, ки дар Қайсар гуфта шуд, ҳамвора ифтихор менамуд ва мардумро вақте мехост дашном бидиҳад, мегуфт: «Эй писари фарҷ!» Ва асҳоби ахбор гуфтаанд, ки Исо бинни Марьям дар чиҳилусеюмин сол аз салтанати ӯ зоида шуд. Вале ин хабар бо услуби таърихҳо ва солиён аз ҷадвалҳое, ки дар поён хоҳад омад ва дар онҳо аниқ шудааст, саҳеҳ нест. Ва бар ҳасби ин ҷадвалҳо валодати Исо дар ҳафтдаҳумин сол аз подшоҳии Ағустус будааст. Ва ин Қайсар буд, ки Искандар инҳоро аз ҳисоби қибтии худ, ки макбус буд, маҷбур сохт, ки ба ҳисоби Калдониён, ки дар асри мо дар Миср маъмул аст, гузаранд. Ва ин ҳукм дар шашумин сол аз подшоҳии ӯ буд ва ба ҳамин сол таърих гузоштанд.

Пас аз ин таърих таърихи Антанинус [47] аст, ки яке аз подшоҳони Рум буда ва ин таърих низ ба солҳои румӣ аст. Ва Батламиюс кавокиби собитаро (ситорагони истода ё ситорагони биёбонӣ — китоби «Тафҳим») дар аввалин соли салтанати ӯ тасҳеҳ кард ва дар китоби «Миҷастӣ» қарор дода ва гуфтааст, ки «ин ситорагон дар ҳар сол як дараҷа ҳаракат мекунанд».

Сипас таърихи Даклатиёнус [48] аст ва ӯ охирин подшоҳи бутпараст аз подшоҳони Рум аст. Ва чун салтанат ба ӯ гузашт, дар хонадони ӯ бимонд. Ва пас аз ӯ Қустантин — нахустин подшоҳе аст аз мулуки Рум, ки масеҳӣ шуд, ба салтанат расид ва солиёни ин таърих румӣ аст ва дидаем, ки асҳоби зиҷҳо ин таърихро ба кор мебанданд ва он чи аз масъалаҳо ва маволид ва қиронҳо ниёзманд мешаванд, бо ин таърих ёдоварӣ мекунанд.

Сипас таърихи ҳиҷрати пайғамбари мо Муҳаммад бинни Абдулло аст, ки аз Макка ба Мадина ҳиҷрат фармуданд. Ва ин таърих ба солҳои қамарӣ аст, ки оғози он ба дидори Моҳ вобастагӣ дорад, на ба ҳисоб ва ҳама мусулмонон ба ин таърих амал мекунанд. Ва аз ин чиҳат вақти ҳиҷратро «оғози таърих» донистанд ва аз мавлуду мабъас ва вафоти пайғамбар чашмпӯшӣ карданд, ки бино бар ривояти Маймун бинни Меҳрон [49] назди Умар бинни Хаттоб оварданд, ки ҳазле кард, он моҳи шаъбон буд ва Умар гуфт, ки «мурод кадом шаъбон аст? Оё ин шаъбон, ки мо дар онем, ё шаъбони оянда?» Пас асҳобро ҷамъ кард ва дар ин кор бо эшон мушовара кард ва гуфт: «Ин ҳайратро,

facebook.com/Китобхона

ки дар амри таърих барои ман рӯй дода, шумо рафъ кунед». Ва асҳоб гуфтанд: «Мо бояд чораи онро аз одати эрониён ба даст оварем». Ва Ҳурмузонро[50] ҳозир карданд ва ин душвориро бад-ӯ боз гуфтанд. Ҳурмузон гуфт: «Мо эрониёнро ҳисобе аст, ки «моҳрӯз» мегӯем, яъне ҳисоби моҳҳову рӯзҳо». Ва чун ин лафзро арабӣ карданд, муаррах шуд ва масдари онро «таърих» қарор доданд. Ва Ҳурмузон чигунагии истеъмоли таърихро ва он чи, ки румиён онро ба кор мебанданд, барои эшон шарҳ дод. Ва Умар ба асҳоби пайғамбар гуфт: «Барои мардум таърихе вазъ кунед, ки мардум ба кор банданд».

Қисме гуфтанд: «Таърихи румиёнро интихоб кунем, зеро румиҳо ба таърихи Искандар амал мекунанд». Вале ин қавлро написандиданд, бад-ин далел, ки таърихи румиён тӯлонӣ аст.

Дастае дигар гуфтанд: «Ба таърихи эрониён амал кунем». Ва ин фикр низ дар муқобили фикрҳои дигар рад шуд, бад-ин шарҳ, ки эрониён ҳар вақт подшоҳе аз эшон ба тахти шоҳӣ ҷой гирад, таърихи подшоҳони пешро канор мегузоранд ва аз оғози салтанати подшоҳи нави худ таърих мешуморанд. Билҷумла асҳоб дар ин маъсала бо якдигар ихтилоф карданд. Ва Шаъбӣ[51] ривоят мекунад, ки Абӯмӯсо Ашъарӣ[52] ба Умар бинни Хаттоб навишт, ки «аз шумо ба мо номаҳо, меояд, ки бидуни таърих аст». Ва Умар девонҳо ва дафтарҳое тартиб дода буд, ки хирочи мамлакатро дар он ҷо сабт мекард ва ба таърих ниёзманд шуд. Ва таворихи қадимиро дӯст намедошт. Ва дар ин ҳангом буд, ки асҳобро ба даври худ ҷамъ кард ва бо эшон мушовара кард ва чун ягона вақте ки аз ҳар шубҳа дур буд, замони ҳиҷрат буд, ки пайғамбар ба Мадина расид. Ва он рӯзи душанбе ҳаштуми рабеулаввал буд, ки оғози он сол рӯзи панҷшанбе буд. Умар онро мабдаи таърих донист. Ва ҳар чиро, ки ниёзманд мешуд, бо ин таърих рафъи ниёзмандӣ менамуд. Ва ин воқеа дар ҳафдаҳумин соли ҳиҷрат буд.

Дар мавлуд ва маъбаси пайғамбар ба қадре хилоф аст, ки намешавад онро асл донист, зеро аслу мабдаъ дар таърихҳо бояд воқеае бошад, ки дар он хилоф набошад. Ва Шаъбӣ мегӯяд: «Дастае аз асҳоб гуфтаанд, ки мавлиди пайғамбар дар душанбе буда ва порае дигар гуфтаанд, ки шаби душанбе ҳаштум бувад

facebook.com/Китобхона
ва ҷамъе гуфтанд, ки сездаҳуми рабеулаввал бувад». Ва низ ихтилоф шуд, ки таваллуди пайғамбар дар чиҳилу шашумин соли подшоҳии Анушервон бошад. Ин буд, ки дар миқдори умри пайғамбар мутобиқи ин ихтилофот низ ихтилоф шуд ва ҳамчунин солҳо бо якдигар тафовут доранд, дастае макбусанд ва гурӯҳе пас аз ин ки насӣ ҳаром шуд ғайри макбус.

Ва низ сабаби ин ки ҳиҷратро мабдаъ донистанд, ин аст, ки пас аз ҳиҷрат амри ислом рост омад ва куфр рӯ гардонид. Ва пайғамбар аз домҳое, ки кофирони Макка барои ӯ густаронида буданд, раҳоӣ ёфт ва пайваста фатҳе пас аз фатҳи дигар барои ӯ даст медод. Пас ҳиҷрат аз барои пайғамбар монанди қиёми салотин ба подшоҳӣ ва пок кардани кишвар аз мухолифон маҳсуб аст.

Аммо вақти вафоти пайғамбар агарчи маълум бувад, вале писандида нест, ки ба марги пайғамбаре ва ё ҳалоки подшоҳе таърих гузошт, магар ин ки пайғамбаре бошад дурӯғин ва ё он подшоҳ душмани кишваре бошад, ки мардум аз марги ӯ хушнуд шуда бошанд ва беҳтар он аст, ки марги ӯро ид бидонанд ва ё ки ин подшоҳ касе бошад, ки салтанате ба инкирози ӯ мунқариз шуда бошад ва пайравону дӯстдорони ӯ аз боби таассуф ва сӯгворӣ аз ин воқеа ба марги ӯ таърих бигузорад. Ва ин кор ҳам бисьёр каму нодир аст.

Монанди Искандари Мақдунӣ, ки чун ӯ дар шумори ашхосе бувад, ки бо ӯ таърих аз мулуки Калдонӣ ва Мағрибӣ ба Батолиса, ки муфради он Батламиюс аст, яъне марди ҷангӣ мунтақил шуд, ба марги ӯ таърих гузоштанд.

Ва низ монанди Яздигурд бинни Шаҳриёр, ки маҷус ба вақти ҳалоки ӯ таърих гузоштанд, зеро салтанати эрониён ба ҳалокати Яздигурд барчида шуд. Ва зардуштиҳо аз роҳи ҳузну андӯҳ ба Яздигурд ва барои таассуфу афсӯс хӯрдан ба заволи истиқлоли эрониён ба марги ин подшоҳ таърих оғоз карданд.

Мусулмонон дар аҳди пайғамбар ҳар солеро, ки миёни ҳиҷрат ва вафот бувад, ба номи махсусе, ки аз воқеае, ки дар он сол рӯй дода буд, муштақ намуда, ном гузошта буданд. Ва нахустин соли пас аз ҳиҷратро «санат-ул-изн» ва соли дуввумро «санат-ул-амр билқитол», меномиданд ва соли саввумро «санат-ул-талҳис» ва соли чаҳорумро «санат-ул тарфеҳ» ва панҷумин солро

facebook.com/Китобхона

«санат-ул-залзол» ва шашумин солро «санат-ул астиънос» ва ҳафтумин солро «санат-ул истиғлоб» ва ҳаштумин солро «санат-ул-истиво» ва нӯҳумин солро «санат-ул-бароат» ва даҳумин солро «санат-ул-вафъ» меномиданд. Ва ҳамин ки яке аз ин номҳоро ба забон меоварданд, кифоят мекард, ки бигӯянд: «Чӣ соли ҳичрӣ аст»?

Сипас таърихи подшоҳии Яздигурд бинни Шаҳриёр бинни Кисро бинни Парвез аст. Ва ин таърих ба солҳои порсӣ аст ва макбус нест. Ва чун амал ба он саҳлу осон аст, ин аст, ки дар зиҷҳо ин таърих зикр мешавад ва бад-ин сабаб таърихи ин подшоҳ аз дигар таърихи салотини Эрон машҳуртар шуд, ки ӯ пас аз гусехтагии шерозаи салтанат ва чира шудани занҳо бар малик ва ғалабаи ашхосе, ки мустаҳаки ин мақом набуданд, ба подшоҳӣ қиём кард. Ва низ охирин подшоҳи Эрон буд, ки шикаст хӯрд ва бештар ҷангҳои Эрон ва вақоеи машҳур бо Умар бинни Хаттоб ба дасти ӯ ҷорӣ шуд, то он ки саранҷоми салтанат аз дасти ӯ берун рафт ва шикаст хӯрд ва ба дасти осиёбоне дар Марви Шоҳҷон кушта шуд.

Пас аз ин таърих таърихи Аҳмад бинни Талҳа амирал-мӯъминини Мӯътазид[53] Биллоҳи Аббосӣ аст. Ва ин таърих ба солиёни румӣ ва моҳҳои форсӣ аст, вале ба маъхази дигаре ва ин таърих дар ҳар чаҳор сол як рӯз кабиса мешавад.

Сабаби вазъи ин таърих, чунон ки Абӯбакри Сулӣ[54] дар китоби «Авроқ» мегӯяд ва Ҳамза бинни Ҳусайни Исфаҳонӣ дар рисолаи худ, ки дар ашъори машҳур дар Наврӯз ва Меҳргон навишта, гуфта, ин аст, ки Мутаваккили Аббосӣ[55] дар шикоргоҳи худ машғули гардиш буд, ногоҳ ба киштзоре расид, ки ҳанӯз хӯшаҳои он нарасида буд ва мавқеи дарав нашуда буд. Ва гуфт: «Убайдулло бинни Яҳьё[56] аз ман ичоза хост, ки аз мардум молиёт ва хироҷ бистонад, бо он ки ҳанӯз ҳосил ба даст наёмада ва ғалла сабз аст ва мардум аз кучо биёваранд, ки то ба мо хироҷ диҳанд. Дар посух арза доштанд, ки ин кор зиёнҳои фаровон ба мардум ворид сохта ва раоё матои дастранҷи худро пеш фурӯш менамоянд, то хироҷи девонро пардохт намоянд». Ва дастае ҳам чун аз пардохти молиёт нотавон ҳастанд аз ватани модарзоди худ кӯч мекунанд ва мардум аз ин кор бисьёр шикоятҳо доранд.

Мутаваккил гуфт: «Оё ин кор дар ахди ман шуд, ё

facebook.com/Китобхона
он ки пеш аз ман ҳам буда?» Гуфтанд, ки «ин кор аз одатҳои подшоҳони Эрон аст, ки дар аввалҳои Наврӯз аз раоёи худ хироҷ меситонанд ва подшоҳони Эрон дар ин кор пешрав ва сармашқи мулуки араб шуданд».

Мутаваккил чун ин посухро шунид, бифармуд, то мӯбадро ҳозир карданд ва ба мӯбад гуфт, ки «дар ин масъала бисьёр гуфтугӯ шудааст, ман ҳам наметавонам аз русуму одоти подшоҳони Эрон по берун ниҳам. Ва бо он ки подшоҳони Эрон мардуми боотифа ва раиятпарвар буданд ва ба адл машҳури ҷаҳониён ва ҳамвора дар кори мардум назар доштанд, чаро дар аввали Наврӯз, ки ҳанӯз хирман ба даст наёмада, аз раияти худ хироҷ мегирифтанд?»

Мӯбад арза дошт: «Ҳарчанд подшоҳони Эрон ҳангоми Наврӯз аз раият хироҷ мехостанд, вале Наврӯз ҳангоме фаро мерасид, ки ҳосилот ба даст омада буд».

Мутаваккил гуфт: «Чи тавр чунин чизе нишон дорад?» Мӯбад чигунагии солҳо ва шумори рӯзҳоро бо ниёзмандии онҳо ба кабиса барои Мутаваккил баён кард. Ва гуфт: «Эрониҳо ҳамвора солро кабиса мекарданд ва чун дини ислом омад ва салтанати моро аз миён бурд, кабиса аз байн рафт. Ва ин нестшавӣ ва аҳамият надодан ба кабиса аст, ки сабаби зиёни мардум шуда ва деҳқонон дар аҳди Ҳишом бинни Абдумалик[57] дар назди Холиди Қасрӣ[58] ҷамъ шуданд ва барои ӯ шарҳ доданд, ки саҳлангорӣ дар амри кабиса боиси зиёнҳои бисьёр шуда ва аз ӯ дархост карданд, ки як моҳ Наврӯзро ба таъхир андозад. Холиди Қасрӣ аз баровардани ҳоҷати деҳқонон шона тиҳӣ кард ва ин хабарро ба Ҳишом бинни Абдулмалики Умавӣ навишт. Ҳишом посух дод, ки «ман метарсам ин кор дар шумори насӣ бошад, ки худованд фармуда насйи зиёдат дар куфр аст». Ва чун рӯзгори Хорунаррашид[59] расид, низ мардум ба даргоҳи Яҳьё бинни Холид бинни Бармак[60] ҷамъ шуданд ва аз ӯ дархост карданд, ки ду моҳ Наврӯзро ақиб биандозад. Ва Яҳьё тасмим гирифт, ки ҳоҷати эшонро бароварад, вале душманони Бармакӣ сӯиқасде ташкил доданд ва гуфтанд, ки «Яҳьё барои мачусият, ки кеши падаронаш буда, таассуб харҷ медиҳад». Ин буд, ки Яҳьё низ аз ин кор сарфи назар кард ва ҳамин тавр амри кабиса бимонд.

Пас аз он ки суханони Мӯбад тамом шуд, Мутаваккил Иброҳим бинни Аббоси Сулиро[61] ба дарбор даъ-

facebook.com/Китобхона
ват кард ва ӯро амр намуд бо Мӯбад дар бораи Наврӯз ҳамроҳӣ кунад ва рӯзҳоро бишуморад ва қонуни тағьирнопазире вазъ намояд. Ва аз тарафи Мутаваккил ба ҳамаи шаҳрҳо бинависад, ки Наврӯзро таъхир биандозанд. Ва чун Иброҳим бинни Аббоси Сулӣ бо Мӯбад нишастанд ва ҳисоб намуданд, бар ин азм шуданд, ки Наврӯзро ба ҳафдаҳум биандозанд. Ва Мутаваккил низ ин раъйро писандид ва ба офоқу атрофи кишвар номаҳо навиштанд, ки ҳокимон низ чунин кунанд. Ва ин воқеа дар муҳаррами дусаду чилу сеи ҳичрӣ буд. Ва Бӯҳтуриро[62] дар ин мавзӯъ чаккомаест, ки ин Мутаваккилро бо он кори бузург мадҳу ситоиш карда ва мегӯяд: (Иди Наврӯз ба ҳамон аҳде, ки Ардашер онро вазъ карда буд, баргашт ва ту ин идро ба ҳолати нахустини худ баргардонидӣ, бо он ки Наврӯз пайваста саргардон буд ва вазъи собите надошт. Ва дар ин рӯз кушоиши хироҷро оғоз намудӣ ва раиятро дар ин кор бисьёр мувофиқату мурофиқат шуда, вазифаи онон ба сипосгузорӣ ва санохонӣ барои туст ва вазифаи ту адлу дод бар онон аст).

Ва Мутаваккил натавонист ин корро ба поён расонад ва Мӯътазид ба ҷои ӯ нишаст. Ва пас аз он ки кишварро аз вуҷуди мардуми ёғию саркаш пок кард ва фурсате ёфт, ки ба умури раият саркашӣ кунад, муҳимтарин чизе, ки ба назари ӯ расид, амри кабиса буд, ки бояд онро ба итмом расонад. Ва Мӯътазид монанди Мутаваккил тасмим гирифт, ки Наврӯзро ба таъхир андозад, ҷуз ин ки миёни Мутаваккил ва Мӯътазид ин фарқ аст, ки Мутаваккил миёни солеро, ки дар ӯ буд ва соли аввали таърихи подшоҳии Яздигурдро гирифт. Ва Мӯътазид миёни солеро, ки дар ӯ буд ва солеро, ки подшоҳӣ аз дасти эрониён ба ҳалокати Яздигурд берун рафт ва ё худ Мӯътазид бар ин гумон буд ва ё дигар ашхосе, ки ин кор ба дасти эшон шуд, ки эрониён аз замони ҳалокати Яздигурд кабисаи худро саҳлангорӣ намудаанд. Ва ин муддатро дувисту чиҳилу се сол ёфтанд, ки насиби он аз чаҳорьяки шаст рӯзу касре хоҳад буд. Ва Мутаваккил ин шаст рӯзро бар соли худ биафзуд ва охири ин аём донист, ки аввалин рӯзи хурдодмоҳи он сол буд ва рӯзи чаҳоршанбе ва мувофиқ ба ёздаҳуми ҳазирон. Сипас Наврӯзро ба моҳҳои румӣ бурданд, то он ки ҳар вақт румиён моҳҳои худро кабиса мекунанд, Наврӯз низ кабиса мешавад. Ва он

facebook.com/Китобхона
кас, ки тартиб додани ин корро ӯҳдадор буд ва ба поён расонид, Абулқосим Абдулло бинни Сулаймон бинни Ваҳб буд, ки Алӣ бинни Яҳьёи мунаҷҷим дар ин кор мегӯяд: (Эй зиндакунандаи шарафи покиза ва ободкунандаи мулки харобшуда. Ва барқароркунандаи рукнҳои дини парешону изтиробшуда! Дар шарти ин кор аз ҳама подшоҳони машҳури гузашта ту пешӣ кардӣ. Наврӯзи таъхирдодашударо ба пеш оварда, кори накӯ кардӣ. Ту бо Наврӯз бифахр, зеро ки соҳиби шукру таҳнияти мардум гаштӣ).

Ва низ Алӣ бинни Яҳьё дар ин бобат мегӯяд:

(Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки таъхирнопазир аст. Ҳамеша он аз ёздаҳуми моҳи ҳазирон сар мешавад).

Ва агарчи дар ин кор бисьёр диққат намуданд, вале Наврӯз ба кабисае, ки сазоворӣ дошт, нарасид, зеро эрониён аз ҳафтод сол пештар аз Яздигурд кабисаи худро вогузошта буданд. Ва дар замони Яздигурд бинни Шопур ду моҳ кабиса карда буданд: Як моҳ барои ин ки сол бояд ба таъхир афтад, ки воҷиб бувад, чунон ки баъдан хоҳем гуфт ва як моҳ барои оянда, то он ки замони дарозе аз кабиса дилосуда бошанд. Ва чун аз солҳое, ки миёни Яздигурд бинни Шопур ва Яздигурд бинни Шаҳриёр саду бист сол кам кучем ба таври тақриб, на ба таҳқиқ ҳафтод сол хоҳад монд, зеро таърихҳои эрониён бисьёр омехта аст ва ҳиссаи ин ҳафтод сол ҳафдаҳ рӯз мешавад. Пас бояд мутобиқи қиёс бисту ҳашт рӯз ба таъхир афтад, на шаст рӯз, то он ки дар натиҷа Наврӯз дар бисту ҳаштуми моҳи ҳазирон бошад. Валекин шахсе, ки ин корро ӯҳдадор буд, чунин гумон кард, ки равиши эрониён дар кабиса монанди равиши румиён аст. Ин буд, ки бар тибқи ин гумони ғалат оғози ҳисоби худро аз заволи мулки эшон гирифт, бо он ки ҳақиқати амр чунин нест. Ва мо онро ба таври машрӯҳ баён кардем.

Ин бувад охирин таърихи машҳур ва шояд умматҳоеро, ки ватанҳояшон аз мо дур аст, таърихҳои дигаре бошад, ки мо аз он бехабарем. Ва он таърихҳо вогузошта шуда бошад, монанди таърихи эрониён дар аҳде, ки зардуштӣ буданд, ки ба қиёми ҳар подшоҳе таърих мегузоштанд ва чун ҳар подшоҳе мемурд, таърихи ӯро тарк менамуданд ва аз нав ба оғози подшоҳи дигар, ки ҷонишини ӯ буд, оғоз мекарданд.

Ва муддати подшоҳии эшон дар ҷадвалҳое, ки ҳо-

facebook.com/Китобхона
ҳад омад, мазкур аст. Ва монанди Бани Исмоил аз тозиён, ки ба сохтмони Каъба ба дасти Иброҳим ва Исмоил таърих мегузоштанд, то он ки пароканда шуданд ва аз Тиҳома берун рафтанд. Ва онон ки аз Тиҳома берун рафтанд, ба хуруҷи худ таърих гузоштанд ва онон ки боз монданд, ба охирин даста аз рафтагон таърих шурӯъ карданд, то он ки таърих тӯл кашид. Ва ба соли раёсати Амру бинни Рабеа, ки маъруф ба Амру бинни Яҳьё аст, таърих ниҳоданд ва ин мард касе аст, ки мегӯянд: Дини Иброҳимро табдил дод ва аз шаҳри Балқоъ бути Хуболро овард ва Исофу Номаро сохт. Ва чунон ки нақл карданд ва аҳди Шопури Зулактоф[63] буд, вале ҷамъ миёни ду қавли фариқайн дар таърих бо ин матлаб гувоҳӣ намедиҳад.

Сипас арабҳо ба соли марги Каъб бинни Лувӣ то омулғадр, ки соле аст, ки порае аз мулуки Ҳимьяр барои Каъба ҷомаҳое фиристода буданд ва Бану Ярбӯъ онҳоро ғорат карданд ва мардум бо гурӯҳи дигар дар Каъба низоъ намуданд, таърих гузоштанд.

Пас аз ин таърих тозиён аз омулғадр то омулфил, ки худованд макри ҳабашаро, ки барои хароб кардани Каъба омада буданд, ба худи эшон баргардониданд ва ҳамагиро аз миён бурд, таърих мегузоштанд.

Ва қисме аз арабҳо ба воқеаҳои машҳур ба айёми мазкур, ки миёни эшон дар ҷоҳилият рӯй дода буд, таърих мегузоштанд. Монанди явм-ул-Фиҷор, ки дар моҳи ҳаром буд ва ҳилф-ул-Фузул ва он рӯзе буд, ки Қурайш бо ҳам савганд ёд карданд, ки шахси ситамдидаро дар ҳарам ёрӣ кунанд, зеро қисме аз мардум дар ҳарам ба мардум ситам менамуданд ва монанди соли марги Ҳишом бинни Муғираи Махзумӣ, ки барои шукӯҳи ӯ ва бинои Каъба ба ҳукми пайғамбар таърих гузоштанд. Ва монанди воқеаҳою ҷангҳое, ки дар миёни Авс ва Хазраҷ рӯй дода, мисли явм-ул-Фазо, явм-ур-Рабеъ, явм-ур-Рубоҳат, явм-ус-Сурора, явми Дохис ва Ғаброъ, явми Буғос ва Хотиб, явми Мазрис ва Муаббис ва низ монанди рӯзҳои дигаре, ки миёни Бакр бинни Воил ва Тағлиб бинни Воил рӯй дод, ҳамчунин явми Унайзат, явм-ул-Ҳинв, явми Таҳлоқ-ул Лимам, явм-ул-Кусайбот, явм-ул-Фосил ва дигар рӯзҳое, ки миёни тоифаҳои араб иттифоқ афтод, ки ҳар як ба маконе, ки ин ҷанг дар он ҷо шуда ва ё ба сабабе, ки боиси фурӯзиши оташи ҷанг гашта, мансуб аст.

facebook.com/Китобхона
Ва агар ин таърихҳо ба ҳамон тариқа, ки таърихҳои ҷорӣ бувад, маҳфуз мемонд, мо ҳам вақтеро, ки дар амри дигар таърихҳо мекардем, дар бораи онҳо менамудем. Вале гуфтаанд, ки миёни соли марги Қаъб бинни Лувӣ ва омулғадр панҷсаду бист сол буда ва миёни омулғадру явм-ул-Фосил саду дах солу панҷоҳ рӯз, ки аз ворид шудани Асҳоби Фил ба Макка гузашта ва пайғамбар мутаваллид шуд. Ва миёни он рӯзу ом-ул-Фиҷор бист сол буд ва пайғамбар фармуд: «Ман дар ом-ул-Фиҷор ҳозир шудам ва тирҳоеро, ки ба сӯи мо партофта мешуд, барои амакҳоям ҷамъ мекардам». Ва муддати фосилаи миёни ом-ул-Фиҷор ва бинои Каъба бисту панҷ сол аст. Ва миёни бинои Каъба ва расидани мартабаи пайғамбарӣ ба Муҳаммад панҷ сол буд.

Ҳамчунин ҳимяриҳо ва Бану Қаҳтон ба тобеиёни худ таърих мегузоштанд. Чунон ки эрониён ба подшоҳони сосонӣ ва румиён ба қайсарҳо таърих мегузоштанд. Валекин подшоҳии ҳамяриҳо бар як низом ҷорӣ набуд ва таърихи эшон дарҳаму барҳам аст, ҳар чанд ки мо бо ҳама ин ошуфтагиҳо ин таърихҳоро бо муддати салтанати мулуки лахмиён, ки дар Қира ҷой доштанд ва он ҷоро пас аз дохил шудан, ватани дуюмӣ дониста буданд, дар ҷадвалҳое, ки хоҳад омад, ба даст овардаему сабт намудаем.

Аҳли Хоразм низ ба ҳамин тариқ рафтор мекарданд ва ба оғози бинои Хоразм таърих мегузоштанд, ки нӯҳсаду ҳаштод сол пеш аз Искандар буда ва аз он ба ворид шудани Сиёвуш писари Кайковус ва салтанати Кайхусрав ва хонадони ӯ дар Хоразм таърих гузоштанд. Ва ин воқеа наваду ду сол пас аз сохтани Хоразм буд.

Сипас хоразмиён аз раъйҳои эрониён дар таърих, ки ба ҳар як зодагони Кайхусрав, ки ба «Хоразмшоҳ» маъруф мешуданд, пайравӣ карданд, то он ки Офриғ[64], ки аз нажоди Кайхусрав буд, ба шоҳӣ расид. Ва мардуми Хоразм ба ин подшоҳ фоли бад мезаданд. Чунон ки эрониён ба Яздигурди гунаҳкор пешгӯии бад мекарданд. Ва пас аз Офриғ писари ӯ ба салтанат расид ва кохи худро бар пушти Фир дар соли шашсаду шонздаҳи искандарӣ бино кард. Ва хоразмиён ба ӯ ва ба зодагони ӯ таърих гузоштанд ва ин Фир дар канори шаҳри Хоразм диже буд, ки аз хишту гил се қалъаи дарун ба дарун, ки

facebook.com/Китобхона

ҳар як аз дигаре баландтар бувад, бино шуда буд. Ва фавқи ҳамаи ин дижҳо кохи салтанатӣ буд, монанди Ғумдон дар Яман, ки ҷойгоҳи табобеа буд. Ва Ғумдон қалъаест, ки рӯ ба рӯи масҷиди ҷомеи шаҳри Санъо мебошад ва аз санг сохтааст. Ва мегӯянд, ки Сом бинни Нӯҳ пас аз тӯфон он ҷоро сохт ва чоҳеро низ, ки канда буд, дар он ҷост. Ва низ гуфтаанд, ки ин қалъа ҳайкале буд, ки Заҳҳоқ ба номи Зӯҳра сохта буд.

Қасри Фир аз миқдори бештар аз даҳ мил дида мешавад. Ва наҳри Ҷайҳун ин қасрро аз миён бурд ва ҳар сол порае аз бинои онро нест кард, то он ки дар соли ҳазору сесаду панҷи искандарӣ осоре аз он намонд.

Ҳангоме, ки пайғамбари ислом ба паёмбарӣ баргехта шуд Арсомсух бинни Бузгор бинни Хомкарӣ бинни Шовуши Сихр бинни Азхоҷвор бинни Аскаҷмук бинни Саххасак бинни Буғра бинни Офриғ подшоҳи Хоразм буд. Ва чун Қутайба бинни Муслим[65] дар дафъаи дуввум Хоразмро гирифт ва аҳли он муртад шуда буданд, Аскаҷмук бинни Азкоҷвор бинни Сабрӣ бинни Сихр бинни Арсомухро барои эшон подшоҳ қарор дод ва вилоят аз хонадони хусравиён берун рафт. Ва танҳо шоҳӣ дар эшон чун ирсӣ буд, пойдор монд ва таърихи эшон ба ҳиҷрат даргузашт ва бо дигар мусулмонон дар таърихягонагии фикр ҳосил карданд.

Қутайба бинни Муслим ҳар касро, ки хатти хоразмӣ медонист, аз дами шамшер гузаронид. Ва онон, ки аз ахбору иттилоот миёни худ тадрис мекарданд, эшонро низ ба дастаи пешин мулҳақ сохт. Бад-ин сабаб ахбори Хоразм тавре пӯшида монд, ки пас аз ислом намешавад онҳоро донист. Ва вилоят дар эшон пас аз ин хабар дар дасти қабилаҳо давр мезад, то он ки пас аз Шаҳид Абӯабдулло Муҳаммад бинни Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Афроқ бинни Мансур бинни Абдулло, бинни Таркасбоса бинни Шовушфар бинни Азкаҷмук бинни Азкаҷвор бинни Сабрӣ бинни Сихр бинни Арсамух, ки гуфтем, пайғамбар дар аҳди ӯ ба мартабаи пайғамбарӣ расид, вилояту хоразмшоҳӣ ҳар ду аз дасти эшон бадар рафт.

Ин буд он чиро, ки ман аз таворихи машҳур бохабар шуда будам. Ва фаро гирифтани ҳамаи таворих барои одамӣ мумкин нест. Ва худованд моро ба рохи савоб тавфиқдиҳанда аст.

facebook.com/Китобхона

ФАСЛ

ДАР ҲАҚИҚАТИ ЗУЛҚАРНАЙН

Ногузир ҳастем, ки ҳақиқати ин исмро, ки Зулқарнайн бошад, дар фасле чудогона баён кунем, зеро агар барои ин баҳс фасле ба танҳой тартиб намедодам ва дар дунболи таърихҳои собиқулзикр эрод менамудам, он тартиберо, ки таърихҳо бояд доро бошанд, қатъ карда будам. Аз қиссаҳои Зулқарнайн ва корҳои ӯ дар «Қуръон» ҳикоят шуда, ки ҳар кас оёти махсус ва ахбори ӯро бихонад, хоҳад донист. Ва он чи аз ин оёт бармеояд, ин аст, ки ӯ марде қавӣ ва солеҳу шуҷоъ буд. Ва худованд ба ӯ кудратеву салтанати бузург бахшида буд ва ӯро аз мақосиде, ки дар Шарқу Ғарбзамин дошт, ки иборат аз фатҳи шаҳрҳо ва раёсату фармонравой бар ибод бошад, оламгир карда буд. Ва ӯ тамоми кишварҳои рӯи заминро як кишвар гардонид ва аз масоили мусаллам, ки мешуд дар он даъвои иҷмоъ намуд, ин аст, ки Зулқарнайн дар Шимолзамин дохил ба зулмат шуд ва дуртарин ободониҳои рӯи заминро мушоҳида кард. Ва бо башару маймунҳо ҷангҳои хунин намуд. Ва аз хурӯҷи Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ ба шаҳрҳое, ки дар Машриқзамину Шимолзамин буд, ҷилавгирӣ кард ва аз туғьёни ин ду қавм ин тавр мамониат намуд, ки аз шикофе, ки бояд эшон хориҷ шаванд, қитъаоте аз оҳан, ки бо сурб онҳоро бо якдигар пайванд дода буд, деворе ва садде сохт, чунон ки санъаткорон ҳам ин қабил корҳо мекунанд.

Чун Искандар ибни Филифуси Юнонӣ салтанати Румро аз мулук-ут-тавоифӣ наҷот дод, ба сӯи мулуки Мағриб шитофт ва эшонро дар ҳам шикаст ва пешрафти худро идома дод, то он ки ба баҳри Ахзар[66] расид. Сипас ба сӯи Миср баргашт ва шаҳри Искандарияро бино кард ва ба номи худ он шаҳрро ном гузошт. Сипас ба тарафи Шому бини Исроил, ки дар Шом буданд, мутаваҷҷеҳ шуд ва ба Байтулмуқаддас омад ва дар курбонгоҳи маъруфи он курбонӣ кард ва курбониҳое дар он ҷо гузаронд. Сипас сӯи Армания ва Бобулабвоб рафт ва аз он ҷо ҳам гузашт ва қибтиҳою барбарҳо ва ибриён ҳама юғи амри ӯро ба гардан ниҳоданд.

Пас ба сӯи Доро бинни Доро[67] шитофт барои хунхоҳӣ аз Бухтанассар ва аҳли Бобул дар корҳое, ки дар Шом карда буданд ва чандин дафъа бо Доро ба ҷанг пардохт ва ӯро мағлуб намуд. Ва дар яке аз ин ғазовот

facebook.com/Китобхона

раиси посбонони Доро, ки Навҷунбас ибни Озарбахт буд, Дороро бикушт ва Искандар ба мамолики Доро чира шуд ва касди Ҳинду Чин намуд ва бо умматҳои зери даст ба ҷанг пардохт. Ва бар ҳар ноҳия, ки мегузашт, ғолиб мешуд, то он ки ба Хуросон баргашт ва он ҷоро ҳам фатҳ кард. Ва шаҳрҳое дар Хуросон бино карда, ба сӯи Ироқ муроҷиат намуд ва дар Шаҳразӯр ранҷур шуд ва ҳамон ҷо бимурд. Ва чун ки дар мақсадҳои хеш ҳикматро сармашқ мекард ва барои муаллими худ Арасту дар мушкилоте, ки барои ӯ рӯй медод, амал мекард, бад-ин сабаб ӯро «Зулқарнайн» гуфтанд.

Ва дастае ин лақабро ин тавр таъвил карданд, ки ба ду ҷойгоҳи Шамс, яъне маҳали тулӯъ ва ҷойгоҳи ғуруби он расид, чунон ки Ардашери Баҳманро «Дарозdаст» гуфтанд, барои ин ки ба ҳар куҷо, ки мехост, амри худро мегузаронд ва мисли ин буд, ки дасти худро дароз мекард ва ба он ҷо мерасонид.

Ҷамъи дигар ин тавр таъвил карданд, ки Зулқарнайн аз ду қарни насли мухталиф ба вуҷуд омад ва мақсудашон Руму Фурс бувад. Ва барои ин гуфтор ҳикоятеро, ки форсиён монанди гуфтори душман барои душмани худ сохтаанд, гувоҳ оварданд, ки чун Дорои Акбар модари Искандарро, ки духтари Филифус бошад, ба занӣ гирифт ва бӯи бад дар ӯ ёфт ва ӯро нахост ва ба падараш рад кард. Ва ин духтар аз Доро ҳам обистан буд. Ва ин ҷиҳат Искандарро ба Филифус нисбат доданд, ки тарбияти ӯро Филифус мутакаффил будааст. Ва барои ин ҳикоят гуфтаи Искандарро ба Доро, ки дами марг бар болини Доро расид ва рамаке дар ӯ ёфт ва гуфт: «Бародари ман, ба ман бигӯ, ки туро чунин кард, то ман интиқом аз ӯ бикашам», гувоҳ оварданд. Искандар ба Доро бад-ин сабаб чунин хитоб кард, ки хост бо ӯ мурофиқат кунад ва миёни ӯ ва худ баробарӣ қоил шавад, чун муҳол буд, ки Дороро подшоҳ хитоб кунад, ё ин ки исми ӯро биёварад ва аз ин рӯ ҷафое бар ӯ раво дорад, ки подшоҳро муносиб нест. Валекин душманон пайваста ба таънаи насабҳою тӯҳмат дар аъроз ва нисбати бад дар корҳо мекӯшанд. Чунон ки дӯстону пайравони шахс ҳамвора дар таҳсини зишт ва садди халал ва изҳори ҷомил ва дар нисбат ба маҳосин саъй мекунанд. Ва он ки ин байт гуфтаи ҳар ду дастаро тавсиф кардааст: (Агар бо чашми қаноату хайр бинигарӣ, ҳеҷ айбро намебинӣ. Валекин бо чашми баду айбҷӯй бинигарӣ, он гоҳ чандин айбҳоро дармеёбӣ).

facebook.com/Китобхона
Васо мешавад, ки ба воситаи ҳамин нукта, ки гуфтем, ҷамъеро водор мекунад, ки дурӯғҳое бисозанд ва мамдӯҳи худро ба асли шарифе нисбат бидиҳанд. Чунон ки барои Абдурразоқи Тӯсӣ[68] дар «Шоҳнома» насабе сохтаанд ва ӯро ба Манучеҳр нисбат додаанд, ва чунон ки барои Оли Бувайҳ сохтаанд.

Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Ҳилоли Собӣ[69] дар китоби худ, ки онро «Тоҷ» ном гузоштааст, чунин мегӯяд: «Бувайҳ бинни Фанохусрав бинни Сомон бинни Кӯҳӣ бинни Шерзили Асғар бинни Шерқазаҳ бинни Шерзили Акбар бинни Шерон бинни Шерфанаҳ бинни Систоншоҳ бинни Сисинхуррот бинни Шерзил бинни Сиснозар бинни Баҳроми Гӯрмалик».

Ва Абӯмуҳаммад Ҳасан бинни Алии Ноно дар китоби худ, ки ахбори оли Бувайҳро мухтасар кардааст, чунин мегӯяд: «Бувайҳ бинни Фанохусрав бинни Сомона». Сипас дар Сомон ҳам ихтилоф шуд. Қисме гуфтанд: «Сомон бинни Кӯҳӣ бинни Шерзили Асғар». Ва қисме Кӯҳиро инкор карданд ва гуфтанд: «Шерзили Акбар бинни Шерон бинни Шоҳ бинни Шерпаноҳ бинни Сиистоншоҳ бинни Сисинхуррот бинни Шерзил бинни Сиснозар бинни Баҳром».

Пас дар Баҳром ҳам ихтилоф карданд. Онон, ки Баҳромро ба Фурс нисбат доданд, чунин гуфтанд: «Баҳроми Гӯр» ва ҳамон насабе, ки дар фавқ зикр шуд, зикр кардаанд. Ва онон, ки Баҳромро араб донистанд, гуфтанд: «Баҳром бинни Заҳҳоқ бинни Алабяз бинни Муовия бинни Дайлам бинни Босил бинни Заббат бинни Уд ва дар ҷумлаи падарони ӯ Лоҳу бинни Дайлам бинни Босилро зикр карданд. Ва бад-ин сабаб авлоди ӯро «лаёҳиҷ» гӯянд.

Валекин агар касе он чиро ман дар оғози китоб гуфтам, муроот кунад, яъне миёнаи ифрот ва тафрит ҳадди эътидолеро бигирад, аз ин қабила фақат ин миқдор хоҳад шинохт, ки Бувайҳ писари Фанохусрав аст. Ва қавмҳои Дайлам ба ҳифзи ансоб маъруф набуданд ва касе ҳам чунин иддиое нанамудааст. Ва бисьёр кам иттифоқ меафтад, ки бо мурури замон насабҳо ба таволӣ маҳфуз бимонад ва ягона замоне, ки барои нисбат ба хонадоне бокӣ аст, он аст, ки ҷумҳуру халқ бар он иттифоқ кунанд.

Чунон ки дар бораи саиди авлоди Одам чунин иттифоқе раво дода, ки насаби ӯ бад-ин қарор аст: Муҳаммад бинни Абдулло бинни Абдулмуталиб бинни

facebook.com/Китобхона
Ҳошим бинни Абдуманоф бинни Қисай бинни Қилоб бинни Мурра бинни Каъб бинни Лувӣ бинни Ғолиб бинни Фиҳр бинни Молик бинни Наср бинни Кинона бинни Ҳуҷийма бинни Мудрика бинни Ильёс бинни Музар бинни Низор бинни Маъад бинни Аднон.

Ва ҳеҷ як аз арабу аҷам дар таволии ин насабҳо шакке надорад. Чунон ки дар ин ҳам шак надоранд, ки ӯ аз валади Исмоил бинни Иброҳим алайҳимуссалом аст. Ва он чи ки аз падарони ӯ аз Иброҳим таҷовуз кунад, дар «Таврот» мазкур аст. Ва аммо миёнаи Исмоилу Аднон аз табдили исмҳо ва зиёдату нуқсони порае аз номҳо хилофҳои зиёде аст, ки дар он ҳукм баровардан осон нест.

Ва монанди ҳазрати амир саиди замон мансури валӣ Неъматулло Шамсулмаолӣ, ки худованд бақои ӯро дароз кунад, ки ҳеҷ як аз дӯстони ӯ, ки ҳамвора худованд эшонро ёрӣ кунад, ва ҳеҷ як аз мухолифони ӯ, ки худованд эшонро сарафканда кунад, шарафи қадиму маҷди асили ӯро аз тарафайни падару модар инкор намекунад.

Яке аз ду асл Вардоншоҳ аст, ки хукумат дар Ҷабал дошт ва ӯ ғайр аз амири шоҳид Мардовичи[70] шаҳид аст.

Ва асли дигар мулуки Ҷиболанд, ки ба сипаҳбудӣ ва ба «Табаристони Фарҷварҷушоҳия» мулаққабанд. Ва ҳеҷ кас ҳам мункир нест, ки хонаводаи салтанатӣ бо Сосониён аз як тоифаанд, зеро доии Шамсулмаолӣ Рустам бинни Шарвин бинни Рустам бинни Қорин бинни Шаҳриёр бинни Шарвин бинни Сурхоб бинни Бов бинни Шопур бинни Каюс бинни Қубод аст, ки падари Анушервон[71] буд.

Худованд салтанати Машриқу Мағрибро барои махдуми мо дар уфуқи олам баргузинад. Чунон ки шарофати хонадонро барои ӯ аз ду тараф, падару модар, баргузида, зеро ин кор ба дасти ӯст ва хайру хубӣ дар назди ӯст.

Ва боз монанди мулуки Хуросон, ки ҳеҷ шахс мункир нест, сарсилсилаи ин тоифа Исмоил аст ва ӯ писари Аҳмад бинни Асад бинни Сомонхудо бинни Ҷасимон бинни Тағмот бинни Нӯширд бинни Баҳроми Чӯбин бинни Баҳроми Ҷӯшнаш аст, ки Марзбони Озарбойҷон буд.

Ва боз монанди шоҳони аслии Хоразм, яъне ашхосе, ки аз хонадони салтанатӣ будаанд.

facebook.com/Китобхона

Ва боз монанди шоҳони Шервон, ки иҷмои мардум аст, ки эшон аз насли сосониёнанд. Ва агарчи ба таволӣ насабҳои эшон маҳфуз намонд.

Дурустии даъвоҳо чӣ дар насабҳо бошад ва чӣ дар ғайри он, ҳар чӣ пинҳон бошад, боз ошкор мегардад. Чунон ки бӯи мушк ошкор мешавад, ҳар андоза, ки пинҳон бошад.

Ва дурустии ин даъво ба бахшиши молҳо ва ҳадья ниёзе аст. Чунон ки Абдулло бинни Ҳасан бинни Аҳмад бинни Абдулло бинни Маймуни Қаддоҳ[72] вақте ки дар Мағриб хурӯҷ кард, худро ба алавиён мансуб дошт ва алавиён инкор карданд, «моли зиёде ва ҳадьяи бисьёре ба эшон бахшид. Алавиёнро сокит кард. Ва ин насаб ба шахсе, ки муҳаққақ бошад, ба ҳама шӯҳрате, ки ёфта, пӯшонда нест ва касе, ки дар замони аз ин хонавода қоим бошад, Абӯалӣ бинни Низор бинни Маад бинни Исмоил бинни Муҳаммад бинни Абдулло[73] аст.

Ман ин насабҳоро зикр кардам, то бифаҳмонам, ки мардум то чӣ андоза дар бораи касе, ки дӯст доранд, тарафдорӣ мекунанд. Ва бо шахсе, ки бад ҳастанд, то чӣ ҳад бугзу кина доранд. Ба қисме, ки гоҳе ифрот дар ин ду эътиқод сабаби расвоии даъвоҳои эшон мешавад.

Писар будани Искандар барои Филифус ошкортар аз ин аст, ки махфӣ бимонад. Аммо хонаводаи Филифусро ҷамеи уламои насабҳо ин тавр зикр мекунанд: Филифус бинни Мазрабу бинни Ҳирмис бинни Ҳарнас бинни Майтун бинни Румӣ бинни Лайти бинни Юнон бинни Ёфус бинни Сухун бинни Румия бинни Бузнат бинни Тӯфил бинни Румӣ бинни Аласфар бинни Аляфаз бинни Алайс бинни Исҳоқ бинни Иброҳим аст.

Ва гуфтаанд, Зулқарнайн мард буд, ки Атракис ном дошт ва бар Сомирус, ки яке аз мулуки Бобул аст, хурӯҷ кард, ва бо ӯ пайкор кард, то он ки чира шуд ва сари Сомирусро бо мӯҳо ва ду гесӯе, ки дошт, аз тан биканд ва пӯсти сарро даббоғӣ карданд ва ӯро тоҷи худ қарор дод. Ва бад-ин сабаб ӯро «Зулқарнайн» гуфтанд.

Ва қисме гуфтаанд, ки Зулқарнайн Мунзир бинни Моуссамо аст, ки Мунзир бинни Амрулқайс бошад.

Дар ин ном мардумро эътиқодоти ачибе аст. Мегӯянд: Модари Зулқарнайн чин буда, чунон ки модари

facebook.com/Китобхона

Билқисро ҳам аз париён медонанд. Ва дар бораи Абдулло бинни Ҳилоли Шўъбадабоз мўътақиданд, ки ў духтари шайтонро хостгорӣ кардааст. Ва ба масхараҳое аз ҳамин қабил низ бисьёр мўътақиданд, ки хеле ҳам миёни мардум шўҳрат дорад.

Аз Умар бинни Хаттоб[74] ҳикоят кардаанд, ки дастаеро дид, ки дар бораи Зулқарнайн гуфтугў мекарданд. Гуфт: «Оё шуморо гуфтугўе дар бораи мардум кифоят накард, ки аз башар ба фариштагон таҷовуз кардед!»

Қисме гуфтаанд: «Зулқарнайн Саъб бинни Ҳаммоли Ҳимярӣ аст». Ва ин матлабро Ибни Дурайд[75] дар «Китоб-ул-вишоҳ» гуфтааст.

Ва қисме гуфтаанд, ки Зулқарнайн Абўкариб аст, ки Шаммар Юръиш бинни Ифриқиси Ҳимярӣ аст. Ва аз ин ҷиҳат чунин номида шуд, ки ду гесўи ў ба рўи шонааш буда ва ў ба Машориқу Мағорибзамин расид ва шимолу ҷанубро паймуд ва мамлакатҳоро фатҳ кард. Ва мардумро ба зери фармони худ овард. Ва яке аз подшоҳони Яман, ки Асъад бинни Амру бинни Рабиа бинни Молик бинни Субайҳ бинни Абдулло бинни Зайд бинни Ёсир бинни Танъум Ҳимярӣ бошад, дар шеъре, ки гуфта, ба Зулқарнайн ифтихор мекунад: (Зулқарнайн пеш аз ман мусулмон буду тамоми ҷаҳонро фатҳ карда ва шоҳе буд, ки ба ҳеҷ кас таслим нашудааст. Аз худои карим шартҳои давлатдориро талабида, аз Машриқ то ба Мағриб расид. Ў ҷои фуруд омадани Офтобро дар вақти бешаю ботлоқро сиёҳӣ зер кардан дид. Пас аз Зулқарнайн амааш Билқис буд, ки подшоҳии ў ба туфайли ҳудҳуд ба охир мерасад[76].)

Наздиктар ба савоб ин аст, ки аз миёни ҳамаи ин гуфтаҳо ҳақ ҳамин қавли охир бошад, зеро азвоъ[77] фақат ба Яман мансубанд. Ва азвоъ касоне ҳастанд, ки номҳои эшон аз калимаи (зӣ, зу) холӣ нест. Монанди: Зулманор, Зулазъор, Зишшанотир, Зинувос, Зиҷадан, Зиязан ва ғайра. Ва ахбори Зулқарнайнро, ки зикр кардаанд ба ҳикоёте, ки «Қуръон» аз ў зикр карда, шабеҳ аст.

Аммо саддеро, ки ў сохта дар зоҳири «Қуръон» маҳсус нест ки кӯҳои замин буда, ва кутубе, ки муштамил бар зикри мамлакату шаҳрҳо аст, монанди «Ҷуғрофиё» ва «Кутуби масолик ва мамолик» ин тавр мегўянд, ки

facebook.com/Китобхона
Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ синфе аз туркҳои шарқӣ ҳастанд, ки дар аввалҳои иқлими панҷум ва шашум ҷой доранд. Илова бар ин Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар китоби худ мегӯяд, ки «соҳиби Озарбойҷон дар рӯзгоре, ки он ҷоро фатҳ кард, шахсеро аз тарафи худ бад-он ҷо фиристод ва он саддро дар пушти хандаке хеле маҳкам дид».

Ва Абдулло бинни Абдулло бинни Хурдодбеҳ[78] аз яке аз тарҷимонон, ки дар дарбори халифа буданд, ин тавр ҳикоят мекунад, ки «Мӯътасим[79] дар хоб дид, ки ин садд шикофта шудааст ва панҷоҳ нафар бад-он ҷо мефиристонад, ки то онро бубинанд. Ва ин панҷоҳ тан аз роҳи Бобулабвоб ва Лон ва Ҳазар бад-он ҷоигаҳ рафтанд ва диданд, ки он садд аз шораи оҳанҳое, ки миёни онҳоро бо сурби обшуда ба ҳам пайвастаанд, бино шудааст. Ва он саддро даре буд қуфл кардашуда ва ҳифзи он ба ӯҳдаи мардуме буд, ки дар он наздикӣ ҷой доштанд. Ва эшон пас аз он, ки ин саддро диданд, баргаштанд. Ва ин кас, ки балад ва ҳодии эшон буд, ин панҷоҳ танро ба хонакоҳе, ки рӯбарӯи Самарқанд буд, ҳидоят кард».

Ин ду хабар ин тавр иқтизо мекунад, ки ин садд дар рубъи шимолӣ — ғарбии ободонии ҷаҳон аст.

Илова бар ин қиссаи мазкур ин матлабро, ки гуфтаанд, аҳли ин мамлакатҳо мусулмон ҳастанд ва ба тозӣ сухан мегӯянд. Ин ҳикоятро дурӯғ ҳисоб мекунад, зеро шахсоне, ки муноқатеъ аз ободонӣ ҳастанд ва дар миёни замине сиёҳу бадбӯ, ки ба масофати чандрӯза аст, ҷой доранд, на халифа мешиносанду на аз хилофат хабар доранд ва намедонанд, халифа чисту кист, чӣ гуна ба арабӣ ҳарф мезананд. Ва мою умматҳое, ки мусулмон бошанд ва аз Доруссалом муноқатеъ ҷуз Булғору Савор намешиносем, ки қариби интиҳои ободонии ҷаҳону авохири иқлими ҳафтум ҳастанд. Ва эшон ҳам аз амри ин садд чизе намегӯянд ва ба хилофати халифа ҳам чоҳил нестанд, балки хутба ба номи халифа мекунанд. Ва ба тозӣ сухан намегӯянд, балки ба луғате ҳарф мезананд, ки омехта аз туркию хузрӣ аст. Ва чун далелҳои ин хабар бад-ин қарорбуд, ки гуфта шуд, дигар набояд шиносоии ҳақиқатро аз ин хабар таваққуъ намуд. Ин буд фасле ки мехостам аз ҳақиқати Зулқарнайн гуфтугӯ кунам ва (худо беҳтар медонад).

facebook.com/Китобхона

ФАСЛ

ДАР ЧИГУНАГИИ МОҲҲО, КИ ДАР СОЛҲОИ АВВАЛ ИСТЕЪМОЛ ШУДАНД

Дар пеш гуфтам, ки ҳар уммате таърихе ба кор мебанданд, ки танҳо махсуси ин уммат аст. Ва ин умматҳо бар ҳасби фарқиятҳое, ки дар истеъмоли таърихҳо доранд, дар аввалҳои моҳҳо ва камияти айём ҳар яке аз моҳҳо ва иллатҳое, ки мансуб ба ин амр аст, низ бо якдигар фарқият доранд.

Ман дар ин китоб то андозае, ки медонам аз зикри ин амрҳо ногузир ҳастам ва он чиро, ки якин бад-он пайдо накардаам ва дар ин боб чизе аз ашхоси эътимоднок нашунидаам, ба канор мегузорам ва баҳси хешро ба моҳҳое, ки порсиён истеъмол кардаанд, оғоз мекунам.

Гӯем, шумораи моҳҳои сол дувоздаҳ аст, чунон ки эзиди таоло дар китоби худ гӯяд:

«Ҳангоми офариниши замину осмон адади моҳҳо дар назди худо ва дар китоби худо дувоздаҳто буданд». Ва дар ин адад уммате бо уммати дигар чуз дар солҳои кабс ихтилоф накарда, ҳамчунин моҳҳои форсиён дувоздаҳ будааст. Ва номҳои он бад-ин қарор аст:

1. — Фарвардинмоҳ
2. — Урдибиҳиштмоҳ
3. — Хурдодмоҳ
4. — Тирмоҳ
5. — Мурдодмоҳ
6. — Шаҳривармоҳ
7. — Меҳрмоҳ
8. — Обонмоҳ
9. — Озармоҳ
10. — Даймоҳ
11. — Баҳманмоҳ
12. — Исфандормузмоҳ

Аз Абӯсаид Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Абулҷалили Сичистонӣ шунидам, ки аз гузаштагони Сичистон ин тавр нақл мекард, ки эшон ҳамин моҳҳоро ба номҳои дигаре мехонданд. Ва аз фарвардинмоҳ оғоз мекарданд. Ва моҳҳои эшон бад-ин тартиб аст:

1. — Қавоз
2. — Раҳу
3. — Усол
4. — Тиркиёнво
5. — Саризво
6. — Маризво
7. — Тувзар
8. — Ҳаронво
9. — Оркбозво
10. — Кӯжпушт
11. — Кажшин
12. — Сорво

facebook.com/Китобхона

Ва ҳар як аз моҳҳои форсӣ сӣ рӯз аст ва барои ҳар рӯзе дар луғати эшон номи хосе ҳаст. Ва ин номҳо ба қарори зайл аст:

Ҳурмуз	Хур	Ром
Баҳман	Моҳ	Боз
Урдибиҳишт	Тир	Дайбадин
Шаҳривар	Ҷӯш	Дин
Исфандормуз	Дайбамеҳр	Ард
Хурдод	Меҳр	Аштоз
Мурдод	Суруш	Осмон
Дайб Озар	Рашн	Зомиёз
Озар	Фарвардин	Морасфанд
Обон	Бахром	Анирон

Форсиёнро дар номҳои ин рӯзҳо ихтилофе нест. Ва рӯзҳои сигонаи ҳар моҳро ҳамин номҳо ба як тартиб шомил мешавад. Фақат дар хурмуз ихтилоф аст, ки гурӯҳе онро «фаррух» — меноманд ва дар анирон, ки қисме онро «бехрӯз» мегӯянд. Ва миқдори маҷмӯи ин айёми моҳҳои форсӣ сесаду шаст рӯз мешавад.

Дар пеш гуфтем, ки соли ҳақиқӣ сесаду шасту панҷ рӯз ва чорьяки рӯз аст. Порсиён панҷ рӯзи дигари солро «панҷӣ» ва «андаргоҳ» гӯянд. Сипас ин ном арабӣ шуд ва «адрақоҳ» гуфта шуд. Ва низ ин панҷ рӯзи дигарро айёми «масрӯқа» ва ё «мустариқа» (дуздидашуда) меноманд, зеро ки дар шумори ҳеҷ як аз моҳҳо ҳисоб намешавад. Порсиён ин «панҷӣ»-и дуздидашударо миёни обонмоҳ ва озормоҳ қарор доданд. Ва номҳое, ки аз барои панҷ рӯз гузоштаанд, ғайр аз номҳое аст, ки аз барои айёми ҳар моҳ ниҳодаанд. Ва ман ин номҳоро дар ду китоб ва ё аз ду нафар як сон нашунидаам. Ва он номҳо ин аст:

1. Ахдгоҳ
2. Аштадгоҳ
3. Исфандгоҳ
4. Исфандмузгоҳ
5 Биҳиштгоҳ

Ва дар китоби дигар бо ин номҳо ёфтам:

1. Аҳнӯз
2. Аштӯз
3. Исфандмуз
4. Аҳуштир
5. Вҳиствишт

Собити Омулӣ[80], нависандаи «Китоби ғурра», чунин мегӯяд:

facebook.com/Китобхона

1. Хавнӯз
2. Истваз
3. Исфандмуз
4. Вхухуштар
5. Вҳиштбиҳишт.

Ва Зодавайҳ бинни Шоҳавайҳ дар китоби худ «Дар иллати иҷдҳои форс» ин тавр баён кардааст:

1. Панҷаанухуфта
2. Панҷаандараранда
3. Панҷааҳҷаста
4. Панҷааврурдиён
5. Панҷаандаргоҳон.

Ва аз Абулфараҷ Иброҳим бинни Аҳмад бинни Халафи Занҷонӣ шунидам, ки ӯ мегуфт: «Мӯбади Шероз бар ӯ ин тавр имло кард»:

1. Аҳнузгоҳ
2. Аштӯзгоҳ
3. Асбатмузгоҳ
4. Вхухушпаргоҳ
5. Вҳуштвишгоҳ.

Ва аз Абулҳасан Озархурои Яздонбахши муҳандис ин тавр шунидам:

1. Аҳнӯз
2. Аштӯз
3. Асбатлан
4. Ҳахиштар
5. Вҳуствишт.

Пас миқдори айёми солҳои Эрон сесаду шасту панҷ рӯз шуд. Ва аммо чаҳорьяки рӯзро бекор мекарданд, то ин ки аз ин чаҳорьякҳо як моҳи тамом ташкил шавад. Ва ин кор дар саду бист сол анҷом меёфт. Сипас он солро сездаҳ моҳ медонистанд ва номи онро «кабиса» мегузориданд. Ва номҳои рӯзҳои он моҳи зоидро ба ҳамон номҳои дигар моҳҳо мехонданд.

Форсиён пайваста ҳамин тавр рафтор мекарданд, то он ки подшоҳӣ аз эшон берун рафт ва динашон нест шуд. Ва ин чаҳорьякҳо бекора монд, дигар солҳоро кабиса накарданд, ки то ба ҳоли пешини худ баргардад ва вақтҳои маҳдуд зиёд пас наяфтад, барои ин ки бояд ин корро подшоҳон дар маҳзари ҳисобу асҳоби китоб ва ноқилини ахбор ва ровиён ва ҷамъи мӯбадону козӣ-

facebook.com/Китобхона
ён анҷом диҳанд. Ва бояд пас аз он ки ин табакоти мазкур аз атрофи пойтахт ҷамъ шуданд ва бо ҳам мушовара мекарданд, бар сиҳати ҳисоб ба як фикр меомаданд.

Сипас дар чунин соле молҳои зиёд иттифоқ мекарданд, ҳатто ин ки Мукил дар «Китоби тақдир» мегӯяд, ки ҳазор-ҳазор динор иттифоқ мекарданд ва он рӯзро бузургтарини идҳо мегирифтанд. Ва номи онро «Иди кабиса» мегузоштанд. Ва дар чунин сол подшоҳ аз раиятҳои хеш хироҷ намеситонд.

Иллати ин ки форсиён ин чаҳорьяҳоро, ки дар ҳар чаҳор моҳ як рӯз мешавад, ин як рӯзро ба моҳ ва ё ба «андаргоҳ» намеафзуданд, ин аст, ки мегуфтанд: «Кабс бар моҳҳо воқеъ мешавад на бар айём»,— зеро ки зиёдатии шумораи моҳҳоро хуш намедоштанд. Ва иллати дигар он аст, ки бар эшон воҷибу лозим аст, ки рӯзеро, ки дар он «замзама» мекунанд, бояд номи онро ҳам биёваранд.

Барои он ки ин маросими «замзама» ҳақиқӣ бошад, рӯзи моҳ зиёд нашавад. Аз ҳамин сабаб аз кабиса даст кашидан раво дониста шуда буд.

Хусравиён барои ҳар рӯзе як навъ раёҳин ва шукуфа ва як навъ шароб тартиб дода буданд, ки бар расме муназзам дар ҷои худ мегузоштанд. Ва дар ҳамин моҳ ин тартиб ва танзимро мухолифат раво намедоштанд.

Сабаби ин ки панҷ рӯзи зоидро ба охирҳои обонмоҳ ва миёни озармоҳ карор медоданд, ин буд, ки форсиён чунин гумон мекарданд, ки пайдоиши солҳои эшон аз оғози офариниши нахустин инсон аст ва он рӯзи хурмузд дар моҳи фарвардин буда, ки Офтоб дар нуқтаи эътидоли рабеӣ ва дар миёни осмон будааст. Ва ин вақт оғози соли ҳафт ҳазорумин аз ҳазор соли олам аст. Ва асҳоби аҳком аз мунаҷҷимин низ ин тавр гуфтанд, ки «Саратон толеи олам аст». Ва баёни ин матлаб он аст, ки Офтоб дар аввали даврҳои «Синдуҳинд» дар миёни ду ниҳояти иморати Замин будааст ва чун амр бад-ин қарор шуд, Саратон толеи олам мешавад ва назди эшон барои давр ва пайдоиш ибтидо мешавад.

Гуфтаанд, ки аз ин сабаб Саратон толеи олам шуд, ки раъс аз рубъи маъмур наздиктар аст. Ва наздикии Муштарӣ, ки дорои мизочи мӯътадил аст, дар ин аст.

facebook.com/Китобхона
Ва то ҳарорати мўътадила дар рутубат амал накунад, пайдоиш мумкин намешавад.

Ва гурўҳе гуфтаанд: «Аз ин чиҳат Саратонро толеи олам хонанд, ки ба тулўи он тулўи унсури чаҳоргона тамом шуд. Ва ҳамаи он пайдоиш тамом гашт ва амсоли ин ташбеҳот».

Форсиён гуфтаанд, ки «чун Зардушт омад ва солҳоро ба моҳҳое, ки аз ин чаҳорьякҳо дуруст шуда буд, кабиса кард, замонро ба нахустин ҳоли худ гузошт. Ва Зардушт эшонро амр кард, ки пас аз ў низ чунин кунанд. Ва он моҳро, ки қабиса мешавад, ба номи дигаре чудогона нахонанд ва исми моҳеро ҳам такрор накунанд». Ва форсиён фармудаи ўро дар навбатҳо ва дафъаҳо пай дар пай ба кор бастанд. Ва ҳар вақт, ки мавқеи кабиса мешуд, аз иштибоҳи ин амр метарсиданд, пас панҷ рўзро мегузаронданд. Ва дар охири моҳе, ки навбати кабиса бад-он расида, мегузоштанд. Ва аз барои ҷалолати ин амр ва манфиати умумии он барои хосу ом ва раияту подшоҳ ва ҳикмате, ки дар ин кабиса аст ва амалҳое, ки бояд дар чунин моҳе кунанд. Агар дар вақти кабиса дар мамлакат нотинчӣ ҳукмфармо бошад, аз анҷоми он сарфи назар мекарданд ва мегузоштанд, ки то дах моҳ тамом шавад ва якбора ду моҳро дар дафъаи дуввум кабиса мекарданд ва то кабисаро пеш меандохтанд. Чунон ки дар замони Яздигурд бинни Шопур чунин карданд. Ва он охирин кабисае буд, ки дар давлати форсиён анҷом гирифт. Ва мутаволии ин кор яке аз вузаро буд, ки ўро Яздигурди Ҳизорӣ мегуфтанд. Ва Ҳизор деҳкадаест, ки аз тобеи Истахри Форс ба шумор меравад ва ин вазир мансуб бад-он чо мебошад. Ва дар он вақт навбати кабиса ба обонмоҳ расида буд ва «андаргоҳ»-ро ба охири он илова карданд ва чун амри кабиса бекор шуд, дар ҳамин обонмоҳ бимонд.

Пас аз моҳҳои форсиён моҳҳои мачуси Мовароуннаҳрро, ки аҳли Хоразм ва Суғд бошанд, ёдоварӣ мекунем. Ва моҳҳои ин қавм низ дар миқдор ва камияти айём монанди моҳҳои порсиён буда, чуз ин ки миёни қисме аз аввалҳои моҳҳои хоразмиён ва саршавии моҳҳои форсиён чузъӣ хилофе хаст. Ва баёни ин матлаб он аст, ки хоразмиён айёми панчии зоидро ба охири соли хеш илова мекарданд. Ва ибтидои солро аз рўзи шашуми фарвардинмоҳ, ки хурдодрўз бошад, мегирифтанд. Пас дар натича аввалҳои моҳҳои ин ду гурўҳ бо ҳам

facebook.com/Китобхона
ихтилоф меёфт ва пас аз фарвардинмоҳ боз рафъи ихтилоф мешуд ва комилан бо ҳам мутобиқат мекарданд. Ва номҳои моҳҳои аҳли Суғд бад-ин қарор аст:

1. Навсарз	30 рӯз		
2. Ч-р-ч-н	—»—	7. Ф-ғоз	30 рӯз
3. Найсан	—»—	8. А-б-о-н-ч	—»—
4. Б-сок	—»—	9. Ф-в-ғ	—»—
5. А-ш-н-а-зо-х-н-зо	—»—	10. М-со-ф-в-ғ	—»—
6. М-ж-и-х-н-зо	—»—	11. Ж-и-м-до	—»—
		12. Х-ш-в-м	—»—

Ва гурӯҳе аз эшон дар охири найсан ва х-ш-в-м як «чим» меафзуданд ва мегуфтанд: «Найсанч ва х-ш-в-мч». Ва дар б-сок ва ж-и-м-до «нун» ва «чим» зиёд мекарданд ва мегуфтанд: «Б-соканч ва ж-и-м-данч».

Ва ҳар рӯзи моҳро ба номи хосе мехонданд. Чунон ки расми аҳли форс низ чунин будааст. Ва номҳои айёми сӣ рӯзи моҳ бад-ин қарор аст:

1. Х-р-м-ж-д	11. Х-в-и-р	21. Ро-м-н
2. Ч-ҳ-и-н-р	12. М-о-х	22. Воз
3. А-р-д-о-х-в-ш-т	13. Т-и-ш	23. Д-с-т
4. Х-с-т-ш-в-р	14. 7-ш	24. Дин
5. С-б-ндор-муз	15. Д-с-т	25. А-р-з-х
6. Р-д-д	16. М-х-ш	26. А-стоз
7. М-р-д-д	17. С-р-ш	27. С-м-н
8. Д-с-т	18. Р-с-н	28. Ром-ч-и-д
9. А-т-с	19. Ф-р-в-з	29. Н-ш-и-н-д
10. А-н-ч-н	20. В-х-ш-ғ-р.	30. Н-ғ-р

Ва гурӯҳе аз эшон х-в-и-р-ро «Ми-р» мегӯянд. Ва номҳои рӯзҳои зоид бар сесаду шаст аз ин қарор аст: рор аст:

1. Хо-в-с-с-т	4. В-но-зн
2. Н-х-нд-н	5. А-р-д-м-й-и-с.
3. Р-х-ш-н	

Ва эшон дар ихтилофи номҳои ин панҷ рӯз айнан ба монанди худи порсиён мебошанд. Ва низ номҳои дигари ин панҷ рӯз назди эшон чунин аст:

1. Ж-и-в-рд	3. С-р-д-рд
2. Н-б-в-рд	4. Мо-х-рд
	5. М-и-р-з-д-х

Навъан эшон ин панҷ рӯзро ба охири х-ш-в-м зиёд мекунанд ва аммо дар кабси чаҳорьяк бо аҳли форс

facebook.com/Китобхона
мувофиқ будаанд. Ва ҳамчунин дар бекор кардани кабиса бо форсиён мувофиқат менамуданд. Ва ман ба зудӣ иллати ин ки чаро миёни оғози соли эшон ва соли порсӣ тафовут пайдо мешавад, баён хоҳам кард.

Аммо аҳли Хоразм агарчӣ шохае аз боғистон ва шохоби дарьёи форсиён буданд, вале дар оғози сол ба аҳли суғд ва дар вазъи илҳоқи зоид тарафдор будаанд. Ва номҳои моҳҳои эшон бад-ин қарор аст:

1.	Р-в-ч-н-о-ф в но-всо-р-ҷ-и	30 рӯз
2.	А-р-д-в-ш-т-ф-в-с-и-рҷ-о-нком	—»—
3.	Ҳ-р-в-д-о-д-ф-в-и-ҳ-и-рӣ	—»—
4.	Ҷ-и-ри форозок	—»—
5.	Ҳ-м-дод	—»—
6.	А-х-ш-р-и-в-р-и	—»—
7.	А-в-м-р-и	—»—
8.	Ё нохн фа-х-с-р-ш-о-н-ро-ч-и-б-к	—»—
9.	О-р-в-ф-в-и-м-к-а б-х-р-ф-и-н	—»—
10.	В-с-м-р-ф-в но-ф-ко-иҷ а-п-ко-м	—»—
11.	А-ш-м-н-ф-в-и-р-д-о-н-ко-м	—»—
12.	Исбандормаҷӣ ф-в-х-в-ш-м	—»—

Ва гурӯҳе аз эшон ин номҳоро ихтисор мекунанд ва чунин мегӯянд:

1. Новсорчӣ	7. Ҳрвдоз
2. Ҳмдоз	8. Авмрӣ
3. Арв	9. Аршмн
4. Ардвот	10. Ҷирӣ
5. Ахшриврӣ	11. Ёнохн
6. Римжид	12. Исбандормаҷӣ

Ва айёми сӣ рӯзи моҳ назди эшон чунин аст:

1. Римжд	11. Ахир	21. Ром
2. Азмин	12. Моҳ	22. Воз
3. Ардушт	13. Ҷизӣ	23. Дзв
4. Ахшривӣ	14. Ғвшт	24. Динӣ
5. Исбандормаҷӣ	15. Дзв	25. Арҷвхӣ
6. Ҳрвдоз	16. Фиғ	26. Аштоз
7. Ҳмдоз	17. Асрвф	27. Асмон
8. Дзв	18. Ршн	28. Рос
9. Арв	19. Рвчн	29. Мрсбнд
10. Ёнохн	20. Ариғн	30. Авирғ

Аҳли Хоразм рӯзҳои зоидро, ки ба охири Исбандормаҷӣ пайваста аст, ҳар якро ба таволию ба тартиб ба

facebook.com/Китобхона
номҳои рӯзҳои ҳафта меномиданд, то он ки дар натиҷа рӯзи панҷумин, «исбандармаҷӣ» номида мешуд. Ва чун ин панҷ ба охир мерасид, дар соли оянда низ аз нимжд оғоз мекарданд. Ва хоразмиён барои ин панҷи зоид номи хос истеъмол наменамуданд. Ва акнун ҳам касе ин номҳоро намедонад ва ман бар ин гумонам, ки эшон ҳам монанди порсиёну суғдиён дар ин номҳо ихтилоф доштанд. Ва иллати ин ки мо аз ин ахбор бехабар мондаем, ин аст, ки Қутайба бинни Муслими Бохилӣ нависандагону хирбадони Хоразмро аз дами шамшер гузаронид. Ва он чӣ мактубот аз китобу дафтар доштанд, ҳамаро тӯъмаи оташ кард. Ва аз он вақт хоразмиён омӣ ва бесавод монданд ва танҳо эътимоди эшон дар ниёзмандихои таърих ба неруи ҳофиза аст. Ва чун замон тӯлонӣ шуд, мавриди ихтилофи худро фаромӯш карданд ва ин чиро, ки ҳамагӣ бар он буданд, дар хотирҳо бимонд. Аммо рӯзҳои сегона, ки дар ин айём иттифоқ афтодааст, эрониён ҳар рӯзеро ба рӯзи пас аз он нисбат медиҳанд ва бо он таркиб мекунанд ва мегӯянд: «Дайбазар», дайбамехр ва «дайбадин». Вале аҳли Хоразму Суғд қисме низ чунин мекунанд ва қисме дар луғати худ лафзи аввал, дуввум ва саввумро ба ҳар як аз ин се меафзоянд.

Форсиён дар оғози салтанати худ ҳафта надоштанд, зеро аввалин ашхосе, ки ҳафтаро истеъмол карданд, аҳли Мағриб буданд, хусусан аҳли Шом ва ҳаволии он, ки чун анбиё дар ин ноҳия зуҳур намуданд, аз ҳафтаи аввалин, ки оғози ҷаҳон дар он буд, мардумро ахбор карданд. Чунонки «Таврот» бо ҳамин сар мешавад. Сипас аз аҳли Шом дар дигар уммаҳо интишор ёфт. Ва арабҳои ҳақиқӣ бино бар он ки ҳамҳудуд буданд ва Исмоил бинни Иброҳим худ араб буд, дар ин кор аз шомиён пайравӣ карданд.

(Дар бораи он ки ба форсиён, суғдиёну хоразмиён ғайр аз қибтиён, ки сокинони Мисри қадиманд, мардумони дигар пайравӣ кардаанд, ё не, маълумоте вуҷуд надорад. Қибтиён, чунон ки дар боло номбар кардем, то барқарор шудани ҳукмронии Ағустус бинни Ючис сӣ рӯзи моҳро бо номҳои алоҳида ифода мекарданд. Вале Ағустус қибтиёнро маҷбур мекунад, ки онҳо рӯзҳои зиёдатиро илова карда, солшумориашонро ба тариқи румиён ва сокинони Искандария бисозанд. Албатта ин маълумотро бояд тасҳеҳ намуд. Ин воқеа панҷ сол пеш аз ба амал омадани кабисаи бузург ба вуҷуд омадааст.

facebook.com/Китобхона
берун шуд, ночор ба солнома ҳиндиҳо мутамоил шуданд. Ва зиёдаи миёни ду солро дар соли худ кабс карданд. Пас дар натиҷа дохилшавии Офтоб ба аввали бурҷи Ҳамал бо аввали найсон мутобиқ шуд. Ва соҳиби китоби номбурда мегӯяд: «Агар мо ҳам ин тавр намоем, найсон ба ҳоли собиқи худ бармегардад». Ва барои ин мақсуд мисоле зада, ки натавонистааст тамом бикунад. Ва ин мисол моро ба ҷаҳолату нодонии ӯ далолат мекунад. Чунон ки ин ҳикоятро, ки аз мардуми Рум нақл кард, далолат дошт, ки барои ғайр аз эшон таассуб харҷ медиҳад ва бо худи эшон тамоиле надорад. Ва он масал ин аст, ки тафовути миёни соли Рум ва соли шамсиро бинобар мазҳабҳои ҳинд тачнис карда, ва ин тафовут ҳафтсаду бисту нӯҳ сония шуда ва рӯзро ба сонияҳо баргардонда бар ин тафовут тақсим карда, ва хоричи қисмат якуаду ҳаждаҳ шуда, ки солиён бошад, шаш моҳу шаш рӯзу аз ду қисми рӯз. Ва ин миқдор муддатест, ки таърих истеҳқоқ дорад, ки ба ҷиҳати ин тафовут як рӯзи тамом кабс шавад.

Ва пас аз ин мисол мегӯяд: «Агар мо гузашта аз таърихи Румро, ки як ҳазору дусаду бисту панҷ сол дар замони ӯ буда, кабиса кунем, дохилшавии Шамс дар аввали бурҷи Ҳамал бо аввали найсон рост меояд». Ва баъд аз ин сухан, ба куллӣ мисолро тарк карда ва солҳоро кабиса накардааст. Ва агар мекард, натиҷаи казоёи пешин ба нақизи гуфтаи ӯ сабаб мешуд. Ва аввали найсон аз дохилшавии Шамс бо аввали бурҷи Савр наздик мешуд. Зеро таърихеро, ки ӯ масал зада, даҳ рӯзу аз ду қисми рӯз истеҳқоқи кабсе дорад. Ва чун солиёни Рум ноқистар аст, аввали найсон ба аввали дохилшавии Офтоб дар бурҷи Ҳамал пеш хоҳад гирифт. Ва ҳиссаи кабс бар аввали найсон зиёдтар хоҳад шуд ва ба рӯзи даҳуми найсон мерасид.

Кош донистам, ки дар чӣ вақт ин корро, ки нависандаи «Маъхаз-ул-мавоқит» аз румиён нақл намуда, мекардаанд? Ва румиён пас аз ғавру маҳорат дар улуми таълимӣ ва риёзиёт ва илми ҳайат ва чанг задан ба бароҳин, дуртар аз ин буданд, ки ба гуфтаи ашхосе мултафӣ шаванд, ки усули худро чун роҳ бар онҳо монеъ шуд ва бурҳон касе аз онҳо хост, ба ваҳӣ ва илҳом нисбат медиҳанд. Бигузар аз ин ки румиён дар улуми фалсафа ва илоҳиёт ва табииёт ва синоиёт дорои пояи баланд ҳастанд. Валекин (хама бо равиши худ кор меку-

facebook.com/Китобхона
нанд ва ҳама гурӯҳҳо бо он чи дар ихтиёрашон ҳаст, меболанд).

Гӯё нависандаи мазкур китоби «Миҷастӣ»-ро надида буд ва миёни он ва болотарин китоби Ҳинд, ки ба «Зиҷи Синдуҳинд» маъруф аст, насанҷида буд. Ва фарқи миёни ин ду китоб бар ҳар кас, ки каме ақлу хирад дошта бошад, пӯшида нахоҳад монд.

Ҳамза бинни Ҳасани Исфаҳонӣ дар рисолае, ки дар Наврӯз навишта ва барои эрониҳо таассуб харҷ дода, ба ҳамин хато бархӯрда ва гуфтааст: «Соли хуршедии эрониҳо сесаду шасту панҷ рӯз ва як соату ҷузъе аз чорсад ҷузъи соат аст[84]. Ва румиён он чиро, ки аз шаш соат зиёдтар аст, дар кабс сарфи назар намуданд. Ва ин тавр бар гуфтаи худ истидлол намуда, ки Муҳаммад бинни Мӯсо бинни Шокири Мунаҷҷим[85] дар китобе, ки дар соли хуршедӣ навишта, ин суҳанро ба таври машрӯҳ баён карда ва бурҳонҳо бар ин ақида овардааст. Ва иштибоҳи он дастае аз қадимиёнро, ки бар хилофи ин қавл буданд, ошкор сохтааст». Вале мо он чиро, ки аз ирсоди Муҳаммад бинни Мӯсо ва бародари ӯ Аҳмад таҳқиқ намудем, ирсоди эшон ба нуқсони ин кусур аз шаш соат нотиқ бувад.

Аммо китоберо, ки Ҳамза бинни Ҳасан бад-он ишора намуда, ба Собит бинни Қурра[86], ки аз тарбиятшудагони Бани Мӯсо аст, ки илмҳоро барои эшон ислоҳ намуд, мансуб аст. Ва хулосаи он китоб ва мақсуди он ин аст, ки Собит мехоҳад, ихтилофи солиёни Хуршедро бо тафовути он ба фарзи ҳаракати авҷ маълум намояд. Бо ин фарз боз Собит ба даврҳои баробар ва ҳаракатҳое, ки бо замонҳои он баробар бошад, ниёзманд шудааст, то битавонад, васати масири Офтобро истихроҷ намояд. Ва ҷуз даврҳое, ки дар фалак хориҷи марказ асту аз нуқтаи мафрузаи он гирифта шудааст, натавонистааст, ба даст оварад. Ва ин даври матлуби кусури он, чунон ки Ҳамза ибни Ҳасан ҳикоят намуда, аз шаш соат зиёдтар мешавад, вале нуктае, ки бояд донист шавад, ин аст, ки Собит инро «соли хуршедӣ»-ном намегузорад. Зеро чунон ки дар пеш гуфтем, соли хуршедӣ он аст, ки аҳволи табиие, ки кавну фасодро омода мекунад, ба ҳолати худ баргардад.

Аммо иброниён ва ҷомеи ашхосе, ки аз яҳудон ба Мӯсо мансубанд, моҳҳои эшон дувоздаҳ моҳ аст. Ва номҳои он бад-ин қарор аст:

facebook.com/Китобхона

1. Тишрӣ	30 рӯз	7. Найсан	30 рӯз
2. Марҳишвон	29 рӯз	8 Ияр	29 рӯз
3. Кислев	30 рӯз	9. Сиван	30 рӯз
4. Тибис	29 рӯз	10. Таммуз	29 рӯз
5. Шифат	30 рӯз	11. Авб	30 рӯз
6. Озар	29 рӯз	12. Элул	29 рӯз

Ва рӯйҳамрафта, шумораи рӯзҳои эшон сесаду панҷоҳу чор рӯз аст, ки миқдори соли қамарӣ аст. Ва агар яҳудон моҳҳои қамариро, чунон ки хаст, истеъмол мекарданд, айёми солашон ва адади моҳҳои эшон як чиз буд. Вале чун Бани Исроил аз Миср берун омаданд ва ба Тиҳ расиданд ва аз гирифтории чанголи мисриён растанд ва он чи худо дар сифри дуюми «Таврот» аз қавонину навомис мегӯяд, маъмур шуданд, ки фармонбарӣ кунанд. Ин воқеа ҳангоме буд, ки моҳ шуои худро ба кӯҳу дашт густурда буд ва замон ҳам баҳор буд. Пас Бани Исроил маъмур шуданд, ки ин рӯзро, чунон ки дар сифри дуюми «Таврот» мегӯяд, ҳифз кунанд.

Мақсуд аз моҳи аввал тишрӣ нест, балки Найсон аст, зеро худованд Мӯсо ва Ҳорунро дар ҳамин сифр амр мекунад, ки бояд моҳи фисҳ сари моҳҳои эшон бошад ва аввали сол бошад. Пас Мӯсо ба уммати худ гуфт: «Рӯзеро, ки дар он рӯз аз бандагӣ растед, ёд оваред ва дар ин рӯз аз моҳе, ки дарахт дар он сабз мешавад, ҳамир нахӯред».

Яҳудиён барои он ки гуфтори Мӯсоро ба кор банданд, ночор шуданд, ки ҳам соли шамсиро истеъмол кунанд, ки то чаҳордаҳуми найсон дар аввали баҳор бошад, ки дарахтон барг дода бошад ва дарахтони мева пур аз шукуфа бошад ва ҳам моҳи қамариро ба кор банданд, ки дар шаби «фисҳ» Қамар ба ҳоли бадр бошад ва дар бурҷи Мизон. Ва ин кор эшонро бад-ин водор кард, ки рӯзҳоеро, ки аз вақти матлуб дар моҳҳои пеш афтодаанд, ҳамин ки ба миқдори ин расид, ки як моҳ шавад, ба моҳҳои худ як моҳи том илова кунанд ва ин қабил моҳро «озари аввал» номиданд. Ва озари аслиро «озари соний» гуфтанд, ба поси хотири ин ки ҳамноми якдигаранд ва яке пас аз дигаре воқеъ шудааст. Ва солеро, ки дар он кабиса аст, «Иббур» номиданд ва иштиқоқи ин лафз аз «меъборис» мебошад, ки ба забони ибронӣ зани обистанро гӯянд. Зеро ҳамон тавр, ки зани обистан тифлеро ҳомил аст, ки чузви худи ӯ нест ва дар ҳақиқат чузъе зоид аст, ҳамин тавр соли кабиса

facebook.com/Китобхона

ҳам як моҳ аз солҳои дигар бештар дорост ва ҷузъи худи он нест.

Гурӯҳе аз яҳудиён гумон карданд, ки озар озари аслӣ аст, ки дар солҳои басит гуфта мешавад ва озари соний моҳи кабиса аст, ки бояд дар охири сол бошад. Зеро чунон ки дар «Таврот» аст, гӯё Бани Исроил амр карда бошад, ки найсон моҳи аввали эшон бошад. Вале ин гумонест, ки хеле дур аз ҳақиқат аст. Ва далел бар ин ки озари соний озари аслӣ аст, на озари аввалин аст, ки пайваста ба як ҳол аст. Ва миқдору адади айёми он ва пойдории идҳою рӯзаҳо дар он тағьир намекунад, бидуни он ки дар озори аввал, ки дар соли кабиса аст, аз ин умур чизе истеъмол шавад.

Дигар он ки шарт шудааст, ки дар озори соний пайваста Офтоб дар бурҷи Самака бошад, аммо озори аввал дар иббур аст. Ва шарташ ин аст, ки Офтоб дар он дар бурҷи Далв бошад.

Дигар ин ки яҳудиён пас аз ин кор ниёзманд гаштанд, ки барои солҳои иббур тартибе бошад. Бад-ин сабаб ба даврҳое, ки аз моҳҳои қамарӣ дар солҳои шамсӣ дуруст мешавад, қобили тавоҷҷӯҳ намуданд. Ва ин даврҳоро панҷ навъ ёфтанд:

1. Даври ҳаштоие, ки дорои наваду нӯҳ моҳ аст ва се моҳи кабиса дорад.

2. Даври нуздаҳтоие, ки дорои дусаду сию панҷ моҳ аст ва ҳафт моҳи кабиса дорад ва инро «даври асғар» гӯянд.

3. Даври ҳафтоду шаштоӣ аст, ки моҳҳои он нӯҳсаду чихил моҳ аст ва кабисаҳои он бисту ҳашт моҳ аст.

4. Даври наваду панҷтоие, ки онро «даври авсат» гӯянд ва моҳҳои он ҳазору саду хафтоду шаш моҳ аст, ва кабисаҳои он сию панҷ моҳ мебошад.

5. Даври панҷсаду сиюдутоие, ки онро «даври акбар» гӯянд ва моҳҳои он шаш хазору панҷсаду ҳаштод моҳ аст, ки саду наваду шаш моҳи кабиса дорад.

Яҳудон аз ин даврҳои панҷгона, хостанд, якеро интихоб кунанд, ки ҳифзи он осонтар бошад ва ҷуз даври наваду ҳаштоӣ дорои ин васф набувад.

Вале боз ҳам диданд, ки даври нуздаҳтоӣ аз даври ҳаштоӣ бо солҳои шамсӣ мувофиктар аст. Зеро рӯзҳои ин давр назди яҳудон шаш ҳазору нӯҳсаду сию шаш рӯз аст бо изофаи шонздаҳ соату панҷсаду наваду панҷ ҷузъи соат. Ва ин ҷузъҳоро яҳудон «ҳалақ» мегӯянд ва ҳар соате як ҳазору ҳаштод «ҳалақ» аст. Бад-ин сабаб

facebook.com/Китобхона

аст, ки агар ба мо дакикахои соатҳоро, ки ҳар соат шаст бошад, бидиҳанд ва бихохем онро ба «ҳалақ» тахвил кунем, бояд онро зарб ба ҳаждаҳ кунем, ки то «ҳалақ» ба даст ояд. Ва агар акси ин қазияро бихоҳем, «ҳалақ»-ро дар дусад зарб мекунем ва ҳосили зарби он сеяки соат хоҳад шуд.

Бо он ки яҳудон муттафиқанд, ки иббур дар «маҳзур» қарор дорад. Вале дар ин ихтилоф кардаанд, ки аввали «маҳозир» чӣ вақт аст? Ва ҳамин амр дар тартиби иббур дар «маҳзур» тавлиди ихтилоф кардааст. Ва баёни ин матлаб он аст, ки яке аз яҳудон таърихи Одам Абӯлбашарро гирифта ва онро бар нуздаҳ қисмат карда, дар натиҷа «маҳозир»-и томма ба даст оварда ва иббурро дар боқимондаи ин тақсим ба ҳисоби 2—5—7—9—10—13—16—18 қарор дода, яъне солҳои дуюм, панҷум, нӯҳум, даҳум, сездаҳум, шонздаҳум ва ҳаждаҳум.

Ва гурӯҳе аз яҳудиён солҳои ҳамин таърихро гирифта ва як сол аз он коста ва тартиби иббурро дар боқимондаи нокис ба ҳисоби 1—4—6—9—12—15—17 қарор дода, яъне соли аввал ва чаҳоруму шашуму нуҳум ва ҳамчунин — понздаҳум ва ҳафдаҳум. Ва ин қисми давр, ки гуфта шуд, мансуб ба аҳли Шом аст.

Гурӯҳи дигар аз яҳудон ду сол аз «таърихи Одам» кам карда ва тартиби иббурро дар он мувофиқи ҳисоби 3—5—8—11—14—16—19 қарор додаанд.

Ва ин тартиб дар яҳудон бештар мунташир аст ва онро ба аҳли Бобул нисбат медиҳанд. Ва бозгашти ҳар се тариқ ба як чиз аст ва ихтилофе дар он нест. Чунон ки сурати он дар ин доира аст:

Доираи аввал барои шиносоии кайфияти сол аст, ки оё сол оддӣ аст ё иббур.


Доираи дуввум барои тартиби 2—5—7—10—13—16—18 аст дар «маҳзур».

Доираи саввум барои тартиби 1—4—6—9—12—15—17 аст.

Доираи чаҳорум, ки дар дохили ҳама ҷой дорад, барои тартиби 3—5—8—11—14—16—19 аст.

Ин даврҳо, ки то кунун гуфтем, мансуб ба Моҳ бувад, агарчи Моҳ танҳо набошад, аммо даври Шамс мавзӯъ бар бисту ҳашт аст, ки барои шиносоии аввалҳои солиёни хуршедӣ аст, ки дар рӯзи ҳафта воқеъ мешавад.

facebook.com/Китобхона



Баёни матлаб он аст, ки агар соли хуршедӣ сесаду шасту панҷ рӯз буда ва рубъи рӯз ҳамроҳ надошт, аввалҳои он ба рӯзҳои ҳафта дар ҳар ҳафт сол бармегашт. Вале барои он ки дар ҳар чор сол кабиса мешавад, аввалҳои сол бар рӯзҳои ҳафта дар ҳар бисту ҳашт сол бармегардад, ки ҳосили зарби ҳафт дар чор аст. Ҳамчунин дигар даврҳо чуз маҳрӯзи акбар» ҳеҷ кадом ба ҳолати аввалияи худ, вақте тамом шуданд, барнамегардад. Фақат даври «Маҳрӯзи акбар» аст, ки аз кам шудани даври нуздаҳгона ба даври Шамс мутавалид аст.

Гӯем, агар солҳои яҳудон фақат ба ин ду кайфият, яъне оддӣ ва иббур вобаста буд, шиносоии аввалҳои он хеле осон буд. Ва вақте ки тартиби иббурро дар «маҳрӯз» медонем, шинохта мешавад, ки оё сол оддӣ аст ё

facebook.com/Китобхона
иббур. Вале солҳои яҳудон танҳо дорои ин ду кайфият нест, балки се тариқ аст.

Баёни матлаб он аст, ки яҳудиён бо худ қарор гузоштанд, ки набояд аввали сол рӯзи якшанбе, чоршанбе, шанбе ва ҷумъа бошад, зеро ин чор рӯз мутааллиқ бо Офтобу ду кавкаби он аст. Вале гуфтаанд, иди фисх, ки мисли аввали найсон аст, на бояд дар мисли ин айём мансуб ба кавокиби сифлӣ, ки дар шанбе, чоршанбе ва ҷумъа аст, бошад. Ва иллатҳои онро дар ҳасби тавоноии худ дар оянда шарҳ хоҳем дод. Пас ин кор яҳудонро маҷбур кард, ки сари сол ва фисҳро, агар дар айёми мазкура шуд, ё муқаддам бидонанд, ё муаххар.

Пас яҳудон дорои се навъи сол шудаанд: Навъи аввалро «ҳасорин» гӯянд, ки ба маъноӣ «ноқис» аст. Ва ин солест, ки моҳҳои марҳишван ва кислев бояд ҳар як бисту нӯҳ рӯз бошад.

Навъи дуввумро «кесидрон» гӯянд ва тафсири ин калима «мӯътадил» аст. Ва он солест, ки моҳҳои марҳешвон бисту нӯҳ рӯз бояд бошад ва кислев сӣ рӯз.

Навъи сеюмро «шаломим» гӯянд, ба маъноӣ том ва он солест, ки моҳҳои марҳишван ва кислев сӣ рӯз бошад.

Ва ҳар як аз ин навъҳои сегона ҳам ё оддӣ аст, ё иббур.

Пас яҳудон дорои шаш навъи сол шуданд, чунонки дар ин сурат тартиб додаам:

Сол	
Ё оддӣ аст ва муштамил бар дувоздаҳ моҳ аст.	Ё иббур аст, муштамил бар сездаҳ моҳ аст.
Ва он:	Ва он:
Ноқиса, мӯътадила, томма	Ноқиса, мӯътадила, томма
328 рӯз, 354 рӯз, 355 рӯз	383 рӯз, 384 рӯз, 389 рӯз

Кислев 29 рӯз	Марҳишван 29 рӯз	Кислев 30 рӯз	Марҳишван 29 рӯз	Кислев 30 рӯз	Марҳишван 30 рӯз	Кислев 29 рӯз	Марҳишван 29 рӯз	Кислев 30 рӯз	Марҳишван 29 рӯз	Кислев 30 рӯз	Марҳишван 30 рӯз

facebook.com/Китобхона

Ва яҳудонро дар истихроҷи ин амр ҳисобҳо ва ҷадвалҳои бисьёр аст, ки дар оянда нахоҳем аз баёни он даст кашем. Сипас яҳудон дар амали солҳо ва истихроҷи он ва тариқаи ба кор бастани солиён ба чанд гурӯҳи бузург чудо шудаанд.

Гурӯҳи аввал «раббония» мебошанд, ки аз рӯи ҳисоб ба масири вустои ду нур, яъне Хуршеду Моҳ солро ба даст оварданд, хоҳ ҳилол дида шавад ва хоҳ дида нашавад. Зеро мақсуди эшон фақат он аст, ки аз мавқеи иҷтимоӣ муддати мафрӯз бигузарад. Зеро чунон ки гуфтаанд, вақте ки яҳудон ба Байтулмуқаддас баргаштанд, бар сари кӯҳе дидбонҳо ва назоратчиён барои чустучӯи ҳилол қарор доданд ва гуфтанд: «Ҳар вақт, ки шумо ҳилолро дидед, оташ бияфрӯзед, то дуде баланд шавад ва бад-ин тариқ огоҳ шавем, ки ҳилол баромадааст».

Ва барои адовате, ки миёни яҳудону сомира буд, сомира рафтанду як рӯз зудтар оташ афрӯхтанд. Ва чандин моҳи дигар ҳам, ки дар аввали ҳар моҳ абр буд, ин корро такрор карданд, то он ки дар Байтулмуқаддас ин ҳилларо фаҳмиданд ва ҳилолро бомдоди рӯзи чорум ва саввуми Моҳ дар ҳоли баландшавӣ аз уфуқ аз сӯи Машриқ диданд ва донистанд, ки сомира эшонро фиреб додаанд. Пас яҳудон назди уламои риёзии он аср рафтанд, то ба кӯмаки эшон ҳисоберо, ки бояд дуруст кунанд аз фиреби душманон фориғ бошад. Ва барои он ки дидори ҳилол ба ҳисоб чоиз аст, кардаи Нӯҳро далел оварданд, ки шаш моҳ, ки осмон гирифта буд ва ҳилоле дида намешуд, ӯ аз рӯи ҳисоб аввалҳои моҳро ба даст меовард.

Пас риёзидонҳо барои эшон даврҳое сохта ва тариқи истихроҷи иҷтимоату пайдоиши ҳилолро бад-эшон биёмӯхтанд. Ва миёни иҷтимоату дидори ҳилол бисту чаҳор соат аст, ки агар иҷтимоъ рост шуда бошад на авсат, Моҳ дар ин соатҳо кариб сездаҳ дарача сайр мекунад ва аз Офтоб кариб дувоздаҳ дарача дур аст. Ва ин ҳикоят чунон ки гуфта шудааст, дусад сол пас аз Искандар буд. Ва пеш аз ин воқеа ба «тақуфот», ки чаҳорьякҳои сол аст ва ҳисоби он хоҳад омад, назар мекарданд. Ва агар иҷтимои «тақуфа» ба андозаи сӣ рӯз муқаддам мешуд, солро бад-ин моҳ кабиса мекарданд. Гӯё эшон иҷтимои тамузро медиданд, ки бар тақуфаи тамуз кабиса мекарданд, андозаи сӣ рӯз муқаддам аст. Ва солро ба тамуз кабиса мекарданд, то он ки дар он

facebook.com/Китобхона

сол ду тамуз ёфт шавад ва дар соири тақуфот низ амр аз ин қарор бувад.

Тоифаи дигар аз раббония ҳикояти оташ афрӯхтану дуд афроштанро инкор кардаанд. Ва ба заъми эшон сабаби истихроҷи ҳисоб он аст, ки уламо ва коҳинони Бани Исроил чун донистанд, ки охири кори эшон ба парокандагӣ анҷом хоҳад ёфт, тарсиданд, ки агар яҳудон ба рӯъят эътимод кунанд, ихтилофе миёни эшон рӯй диҳад. Пас барои рафъи ихтилоф ва низоъ аз миёни яҳудон ин ҳисобҳоро сохта ва ба дасти эшон доданд. Ва ин ҳисобҳоро Элеозар бинни Фаррух сохт ва яҳудонро амр кард, ки даст аз он барнадоранд ва тавсия кард, ки дар ҳар ҷо, ки бошед бо ин ҳисобҳо амал кунед, то ихтилоф миёни шумо набошад.

Гурӯҳи сония гурӯҳи «мелодия»-анд, ки мабодии моҳҳоро аз вақти иҷтимоъ медонанд ва ононро «қароъ»[87] ва «ишмаия» гӯянд, барои он ки каломи мӯътабарро ба кор мебанданд ва аз назару қиёс дурӣ меҷӯянд, ҳарчанд ки ин ҳам барои эшон муяссар намешавад.

Гурӯҳи дигарро «анония» гӯянд ва эшон мансуб ба Анон «сарвари рондашудагон» ҳастанд ва ӯ дар саду панҷ сол пеш буд. Ва «сарвари рондашудагон» бояд аз оли Довуд бошад ва ҷуз ӯ касе салоҳияти ин мансабро надорад. Ва авоми яҳудон мегӯянд: «Барои ин кор ҷуз шахсе, ки атрофи ангуштони ӯ дар мавқеи рост истодан ба зонуяш бирасад, касе дигар салоҳият надорад. Чунон ки аввали мардум аз амиралмӯъминин Алӣ ибни Абутолиб[88] ва гурӯҳе аз авлоди ӯ, ки салоҳият барои сиёсати уммат доштаанд, ҳамин тавр ҳикоят мекунанд.

Ва ин Анон писари Дониёл бинни Шовул бинни Анон бинни Довуд бинни Худой бинни Қафной бинни Бустаной бинни Ҳунамоба бинни Нӯшро бинни Райҳабо бинни (Шабтиё бинни Ҳанно бинни Носом бинни Абомор бинни Раббонои Акибо бинни Шабниё бинни Заккой бинни Ҳизқиё бинни Шамеъё бинни Шабтиё бинни Юҳнон бинни Расусиён бинни Анон бинни Ишоъё бинни Закариё бинни Бархиё бинни Акуб бинни Ҳананиё бинни Басуддиё бинни Маъсиё бинни Фидоё бинни Зараббобил бинни Шалатиёл бинни Юҳаниё бинни Яҳуёким бинни Яҳуаҳоз бинни Юшиё бинни Аҳзиё бинни Яҳуром бинни Яҳушофот бинни Асо бинни Абиё бинни Рачабъом бинни Сулаймон бинни Довуд).

facebook.com/Китобхона
Ин шахс ба ҷамоате аз раббониин дар бештар аз рӯзҳои зиёдатӣ даст кашид. Ва моҳҳоро монанди мусулмонон ба пайдоиши ҳилол истеъмол мекунад. Ва ба ин ҳам аҳамият намедиҳад, ки дар чӣ рӯзе аз ҳафта бошад. Ва ҳисоби «раббониин»-ро канор гузошт ва моҳҳоро ин тавр кабиса мекард, ки дар навоҳии Ироқ ва Шом аз аввали моҳи найсон то чаҳоруми он ба зироати ҷав нигоҳ мекард. Ва агар медид, ки навбари ҷав барои дарав салоҳият дорад, солро оддӣ медонист. Ва агар медид, ки ҷав барои навбар ҳам ба даст наёмадааст, солро кабиса мекард. Ва чун яҳудон мехостанд, ки аз пеш ба ин амр огоҳ бошанд, шахсе, ки ба раъи ӯ истинод намуда буданд, ҳафт рӯз, ки аз моҳи шифат монда бошад, ба саҳро берун мерафт. Ва дар Шому мамлакатҳои ҳамсоя он ки дар обу ҳаво монанди он аст, ба кишти ҷав назар менамуд ва агар медид, ки ҷав хӯша бастааст, панҷоҳ рӯз мешумурд ва фисҳ мегирифт. Ва агар медид, ки ҳанӯз ҷав хӯша набастааст, як моҳ кабиса мекард.

Гурӯҳе аз яҳудон моҳи кабисаро дар дунболи моҳи шифат қарор медоданд. Ва дар натиҷа ду моҳи шифат ба даст меояд. Ва гурӯҳи дигар кабисаро ба моҳи озар меандохтанд. Ва дар натиҷа ду моҳи озар ба дунболи якдигар қарор мегирифт. Ва «анония» бештар моҳи шифатро бармегузиданд. Чунон ки «раббония» онро интихоб мекарданд ва ба ҷуз озар бо моҳи дигар сару коре надоштанд.

Ин кор, ки аз пеш боиси шинохтани фисҳ мешавад, ба ихтилофи хавоҳо ва мизоҷи заминҳо ихтилоф меёбад. Пас бояд, ки барои ҳар макони хос ҷудогона қонуне фароҳам кунанд. Ва барои он чи, ки барои шиносоӣ дар як замин ба кор меравад, эътимод накунанд, зеро ин корро фондае нест.

Аммо насорои Шому Ироқу Хуросон моҳҳои румию моҳҳои яҳудиёнро бо ҳам омехта кардаанд, бад-ин тариқ, ки моҳҳои Румро ба кор бастаанд. Ва оғози соли худро аз аввали моҳи тамбриюси румӣ донистаанд, то ин ки ба сари соли яҳудон, ки тишрӣ аст, наздик бошад. Зеро пайваста тишрини яҳудон ҳамвора каме бар он мукаддам хоҳад буд, вале моҳҳои худро ба моҳҳои суриёнӣ ниҳоданд, ки дар баъзе аз ин номҳо бо яҳудон мувофиқанд ва дар қисме мухолиф. Ва ин моҳҳоро ба номҳои суриёниён нисбат доданд ва суриёниён ҳамон Наба-

facebook.com/Китобхона

тиҳо [89] ҳастанд, ки аҳли Саводи Ирок бошанд ва саводи Ирокро Суристон гўянд.

Ман надонистам, ки чаро ин моҳҳоро ба суриён нисбат додаанд, бо он ки эшон дар ислом моҳҳои арабро ва дар ҷоҳилият моҳҳои эрониёнро ба кор бастаанд. Ва гурўҳе гуфтаанд, ки Суристон Шом аст. Ва агар ин гуфта саҳеҳу рост бошад, мардуми он ҷо пеш аз ислом масеҳӣ буданд, ки миёни раъи яҳудон ва раъи Рум миёнҷӣ шудаанд. Ва номи моҳҳои эшон аз ин қарор аст:

1. Тишрини қадим	31 рўз	7. Найсон	31 рўз
2. Тишрини ҳирой	31 рўз	8. Айяр	31 рўз
3. Қонуни қадим	30 рўз	9. Ҳазирон	30 рўз
4. Қонуни ҳирой	30 рўз	10. Тамуз	31 рўз
5. Шубот	28 рўз	11. Об	31 рўз
6. Озар	31 рўз	12. Эдул	30 рўз

Ва моҳи шуботро дар ҳар чаҳор сол як рўз кабиса мекарданд. Пас, дар натиҷа бисту нўҳ рўз мешуд. Ва он вақт бо румиён дар сол мувофиқат мекарданд. Ва ин моҳҳо хеле машҳур аст, ба тавре ки мусулмонон аъмолу умури худро бо онҳо анҷом медиҳанд. Ва моҳи қадимро, ки моҳи аввал бошад ва «ҳирой»-ро, ки моҳи охир бошад, арабӣ карданд ва дар «ияр»-алифе афзуданд ва «айёр» шуд, зеро ихтисорёбии «е» бо адами «алиф» дар луғати араб хеле зишту нописанд аст.

Моҳҳои тозиён дувоздаҳ моҳ аст, бад-ин тартиб:

1. Муҳаррам	7. Раҷаб
2. Сафар	8. Шаъбон
3. Рабеъулаввал	9. Рамазон
4. Рабеъулохир	10. Шаввол
5. Ҷумодиулаввал	11. Зулқаъда
6. Ҷумодиулохир	12. Зулҳиҷҷа

Ва дар сабаби исмҳои ин моҳҳо суханҳо гуфта шудааст, мисли ин ки гуфтаанд, сабаби ин ки моҳи муҳаррамро муҳаррам номидаанд, он аст, ки аз моҳҳои ҳаром аст. Ва иллати ин ки ду моҳи рабеъро чунин номидаанд он аст, ки дар ин ду моҳ шукуфаю ғунча ва борону шабнам зиёд аст. Ва ин нисбат ба табиати фаслест, ки мо онро поиз гўем ва ду моҳи ҷумодиро ҷумодӣ гуфтаанд, зеро ки об дар ин моҳ ях мебандад. Ва шаъбонро шаъбон гуфтаанд, зеро қабилаю тоифаҳо дар ин моҳ ба ҳар тараф паҳн мешуданд. Ва моҳи рамазонро бад-ин

facebook.com/Китобхона

сабаб рамазон гуфтаанд, ки дар он моҳ санг аз шиддати ҳарорат доғ мешавад. Ва моҳи шавволро аз он сабаб шаввол гуфтаанд, ки гармо дар он моҳ баланду паст мешавад. Ва моҳи зулқаъдаро аз ин сабаб бад-ин ном хонданд, ки дар ин моҳ арабҳо дар хонаҳои худ менишинанд. Ва моҳи зулҳиҷҷаро аз он сабаб зулҳиҷҷа гӯянд, ки арабҳо дар ин моҳ ба ҳаҷ мерафтанд.

Моҳҳои арабиро низ исмҳои дигаре ҳаст, ки гузаштагони тозиён моҳҳои худро он тавр мехонданд.

Ва он номҳо аз ин қарор аст:

1. Ал-мӯътамир
3. Хаввон
2. Ноҷир
4. Сувон
5. Ҳантам
6. Заббо
7. Аласам
8. Одил
9. Нофик
10. Воғил
11. Ҳувоъ
12. Бурак.

Ва ҳамин номҳо гоҳе дар тартиб ва ё дар исм бо он чӣ гуфтем, мухолиф дида мешавад. Чунон ки яке аз шоирон дар шеъри худ онҳоро чунин тасвир кардааст: (Аз мӯътамиру ноҷила сар кардем. Пас гузаштем аз хаввон, ки ба сувон тобеъ аст. Баъд аз ин заббо аз паси вай боида. Асам, ки ояд, душман кар мешавад, Возилаю нотила бо одила ҳамаашон якҷоя бонуру боҳуснанд. Ояд ранна баъди он бурак вассалом. Бо ангушмон ҳисоби моҳ шуд тамом).

Ва маънии ин алфоз бар тибқи кутуби луғат бад-ин шарҳ аст:

Мӯътамир-он аст, ки он чиро шахс аз суннат ва шариат ба кор бастани он воҷиб аст, анҷом дихад.

Ноҷир аз наҷр, ки шиддати ҳарорат бошад, сохта шудааст. Чунон ки шоир гуфта: (Қас аз оби кӯлмаки бадбӯй рӯй мегардонад. Агарчанде дар гармои сӯзони моҳи ноҷир бошад).

Аммо хаввон бар вазни «фаъол» аст ва аз «хиёнат» сохта шудааст. Чунонки сувон низ ба ҳамин вазн аст ва аз «сиёнат» сохта шудааст. Ва ин маъниҳо, ки барои ин алфоз аст, дар мавқеи номгузорӣ рӯй дода буд.

Аммо заббо доҳияи азим аст, ки чун дар ин моҳ ҷангҳои зиёде рӯй медод ва хунрезии бисьёре мешуд, чунин ном дода шуд. Ва сохта шудани боида низ аз «қитол» аст, зеро дар ин моҳ ҷамъе зиёд аз мардум халок мешуданд. Ва масал аз ин ҷост, ки мегӯянд: (Дар бай-

facebook.com/Китобхона
ни моҳҳои ҷумодӣ ва рачаб воқеаҳои аҷоибу ғароиб рӯй додааст). Ва аъроб дар ин моҳ таъҷил мекарданд ва пеш аз он ки вориди моҳи рачаб шаванд, ҳар чӣ хунхоҳӣ доштанд, ё ғорат мехостанд, анҷом медоданд, ки мабодо ба моҳи рачаб, ки моҳи ҳаром аст, бияфтад. Аммо ваҷҳи номгузории асам ин аст, ки аъроб худро дар ин моҳ аз киттол боз медоштанд ва овози силоҳ дар ин моҳ ба гӯши касе намерасид. Аммо нотил паймонаи шароб аст ва аз ин ҷиҳат ин номро бад-ин моҳ ниҳодаанд, ки дар ин моҳ дар нӯшидани шароб ифрот мекарданд, ва паймонаи шаробро дар миёни эшон гардиш бисьёр буд. Аммо одил аз «адл» аст, зеро ин моҳ аз моҳҳои ҳаром аст ва дар ин моҳ аз корхое, ки дар моҳи нотил мекарданд, худро боз медоштанд.

Ваҷҳи номгузории ранна ин аст, ки чаҳорпоён барои наздикии наҳр дар ин моҳ нола мекарданд.

Бурак аз «бурук»-и шутур (фурӯ хуфтани шутур) сохта шудааст, ки чун шутурро ба қурбонгоҳ мебаранд, мехобониданд. Ва аз қитъаи манзуме, ки дар пеш зикр кардем, ин қитъа, ки аз таровиши табъи Соҳиб ибни Аббод [90] аст, бехтар аст: (Агар моҳҳои арабро дар давраи ҷоҳилият донистан хоҳӣ. Онҳоро ба навбат аз мухаррам ҳисоб кардан гир. Мӯътамир меояду баъд аз он ноҷир. Хаввон бо сувон гирд меоянд дар банде. Пас аз ин ҳанину заббо ва асамму одил омада. Нофиқ бо вағлу варна бо бурак меоянд).

Ин ду навъ моҳ, ки аз араб накл шуд, агар номгузории он чунин бошад, ки гуфтем, бояд миёни вақти ин ду номгузорӣ хеле тафовут дошта, вагарна ин муносибат, ки барои онҳо мегӯянд, дуруст нахоҳад шуд, зеро дар яке аз ин ду навъ сафар дар мунтаҳои ҳангоми гармӣ аст ва дар дигаре моҳи рамазон ин тавр аст. Ва маълум аст, ки дар вақти воҳид ва ё наздик ба вақти воҳид ҳаргиз ин ду бо якдигар ҷамъ нахоҳанд шуд.

Араб дар ҷоҳилият ин моҳҳоро монанди мусулмонон истеъмол мекарданд ва ҳаҷҷи эшон дар замонҳои чаҳоргона давр мезад. Ва сипас хостанд, ки ҳаҷҷро ба ҳангоме бияндозанд, ки колоҳои эшон аз ҷилду пӯсту меваҳо фароҳам шавад. Ва хостанд, ки ин амр ҳамеша ба як ҳол бимонад ва дар бехтарин замонҳо ва хуррамтарин вақтҳо бошад. Бад-ин сабаб аз хамсоягони худ яхудон қариб ба дусад сол пеш аз ислом кабсро ёд гирифтанд. Ҳамин тавр, ки яхудиён бартарии сэли худ-

facebook.com/Китобхона

ро бо соли хуршедӣ ба ҳангоме ки як моҳ мерасад, дар охири соли қамарӣ қарор медоданд, эшон ҳам чунин карданд. Ва пайдоиши ин амр ба дасти Қаломис буд, ки аз Бани Кинона мебошанд. Ва пас аз гузаштани ҳаҷ ин ашхос ба по меистоданд ва дар мавсим хитобае эрод мекарданд. Сипас як моҳро «насӣ»[91] менамуданд. Ва он моҳе, ки бар сол зиёд мешуд ба номи моҳи пешин мехонданд. Ва аъроби дигар бар ин амр иттифоқ мекарданд ва гуфтаи қалмисро (муфради Қаломис) итоат мекарданд. Ва ин корро «насӣ» меномиданд, зеро эшон аввали солро дар ҳар ду сол ва ё дар ҳар се сол бар ҳасби тақаддуме, ки сазовор буд, як моҳ кабиса мекарданд. Ва гӯяндаи эшон мегӯяд: (Мо «пасандозе» дорем, ки дар зери ливои вай рафта истодаед. Вай ҳукме дорад, ки метавонад моҳро ҳаром ва ҳалол бикунад).

Ва аввалин «насӣ»-е, ки рӯй дод, дар моҳи муҳаррам буд.

Аъроб барои рӯзҳои моҳ, чунон ки дар моҳҳои форсӣ аст номҳои муфраде надоштанд ва фақат барои ҳар се шаб аз моҳҳои худ номе чудогона гузошта буданд. Ва ин ном аз ҳолати моҳ ва фурӯғи он дар он се шаб ҳикоят мекард. Ва чун аз шаби аввали моҳ оғоз мекарданд, се шаби аввали моҳро се шаби «ғурар» (3) мегуфтанд. Ва ғурра ҳар чизи аввали он аст. Ва дастае гуфтаанд: «Ҳилол дар ин се шаб монанди ғурра дида мешавад ва пас аз ин се шаби «нуфал» (6) мерасид, ки аз «танаффул» муштақ аст ва маънои танаффул ин аст, ки шахс бидуни зарурият ба бахшидани чизе оғоз кунад. Ва қисме аз аъроб ин се шаби дуввумро «шуҳб» меномиданд.

Сипас, навбат ба се шаби «тусаъ» (9) мерасид, зеро охирин шаб аз ин се шаб, шаби «тосеъ» (нӯҳум) буд. Ва гурӯҳи дигар аз аъроб ин се шабро «бухр» мегуфтанд ва сабаби онро ғалабаи торикӣ дар ин сари шаб медонистанд, то сипас навбати се шаби «ушар» (12) мешуд, зеро аввали ин се шаб «шаби ошир» (даҳум) буд. Сипас, се «шаби бийз» (15) фаро мерасид, зеро дар ин се шаб аз оғоз то анҷоми он ба тулӯи Моҳ равшан бувад. Сипас, се «шаби дураъ» (18) мешуд, зеро авоили ин се шаб торикии Моҳ аст ва ин се шабро монанд ба дириъ (зирех) кардаанд, зеро шахсе, ки зирех мепӯшад, ранги сари ӯ бо ранги бокии баданаш

facebook.com/Китобхона

мухолиф хоҳад буд. Ва он гоҳ се «шаби зуллам» (20) фаро мерасад, зеро бештар вақтҳо торик бувад. Сипас, се «шаби ҳанодис» (24) мешавад. Ва қисме аз ин се шабро барои сиёҳӣ, ки доро аст, «дуҳм» низ мегӯянд. Сипас, се «шаби даодий» (27) мегашт, зеро ин се шаби бокимондаи моҳ аст. Ва қисме гуфтаанд: «Ин лафз аз сайри шутур муштак аст, ки ба шитоб ҳаракат мекунад ва пои худро ҷои пои хеш мегузорад. Сипас, навбат ба се «шаби лиҳоқ» (30) мерасад, зеро Қамар ва Моҳ ҳарду бо ҳам ночиз ва тамом мешаванд.

Абӯбакр Муҳаммад бинни Дурайди Аздӣ дар «Китоби вишоҳ» чунин гуфта буд, ки самуд моҳҳои худро ба номҳои дигаре мехонданд.
Ва он номҳо бад-ин қарор аст:

1. Муҷиб, ки муҳаррам бошад.
2. Муҷир
3. Мурид
4. Мулзим
5. Мусдир
6. Ҳавбар
7. Ҳавил
8. Мавҳоъ
9. Даймир
10. Дабир
11. Ҳайфил
12. Мусбил

Ва ин шахс мегӯяд, ки Самуд моҳҳои худро аз даймур, ки рамазон бошад, оғоз мекарданд. Ва Абӯсаҳл Масеҳи Исо бинни Яҳьё ин моҳҳоро чунин ба назм даровардааст:

(Моҳҳои Самуд,— мучиб пас муҷир,
Ба мурид ҳамроҳ мешавад мулзим баъд мусдир.
Ҳавбар меояду пас ҳавил мешавад дохил.
Баъди ин ҳарду мавҳеъ меистад сонӣ даймир,
Ба дабир мегузараду меояд ҳайфил,
Бо ҳамин тамом мешаванд моҳҳо дар мусбил.)

Вале чандин сол аст, ки гурӯҳи наве монанди аҳли ҷоҳилият дар ислом пайдо шуда, ки ҳадисҳоро таъвил мекунанд. Ва ашхосе, киба зохири шаръ амал менамоянд, ба яҳудон ва насорӣ ташбеҳ менамоянд ва барои худ ҷадвалҳо ва хисобҳое сохтаанд, ки моҳҳои худро аз он истихроҷ мекунанд ва айёми рӯзаро аз рӯи он мешиносанд. Бо вуҷуди ин ки мусулмонҳо барои донистани моҳи рамазон ночоранд, ки ҳилолро пайдо кунанд ва бубинанд, ки чи қадар Моҳ нур ба худ гирифтааст.

facebook.com/Китобхона

Ва мусулмонон дар биниши ҳилол ҳам шак менамоянд ва ба ҳам руҷўъ мекунанд ва бо он ки интиҳои саъи худро анҷом медиҳанд, боз ҳам дар ин маънӣ, ки ҳилол дар куҷои осмон аст ва дар куҷо ғуруб мекунад, қисме аз қисми дигар таклид мекунанд.

Сипас, ба асҳоби илми ҳайат руҷўъ намуда, зиҷҳо ва кутуби худро ба аснофи ҷадвалҳо ва ҳисобҳо барои шиносоии аввали моҳҳо таълиф карданд. Ва пиндоштанд, ки ин зиҷҳо ва ҳисобҳо барои биниши ҳилол сохда шудааст. Ва дастае аз ин ҷадвалҳоро гирифтанд ва ба Ҷаъфари Содиқ[92] нисбат доданд ва хаёл карданд, ки ин ҷадвалҳо худ сире аз асрори нубувват аст.

Ҳисобҳоеро, ки уламои нуҷум намудаанд, дар асоси ба ҳисоб гирифтани ҳаракоти ду нури мобайнӣ, ки рост бошад, на бар ҳаракати намоёни Моҳу Офтоб. Ва ин тавр маъмул гашта, ки солҳои қамарӣ сесаду панҷоҳу чаҳор рӯз ва шашьяки рӯз бошад ва шаш моҳ аз дувоздаҳ моҳи тамом бошад ва шаш моҳи дигар нокис, бадин тартиб, ки моҳе якдармиён, яке комил ва дигаре нокис, чунон ки дар зиҷҳо ва дар кутубе, ки мансуб ба илали зиҷ аст, мазкур аст.

Чун ин гурӯҳи нав хостанд, ки аввали моҳи рамазон ва ё аввали рӯзеро, ки фитр бошад, ба даст ованд ба воситаи хатоие, ки содир карданд, дар бештари ахвол як рӯз пеш аз вақт ба даст меомад. Ин буд, ки маҷбур шуданд, гуноҳи азиме содир кунанд. Ва қисмате аз гуфтаи пайғамбарро, ки мефармояд: (Ҳар вақт Моҳро дидед, рӯза бигиред ва ҳар вақт, ки Ҳилолро дидед, рӯзаи худро бикушоед). Ва гуфтанд, маънои ин иборат, ки мегӯяд барои биниши ҳилол рӯза бидоред, ин аст, ки рӯзеро рӯза бидоред, ки ҳилол дар шомгоҳи он рӯз дида шавад. Чунон ки дар забони араб мегӯянд: «Таҳайюли истиқбол», яъне худро муҳайё созед, ки ба пешвози касе биравем. Ва таҳия барои истиқбол аз худи истиқбол зудтар анҷом меёбад.

Ва ин гурӯҳ низ чунин мегӯянд, ки ҳеҷ гоҳ моҳи рӯза аз сӣ рӯз камтар намешавад. Валекин асҳоби ҳайату касоне, ки ин мавзӯъро мавриди таваҷҷӯҳ қарор додаанд, медонанд, ки биниши ҳилол ҳамвора ба як тариқ мумкин нест, зеро ҳаракати намоёни Қамар ҳеле мухталиф аст, гоҳе ин ҳаракат суст аст ва гоҳе тунд. Як вақт Моҳ ба замин наздик аст ва як вақт дур, ҳангоме Моҳ дар шимолу чануб зоҳир мегардад ва ҳангоме фу-

facebook.com/Китобхона
рӯ меравад. Ва дар ҳар нукта аз нуктаи фалакулбуруҷ ҳамин аҳвол, ки гузашт барои Моҳ даст медиҳад ва зиёда бар ҳамаи инҳо иллати дигари ихтилофи биниши он аст, ки китъаҳои фалакулбуруҷ қисме зудтар ғуруб мекунанд ва қисме дертар. Ва бар ҳасби ихтилофи арзи замин ва ҳавои мамлакат тағьир пайдо мекунад. Ва нисбат ба мамлакатҳое, ки ҳавои он биттабъ ҳамвора соф аст ва ё ҳамвора нософ, ба таври доиму ҳамешагӣ ин ихтилоф хоҳад буд. Ва нисбат ба мамлакатҳое, ки ҳавои он ғуборолуд аст, дар бисьёр вақтҳо ин ихтилоф рӯй медиҳад. Ва низ илова бар ин ки нисбат ба маконҳо ихтилофи биниши ҳилол таҳаққуқ меёбад, нисбат ба замонҳо низ ин ихтилоф саҳеҳ аст. Чунон ки порае аз замонҳои ҳилол бориктару дар пораи дигар ғализтар аст. Ва низ тафовути нерӯҳои босираи бинандагон бар ҳасби тундӣ ва кундие, ки меёбад, дар биниши ҳилол дахл дорад. Ва тамоми ин ҳолат, ки то кунун гуфта шуд, дар ҳар аввали моҳи рамазон ва шаввол бо шаклҳои номаъдуд дар аҳволи ғайримаҳдуд рӯй меёбад. Бад-ин сабаб аст, ки моҳи рамазон гоҳе нокис ва гоҳе пурра мешавад. Ва ҳамчунин ин ҳолат ҳар андоза, ки арзҳои мамлакатҳо рӯй ба камӣ ва ё ба зиёдӣ гузарад, атвори гуногун меёбад ва дар натиҷа Моҳ дар мамлакатҳои шимол пурра мешавад ва дар вилоят, мамлакатҳои ҷанубӣ нокис ва билакс. Ва низ ин ҳам ҳамвора бар як тартиб нест, балки гоҳе мешавад, ки як моҳи махсус чандин мартаба ин тавр мешавад.

Пас агар амали ин гурӯҳи нав бар ҷадвалҳо ва ҳисобҳо саҳеҳ бошад ва ин тавр иттифоқ афтад, ки бо биниши ҳилол дуруст мунтабиқ шавад, ё он ки як рӯз аз биниши ҳилол пештар наяфтад, мӯҳтоҷ хоҳад шуд, ки барои ҳар арзи мамлакате ба таври ҷудогона як ҷадвали ҷудогона тартиб диҳанд. Бо он ки ихтилофи биниш фақат аз ҷиҳати арзҳо нест ва ихтилофи тӯли мамлакатҳо бештар дар он саҳим ва шарик аст, зеро гоҳ иттифоқ меафтад, ки дар кисме мамлакатҳо ҳилол дида намешавад ва дар балади мамлакати дигаре, ки аз он ба Мағриб наздиктар аст, биниши ҳилол муяссар мегардад.

Ин аст, ки бояд ин тоифа барои ҳар ҷузъе аз ҷузъҳои тӯли мамлакатҳо низ як ҷадвали хосе тартиб диҳанд.

Аммо ин ки мегӯянд, муқтазои хабари ҳадис аз пай-

facebook.com/Китобхона
ғамбар ин аст, ки савму фитр аз биниши ҳилол мукаддам аст. Ин сухан ҳам низ нописандида аст, зеро ҳарфи «лом» ҳамон тавр, ки бар воқеаҳое, ки дар оянда рӯй хоҳад дод, дармеояд бар амре, ки гузашта низ ворид мешавад. Монанди ин ки мегӯянд: (Аз фалон моҳ ин қадар рӯз гузаштааст, навиштаанд). Пас, навиштан ва китобат, ки дар ин ду ибора аст, бар айёми гузашта аз моҳ мукаддам намегардад ва муқтазои хабари набаввӣ ин аст, ки мо гуфтем, на он чи ки эшон гуфтаанд.

Ривояти дигаре, ки аз расули акрам нақл шуда, гуфтори моро таъид менамояд. Ва он ин аст, ки фармуд: (Мо қавме ҳастем оммӣ ва дарснохонда ва моҳро чунину чунон ҳисоб намекунем ва ҷое ҳам наменависем). Ва дар ҳар як аз ин се ишора бо ангушти хеш ба ададе дах ишора фармуд, яъне моҳро сӣ рӯзи пурра намедонем. Ва пас аз ин ки ин ҷумларо фармуд, боз аз нав ба ангуштони хеш ишора кард ва гуфт: (Ҳоказо ва ҳоказо). Ва дар дафъаи саввум, ки мегуфт: «ҳоказо», яке аз ангуштони хешро хобонид, яъне моҳро бисту нӯҳ рӯз ҳам намедонем.

Пас расули гиромӣ дар ин ду ривоят ошкор намуд, ба тавре, ки ба ҳеҷ кас пӯшида наменонад, ки моҳ гоҳо пурра аст ва замоне нокис. Ва моҳро факат ба тавассути биниши ҳилол бояд донист, на ҳисоб. Ва ин ҷумла аз ин, ки фармуда: «Мо ҳисоб намекунем ва наменависем»,— доништа мешавад.

Пас агар ин қавм бигӯянд, манзури пайғамбар ин буда, ки ҳар моҳе, ки пурра аст моҳи дигар, ки дар дунболи он бошад, нокис аст. Чунон ки ашхосе, ки таърихҳо истихроҷ мекунанд, ин тавр мегӯянд.

Ин гуфтаро ҳам мушоҳидат ботил мекунад. Ва пиру ҷавон аз ин фиреб огоҳ мешавад ва хотимаи хабари аввал муҳол будани ин иддиои дурӯғро хуб мефаҳмонад. Ва хотимаи хабар ин аст, ҳар вақт моҳро дидед, рӯза бигиред ва ҳар вақт биниши ҳилол гардид, рӯзаи худро бихӯред. Ва агар абр бувад, сӣ рӯзи тамом, ки аз моҳи шаъбон гузашт, рӯза бидоред. Ва дар ривояти дигар гуфта аст: «Агар миёни шумо ва биниши ҳилол абре ё гарду ғуборе пайдо шуд, сӣ рӯзи тамом рӯза бидоред. Пас агар мардум бидонанд, ки ҳилол бинобар ҷадвалҳо ва ҳисобдории эшон ва ё бинобар истихроҷи асҳоби зиҷ дида мешавад ва савму фитр ба биниши

facebook.com/Китобхона
ҳилол мукаддам мегардад, дигар эҳтиёҷу ниёзе нест, ки шаъбонро, ки сӣ рӯз дониста, аз рамазон шурӯъ кунанд. Ва ё агар дар уфук абр бошад, моҳи шаъбонро сӣ рӯзи тамом бидонанд.

Роҳи истидлоли ин ду ривоят ин тавр аст, ки агар мутобики ҷадвалҳо ва ҳисобҳои ин гурӯҳ ва ё мутобики истихроҷи асҳоби зиҷ ҳилол дониста шавад ва савму фитр ба рӯияти ҳилол бошад, дигар чӣ эҳтиёҷ аст, шаъбонро сӣ рӯзи тамом кунанд ва ё рамазонро сӣ рӯз.

Оре, таассуб чашмҳои биноро кӯр мекунаду гӯшҳои шунаворо кар месозад ва шахсеро мӯътақид ба умуре менамояд, ки хираду дониш онро гувоҳӣ надиҳад. Ва агар таассуб ва ҳаводорӣ беҳуда ва ғалат набуд, ҳаргиз бар хотири ин қавм чунин ғалатҳо таҳдид намекард. Ба хусус ба ривоёте, ки дар кутуби шиаи зайдия аст, ки асҳоби эшон ризвони оллоҳ алайҳим он ривоётро тасҳеҳ кардаанд.

Монанди ин ривоят, ки мардум дар аҳди амирулмӯъминин моҳи рамазонро бисту ҳашт рӯз рӯза гирифтанд ва амирулмӯъминин эшонро фармуд, ки як рӯзи дигар ҳам рӯза бидоранд.

Бад-ин ҷиҳат ин иттифоқ афтод, ки моҳи рамазону шаъбон ҳар дуро ноқис дониста будаанд.

Ва монеае рӯй дод, ки мардум натавонистанд ҳилоли рамазонро бинанд. Пас ададҳоро таҳмил карданд ва дар охир кор бад-эшон ошкор шуд, ки ҳақиқати амр хилофи ин аст. Ва боз монанди ин ривоят ки аз Абуабдуллои Содиқ накл шудааст, ки фармуд: «Вақте шумо шаъбонро ҳифз кардед ва абр монеъ шуд, ки биниши ҳилол гардад, сӣ рӯз бишуморед, он вақт рӯза бидоред».

Ва боз монанди ривояти дигар, ки аз Содиқ ҳам накл кардаанд, ки пурсиданд: «Ҳилолҳо чист?» Фармуд: «Ҳилолҳо моҳҳо ҳастанд. Ва чун ҳилолро дидӣ, рӯза бидор ва чун бори дигар ҳилолро бубинӣ, рӯзаи худро бикушой».

Ин ахборе, ки гуфта шуд дар кутуби шиа фақат максур бар савм аст, вале аз саидон худ, ки хонадони расуланд, бисьёр дар шигифтам, ки чӣ тавр бад-ин суханон гӯш фаро медоранд. Ва барои таълифи дилҳои ашхосе, ки худро ба шиён мунтасиб мекунанд, ба чӣ тариқ ин ҳикоятро қабул мекунанд?! Ва чаро монанди

facebook.com/Китобхона
ҳилол мукаддам мегардад, дигар эҳтиёҷу ниёзе нест, ки шаъбонро, ки сӣ рӯз дониста, аз рамазон шурӯъ кунанд. Ва ё агар дар уфуқ абр бошад, моҳи шаъбонро сӣ рӯзи тамом бидонанд.

Роҳи истидлоли ин ду ривоят ин тавр аст, ки агар мутобиқи ҷадвалҳо ва ҳисобҳои ин гурӯҳ ва ё мутобиқи истихроҷи асҳоби зиҷ ҳилол дониста шавад ва савму фитр ба рӯияти ҳилол бошад, дигар чӣ эҳтиёҷ аст, шаъбонро сӣ рӯзи тамом кунанд ва ё рамазонро сӣ рӯз.

Оре, таассуб чашмҳои биноро кӯр мекунаду гӯшҳои шунаворо кар месозад ва шахсеро мӯътақид ба умуре менамояд, ки хираду дониш онро гувоҳӣ надиҳад. Ва агар таассуб ва ҳаводорӣ беҳуда ва ғалат набуд, ҳаргиз бар хотири ин қавм чунин ғалатҳо таҳдид намекард. Ба хусус ба ривоёте, ки дар кутуби шиаи зайдия аст, ки асҳоби эшон ризвони оллоҳ алайҳим он ривоётро тасҳеҳ кардаанд.

Монанди ин ривоят, ки мардум дар аҳди амирулмӯъминин моҳи рамазонро бисту ҳашт рӯз рӯза гирифтанд ва амирулмӯъминин эшонро фармуд, ки як рӯзи дигар ҳам рӯза бидоранд.

Бад-ин чиҳат ин иттифоқ афтод, ки моҳи рамазону шаъбон ҳар дуро ноқис дониста будаанд.

Ва монеае рӯй дод, ки мардум натавонистанд ҳилоли рамазонро бинанд. Пас ададҳоро таҳмил карданд ва дар охир кор бад-эшон ошкор шуд, ки ҳақиқати амр хилофи ин аст. Ва боз монанди ин ривоят ки аз Абуабдуллои Содиқ накл шудааст, ки фармуд: «Вақте шумо шаъбонро ҳифз кардед ва абр монеъ шуд, ки биниши ҳилол гардад, сӣ рӯз бишуморед, он вақт рӯза бидоред».

Ва боз монанди ривояти дигар, ки аз Содиқ ҳам накл кардаанд, ки пурсиданд: «Ҳилолҳо чист?» Фармуд: «Ҳилолҳо моҳҳо ҳастанд. Ва чун ҳилолро дидӣ, рӯза бидор ва чун бори дигар ҳилолро бубинӣ, рӯзаи худро бикушой».

Ин ахборе, ки гуфта шуд дар кутуби шиа фақат мақсур бар савм аст, вале аз саидон худ, ки хонадони расуланд, бисьёр дар шигифтам, ки чӣ тавр бад-ин суханон гӯш фаро медоранд. Ва барои таълифи дилҳои ашхосе, ки худро ба шиён мунтасиб мекунанд, ба чӣ тариқ ин ҳикоятро қабул мекунанд?! Ва чаро монанди

facebook.com/Китобхона
чаддашон амирулмуъминин нестанд, ки аз пешаи гумроҳон ва мухолифон рӯ баргардонид ва гуфт: (Ман ба шахсоне, ки одамонро гумроҳ мекунанд, ёрмандӣ нарасондаам).

Аммо он чиро, ки аз Содик ривоят кардаанд, ки фармуд:

«Панҷоҳу нӯҳ рӯз бишумор ва рӯза бидор дар оянда, зеро худованд солро сесаду шаст рӯз офарид. Ва шаш рӯзе, ки осмону замин меофарид, аз он истисно кард ва ин шаш рӯз дар шумор нестанд.» Агар ин ривоят дуруст бошад, максуд ин буда, ки дар макони вохид аксар вақтҳо ин тавр аст, вале дар ҳамаи маконҳо китъаҳои ҷаҳон, чунон ки дар пеш гуфтем, ин матлаб наздикию умумият надорад.

Аммо сабабҳои ин шаш рӯз бад-ин иллат, ки зикр шуда, бисьёр сабабҳои беасосе аст, ки ривоятро таксиб ва таъна ба сиҳати он мезанад.

Дар таворих хондаам, ки Абӯҷаъфар Муҳаммад бинни Сулаймон аз тарафи Мансур [93] ҳоким бар Кӯфа буд, Абдулкарим ибни Абулавҷоро, ки аз монавиён бошад, ҳабс кард ва ин мард аз монавия буд ва гуноҳони ӯ дар Мадинатуссалом зиёд шуданд ва ба Мансур исрор карданд, ки ӯро раҳо кунад.

Мансур ба омили худ навишт, ки даст аз ин Абӯлавҷо бидор ва ӯро раҳо кун. Ва Абдулкарим мунтазир буд, ки дар боран ӯ мактубе аз халифа бирасад. Ва ба Абулҷаббор гуфт, ки «агар амир се рӯз куштани маро акиб бияндозад сад ҳазор дирҳам хоҳам бандагӣ кард». Абулҷаббор ин паёми Абулавҷоро ба Муҳаммад бинни Сулаймон расонид. Ва Муҳаммад бинни Сулаймон гуфт: «Ман ӯро фаромӯш карда будам ва ту ба ёдам овардӣ, чун ман аз намози ҷумъа баргаштам Абдулкаримро ба ёди ман овар».

Пас аз он ки Муҳаммади Сулаймон аз намози одина баргашт, Муҳаммад бинни Ҷаббор Абдулкаримро ёдоварӣ кард. Муҳаммад бинни Сулаймон фармуд, ки то гардани ӯро бизананд. Ҳамон, ки Абдулкарим якин пайдо кард, ки кушта хоҳад шуд,— гуфт: «Ба худо савганд ёд мекунам, ки агар шумо мусулмонон маро куштед ман чаҳор ҳазор ҳадис дар дини шумо вазъ кардаам, ки ҳаромро дар онҳо ҳалол, ҳалолро ҳаром гардонидаам! Ва шумо рӯзеро, ки бояд рӯза бидоред ба

facebook.com/Китобхона

фитр ва рӯзеро, ки бояд фитр кунед, ба рӯза водоштаам!»

Пас ба фармудаи Муҳаммад бинни Сулаймон гардани ӯро заданд. Ва пас аз ин ки кушта шуд, номаи Мансур расид.

Ин таъвили бофтаро, ки гурӯҳи нав анҷом додаанд, сазовори Ибни Абулавҷо аст.

Миёни ману яке аз уламои ин гурӯҳ дар хабаре, ки истинод бад-он шуда, гуфтугӯе ва бахсе рӯй дод. Ман ӯро ба лавозиме, ки гуфта шуд, мултазим кардам. Охируламр гуфт, ки «луғат ин таврро иктизо мекунад ва миёни луғату дин тафовут бисьёр аст».

Ман ба ӯ гуфтам: «Худованд ба ту офият иноят фармояд! Оё худову расул ҷуз ба луғате, ки мутаорифи аъроб буда, тавре дигар моро хитоб кардаанд?! Ва миёни ту ва луғати араб бештар аз миёни луғату шариат тафовут аст! Балки ту хеле аз илми дин дур ҳастӣ ва уламои ҳайат ручӯъ кун, ки ҳама эшон туро дар тамом будани моҳи рамазон мухолифат мекунанд. Ва уламои ҳайат бар ин гумон нестанд, ки Офтобу Моҳ ва фалаки моҳи рамазон аз миёни дигар моҳҳо, чунончи мусулмонон барои рӯза ихтисосе додаанд, имтиёз диҳанд. Ва дар ин моҳ барои ин ки ҳамвора рамазон ба як равиш бимонад, фалаку Офтоб ва Моҳ тундтар ё кундтар ҳаракат кунанд».

Валекин гуфтугӯй бо мардуме, ки аз роҳи пок дар ботилии хеш пофишорӣ мекунанд ва нодониро маркаби худ сохтаанд, беҳуда аст. Чунон ки «Қуръон» гӯяд. (Агар порчаи аз осмон ғалтида истодаро бинанд онро тӯдаи абр мегӯянд. Ва агар бар ту китобе аз коғаз нозил кунем, онҳо дасташонро ба он мерасонанд ва касоне, ки кофиранд, мегӯянд: «Ин ба ғайр аз сеҳри соф чизи дигаре нест»).

Худованд моро аз пайравони ҳаққу ҳақиқат гардонад ва ба дасти мо ботилро ночиз кунад.

Аммо тартиби моҳҳои мӯътазидӣ айнан монанди моҳҳои форсӣ аст, валекин рӯзҳое, ки дар моҳи форсӣ аст дар моҳҳои Мӯътазид истеъмол намешавад, зеро айёмеро, ки дар солҳои мӯътазидӣ илова кардаанд, дар ҳар чаҳор сол як рӯз кабиса мешавад. Ва ба иллате, ки дар моҳҳои аҳли Миср зикр кардем, истеъмоли номҳои рӯзҳо вогузошта шуд ва кабисаи моҳҳои мӯътазидӣ

facebook.com/Китобхона

монанди моҳҳои руму суриёниён аст. Аммо моҳҳои умматҳои дигар аз Ҳинд, Чин, Тибет, Турк, Хазар, Ҳабаш ва зангиён гарчи номҳои қисме аз ин моҳҳоро медонем, валекин мунтазирам, ки фурсате ба даст оварам, то битавонам комилан бар он иҳота кунам. Зеро бо ин тарикае, ки ман пеш гирифтам, сазовор нест, ки шакро бо якин омехта кунему маҷҳулро бо маълум:

Ҷадвали моҳҳо					
Мабдаи он рӯияти ҳилол аст, ки бояд барои ин моҳҳо ҳифз шавад.				Мабдаи он аз рӯияти ҳилол ва мабдаи шумори он аз даймур аст, ки аз моҳи рамазон аст.	Мабдаи он рӯияти ҳилол аст, ки дар ҳаволии эътидоли баҳорӣ воқеъ гардад.
Аҳли кубоъ	Аҳли бухортак	Араб дар ислом	Араб дар ҷоҳилият	Самуд	Яхуд
Х-л-в	Н-в-с-р-д	Мухаррам	Мутамир	Мучиб	Тишрӣ
А-в-л-и-о	Ф-д-и-и-в-с-р-д	Сафар	Ночир	Мучир	Мархишвон
Х-х-ш	С-о-ф-в-л	Рабеъулаввал	Хаввон	Мурид	Кислев
А-в-и-и	Софт	Рабеъуссонӣ	Буссон	Мулзим	Тибос
Л-в	Ав-р-ис	Ҷумодилуллаввал	Ҳантам	Мусдир	Шафат
И-р	И-с-и	Ҷамодилулохир	Заббо	Хавбар	Озар
М-х-р	И-с-к	Рачаб	Асам	Хавбал	Найсан
Д-л-м-о	Ч-д-л	Шаъбон	Одил	Маҳо	Ияр
Л-в-о	Х-и-о-т	Рамазон	Нофик	Даймур	Сиван
М-м-о-х	С-и-в-и	Шаввол	Ваил	Дабир	Тамуз
Б-и	М-ч-с-и-д	Зулқаъда	Хувоъ	Хайфал	Ааб
А-в-нох	Д-р-и-м-и-к-и	Зулҳиҷҷа	Бурак	Мусбил	Элул

Номҳое, ки аз моҳҳои мазкура ба даст овардем, барои ин ки кӯмак ва ҳифз кунанд, дар ҷадвалҳое қарор додам. Ва худованд моро ба савоб тавфиқ дод:

Мабдаи он найрӯзи аввал аст		Мабдаи он найрӯзи дуввум аст		Ҷадвали турк	Мабдаи он рӯзи мафрӯзест, ки ба ғайри худ изофа нашудааст
Эрониён	Қудамои аҳли Сиҷистон	Суғд	Аҳли Хоразм		Суриёниён
Фарвардинмоҳ	Қ-в-о-з	Н-в-с-и-р-д	Новсорчӣ	Сиҷқон	Тишрини аввал
Урдибиҳиштмоҳ	Р-Х-в	Ҷ-р-ч-н	А-р-д-в-с-т	Уд	Тишрини охир
Хурдодмоҳ	А-в-с-о-л	Н-со-к-н-ч	Х-р-в дод	Борс	Қонуни аввал
Тирмоҳ	Т-и-р-к-и-о-н	Найсанч	Ҷирчӣ	Тафушхон	Қонуни охир
Мурдодмоҳ	Ш-р-и-з-во	А-ш-н-о-х-н-д-о-х	Х-м-д-аз	Ду	Шубот
Шаҳревармоҳ	М-р-и-з-во	М-р-х-ндо	А-х-ш-р-н-в-рӣ	Сайлон	Озар
Меҳрмоҳ	м-з-в-р-	Н-ғ-кон	А в-м-рӣ	Юнт	Найсон
Обонмоҳ	Х-р-о-н-во	Абонч	То-но-хн	Қуй	Айёр
Озармоҳ	Ар-к-и-о-з-во	Фуғ	Арӣ	Бичин	Ҳазирон
Даймоҳ	К-р-и-ш-т-	М-со-фуғ	Р-и-м-з-д	Туғук	Тамуз
Баҳманмоҳ	К-р-с-н	жимданич	Ах-м-н	Ит	Об
Исфандмоҳ	С-о-р-во	Х-ш-в-м	Исатндор-амчӣ	Тункиз	Элул

facebook.com/Китобхона

Мабдаи он аввали конуни охир аз моҳҳои сурёнӣёи аст.		Мабдаи макбуса аз 29-уми об аст ва мабдаи гайримакбуса аз аввали даймох.		Мабдаи он ичтимоест, ки дар наздики эътидоли робей воқеъ мешавад.	Ман на бар макодир ва на бар маънӣ, ва на бар кайфиёти н моххо огохӣ пай до кардам.
Рум	Юнониён	Кибт	Магориба	Хинд	Турк
Нивомбрюс	А-в-р-д-р-нос	Тут	Моя	Б-и-ш-о-к	Улуғой
Фибромюс	Модутоус	Фоухӣ	Юна	З-и-ш-т	Кичикой
Мартиюс	Д-с-т-рас	Асур	Юлия	А-а-с-о-р	Бириичиой
Афлиюс	Ксантикус	Квок	Августт	С-р-о-в-о-н	Иккиичиой
Маюс	Артмосоус	Туфӣ	Сатанбар	Б-х-д-р-б-д	Алтанчой
Юниюс	Зосовус	Мокиу	Уктубар	А-с-в-ч	Ешинчой
Юлиюс	А-ано-мус	Фомонус	Нуванбар	К-о-р-с	Саксинчой
Августус	Л-в-ос	Фармусӣ	Дхамбир	М-н-к-с	Тафсинчой
Сатиюс	Г-р-б-и-ос	Бохун	Янаир	Б-в-ш	Унинчиой
Тамбриюс	А-в-б-рфо-ротоус	Бофуиӣ	Фебраир	М-о-к	Туртинчиой
Навомбриюс	Диос	Абифӣ	Марса	Б-о-к	Бичинчой
Дамбриюс	А-в-ло-ус	Мосурӣ	Абрир	Ч-и-т-р	Еттинчой

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

ЧИГУНАГИИ ҚИСМАТҲОИ ТАЪРИХ ВА ИХТИЛОФОТИ ОН

Чун максуди мо дар ин китоб ин аст ки ба кӯтоҳтарин роҳе ва ошкортарин тариқае айёми подшоҳии мулуки гузаштаро ба даст оварем. Пас агар бихоҳем, монанди асҳоби зиҷот қисме аз ин таворихро аз қисме дигар истихроҷ кунем ва барои анҷоми ин максуд амалҳои гуногун ба ҷо оварем, хеле баҳси мо паҳновар хоҳад гашт ва ба душворию душворӣ гирифтор хоҳем шуд.

Он чи бо равиши ман, ки аз оғози китоб шурӯъ кардаам, шабоҳат дорад, ин аст, ки миёни аввалҳои таъриххои навишташударо бо рӯзҳо, ки ададҳои он назди ҳама умматҳо ихтилофнопазир аст, баён кунам, зеро солиёну моҳҳо чунонки гуфта шуд, миқдорашон мусовӣ нест.

Мо агар чи дар порае ҷойҳои ин китоб дар фунуни дигаре низ ворид шудаем ва матолиберо низ дар ин дафтар гунҷонидаем, ки рабту иттисоли он ба максуд хеле наздик аст. Вале ин корро барои ин накардем, ки сухан ба дарозо кашад ва пургӯй кунем, балки танҳо манзури мо ин аст, ки чун шахс ҳамвора дар як илм назар кунад, хаста мешавад, вале агар аз фанне ба фанни дигар ворид шавад, монанди ин хоҳад буд, ки дар боғҳои гуногун қадам гузошта, ки ҳанӯз аз яке берун наёмада, боғи дигаре худро бад-ӯ арза дорад. Аз ин рӯй ин шахс майли тамом пайдо мекунад, ки дар ин боғистонҳо идомаи назар диҳад, чунон ки гуфтаанд: «Барои хар амри навине лаззате аст».

Акнун ба гуфтахои аҳли китоб дар бораи Одам Абӯлбашар ва писарони ӯ ибтидо кунем. Ва барои ин ки аз накли гуфтори эшон осуда шавем ва ба ихтилофе, ки дар ин таъриҳ бо ҳам доранд, ба таври осон иҳота кунем, ва миёни қавли яҳуду насорӣ ҷамъ намоем, ки то мувозӣ бо якдигар шаванд ин таъриҳро дар ҷадвалҳо ҷой медиҳем:

facebook.com/Китобхона

Номхои Бани Одам, таърих ва ихтилофи ахли китоб дар замонхои эшон.	Солхои эшон то замоне, ки бинобар кавли насоро авлоде аз эшон шуд.	Мудлати солхои таърихи эшон, бинобар кавли насоро.	Солхои эшон то замоне, бинобар кавли яхудон авлоде аз эшон шуд.	Мудлати замонеро, ки хар як кас аз он ки авлоде аз эшон шуд, зиндагй карданд.	Рўихамрафта мудлате, ки бинобар кавли яхудон хар як зиндагй карданд.	Чамъи солхои таърих бино ба гуфтаи яхудон.
Одам Абулбашар то он ки Шис аз ў вучуд омад	230	230	130	800	930	130
Шис бинии Одам то он ки Ануш аз ў мутавалид шуд.	205	435	105	807	912	235
Ануш бинии Шис то он ки Кайнон аз ў вучуд омад	190	625	90	815	905	325
Кайнон бинии Ануш то он ки Махлоилро вучуд овард	170	795	70	840	910	395
Махлоил бинии Кайнон то он ки Яридро ба вучуд овард. . . .	165	960	65	830	845	460
Ярид бинии Махлоил то он ки Ахнухро вучуд овард.	162	1122	162	800	965	622
Ахнухбинии Ярид то он ки Матушолихро вучуд овард	165	1287	65	300	365	687
Матушолих бинии Ахнух то он ки Ламакро ба вучуд овард. .	167	1454	187	782	269	874
Ламак бинии Матушолих то он ки Нўхро ба вучуд овард . . .	488	1642	182	594	777	1056
Нўх бинии Ламак то он ки Сомро ба вучуд овард.	500	2142	500	450	950	1556
Сом бинии Нўх то он ки тўфон шуд.	100	2242	100	500	600	1656
Аз замони тўфон то он ки Сом Аэфахшазро ба вучуд овард. .	2	2244	2	0	0	1658
Аэфахшаз бинии Сом то он ки Шолихро вучуд овард.	135	2379	35	463	498	1698

facebook.com/Китобхона

Давомаш

1	2	3	4	5	6	7
Шолих бинни Азфахшаз то он ки Обирро вуҷуд овард.	130	2509	30	460	490	1723
Обир бинни Шолих то он ки Фолиғро вуҷуд овард.	134	2643	34	396	430	1757
Фолиғ бинни Обир то он ки Арғуро вуҷуд овард.	130	2773	30	179	209	1787
Арғу бинни Фолиғ то он ки Соруғро вуҷуд овард.	132	2905	32	175	207	1819
Соруғ бинни Арғу то он ки Нохурро вуҷуд овард.	130	3035	30	170	200	1849
Нохур бинни Соруғ то он ки Тораҳро вуҷуд овард.	79	3114	29	119	148	1878
Тораҳ бинни Нохур то он ки Иброҳимро вуҷуд овард.	75	3189	70	125	205	1948

Ҳар кас дар ин солҳо то валодати Иброҳим тааммул кунад, хоҳад дид, то чӣ андоза миёни қавли яҳудону насоро хилоф аст. Аммо нусхае, ки дар назди яҳудон аст, агарчӣ бар миқдорҳои умри Иброҳиму Исҳоқ ва Яъқубу Ловӣ ва Кохиту Мӯсо муштамил аст, вале маълум намекунад, ки чи андоза аз умри ҳар як аз эшон гузашта буд, то авлоде аз эшон мутаваллид шуд, фақат «Таврот» гувоҳ аст, ки аз Иброҳим Исҳоқ мутаваллид шуд, ва сад сол дар он вақт аз умри Иброҳим гузашта буд. Ва панҷоҳу ҳафт сол пас аз таваллуди Исҳоқ Иброҳим зист кард ва шаст сол, ки аз умри Исҳоқ гузашт, Яъқуб аз ӯ мутаваллид шуд. Ва Яъқуб ки бо фарзандони хеш ба Миср дохил шуда, саду сӣ сол аз умри ӯ гузашта буд, ҳафдаҳ сол ҳам дар Миср зист кардааст. Пас ба гуфтаи яҳудон муддати икомати Бани Исроил дар ҳудуди дусаду даҳ сол буд ва боз мутобиқи қавли яҳудон фосила аз валодати Иброҳим то валодати Мӯсо чорсаду бист сол будааст. Ва Мӯсо вақте ки ҳашт сол аз умраш гузашт, яҳудонро аз Миср берун овард, вале он чи аз сифри сонии «Таврот» истин бод мешавад, он аст, ки он чӣ Бани Исроил дар Миср монданд, чорсаду си сол буд. Ва агар аз Бани Исроил

facebook.com/Китобхона
иллати ин ихтилофро бипурсем, мегўянд, ки мабдаи ин таърих аз рўзе шурўъ мешавад, ки худро бо Иброҳим аҳд баст. Ва ба Иброҳим худо ваъда дод, ки ўро барои қабилаи бисьёр падар хоҳад гардонид ва замини Канъонро ба писарони ў хоҳад бахшид.

Ва пас аз ин ихтилоф ихтилофоти дигар дар солҳо аз чиҳати нусхаҳои сегонаи «Таврот» мавчуд ва бо чои худ махфуз аст. Ва аз умуре ки ба таври ошкор далолат мекунад, ки Бани Исроил ба амри таърих эътиное надоштанд, ин аст, ки яҳудон муттафиканд, ки аз хурўчашон аз Миср то киёми Искандар ҳазор соли тамом буд, ки ба «иббур» тасҳех шуда буд. Ва ҳар вакт бихоҳанд, солҳои дигареро истихроч кунанд, ягона такягоҳи эшон ба ин таърих аст. Ва чун мо аз кутуби дигаре, ки пас аз «Таврот» аст, солҳои ҳукумати ҳар як аз ашхосро, ки пас аз Мўсо бинни Имрон буданд, чамъ кунем, то бинои дуввуми Байтулмукаддас аз ҳазор сол хеле зиёдтар хоҳад шуд, бо андозае, ки ин микдор сахлангорй дар бораи таърих чоиз нест. Ва агар аз ҳазор сол камтар буд, ин эҳтимол мерафт, ки миёни ду шахс муддате мўҳмал монда буд, вале зиёдаро, намешавад, эҳтимолй дод.

Зеро Бани Исроил пас аз Сулаймон ду гурўҳ шуданд: Яке қабилаи Яҳузо ва Бинёмин, ки авлоди Сулаймон бар эшон ҳукумат ёфт. Гурўҳи дуввум қабилаи дахгона, ки эшонро Юрбаам ғуломи Раҳбаам бинни Сулаймон ҳукумат кард. Ва бинобар он чи мо дар идҳои яҳудон хоҳем гуфт, эшонро гумроҳ кард. Ва пас аз ў авлоди ў ҳукмфармой бар яҳудон шуданд. Ва миёни ин ду гурўҳ чангхое рўй дод.

Чадвали зайл солҳои ашхосест, ки чун Бани Исроил аз Миср берун омаданд ва ба сўи бахри Кулзум рафтанд, ки то аз он чо бигзаранд ва ба Тих раванд. Тих биёбонест дар Хичоз ба таври инҳироф. Бинобар он чи дар кутуби ахбори эшон зикр шуда, бар эшон хукм карданд.

Ва эшонро китобест, ки «Сидир Улом» гўянд ва тафсири ин калима «солҳои олам» аст. Ва ин китоб солҳои мудаббирон ва хукуматдории яҳудонро аз «Таврот» камтар дониста ва дар кисме солиён ба гуфтаи аввалаи эшон наздик шудааст. Ва мо он чи ки дар ҳар ду навъ аз кутуби эшон аст, дар ин чадвал зикр мекунем:

facebook.com/Китобхона

Номҳои мудаббирони ин қавм ва ҳокимону коҳинону қозиён то сохтани Байтулмуқаддас. Ва ин муддат чаҳор саду ҳаштод сол аст.	Муддатеро, ки ҳар як аз эшон бинобар кутуби аҳбор ба тадбири ин қавм машғул буданд	Миқдори адади ин мудат	Муддатеро, ки ҳар як бинобар китоби «Сидири Улом» ба тадбири қавм пардохтанд	Миқдори адади он
Бани Исроил аз Миср рафтанду дар Тиҳ монданд то Мӯсо мурд	40	40	40	40
Исо бинни Нун пас аз Мӯсо	27	67	27	67
Асинол бинни Қиноз	40	107	40	107
Ағлун подшоҳи Мавоб ва Амолиқа аз Бани Амун . .	18	125	—	—
Айҳуд бинни Қирой, ки дасти росташ шал буд аз валади Ифроим	80	205	80	187
Шамкор бинни Анас . . .	20	225	—	—
Дабури набӣ ва халифаи он, ки Бароқ ном дошт . .	40	265	40	227
Аҳли дин, ки ғалаба пайдо карданд	7	272	7	234
Ҷизъун бинни Афро аз оли Маншо	40	312	43	277
Абималик бинни Ҷизъун. .	3	315	43	—
Тулаъ бинни Фуо аз оли Ифроим	23	338	44	321
Еийри Ҷилозӣ аз оли Маншо	22	360	—	—
Бани Амун-Муншозӣ ва онон аҳли Фаластин буданд .	18	378	18	339
Якеҳи Ҷилғозӣ	6	384	6	345
Абсун, ки ӯро Наҳшун гӯянд ва Байтуллаҳм бувад . .	7	391	7	352
Илун	10	401	10	36?
Абдун бинни Ҳилол . . .	8	409	8	37(
Аҳли Фаластин.	40	449	—	—
Шамшуни кавӣ аз кабилаи Дон.	20	469	20	390
Раис надоштанд.	10	479	—	—
Олиё — коҳин	40	519	40	430
Тобут дар дасти душманон, то он ки Шамуил пайғамбар шуд.	10	529	10	440
Шамуил, то он ки аз ӯ хостанд, ки подшоҳе барои эшон бигузинад ва Толутро				

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5
интихоб кард	20	549	—	—
Шовул, ки хамон Толут аст	20	569	20	442
Довуд оғоз ба сохтмони масҷид кард аз соли ёздахуми салтанати худ. .	40	609	40	482
Сулаймони Довуд то он ки масҷидро тамом кард. .	3	612	3	485

Номҳои подшоҳони Бани Исроил ва мудаббирони эшон, пас аз сохтани Байтулмукаддас то хароби аввали он, ва ин муддат 415 сол аст.	Муддатеро ки ҳар як аз эшон бинобар он чи дар китобҳои аҳбор аст ва тадбири ин қавм пардохтанд.	Миқдори адади он	Муддатеро ки ҳар як аз эшон бинобар он чи дар китоби «Сидири Улом» аст, ҳукумат карданд.	Миқдори адади он
Сулаймон бинии Довуд пас аз итмоми сохтмони Байтулмукаддас	37	649	37	522
Рахабоам бинии Сулаймон	17	666	17	539
Абиё бинии Рахабоам . . .	3	669	2	541
Осо бинии Абиё.	41	710	41	582
Яҳушофот бинии Осо . .	25	735	23	605
Яҳуром бинии Яҳушофот .	8	743	6	611
Аҳриён бинии Яҳуром.	1	744	11	622
Оталиё то он ки Яъбош ӯро бикушт	6	750	6	628
Яъвош бинии Аҳриё то он ки ёроне ӯ ӯро бикуштанд .	40	790	40	668
Амусиё бинии Яъвош то он ки кушта шуд .	29	819	29	697
Узиё бинии Амусиё то он ки мурд. . . .	52	871	52	749
Юшом бинии Узиё то он ки мурд. . . .	16	887	16	765
Ахоз бинии Юшом то он ки вафот кард. .	16	903	16	773
Хизқиё бинии Ахоз подшоҳи ҳама кабиларо .	29	932	29	802
Маншо бинии Хизқиё . .	55	987	55	857
Амун бинии Маншо . . .	2	989	2	859

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5
Юшиё бинни Аммун то он ки подшохи Миср ӯро кушт . .	31	1020	31	890
Яхвохоз бинни Юшиё то он ки подшохи Миср ӯро асир кард	3	1023	—	—
Яхуёким бинни Яхвохоз аз тарафи подшохи Миср таин шуд	10	1033	11	901
Юёхин бинни Яхуёким то он ки Бухтанассар ӯро асир кард.	3	1036	—	—
Сидкиё то он ки бо Бухтанассар мухолифат кард ва Бухтанассар ӯро кушт ва Байтулмукаддасро хароб кард .	6	1042	11	912
Муддате, ки Байтулмукаддас хароб буд.	70	1112	70	982
Гӯрӯҳе гуфтаанд аз замони асорат то Дониёл	90	1202	90	1052
Аз Дониёл то он ки Масеҳ мутаввалид шуд	483	1685	483	1535
Аз валоати Масеҳ то таърихи хичрати пайғамбари мо . .	600	2285	600	2135

Оре, дар қавме чун Бани Исроил, ки чандин мартаба дар эшон қатл вокеъ шуда ва ба асирӣ бурда шудаанд, дур нест, ки чунин ихтилофот вазъиятеро ба амал оварда буд, ки «Ҳар як доя ширхорагони худро фаромӯш карда, ҳар як модари ҳомиладор тифли ба олам чашм накушодаи худро нобуд мекарданд». Ва бехтар ин аст, ки ин баҳсҳоро канор бигузоранд ва ба коре дигар машғул шаванд.

Вилоёт ва риёсатҳо дар қабилаҳо ягона набуданд. Ва пас аз марги Сулаймон бинни Довуд ҳукумат пароканда шуд. Ва қисмате аз ҳукумат барои қабилаи яҳудо ва Бинёмин монд. Қисмате дигар хам ба соири Бани Исроил расид. Дигар ин ки яҳудон дар тартиби сиёсат ва назми мулк тавре набудаанд, ки ба вақтҳои қиёми ҳар як аз мулуку пешвоён эҳтиёч дошта бошанд ва айёми подшоҳии ӯро чуз ба ҳисоби такрибӣ тадвин накардаанд.

Бо ин ки қисме аз яҳудон бар ин гумонанд, ки Кушон подшохи ҷазирае, ки аз оли Лут буд, пас аз Юшаъ (Исо) бар эшон ғалаба ёфт ва ҳашт сол эшонро тобеи худ намуд. Ва пас аз ӯ Асниёл қиём кард ва қисме аз

facebook.com/Китобхона
эшон риёсати Асниёлро бештар аз қисми дигар гуфтаанд.

Ва басо иттифоқ меафтад, ки мегӯянд: «Фалон кас чанд сол ҳукумат кард? Ва ҷамъе дигар мегӯянд, ки «камтар аз ин миқдор буда ва ин муддат миқдори умри ӯ буда ва ё чун ду нафар дар як муддате мазкурӣ ба таври иштирок бо ҳам риёсат доштанд». Миқдори гуфташуда мавриди ин хоҳад буд. Ва он чи аз китоби «Сидири Улом» фаҳмида мешавад, агарчи муҷмалан бо он чи гуфтем, мувофиқат дорад, вале дар тафсил, яъне дар вақти нахустин сохтмони Байтулмуқаддас ихтилоф дорад, гузашта аз он ки дар дигар аҳвол, ки мо нақл кардем, низ ихтилоф аст.

Гурӯҳе аз нодонҳои даҳрия он чиро, ки аз тӯли умри умматҳо гузашта, зикр кардаанд. Ба хусус он чиро, ки пеш аз замони Иброҳим буда, инкор кардаанд. Ва ин ки гуфтаанд: «Онон дорои часадҳои бисьёр азиме буданд» ин ахборро низ қабул намудаанд ва ба қиёс ба мардуме, ки дар асри худ мебинанд тӯли умру азамати ҷуссаи гузаштагонро берун аз доираи имкон ва дохил дар мумтанот донистанд. Ва фикрҳои уламои нуҷумро ба гуфтаи худ далел оварданд, ки эшон роҷеъ ба аксар «атои кавокиб»[94] дар маволид чунин гуфтаанд.

Ҳангоме ки Хуршед дар мавлиди «ҳайлоҷ» «катхудо» бошад,[95] яъне дар хона ва ё дар назди худ бошад[96] ва дар ватад ва рубъи мазкур бошад[96], он вақт солҳои куброи худро, ки саду бист сол бошад, ато мекунад. Ва Моҳ ҳам бисту панҷ сол бар он меафзояд ва Зӯҳра ҳаждаҳ сол ва Муштарӣ дувоздаҳ сол ва солҳои атошудаи ҳар як аз ин ситорагон солиёнаи сугро хоҳад буд, зеро бештар аз ин тавоно нестанд, ки бубахшанд, ба шарте, ки назари мувофиқ дошта бошанд. Ва ду наҳс[97] аз он соқит бошад, ки натавонанд чизе кам кунанд ва Раъс низ дар бурҷ бошаду дур аз он. Ба тавре ки дар ҳудуди кусуф низ набошад. Ва чун ҳаман ин шароит ҷамъ шуд, Моҳ чаҳорьяки атои худро низ бар мавлуд меафзояд, ки сӣ бошад. Пас ҷамъи умри мавлуд меафзояд, ки сӣ бошад. Пас ҷамъи умри мавлуд дусаду панҷ сол мешавад. Ва он муътаҳои миқдорест, ки умри як нафар инсон хоҳад буд, агар қатъкунандае надошта бошад. Ва чун кивоми ҷаҳон бо Офтоб аст ва саду бист сол солиёнаи куброй он аст, пас умри табиӣ саду бист сол хоҳад буд. Ва ин гурӯҳ барои

facebook.com/Китобхона
суди худ ҳукме сохтаанд: (Агар ҳақ ба хоҳиши онҳо тобеъ шавад, замину осмон вайрон хоҳад шуд). Ва ақидаи худро бар хилофи он чи мунаҷҷимон гуфтаанд, бино намудаанд.

Мунаҷҷимон мегӯянд, ки барои ин кавокиб солиёни азимест, ки дар кутуби худ гуфтаанд, ки дар бурҷҳои оташин ҳазор сол мебахшанд, ба шарти он ки тадбир дар он бурҷҳо дар дасти кавокиби улвӣ бошад. Ва солҳоеро, ки Офтобу Зӯҳра мебахшанд, аз умри ашхосу гузашта хеле зиёдтар хоҳад буд.

Ин Мошоолло[96] аст, ки устоди мунаҷҷимон аст ва дар аҳкоми нуҷум ба гуфтаи ӯ хеле эътимол доранд ва тақаддуми ӯро мункир нестанд. Ва Мошоолло бар ин гумон шуда, ки мумкин аст одамӣ солҳои «Қирони авсат»-ро[99] (агар мелод дар таҳвили қирон аз мусалсалае ба мусалсалаи дигар бошад ва толеъ ҳам яке аз ду хонаи Зуҳал ва Муштарӣ бошад ва «ҳайлоҷ» низ Офтоб дар рӯз бошад ва Моҳ дар шаб дар мунтаҳои ҳастии худ) зиндагӣ кунад ва низ агар мелоди шахсе дар таҳвили қирон ба Ҳамал ва Мусалласоти он бошад ва шароити пешин низ ҷамъ бошад, мавлуди солҳои «қирони аъзам»-ро, ки тақрибан нӯҳсаду шаст сол аст, зиндагӣ кунад, то он ки қирон аз нав ба вазъи пешини худ баргардад. Ва донишманди номбурда ин матлабро дар оғози китоби хеш дар «Маволид» ёдоварӣ намуда, пас истидлоли ин қавм ба «тӯҳфаҳои кавокиб» дуруст наёмад ва ба акси гуфтаи эшон анҷом ёфт.

Маро дар ин солҳо, ки ба ҳар як аз кавокиб нисбат медиҳанд, бо мунаҷҷимоне, ки ин қавлҳоро ба кор мебанданд дар «Китоб-ут-танбеҳ ало синоат-ит-тамвиҳ» (Китоб дар танбеҳоти санъати фиреб) гуфтугӯест ва дар «Китоб-уш-шумус-уш-шофият лин-нуфус» (Китоби офтобҳое, ки шифобахши рӯҳанд) баён кардаам, ки тариқи аввалӣ дар истеъмоли он солҳо кадом аст. Ва мушоҳидаи мардуми муосиру киёси гузаштагонро бо хозирон, тӯли умру бузургии андоми ашхоси гузаштаро аз ҳадди имкон берун намекунад. Ва амсоли ин қазоё, ки дар давраи замон рӯй медиҳад, чандин қисм аст:

Яке он аст, ки бояд дар вақтҳои маълум рӯй диҳад, ки ба таври таоқиб дар ин вақтҳо сурати хоричӣ мепазирад. Ва чун шахс ин умурр одар ҳамон замон, ки тарафи хорични он аст, набинад онро дур хоҳад донист. Ва гоҳе мешавад, ки ба куллӣ имкон онҳоро мункир мешавад. Ва ҷамеи пайдоишҳо аз таносули ҳайво-

facebook.com/Китобхона

ну бордоршавии дарахтон ва сабзиши зироату мевахо дохил дар ин бахшанд, ки агар инсон ҳолати онҳоро надонад, сипас ба як дарахте бирасад, ки баргҳои он рехта шудааст. Ва бо ӯ бигӯяд, ки ин дарахт дар оянда сабз хоҳад шуд ва шукуфаю мева хоҳад дод, то ҳангоме ки набинад, ба назари ӯ дур хоҳад намуд.

Ва иллати ин ки мардуми мамлакатҳои шимол аз пойдории нахлу зайтуну ос ва амсоли он ки ҳамвора дар зимистон низ тару тозаанд, тааҷҷуб мекунанд, ҳамин аст, ки монанди онро дар диёри худ надидаанд. Бахши дигар ашьёест, ки ба таври пароканда дар рӯзгор вокеъ мешавад, валекин ба таври иттифоқ. Ва чун замонеро, ки тарафи он буд, гузашт, чуз хабаре аз он бокӣ нахоҳад монд. Ва агар ин қабил ахбор бо шароити дурустии хабар якчоя гардад ва пеш аз вуқӯъ ҳам дохил дар ҳадди имкон бошад, албатта чорае чуз қабули он нахоҳад буд, агарчи чигунагӣ ва тарзи иллати он шинохта нашавад.

Бахши дигар ашьёест, ки ба холати собик аст, яъне бароя вуқӯи он даврею тартибе муназзам нест. Ва чун модда аз назме, ки навъи бар он чорӣ буда, хориҷ шавад, ин қабил ашьёро «ғалати табиат» меноманд. Агар чи ман бо ин номгузорӣ мувофиқ нестам ва номи онро «хурӯчи модда аз эътидоли қадру андоза» мегузорам. Монанди хайвоноте, ки дорои аъзои зиёда ҳастанд ва чун табиат, ки ба ҳифзи анвоъ мувоккал аст ва бояд онро ҳамвора ба як равиш нигоҳ дорад. Модда зиёдатие ёфт, онро сурате мепӯшонад ва ба ихтиёри худ намегузорад. Ва дар хайвоноти нокисулаъзо чуи табиат моддае намеёбад, ки сурати навчиро бар он бипӯшонад, бо нуқсони аъзо сурате бар ин хайвон мебахшад, ва бар касби токату истеъдод нафсе бар он ато ва бахраманд менамояд.

Аз бароя ин кисм Собит бинни Синони Курра[100] дар китобе, ки дар таворих навишта, ҳикояте накл карда, ки дар Суррамонрао[101] як чӯчаи хиндӣ дид, ки аз тухм беруи омада буд ва ҳомилу томулхилқат буд ва фақат дар сар дорои ду миникору се чашм буд. Ва низ дар ҳамин китоб зикр карда, ки дар айёми ҳукмронии Тузун[102], бузғолаи мурдаеро, ки рӯи он шабеҳ ба рӯи одамӣ буд ва ду фуку дандонҳои ӯ монанди фукайку дандони башар буд, овардаанд. Ва ин бузғола як чашм бештар надошт ва дар пешонӣ чизе монанди дум дошт.

facebook.com/Китобхона

Ва низ дар ҳимин китоб мегӯяд, ки дар нохияи Муҳаррами Бағдод моддаҳое ба зуҳур расид, ки дар ҳамон соат бимурд. Ва дар ҳангоме ки Мӯизуддавла писари Изадуддавлаи Бахтиёр[103] ҳаёт дошт он мавлудро ба назди Изадуддавла оварданд ва дорои бадани комил буд ва ҳеҷ нуксе ва зиёдие дар он набуд. Ва фақат дар бадани он ду кубба ошкор буд, ки дорои ду сари комил ба нодурустии тамом ва дорои чашму гӯшу бинию даҳан буд. Ва дар миёни ду рони он фарче буд, монанди фарчи занон ва дар дохили ин фарҷ ихлили зоҳире дида мешуд.

Ва низ аз яке аз сарфармондеҳони Рум ҳикоят кардаанд, ки барои Носируддавла[104] дар зимистони соли сесаду панҷоҳу ду ду мардро, ки аз шикам ба якдигар часпида буданд, фиристод ва ин ду оромӣ буданд ва бисту панҷ сол аз умри онҳо гузашта буд ва ҳарду риш доштанд. Ва Синон бинни Собит номи он дуро низ зикр кардааст. Ва падари он ду нафар низ ба ҳамроҳии онҳо омада буд. Ва ин ду нафар бо ҳам рӯбарӯ буданд. Ва фақат чое, ки ин ду нафарро ба ҳам аз пеш муттасил карда буд, ба тавре дароз буд, ки метавонистанд яке аз ин ду дар тарафи рости дигаре биистад ва пӯсти онҳо ҳеҷ гуна зараре намерасонд. Ва муаррихи мазкур мегӯяд, ки ҳар як аз ин ду нафар олоте том буд ва чудогона. Ва вақти ғизо ва таҳлияи ин ду мухталиф буд. Ва бар як чаҳорпо дупушта савор мешуданд ва рӯи он ду ба сӯи ҳам буд. Ва яке аз ин ду нафар ба занҳо тамоиле дошт ва дигаре ба кӯдакон.

Шакке нест, ки қувваи табиат, ки мулҳам аст, агар моддаеро биёбад, муаттал намегузорад. Ва чун ин модда ифрот кард ва зиёд шуд, ин қувваи феълро ду марта ба мекунад. Ва гоҳ мешавад, ду чиз месозад, ки бо ҳам мечаспонад, монанди он ду нафар марди оромӣ, ки гуфта шуд. Ва гоҳе ҳам яке аз он дуро дар дохили дигаре бошанд, монанди дугоник. Ва гоҳе ҳам он дуро бо ҳам мегузорад. Анвои дугоник дар дигар ҳайвон ба ҳамин сифат ва ё ба таври дигар дида мешавад. Чунончи ҳикоят кардаанд, ки моҳиёни дарьёро навъҳои бисьёрест, ки чун якеро бишикофанд, дигареро дар дохили он меёбанд. Ва гоҳ ҳам иттифоқ меафтад, ки табиат ба ду мартаба зиёд кардан басандагӣ намекунад.

Ва ҳамаи ин қисмҳо дар наботот низ иттифоқ меафтад, монанди меваҳое, ки тавъам аст ба ҳам часпида ва

facebook.com/Китобхона
ё меваҳое, ки ду мағз дар як пӯст доранд. Ва аммо навъҳоеро, ки табиат ду мартаба мутадохили ҳам сохта, монанди турунҷ, ки дар миёни он турунҷе дигар монанди турунҷи рӯи мавҷуд аст. Ва гоҳ ҳам чунин иттифоқ меафтад, ки дугоники пурраро табиат наметавонад тамом кунад, он вақт дар аъзо меафзояд ва ё аъзое ба мавлуд медиҳад, ки дар ҷои худ бачо воқеъ шудааст. Мисли ангуштҳои зиёде, ки бо он ки аз адади маъруф зиёдтар шуда дар ҷои худ воқеъ шудаанд. Ва замоне ҳам бо он мавзеъ, ки бояд ин мавод бичаспад, лоиқу сазовор нест. Ва ин қабил ашьёро намешавад, «ғалати табиат» номид. Монанди гове, ки дар асри Соҳиб бинни Аббод[105] ва ғалабаи оли Бувайҳ дар Ҷурҷон буд.

Ва онро пиру барнои он шаҳр дида буданд. Ва барои ман ҳикоят карданд, ки дар ҷои кӯҳони ӯ наздики гардан дасти дарозе дошт, ки ин даст монанди дастҳои аслии ӯ томулхилқа буд. Ва дарои азуду мафосилу сум буд. Ва ба иродаи худ ин дасти зоидро ҳаракати қабзу басе медод. Ва аз ин ҷиҳат мо ин қабил зиёдатиро «ғалати табиат» ном ниҳодем, ки манфиате дар он мутасаввир нест ва дар зидди мавзеъ ва хилофи ҷиҳати худ қарор дорад.

Ва барои ҳаман ин қисмҳо ва шабеҳони он дар миёни китобҳои ман китобе хос аст, ки барои шахсе, ки худ ин қабил мавҷудотро надида ва ё шароити дурусте хабар бо ин ахбор наёфта, мақбул нахоҳад буд.

Ҳамин тавр, ки тоифае ба насабе хос мунтасиб мешавад аз қабилаҳои Ҳимьяр, Нимьяр ва Имар ҳам ин тавр аст. Ва низ дарозии умрҳо гоҳ мешавад, ки ба як макони хос ихтисос меёбад ва дар мамлакати дигар ин тавр нахоҳад буд, монанди мардуми Фарғона ва Ямома, ки бинобар нақли аҳли таҳсил ин диёр аз хама ҷои ҷаҳон умрашон дарозтар аст. Ва арабҳою хиндиён дар дарозии умр аз аҳли ин ду диёр маъруфтаранд.

Абӯсаиди Шодон[106] дар китобе, ки бо Абӯмаъшар дар асрор музокира карда, аз Абӯмаъшари Балхӣ чунин ҳикоят мекунад, ки муваллиди подшоҳи Сарандебро ба назди ӯ фиристонданд ва толеи ӯ Ҷавзо буд ва Зуҳал дар Саратон ва Офтоб дар Ҷадӣ. Абӯмаъшар ҳукм намуд, ки ин тифл даври авсати Зуҳалро зиндагӣ хоҳад кард. Абӯсаиди Шодон мегӯяд, ки ман ба Абӯмаъшар гуфтам: «Субҳонолло, кадхудоии ӯ дар байте сокит аз пешвоён дар бӯхрони ручӯи худ рочеъ гашта-

facebook.com/Китобхона
аст». Пас бад-ин сабаб ҷуз даври асғари худро натавонад бахшид. Ва ба иллати ин ки роҷеъ аст, бояд панҷоҳ сол ҳам аз даври асғар кам кард. Абӯмаъшар гуфт: «Ин мавлуд аз аҳли кишварест, ки дар он ҷо ҳукм ба дарозии умрҳо намудаанд ва бисьёр дар он ҷо иттифоқ меафтад, ки шахс пир мешавад бо он ки соҳиби ӯ Зуҳал будааст». Ва Абӯмаъшар гуфт: «Ман ин тавр шунидам, ки агар касе дар он кишвар пеш аз он ки ба даври авсати Зуҳал расад, бимирад, аз суръати марги ӯ дар шигифт мешаванд. Ва чун Зуҳал дар иқлиме, ки тааллуқ ба он дорад, ба кадхудой муставлӣ шавад, аз даври акбару авсати худ зиёд чизе нуқсон намекунад, магар ин ки соқит бошад».

Абӯсаид мегӯяд, ки «ман гуфтам»: «Акнун низ Зуҳал соқит аст». Гуфт: «Аз шакли назар соқит аст, на аз тадбир».

Ва дар ҷои дигар аз китоби худ ҳикоят карда, ки «ман назди Абӯмаъшар будам, ки Абӯисмат яке аз наздикони Саффор[107] аз амре, ки дар далоили мавлуди ӯ буд ва аз он метарсид, аз Абӯмаъшар пурсид. Абӯмаъшар гуфт: «Медонӣ, ин падарат чанд сол аст мурда?» Гуфт: «Оре!» Абӯмаъшар гуфт: «Оё ту ба ин син расидӣ? Гуфт: «Ман аз синни падарам гузаштам». Абӯмаъшар гуфт: «Медонӣ, чанд сол аст модарат мурда?» Гуфт: «Оре, медонам ва ман аз синни модари худ бештар умр кардаам». Абӯмаъшар гуфт: «Падари бузурги ту чанд сол умр кард?» Гуфт: «Ман ҳанӯз ба синни ӯ нарасидаам». Абӯмаъшар гуфт: «Ба мухолифате, ки мавлуди ту далолат дорад, назар кун, ки оё ба умри падари бузургат мувофиқ аст?» Гуфт: «Оре, мувофиқ аст». Абӯбиат бештар ғалаба дорад ва ҳар наҳсияте, ки дар миқдори умри падараш ва ё модараш ва ё ҷадди падарии маъшар гуфт: «Ту бояд битарсӣ». Сипас гуфт, ки «тӯ бошад ва инсон ба он муддат бирасад, чун ба шаҳодати қавӣ наметавонад, ки аз чанголи он нуҳусат бадар равад».

Пас Абӯмаъшар дар ин маврид низ тасдиқ кард, ки дарозии умр низ монанди насабе хосест, ки гурӯҳи тоифаҳо ғайри гурӯҳи дигар ба он ноил мешаванд. Пас дар натиҷа он чиро, ки дахриён аз гуфтан асҳоби нуҷум дастовез кардаанд, барои эшон суде нахоҳад дошт, зеро чунон ки донистед, уламои нуҷум дарозии умрро

facebook.com/Китобхона
мумтанеъ намедонанд, балки мутобиқи ақволу фикрҳои эшон, ки нақл шуд, амри воҷиб мешуморанд.

Ва агар дуруст шахс ба гуфтаи эшон таваҷҷӯҳ кунад, хоҳад дид, ки умдаи эътимоди ин даста ба гуфтори ҳиндуён буда, ки ба дурӯғҳои эшон такья намудаанд, зеро мардуми ҳинд мегӯяд: «Буте дорем, ки аз санг тарошида шуда ва дар гардани ӯ тавқҳои зиёде аз оҳан аст, ки таворихи даҳ ҳазор соли Ҳинд аст». Ва чун ин миқдорро ба шумор оварданд, муддати зиёде хоҳад шуд. Ва чун бо ин ҷамоат бигӯем, ки «ҳиндиён бар ин гумонанд, ки подшоҳи Ҷамолободҳара ва он шаҳрест, ки ҳалилаҷ ва амилаҷ ва балилаҷро[108] аз он ҷо меоваранд, дусаду панҷоҳ сол умр кард. Ва монанди ҷавонон бар асб савор мешуд ва ба шикор мерафт ва зан мегирифт, вале ба тавассути муолиҷа ва даво бар ин корҳо қодир буд. Ин ҳикоётро инкор хоҳанд намуд ва хоҳанд гуфт, ки «ҳиндиён дурӯғгӯ ҳастанд ва диққати назар надоранд ва худро дар улум ба ваҳй нисбат медиҳанд ва наметавон ба гуфтаи эшон эътимод кард». Ва он вақт шурӯъ мекунанд, ки камақлии равиши худро дар боби дину савоб ва уқубати ухравӣ ва азобҳои ҷисмонӣ инкор кунанд.

Ва ин ки худованд дар «Қуръон»-и маҷид фармудааст: (Аммо он чиро ки намедонистанд, ба дурӯғ мебароварданд). Ва ё ин ки гуфтааст: (Ва агар бо он ҳидоят нашаванд, хоҳанд гуфт: «Ин дурӯғи қадим аст».) Мақсудаш ин тоифа аст, ки ба он чи мутобиқи мазоқи эшон аст, иқрор мекунад, ҳарчанд хеле заиф бошад. Ва бо ҳарчи мухолифи ақидаи эшон аст, мухолифат менамоянд.

Аз Абӯабдулло Ҳусайн бинни Иброҳими Табарии Нотилӣ[109] мақолае дидам, ки камияти умри табииро маълум карда буд. Ва мунтаҳои умри табииро саду чил соли хуршедӣ дониста буд. Ва бештар аз он миқдорро раво намедонист, вале касе, ки ба таври озод мегӯяд: «Намешавад, бояд далел биёварад, ки тавлид итмиъном кунад». Ва Нотилӣ бурҳон бар ин қавл наёварда, чуз ин ки гуфтааст: «Одамиро се камол аст:

Яке он аст, ба ҳадде расад, ки битавонад тавлиди мисл кунад. Ва он вақтест, ки ду ҳафт сол аз умри ӯ бигузарад.

Камоли дуввум он аст, ки нафси фикрию нотиқаи он тому тамом гардад ва ақлаш аз қувва ба феъл ояд. Ва

facebook.com/Китобхона

ин кор дар оғози чилу дуввумин соли умри ӯ хоҳад буд. Ва камоли сеюм он аст, ки агар ба фармонравоие расид, битавонад ҳама мардумро идора кунад ва ё агар хонавода гирифт, битавонад амри хонаводаро идора намояд ва ё агар танҳо монд, худро идора намояд. Ва рӯиҳам рафта мачмӯи ин камолот саду чил сол аст».

Надонистам, ки Абӯабдуллои Нотил ин ададҳоро ба чӣ нисбат истихроҷ карда, бо он ки таносубе на дар миёни худи онҳо ва на дар тафозули онҳост. Ва агар ҳаман мо мусаллам бидорем, ки адади камолоти инсон се бештар нест ва он чиро, ки шумурда, мо бишуморем, ва дар охири кор, агар аз бурҳон натарсем, бигӯем, ки рӯиҳамрафта сад сол ва ё ҳазор сол ва ё ду ҳазор сол мешавад. Миёни мову Абӯабдулло фарқе нахоҳад буд.

Бо он ки мо мебинем, ки гурӯҳе аз муосирони мо ба камолоти мазкур дар ғайри ин замонҳо, ки ӯ маълум кардааст, мерасанд. Ва худо ба мақсуди Нотилӣ аз мо донотар аст, аммо азимию бузургии чисмҳо агарчи дар аҳди мо ва ё қариб ба замони мо дода намешавад, вале ба маҳз ин ки аз замонҳои дур чунин матлабҳоеро нақл кунанд, набояд, ин амрро чузви мумтанеот шумурд. Ва ин «Таврот» аст, ки дар дастраси мо мебошад ва аз бузургии чисмҳои чабборон гуфтугӯ мекунад. Ва Бани Исроил дар солиёни дароз, ки аз оғози «Таврот» мегузарад, ин ахборро хонданд ва такзиб накарданд ва ба ҳеч қисм таъна ба сиҳатии он ривоёт назаданд. Ва агар воқеан мардуме бисьёр азимулчисм пеш аз мо набуданд, ҳикоёти онҳо дар забонҳо боқӣ намемонд, ки ҳар марде тануманд ва баландқадро бо эшон монанд кунанд. Чунон, ки ба қавми Од ташбеҳ мекунанд, вале гумон мекунам, ки душманони мо қавми Одро тасдиқ накунанд, зеро чизҳоеро, ки аз Од наздиктар ва ҳикоёти он равшантар аст, инкор менамоянд. Ва барои гуфтан худ далоили бисьёр оварданд, ки бо ҳурдтарин далеле, ки барои радди қавли эшон гуфта шуд, баробар нест. Ва аз қабули ҳуччатҳои қавӣ фирор менамоянд (ба мисли хароне, ки аз тарси шер мачбур дар гурезанд.)

Намедонам, ки дар осори мардуми азимулчусса, ки акнун дар ғорҳои кандашуда, дар кӯҳҳои сахт мавчуд аст ва дар қубури онҳо устухонҳои мадфун дар ин қубур, ки гӯй аз бузургӣ устухони шутур аст ва ба ан-

facebook.com/Китобхона
дозае бадбў шуда, ки ҷуз пас аз он ки бинии худро шахс бубандад, наметавонад вориди мақобири эшон шавад, чӣ мегўянд. Ва ҷамъи мардуми он навоҳӣ бар он аст, ки мақсуд аз «аҳли зулмат» эшон ҳастанд. Ва чун душманон номи Яввмуззулматро бишунаванд, аз роҳи такаббуру ғурур бинии худро боло кашанд ва чонаҳои худро каҷ мекунанд, бо ин гумон, ки эшон мардуме фозил ҳастанд ва аз доираи авом по берун ниҳоданд. (Ва худо онҳоро ба ҳисоб мегирад. Ва мо кори худу онҳо кори худро доранд.)

Ва дар баъзе кутуб ҷадвалҳое дидам, ки муддати подшоҳии мулуки осуриро, ки аҳли Мусил бошанд ва муддати салтанати мулуки ибтро, ки дар Миср буданд ва ҳамчунин муддати подшоҳии мулуки батолиса, ки муфради он Батламиюс аст. Зеро Искандар дар дами марг васият карда буд, ки ҳар кас аз юнониён, ки ба салтанат расид, худро бо ин ном мавсум намояд, то боиси тарси мардум бошад, зеро маънои Батламиюс «марди ҳарбӣ ва ҷангӣ» аст. Ва низ таворихи мулуки Румро, ки пас аз батолиса буданд, зикр карда буд. Ва солиёни мазкура дар он кутуб аз мавлуди Иброҳим то Искандар ду ҳазору наваду шаш сол буд, ки аз он чи охудон, носорӣ ва асҳоби киронот мегўянд, бештар аст. Ва ман он ҷадвалҳоро айнан дар ин фасл нақл кардам ва замон ба мо мусоидат накард, ки номҳои ин мулукро, ки шунидаам, тасҳеҳу ислоҳ кунам. Ва агар касе бар ин матолиб воқиф шавад, барои осон кардани роҳи илму **рафъи заҳмат аз дигарон** номҳои мазкурро тасҳеҳ кунад. Ва набояд, ки ин исмҳо ва дигар ҷадвалҳоро ҷуз шахсе, ки ба ҳуруфи ҷуммал ориф аст ва дар тасҳеҳи номҳои гуфташуда таваҷҷўҳе ва иноятe дорад, истинсох кунад, Зеро ин номҳоро агар варроқин нақл кунанд, фосид хоҳанд намуд. Ва ҷуз дар солиёни зиёд ислоҳи он мумкин нахоҳад буд. Ва ҷадвалҳои нақлшуда бад-ин қарор аст:

Номи подшоҳони осурӣ, ки аҳли Мусил буданд. Ва адади эшон сию ҳафт нафар аст ва муддати салтанати эшон сесаду панҷ сол аст.	Муддати ҳукмронии ҳар яке аз подшоҳон.	Солҳои ҳукмронии онҳо.
Болус	62	62
Нинус, ки Мусил Нинавиро сохт ва Иброҳим дар санаи чилу се аз салтанати ў мутаваллид шуд . .	52	114

facebook.com/Китобхона

1	2	3
Ашмум аёли ӯ, ки Сомираи атиқаро дар ҷониби ғарбии Суррамаирао сохт	42	156
Зомис бинни Нинус, ки Иброҳим бад-ӯ гирифтор шуд ва дар санаи бисту се аз подшоҳии ӯ ба замини Фаластин гурехт	38	194
Ариюс	30	224
Арилус	40	264
Ахшияруш	30	294
Армомитрис	38	332
Балохус	35	367
Баловус	52	419
Алтозус	32	451
Момусус	30	481
Манхолус	30	511
Асфорус	20	531
Момулус	30	561
Асфорстус	40	601
Аскантизус	40	641
Амунтус	45	686
Балохус	25	711
Болоторис	30	741
Ланфаризус	32	773
Сусирус	20	793
Ланфорус	30	823
Фаниёс	45	868
Сусрамус	19	887
Мисриюс	37	924
Тавтонас, дар айёми ӯ шаҳри Илиюсро муҳосира намуданд, ки юнониён бо он дар ҷанг буданд	31	955
Уфилос	40	995
Тавтиюс	30	1025
Салинус	40	1065
Даруқлус, дар айёми ӯ Довуд бар Бани Исроил подшоҳ шуд	38	1103
Лавососнус, дар айёми ӯ Бани Исроил ба ду гурӯҳ тақсим шуданд	40	1143
Фаритизос	30	1173
Афротус	20	1193
Афротоновус, пас аз чилу ду сол ва яксаду шасту ҳафт рӯз аз подшоҳии ӯ Умирус (Гомер)[111], шоири юнонӣ, мутаваллид шуд, ки ӯ назди юнониён чун Имруулқайс назди араб аст	50	1243
Акроғонос	42	1285
Сану Қаланқарирос	20	1305

facebook.com/Китобхона

Мардуми Бохтар аз подшоҳи охир нақл мекунанд, ки Юнус дар аҳди ӯ ба Нинавӣ пайғамбар шуд ва марде аз Аҷам, ки номи ӯ ба ибронӣ «Арбоқ» аст ва ба форсӣ «Даҳок» ва ба тозӣ «Заҳҳок» бар ин подшоҳ хурӯҷ кард ва бо ӯ ҷанг намуд, то он ки ӯро шикаст дод ва подшоҳро бикушт ва худ ба салтанат расид, то он ки Каёниҳо, ки подшоҳони Бобул буданд ва аҳли Бобул эшонро «Калдониён» мегӯянд, ба подшоҳӣ қиём карданд. Ва муддати ҳукмронии подшоҳи ба дасти Заҳҳок кушташуда ҳафтоду ду сол буд.

Калдониёнро, намешавад, Каёнӣ донист, балки Калдониён ҳокимоне буданд, ки аз ноҳияи подшоҳони Каён дар Бобул ҳукумат намуданд ва маркази салтанати Каёниён Балх буд, ки чун ба Калда расиданд, мардуми Бохтар эшонро «Калдониён» гуфтанд ва ин номи ҳокимони қаблии ин силсила аст.

Баъзе аз муаррихин нақл кардаанд, ки Намруд бинни Кӯш бинни Ҳом бинни Нӯҳ пас аз он ки бисту се сол аз омехта шудани забонҳо дар Бобул гузашта буд, ба подшоҳӣ расид. Ва нахустин кишваре, ки дар дунъё пайдо шуд, кишвари Бобул буд. Ва омехташавии забонҳо бо мавлуди Арғу дар Бобул баробар афтод. Ва мулуки дигареро, ки пас аз Намруд салтанат кардаанд, ном бурдаанд, то ин ки саранҷоми ҳукумат ва фармонравоӣ ба мулуки Осур расид, ки ҷадвали пешин номҳову муддати салтанати ҳар як аз эшонро равшан сохт.

Ва ҷадвали ин даста подшоҳон, ки пеш аз мулуки Осур буданд, бино ба ақидаи як дастае аз муаррихин ба қарори **зер аст:**

Мулуки Бобул	Муддати ҳукмронии подшоҳон	Солҳои ҳукмронӣ
Намруд бинни Кӯш	69	69
Фамнурас	85	154
Сомирас	72	226
Арфахшот	10	236
Бобул бидуни подшоҳ монд, то он ки Осурихо ба Бобул мусаллат шуданд		341

Ман таърихи подшоҳони Бобулро аз оғози шоҳии Бухтанассари Аввал то ба марги Искандар, ки таърихи эшон тамом шуд ва навбат ба Батолиса расид, ба даст

facebook.com/Китобхона
овардам. Ва муддати салтанати ҳар як аз эшонро дар ин ҷадвал тасҳеҳ кардам, ҳар банд ки натавонистам номҳои мулукро аз роҳи шунавой тасҳеҳ кунам. Ва фақат миқдори ҳуруфи номҳои ононро дар ин ҷадвал овардам. Ва ҷадвал ин аст:

Ҷадвали мулуки Қалдонӣ	Муддати подшоҳии ҳар як	Ҷумлаи солҳо
Бухтанассари Аввал. Дар «Мичастӣ» мабдаи таърих аз ин подшоҳ аст.	14	14
Набухазаносир — Надиус	2	16
Ҳирифун — Заханазируфур . . .	5	21
Илуғу (Элумул)	5	26
Мардуканфад	12	38
Ариқину	5	43
Абасилитис.	2	45
Билбис	3	48
Уфроидидр (Уфронидию) . . .	6	54
Арсаал (Ариғобал)	1	55
Сасмурдиҳаш (Мисимурукаш) . .	4	59
Абасилитиси Дуввум	8	67
Аридину (Асридину)	13	80
Сасдукас	20	100
Фуласару Фулдан (Нобуфалсу ва Қиналдан)	22	122
Набухазносир	21	143
Бухтанассар — фотехи Байтулмукаддас	43	186
Бархалолтағаз	2	188
Болатамоссар	4	192
Дориюс Моддии Аввал	17	209
Куруаш бонии Байтулмукаддас . .	9	218
Қумбисус	8	226
Дориюс	36	262
Аҳшияруш	21	283
Артохшасти Аввал.	43	326
Дориюс	19	345
Артахшости Дуввум	46	391
Ахус	21	412
Фирун-Қинрун-Фисрун	2	414
Дориюс бинни Арсих	6	420
Искандар бинни Макидуни Буньёдкор	8	428
Пас аз ин таърих ба Филифус гузашт.		

facebook.com/Китобхона

Номҳои подшоҳони Қибт, ки дар Миср буданд ва шумораи эшон сию чор нафар аст, ба ғайр аз подшоҳони Эрон, ки дар Миср салтанат карданд. Ва муддати салтанати мулуки Қибт бо мулуки Эрон ҷамъ ҳаштсаду наваду чор сол аст.	Муддати салтанати хар як	Ҷумлаи солҳо
Диусфулито	178	178
Самонодоус	26	204
Сусотос	101	305
Нафахрос	4	309
Амонофустос	9	318
Асахурис	6	324
Фасинохис	9	333
Фасусоис	35	368
Сасунохусис	21	389
Асоросун	15	404
Токолусис	13	417
Футофоситис	25	442
Асоросун	9	451
Фасоммус	10	461
Афонивос	44	505
Собокуни Ҳабашӣ	12	517
Сабихас	12	529
Тарохуси Ҳабашӣ	20	549
Амроси Ҳабашӣ	12	561
Астофиносус	7	568
Нохфосус	6	574
Нохоу	8	582
Фасоммотикус	44	626
Начануко	6	632
Фасоммусос	17	649
Вохус	25	674
Амосис	144	716
Ахли Форс то Дориюш	6	830
Амртиюс	6	836
Фофаритос	12	842
Ухарис	2	854
Фасомус ва Мусотус	13	856
Накотонабас		869
Тӯс	7	876
Нокотонабос	18	894

Сипас таърих аз эшон ва аз Калдониён ба Искандари юнонӣ гузашт.

Ҷадвалҳои солиёни подшоҳии Батолиса ва Каёсираро пас аз ин ҷадвал қарор медиҳем. Ва таърих аз Филифус ба се бахш мешавад:

Қисми аввал солҳои Филифусист ва қисми дуввум солҳои Агустусӣ ва қисми сеюм солҳои Даклитиёнус. Ва солҳои бахши аввал солҳои Искандарониҳост, ки мак-

facebook.com/Китобхона

бус нест. Ва қисми дуввум солҳои Рум аст, ки макбус аст. Ва қисми сеюм монанди қисми дуввум аст, ҷуз ин ки бо ин подшоҳ таърих аз нав оғоз шуд, зеро вақте салтанат ба ӯ гузашт ва дар хонаводаи ӯ бимонд. Ва онон ки пас аз ӯ буданд, тамом масеҳӣ шуданд. Ва таърих ғайр аз ӯ, агарчи чандин мартаба салтанат аз хонаводаи ӯ зоил шуд, зикр нашудааст. Ва ҷадвалҳои ваъдай ба қарори зер аст:

Номи подшоҳони шаҳри Мақдуния, ки юнониён буда, мулаққаб ба Батолиса мебошанд.	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1. Филиффус (359—336 то солшумории мо)	7	7
2. Искандар бинни Филиффус, ки дуввумин бошад. (336—323)	12	19
3. Батламиюс бинни Арнабо ан-Нутки (283)	20	39
4. Батламиюс Филоделфут — дӯстдори падар, ки «Таврот»-ро ба юнониён накл кард. (285—246)	38	77
5. Батламиюси Урғитус — заргари аввал. (246—221)	25	102
6. Батламиюси Филуматур — дӯстдори модар. (221—203)	17	119
7. Батламиюси Афинфис — заргари дуюм. 203—181)	24	143
8. Батламиюси Филуфатур — мухлиас. (181—145)	35	178
9. Батламиюси Урғитис — Искандари Дуюм. (145—116)	29	207
10. Батламиюси Сутири Ҳадидӣ — дӯстдори хилла. (116—108)	36	243
11. Батламиюси Дивнисис — хайркор. (80—51).	29	272
12. Клупатро то он ки Ғоиюси Ивлиюс дар Рум ба салтанат расид. (51—48) . .	3	275
13. Ва пас аз он то он ки Ғоиюс мурд ва писари ӯ Ағустус ба шоҳӣ расид. (47—44).	4 сол. 7 мох	279
14. Ва пас аз ин, то он ки Клупатроро Ағустус кушт. (44—30)	14 сол 6 мох	294

Ва дар он ки Клупатроро Батламиюс бигӯем, ихтилофе мавҷуд аст, зеро ки ӯ зан буд ва дар Искандария ба салтанат расидааст. Ва маликаи Искандарияро Ғоиюс мегуфтанд ва ба румӣ Ивлиюс ва маъноӣ он «подшоҳи ҷаҳон» аст.

facebook.com/Китобхона

Тартиби рақам	Номи мулуки Рум. Мулуки Рум ба «қаёсира» маъруфанд, ки дар Румия иқомат доштанд. Ва мақсуд аз Бани Асфар эшонанд, зеро ба Суфар бинни Навфар бинни Ийси бинни Исҳоқ бинни Иброҳим мансубанд. Номи подшоҳони Рум.	Муддатеро, ки ҳар як салтанат карданд.	Ҷумлаи солҳо
1	Ағустуси қайсар, пас аз он ки Клупатроро кушт (27 пеш аз мелод ва 14 мелодӣ)	43	43
2	Тирус бинни Ағустус (14—37) . .	22	65
3	Ғонюс (37—41)	4	69
4	Клудиус кушандаи Булиси Салиҳ ва Шамъунуссафо (41—54)	14	83
5	Норуни Малъун-кушандаи мӯъминон (54—68)	14	97
6	Исфасинус, пас аз як сол аз подшоҳии худ бо аҳли Фаластин ҷанг кард ва дар муддати се сол яҳудонро дар Байтулмуқаддас муҳосира кард ва Байтулмуқаддасро хароб намуд ва яҳудонро кушт ва аз ҳам пароканда кард ва шариатҳои эшонро поймол намуд (69—79) . . .	10	107
7	Титус (79—81)		
8	Дамитонус, дар соли нуҳӯм аз салтанати ӯ Юҳанной соҳиби «Инҷил» ҷилои ватан кард ва дар як ҷазира пинҳон шуд, то он ки қайсар бимурд. Сипас ба шаҳри Афсус рафт ва дар ҳамон ҷо сукунат гузид. (81—96) .	15	125
9	Норус (96—98)	1	126
10	Тароёнус (98—117)	19	145
11	Адриёнус — ин ҳамон аст, ки Байтулмуқаддасро хароб кард. (177—137)	21	166
12	Атуниюс — ин шахсест, ки сохтмони Байтулмуқаддасро ба ҳоли нахустин баргардонид. Ва Ҷолиюс[112] мегӯяд, ки дар оғози подшоҳии ӯ китобе дар шарҳи он таълиф кард. (137—161).	23	189
13	Кумдус (180—192)	32	221
14	Асорус (193—211) ва Антуниюс (211—217) (Совистис)	25	246
15	Антуниюс дар охири айёми подшоҳии ӯ Ҷолиюс мурд.	4	250
16	Искандарус бинни Маммо ва маъноӣ он «оҷиз» аст. (222—235) . . .	13	263
17	Моксимиёнус (235—238)	3	266
18	Ҷурдиёнус (Ғурдиёнус) (238—244).	6	272
19	Филипус (244—249)	6	278

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4
20	Даркиёву — соҳиби «Асҳоби Каҳф» (249—231)	1	279
21	Голус (253—268)	3	282
22	Валиринус (Диюс) (253—265) . .	5	287
23	Клавдиюс (258—270)	1	288
24	Аврилинус (270—275)	6	294
25	Фрибус (276—282)	7	301
26	Корус (282—283) ва Қоринус (283—285)	2	303

Тартиби рақам.	Номи подшоҳони масеҳии Рум	Муддати салтанати ҳар як.	Ҷумлаи солҳо (солҳои Дақотиёнус).
1	Дақотиёнус (284—305)	21	21
2	Қустантаниюс (306—337) — аввалин подшоҳе, ки масеҳӣ шуд ва девори даври Қустантанияро ӯ сохт ва дар соли аввали подшоҳии ӯ модараш Ҳилона дар ҷустуҷӯи чӯби дори Исо шуд, то он ки биёфт. Ва дар соли нуздаҳуми подшоҳии ӯ пешвоёни дин дар Никия ҷамъ шуданд ва шариатҳои насрониятро вазъ карданд	32	53
3	Қустантинус (337—361)	24	77
4	Юлионуси Кофир (361—363) . .	2	79
5	Валентинёнус (364—375)	1	80
6	Вулис, ки дар коҳдон дар ҳоли фирор аз душман, оташ зада шуд. (364—378)	14	94
7	Содусиюси Қабир (379—395) . .	17	111
8	Писари ӯ — Артодиюс (395—408) .	13	124
9	Содусиюси Хурд (408—450), ки дар замони ӯ Нистурис ба лаънат гирифтор шуд.	42	166
10	Моркиёнус ва Фулхориё зани ӯ, ки дар замони эшон. Яъкубия лаънат карда шуданд. (450—457) . . .	6	172
11	Ловини Қабир, ки аз мардумони миёнаҳол буд (457—474) . . .	18	190
12	Зенуни Арминиёкӣ, ки аз яъқубиён буд (474—491)	17	207
13	Антониюс — буньёдкори шаҳри Амурия низ аз яъқубиён буд. (491—518).	27	234

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4
14	Юстинис. (518—527)	9	243
15	Юстиёнус — буньёдкори ибодатхонаи «Рухо» буд. (527—565)	37	380
16	Тибриюс (574—582)	14	294
17	Моварикус, ки бар Кисро бар зидди Бахроми Чўбина[113] кўмак кард. (582—602)	14	298
18	Фуко, ки Шахрбарон сарлашкари Кисро дар Кустантания ўро мухосира кард. (602—610)	8	318
19	Хираклиси Хаким (610—641) . .	31	349
20	Кустантин, писараш, ки дар гармоба кушта шуд. 641	1	360
21	Кустантис. (642—668)	27	277
22	Кустантис. (668—685)	16	393
23	Юстиниёнус, ки румиён бинии ўро буриданд. (685—695)	10	403
24	Линтус дар пирй, ки хеле заиф шуд, истеъфо дод. (695—698) . . .	3	406
25	Тибриюс Афсиморус. (698—705) .	7	413
26	Юстининуси бинибурида. (705—711).	6	419
27	Филибкус. (711—713)	3	422
28	Анастос Атлимус. (713—716). Чун аз чанг очиз шуд, аз тахт даст кашид	2	424
29	Совзусиюс, ки Муслим бинни Абдулмалик ўро мухосира кард. (716—717)	1	425
30	Ловини Акбар, ки Муслимро фиреб доду аз Кустантания баргардонд. 717—740)	24	449
31	Кустантин бинни Ловини Акбар. (740—775)	34	483
32	Ловини Асгар писари Кустантини Акбар. (775—780)	4	487
33	Кустантини Асгар писари Ловини Асгар. (780—797)	18	505
34	Агуста (Ирина), ки умури кишвари Румро ба даст гирифт. (797—802).	5	510
35	Никифурис ва Астирок бинни Никинурис. (802—811)	18	528
36	Михаил бинни Чурчис. (811—813) .	2	—
37	Ловин, то он ки Михаил дар ибодатхона ўро бикушт. (813—820) .	7	—
38	Михаили Кустантиний — кушандаи Ловин бинни Сувфил бинни Михаили Кустантиний. (820—829) . . .	7 солу 5 мох	—
39	Басили Саклабй[114], ки охирин подшохони Рум буд. (877—889) . .	3 солу 5 мох	—

facebook.com/Китобхона

Тартиби рақам	Бинобар он чи Ҳамза бинни Ҳасани Исфаҳонӣ аз Вакеъ қозӣ накл карда, ки ӯ аз китобе, ки яке аз подшоҳони Рум навишта буд, накл намудааст.	Муддати салтанати ҳар як		Ҷумлаи солҳо	
		Солҳо	Моҳҳо	Солҳо	Моҳҳо
1	Қустантин — писари Ҳолонии музаффар	31	0	31	0
2	Писари ӯ Қустантин	24	0	55	0
3	Писари бародараш Юлиёнус.	2	6	57	6
4	Сидус.	10	9	68	3
5	Ғардиниюс Волентинус	6	0	74	3
6	Аркодис бинни Сидус.	13	3	87	6
7	Сидус бинни Аркадис.	42	0	129	6
8	Маркинус.	29	0	158	6
9	Ловии Акбар.	16	0	174	6
10	Ловии Асғар.	1	0	175	6
11	Зинун.	17	0	192	6
12	Настос.	27	4	219	10
13	Антлис.	11	9	221	7
14	Қаструндас, ки дар подшоҳии ӯ пайғамбар мутаваллид шуд.	38	3	269	10
15	Истифонус.	4	3	273	1
16	Маркинус, ки зуҳуроти пайғамбар дар айёми ӯ буд.	20	4	293	5
17	Фуқис, ки ҳичрат дар аҳди ӯ буд.	8	0	301	5
18	Ҳиракл ва писараш, ки дар аҳди подшоҳии ӯ пайғамбар вафот кард.	31	0	332	5
19	Қустантин бинни Ҳиракл.	21	0	367	5
20	Қустантин писари зани Ҳиракл.	17	0	384	5
21	Қустантин ибни Ҳиракл.	3	0	396	5
22	Ловӣ, ки «Альюн» низ хонда мешавад.	10	0	394	5
23	Табарус	7	0	411	5
24	Истинус.	6	0	417	5
25	Анастосисус	6	0	423	5
26	Сизус	2	0	425	5
27.	Ловӣ. Дар замони салтанати ӯ шерозаи шоҳии Бани Умавия аз ҳам гусехт.	25	3	450	8
28	Ловӣ бинни Қустантин. Зоҳир ин аст, ки миёни ин ду як нафар бо муддати подшоҳии худ соқит шудааст.	5	0	455	8

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6
29	Қустантин бинни Лови. . .	9	10	465	8
30	Қустантин.	6	5	471	11
31	Арита, ки подшоҳиро аз падараш гирифт.	5	0	476	11
32	Никифур, ки дар айёми Ҳорунаррашид буд.	8	11	485	10
33	Истироқ бинни Никифур . .	0	2	486	10
34	Писараш Михаил.	7	0	493	5
35	Сӯфил писараш.	22	3	498	8
36	Михаил бинни Сӯфил — дар ахди Мӯътаззид[115] салтанат аз ин хонавода даррафт . . .	28	0	526	8
37	Басил Саклабӣ	20	0	546	8
38	Ильюн бинни Басил дар соли 273 (887) дар айёми Мӯътамид[116] буд	26	0	572	8
39	Искандарус бинни Басил дар санаи 299 (911) бо касалии донача мурдааст.	1	2	573	10
40	Қустантин писари Ильюн дар санаи 301 (916) сокит дорад .	—	—	—	—

Аммо эрониён инсони аввалинро Каюмарс мегӯянд ва лақаби он «Кӯшоҳ» аст, яъне подшоҳи кӯҳ. Ва баъзе ҳам гуфтаанд, «Гилшоҳ» яъне подшоҳи гил, зеро дар он вақт ҳеҷ кас набуд. Ва низ гуфтаанд, ки маънои Каюмарс — шахси зинда аст.

Таърихи эрониён аз оғози Каюмарс ба се бахш тақсим шудааст: Бахши аввал то замони тасаллути Искандар ба кишвари Эрон ва қатли Доро ба дасти ӯ. Ва чун Искандар ба мамолики Эрон чира шуд, хазоини ҳукумати эрониёнро ба билоди худ бурд.

Бахши дуввум аз замони ғалабаи Искандар оғоз мешавад, то зуҳури Ардашер бинни Бобак ва оромиши кишвар ба ҳоли худ.

Бахши саввум аз замони зуҳури Ардашери Бобак то вақте ки Яздигурд бинни Шаҳриёр кушта шуд ва мулку мамлакат аз дасти Сосониён берун рафт ва ислом зуҳур намуд.

Эрониён дар пайдоиши ҷаҳон ва дар таваллуди Аҳриман, ки Иблис бошад, аз андешаи худованду эъҷоби худованд ба олам ва дар ҳақиқати Каюмарс суханҳое гуфтаанд, ки бисьёр шигифтовару ҳайратангез аст, монанди ин ки гӯянд: Худованд дар амри Аҳриман ҳайрон

facebook.com/Китобхона
шуд ва пешонии у арақ кард ва он аракро пок намуду ба канор андохт ва Каюмарс аз ин араки чабин офарида шуд. Сипас Каюмарсро ба сўи Аҳриман фиристод ва Аҳриманро мағлуб кард ва бар Аҳриман савор шуду ба гирди олам бигашт, то он ки Аҳриман аз Каюмарс пурсид: «Ту аз чӣ чиз бештар метарсӣ?» Каюмарс гуфт: «Агар ман ба дари дӯзах бирасам, бисьёр хоҳам тарсид». Ва чун Аҳриман дар аснои ин ки даври чаҳон мегашт ва ба дарвозаи чаҳаннам расид, хушрафторӣ кард ва ҳиллае ба кор бурд ва Каюмарсро ба замин зад. Ва Аҳриман ба рӯи ӯ афтод. Сипас аз Каюмарс пурсид: «Мехоҳам туро бихӯрам ва аз кучои андоми ту оғоз кунам?» Каюмарс гуфт: «Аз пои ман шурӯъ кун, то он ки муддате том ба ҳусну хубии чаҳон назар намоям». Зеро медонист, ки Аҳриман гуфтори ӯро ба таври вожгун хоҳад ба кор баст. Ва ин буд, ки Аҳриман шурӯъ кард ва Каюмарсро аз сар машғули хӯрдан шуд, то он ки ба чойгоҳи тухмдон ва зуруфи манӣ дар пушти ӯ расид, ки ду қатраи манӣ аз пушти Каюмарс ба замин рехт ва ду рибос (гиёҳест чукуримонанд) аз он рӯид. Ва Мишою Мишона, ки ба манзалаи Одаму Ҳаво ҳастанд, аз миёни ин ду буттаи рибос мутаваллид шуданд. Ва баъзе «Милҳӣ» ва «Милҳиёна» гӯянд, вале маҷуси Хоразм «Мишо» ва «Мешона»-ро «Мард» ва «Мардона» мехонанд.

Ҳикояти мазкурро ба шарҳе, ки гуфта шуд, аз Абулҳасан Озарҳурои муҳандис шунидам ва Абӯалии Муҳаммад бинни Аҳмади Балхии шоир дар «Шоҳнома» ҳамин ривоятро, ки иборат аз пайдоиши хилқат аст, ба таври дигар нақл кардааст, пас аз он ки ба чаъми худ ҳикояти гуфташударо аз рӯи китоби «Сияр-ул-мулук»-и Ибни Муқаффаъ ва китоби Муҳаммад бинни Чаҳми Бармакӣ ва китоби Ҳишом бинни Қосим ва китоби Баҳром бинни Мардоншоҳ-Мӯъбади шаҳри Шопур ва китоби Баҳром бинни Меҳрони Исфаҳонӣ тасҳеҳ намудааст. Ва баъдан низ ин ахборро ба заъми худ бо он чи Баҳроми Ҳаравии Маҷусӣ зикр карда, муқобила намудааст. Ва ин марди шоир, яъне Абӯалӣ Муҳаммад бинни Аҳмади Балхӣ мегӯяд, ки Каюмарс се ҳазор сол, ки ҳазорсолаҳои Ҳамалу Савру Чавзо бошанд, дар биҳишт диранг кард, сипас ба замин фаромад. Ва се ҳазор соли дигар, ки ҳазорсолаҳои Саратону Асасд ва Сунбула аст, ба таври амну амон дар замин гузаронид, то он ки

facebook.com/Китобхона

ба тавассути Аҳриман шарру бадиҳо оғоз ба пайдоиш гузошт. Ва бад-ин ҷиҳат Каюмарсро «Кӯшоҳ» мегӯянд, ки «кӯ» дар луғати паҳлавӣ ба маънои кӯҳ аст. Ва ба андозае эзиди таоло Каюмарсро ҳусни сурату хубрӯй дода буд, ки чашми ҷунбандаи аксар аз инсону ҳайвон бар рӯи ӯ намеафтод, магар ин ки мабҳут мешуд ва бехуш меафтод. Ва шоир Балхии мазкур мегӯяд, ки Аҳриманро писаре буд ба ном Хазура ва ин писар ба фикри куштани Каюмарс шуд. Ва Каюмарс ӯро бикушт, то он ки Аҳриман ба худованд шикоят аз Каюмарс намуд. Ва барои ҳифзи аҳде, ки миёни худо ва Аҳриман буд, хост, ки аз Каюмарс хунхоҳӣ кунад. Ва аввалан уқубатҳои гетӣ ва қиёмату ғайраро ба Каюмарс нишон дод. Ва Каюмарс, ки ин умурро дид, ба марг муштоқ шуд. Ва худо Каюмарсро бикушт ва ду қатра аз пушти ӯ дар кӯҳи Домдоз, ки дар Истаҳр аст, чакид. Ва аз ин ду қатра ду бутта рибос, ки дар оғози моҳи нӯҳум аъзое бар онҳо ҳувайдо гашт, рӯид. Ва дар охири моҳи нӯҳум аъзои ин ду рибос ҳомил шуд ва бо ҳам унс гирифтанд. Ва Мешӣ ва Мешона ин ду нафар ҳастанд. Ва панҷоҳ сол зиндагонӣ карданд. Ва аз таому шароб бениёз буданд ва ҳаргиз ҳеҷ гуна ғаме дар дил надоштанд, то он ки Аҳриман ба сурати пирмарде ба онон зоҳир гашт ва гуфт: «Меваҳои дарахтонро бихӯред». Ва худ низ шурӯъ ба хӯрдан кард. Ва низ шаробе ба эшон таҳия кард. Ва Мешию Мешона низ онро ошомиданд. Ва аз он рӯз ба балову ранҷ афтоданд ва ҳирс дар онҳо ёфт шуду бо якдигар ҳамбистар шуданд. Ва аз онҳо тифле пайдо шуд. Ва аз ҳирсе, ки доштанд, зодаи худро хӯрданд, то он ки худованд дар дили ин ду раҳму меҳрубонӣ офарид. Ва шаш шиками дигар пас аз ин воқеа зоиданд. Ва номҳои онҳо дар «Авесто» мазкур аст. Ва шиками ҳафтум Сиёмак ва Фаровок буданд. Ва чун ин ду тан бо ҳам тазвиҷ карданд, Ҳушанг аз он мутаваллид шуд.

Ва эрониёнро дар бахши аввал аз се бахши таърихи худ аз ахбори мулук ва аъмори мардуми гузашта ва корҳои эшон ҳикоятҳо ва афсонаҳоест, ки ақле онҳоро намепазирад ва гӯш аз шунидани он ибо дорад. Вале мақсуди мо он аст, ки таворихро ба даст оварем, на он ки он гуфтаҳоро интиқод кунем. Ва ман он чиро, ки мӯъбадони Маҷусу донишмандони Эрон гуфтаанд, ҷамъ мекунам. Ва ба ҳайати ҷадвалҳои пеш дар ҷадвал ка-

facebook.com/Китобхона
рор медиҳам. Ва ба номҳои эшон алқоберо, ки доштанд, мулҳақ мекунам, зеро фақат подшоҳони Эрон буданд, ки ҳар як лақабе хос доштанд. Ва дигар мулук агарчи дорои алқоб ҳастанд, вале ин алқоб роҷеъ ба навъи эшон аст, на шахси онон. Ва алқоби омман дигар подшоҳон монанди лақаби «шоҳаншоҳӣ» аст, ки ба ҳамаи подшоҳони Эрон гуфта мешуд. Ва алқоби омман мулуки оламро дар ин ҷадвал мушоҳида кунед:

Анвои подшоҳон	Алқобе, ки ба ҳар навъе ва дастае аз ин подшоҳон гуфта мешавад.
Мулуки Сосонии Эрон	Шоҳаншоҳ ва Кисро
Мулуки Рум	Босилӣ, ки Қайсар бошад
Мулуки Искандария	Батламиюс
Мулуки Яман	Туббаъ
Мулуки туркҳои Хазар ва туғузғуз	Хоқон
Мулуки туркҳои Ғуззӣ	Ҳанута
Мулуки Чин	Бағбур
Мулуки Қаннуҷ	Робӣ
Мулуки Ҳабаша	Наҷошӣ
Мулуки Нуба	Қобил
Мулуки ҷазоири баҳри Шаркӣ	Маҳароҷ
Мулуки ҷиболи Табаристон	Испаҳбад — (Сипаҳбад)
Мулуки Дамованд	Масмағон
Мулуки Гурҷистон	Шор
Мулуки Сарахс	Зодуя
Мулуки Насо ва Абевард	Баҳмана
Мулуки Қаш	Нидун
Мулуки Фарғона	Ихшид
Мулуки Усрушана	Афшин
Мулуки Шош	Тудун
Мулуки Марв	Моҳуя
Мулуки Нисобур	Қанабор
Мулуки Самарқанд	Тархун
Мулуки Сарир	Ҳаққоқ
Мулуки Даҳистон	Сул
Мулуки Гургон	Аноҳабаз
Мулуки Саколиба	Қабар
Мулуки Суриёниён	Намруд
Мулуки Қибт	Фиръавн
Мулуки Бомиён	Шири Бомиён
Мулуки Миср	Азиз
Мулуки Қобул	Қобулшоҳ
Мулуки Тирмиз	Тирмизшоҳ
Мулуки Хоразм	Хоразмшоҳ
Мулуки Шервон	Шервоншоҳ
Мулуки Бухоро	Бухорохудо
Мулуки Гузгонон	Гузхононхудо

facebook.com/Китобхона

Аммо алқоби хосса пеш аз ғалабаи ислом ҷуз бар эрониён бар касе дигар итлоқ намешуд. Ва бахши аввали ин алқоб се қисм мешавад: Пешдодӣ-ва онон касоне буданд, ки ҳама заминро молик шуданду шаҳрҳое барпо намуданд ва маъданҳоро истихроҷ карданд ва усули саноатро низ ба даст оварданд. Ва дар давраи фармонравоии худ дар рӯи замин адлу дод намуданд. Ва ончунон, ки худои таоло сазовори ибодат буд, ӯро парастиданд.

Қисми дуввум мулуки Айлон ҳастанд ва маънои ин лафз (мардуми баланддараҷа). Вале ин тоифа ҳама рӯи заминро қисмат кард, Фаридуни пок буд, ки заминро дар миёни авлоди худ қисмат кард. Чунон ки баъзе аз писарони Сосониён дар шеъри худ мегӯяд:

(Мо дар замони худ даҳрро тақсим намудем ба мисле ки қассоб гӯштро дар болои кунда пора мекунад. Шому Румро то ғуруби офтоб ба Салми пешво додем.

Турк ба Туҷ супурда шуд ва ҳоло онро писари амакам азхуд кардааст.

Айронро Ирақ ба зӯрӣ гирифту соҳибмулк шуд ва мо худованди неъматҳо гардидем.)

Қисми саввум мулуки Каёнӣ буданд, ки мардуми ситамкор ба шумор мераванд. Ва салтанати дуньё дар айёми эшон миёни умматҳои гуногун қисмат шуд. Ва дар миёни ҳар як аз ин се қисм, ки гуфта шуд, фитратҳое аст, ки бад-ин сабаб интизоми таърих ба якдигар мушаббеҳ мешавад:

Навъҳои подшоҳон	Номҳои қисми аввал аз подшоҳони Эрон	лақабҳои эшон	Мудда-салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
Пайдоиши мардуми аввал	Қаюмарс То замони Мишо ва Мишона, ки эшонро модари писарону духтарон медонанд, ва дар назди эрониён ба манзилаи Одаму Ҳаво ҳастанд.	Кӯшоҳ	30 40	30 70

facebook.com/Китобхона

	То замони издивоҷи Мишо ва Мишона.		50	120
	То Хушанг.		93	213
мулуки Пешдоди додгар	Хушанг писари Афровок писари Сиёмак бинни Мишо.	Пешдод	40	353
	Таҳмурас бинни Виҷаҳон бинни Инкаҳад бинни Хушанг то замони зухури Будосиф.			
	Пас аз ин Ҷам писари Виҷҳон амр ба сохтани сипоҳ кард, то он ки мардумро амр ба ресидану бофтан намуд.	Зибованд	1	254
			29	283
		Шиз	50	333
	То он ки мардумро чаҳор табақа гардонид.		50	383
	То ҷанг бо шаётин ва ғалаба бар эшон.		50	433
	То он ки шаётинро ба қатъу ҳамли сангҳо амр намуд.		100	533
	То замоне, ки ба сохтани дучарха амр намуд ва барон ӯ сохтанд ва савор шуд.		66	599
	Мардум пас аз ин вокеа дар ҳоли сиҳатӣ ва фаровонии неъмат зиндагӣ карданд, то Ҷам пинҳон шуд.		300	899
	Ҷам пинҳонӣ зиндагӣ кард, то он ки Заҳҳок бад-ӯ зафар ёфт ва рӯдаҳои ӯро берун кашид ва ӯро арра кард.		100	999
	Заҳҳок бинни Улвон, ки аз Амолико буд ва ӯ			
	Биваросб бинни Арундосб бинни Зингов бинни Баришанд бинни Ғор аст, ки ӯ падари арабҳои аслӣ ҳисоб мешавад... ва писари Афравок бинни Сиёмак бинни Мишо аст	Аждахок	1000	1999

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5
	Афридун бинни Асфиёнгов бинни Асфиёни Нигов бинни Асфиён бинни Шахргов бинни Асфиёни Ахунбагов бинни Асфиёни Исбиндгов бинни Асфиёни Дизагов бинни Асфиёни Ников бинни Нифурӯш бинни Ҷам подшоҳ	Мӯъбад	200	2199
Мулуки Айлон, ки аҳли қисмати **ульен** Эрон буданд	Эраҷ, ки ба дасти ду бародари худ, Салму Туҷ, кушта шуд ва ин ду, ки худ авлоди Фаридун буданд.	Писандида	300	2499
	Манучеҳри Ғавзан духтари Эраҷро ба шоҳӣ интихоб кард, то он ки Салму Туҷ, (яъне Тӯр) кушта шуданд, ки ба форсӣ Шарм аст.	Пирӯз	20	2519
	То он ки писари Туҷ бар Эроншаҳру кишвари Эрон чира шуд ва Манушчеҳрро бадарға кард.		60	2579
	Афросиёб бинни Бушанг бинни Инат бинни Ришман бинни Турк бинни Забунасб бинни Аршасб бинни Туҷ, то он ки Манушчеҳр салтанатро аз ӯ бозгирифт ва ӯро аз Эрон берун кард. Ва ба маҳали партоби як тир бо ҳам сулҳу созиш намуданд.		12	2561
	Манушчеҳр то он ки мурд.		28	2619
	Тужтурк, ки бар Ирок ғолиб шуд.	Фаросиёб	12	2631
	Зоб бинни Тахмосиб бинни Каҳҳубар бинни Зув бинни Хушаб бинни Видинак бинни		5	2636

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5
	Дусар бинни Манушчехри Гаршосб, ки Сом бинни Наримон бинни Тахмосб бинни Ашк бинни Луш бинни Дусар бинни Манушчехр аст.	Ин ду шарик бо ҳам буданд.		
	Кайқубод бинни Зағ бинни Нузако бинни Мойшу бинни Нузар бинни Манушчехр	Аввал	100	2736
	Кайковус бинни Қайния бинни Қайқубод, то он ки гуноҳ кард ва Шаммар ӯро асир намуд ва Рустам бинни Дастон бинни Гаршосби подшоҳ аз асорат ӯро раҳой бахшид.	Намруд	75	2811
	Пас аз ин, то он ки бимурд.	Хумоюн	75	2886
	Кайхусрав писари Сиёвуш писари Қайковус, то он ки ба саёхат пардохту пинҳон шуд.		60	2946
	Кайлӯҳросб бинни Кайвачӣ бинни Кайманиш бинни Кайқубод, то он ки Бухтанассарро ба Байтулмуқаддас фиристод ва ӯ он чоро хароб кард.	Балхӣ	60	3006
	Пас аз он.		60	3066
	Кайбуштосб бинни Лӯҳросб, то он ки Зародушт зоҳир шуд.	Хирбаз (Хирбад)	30	3096
	Пас аз он.		90	3186
	Кайардашери Бахман бинни Исфандиёр бинни Буштосф.	Дарозdаст	112	3298
	Хумонӣ духтари Ардашери Бахман	Чехрозод	30	3326
	Доро бинни Ардашери Бахман	Бузург	12	3340
	Доро бинни Доро, то он ки Искандари юнонӣ ӯро бикушт.	Дуввум	14	3354

Қаёниён, ки чабобира буданд.

facebook.com/Китобхона

Гоҳе ин қисм аз таворихро, ки мо зикр кардем, дар «Китобҳои сияр»[117] ва таворих ба хилофи он дида мешавад. Вале он чиро, ки ман дар ин китоб ворид намудам, наздиктарин ақвол бувад, ки маҳали иҷмоъ ва иттифоқи асҳоби таърих аст. Ва дар китоби Ҳамза бинни Ҳасани Исфаҳонӣ, ки номи онро «Китоби таърихи бузургони гузашта ва фаромӯшшуда» гузошта, таври дигаре ёфтам. Ва муаллифи он китоб, мегӯяд, аз рӯи «Авесто», ки китоби динии эрониён аст, он ахборро тасҳеҳ карда ва ман ин қисматро боз дар ин дафтар ба ҷихати шумо нақл мекунам:

Ҷадвали сонӣ аз қисми аввал. Номҳои мулуки пешдодия

Тартиби рақам	Аз «Авесто», ки аз оғози Каюмарс шурӯъ шудааст	Муддати салтанати ҳар як аз эшон	Ҷумлаи солҳо
1	Каюмарс, ки инсони нахустин ҳисоб мешавад	40	40
2	Ба андозаи муддати саду ҳафтод сол дар ин миён фосилае рӯй дод.	—	—
3	Ҳушанг	40	80
4	Тахмурас	30	110
5	Ҷам	616	726
6	Бивароспб	1000	1726
7	Афридун.	500	2226
8	Манушчехр	120	2346
9	Фаросиёб	12	2358
10	Фосилаест, ки андозаи он дониста намешавад	—	—
11	Зоб	9	2368
12	Гаршосб бо Зоб	3	2370
13	Фосилаест	—	—
	Номҳои мулуки каёнӣ		
1	Қайқубод	124	2496
2	Қайковус	150	2646
3	Қайхусрав	80	2726
4	Қайлӯҳроспб	120	2846
5	Қайбиштоспб	120	2966
6	Қайардашер	112	3708
7	Чехрозод	30	3108
8	Доро бинни Баҳман	12	3120
9	Доро бинни Доро	14	3134

Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ пас аз нақли матолиби мазкур мегӯяд, ки дар нусхаи Мӯъбад мутобиқи ин ҷадвал биёфт.

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали сейум аз қисми аввал.

Тартиби рақам	Номҳои мулуки Пешдодия дар нусхаи Мӯъбад	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1	Қаюмарс	30	30
2	Мишо ва Мишона, то он ки барои эшон авлод шуд	50	80
3	То замони марги он ду	50	130
4	Муддатеро, ки замин бе подшоҳ монд	94	224
5	Ҳушанг	40	264
6	Таҳмурас	30	294
7	Ҷам то замони пинҳон шудани ӯ .	616	910
8	Замонеро, ки пинҳон монд . . .	100	1010
9	Биваросб	1000	2010
10	Фаридун	500	2510
11	Манушчехр	120	2630
12	Зув ва Гаршосб	4	2634
	Номҳои мулуки каёнӣ		
1	Кайқубод	100	2734
2	Кайковус	150	2884
3	Кайхусрав	60	2944
4	Лухросб	120	3064
5	Бушгосб	120	3184
6	Ардашер	112	3296
7	Чехрозод	30	3326
8	Доро бинни Бахман	12	3338
9	Доро бинни Доро	14	3352

Дар «Китобҳои сияр ва ахбор», ки аз рӯи кутуби аҳли Мағриб нақл шуда, мулуки Эрон ва Бобулро ном бурдаанд. Ва аз Фаридун, ки назди онон Ёфул ном дорад, шурӯъ кардаанд, то Доро, ки охирин подшоҳи Эрон аст. Вале бо он чи мо медонем аз ҷиҳати адади мулук ва номҳои эшон ва муддати подшоҳию ахбор дар дигар аҳволи эшон ихтилоф дорад. Ва он чи ба вазм пеши меҷӯянд, ин аст, ки мулуки Эронро бо амалҳои эшон дар Бобул рӯиҳамрафта, ном бурдаанд. Ва агар мо қавлҳои мазкурро дар ин ҷо барои хонандагон нақл накунем, аввалан матои худро ба санги тамом нафурӯхтаем ва сониян дар дилҳои хонандагон тавлиди нигаронӣ кардаем. Ва мо ин қавлҳоро дар ҷадвале ҷудогона қарор медиҳем, то он ки фикру қавлҳо ба ҳам махлут нашаванд:

facebook.com/Китобхона

Тартиби рақам	Мулуки Эрон аз замони Фаридун бинобар қавли аҳли Мағриб	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1	Ёфул, ки Фаридун аст	35	35
2	Тиғлоси Фалоссар	35	70
3	Салманосир, ки Салм бошад . .	14	84
4	Синаҳориб бинни Салманосир, ки дар порсӣ Сино рафтааст	9	93
5	Сордум, ки Зӯ писари Тумосб бошад.	3	96

	Пас аз он подшоҳони бузург ба салтанат расиданд.	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1	Қайқубод	49	145
2	Саҳориби дуввум	31	176
3	Моҷам	33	209
4	Бухтанассар, ки Қайковус бошад .	57	266
5	Авлод (Авлоқ) бинни Бухтанассар .	1	267
6	Балташосар бинни Авлод	2	269
7	Дороймоҳи аввал, ки Дориюш бошад.	9	278
8	Куруш, ки Қайхусрав аст. . . .	8	286
9	Курс, ки Лӯҳросб аст.	34 (37)	320
10	Камбузис	80	400
11	Дорои Соӣ	36	436
12	Ахшвирш бинни Доро, ки Хусрави Аввал бошад.	26	462
13	Ардашер бинни Ахшвирш, ки ба Мақруш ё ба Мақдушӣ мулаққаб аст, яъне «Дароздаст».	41	503
14	Хусрави Дуввум	30	533
15	Суғди Нойус бинни Хусрав . . .	9	542
16	Ардашер бинни Дорои Соӣ . . .	41	583
17	Ардашери Сеюм	27	610
18	Арсис бинни Ахус	12	622
19	Доро охирин мулуки Эрон . . .	16	638

Ахбори яҳудон ва мачусу насоро ва аснофи ин тавоифро ҳангоме мешавад барои мабдаи таърихе мўътабар донист, ки бад-он икрор карда бошанд ва ба таври ихтилоф ва ё ба таври иттифоқ ин ахбор назди эшон мавҷуд бошад. Аммо касоне, ки бо ин таворих икрор наменамоянд, намешавад, таърихи ононро баркарор кард, магар он ки таъвилоте дар он шавад. Ва таърихи Одаму Хаво аз ҳамин қабил аст. Ва баъзе бар ин гумон шуда-

facebook.com/Китобхона
анд, ки дар тули замон адворест, ки маволид дар охири он адвор аз миён меравад ва ба куллӣ нест мешавад ва дар авоили даври дигар аз нав ба зухур мерасанд. Пас бинобар ин раъй хар давре махсус ба Одаму Хаво хохад буд. Ва таърихи он давр вобаста ба он ду шахс аст.

Ё монанди гуфтаи ашхосе, ки бар ин ақидаанд, ки дар ҳар давр барои дар қисми хосе як Одаму Хавои махсусест. Ва бад-ин сабаб аст, ки ашколу ахлоқу табъхо ва луғати Бани Одам бо якдигар ихтилоф доранд.

Ё монанди гуфтаи ҷамъе дигар, ки бо ин эътикод муҳол гардидаанд, ки барои замони гузашта огозе нест ва ақидаи аҳли мазоҳибро, ки писандидаи эшон аст, таъвил мекунанд.

Ва ҷамъе аз ин табақа чунин кардаанд, вале касе натавониста аст аз он чи Саид бинни Муҳаммади Зӯхлӣ[118] дар китоби худ гуфта, бехтар баён кунад. Ва донишманди мазкур мегӯяд, ки мардум ҳамвора бо якдигар дар низоъ буданд ва хубон ба дасти бадон залилу асир, то он ки малики одил Пешдод эшонро ба Фирдавс, ки аз Адан то Сарандеб аст, бибурд. Ва чойгохи рӯидани уду қаранфул ва анвои атрҳо дар он чост. Ва мардум дар биҳишт ҳамвора рӯзгори худро ба хушии хотир мегузаронданд. Ифрит, ки моли бадихо буд, аз эшон иттилоъ ёфт ва ба ҷанг бо эшон пардохт. Ва Пешдод дар биҳишти Адан писару духтареро биёфт, ки касе падару модари эшонро намешинохт. Ва ин дуро тарбият кард ва номашонро Мишо ва Мишона гузошт. Ва бо якдигар эшонро издивоҷ намуд. Ва чун ду нафари мазкур хатоие содир карданд, аз он ҷо берунашон кард. Ва ин ҳикоят бисьёр ба тӯл меанҷомад.

Саид бинни Муҳаммади Зӯхлӣ мегӯяд, ки аз вақти нузули мардум дар биҳишт, ки огози таворих аст, то он ки Ифрит аз эшон огоҳ шуд, як сол аст. Ва то замоне, ки Мишо ва Мишона ёфт шуданд ду сол ва то зиношӯии ин ду нафар чиҳилу як сол мешавад. Ва то замони ҳалокати онҳо сӣ сол ва то замони ҳалокати Пешдод наваду нӯҳ сол аст. Сипас таърихҳои дигарро ба канор гузошта ва ба он тариқе, ки дорост дар китоби худ ворид нанамудааст.

Аммо қисми дуввум аз таворихи Эрон аз огози Искандар аст, то қиёми Ардашер бинни Бобак. Ва дар ин муддат мулукуттавоиф, яъне мулуке, ки Искандар эшонро дар мамлакатҳои фатҳкардаи худ ҳукумат дода буд

facebook.com/Китобхона
ва ҳеҷ кадом аз якдигар фармон намебурданд, ҳукумат карданд. Ва давраи салтанати Ашкониён, ки билоди Ироқ ва Моҳ, яъне Чиболро молик шуданд, дар қисми дуввум дохил аст. Ва Ашкониён яке аз мулукуттавоиф буданд ва дигарон эшонро итоат накарданд ва фақат барои ин ки аз хонаводаи эрониён буданд, эшонро таъзиму такрим менамуданд. Чунон ки сарсилсилаи эшон Ашк бинни Ашкон, ки лақаби ӯ «Афғуршоҳ» аст, писари Балош бинни Шопур бинни Ашкон бинни Осойканор бинни Сиёвуш бинни Кайковус ҳисоб мешавад.

Баъзе аз муаррихини Эрон миёни давраи салтанати Искандар ва аввалин подшоҳи Ашкониро ба ҳам муттасил намуда, нуқсони фоҳише содир кардаанд. Ва баъзе мегӯянд, ки Ашкониён пас аз Искандар ба ҳукумат расиданд ва баъзе дигар аз муаррихин бе ҳеҷ гуна шиносоии ҳақиқат ин қавлҳоро ба ҳам махлут намудаанд. Ва ман он чиро, ки аз гуфтаи эшон воқиф шудаам, барои хонандагон ҳикоят мекунам. Ва ба андозаи тоқати худ дар ислоҳи фосид ва ибтоли ботил ва таҳқиқи ҳақ ҷаҳду кӯшиш менамоям. Ва ба ҷадвале, ки иттисоли он ба ҷадвалҳои дар қисми аввали аввалӣ аст, оғоз менамоям. Ва номи онро «ҷадвали аввал» мегузорам. Он ҷадвал ин аст:

Номҳои подшоҳони Ашконӣ

Тартиби рақам	Бар ҳисоби иттисоли он ба аввалин ҷадвал	Лақабҳои эшон	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1	Искандари Румӣ		14	14
2	Ашк бинни Ашкон	Хубанда (Хӯшдех)	13	27
3	Ашк бинни Ашк бинни Ашк	Ашкон	25	52
4	Шопур бинни Ашк	Заррин	30	82
5	Баҳром бинни Шопур	Хуруи	21	103
6	Нарсӣ бинни Баҳром	Кисувар	25	128
7	Ҳурмуз бинни Нарсӣ	Содор	40	168
8	Баҳром бинни Ҳурмуз	Равшан	25	193
9	Фирӯз бинни Баҳром	Балод	17	210
10	Кисро бинни Фирӯз	Бародех	20	230
11	Нарсӣ бинни Фирӯз	Шикорӣ	30	260
12	Ардавон бинни Нарсӣ	Охирулахмар	20	280

facebook.com/Китобхона

Ин ҷадвалро ба ҷадвали дигар, ки ба ҷадвали соңӣ дар ин қисм иттисол дорад, аз дунбол дармеоварам. Ва ин ҳамон ҷадвал аст, ки Ҳамза аз Авесто нақл кардааст ва ин ҷадвалро «ҷадвали дуввум» ном мегузорам, то он ки аз ҳамноми худ ҷудо шавад ва ҷадвалҳо дорои интизоме гардад ва ба такрори номи он эҳтиёҷе нашавад. Ва он ҷадвал ин аст:

Дуввумин ҷадвал аз қисми дуввум
Номҳои мулуки Ашконӣ

Тартиби рақам	Бинобар он чиз Ҳамза дар ҷадвалҳои китоби худ зикр кардааст	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1	Искандари Румӣ	14	14
2	Ашк бинни Балош бинни Шопур бинни Ашкон бинни Ашиҷаббор .	52	66
3	Шопур бинни Ашк	24	90
4	Ҷувдар бинни Вижан бинни Шопур.	50	140
5	Писари бародари ӯ Вижан бинни Балош бинни Шопур	21	161
6	Ҷувдар бинни Вижан бинни Балош.	19	180
7	Нарсӣ бинни Вижан.		
8	Амаки ӯ — Ҳурмузон бинни Балош.	17	227
9	Фирӯзон бинни Ҳурмузон. . . .	42	239
10	Хусрав бинни Фирӯзон	40	279
11	Балош бинни Фирӯзон.	24	303
12	Ардавон бинни Балош бинни Фирӯзон.	55	358

Саввумин ҷадвал аз қисми дуввум
Номҳои мулуки Ашконӣ

Тартиби рақам	Бинобар он чи Ҳамза зикр карда, ки аз нусхаи Мӯъбад гирифтааст	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1	Искандари Румӣ	14	14
2	Сипас ҷамоате аз румиён ҳукумат карданд, ки вузарои эшон эронӣ буданд ва шумораи онон чаҳордах мебошад	68	82
3	Ашк бинни Доро бинни Доро бинни Доро.	10	92
4	Ашк бинни Ашкон	20	112
5	Шопур бинни Ашкон	60	172
6	Баҳром бинни Шопур	11	183

facebook.com/Китобхона

1		1	2
7	Балош бинни Шопур	11	194
8	Хурмуз бинни Балош	40	234
9	Фирӯз бинни Хурмуз	17	251
10	Балош бинни Фирӯз	12	263
11	Хусрав бинни Малозон	40	303
12	Балошон	24	327
13	Ардавон бинни Балошон	13	340
14	Ардавони Қабир бинни Ашконон	23	363
15	Хусрав бинни Ашконон	15	378
16	Бехофарид бинни Ашконон	15	393
17	Чувзар бинни Ашконон	22	415
18	Балош бинни Ашконон	30	445
19	Нарсӣ бинни Ашконон	20	465
20	Ардавони Охир	31	496

Пас аз ин, он чиро, ки дар китоби таърихи Абулфараҷи Иброҳим бинни Аҳмад бинни Халафи Занҷонӣ солномае дидам, накл мекунам. Ва фозили мазкур дар санҷиши миёни гуфтаҳои мухталиф хеле кӯшиш карда ва мулукуттавоиф ва муддати салтанати эшонро дар ин ҷадвал ном бурдааст. Ва ба гумони ӯ мулуки Ашконӣ Ирок ва Чиболро дар соли дусаду чилу шаш, пас аз марги Искандар фатҳ намуданд.

Тартиби рақам	Ашкониён бинобар он чи Абулфараҷ дар китоби худ гуфтааст	Муддате ки хар як хукумат карданд	Ҷумлаи солҳо
1	Искандари Румӣ	14	14
2	Мулукутавоиф	246	260
3	Афгуршоҳ	10	270
4	Шопур бинни Ашкон	60	330
5	Ҷувзари Акбар	10	340
6	Бизани Ашконӣ	21	361
7	Ҷавзари Ашконӣ	19	380
8	Нарсии Ашконӣ	40	420
9	Хурмуз	17	437
10	Ардавон	12	449
11	Хусрав	40	489
12	Балош	24	526
13	Ардавони Асғар	13	526

facebook.com/Китобхона

Ва таворихи ин қисми дуввумро дар китоби «Шоҳнома»-и Абӯмансур бинни Абдураззоқ мутобиқи ҷадвали зер ёфтам.

Тартиби рақам	Ашкониён бинобар китоби «Шоҳнома»	Муддати салтанати ҳар як	Ҷумлаи солҳо
1	Ашк бини Доро ва гуфтаанд, ки аз авлоди Ариш буд	13	13
2	Ашк бинни Ашк	25	38
3	Шопур бинни Ашк	30	68
4	Баҳром бинни Шопур	51	119
5	Нарсӣ бинни Баҳром	25	144
6	Ҳурмуз бинни Нарсӣ	40	184
7	Баҳром бинни Ҳурмуз	5	189
8	Ҳурмуз	7	196
9	Фирӯз бинни Ҳурмуз	20	216
10	Нарсӣ бинни Фирӯз	30	246
11	Ардавон	20	266

Аз муқоисаи ин ҷадвалҳо бо якдигар дар ин қисми таърих, ки нақл шуд, ихтилофе ҳосил мешавад, зеро як тарафи ин таърих, яъне тарафи мутақаддими он ғалабаи Искандар бар Эрон аст. Ва тарафи мутаахири он қиёми Ардашер бинни Бобак ва берун овардани ӯ салтанатро аз дасти Ашкониён аст. Ва ҳарду тараф бар мо маълум аст ва маҳали иттифоқ. Пас миёни он барои мо маҷҳул нахоҳад монд. Оре, аз рӯи қиёси ақлӣ наметавон муддати подшоҳии ҳар як аз Ашкониён ва дигар мулукуттавоиф ва камияти адади ашхосеро, ки ба салтанат қиём карданд, донист, зеро ин қабил мавзӯотро танҳо аз роҳи нақл бояд фаҳмид. Ва дар нақл ҳам дидем, ки чӣ ихтилофоте мавҷуд аст. Пас ночор бояд дар тасҳеҳи муддати қисми соний то ҳадде, ки метавон, кӯшиш намуд.

Гӯем, онҷи ҷои иттифоқ ва равшан аст, ин аст, ки таърихи Искандар дар соле, ки Яздигурд ба шоҳӣ нишаст, нӯҳсаду чилу се сол буд. Ва мо ин мавзӯъро, ки қобили ҳеҷ шак ва тардиде нест, асли мусаллам ва меъёр қарор медиҳем, ки дигар қавлҳоро ба он бисанҷем.

Аввалан, он чи дар «ҷадвали аввал» дар қисми дуввум аст, ки дусаду ҳаштод сол бошад, ба даст меоварем. Ва ин миқдорро бо он чи дар «ҷадвали аввал» дар қисми сеюм аст, ҷамъ мекунем, то он ки назир ба назир

facebook.com/Китобхона

аз оғози малик Ардашер то оғози малики Яздигурд, ки таърих дар он вақт тақрибан чаҳорсаду дах сол буд, санҷида шавад. Ва дар натиҷа шашсаду навад сол ба даст меояд, ки аз меъёри мо ба қариби дусаду панҷоҳу се сол ноқистар аст. Ва ин миқдорро ба канор мегузорему ба он таваҷҷӯҳ наменамоем. Ва ба он чи дар «ҷадвали дуввум» дар қисми дуввум аст, дубора таваҷҷӯҳ мекунем, ки сесаду панҷоҳу ҳашт сол бошад. Ва ин муддатро бо он чи ки дар «ҷадвали дуввум» дар қисми сеюм назири муддати мазкурро дорост, ҷамъ мекунем. Ва маҷмӯан ҳаштсаду ҳаждаҳ сол мешавад, ки аз меъёри восили мусаллами мо наздики саду бисту панҷ сол кам дорад. Инро ҳам ба канор мегузорем ва ба «ҷадвали сеюм»-и харду қисм дохил мешавем ва он чи ки бо ҷадвали аввалу дуввум кардаем, бо ин ҷадвал низ мекунем. Ва дар натиҷа хоҳем дид, ки нӯҳсаду сӣ сол мешавад, ки аз меъёр ба қариб сездаҳ сол тақрибан наср дорад. Инро ҳам канор мегузорем ва эътимод ба ин намекунем, зеро ин қадар тафовутро агарчи наздик ба ҳақ бошад, таворих қабул намекунад.

Агар ин амалиётро бо он чи ки дар китоби Абӯлфараҷи Занҷонӣ ёфтаем, назир ба назир такрор кунем, нӯҳсаду чилу нӯҳ сол ҷамъ мешавад, ки боз аз меъёри мо шаш сол зиёдтар дорад.

Инро низ тарк мекунем ва агар он миқдорро, ки китоби «Шоҳнома» дар қисми дуввум дарбар кардааст, бо муқтазои яке аз ҷадвалҳо, ки дар қисми сеюм аст, ҷамъ кунем, боз бо меъёр, миқдоре тафовут хоҳад дошт.

Ва ҳаман ин аҳволро ба куллӣ тарк мекунем ва дар тасҳехи он аз китоби Монӣ, ки ба «Шопургон»[119] маъруф аст, бикӯшем, зеро ин як китоб аз миёни китобҳои эрониён дар бораи хурӯҷи Ардашер навишта шудааст. Ва Монӣ аз касоне аст, ки дурӯғро ҳаром медонад ва ба таърих сохтан ҳам ниёзе надошт.

Монӣ дар китоби «Шопургон» дар боби омадани расул мегӯяд, ки дар Бобул дар соли панҷсаду бисту ҳафт аз таърихи муначҷимони Бобул, ки иборат аз таърихи Искандар бошад, мутаваллид шуд, ки дар он вақт чаҳор сол аз салтанати Озарбони малик, ки ба гумони ман Ардавони охир аст, гузашта буд. Ва Монӣ дар ин боб мегӯяд, ки ҳангоме ки сездаҳ сол аз умраш гузашта буд, яъне дар соли панҷсаду сиву нӯҳ аз таърихи муначҷимони Бобул ваҳӣ бар-ӯ нозил шуд ва дар он вақт ду

facebook.com/Китобхона
сол аз подшоҳии Ардашер мегузашт. Пас Монӣ ошкор намуд, ки фосилаи миёни Искандару Ардашер панҷсаду сиву ҳафт сол аст. Ва низ муддати миёни Ардашеру подшоҳии Яздигурд чор саду шаш сол мебошад. Ва ин таърих, на таърихи дигар ба гувоҳии китобе ҷовидон, ки маҳалли эътиқоди ҷамъест, қобили қабул аст.

Ва чун ҳикоёт ба таври татобиқ бо ҳам гӯёст, ки охирин кабиса дар айёми Яздигурд бинни Шопур буд ва рӯзҳои зиёдаро дар охири моҳе, ки навбати кабиса бадон расида буд, ки моҳи ҳаштум буд, қарор доданд. Ва чун миёни Искандару Ардашерро панҷсаду сиву ҳафт сол бидонем, миёни Зардушту Яздигурд бинни Шопур бинобар ин ки барои ҳар саду бист сол як моҳ кабиса лозим бошад, тақрибан нӯҳсаду ҳафтод сол мешавад, ки ҳашт моҳи кабиса лозим дорад. Ва чун ин муддатро дусаду шасту чанд сол бидонем ва ё ин ки бинобар кавли аксар қариб сесад сол миқдори солҳо тақрибан шашсад сол мешавад ва панҷ моҳ кабиса мехоҳад.

Ҳамчунин дар китобҳои аҳли нуҷум зикр шудааст, ки толеи солеро, ки Ардашер дар он қиём кард, тақрибан нимаи Ҷавзо буд. Ва толеи солеро, ки Яздигурд дар он қиём намуд, шашьяки бурҷи Ақраб буд. Ва чун мо наваду се ҷузъ ва чаҳорьяки ҷузъро, ки зиёдии даври шамсӣ бар соли пурра бошад, ба ақидаи эрониён, дар чорсаду ҳафт сол зарб кунем, саду панҷоҳу ду ҷузъ ва аз чаҳор се ҷузъ мешавад, ки чун ин миқдорро аз матолеи дараҷаи толеи соле, ки Яздигурд дар он қиём кард, тарҳ кунем ва боқиро дар матолеи иқлими Ирок, ки пойтахти мамлакати Сосониён бувад, бадал ба қавс намоем, толеъ тақрибан нисфи бурҷи Ҷавзо мешавад, ки бо он чи гуфтаанд наздик аст.

Ва агар солҳо зиёд ва ё кам шаванд, толеъ иттифоқ намеафтад. Ва чун ду гувоҳи одил бар ин матлаб гувоҳӣ диҳанд, аз он чи гувоҳони зиёд шаҳодат додаанд, авло хоҳад буд.

Ва чун бар чорсаду ҳафт сол, ки муначҷимон гуфтаанд, панҷсаду сиву ҳафт сол, ки «Шопургон» мегӯяд, бияфзоем, нӯҳсаду чилу чор сол ҷамъ мешавад, ки таърихи Искандар дар оғози салтанати Яздигурд хоҳад буд. Ва аз ин ҷиҳат як сол зиёдтар шуда, ки солиёни Руму Эрон дар авоилу мабодӣ, дар ҳикояти гӯянда бидуни тадқиқ дар моҳҳо ва кусури он тафовут дорад.

Аммо Ҳамзаи Исфаҳонӣ аз Мӯсо бинни Исои Кис-

facebook.com/Китобхона

равӣ ҳикоят мекунад, ки чун ҳамин тавр, ки назар кардем, ӯ низ назар намуд ва ба таҳлите, ки гуфта шуд, огоҳ гашт, раъйи ӯ бар ин шуд, ки миёни Искандару салтанати Яздигурд нӯҳсаду чилу ду сол буд, ки агар дусаду шасту шаш сол барои муддати малики Ашкониён аз он кам кунем, малики Сосониён аз оғози Ардашер то малики Яздигурд шашсаду ҳафтоду шаш сол мешавад. Ва дар миёни гуфтаҳои эшон чунин чизе ёфт намешавад. Ва Кисравӣ гуфт: «Мо назар намудем ва ба номҳои подшоҳон таваҷҷӯҳ кардем ва дидем, ки номҳои чандин подшоҳро фаромӯш намудаанд. Ва ноқилон зикр накардаанд ва барои шабоҳате, ки дошта, дар дунболи якдигар қарор доданд». Ва Мӯсо бинни Исои Кисравӣ ҳам дар ададн мулук ва ҳам дар муддати подшоҳии эшон зиёд намуд. Чунон ки дар оянда чун навбат фаро расад, гуфтаи ӯро низ нақл хоҳем кард.

Акнун қисми сеюм аз таърихи Эронро зикр кунем, ки мабдаи он аз қиёми Ардашер бинни Бобак аст, ки аз насли Баҳман бинни Исфандиёр буд, зеро ӯ писари Бобакшоҳ бинни Сосон бинни Бобак бинни Сосон бинни Беҳофарид бинни Меҳрмиш бинни Сосони Бузург писари Баҳман бинни Исфандиёр аст.

Ин қисм аз таърих ҳам аз он чи ба қисми аввал пайдо шудааст, солим нест, вале ягона фарқ ин аст, ки ин нуқсон дар қисми сеюм камтар аст. Ва ман ҷадвали аввали онро, ки назири ҳар як аз ҷадвалҳоест, ки дар ду қисм зикр шуд, оғоз мекунам. Ва пас аз он ҷадвали дуввуму сеюмро қарор медиҳам, вале агар аз ҷадвалҳои ҳар се қисмро ҷамъ кунем, таърихи форсӣ ба ҳам пайвастагие пайдо мекунад. Ҷадвали аввал ин аст:

Номҳои подшоҳони Сосонӣ

Тартиби рақам ҷадвали аввал	Лақабҳои онҳо	Муддати салтанати ҳар як аз онон			Ҷумлаи солҳо		
		сол-хо	мох-хо	рӯз-хо	сол-хо	мох-хо	рӯз-хо
1 Ардашер бинни Бобак, ки мулаққаб ба Гирдоваранда аст, зеро кишвари Эронро ба як ҷо гирд оварда.	Бобакон	14	10	0	14	10	0

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8	9
2	Шопур бинни Ардашер кутуби Юнонро накл кард ва дар асри ӯ удро истихроҷ карданд.	Барда	30	6	12	45	4	12
3	Ҳурмуз бинни Шопур.	Пахлавон	1	10	0	47	2	12
4	Баҳром бинни Ҳурмуз-кушандаи Моний.	Бурдахон	3	3	3	50	5	15
5	Баҳром бинни Баҳром.	Соҳида	17	0	0	67	5	15
6	Баҳром бинни Баҳром бинни Баҳром.	Саконшох	0	4	0	67	9	15
7	Нарсӣ бинни Баҳром бинни Баҳром.	Нахҷиргон	9	0	0	76	9	15
8	Ҳурмуз бинни Нарсӣ.	Кӯҳбад	7	5	0	84	2	15
9	Шопур бинни Ҳурмузу Зулактоф.	Хубасунбс	72	0	0	151	2	15
10	Ардашер бинни Ҳурмуз.	Хушрӯ	4	0	0	160	2	15
11	Шопур бинни Шопур.	Шопури Ҷунуд	5	4	0	165	6	15
12	Баҳром бинни Шопур.	Кирмоншох	11	0	0	176	6	16
13	Яздигурд бинни Шопур.	Гунохкор	21	5	17	198	0	2
14	Баҳром бинни Яздигурд.	Гур	18	10	0	216	10	2
15	Яздигурд бинни Баҳром.	Шохдӯст	18	3	28	235	2	0
16	Фаридун бинни Яздигурд.	Мардона	27	0	0	262	2	0
17	Балош бинни Фирӯз.	Кирмонмона	4	0	0	266	[illegible]	[illegible]
18	Кубод бинни Фирӯз то он ки туғьён дар дин намуд ва онро бархам дод.	Некрой	38	0	0	304	2	[illegible]
19	Ҷомосб бинни Фирӯз, ки бародари ӯ буд.	Сакарбӯ	2	0	0	306	2	[illegible]

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8	9
20	Қубод бинни Фирӯз, ки дуввумин Қубод бинни Фирӯз аст.	Зиндиқ	4	0	0	310	2	0
21	Кисро Анушервон то он ки пайғамбар таваллуд ёфт.	Малики Одил	41	0	0	351	2	0
22	Ва пас аз он.	Юлзод	7	7	0	358	9	0
23	Ҳурмуз бинни Кисро, то он ки барҳам хӯрд.	Парвиз	9	7	10	368	4	10
24	Кисро то он ки чӯби салибро аз дехистони Ильё берун овард.	Алмаликулазиз	33	0	0	401	4	10
25	Ва пас аз он то он ки пайғамбар ҳиҷрат кард.		0	1	8	401	5	18
26	Ва пас аз он то он ки барҳам хӯрд ва дар чашмаш мил кашидаанду кушта шуд.		4	10	22	406	0	10
27	Қубод бинни Кисро то он ки дар бемории тоун халок шуд.	Ширӯя	0	8	0	407	0	10
28	Ардашер бинни Ширӯя, ки дорои хафт сол буд.	Кӯчак	1	6	0	408	6	10
29	Шахрбароз ва ин касест, ки Кисро ӯро барои мухосираи Қустантания фиристод.	Хирмон	0	1	8	408	7	18
30	Бӯрон — духтари Кисрои Парвиз ва модари он Марьям — духтари кайсар аст.	Хушбахт	1	4	0	409	11	18
31	Кисро бинни Қубод бинни Ҳурмуз бинни Кисрои Парвиз.	Кӯтоҳ	0	10	0	410	9	18

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8	9
32	Фирӯз бинни Ҳаъро Мӯҳсин бинни Маркала бинни Минузод.	Хушдид	0	1	20	410	11	8
33	Озармидухт — духтари Парвиз то он ки заҳролуд шуд.	Додгар	0	6	0	411	5	8
34	Фаррухзоди Хусрав, ки тифл буд.	Охирин подшох	0	1	0	411	6	8
35	Яздигурд бинни Шаҳриёр бинни Кисрои Парвиз, ки понздаҳсола буд. Сипас араб молик шуд.		20	0	0	**431**	**6**	**8**

Аммо ҷадвали дуввум, ки ҷузъи нақлиёти Ҳамза бинни Ҳасан аст, ки аз китоби «Авесто» тасҳеҳ карда ва аз «Китоби сиярул-кабир» нақл мекунад, ин аст:

Ҷадвали дуввум аз қисми аввал
Номҳои мулуки сосонӣ

Тартиби рақам	Бинобар нақли Ҳамза дар асоси ҷадвале, ки аз «Авесто» тасҳеҳ шудааст	Муддати салтанати ҳар як			Ҷумлаи солҳо		
		солҳо	моҳҳо	рӯзҳо	солҳо	моҳҳо	рӯзҳо
1	Ардашер бинни Бобак	14	16	0	14	6	0
2	Шопур бинни Ардашер	3	0	28	44	6	28
3	Ҳурмуз бинни Шопур	1	10	0	46	4	28
4	Бахром бинни Ҳурмуз	3	3	3	49	8	1
5	Бахром бинни Бахром	13	0	0	66	8	1
6	Бахром бинни Бахром бинни Бахром	0	4	0	67	0	1
7	Нарсӣ бинни Бахром . .	9	0	0	76	5	1
8	Хурмуз бинни Нарсӣ . .	7	5	0	83	5	1
9	Шопур бинни Ҳурмузи Зулактоф	72	0	0	155	5	1
10	Ардашер бинни Ҳурмуз	4	0	0	159	0	1
11	Шопур бинни Шопур . .	50	4	0	209	9	1
12	Бахром бинни Шопур . .	11	0	0	220	9	1
13	Яздигурд бинни Бахроми Гунаҳкор	21	5	8	242	2	2

facebook.com/Китобхона

Давомаш

1	2	3	4	5	6	7	8
14	Бахром бинни Яздигурди Гур	23	0	0	265	2	9
15	Яздигурд бинни Бахром	18	4	28	283	6	6
16	Фирӯз бинни Яздигурд	26	0	1	310	6	8
17	Балош бинни Фирӯз . .	4	0	0	314	6	8
18	Қубод бинни Фирӯз . .	43	0	0	357	6	8
19	Анушервони Қубод . . .	26	6	0	405	2	8
20	Хурмуз бинни Анушервон	11	6	10	416	9	18
21	Парвиз писари Хурмуз	38	0	0	454	9	18
22	Ширӯя писари Парвиз	0	8	0	455	5	18
23	Ардашер бинни Ширӯя	1	6	0	456	4	18
24	Бурон духтари Парвиз	1	4	0	458	3	18
25	Хушаншабанда	1	2	1	458	5	18
26	Озармидухт духтари Парвиз	1	4	0	458	5	18
27	Хурзоди Хусрав . . .	0	1	0	459	10	18
28	Яздигурд бинни Шахриёр	20	0	0	479	10	18

Ҷадвали сеюм дар ин қисм аз таърих. Ва ин ҳамон ҷадвал аст, ки Ҳамза бинни Ҳасан аз нусхаи Мӯъбад нақл кардааст.

Номҳои мулуки сосонӣ

Тартиби рақам	Мувофиқи гуфтаи Ҳамза бинни Ҳасан, ки аз нусхаи Мӯъбад гирифтааст	Муддати салтанати ҳар як			Ҷумлаи солҳо		
		солҳо	моҳҳо	рӯзҳо	солҳо	моҳҳо	рӯзҳо
1	Ардашер бинни Бобак, пас аз он ки бо мулукуттавоиф ҷанг кард . .	14	10	0	148	10	0
2	Шопур бинни Ардашер	30	0	15	44	10	15
3	Хурмуз бинни Шопур . .	3	3	0	48	1	15
4	Бахром бинни Хурмуз	17	0	0	65	1	15
5	Бахроми Сагоншоҳ . .	40	4	0	105	5	15
6	Нарсӣ бинни Бахром . .	9	0	0	44	5	15
7	Хурмуз бинни Нарсӣ . .	7	0	0	121	5	15
8	Шопури Зулактоф . . .	72	0	0	193	5	15
9	Ардашер бинни Хурмуз	4	0	0	197	5	15
10	Шопур бинни Шопур . .	5	0	0	202	5	15
11	Бахром бинни Шопур . .	11	0	0	213	5	15
12	Яздигурди Гунаҳкор . .	21	5	18	234	11	3
13	Бахроми Гур	19	11	0	254	10	3
14	Яздигурд бинни Бахром	14	4	18	269	2	21

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8
15	Фирӯз бинни Яздигурд	17	0	0	286	2	21
16	Балош бинни Фирӯз . .	4	0	0	290	2	21
17	Қубод бинни Фирӯз . .	41	0	0	331	2	21
18	Анушервон	48	0	0	379	2	21
19	Хурмуз бинни Анушервон	12	0	0	391	2	21
20	Парвиз	38	0	0	429	10	21
21	Қубоди Ширӯя	0	8	0	429	4	21
22	Ардашер бинни Ширӯя	1	6	0	431	4	21
23	Бурон духтари Парвиз	1	4	0	432	8	21
24	Фирӯз бо шахсе, ки мавсум аст ба Хушаншабанда	0	11	0	432	9	21
25	Озармидухт	0	16	0	433	3	21
26	Хуррадоди Хусрав . . .	1	16	0	434	3	21
27	Яздигурд бинни Шаҳриёр	20	0	0	454	3	21

Дар китоби Абулфарачи Занҷонӣ таворихи ин қисмро бар хилофи он чи дар ҷадвалҳои сегона ёфтем, ба даст овардем. Ва ба воситаи амалҳое, ки дар ду қисм аз се ҷадвали қаблӣ анҷом додем, дар ин ҷо онҳоро зикр мекунем, ки ҷадвали таърих бо зикри он итмом ёбад.

Тартиби рақам	Номҳои мулуки Сосонӣ бинобар нақл аз китоби Абулфарачи Занҷонӣ	Муддати салтанати хар як			Ҷумлаи солҳо		
		солҳо	моҳҳо	рӯзҳо	солҳо	моҳҳо	рӯзҳо
1	Ардашер бинни Бобак . .	14	10	0	14	10	0
2	Шопур бинни Ардашер	31	6	18	46	4	18
3	Хурмуз бинни Шопур . .	1	6	0	47	5	18
4	Баҳром бинни Хурмуз . .	3	3	3	51	1	21
5	Баҳром бинни Баҳром	17	5	0	68	1	21
6	Баҳром бинни Баҳром бинни Баҳром	4	4	0	72	0	21
7	Нарсӣ бинни Баҳром . .	9	0	0	81	0	21
8	Хурмуз бинни Нарсӣ . .	9	0	0	90	0	21
9	Шопур бинни Хурмуз бинни Зулактоф . . .	72	0	0	162	5	21
10	Ардашер бинни Хурмуз	4	0	0	166	5	21
11	Шопур бинни Шопур . .	5	4	0	171	9	21
12	Баҳром бинни Шопур . .	11	0	0	182	9	21
13	Яздигурди Гунаҳкор . .	21	5	18	204	3	9
14	Баҳроми Гур	18	11	3	223	2	12
15	Яздигурд бинни Баҳром	18	4	18	241	7	0

facebook.com/Китобхона

Давомаш

1	2	3	4	5	6	7	8
16	Хурмуз	7	0	0	248	7	0
17	Фирӯз бинни Яздигурд	27	0	0	275	7	0
18	Балош бинни Фирӯз . .	4	0	0	279	7	0
19	Қуboду Ҷомосб писарони Фирӯз	43	0	0	322	7	0
20	Анушервон бинни Қубод	47	7	5	370	2	5
21	Хурмуз бинни Анушервон	11	7	15	381	9	20
22	Парвиз бинни Хурмуз	38	0	0	419	9	20
23	Ширӯя бинни Парвиз	0	7	0	420	4	20
24	Ардашер бинни Ширӯя	0	5	0	420	9	20
25	Хухон, ки румиёнро мухосира кард	0	0	22	420	10	12
26	Кисро писари Қубод . .	0	3	0	421	1	12
27	Бурон духтари Парвиз	1	6	0	422	7	12
28	Хушаншабанда	0	2	0	422	9	12
29	Озармидухт духтари Парвиз	0	4	0	423	1	12
30	Фаррухзоди Хусрав, ки тифл буд	0	1	0	423	2	12
31	Яздигурд бинни Шахриёр	20	0	0	443	2	12

Дар пеш ваъда додем, ки услуби Кисравиро дар таърих баён мекунем. Ва акнун барои анҷоми ваъдаи худ мегӯям: Чун Кисравӣ бо изтиробе, ки дар ду қисми охири таърих аст, вуқуф ёфт, кори бисьёр шигифтангезе кард, ки мо аз кори ӯ ва аз худи ӯ дар шигифт мондаем. Ва коре, ки Кисравӣ карда, ин аст, ки дусаду шасту шаш сол барои муддати салтанати Ашкониён кам кард. Ва Хамза бинни Хасани Исфаҳонӣ танҳо раъеро, ки аз «Авесто» тасҳеҳ карда ва раъи дигареро, ки аз нусхаи Мӯъбад гирифта, барои мо накл кардааст. Ва дар ҳар ду раъй муддати подшоҳии Ашкониён бар сесаду панҷоҳ сол афзун мегардад. Ва мо бояд яке аз ду кор кунем: Ё яке аз ин ду раъйро амал намоем ва ё тариқаеро, ки Кисравӣ писандида аст, ба он ду ҳамроҳ кунем.

Пас аз ин ки Кисравӣ аз кори номбурда дар фавқ фароғат ёфт ва тасдиқ кард, ки тахлитҳое дар он қисмат аз таърих, ки гуфта шуд, вокеъ гаштааст. Вале, эй кош, ман медонистам, ки чаро ин муддатро аз давраи салтанати Сосониён кам кард ва аз Ашкониён чашм пӯшид, бо он ки таърихи Ашкониён ба сабабҳое оғуштааст.

facebook.com/Китобхона

Яке аз он сабаб ин аст, ки аҳволи умумии эронихо дар он аср хароб буд ва мардум ба воситаи азобҳо ва бадрафториҳои Искандару ҷонишинони ӯ ба худ овора шуданду аз ҳама чиз ғофил монданд.

Сабаби дигар ин аст, ки Искандар ҳар чи аз улуми марғуб ва саноеи бадеъ дар Эрон ёфт, ҳамаро тўъмаи оташ гардонид, ҳатто ин ки миқдори зиёди кутуби динро сўзонд ва биноҳои баландро аз қабили сохтмоне, ки дар Истахр аст ва дар асри мо ба масҷиди «Сулаймон бинни Довуд» маъруф аст, хароб кард ва оташ зад. Ва мегўянд, ки ҳанўз аз оташсўзӣ дар ҷойҳое аз он бино боқӣ аст.

Ин буд, ки Эрониён муддатеро, ки миёни салтанати Искандару Ардашер аст ва Румиён дар он вақт онхоро идора мекарданд, зикр нанамуданд.

Ва пас аз он ки аз шарри Искандару Ашкониён форигболу осудахотир шуданд, ба таърихнависӣ машғул гаштанд.

Пас, ба далелҳое, ки гуфта шуд, муддати салтанати ашконихо сазовортар аст, ки тафовут дар он вокеъ шавад, зеро подшоҳӣ ва фармонравой дар давраи Сосониён мунтазам буд, вале дар айёми Ашкониён музтариб ва дарҳамбарҳам буд. Ва гувоҳонеро, ки мо аз назари шумо гузаронидем, ин маъноро тасдиқ мекунанд.

Ҷадвалеро, ки Кисравӣ бино бар гумони худ ислоҳ кардааст, ба қарори зер аст:

Номҳои подшоҳони сосонӣ

Тартиби рақам	Бинобар хикояти Ҳамза бинни Ҳасан аз Кисравӣ, ки онхоро ислоҳ кардааст	Муддати салтанати ҳар як			Ҷумлаи солҳо		
		солҳо	моҳҳо	рўзҳо	солҳо	моҳҳо	рўзҳо
1	Ардашер бинни Бобак	19	10	0	19	10	0
2	Шопури Сипоҳҳо . . .	32	4	0	52	2	0
3	Писари Хурмуз	1	10	0	54	0	0
4	Писари Бахром	9	3	0	63	3	0
5	Бахром бинни Бахром	23	0	0	83	3	0
6	Бахром бинни Бахром бинни Бахром	13	4	0	99	7	0

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8
7	Нарсӣ бинни Бахром . .	9	0	0	108	7	0
8	Писараш Хурмуз . . .	13	0	0	121	7	0
9	Шопур Зулактоф . . .	72	0	0	193	7	0
10	Бародараш Ардашер . .	4	0	0	197	7	0
11	Шопур бинни Шопури Зулактоф	82	0	0	279	7	0
12	Писараш Бахром . . .	12	0	0	231	7	0
13	Писараш Яздигурд соҳиби Шарвин	82	0	0	373	7	0
14	Яздигурд	23	0	0	392	7	0
15	Писараш Бахроми Гур	23	0	0	419	7	0
16	Писараш Яздигурд . . .	18	0	0	437	7	0
17	Писараш Бахром . . .	18	0	0	437	7	0
18	Писараш Фирӯз	26	1	0	463	1	0
19	Писараш Балош	23	0	0	492	1	1
20	Бародараш Қубод . . .	3	0	0	595	1	1
21	Анушервон бинни Қубод	68	0	0	583	1	1
22	Хурмуз бинни Анушервон	47	7	0	610	8	1
23	Абарвиз бинни Хурмуз	23	0	0	633	8	1
24	Ширӯя бинни Хурмуз . .	38	0	0	671	8	1
25	Ардашер бинни Ширӯя	0	0	0	672	4	1
26	Шаҳрбароз	1	0	0	673	4	1
27	Бурон бинни Кисрои Парвиз	0	1	8	673	5	9
28	Хушаншабанда	0	2	0	674	7	9
29	Хусрав бинни Қубоди Хурмуз	0	10	0	675	5	9
30	Фирӯз аз авлоди Ардашер бинни Бобак . . .	0	2	0	575	7	9
31	Озармидухт — духтари Парвиз	0	4	0	675	11	9
32	Фаррухзод — писари Хусрави Парвиз ва модари Қарвия (Қариудия хохари Бахроми Чӯбина)	1	0	0	676	0	9
33	Яздигурд бинни Шаҳриёр	20	0	0	—	—	—

Бинобар раъи муаррихини хеч як аз халифахои ислом ва маликони ин миллат наметавонад бештар аз бисту чор сол салтанат кунад. Аммо иллати он ки Мутеи Аббосӣ ба қариби сӣ сол хилофат намуд, ин аст, ки салтанат дар охири айёми Муттақӣ ва оғози айёми Муктафӣ аз оли Аббос ба оли Буғайҳ гузашт. Ва танхо

facebook.com/Китобхона
раёсате, ки дар дасти Бани Аббос монд, амри динию эътиқодӣ буд, на он ки салтанати дунявӣ бошад. Чунон ки Раъсулҷолут дар назди яҳудон фақат раёсати динӣ дорад, гарчанде ки мулку салтанатеро ҳам доро бошад. Ва дар замони мо ашхосе, ки аз Бани Аббос ба хилофат қоиманд, бинобар раъи аҳли нуҷум раиси исломанд, на он ки подшоҳ бошанд. Ва мунаҷҷимон аз замонҳои хеле дур бар ин раъй буданд, ки хилофату салтанат аз дасти писари Аббос берун хоҳад рафт. Чунон ки дар китоби Аҳмад бинни Тайиби Сарахсӣ[120] дар Қирони Наҳсайн дар бурҷи Саратон ин матлаб ба таври ошкор гуфта шудааст. Ва Қанакаи Ҳиндӣ мунаҷҷими рашид ошкор намудааст, ки салтанат аз дасти Бани Аббос хориҷ мегардад ва ба марде, ки аз Исфаҳон хурӯҷ хоҳад кард, мегузарад. Ва ин хабар ба вақте ки Алӣ бинни Бувайҳ мулаққаб ба Имодуддавла дар Исфаҳон хурӯҷ карда, амалӣ мешавад.

Бани Аббос пас аз он ки ёрони худро ба лақабҳои дурӯғин мулаққаб сохтанд ва фарқе миёни дӯсту душмани худ нагузоштанд, давлату салтанати онон зоеъ гашт. Ва чун дар додани лақабҳо ифрот кардаанд, эҳтиёче ёфтанд, ки барои ҳозирон дар хизмат ва дар дарбори худ фарқею дигаргуние дошта бошанд. Ин буд, ки ба онҳо ду лақаб доданд. Ва чун ин хабар шӯҳрат ёфт, онон, ки аз ҳузур ғоиб буданд, моил шуданд, ки монанди дастаи пешин ду лақаб дошта бошанд. Ва бо таваллою воситаандозӣ ва базли мол як лақаби дигар аз халифа гирифтаанд. Ва ин даста ҳам дорои ду лақаб шуданд. Боз Бани Аббос ниёзманд шуданд, ки аз нав фарқе миёни ин гурӯҳ ва гурӯҳе, ки ба ҳузури халифа ихтисос доранд, бигузоранд. Ин буд, ки як лақаби дигар ба эшон доданд, то дорои се лақаб шуданд. Ва лақаби шоҳаншоҳиро ба лақабҳои ин даста афзуданд, то он ки ба андозае душворию гаронӣ дар ин номҳо пайдо шуд, ки шахс пеш аз талаффуз ва зикри ин номҳо аз тӯлонӣ будани он хаста мешавад. Ва нависанда муддате аз умру миқдоре аз коғази худро барои навиштани ин номҳо бояд зоеъ ва сарф кунад. Ва шахси мухотаб ҳам аз шунидани онҳо бо ин фикр аст, ки «вақт фавт бишаваду намоз қазо гардад». Ва тасаввур намекунам, ки агар миқдоре аз лақабҳои пайдошуда аз ҳазрати хилофатро дар ҷадвале нишон диҳему ба хонандагон пешкаш кунем, гунаҳкор шуда бошем:

facebook.com/Китобхона

Номҳои лақабдорон	Лақабҳои пайдошуда аз ҳазрати халифа
Қосим бинни Убайдулло	Валиуддавла
Писараш	Амидуддавла
Абумуҳаммад писари Ҳамадон	Носируддавла
Писараш	Саъдуддавла
Абулҳасан Алӣ бинни Ҳамадон	Сайфуддавла
Алӣ бинни Бувайҳ	Имодуддавла
Абӯлҳасан Аҳмад бинни Бувайҳ	Муиззуддавла
Ҳасан бинни Бувайҳ	Рукнуддавла
Абӯмансур Бахтьёр бинни Абулҳасан	Иззуддавла
Абӯисҳоқ бинни Ҳусейн	Умдатуддавла
Абӯҳарби Ҳабашӣ писари Абӯлҳусейн	Санадуддавла
Абӯмансур Бесутун бинни Вушмгир	Захируддавла
Абӯмансур Бувайҳ бинни Ҳасан	Муайидуддавла
Марзбон бинни Бахтьёр	Изъчозуддавла
Қобус бинни Вушмгир	Шамсулмаолӣ
Абӯаҳмад Ҳорис бинни Аҳмад	Валиуддавла
Абӯшуҷоъ Фаннохусрав бинни Ҳасан	Азудуддавла ва Тоҷулмиллат
Абӯколинҷар бинни Фаннохусрав	Фахруддавла ва Фалакулуммат
Абулфорис бинни Фаннохусрав	Шарафуддавла ва Заманулмиллат
Абӯтолиби Рустам бинни Алӣ	Маҷдуддавла ва Қаҳфулуммат
Абулқосими Маҳмуд бинни Сабуктегин	Айнуддавла ва Аминулмиллат
Абӯнасри Ҳуррафирӯз бинни Фаннохусрав	Баҳоуддавла ва Зиёулмиллат ва Ғиёсулуммат
Абулҳасан Муҳаммад бинни Иброҳим	Носируддавла
Абулаббос Тоши Ҳоҷиб	Ҳусомуддала
Абулҳасан Фоиқи Хосса	Амидуддавла
Абӯалӣ Муҳаммад бинни Муҳаммад бинни Иброҳим	Носируддавла
Сабуктегини аввал	Муинуддавла
Ва пас аз он мулаққаб шуд	ба Носириддини Ваддавла
Маҳмуд писари Сабуктегин	Сайфуддавла
Абулфорис Бектузуни Ҳоҷиб	Синонуддавла
Абӯмансури Албарслони Алболувӣ	Мӯинуддавла
Абулқосим Муҳаммад бинни Иброҳим	Носируддавла

Ҳамчунин вузарои хилофат ба соҳибият, яъне «зу» номида шуданд. Монанди Зуляминайн, Зурриёсатайн, Зулкифоятайн, Зуссайфайн ва Зулқаламайн. Ва пас аз он ки салтанат ба оли Бувайҳ гузашт, ба хулафо мо-

facebook.com/Китобхона
нандӣ ҷустанд ва дар намгузорӣ муболиға карданд ва саропо дар дурӯғ ғарқ шуданд. Ва вузарои худро Кофиулкуфот, Кофиавҳад ва Авҳадулкуфот номиданд.

Вале Сомониён, ки соҳибони Хуросон буданд, дар ин лақабҳо рағбат нанамуданд ва танҳо ба куния қаноат карданд. Ва дар замони салтанати худ бо ин номҳо хонда мешуданд: Малик, Муайянд, Муаффақ, Мансур, Муаззам ва Мунтасир. Ва пас аз марги худ ин тавр номида шуданд: Ҳамид, Шаҳид, Садид, Ризо ва ғайра.

Валекин Сомониён сипоҳиёни худро аз рохи пайравӣ ба корҳои хулафо ба Носируддавла, Имодуддавла, Ҳисомуддавла, Амидуддавла, Сайфуддавла, Синонуддавла, Мӯинуддавла ва Носируддавла мулақаб сохтанд.

Ва Буғрохон ҳам, ки дар соли сесаду ҳаштоду ду хурӯҷ кард, худро Шаҳобуддавла ном гузошт. Вале баъзе аз Сомониён аз ин ҳад таҷовуз карданд ва худро ба Амирулолам ва Саидулумаро мавсум карданд. Ва худованд зиллати дуньявиро ба эшон чашонид ва нотавонии эшонро ба ҷаҳониён нишон дод.

Аммо амири сайиди замон (худо салтанаташро бардавом кунад) аз ҳазрати хилофат макотиба шуд ва аз лақабҳои мансуб ба давлат монанди номҳои пеш бар ӯ арза гашт, вале барои ин ки ташбеҳ ба ашхосе, ки лақабҳои маҷозӣ ёфтаанд, пайдо накунад, ин лақабҳоро напазируфт. Ба барои худ лақабе интихоб кард, ки аз ҳаққу ҳақиқат таҷовуз нанамуд. Ва худованд тавоноии ӯро идома диҳад ва махдуми мукаррами мо дар миёни подшоҳони ҷаҳон монанди офтобест, ки торикии эшонро ба фурӯғи маолии худ равшан месозад. Ва хулафо ризоят доданд, ки ӯро Амирулмӯъминин лақаб диҳанд. Ва боз хостанд, ки ин лақабро ду баробар созанд ва зиёдат диҳанд. Вале махдуми фармондеҳи мо барои баландҳиммате, ки дошт, аз ин кор ибо намуд. Худованд бақои ӯро бардавомӣ диҳад ва ба адлу доди ӯ офоқи оламро равшан созад ва мамлакатҳои ҷаҳонро ба назари ӯ обод намояд! Ва асбоби тараққии ӯ ва бандагони худро дар сояи хеш ба камоли мунтазира бирасонад! Ва худованд бар ин кор қодир аст ва аз масолеҳи бандагони худ хабардори бинанда аст.

Акнун мо ба ҳамон рохе, ки дар пеш мерафтем, бартардем ва гӯем. Чун миқдори таворихеро, ки аз ҷадвал-

facebook.com/Китобхона

ҳои собиқ ба даст меояд, донистем, бояд ба ваъдаи худ, ки раҳномае ба шиносоии чигунагии истихроҷи таворих, ки дар зиҷҳо ва ирсоду шартҳо ва муомилот ба кор баста мешавад, вафо кунем. Ва барои ин кор як «тайласон»-и тазъифшудае, ки дурии миёни ҳар як аз инҳоро бо дигаре, ки қобили ихтилоф нест, тақдими хонандагон мекунем. Ва ин «тайласон» миёни ҳар якро бо дигаре ба рӯзҳо, ки қобили ихтилоф нест, мутазаммин аст. Ва он чи дар қисми поён аз хатти охир мебошанд, айёми абъод аст, ки ба рақамҳои ҳиндӣ навишта шудааст. Ва он чи дар қисми боло мебошад, ду қисм аст: — яке айнан айёми мазкур аст, ки шаст-шаст ба онҷи қобили афзунӣ аст, афзун шуда ва он чи дар қисми поён аст, айнан ҳамин айём аст, ки ба рақамҳои ҳиндӣ навишта шуда буд ва ба ҳуруфи ҷуммал нақл шудааст. Мисоли ин матлабро ба чизи маълуме мезанем, ки ҳар вақт шонздаҳро се мартаба дар худ зарб кунем ва адади якро ав маҷмӯъ тарҳ намоем, он чи дар ҷамеи хонаҳои рӯқъаи шатранҷ аз тазоиф ҷамъ мешавад, хоҳад шуд, ҳангоме, ки аз хонаи аввал ба яке шурӯъ кунем ва ба рақамҳои ҳинд ин адад мешавад:

18 — 446 — 744 — 073 — 709 — 551 — 615

ки чун ба шаст шавад, ин мегардад:

30 — 30 — 27 — 9 — 5 — 3 — 50 — 40 — 31 — 015

ва ба ҳарфи ҷуммал, ки ифода гардад, ин хоҳад шуд:

ها و ا ه مطع جز ملزو در حا

Ва чун ин ҳуруфро ба тартиб ба рақамҳои ҳинд нақл кунем, адади мазкур ҳосил мегардад. Ва «тайласон»-ро бояд ин тавр фаҳмид. Ва аз ин ҷиҳат мо таворихро ба се тариқи боло нақл намудем, ки агар дар яке аз ин се шакке рӯй диҳад, дар баъзе ҳуруф ададҳо ва рақамҳои яке аз ин се барои дигаре шоҳид бошад. Ва мо ин амалро ба тарзи ғайримашрӯҳ зикр мекунем, зеро касе, ки ин китобро мехонад, бояд аз мартабаи мубтадиён дар ҳисоб болотар бошад, гӯем, агар касе маърифати таворихро аз воҳиде, ки назди ӯ маълум аст, бихоҳад, бояд маълуми худро мубаддал ба айём кунад ва маҷмӯъро «асл» ном бигузорад, ва миёни мабдаи ду таърихро, яъне маълуму матлубро ба даст оварад. Ва мо ин корро «таъдил» ном мегузорем ва агар таърихи маълум ба таърихи матлуб мукаддам бошад, «таъдил»-ро аз «асл»

facebook.com/Китобхона

Тӯфон бинобар раъйи Абӯмаъшар ва солҳою моххои он кибтӣ аст.	13 56 58 3	33 55 41 4	54 7 43 4	28 12 145	33 34 285	56 244 5	15 46 176	38 46 186	33 27 456
860 173	Бухтанассар ва солҳою моххои он кибтӣ аст.	20 59 42	41 11 44	15 13 181	20 38 291	43 5 461	2 50 18 2	20 50 192	20 31 462
1 014 933	154 760	Филифус ва солҳою моххои он кибтӣ аст.	21 12 1	55 18 30	0 39 46	23 621	42 50 351	5 51 361	32 32
10 19 274	159 101	4 341	Искандар, солу мохи он суриёнӣ аст.	34 624	39 26 45	2 54 01	21 38 341	44 38 351	39 19 22
1 124 0 68	363 895	109 135	104 794	Ағустус, солҳои он румӣ, моххои он кибтӣ аст.	520 16	28 47 31	47 31 51	10 32 61	513 33 1

1182 873	322 700	167 940	163 599	58 805	Антинус, солҳои он румӣ ва моххои он кибтӣ аст.	23 27 15	42 11 49	5 12 50	53 16 1
1238 516	387 343	223 583	219 242	114 448	55 643	Даклитиёнус, солу мохи он румӣ аст.	29 44 33	42 44 34	27 25 11
1359 975	499 802	345 042	340 701	235 907	177 102	125 082	Ҳичрат солҳои он камарӣ ва моххои он арабӣ аст.	23 01	18 41 27
1363 598	503 425	348 065	344 324	239 530	180 725	121 459	3 623	Яздигурд, солиёну моххои он форсӣ аст.	55 40 26
1159 653	599 480	444 720	440 379	335 885	276 780	221 137	99 678	96 055	Мӯътазид, солҳои он румӣ ва моххои он форсӣ аст.

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

бояд кам намуд. Ва агар таърихи маълум аз таърихи матлуб мутаохир бошад, «таъдил»-ро бояд бар он бияфзоид. Ва он чи ҷамъ мешавад, айёми таърихи матлуб аст. Ва онро бояд ба миқдори соли мансуб ба ин таърих тақсим кунад. Ва он чи хориҷи қисмат шавад, солиёни пурра хоҳад буд. Ва он чи боқӣ монад айёмест, ки бар қадри сазовори худ ба моҳҳо дохил мешавад ба миқдоре, ки барои ҳар як аз аҷноси моҳҳо зикр кардем. Ва айёми мобайни таворих дар «тайласон»-и мутазоид ба ин қарор аст: (ниг. ба саҳ. 154—155).

Аз барои муҳосибаи шатранҷ ду амали зерро бояд мурооат намуд:

Амали аввал — Ҳар як аз хонаҳои шастучоргонаи шатранҷ, ки фосилаи он то хонаи фарзӣ баробари фосилаи ин хона то хонаи аввал бошад, мураббаи хонаи фарзӣ аст.

Масалан, ҳар вақт мураббаи ададе, ки дар хонаи панҷум аст, бихоҳем ба даст оварем, яъне адади шонздаҳ мураббаи он дусаду шасту панҷ хоҳад шуд, ки адади хонаи нӯҳум аст. Ва фосилаи хонаи нӯҳум аз хонаи панҷум монанди дурии хонаи аввал аз панҷум аст.

Амали дуввум — Ҳар хонаро, ки аз он рақаме ихтисор кунем, баробари маҷмӯи хонаҳои муқобил мешавад. Масалан, ҳар вақт хонаи шашумро, ки сию ду бошад, яке аз он кам кунем, сию як боқӣ хоҳад монд, ки ба хонаҳои пешин, яъне хонаи якум, дуюм, чорум, ҳаштум ва шонздаҳум баробар аст.

Ва маънии зарби шонздаҳ бар квадрати квадрати квадрат ин аст, ки адади хонаи сию серо дар худ зарб кунем, то адади хонаи шасту панҷ даст ояд. Ва чун як рақам аз ин кам кунем, ададе ки дар ҳамаи хонаҳои шатранҷ аст, ба даст хоҳад омад. Ва хонаи сию дуввум вақте ба кубваи худ мерасад, ки хонаи ҳафдаҳум дар худ зарб шавад. Ва хонаи ҳафдаҳум вақте ба кубваи худ мерасад, ки хонаи нӯҳум дар худ зарб шавад. Ва хонаи нӯҳум аз зарби хонаи панҷум дар худаш ба даст хоҳад омад, ки шонздаҳ мазкур бошад.

Дар «Китоби рақамҳо»[121], ки мехоҳам тарақаи ёд гирифтани ҳисоби шатранҷро баён кунам. Ва мукаддимае, кидонистани он воҷиб аст, ин аст, ки зиёд кардани ҷуфти ҷуфтро назар кунам, ҳар андоза, ки дур шавад дорои нисбати квадрат хоҳад буд, вале агар тоқ бошад, як воситае бештар нахоҳад дошт. Ва яке аз ду тарафи

facebook.com/Китобхона
хонаро, ки дар ҳам зарб кунем, бо зарби яке аз ду восита, дар дигаре мусовӣ хоҳад буд.

Ин як муқаддима бувад, ки донистани он воҷиб аст. Муқаддимаи дигар ин аст, ки чун ҷамъи ин ададҳои фарзиро аз зиёдии ҷуфти ҷуфт бихоҳем, бидонем бузургтарин хонаро, ки хонаи охирин бошад, зиёд мекунем. Ва кӯчактарин хонаро, ки хонаи нахустин бошад, ба он зам мекунем ва маҷмӯи ин зиёдӣ боқӣ мемонад.

Акнун, ки ин ду муқаддима дониста шуд, гӯем: Агар бар хонаҳои шатранҷ як хонаи дигар бияфзоем, то дар натиҷа шасту панҷ хона шавад. Ба мӯҷиби амали дуввум маҷмӯи матлуби мусовии фазли ҷумлаи шасту панҷум бар воҳид хоҳад буд. Ва чун ин хона ва хонаи аввалро ду тараф қарор диҳем, хонаи сию сеюм восита хоҳад шуд ва ин хонаи аввалин восита хоҳад буд. Ва чун ин хонаро бо хонаи аввал аз нав ду тараф қарор диҳем, хонаи шонздаҳум восита мешавад ва ин дуввумин восита хоҳад буд. Ва чун хонаи шонздаҳум ва хонаи аввалро боз аз нав ду тарафу ду ҳошия қарор диҳем, хонаи нӯҳум восита мегардад, ки саввумин восита бошад. Ва чун хонаи нӯҳум ва аввалро аз нав ду ҳошия қарор диҳем, хонаи панҷум восита мешавад, ки воситаи чаҳорум бошад. Ва чун хонаи панҷум ва хонаи аввалро ду ҳошия гардонем, хонаи сеюм восита мешавад, ки панҷумин восита бошад. Ва чун хонаи сеюм ва хонаи аввалро ду ҳошия ва канор қарор диҳем, хонаи дуюм восита мешавад, ки ададди он хона ду мебошад ва худи он хона воситаи шашум аст.

Ва чун ададди дуро дар худ зарб кунем, хонаи зарбшудаи хонаи аввал дар хонаи дуюм хоҳад шуд. Ва чун хонаи аввал воҳид аст, пас ҳосили зарб воситаи панҷум аст, ки дар хонаи саввум қарор дорад ва он чаҳор аст. Ва чун чаҳорро дар худ зарб кунем, шонздаҳ мешавад, ки воситаи чорум аст дар хонаи панҷум. Ва чун онро боз дар худ зарб кунем, дусаду панҷоҳу шаш мешавад, ки воситаи сеюм дар хонаи нӯҳум аст. Ва чун онро низ дар худ зарб кунем, шасту панҷ ҳазору панҷсаду сию шаш мешавад, ки дуюмин восита дар хонаи ҳафдаҳум аст. Ва чун онро низ дар худ зарб намоем, ин адад ба даст меояд: —4294 967 296, ки воситаи аввалӣ дар хонаи сию сеюм бошад. Ва чун ададди мазкурро дар мисли худ зарб кунем, ин адад ба даст меояд; —18 446 744 073 709 551 616, ки чун яке аз онро андозем, яъне хонаи ав-

facebook.com/Китобхона
вал, барои мо ҷамеи хонаҳои шатранҷ боқӣ мемонад, ки иборат аз ададе бошад, ки дар ибтидои кор баён намудем. Ва ин ададро намешавад барои зиёдатие, ки дорост, забт намуд. Магар он ки онро бар даҳ ҳазор тақсим кунем, то «бадра» шавад ва «бадра»-ҳоро бар ҳашт тақсим кунем, то «бор» гардад ва ин «бор»-ҳоро бар даҳ ҳазор тақсим кунем, то астарҳое шавад, ки ин борҳоро мекашанд — ба таври дастае, ки ҳар даста даҳ ҳазор астар хоҳад буд. Ва чун ин даста астарҳоро бар ҳазор тақсим кунем, ки то бар рӯдхонаҳои водиҳо бичаранд. Ва бар ҳар рӯдхонае ҳазор астар ва ададе ин рӯдхонаҳоро бар даҳ ҳазор тақсим кунем, ки то аз ҳар даҳ ҳазор кӯҳ рӯдхонае берун ояд. Бо он ки дар ин тақсим саҳлангорӣ кардаем, ҳосили тақсим дуҳазору сесаду панҷ кӯҳ мешавад, ки дар ҳама рӯи замин ин андоза кӯҳ нест.

Чун дар ин матлаб тафсиле лозим аст, мо низ аз тафсил кӯтоҳӣ намекунем. Ва гуфтугӯй дар истихроҷи таърихи Одаму Тӯфонро бинобар раъйи аҳли китоб ба таъхир меандозем, зеро ин ду вобастагӣ ба солҳои яҳудон ва моҳҳои эшон дорад. Ва ин амр ҳам бисьёр печидагӣ ва душворӣ дорад, ки қадре аз онро дар пеш гуфтем. Пас бад-ин сабаб аз иноятӣ ҷудогона ба солҳо ва моҳҳои яҳудон ва тартиби фасли ҷудогона ниёз нест.

Акнун ба тафсили қавл дар таворих оғоз кунем бо ин фарз, ки миёни авоили онҳо ва рӯзҳоеро, ки аз айём, мехоҳем, маълум бошад. Ва мо онро «айёми муайяншуда» ном мегузорем.

Гӯем, агар бихоҳем, таърихи Тӯфонро бинобар гуфтаи Абӯмаъшар, ки дар зиҷи худ ба кор баста, ба даст оварем, «айёми муайяншуда»-и онро бар сесаду шасту панҷ тақсим мекунем ва ҳосили тақсим солҳои пурра хоҳад шуд. Ва он чиро, ки аз айём боқӣ бимонад, ба моҳҳои қибтӣ бадал менамоем. Ва гоҳ чунин иттифоқ меафтад, ки моҳи тут аз ин таърих бо рӯзи ҳаждаҳуми баҳманмоҳи таърихи яздигурдии ғайримакбус баробар мешавад.

Ва агар бихоҳем, таърихи Бухтанассар ва Филипфусро ба даст оварем, «айёми муайяншуда»-и онро ба сесаду шасту панҷ тақсим мекунем, дар натиҷа солиёни пурра ба даст меояд. Ва айёме боқӣ хоҳад монд, ки бояд ба ҳар моҳе мутобиқи ҳиссаи он тақсим шавад ва ба моҳи тут оғоз кунем. Ва гоҳ чунин иттифоқ меаф-

facebook.com/Китобхона
тад, ки аввали он бо аввали даймоҳ аз таърихи Яздигурд, ки ғайримакбус аст, мувофиқ мешавад.

Ва агар таърихи Искандар ва «айёми муайяншуда»-и онро бар сесаду шасту панҷ ва чаҳорьяки рӯз таксим карданӣ шавем, бояд ин айёмро дар чор зарб кард, то он ки чаҳорьяк гардад. Ва маҷмӯъро бар ҳазору чорсаду шасту як, ки чаҳорьякҳои сол аст, тақсим кунем ва дар натиҷа солиёни пурра ба даст хоҳад омад. Ва он чи ки аз чаҳорьякҳо боқӣ мемонад бар чор тақсим мекунем, то он ки рӯз ба даст ояд. Ва барои ҳар моҳе адади айёмеро, ки дорост, канор мегузорем ва аз тишрини аввал шурӯъ мекунем. Ва ҳар миқдор рӯз, ки боқӣ монд, ки ба моҳ шудан басандагӣ намекунад, миқдорест, ки аз он гузаштааст. Ва барои моҳи шубот дар солҳои кабиса бисту нӯҳ рӯз ва дар солҳои ғайрикабиса бисту ҳашт рӯз канор мегузорем.

Кабисаро ин тавр бояд шинохт, ки ба боқимондаи қисмати чаҳорьякҳо бар чаҳор назар мекунем, агар ду боқӣ монад, соли мункасираи кабиса аст. Ва агар камтар ё бештар боқӣ монад, кабиса нест. Ва сабаби ин кор ин аст, ки кабиса ду сол ба аввали таърих муқаддам аст. Ва аз чорьякҳо дар аввали таърих ду чаҳорьяки рӯз ҷамъ мешавад. Ва чун пас аз таърих ду рубъи рӯз боқӣ монд, чун он дуро бо ду рубъи пешин рӯи ҳам гузорем, як рӯзи пурра ба даст меояд ва сол кабиса мешавад.

Ва агар кори мо дар ин таърих бинобар мазҳаби румиён бошад, аз ҷумлаи «айёми муайяншуда» ба сабаби тафовути оғози сол назди руму суриёниён навад рӯз бармеандозем. Ва он чиро, ки аз чорьякҳо боқӣ монд, бадал ба айём менамоем. Ва барои ҳар моҳе адади рӯзҳои онро мепартоем ва аз моҳи январориюс яъне қонуни охир, ибтидо менамоем ва кабисаро мутобиқи мисоли мутақаддим бояд донист.

Ва агар таърихи Агустусро бихоҳем, он чи ки дар таърихи Искандар намудем, бо «айёми муайяншуда»-и он менамоем, то он ки солиёни пурра ба даст ояд ва чаҳорьякҳо боқӣ бимонад. Ва чаҳорьякҳоро бадал ба айём мекунем ва барои ҳар моҳе аз моҳҳои қибт адади рӯзҳои онро бароварда мепартоем ва аз моҳи тут оғоз мекунем. Ва агар сол кабиса бошад, барои моҳи ибугумно, ки моҳи кӯчак аст, шаш рӯз мепартоем ва агар кабиса бошад, барои он панҷ рӯз мулоҳиза менамоем.

facebook.com/Китобхона
Ва соли кабисаро бад ин тавр бояд шинохт, ки агар чорьякҳоро бадал ба рӯз кунем, чизе боқӣ намонад. Ва иллати ин кор ин аст, ки кабиса ба аввали таърих мутақаддим аст ва зиёд ҳам ҳамеша намешавад, зеро дар охири сол ҷой дорад. Ва аввали моҳи тут ҳамвора бо рӯзи бисту нӯҳум аз моҳи оби суриёнӣ муттафиқ мегардад.

Дар таърихи Антинус бояд солҳои пурраи онро, чунон ки дар таърихи Ағустус гузашт, ба даст овард ва боқиро бар чор тақсим намоем ва аз чор қисмат хиссаи ҳар моҳеро мулоҳиза кунем. Ва аз моҳи тут шурӯъ мекунем. Ва дар соли кабиса барои моҳи ибуғумно шаш рӯз ҷудо мекунем. Ва кабисаро ин тавр бояд шинохт, ки аз чаҳорьякҳо чаҳорьяки як рӯз боқӣ бимонад.

Дар таърихи Даклитиёнус, чунон ки дар таърихи Ағустус ва ғайра намудем, бо «айёми муайяншуда»-и он менамоем, то он ки солиёни пурра ба даст ояд. Ва чаҳорьякҳои он бо айёми пурра табдил ёбад. Ва ба моххо ҳиссаҳоеро, ки сазовор аст, тақсим мекунем ва аз январиус, ки қонуни охир бошад, ибтидо менамоем. Ва агар соли кабиса бошад, барои фибориюс, ки моҳи шубот аст, бисту нӯҳ рӯз мепартоем ва дар ғайри он бисту ҳашт рӯз ҷудо мекунем. Ва кабисаро бояд ин тавр шинохт, ки аз чаҳорьякҳо ду чорьяк боқӣ бимонад, чунон ки дар таърихи Искандар бувад.

Аммо таворихи араб ва моххои эшон бо мавқеи насӣ дар онҳо ва тартибе, ки ба насӣ дар ҷоҳилият дода буданд, амре аст, ки маҷҳул мондааст, зеро тозиён оммӣ ва бесавод буданд. Ва дар поянда сохтани осор чуз ба ҳифз ва ашъоре, ки гуфта шудааст, бар чизи дигар такья надоштанд. Ва чун ашхосе, ки насйро ба кор мебастанд, несту нобуд шуданд, номи он мунқатеъ шуд ва роҳе барои донистани ин ҳақиқат дар пеш нест.

Аммо агар бихоҳем, таърихи ҳичрат дар исломро ба даст оварем, «айёми муайяншуда»-и онро бар соли қамарии миёна, ки сесаду панҷоҳу чор рӯз ва панҷьяку шашьяк аст, тақсим мекунем, бад-ин тариқ, ки дар сӣ зарб менамоем, чунки адади сӣ камтарин ададест, ки дорои панҷьяку шашьяк аст.

Ва маҷмӯъро бар даҳ ҳазору шашсаду сию як тақсим мекунем, ки зарбшаванда сесаду панҷоҳу чор аст, дар сӣ бо изофаи ёздаҳе, ки маҷмӯи панҷьяку шашьяки он аст. Пас он чи ба даст ояд солҳои пурраи қамарӣ аст

facebook.com/Китобхона

ва он чи боқӣ монад айёмест, ки дар вай зарб шудааст. Ва чун онро бар сӣ тақсим кунем, боз бо айём бозгашт мекунад ва барои як моҳ сӣ рӯз ва барои моҳи дигар бисту нӯҳ рӯз мегирему аз моҳи муҳаррам оғоз мекунем. Ва он чи боқӣ монд, ки наметавонад як моҳ шавад, миқдорест, ки аз он моҳи гузашта аст.

Ва дар истихроҷи таворих дар зиҷҳо бад-ин тавр амал мекунанд. Ва агар роҳҳои мухталифе бираванд, тамом ба маънои воҳиде роҷеъ аст. Ва аммо бинобар пайдоиши ҳилол мумкин аст, ки ду моҳ аз пушти сари ҳам бошанд ва ҳар ду ноқис. Ва се моҳ ҳам аз паи якдигар ва пурра бошанд. Ва низ мумкин аст, ки соли қамарӣ бар миқдори мазкур зоид бошад ва ё ба сабаби ихтилофи ҳаракат дар баъзе вақтҳо камтар аз он бошад.

Ва аммо таърихи Яздигурд «айёми муайяншуда»-и онро бар сесаду шасту панҷ тақсим мекунем ва ҳосили тақсим солиёни пурра аст. Ва он чи боқӣ монд ба ҳар моҳе миқдореро, ки сазовор аст, ато мекунем. Ва аз моҳи фарвардинмоҳ дар ин кор оғоз менамоем. Ва аз ин кор бар оғози таърихи салтанати Яздигурд, ки дар зиҷҳо мустаъмал аст, вуқуф меёбем.

Ва агар таърихи маҷусеро бихоҳем бидонем, аз таърихи салтанати Яздигурд бист сол кам мекунем ва боқимонда таърихи эшон хоҳад буд. Зеро маҷус аз соли қатли Яздигурд ва инқирози салтанату истиқлоли эрониён таърих гузоштаанд, на он ки аз оғози подшоҳии Яздигурд таърих гирифта бошанд.

Аммо дар таърихи Мӯътазид биллоҳ бояд амалеро, ки дар таърихи Искандар намудем, такрор кунем. Ва ба ҳар моҳе насиберо, ки сазовор аст, монанди моҳҳои форсӣ бидиҳем ва аз моҳи фарвардинмоҳ оғоз кунем, то он ки ба озармоҳ бирасем. Ва агар соли кабиса бошад, яъне ду чаҳорьяк аз чаҳорьякҳо монда бошад, чунон ки дар таърихи Искандар буд, шаш рӯз аз он мепартоем.

Ва агар кабиса набошад, панҷ рӯз барои он илова мекунем ва дар ин таърих Наврӯз ҳамвора бо рӯзи ёздаҳуми моҳи ҳазирон барои илале, ки дар пеш гуфта шуд, мувофиқ мешавад.

Хуб аст бахсе, ки берун аз зиҷҳо аст ва ҷуз Абӯлаббос Фазл бинни Хотими Табрезӣ[122] дар «Тафсири Миҷастӣ» нагуфтааст, мо дар ин ҷо баён кунем, зеро ба ин

facebook.com/Китобхона
кор эҳтиёҷе пайдо шудааст. Ва ашхосе, ки амал ба он менамоянд, ҳамвора ба ҳайрат дучор мешаванд. Ва он баҳс ин аст.

Масъала ин аст, ки аз мо таърихеро суол мекунанд, ки дар чӣ вақт буда ва маълумҳоеро, ки ба мо барои истихроҷ маҷҳул медиҳанд, аз анвои мухталиф аст. Монанди ин ки аз мо мепурсанд, ки фалон рӯз, ки чандум моҳи румӣ ва ё арабӣ ва ё форсӣ буда, ки худи он моҳ бар мо маҷҳул аст. Вале номи моҳи дигарро, ки ба он буда ва ё моҳеро, ки ин рӯз дар он буда, вале номашро фаромӯш кардаем, чӣ буд.

Масалан аз мо мепурсанд, ки рӯзи ҳурмӯз дар моҳи тамузи соли сесаду наваду яки ҳиҷрӣ, чандин моҳ будааст? Ва барои ҳалли ин масъала бояд, ки таърихи Искандарро дар аввали моҳи муҳаррами соли сесаду наваду яки ҳиҷрӣ истихроҷ кунем. Ва чун ин матлаб ба даст омад, бар мо пӯшида нахоҳад монд, ки аввали моҳи тамуз бо чӣ моҳ ва кадом рӯз аз моҳҳои араб, мутафиқ буда, ва таърихи Яздигурдро дар аввали моҳи тамуз истихроҷ менамоем.

Ва чун бо ин кор низ муваффақ шудем, дониста мегардад, ки ҳурмуз дар кадомин рӯзи ин моҳ будааст. Ва ҳар се таърих бо анвоъ ва аҷносе, ки дорад маълум мешавад.

Ва агар илова бар ин маълум номи рӯзро, ки дар кадом ҳафта воқеъ аст, бидонем, ба дарки ҳақиқат моро бештар ёрӣ мекунад. Масалан, бидонем, ки рӯзи ҷумъаи аввали моҳи рамазони соли сесаду ҳафтоди яздигурдӣ чандуми моҳ будааст. Ва тариқи донистани ин матлаб он аст, ки таърихи арабиро дар аввали Наврӯзи ин таърих истихроҷ мекунем. Ва аз ин рӯзи маълум аввали моҳи рамазонро ҳисоб мекунем ва баъдан мулоҳиза мекунем, ки оғози моҳҳо аз рӯзҳои ҳафтгона кадом аст. Ва ҳисоби мо дар ин вақт ба даст меояд.

Ҳамчунин агар бидонем, ки як рӯз аз айёми ҳафта дар чандумин рӯзи моҳи номуайян қарор дорад, ки бо таърихи номуайяни дигар мувофиқ аст ва номи моҳро ҳам бидонем, ин саволро низ ба тариқи мукаддам метавонем, посух бигӯем.

Ва шахсе, ки мисоли фавқро бифаҳмад, чигунагии саволҳо бар ӯ маҷҳул нахоҳад монд. Ва агар маълумоти мо, ки чандин мартаба адад аст, маротиби он аз якиҳо, даҳиҳо ва садиҳо мухталиф ва мутабоин бо як-

facebook.com/Китобхона
дигар бошанд, мисли ин ки бигўянд «Фалон рўз бисту панҷум». Вале панҷи он аз моҳи форсӣ бошад ва бисти он аз моҳи румӣ, ки ҳар ду ба мо маълум набошад ва ё яке аз он маълум бошад. Ва ё он ки бигўянд: «Соли сесаду чилу панҷ». Ва панҷи он аз таърихи румӣ ва чили он аз таърихи арабӣ ва сесади он аз таърихи форсӣ бошад. Шакке нест, ки посух бо ин пурсишҳо ҳарчанд ки ҳисоби он ҳам тўлонӣ бошад, мумкин аст ва бо тааммули зиёд метавон маҷҳулро бадал ба маълум кард. Ва худованд моро ба роҳи рост тавфикдиҳанда аст.

ФАСЛ

ДАР «АДВОРУ ТАҚУФОТ» ВА МЕЛОДИ СОЛҲОИ ЯҲУДОН ВА МЕЛОДИ МОҲҲО ВА ҚАЙФИЯТУ ТАРИҚАИ КАБИСАИ ОН ДАР СОЛҲОИ ЯҲУДОН ВА ДИГАР СОЛҲО

Дар фасли пеш баён кардем, ки чӣ гуна порае аз таворих аз пораи дигар истихроҷ мешавад. Ва ҷуз таърихи Одам — Абулбашар ва таърихи Тўфон, бино ба гуфтаи аҳли китоб, барои мо намонд. Акнун бояд дид, ки ба чӣ тариқ ин ду таърихро метавон шинохт. Барои донистани матлаб ногузирем, ки солҳову моҳҳои яҳудон ва адвори онҳо ва оғози солҳои эшонро бишиносем. Ва пас аз ин ки мукаддима барои мо мусаллам гашт, шиносоии авоили солҳои ғайр аз яҳудонро низ баён мекунем. Ва порае аз масоилро, ки бойси осонии ин мақсуд мегардад, бад-он илова мекунем.

Гўем, таърихи Одам он аст, ки яҳудон истеъмол мекунанд ва таърихи Искандар он аст, ки насоро онро ба кор мебандаид. Ва агар оғози тишрӣ ҳамвора бо оғози тишрини аввал мувофиқ бувад, таърихи Одам ба таърихи Искандар як чиз бувад. Ва факат се ҳазору чорсаду чилу ҳашт сол, ки бино ба гуфтаи яҳудон тафовути миёни Одаму Искандар аст, бо ҳам фарқ дошт. Валекин тишрӣ бино бар амри авсат пайваста миё-

facebook.com/Китобхона
ни рӯзи бисту ҳафтуми моҳи об то рӯзи бисту чоруми моҳи элул воқеъ мешавад. Пас дар натиҷа таърихи Искандар, ки дар вақти таҳвили яҳудон нокис, аст, агар тафовути солҳои миёни Одаму Искандарро бар он бияфзоем, таърихи пурраи Одам хоҳад шуд.


Ва бад-ин сабаб оғози тишрӣ дар ин айём гардиш мекунад, ки Фисҳи яҳудон пайваста аз рӯи бисту ҳаштуми моҳи озари суриёнӣ бинобар амри авсат то рӯзи понздаҳуми моҳи найсон иттифоқ меафтад. Ва ин айём муддати иқомати Офтоб аст дар бурҷи Ҳамал. Ва истиқболе, ки дар ин муддат бошад, муқтазии Фисҳ аст. Вале ин матлаб, ки гуфтаанд ба таври тақриб саҳеҳ аст, зеро агар соли хуршедӣ бо айёми санаи румӣ муттафиқ бошад, он вақт гуфтаи яҳудон дуруст бувад. Вале мо ба расад ёфтаем, ки тафовути ин ду панҷ соату чилу шаш дақиқаю чил сония ва панҷоҳу шаш солиса аст. Пас масири расадии Офтоб ба нуқтае аз фалакулбуруҷ, ки мабдаи сол аст, дар муддати яксаду панҷоҳу панҷ сол як рӯз зудтар мерасад.

Вале мо мутобиқи ақидаи яҳудон баён мекунем, ки ба чӣ тариқ мумкин аст, аввали солҳои эшонро фаҳмид ва чӣ гуна метавон донист, ки оё ин солҳо иббур ва содда аст? Ва ба фарзи ин ки яке аз ин ду бошад, оё нокис аст, ё мӯътадил ва ё пурра, вақте ки бихоҳем, ин масъаларо бидонем, ба таърихи Искандар, ки мутобиқи тишрини аввали суриёнӣ аст, се ҳазору чорсаду чилу ҳашт сол меафзоем то дар натиҷа таърихи Одам бо аввали тишрӣ, ки ҳамвора аввал мебошад ва мо таърихро аз он ибтидо кардем, ҷамъ мешавад.

Ва агар бихоҳем оғози солро, ки аз ин таърих ба даст меояд, бидонем, оё содда аст ё иббур, бояд ҳамин таърихро бигирему ду сол аз ин тақсим ба даст меояд, даври пурраи хурд мебошад. Ва боқимондаи тақсимро дар табақаи аввали «доираи меъёр» бояд қарор дод. Ва дар табақаи дуюми ин доира хоҳед ёфт, ки оё содда будааст, ё иббур. Ва дар табақаи сеюм маълум мешавад, ки мутобиқи кадом як аз моҳҳои суриёнӣ аст. Ва дар табақаи чорум номи он моҳ ба даст меояд. Ва «доираи меъёр» ин аст:

Ва агар мо дар пеш нагуфта будем, ки даврати нуздаҳтой, пас аз он ки тамом шуд, ба ҳамон рӯзе, ки аз он оғоз шудааст, баргашт, наменамояд. Он вақт барои

facebook.com/Китобхона



ин ки бидонем, ки рӯзи аввали ин давр мутобики кадом рӯзи хафта аст, ҷадвале тартиб медодем, валек ин кор мумкин нест. Ва агар бихоҳем бидонем, рӯзе, ки барои мо дар табакаи солисаи «доираи меъёр» ба даст омад, кадом як аз айёми хафта аст, бояд донист, ки рӯзи аввали моҳи об, ё аввал дар он сол кадом рӯз будааст. Ва тариқи шиносоии ин амрро дар оянда хоҳем баён кард. Ва чун оғози моҳи об ё элулро шинохтем, матлуби худро хоҳем шинохт. Ва ин амр, ки барои мо аз тиштрӣ ба даст омад, мутобики амри авсат бувад, яъне бидуни таъдил, Вале бисьёр мешавад, ки аввали ин солҳо дар айёме иттифоқ меафтад, ки яхудон ҷоиз намедонанд. Пас барои рафъи ин душворихо ё бояд як

facebook.com/Китобхона

рӯз пештар рафт ва ё як рӯз ба ақиб баргардем. Ва чун бихоҳем, ин тавр таъдил кунем, ниёзманд мешавем, ки бидонем, бинобар мазҳаби яҳудон Офтобу Моҳ кай дар оғози тишрӣ ҷамъ мешаванд. Ва ин кор ҳам бояд мутобиқи рафтори яҳудон бошад, на асҳоби ирсод, зеро миёни ин ду мазҳаб чандин ихтилоф ҳаст.

Нахуст он ки соли хуршедӣ назди яҳудон ба тадқиқ

$$\text{сесаду шасту панҷ рӯзу панҷсоатӣ} \frac{3791}{4104} \text{ соат аст.}$$

Бо он ки муҳадисин аз асҳоби ирсод солро аз ин миқдор камтар ёфтаанд.

Дуввум ин ки он чӣ аз шабу рӯз бигузарад, бинобар арзу тӯли билод, то вақти иҷтимоъ фарқ мекунад, бо ин ки яҳудон дар ҳама моҳҳо ба як ҳол амал мекунанд. Ва маълум нест, ки дар чӣ ҷое ин ҳисоб воқеъ шудааст, ҷуз ин ки ин тавр ба ваҳм пешӣ мегирад, ки ин ҳисоб барои Байтулмуқаддас ва ҳаволии он сохта шуда, зеро макони аслии яҳудон ин нуқтаҳо будааст.

Сеюм он ки яҳудон ин масъаларо мутобиқи соати замонӣ ҳисоб мекунанд ва равшан аст, ки ин кор ҷуз дар муаддилуннаҳор раво нест.

Чорум он ки яҳудон мутобиқи ҳаракати миёна амал мекунанд, на ҳаракати маръӣ ва басо рӯй медиҳад, ки иди Фисҳ бад-ин ҷиҳат барои таъдилҳое, ки кардаанд, ду рӯз пас аз истиқболи ҳақиқӣ воқеъ мешавад. Як рӯз барои таъодил, рӯзи дигар ҳам барои ин ки аввали моҳ рӯзе шуда, ки яҳудон раво намедонанд, он рӯз аввал бошад.

Ва мо чун мелоди солро, ки иборат аз иҷтимои найрайн дар аввали тишрӣ бошад, бихоҳем бидонем ва одати яҳудон бад-ин ҷорӣ шудааст, ки иҷтимои ҳар моҳеро мелоди он гӯянд ва иҷтимое ҳам, ки дар аввали ҳар давра аст, мелод номанд, бояд солҳои пурраи Одамро ба даст овард. Яъне солҳоеро, ки то ниҳояти соле, ки тишрӣ мақсуди мо дар он аст ва онро даври хурд мекунем ва ҳарчанд давр, ки ба даст омад дар ду рӯзу шонздаҳ соату панҷсаду наваду панҷ ҳалақ зарб мекунем. Ва ин миқдори бокимондаи айёми даври хурд аст. Агар онро ҳафт-ҳафт тарҳ кунем ва ҳосили ҷамъро маҳфуз медорем. Сипас ба бокимонда солҳо, ки кифоят ба давр будан намекунад, менигарем. Ва бояд буби-

facebook.com/Китобхона

нем, ки мутобики хисоби 2—5—7—10—13—16—18 чанд иббур ва чанд давр дар он мавҷуд аст, он вақт ададҳои оддиро дар чор рӯзу ҳашт соату ҳаштсаду ҳафтоду ҳашт ҳалақ зарб мекунем. Ва ин ду хосили зарбро ҳам бо ҳосили ҷамъи пеш ҷамъ мекунем ва панҷ рӯзу чордаҳ соат ҳамвора ба боқимонда меафзоем. Ва ин миқдори дурии вақти иҷтимоъ аз аввали шаби якшанбеи аввали сол аз солҳои Одам аст.

Сипас ҳар як ҳазору ҳаштод ҳалақро ба як соат таҳвил мекунем ва ҳар бисту чор соатро ба як рӯз ва айёмро ҳам ба ҳафта мубаддал мекунем. Ва ҳар андоза, ки аз ҳафта боқӣ монад, дурии он аст ва шаби якшанбе ва ба ҳар ҷое, ки ин ҳисоб мунтаҳӣ гардад, вақти иҷтимоъ дар аввали тишрӣ он хоҳад буд.

Ва мо барои яке аз солиёни Искандар ба ҷиҳати осонии амалу кам кардани заҳмати дигарон ҳисоб мекунем. Ва ҳар кас бихоҳад бидонад дар аввали тишрӣ кай иҷтимоъ мешавад, бояд солҳои Искандарро бигирад ҳамвора дувоздаҳ сол, ки боқимондаи «даври хурд» аст пеш аз Искандар, аз он бикоҳад. Ва боқимондаро бар нуздаҳ қисмат кунад ва хосили тақсим «даври хурд» аст. Ва агар ҳам солҳо вафо карданд, «даври калон» кунад ва ҳар андоза, ки аз солҳо боқӣ монад, бинобар ҳисоби саҳеҳ аз давр гузаштааст. Ва агар дар ин тақсим «даври калон» бошад, дар ҷадвале, ки махсус бад-он аст, дохил мекунем, дар муқобили он аз рӯзҳою соату ҳалақ ба даст меояд. Ва «даврҳои хурд»-ро ҳам дар ҷадвале, ки барои ӯ сохта шудааст, дохил кунем ва дар муқобили он айёму соату ҳалақҳоро ба даст оварем ва ҳар чинсеро бо чинси худ ҷамъ кунем ва ҳар яксаду ҳаштоду панҷро ба як соат ва ҳар бисту чор соатро ба як рӯз таҳвил бояд кард. Ва рӯзҳоро низ ба ҳафта бояд табдил намуд. Ва он андоза, ки боқӣ монд, аз аввали шаби якшанбе то вақти иҷтимоъ, бинобар мазҳаби яҳудон ҳамон миқдори гузашта аст.

Ва аз ин сабаб мо хисоби худро аз аввали шаб шурӯъ кардем, ки назди яҳудон бинобар он ки дар оғози китоб гуфта шуд, маҷмӯи шабонарӯз аз оғози ғуруби Офтоб аст. Ва ин шакли ҷадвалест, ки бинобар хисобҳои мо хисоб шудааст:

facebook.com/Китобхона

Ададхои даври хурд	Солҳои даври хурд	Рӯзҳо	Ҳалақ	Соатҳо
1	19	2	16	595
2	39	5	9	110
3	57	1	1	705
4	76	3	18	220
5	95	6	10	815
6	114	2	3	330
7	133	4	19	925
8	152	0	12	440
9	171	3	4	1035
10	190	5	21	550
11	209	1	14	65
12	228	4	6	660
13	247	6	23	175
14	266	2	15	770
15	285	5	8	285
16	304	1	0	880
17	323	3	17	395
18	342	6	9	990
19	301	2	2	505
20	380	4	19	20
21	399	0	11	615
22	418	3	4	130
23	437	5	20	725
24	456	1	13	240
25	475	4	5	835
26	495	6	22	350
27	518	2	14	945
28	532	5	7	460

Солҳои содда	Рӯзҳо	Соатҳо	Ҳалақ	Иббур
1	5	21	589	—
2	3	6	385	—
3	0	15	181	иббур
4	6	12	770	—
5	3	21	566	иббур
6	2	19	75	—
7	0	3	951	—
8	4	12	747	иббур
9	3	10	256	—
10	0	19	52	—
11	5	3	928	иббур

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5
12	4	1	437	—
13	1	0	233	—
14	5	19	29	иббур
15	4	16	618	—
16	2	1	414	иббур
17	0	22	1003	—
18	5	7	799	—
19	2	16	595	иббур

Даври калон

Ададхои он	Солхои он	Рӯзхо	Соатхо	Ҳалақ
1	532	5	7	460
2	1064	3	14	920
3	1566	1	22	300
4	2128	0	5	760
5	2660	5	13	140
6	3192	3	20	600
7	3724	2	3	1060
8	4256	0	11	440
9	4788	5	18	900
10	5320	4	2	280
11	5852	2	9	740
12	6384	0	17	120
13	6916	6	0	580

Ва агар шахсе аз ахли ҳисоб бихоҳад ба таври таҳқиқ вақти иҷтимоъро мутобиқи ирсод қатъӣ назар аз гуфтаи яҳудон бидонад, бояд ба ҷадвале, ки мо бар ҳасби ирсод саҳеҳу тоза ба даст овардаем, амал кунад. Ва ин ҷадвал ин аст, ки мо ба гуфтаи Батламиюс дар миқдори моҳи авсати камар ва ба гуфтаи Холид ибни Абдумалики Марварудӣ[123] бинобар он чи ин шахс дар Димишқ ин миқдорро ба даст оварда ва ба гуфтаи Бани Мӯсо бинни Шокир ва ғайри эшон назар кардем ва дидем, ки аз тамоми ин гуфтаҳо раъи Бани Мӯсо бинни Шокир беҳтару бартар аст. Зеро эшон дар ёфтани ҳақ ҷахди зиёд карданд ва дар замони худ ба маҳорат дар амали расад ягона буданд. Ва уламои фан ба сиҳати

facebook.com/Китобхона
расади эшон гувоҳӣ медиҳанд. Ва дигар ин ки расади Бани Мӯсо бо ирсоди қадима хеле дуруст ва ба мо наздик мебошад. Ва мо мутобиқи гуфтаи эшон ёфтем, ки вақти иҷтимои найирайн дувоздаҳ сол пас аз Искандар будааст. Ва ин амал дар Мадинатуссалом — Бағдод пас аз он, ки ду соату бист дақиқаву панҷоҳ сония ва чордаҳ солисаву сию нӯҳ робиа аз оғози нисфуннаҳори рӯзи сешанбе гузашт, анҷом ёфт. Ва чун мадори нисфуннаҳори Байтулмуқаддас аз мадори нисфуннаҳори Бағдод мутаохир аст, мо ҳам ҳиссаи онро, ки панҷоҳу шаш дақиқа бошад, аз дақоиқи соат аз вақти ин иҷтимоъ дақиқаю панҷоҳ сония ва чордаҳ солисаю бисту нӯҳ рокам кардем. Пас барои Байтулмуқаддас бист соату се биъа боқӣ монд, ки ин миқдор аз дурии нисфуннаҳор он ҷо мегузарад. Ва шахсе, ки бихоҳад, бо ин расад амал кунад, бояд, ки аз солҳои ноқиси Искандар пайваста дувоздаҳ сол кам кунад ва боқимондаи ин солҳоро «даври калон ва хурд» кунад. Ва аз ин сабаб мабдаи дуриро аз нисфуннаҳор гирифтем, ки таъдили мелод ба нисфуннаҳор аз амал ба офоқ осонтар аст. Ва соати рӯзи дарозтарин барои арзи Байтулмуқаддас чордаҳ соату қадре аст. Пас ин ки яҳудон мутобиқи соати замон амал мекунанд, саҳеҳ нест, магар ин ки иҷтимое, ки дар аввали тишрӣ воқеъ шавад, дар эътидоли тирамоҳе бошад. Ва ин амр ҳам ҳаргиз сурати имкон намепазирад, балки ҳамвора миқдори зиёде бар он муқаддам ва ё муаххаар хоҳад буд, чунон ки дар мубоҳиси гузашта баён кардем:

Ададҳои даври хурд	Солҳои даври хурд	Рӯзҳо	Соатҳо	Дақиқаҳо	Савонӣ	Савлис	Равобеҳ
Асл	12	2	20	24	50	14	29
1	19	2	16	28	57	57	53
2	38	5	8	57	55	55	46
3	57	1	1	26	53	53	39
4	76	3	17	55	51	51	32
5	95	6	10	24	49	49	25
6	114	2	2	53	47	47	18
7	133	4	19	22	45	45	11
8	152	0	11	51	43	43	4
9	171	3	4	20	41	40	57

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8
10	190	5	20	49	39	38	50
11	209	1	13	13	37	36	43
12	228	4	5	47	35	34	36
13	247	6	22	16	33	3	29
13	247	6	22	16	33	32	29
14	266	2	14	45	31	30	22
15	285	5	7	14	29	28	15
16	304	0	23	43	27	26	8
17	323	3	16	12	25	24	1
18	342	6	8	41	23	21	54
19	361	2	1	10	21	19	47
20	380	4	17	39	19	17	40
21	399	0	10	8	17	15	33
22	418	3	2	37	15	13	26
23	437	5	19	6	13	11	19
24	456	1	11	35	11	9	12
25	475	4	4	4	9	7	5
26	494	6	20	33	7	4	58
27	513	2	13	2	5	2	51
28	532	5	5	31	3	0	44

Солхои содда	Рӯзхо	Соатхо	Дақиқахо	Савонӣ	Саволис	Равобеъ
1	5	21	32	29	45	35
2	3	6	20	57	13	29
3 иббур	0	15	9	24	42	3
4	6	12	41	52	27	38
5 иббур	3	21	30	21	45	42
6	2	19	2	51	41	27
7	0	3	51	19	9	41
8 иббур	4	12	29	46	37	55
9	3	10	12	16	23	30
10	0	19	0	23	51	44
11 иббур	5	3	49	11	19	58
12	4	1	21	41	5	33
13	1	10	10	8	33	47
14	5	18	58	36	2	1
15	4	16	31	5	47	36
16 иббур	2	1	19	33	15	50
17	0	22	42	3	1	20
18	5	7	40	40	29	39
19	2	16	28	57	57	53

facebook.com/Китобхона

Даври калон

Ададхои он	Солхо	Рӯзхо	Соатхо	Дакикахо	Сонӣ	Соволис	Равобеъ
1	532	5	5	31	3	0	44
2	1064	3	11	2	6	1	28
3	1596	1	16	33	9	2	12
4	2128	6	22	4	12	2	56
5	2660	5	3	35	15	3	40
6	3192	3	9	6	18	4	24
7	3724	1	14	37	21	5	8
8	4256	6	20	8	24	5	52
9	4788	5	1	39	27	6	36
10	5320	3	7	10	30	7	20
11	5852	1	12	41	33	8	4
12	6374	6	18	12	36	8	48
13	6914	4	23	43	39	9	32

Ва чун мо вақти иҷтимоъро мутобиқи ҳисобе, ки яҳудон баён мекунанд, ё бар тибқи ҷадвале, ки мо бинобар раъи эшон ба даст овардем, дониста шуд, он вакт метавонем, ки аввали солро ва маърифати чигунагии санаҳоро, ки бенокиса ва ё мӯътадил ва ё пурра аст, фаҳмид. Ва дар пеш ҳам донистем, ки чӣ гуна метавон донист, ки сол содда аст ё иббур. Сипас дар ҷадвали ҳудуд муддате, ки аз айёми ҳафта, ки мутазаммини ду ҳудуду тараф вақте аст, ки иҷтимоъ дар он вакт воқеъ мешавад дар ҷониби иббур. Агар сол иббур бошад ва дар соддаҳо агар содда бошад, талаб мекунем.

Ва чун ин матлабро ҳам ёфтем, мутобиқи он аввали солро аз рӯзҳои ҳафта ва чигунагии онро хоҳем ёфт. Ва чун аввали солу чигунагии онро шинохтем ва ин чигунагиро бо соддаҳо ва ё иббур будани сол таркиб кардем, аз ин кор огози соли ояндаро хоҳем донист. Ва ҷадвали ҳудуд ин аст:

facebook.com/Китобхона

Атрофи худуди тақсимшудаи ҳафта дар солҳои оддӣ	Чигунагӣ	Аввали сол
Аз нисфуннаҳори рӯзи шанбе то дусаду чаҳор ҳалақ аз соати даҳуми шаби якшанбе.	Нокис	2
Аз дусаду чор ҳалақ аз соати даҳум аз шаби якшанбе то панҷсаду ҳаштоду нӯҳ ҳалақи соати чорум аз рӯзи душанбе, агар соле, ки пеш аз он аст, иббур бошад. Ва то нисфи рӯзи душанбе, агар соле, ки бар он мукаддам аст, оддӣ бошад.	Пурра	2
Аз панҷсаду ҳаштоду нӯҳ ҳалақ аз соати чоруми рӯзи душанбе аз нисфуннаҳори рӯзи душанбе то дусаду чор ҳалақ аз соати даҳуми шаби сешанбе.	Мӯътадил	3
Аз дусаду чор ҳалақ аз соати даҳуми шаби сешанбе то дусаду чор ҳалақи соати даҳуми шаби панҷшанбе.	Мӯътадил	5
Аз дусаду чор ҳалақ аз соати даҳуми шаби панҷшанбе то нисфуннаҳори рӯзи панҷшанбе.	Пурра	5
Аз нисфуннаҳори рӯзи панҷшанбе то дусаду ҳашт ҳалақ аз соати аввали шаби ҷумъа, агар соле, ки дунболи он аст, оддӣ бошад. Ва то дусаду чор ҳалақ аз соати даҳуми шаби ҷумъа, агар соле, ки дар паи он аст, иббур бошад.	Нокис	7
Аз дусаду ҳашт ҳалақ аз соати аввали шаби ҷумъа, ё аз дусаду чор ҳалақ аз соати даҳуми шаби ҷумъа то нисфуннаҳори рӯзи шанбе.	Пурра	7

Атрофи худуди тақсимшуда дар ҳафтаи солҳои иббур	Аввали сол	Чигунагӣ
Аз нисфуннаҳори рӯзи шанбе то чорсаду наваду як ҳалақ аз соати нӯҳуми рӯзи якшанбе.	2	Нокис
Аз чорсаду наваду як ҳалақ аз соати нӯҳуми рӯзи якшанбе то нисфуннаҳори рӯзи душанбе.	2	Пурра
Аз нисфуннаҳори рӯзи душанбе то нисфуннаҳори рӯзи сешанбе.	3	Мӯътадил

facebook.com/Китобхона

1	2	3
Аз нисфуннаҳори рӯзи сешанбе то шашсаду наваду панҷ ҳалақ аз соати дувоздаҳуми шаби чоршанбе.	5	Мӯътадил
Аз шашсаду наваду панҷ ҳалақ аз соати дувоздаҳуми шаби чоршанбе то нисфуннаҳори рӯзи панҷшанбе.	5	Пурра
Аз нисфуннаҳори рӯзи панҷшанбе то чорсаду наваду як ҳалақ аз соати нӯҳуми рӯзи ҷумъа.	7	Нақис
Аз чорсаду наваду як ҳалақ аз соати нӯҳуми рӯзи ҷумъа то нисфуннаҳори рӯзи шанбе.	7	Пурра

Баъзе аз ин аҳвол ва чигунагие, ки ихтисос ба сол дорад, чун аввали сол дар рӯзе аз рӯзҳои ҳафта воқеъ шавад, ғайри он мумкин нест. Ва порае аз ин аҳвол таврест, ки вуқӯъ имконпазир нест. Ва чун ин матолиб ҳам дониста шавад, бар ёфтани матлуб шахсеро кӯмак мекунад. Ва сурати ин аҳвол ба таври тақсиму шохбандӣ бад-ин қарор аст:

Сол

Оддӣ ё ки Иббур

Панҷшанбе	Панҷшанбе
Нақис шудани сол мумкин нест.	Мӯътадил шудани сол мумкин нест.

Солҳои оддӣ ва иббур

Сешанбе	Душанбе	Шанбе
Сол ба ғайр аз мӯътадил дигар хел намешавад.	Сол мӯътадил намешавад.	Сол мӯътадил намешавад.

facebook.com/Китобхона

Қисме аз ин ҳолот имкон дорад, ки дар ду сол ба таври пайдарпай аз паи якдигар дароянд ва порае имкон надорад. Ва чун мо ин мавзӯъро дар «тайласон»-е қарор диҳем, хонандагонро бар фаҳми мақсуд кӯмак хоҳад намуд. Ва ба хонае, ки муштарак барои ду кайфият аст, назар кунем ва имкони пайдарпаи ду сол ва ё ғайриимкони онро дар он хоҳем дид:

Чигунагӣ	Нокис		
Нокис	Мумтанеъ аст, ки пайдарпай бошад.	Мӯътадил	
Мӯътадил	Мумкин аст, ки пайдарпай бошад.	Мумтанеъ аст, ки пайдарпай бошад.	Пурра
Пурра	Мумкин аст, ки пайдарпай бошад.	Мумкин аст, ки пайдарпай бошад.	Мумкин аст, ки пайдарпай бошад.

Ва низ қисме аз ин аҳвол мумкин аст, ки дар ду сол ба дунболиҳам воқеъ шаванд. Ва чун мо онҳоро «тайласон»-е қарор диҳем, шахсро дар ёфтани матлуби худ кӯмак мекунад ва корро бар ӯ осон менамояд.

Ва бояд ба хонаи муштарак барои чигунагии ду сол назар кард, зеро гоҳе мумкин аст, ки ду сол, ки дорои як кайфиятанд, аз дунболи ҳам дароянд ва гоҳе ҳам мумтанеъ.

Аз ин ҷиҳат мумтанеъ аст, ки ду соли мӯътадил аз паи ҳам дароянд, ки бинобар ҷадвали таъдили дар охири китоб мавҷуда, охирҳо ва аввалҳои ин солҳо аз якдигар фарқ доранд.

Аммо иллати ғайриимкон аз паи даромадани ду соли нокиса ин аст, ки дар моҳҳои давр пурра будани моҳҳо бар нуқсон ғалаба дорад. Ва баёни матлаб он аст, ки «даври хурд» муштамил бар шаш ҳазору нӯҳсаду чил рӯз аст, ки саду понздаҳ моҳи пурра ва саду даҳ моҳи нокис аст. Ва бад-ин иллат се моҳи пурра ба пайдоиш пай дар паи якдигар хоҳанд буд ва ҷуз ду моҳи нокис аз паи ҳам нахоҳанд омад.

facebook.com/Китобхона
Ва иллати пайдарпаии ин ду моҳ ихтилофи ҳаракатҳои найирайн ва ихтилофи ғуруби бурҷҳо аст.

Агар иҷтимои ду «даври кабир» муттафиқу пайдарпай буд, барои мо имкон дошт, ки ба ҷиҳати истихроҷи кайфиёти солҳои яҳудон ҷадвале ташкил диҳем, ки солҳои «даври кабир»-ро муштамил бошад, монанди «Хроникун»[124]-и насоро, валекин мелодҳои даврҳо ҷуз дар муддати 689472 сол ба ҳамон рӯзе, ки буда мувофиқат намекунад, зеро боқимондаи «даври хурд»-ро вақте ки ҳафт-ҳафт тарҳ кунем, ду рӯзу шонздаҳ соату панҷсаду панҷ ҳалақ мешавад. Ва ин ҷумлаи охир, яъне панҷсаду наваду панҷ ҳалақ ҷуз дар даврҳое, ки шумораи он мусовӣ бо ҳалақҳои як шабонарӯз аст, ки 25920 ҳалақ бошад, нахоҳад як рӯзи пурра шуд, ба далели ин ки каср вақте пурра мешавад, ки адади сурати мусовӣ адади махраҷ шавад, ва аз ин ҷое, ки ҳалақҳои як шабонарӯз бо ҳалақҳои касрҳои бозмонда аз давр дар адади панҷ мутавофиқ аст. Пас дар 5184 сол ин мақсуд анҷом хоҳад ёфт. Ва ин амалҳо, ки то ин ҷо кардем, фақат ба мо мефаҳмонад ки оғози давр ба як рӯз аз моҳ меафтад. Ва барои ин ки дониста шавад, ба кадом рӯз аз ҳафта мувофиқат мекунад, бояд адади мазкурро дар ҳафт зарб кард, ки 63284 бишавад. Ва ин миқдор даврҳоест, ки солҳои он собиқан зикр ёфт.

Аммо иҷтимоъ ва истиқбол мутлақ ба ҳамон рӯзе, ки буд дар 181440 моҳ бармегардад, ки ҳомили зарби ҳалақҳои шабонарӯз дар ҳафт бошад. Ва чун ин масъала имкон нахоҳад ёфт, писандида нест, ки ба як фарзҳои дур саргарм шавем ва аз мутаорифи башар по берун гузорем. Ва ҳамин андоза, ки оғози солиёну чигунагии онҳоро бо ҷойгоҳи он солҳо дар моҳҳои суриёнӣ мутобиқи солҳое, ки бештар мавриди эҳтиёҷи тӯда аст, донистем, барои мо кифоят мекунад. Ва мо ин се амрро дар се ҷадвал қарор додем: Ҷадвали аввал барои аввалҳои солҳо аст, ки «ҷадвали аломот» ном дорад. Ҷадвали дуюм барои чигунагии солҳост, ки ҳарфи «ҳ» дар он, ки аломати ихтисории вожаи «ҳасорин» бошад ва далолат бар нуқсон мекунад. Ва нуқсонро бо забони ибрӣ «ҳасорин» гӯянд. Ҳарфи «к» дар он аломати эътидол аст, ки яҳудон ин маъниро «касидрон» хонанд. Ва ҳарфи «ш» дар он аломати пурра аст, ки ба забони ибронӣ «шаломим» мегӯянд.

Ҷадвали сеюм, «ҷадвали камолот ва каммиёт» аст,

facebook.com/Китобхона

ки агар ба қирмиз навишта шуда бошад, мавқеи оғози солро дар моҳи об ва агар сиёҳ бошад, дар элул ба мо нишон медиҳад.

Ва шахсе, ки мехоҳад бо ин се ҷадвал амал кунад, бояд дар тишрини аввал, ки дар паи тишрӣ мебошад, таърихи ноқисаи Искандарро ба даст оварад ва маҷмӯи онро дар тӯл ва оддии онро дар арз дохил кунад ва матлуби худро дар хонаи муштараки ин ду хоҳад ёфт. Ба изни худои аззавоҷалла фикри мо пурра мегардад:

Агар надонем, ки оғози ҳақиқии сол дар чӣ рӯз аз моҳи об ва ё элул аст ва натавонем ин матлубро аз матлаб пай бурд аз ин роҳ, ки оғози солро дар ҷадвали аломат ҷойгоҳи рӯзи оғози солро дар ҳафта бидонем. Ва собиқ бар ин аз доираи меъёр дониста бошем, ки дар моҳи об ва ё элул аст, метавон сари солро дар шаҳри суриёнӣ як рӯз пештар ё ақибтар биёбем. Ба хусус, ки ҷашнҳои сегона, ки дар ҷадовили пеш баён шуд, моро ба шиносоии таърихи яҳудон ва оғози соли онон ва чигунагии мураккабаи он роҳнамой мекунад. Ва метавон, ки аз рӯи ҳамин амалҳо аввали моҳҳои яҳудонро аз ду тариқ шинохт.

Яке он ки бар ҳасби ду кайфияти мансуб ба он сол ба ҳар ду қисмат ҳар моҳеро аз роҳи тақсим бар он ба даст овард.

Дигар он ки аз роҳи ҷадвали аввали моҳҳо ба ин матлаб пай бурд аз ин роҳ, ки оғози солро дар ҷадвали аломати тишрӣ, агар оддӣ бошад дар ҷадвали оддӣ ва агар иббур бошад дар ҷадвали иббур дохил кунем. Ва дар муқобили чигунагии сегона солро аз нуқсону эътидол итмом хоҳем ёфт.

Ва чун ин чигунагӣ ба даст омад, муқобили он оғози ҳар моҳе, ки пурра аст ва ду аввали моҳе, ки ноқис аст, хоҳем дид. Ва одати яҳудон бар ин ҷорӣ шуд, ки барои ҳар моҳе, ки моҳи пурра бар он муқаддам бошад, ду аввали моҳ қоил мешаванд: Яке рӯзе, ки ҳақиқатан оғози моҳ аст ва дигарӣ рӯзе, ки пеш аз он аст, ки сиюм аз моҳи пуррае бошад, ки муддати он гузаштааст. Ва бисьёр ин матлаб шигифтовар аст ва хонандагонро ба ҳайрат меандозад.

Ва ҷадвали оғози моҳҳо дар солҳои оддӣ ва ё иббур ин аст: (нигр. ба сах. 184).

Ҷадвали аломатҳо

Сатри арз барои солҳои оддӣ	0	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18
Сатри тул барои мачмӯъ аст			иббур		иббур			иббур			иббур			иббур			иббур		иббур
1305	3	7	5	5	2	7	5	2	2	5	2	2	7	3	2	7	5	2	7
1324	7	3	7	7	5	3	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2	2	5	2
1343	2	7	3	2	7	5	3	7	7	5	2	7	5	2	7	5	5	2	5
1362	5	2	7	5	2	2	5	3	2	2	3	2	2	5	3	7	7	5	2
1381	7	5	2	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2	7	7	3	2	7	5
1400	3	7	5	3	7	7	5	2	7	5	2	2	5	2	2	7	5	2	7
1419	5	3	7	7	3	2	7	5	3	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2
1438	2	5	3	2	7	5	2	7	5	3	7	7	5	2	2	5	3	7	5
1457	5	2	5	5	2	7	5	7	2	5	3	2	7	3	2	7	7	3	7
1476	7	5	2	7	5	3	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2	2	7	3

facebook.com/Китобхона

1495	2	7	5	3	7	7	5	2	7	5	2	7	5	2	2	5	5	2	7
1514	5	2	7	5	5	2	7	3	2	7	5	3	7	5	5	2	7	5	2
1533	7	5	2	2	5	5	2	7	5	2	7	5	3	7	7	3	2	7	5
1552	3	7	5	5	2	7	5	2	7	5	2	2	5	3	2	7	5	2	7
1571	7	3	7	7	5	3	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2	2	5	2
1590	2	7	3	2	7	5	3	7	7	5	2	7	5	2	7	5	5	2	5
1609	5	2	7	5	2	2	5	3	2	7	3	2	7	5	3	7	7	5	2
1628	7	5	7	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2	7	7	3	2	7	5
1647	3	7	5	3	7	7	5	2	7	5	2	2	5	2	2	7	5	2	7
1666	5	3	7	7	3	2	7	5	3	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2
1685	2	5	3	2	7	5	2	7	5	3	7	7	5	2	7	5	3	7	5
1704	5	2	5	5	2	7	5	2	2	5	3	2	7	3	2	7	7	3	7
1723	**7**	5	2	7	5	3	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2	2	7	3
1742	2	7	5	3	7	7	3	7	7	5	2	7	5	2	2	5	5	2	7
1761	5	2	7	5	3	2	7	3	2	7	5	3	7	5	5	2	7	5	2
1780	7	5	2	2	5	5	2	7	5	2	7	5	3	7	7	3	2	7	5
1799	3	7	5	5	2	7	5	2	7	5	2	2	5	3	2	7	5	2	7
1818	7	3	7	7	5	3	7	5	5	2	5	5	2	7	5	2	2	5	2

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали чигунагӣ

Сатри арз барои солҳои одди аст.	0	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18
Сатри тул барои маҷмӯъ аст.			Иббур		Иббур			Иббур			Иббур		Иббур			Иббур			Иббур
1305	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	К	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Х	К	Ш	Ш
1324	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Х	К	Ш
1343	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х	Ш	Ш	К	Х	Ш
1362	К	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х
1381	Ш	К	Х	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х
1400	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	Ш	Ш	Ш	Х	К	Ш	Х
1419	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х	Ш	К	Ш
1438	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	Х	К	Ш	Ш
1457	К	Х	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш
1476	Ш	К	Х	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К
1495	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х

facebook.com/Китобхона

1514	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х
1533	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х
1552	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш
1571	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Х	К	Ш
1590	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х	Ш	Ш	К	Х	Ш
1609	К	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х
1628	Ш	К	Х	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х
1647	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Х
1666	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х	Ш	К	Ш
1685	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Ш	К	К	Ш	Х	К	Ш	Ш
1704	К	Х	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш
1723	Ш	К	Х	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К
1742	Ш	Ш	Х	К	К	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х
1761	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х
1780	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш	Х
1799	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Ш
1818	Х	К	Ш	Ш	Х	К	Ш	Ш	К	Х	Ш	К	Ш	Х	К	Ш	Х	К	Ш

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали камолот ва каммиёт

Сатри арз барои солҳои оддӣ аст.	0	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18
Сатри тул барои мачмӯъ аст.	Элул	Элул	Об	Элул	Элул	Элул	Элул	Элул	Элул	Элул	Об	Элул	Элул	Об	Элул	Элул	Элул	Элул	Элул
1305	19	8	29	17	6	24	14	2	22	10	30	18	8	27	15	4	22	11	1
1324	20	8	28	17	6	24	13	3	22	11	30	19	7	28	15	4	23	11	31*
1343	20	9	28	16	6	23	13	2	22	11	31	18	8	27	14	4	24	12	31*
1362	20	9	29	16	5	25	12	2	21	11	29	17	7	28	14	3	23	13	1
1381	19	9	29	15	5	25	14	1	21	10	31	17	6	27	16	3	22	12	2
1400	19	8	29	16	4	24	14	3	20	10	30	19	6	26	15	5	22	11	1
1419	19	8	28	17	5	23	13	3	21	9	30	19	8	26	15	4	22	11	31*
1438	20	8	28	16	6	24	12	2	20	10	29	18	8	28	14	4	22	11	31*
1457	20	9	28	16	5	23	13	1	21	9	30	17	7	26	14	3	23	11	31*
1476	19	9	29	16	5	23	12	2	21	10	29	18	6	27	14	3	22	12	31*
1485	19	8	29	16	5	24	14	3	21	10	30	17	7	26	15	3	23	11	1
1514	19	8	28	15	5	24	13	1	20	10	30	17	6	27	15	4	22	12	31*
1533	18	8	28	16	4	24	13	2	20	9	30	16	6	26	15	2	21	11	1

facebook.com/Китобхона

1552	18	7	28	17	5	23	13	2	19	9	29	18	5	26	14	4	21	10	31*
1571	20	7	27	16	6	23	13	2	22	10	29	18	7	27	14	3	23	10	30*
1590	19	9	27	15	5	23	12	1	21	11	30	17	7	27	13	3	23	12	30*
1609	19	8	29	15	4	24	12	1	20	10	29	16	6	27	14	2	22	12	1
1628	18	8	28	15	4	24	13	1	20	9	30	17	5	26	15	3	31	11	1
1647	19	7	28	15	4	23	13	2	20	9	29	28	6	25	14	4	22	10	31*
1666	18	8	27	16	4	23	12	2	20	9	29	28	7	26	14	3	21	11	30*
1685	19	7	28	15	5	23	12	1	19	9	29	17	7	27	14	3	21	10	31*
1704	19	8	27	16	4	22	12	1	20	8	29	17	6	25	13	3	22	10	30*
1723	19	8	28	15	5	22	11	1	21	9	28	17	6	26	13	2	22	11	30*
1742	18	8	28	15	4	24	11	31*	20	10	29	16	6	26	14	2	22	11	31*
1761	18	7	28	14	4	23	13	31*	19	9	30	16	6	26	15	3	21	11	31*
1780	17	7	27	16	3	23	12	2	19	8	29	16	5	25	14	2	20	10	31*
1799	18	6	27	16	5	22	12	1	19	8	28	17	5	25	13	3	21	9	30*
1818	19	7	26	15	5	23	11	1	21	10	28	17	6	27	13	2	22	10	29*

* Ситорачахои гузошташуда мувофики солшумории руминён ишора ба солхои кабиса мебошад.

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали аввали моҳҳои сол дар солҳои оддӣ

Адомати аз-вали тиҷорӣ	Ҷиҳатҳои сана	Марҳиҷвон	Кислев	Тебас	Шевот	Озор	Найсон	Ияр	Сиван	Тамуз	Об	Эҷуд
7	Пурра	I 2	III 4	V 6	7	I 2	3	IV 5	6	VII 1	2	III 4
7	Нокис	I 2	3	4	5	VI 7	1	II 3	4	VI 5	7	I 2
2	Пурра	III 4	V 6	VII 1	2	III 4	5	VI 7	1	II 3	4	V 6
2	Нокис	III 4	5	6	7	I 2	3	IV 5	1	II 3	2	III 4
3	Мўътадил	IV 5	6	VII 1	2	III 4	5	VI 7	1	II 3	4	V 6
5	Пурра	VI 7	I 2	III 4	5	VI 7	1	II 3	4	V 6	7	I 2
5	Мўътадил	VI 7	1	II 3	4	V 6	7	I 2	3	IV 5	6	VII 1

Ҷадвали солҳои иббур:

Адомати аз-вали тиҷорӣ	Ҷиҳатҳои сана	Марҳиҷвон	Кислев	Тебас	Шевот	Озори аввал	Озори сони	Найсон	Ияр	Сиван	Тамуз	Об	Эҷуд
7	Пурра	I 2	III 4	V 6	7	I 2	III 4	5	VI 7	3	IV 5	4	V 6
7	Нокис	I 2	3	4	5	VI 7	12	3	IV 5	1	II 3	6	VII 1
22	Пурра	III 4	V 6	VII 1	2	III 4	V 6	7	I 2	6	VII 1	4	V 6
2	Нокис	III 4	5	6	7	I 2	III 4	5	VI 7	1	II 3	2	III 4
3	Мўътадил	IV 5	6	VII 1	2	III 4	V 6	**7**	I 2	3	IV 5	6	VII 1
5	Пурра	VI 7	I 2	III 4	5	VI 7	I 2	3	IV 5	6	VII 1	2	III 4
5	Нокис	VI 7	1	2	3	**IV 5**	I 7	**1**	II 3	**4**	V 6	7	I 2

facebook.com/Китобхона

Ба гумони ман чизе, ки яҳудонро бар ин фикри аҷиб водор кард, ин буд, ки эшон моҳи пурраро бисту нӯҳ рӯзи саҳеҳ донистанд, ки фосилаи иҷтимоъ то иҷтимои дигар бошад. Ва чун касрҳоро ҳам бар он афзуданд, сӣ рӯз ҳисоб намуданд. Пас агар бо эътибор адад саҳеҳ бошад, моҳ фақат бисту нӯҳ рӯз аст.

Ва агар бо касрҳо ҳисоб шавад, сӣ рӯз. Ва агар касе, бихоҳад, ҳангоми иҷтимоъро барои аввалҳои моҳҳо ва ё мавқеи истиқболро дар наимаи моҳҳо мутобиқи раъи яҳудон ба даст оварад, бояд аз ҷадвали маволид ва чаҳордаҳгона, чунон ки иҷтимоъ матлуби ӯст, милоди он моҳро бигирад. Ва агар истиқболро мехоҳад, чаҳордаҳгонаи он моҳро ба даст оварад ва барои ин кор ду ҷадвал тайёр шудааст. Агар соли оддӣ бошад, аз ҷадвали соли оддӣ ва агар иббур бошад аз ҷадвали соли иббур. Ва онро бар милоди тишрӣ бияфзояд, ки иҷтимое бошад, ки дар аввали он иттифоқ афтодааст. Ва касрҳоро ба ҳар чӣ қобили зарб аст, зарб намояд ва рӯзҳоро ҳафт-ҳафт тарҳ кунад ва дар натиҷа ба матлуби худ хоҳад расид.

Ва агар бинобар раъи асҳоби ирсод бихоҳем, амали мазкурро аз ҷадвали иҷтимоот ва имтилоот дар сурате, ки сол оддӣ бошад, аз ҷадвали худ ва чунон ки соли иббур бошад, боз аз ҷадвали махсус бо соли иббур анҷом медиҳем ва иҷтимои аввали тишриро бинобар раъи яҳудон мегирем. Ва дар натиҷа ба он иҷтимоу истиқбол, ки муроди мост, хоҳем расид. Ва ҷадвал ин аст, ки аз назари хонандагон мегузарад:

Ҷадвали маволид ва чаҳордаҳгона

Маволиди моҳҳо ва чаҳордаҳгонаҳои онҳо	Соли оддӣ			
	Айём	Соатҳо	Ҳалақ	
Милоди тишрӣ	0	0	0	
Чордаҳгонаи он	0	18	396	ва нисф
Милоди марҳишвон . .	1	12	793	
Чордаҳгонаи он . . .	2	7	109	ва нисф
Милоди кислев	3	1	506	
Чордаҳгонаи он . . .	3	19	902	ва нисф
Милоди тибас	4	14	219	
Чордаҳгонаи он . . .	5	8	615	ва нисф
Милоди шефат	6	2	1012	
Чордаҳгонаи он . . .	6	21	328	ва нисф
Милоди озар	0	15	725/825	

facebook.com/Китобхона

1	2		3	
Чордаҳгонаи он . . .	1	10	41	ва нисф
Милоди найсон	2	4	438	
Чордаҳгонаи он . . .	2	22	834	ва нисф
Милоди няр	3	17	151	
Чордаҳгонаи он . . .	4	11/9	547	ва нисф
Милоди сиван	5	5	944	
Чордаҳгонаи он . . .	6	0	260	ва нисф
Милоди тамуз	6	18	657	
Чордаҳгонаи он . . .	0	12	1053	ва нисф
Милоди об	1	7	370	
Чордаҳгонаи он . . .	2	1	766	ва нисф
Милоди элул	2	20/25	83	
Чордаҳгонаи он . . .	3	14	479	ва нисф

Ҷадвали маволид ва чордаҳгона

Маволиди моххо ва чордаҳгонаи онхо	Соли иббур		
	Айём	Соатхо	Ҳалақ
Милоди тишрӣ	0	0	0
Чордаҳгонаи он	0	18	396 ва нисф
Милоди марҳишвон . .	1	12	793
Чордаҳгонаи он . . .	2	7	109 ва нисф
Милоди кислев	3	1	506
Чордаҳгонаи он . . .	3	19	902 ва нисф
Милоди тибас	4	14	219
Чордаҳгонаи он . .	5	8	615 ва нисф
Милоди шефат . . .	6	2	1012
Чордаҳгонаи он . . .	6	21	328 ва нисф
Милоди озори аввал . .	0	15	725/825
Чордаҳгонаи он . . .	1	10	41 ва нисф
Милоди озори сонӣ . .	2	4	438
Чаҳоргонаи он	2	22	834 ва нисф
Милоди найсон	3	17	151
Чордаҳгонаи он . . .	4	11/9	547 ва нисф
Милоди няр	5	5	944
Чордаҳгонаи он . . .	6	0	260 ва нисф
Милоди тамуз	6	18	657
Чордаҳгонаи он . . .	0	12	1053 ва нисф
Милоди об	1	7	370
Чордаҳгонаи он . . .	2	1	766 ва нисф
Милоди эдул	2	20/25	83
Чордаҳгонаи он . . .	3	14	479 ва нисф
Милоди эдул	4	8	876 ва нисф
Чордаҳгонаи он . . .	5	3	192 ва нисф

facebook.com/Китобхона

Барои донистани солҳои яҳудон ин тавр бояд амал кунем. Истиқболи пас аз эътидоли баҳориро дар ҳадде, ки фисҳ миёни он ду тараф давр мезанад, ҳисоб кунем ва баъдан бубинем, ки чӣ рӯзе аз ин ҳадди мобайни тулӯи Офтоб дар он то тулӯи Офтоб аз фардо воқеъ мешавад. Пас, агар яке аз рӯзҳое шуд, ки фисҳро дар он ҷоиз медонанд, ки матлуб ба даст омадааст. Ва агар дар рӯзҳое шуд, ки ҷоиз намедонанд, яъне рӯзҳои мансуб ба кавокиби сегонаи сифлӣ фисҳро як рӯз ба таъхир меандозем. Ва таъхири фисҳро ба луғати ибрӣ «даҳӣ» мегӯянд. Ва ҳамин корро айнан барои фисҳ муқаддам мекунанд, ки то вуқуф бар он ёбанд. Ва бар аломати он ду меафзоянд. Пас аввали тишрӣ, ки барои ду фисҳ мутавассит аст, ҷамъ мешавад ва миёни ин ду фисҳро аз айём ба даст меоварем. Ва агар аз айёми соли хуршедӣ зиёдтар бошад, соле, ки дар он фисҳ охир аст, иббур аст ва агар камтар бошад, иббур нест. Ва бо ин тариқ маърифати ин кайфиёти аввалӣ охири кайфиёти сонӣ имкон мепазирад, зеро фисҳ басо таъхир меафтад, бо он ки дар назди яҳудон тақдими он аст ва ё пеш меафтад. Ва воҷиб назди яҳудон таъхири он аст, ва бо ин ҷиҳат ҳоли фисҳ дар нуқсон, эътидол ва пурра ҳақиқатан маълум намешавад. Ва балки истиқбол дар яке аз ду тарафи ҳадде, ки фисҳ дар он давр мезанад, воқеъ мешавад. Ва ҳар як аз найирайн дар пайдоиши мавзеи миёнаи худро дар такаддум ва тааххур ба миқдори маҷмӯи таодили кулии худ мухолифат мекунанд. Ва инчунин истиқбол барои истеъмол салоҳият нахоҳад дошт ва истиқболеро ки пеш аз он ва ё баъд аз он аст, мегиранд. Ва аз ин сабаб миёни ҳисоби яҳудон ва ин амал хилоф воқеъ мешавад, ҳатто ин ки сол басо назди яҳудон иббур аст ва ин ҳисоб нотиқ хоҳад буд, ки оддӣ аст ва ё баръакс.

Ҳамчунин миёни яҳудон ва насорӣ дар соли иббур хилоф аст, чунон ки дар боби рӯзаи эшон ба хости худо баён хоҳем кард. Ва чун хилоф миёни ин ду гурӯҳ даст диҳад ва ба ҳукми мо ризоят диҳанд, бояд ба ду истиқболи фисҳи эшон назар кунем. Ва он истиқболе, ки моҳ дар он дар миёни Сунбула ва ё миёнаҳои Акраб воқеъ аст ва ё он ки Офтоб дар он аз бурҷи Ҳамал хориҷ мешавад. Бинобар ин ҳар ду қавл беэътибор ва нописандида аст ва хилофи он мақбул аст. Ба

facebook.com/Китобхона
ҳар шахсе, ки шароити дар китоби зикршударо муроот кунад, ҳақиқат бар ӯ махфӣ нахоҳад монд.

Яҳудонро даврҳои дигаре ҳаст, ки яке аз он даврҳо «даври юбил» аст, ки ҳар давре панҷоҳ сол аст. Ва дигар «даври шобӯъ» ки ҳафт сол аст. Ва соли аввали «даври шобӯъро» соли раҳъат ва бозгашт гӯянд, зеро худованд дар сифри сеюм аз «Таврот» мегӯяд: «Чун дар замини Канъон дохил шудед, зироат кунед ва зироати худро дарав намоед ва шаш сол ангури токи худро бихӯред ва дар соли ҳафтум зироат накунед ва ангурҳои токро начинед ва ҳосили онро барои ғуломону канизону коргарон ва ҳайвоноту паррандагон бигзоред». Ва низ эзиди таоло дар сифри сонии «Таврот» такрор карда, мегӯяд: «Замини худро зироат кун ва ғаллаи онро ҷамъ намо ва соли ҳафтум ғаллаи замини худро барои бечорагону ҳайвонон бигузор».

Ва низ дар кеши яҳудон ҷоиз аст, ки мустамандон авлоди худро танҳо барои хидмат, на аз барои шоҳидбозӣ ба молдорон бифурӯшанд. Ва агар мақсуд шоҳидбозӣ бошад, ҷуз ба маҳру акди никоҳ ҷоиз нест. Ва чун ин тифли харидашуда ҳафт сол ба хидмат пардохт, соли ҳафтум озод хоҳад шуд, магар он ки худи ӯ ибо кунад.

Чунон ки боз худованд дар сифри сеюми «Таврот» мегӯяд: «Ҳар вақт яке аз шумо бандаи исроилӣ харед, шаш сол барои шумо бояд кор кунад ва соли ҳафтум аз мулки ӯ хориҷ мешавад ва озод мегардад ва метавонад ба хоҳишу рағбати худ ҳар куҷо, ки хоҳад биравад ва зани худро бо худ бубарад. Ва агар банда бигӯяд, ки ман оқои худро дӯст дорам ва аз юғи бандагии ӯ хориҷ нахоҳам шуд, оқо бояд ин бандаро ба даргоҳ бубарад ва гӯши ӯро сӯрох кунад ва то ҳар вақт, ки мехоҳад, ин бандаро нигоҳ дорад».

Яке дигар аз даврҳои яҳудон «даври юбил» аст, ки худованд дар сифри сеюми «Таврот» мегӯяд: «Ҳафт ҳафт сол, ки чилу нӯҳ сол мегардад, замини худро бикор! Сипас дар соли чилу нӯҳум замини худро бо карнай пуф карда барои соли панҷоҳум онро пок кунед ва дар он сол чизе накоред ва надаравед. Ва соли панҷоҳум замин ба молики аввалии худ бармегардад. Ва мабодо касе заминеро абадуддаҳр ва барои ҳамеша бифурӯшад, зеро шумо ҳамагӣ дар дунёӣ меҳмони ман ҳастед. Ва фақат чилу нӯҳ сол мулки худро бифурӯш!».

facebook.com/Китобхона
Ва низ худованд дар ҳамин сифр мегӯяд: «Агар дидӣ, ки бародари ту фақир шуда, ӯро бихар ва бо ӯ амале, ки бо бандагон мекунӣ, макун ва то соли рақъат назди ту монанди марди кироя ва меҳмон бошад».

Бад-ин сабаб яҳудиён ба шиносоии ин ду давр эҳтиёҷ ёфтанд, ки аҳкоми динии эшон бар он вобаста аст, мисли ин ки камию зиёдатии нарх ба андозаи бокимонда аз давр мешавад. Ва агар ғулом аз озод шудан ибо кард ва ҳамаи муддати «даври юбил»-ро ғулом монд, дигар набояд ӯро нигоҳ дошт. Ва чун касе бихоҳад солҳои ин даврро бишиносад, ки аз ҳар як аз ду давр чӣ миқдор бокӣ монда, солҳои ноқисаи Одамро бигирад. Ва як аз ду кор кунад; — ё ҳазору даҳ аз он кам кунад ва ё ҳафтсаду чил бор он бияфзояд ва ҳосилро ба сесаду панҷоҳ тақсим кунад ва хориҷи қисматҳоро канор бигузорад. Ва бокимондаро дар сатри адад аз ҷадвали аҳком дохил кунад ва хоҳад ёфт, ки аз ҳар як аз ду давр чанд сол бокӣ мондааст.

Яҳудонро ба ҷуз ин даврҳо, ки то кунун гуфта шуд, даврҳои дигарест, ки онро «тақуфот» номанд. Ва «тақуфа» ба луғати ибрӣ аввали ҳар як чор қисмати сол аст. Ва «тақуфаи найсон» эътидоли баҳорӣ аст. Ва «тақуфаи тамуз» инқилоби тобистонӣ ва «тақуфаи тишрӣ» эътидоли тирамоҳӣ аст. Ва «тақуфаи тибас» инқилоби зимистонӣ аст.

Ба ақидаи яҳудон аз ҳар «тақуфа» то «тақуфаи дигаре», ки дар дунболи он аст, чорьяки айёми соли хуршедӣ аст. Ва ҳамаи ин «тақуфот» бо ҳам баробар аст ва ҳар як наваду як рӯзу ҳафт соату нисфи соат аст. Ва уламои яҳудон ҳисобҳои худро дар истихроҷи «тақуфот» бар ҳамин тарз қарор додаанд. Ва коҳинони яҳудон тӯдаи авомро дар соати «тақуфа» аз хӯрдану ошомидан манъ кардаанд. Ва ин корро барои бадан зараровар ташхис додаанд. Вале маълум аст, ки барои ба дом овардани авом ва тасхири эшон ин суханро гуфтаанд.

Ва уламои яҳудон гуфтаанд, ки «об дар соати пайдоиши моҳҳо ифлос мешавад». Ва яке аз эшон, ки ба илму дониш шӯҳрати босазо дошт, барои ман ҳикоят кард, ки худи ӯ ин ҳикоятро мушоҳида кардааст. Ва агар рост гуфта бошад, вобаста ба натиҷаи ирсод аст ва алокае ба ҳисобҳои эшон нахоҳад дошт. Ва намешавад ин матлабро инкор кард, зеро уламои табиидон гуфтаанд,

facebook.com/Китобхона

Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона
1	1	1	26	26	5	51	1	2	76	26	6	101	1	3	126	26	7
2	2	2	27	27	6	52	2	3	77	27	7	102	2	4	127	27	1
3	3	3	28	28	7	53	3	4	78	28	1	103	3	5	128	28	2
4	4	4	29	29	1	54	4	5	79	29	2	104	4	6	129	29	3
5	5	5	30	30	2	55	5	6	80	30	3	104	5	7	130	30	4
6	6	6	31	31	3	56	6	7	81	31	4	106	6	1	131	31	5
7	7	7	32	32	4	57	7	1	82	32	5	107	7	2	132	32	6
8	8	1	33	33	5	58	1	2	83	33	6	108	1	3	133	33	7
9	9	2	34	34	6	59	2	3	84	34	7	109	2	4	134	34	1
10	10	3	35	35	7	60	3	4	85	35	1	110	3	5	135	35	2
11	11	4	36	36	1	64	4	5	86	36	2	111	4	6	136	36	3

Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона	Сатри аввал	Даври юфтум	Даври хафтона
151	1	4	152	2	5	153	3	6	154	4	7	155	5	1	156	6	2
157	7	3	158	1	4	159	2	5	160	3	6	161	4	7			

12	12	5	37	37	2	62	4	6	87	37	3	112	5	7	137	37	4	162	5	1
13	13	6	38	38	3	63	5	7	88	38	4	113	6	1	138	38	5	163	6	2
14	14	7	39	39	4	64	6	1	89	39	5	114	7	2	139	39	6	164	7	3
15	15	1	40	40	5	65	7	2	90	40	6	115	1	3	140	40	7	165	1	4
16	16	2	41	41	6	66	1	3	91	41	7	116	2	4	141	41	1	166	2	5
17	17	3	42	42	7	67	2	4	92	42	1	117	3	5	142	42	2	167	3	6
18	18	4	43	43	1	68	3	5	93	43	2	118	4	6	143	43	3	168	4	7
19	19	5	44	44	2	69	4	6	94	44	3	119	5	7	144	44	4	169	5	1
20	20	6	45	45	3	70	5	7	95	45	4	120	6	1	145	45	5	170	6	2
21	21	7	46	46	4	71	6	1	96	46	5	121	7	2	146	46	6	171	7	3
22	22	1	47	47	5	72	7	2	97	47	6	122	1	3	147	47	7	172	1	4
23	23	2	48	48	6	73	1	3	98	48	7	123	2	4	148	48	1	173	2	5
24	24	3	49	49	7	74	2	4	99	49	1	124	3	5	149	49	2	174	3	6
25	25	4	50	50	1	75	3	5	100	50	2	125	4	6	150	50	3	175	4	7

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

Сатри адади	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Сатри адади	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Сатри адади	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Даври юфтӣ	Даври хафтона
176	26	1	1	5	226	26	2	1	6	278	26	3	1	4
177	27	2	2	6	227	27	3	2	7	277	27	4	2	5
178	28	3	3	7	228	28	4	3	1	278	28	5	3	6
179	29	4	4	1	229	29	5	4	2	279	29	6	4	7
180	30	5	5	2	230	30	6	5	3	280	30	7	5	1
181	31	6	6	3	231	31	7	6	4	281	31	1	6	2
182	32	7	7	4	232	32	1	7	5	282	32	2	7	3
183	33	1	8	5	233	33	2	8	6	283	33	3	8	4
184	34	2	9	6	234	34	3	9	7	284	34	4	9	5
185	35	3	10	7	235	35	4	10	1	285	35	5	10	6
186	36	4	11	1	236	36	5	11	2	286	36	6	11	7

Сатри адади	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Сатри адади	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Сатри адади	Даври юфтӣ	Даври хафтона	Даври юфтӣ	Даври хафтона
201	1	5	251	2	301	1	7	326	26	1	2	6	1	4
202	2	6	252	3	302	2	1	327	27	2	3	7	2	5
203	3	7	253	4	303	3	2	328	28	3	4	1	3	6
204	4	1	254	5	304	4	3	329	29	4	5	2	4	7
905	5	2	255	6	305	5	4	330	30	5	6	3	5	1
206	6	3	256	7	306	6	5	331	31	6	7	4	6	2
207	7	4	257	1	307	7	6	332	32	7	1	5	7	3
208	8	5	258	2	308	8	7	333	33	1	2	6	8	4
209	9	6	259	3	309	9	1	334	34	2	3	7	9	5
210	10	7	269	4	310	10	2	335	35	3	4	1	10	6
211	11	1	261	5	311	11	3	336	36	4	5	2	11	7

187	37	5	212	12	2	237	37	6	262	12	3	287	37	7	312	12	4	337	37	1
188	38	6	213	13	3	238	38	7	263	13	4	288	38	1	313	13	5	338	38	2
189	39	7	214	14	4	232	39	1	264	14	5	289	39	2	314	14	6	339	39	3
190	40	1	215	15	5	240	40	2	265	15	6	290	40	3	315	15	7	340	40	4
191	41	2	216	16	6	241	41	3	266	16	7	291	41	4	316	16	1	341	41	5
192	42	3	217	17	7	242	42	4	267	17	1	292	42	5	317	17	2	342	42	6
193	43	4	218	18	1	243	43	5	268	18	2	293	43	6	318	18	3	343	43	7
194	44	5	219	19	2	244	44	6	269	19	3	294	44	7	319	19	4	344	44	1
195	45	6	220	20	3	245	45	7	270	20	4	295	45	1	320	20	5	345	45	2
196	46	7	221	21	4	246	46	1	271	21	5	296	46	2	321	21	6	346	46	3
197	47	1	222	22	5	247	47	2	272	22	6	297	47	3	322	22	7	347	47	4
198	48	2	223	23	6	248	48	3	273	23	7	298	48	4	323	23	1	348	48	5
199	49	3	224	24	7	249	49	4	274	24	1	299	49	5	324	24	2	349	49	6
200	50	4	225	25	1	250	50	5	275	25	2	300	50	6	325	25	3	350	50	7

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона
ки [illegible] сафедии тухми мурғ ва бештар аз ашьёи пуррутубат ҳангоми зиёдатии нури Моҳ зиёд мешавад ва ба нуқсони фурӯғи Қамар рӯ ба камӣ мегузоранд. Ва низ шароб дар хуму дар зарфхо аз гаштани нури Қамар тира ва бо дурди худ олуда мешавад ва чун аз даруни чашм ба зоҳири бадан рӯ меоварад ва чун нури Моҳ кам шуд, ба даруни ҷисм рӯ меоварад.

Ва хосияте, ки дар «санги Моҳ» хос аст, аз ҳамаи инҳо, ки гуфта шуд, шигифтангезтар аст. Ва чунон ки Арасту[125] гуфтааст: «Дар ин санг нуқтаи зардест, ки чун нури Моҳ фузун гашт, нуқта бар ҳама ҷисми санг паҳн мешавад ва онро фаро мегирад. Ва дар ҳангоми нуқсони нури Қамар кам-кам ҷамъ мешавад, то ин ки дар як нуқта гирд ояд». Ва чун Арасту мардест, ки ба гуфтаи ӯ боварӣ дорам, албатта ин амр ҳам, ки донишманди яҳудӣ нақл карда, мумкин аст ва дар шумори мумтанеот нест.

Ва назди аҳли таҳсил муддатҳое миёни «тақуфот» монанди Батламиюс аст. Яъне аз «тақуфаи тишрӣ» то «тақуфаи тибас» бисту як рӯзу ҳаштьяки рӯз аст. Ва аз «тақуфаи тибас» то «тақуфаи найсон» навад рӯзу ҳаштьяки рӯз аст. Ва аз «тақуфаи найсон» то «тақуфаи тамуз» наваду чору ду ним рӯз аст. Ва аз «тақуфаи тамуз» то «тақуфаи тишрӣ» наваду ду ним рӯз аст. Пас болоиҳамрафта маҷмӯи ин муддатҳо сесаду шасту панҷ рӯзу чаҳор як рӯз хоҳад шуд.

Дар пеш гуфтем, ки яҳудон дар амали «тақуфот» дар камияти сол диққат намекунанд. Ва чун диққат кунанд, соли хуршедӣ сесаду шасту панҷ рӯзу панҷ соату се ҳазору ҳафтсаду наваду як ҷузъ аз чор ҳазору саду чор ҷузъи соат аст.

Ҳар вақт ки айёми чорьякҳои сол маълум бошад, мавзеи авҷи фалаки Офтоб маълум хоҳад буд. Ва чун бихоҳем, ки дар замони ирсоди яҳудон авҷи Офтобро бидонем, ки дар кучо буда, ниёзманд шавем, ки дар як рӯз ҳаракати Офтобро бидонем, ки чӣ андоза аст. Ва ҷузъҳои рӯзу шабро, ки 98496 мебошад, ки онро «даври шамс» гӯянд, дар сесаду шаст зарб кунем ва ҳосили зарбро пас аз таҷнис бар миқдори соли хуршедӣ, ки 35975351 бошад ва онро «асл» гӯянд, тақсим кунем. Дар натиҷа бино бар раъи яҳудон ҳаракати миёнаи Офтоб дар шабонарӯз бад-ин миқдор 4—0—59—8—17—7—46

facebook.com/Китобхона
ба таври тақриб ба даст хоҳад омад, зеро нисбати як рӯз ба айёми соли худшедӣ монанди нисбати ҳиссаи як рӯз аз дараҷоти фалак ба тамоми муҳити фалак аст.

Сипас доираи abcd-ро барои фалак шакли Офтоб бар маркази h мегардонем ва фарз мекунем, ки нуқтаи аввал ҳамал бошад ва нуқтаи b аввали Саратон ва c аввали Мизон ва d аввали Ҷадӣ ва ду диаметри dhc-ро ҳам мегузаронем. Ва дар пеш гуфта шуд, ки Офтоб чорьяки моҳи обро дар замоне бештар аз дигар чорьякҳо қатъ мекунад. Ва аз ин гуфтор лозим меояд, ки маркази фалак хориҷи марказ дар ин чорьяки нуқтаи h бошад. Ва мо бад-ин марказ доирае расанда бо фалаки мумассал мегузорем, ки то монанди фалаки хориҷи марказ бошад ва ин доира ztfn аст ва нуқтаи расанда t аст ва th-ро ба ҳам васл мекунем ва бар нуқтаи h диаметри rhmk-ро ба параллелии диаметри bhc ва нисфи диаметри lh-ро низ ба параллелии диаметри bhd мегузорем. Ва ба таври рост онро то нуқтаи S мекашем. Ва чун Офтоб бо сайри миёнаи худ нисфи доираи abc-ро, ки маҷмӯи чорьяки баҳорӣ ва тобистонӣ аст, дар як саду ҳаштоду ҳафт рӯз тай мекунад. Қитъаи zfn аз фалаки хориҷи марказ 184—18—52—43—12 мешавад, ки нисфи доираи rtfk-ро, ки 180 дараҷа аст, аз он кам кунем, маҷмӯи zrkn бокӣ мемонад, ки 4—18—52—43—12 бошад. Ва чун ин ду барои параллел будани ду диаметр мутасовӣ ҳастанд, бад-ин сабаб ҳар як аз zrkn 2—9—26—21—36 ва ҷайби он хати xs аст, ки ба миқдоре, ки ба он миқдор нисфи диаметри Ix дараҷаи воҳид аст, 0—2—15—3x—56 мешавад. Ва чун Шамс чорьяки ab-ро дар наваду чору ним рӯз тай мекунад, қитъаи rtf аз фалаки хонаи маркази 93—8—34—38—44 мебошад. Ва чун rl маҷмӯи zr-и маълум ва rl аст, ки чорьяки доира аст ва чун zl-ро аз zf кам кунем, lf-и 0—59—8—17—8 бокӣ хоҳад монд, ки ин миқдор 0—1—1—55—34 синуси он аст, яъне хатти xm, ки бо sh мусовӣ аст ва дар секунҷаи баробарпаҳлӯ ду тарафи xs ва sh маълум аст ва тарафи дарозтарин маълум нест. Ва барои ёфтани он бояд ҳар як аз ду тарафи xs sh-ро дар мисли худ зарб намуда, то квадрати он ба даст ояд. Ва ин миқдори маҷмӯи ду квадрати он аст: 287 704 446 6674 ва решаи онро ба даст меоварем, ки миқдори 0—2—28—59—40 мешавад. Ва дурии миёни ду марказ ҳамин қадар аст, ки мусовӣ бо синуси «баробарии аъзам» аст.


facebook.com/Китобхона

Ва онро дар ҷадвалҳои синусҳо бадал ба қавс кунем, 2—22—19—12 16 қавси он мешавад, ки «баробарии аъзам» аст ва дараҷаи воҳида. Пас агар миқдори хатти hx-ро бихоҳем, ба ин фарз, ки hxt як дараҷа бошад, hx-ро дар як дараҷа зарб кунем ва ҳосилро бар маҷмӯи hx ва як дараҷа тақсим мекунем, миқдори xh ба даст меояд, ба фарзи он ки tn як дараҷа бошад.

Ва далели ин матлаб он аст, ки нисбати hx ба миқдоре, ки ба он миқдори ht як дараҷа бошад, ба xt мисли нисбати hx аст, ба фарзи он ки xt як дараҷа бошад, ба маҷмӯи hx ва як дараҷа, яъне xt ва аз ин ҷо дурии миёни ду марказ ба ҳар як аз ду параллели фалаки мумассил ва хориҷи марказ, дорои нисбате маълум хоҳад шуд.

Сипас tu-ро ба таври рост бар параллели ahc мегузаронем ва ду секунҷаи tuh ва xsh ба якдигар монанд хоҳанд буд ва тарафҳои онҳо бо якдигар мутаносиб. Ва чун дар ҳандаса собит шудааст, ки нисбати ду тараф мисли нисбати синусҳои кунҷҳои мутақобили онҳост. Бинобар ин:

$$\frac{\text{синуси кунҷи xsh}}{\text{синуси shx}} = \frac{hx}{xs}$$



Ва синуси xsh тамоми hx аст. Ва синуси кунҷи хатти tu аст, ки матлуб бувад. Пас ба тариқи чоргона мутаносиби онро истихроҷ мекунем ва ҳосил 0—54—34—19—48—30 мешавад, ки қавси он 65—26—29—32 аст, ки at бошад, ки дурии авҷӣ аст ва эътидоли баҳорӣ. Ва мақсуди мо аз тарҳи ин муқаддамот ҳамин буд ва шакли доира ин аст:

Равиши кудамо дар истихроҷи авҷ инчунин буд, ки гуфта шуд. Аммо донишмандони риёзӣ чун донистанд, ки огоҳӣ аз ду ҳолати истодани Офтоб хеле душвор аст ва тақрибан монанди мумтанеъ аст. Ин буд, ки дар ирсоли худ барои нуқтаҳои ABCD-и байнҳои квадратро, ки нисфҳои бурҷҳои Савобит аст, баргузиданд.

Ва устоди ман Абӯнаср Мансур бинни Алӣ бинни

facebook.com/Китобхона
Ироқ[126], ки ӯ низ аз мавлоҳои амирулмӯъминин аст, барои истихроҷи матлуби фавқ, бо ин кор ниёзманд мешавад, ки се нукта аз фалакулбуруҷро пас аз таҳсили миқдори соли хуршедӣ расад кунад. Ва ман дар «Китоб-ул-истишҳод фи ихтилоф-ил-ирсод» исбот кардаам, ки равиши устоди ман бар тариқаи донишмандони риёзӣ монанди фазли тариқаи эшон аст бар қудамо аз асҳоби риёзӣ. Ва сабаби ин ки ман гоҳ-гоҳе аз матлаб хориҷ мешавам, ин аст, ки шахси хонандаро ба воситаи ин баҳсҳо аз касолату малолат берун оварам. Ва мисли ин бошад, ки дар боғҳои ҳикмату дониш машғули нуқтаи назар аст ва умед аст, ки ин узр мақбул афтад.

Акнун ба матлаби худ баргардему гӯем. Вақте ки яҳудон, бихоҳанд, чорьякҳои солро, ки «тақуфа» ном ниҳодаанд, бишиносанд, солиёни ноқиси Одамро бадал ба «даври шамсӣ» карда ва он чи боқӣ монад, аз барои ҳар соле як рӯз ва чорьяк, ки сӣ соат бошад, канор мегузоранд. Ва ҳар чи ҳафта, ки ба даст ояд, илова мекунанд, то он ки камтар аз як ҳафта бимонад. Ва ин боқимондаро аз аввали шаби чоршанбе мешуморанд ва ё он ки се рӯз бар он афзуда ва маҷмӯъро аз оғози шаби якшанбе мешуморанд. Ва дар натиҷа ба «тақуфаи найсон», ки эътидоли баҳорӣ бошад, хоҳад расид.

Мо дар баҳси гузашта нуриҳои миёни «тақуфот»-ро бино бар раъи омма ва омӯзандагон баён кардем. Ва чун яке аз «тақуфот» шинохта шуд, дигар «тақуфаҳо» аз рӯи он шинохта мегардад.

Ва аз ин ҷиҳат дар шумориш аз аввали шаби чоршанбе оғоз карданд, ки ба гумони баъзе аз яҳудон Офтоб рӯзи чоршанбеи бисту ҳафтуми моҳи элул офарида шуда ва «тақуфаи тишрӣ» дар охирин соати сеюм аз рӯзи чоршанбеи панҷуми тишрӣ рӯй дода буд. Ва бино ба ақидаи яҳудон Офтоб чор дуи баҳору тобистонро дар яксаду ҳаштоду ду рӯзу понздаҳ соат тай мекунад. Ва ин раъй бино бар саҳлангорӣ ва набудани тадқиқ аст. Ва раъи таҳқиқи онҳо раъи дигаре аст, ки гуфта шуд. Ва чун ин муддатро ҳафта-ҳафта тарҳ кунем, рӯзҳо тамом мешавад ва соатҳои понздаҳгона боқӣ мемонад. Ва чун мо аз вақти «тақуфаи тишрӣ» ба ақиб баргардем ва ин соатҳоро бишуморем ба соати аввал аз шаби чоршанбе мерасем. Ва ба дарьёфтани «тақуфот» аз ин соат ибтидо мекунем.

facebook.com/Китобхона

Дуриҳои «тақуфот» аз шаби якшанбе

Сатри даври хуршеди	Моҳҳои «тақуфот»-и чоргона	Айём	Соатҳо	Ҳалак	«Арбоби соате», ки «тақуфот» дар он иттифоқ меафтад.
Аввал	Найсон	4	18	0	Шаббасй
	Тамуз	5	1	540	Шаббасй
	Тишрй	5	9	0	Сидиқ
	Тибат	5	16	540	Сидиқ
Дуюм	—»—	6	0	—»—	Мозим
	—»—	6	15	—»—	Мозим
	—»—	6	7	—»—	Ҳамму
	—»—	6	22	—»—	Ҳамму
Сеюм	—»—	5	6	—»—	Нуға
	—»—	5	13	—»—	Нуға
	—»—	5	21	—»—	Кихуҳамму
	—»—	1	4	—»—	Кихуҳамму
Чорум	—»—	1	12	—»—	Лифона
	—»—	1	19	—»—	Лифона
	—»—	2	3	—»—	Шаббасй
	—»—	2	10	—»—	Шаббасй
Панҷум	—»—	2	18	—»—	Сидиқ
	—»—	3	1	—»—	Сидиқ
	—»—	3	9	—»—	Мозим
	—»—	3	16	—»—	Мозим
Шашум	—»—	4	0	—»—	Ҳамму
	—»—	4	7	—»—	Ҳамму
	—»—	4	15	—»—	Нуға
	—»—	4	22	—»—	Нуға
Ҳафтум	—»—	5	6	—»—	Кихуҳамму
	—»—	5	13	—»—	Кихуҳамму
	—»—	5	21	—»—	Лифона
	—»—	5	4	—»—	Лифона
Ҳаштум	—»—	6	12	—»—	Шаббасй
	—»—	6	19	—»—	Шаббасй
	—»—	0	3	—»—	Сидиқ
	—»—	0	10	—»—	Сидиқ
Нӯҳум	—»—	0	18	—»—	Мозим
	—»—	1	1	—»—	Мозим
	—»—	1	9	—»—	Ҳамму
	—»—	1	16	—»—	Ҳамму

facebook.com/Китобхона

Сатри даври хуршеди	Моҳхои «тақуфот»-и чоргона	Айём	Соатҳо	Ҳалақ	«Арбоби соате», ки «тақуфот» дар он иттифоқ меафтад.
Дахум	—»—	2	0	—»—	Нуға
	—»—	2	7	—»—	Нуға
	—»—	2	15	—»—	Кихуҳамму
	—»—	2	22	—»—	Кихуҳамму
Ёздаҳум	—»—	3	6	—»—	Лифона
	—»—	3	13	—»—	Лифона
	—»—	3	21	—»—	Шаббасй
	—»—	4	12	—»—	Шаббасй
Дувоздахум	—»—	4	12	—»—	Сидиқ
	—»—	4	19	—»—	Сидиқ
	—»—	5	3	—»—	Мозим
	—»—	5	10	—»—	Мозим
Сездаҳум	—»—	5	18	—»—	Ҳамму
	—»—	6	9	—»—	Ҳамму
	—»—	6	1	—»—	Нуға
	—»—	6	16	—»—	Нуға
Чордаҳум	—»—	0	0	—»—	Кихуҳамму
	—»—	0	7	—»—	Кихуҳамму
	—»—	0	15	—»—	Лифона
	—»—	0	22	—»—	Лифона
Понздаҳум	—»—	1	6	—»—	Шаббасй
	—»—	1	13	—»—	Шаббасй
	—»—	1	21	—»—	Сидиқ
	—»—	2	4	—»—	Сидиқ
Шонздаҳум	—»—	2	12	—»—	Мозим
	—»—	2	19	—»—	Мозим
	—»—	3	10	—»—	Ҳамму
	—»—	3	3	—»—	Ҳамму
Ҳабдаҳум	—»—	3	18	—»—	Нуға
	—»—	4	1	—»—	Нуға
	—»—	4	9	—»—	Кихуҳамму
	—»—	4	16	—»—	Кихуҳамму
Ҳаждаҳум	—»—	5	0	—»—	Лифона
	—»—	5	15	—»—	Лифона
	—»—	5	7	—»—	Шаббасй
	—»—	5	22	—»—	Шаббасй

facebook.com/Китобхона

Сатри даври хуршедӣ	Моҳҳои «такуфот»-и чоргона	Айём	Соатҳо	Ҳалақ	«Арбоби соате», ки «такуфот» дар он итифоқ меафтад.
Нуздаҳум	—»—	6	6	—»—	Сидиқ
	—»—	6	13	—»—	Сидиқ
	—»—	6	21	—»—	Мозим
	—»—	5	4	—»—	Мозим
Бистум	—»—	5	12	—»—	Ҳамму
	—»—	5	19	—»—	Ҳамму
	—»—	1	3	—»—	Нуға
	—»—	1	10	—»—	Нуға
Бисту якум	—»—	1	18	—»—	Қиҳуҳамму
	—»—	2	1	—»—	Қиҳуҳамму
	—»—	2	9	—»—	Лифона
	—»—	2	16	—»—	Лифона
Бисту дуюм	—»—	3	0	—»—	Шаббасӣ
	—»—	3	7	—»—	Шаббасӣ
	—»—	3	15	—»—	Сидиқ
	—»—	3	22	—»—	Сидиқ
Бисту сеюм	—»—	4	6	—»—	Мозим
	—»—	4	13	—»—	Мозим
	—»—	4	21	—»—	Ҳамму
	—»—	5	4	—»—	Ҳамму
Бисту чорум	—»—	5	19	—»—	Мозим
	—»—	5	12	—»—	Мозим
	—»—	6	3	—»—	Ҳамму
	—»—	6	10	—»—	Ҳамму
Бисту панҷум	—»—	6	18	—»—	Лифона
	—»—	0	1	—»—	Лифона
	—»—	0	9	—»—	Шаббасӣ
	—»—	0	16	—»—	Шаббасӣ
Бисту шашум	—»—	1	0	—»—	Сидиқ
	—»—	1	7	—»—	Сидиқ
	—»—	1	13	—»—	Мозим
	—»—	1	22	—»—	Мозим
Бисту ҳафтум	—»—	2	6	—»—	Ҳамму
	—»—	2	13	—»—	Ҳамму
	—»—	2	21	—»—	Нуға
	—»—	3	4	—»—	Нуға
Бисту ҳаштум	—»—	3	12	—»—	Қиҳуҳамму
	—»—	3	19	—»—	Қиҳуҳамму
	—»—	4	3	—»—	Лифона
	—»—	4	10	—»—	Лифона

facebook.com/Китобхона

Тоифае аз яҳудон бар ин гумонанд, ки Офтоб дар соати аввал аз шаби чоршанбе, ки ҳисоби «такуфот» аз он оғоз мешавад ва дар аввали Ҳамал бувад, офарида шуда ва Офтоб бо Моҳ нӯҳ соату шашсаду чилу ду ҳалақ аз пайдоиши моҳи гузашта, пас аз офарида шудан, ҷамъ гашт. Ва соли хуршедӣ ҳангоме, ки дар камияти он тадқиқ накунанд, сесаду шасту панҷ рӯзу чорьяки рӯз аст, ки чун онро ҳафт-ҳафт тарҳ кунем, як рӯзу чорьяки рӯз боқӣ хоҳад монд, ки ин миқдори зиёдаи ҳар «такуфа» мебошад, бар «такуфа»-е монанди худ дар соле, ки бар он мукаддам аст. Ва ба ҳамин сабаб мо онро барои солҳои бокимонда мегирем ва чун дар аввали даври шамсӣ аз аввали рӯз ва ё аз аввали шаб оғоз кунем, ҳангоме ки давр тамом шуд, ҳисоб айнан бармегардад.

Ва мо бар рӯи ин ҳисоб «такуфот»-и як даври шамсиро аз назди худ ҳисоб кардем. Ва чун солҳои нокисаи Одамро гирифта ва даврҳои шамсӣ кунем ва ин даврҳоро илқо намоем ва бокимондаро дар сатри давр дохил кунем, дар мукобили он дурии «такуфоти» найсонро аз аввали шаби якшанбеи он соли нокис бо дигар «такуфот»-и сегонаро, ки пас аз он аст ва андак соатеро, ки ин такуфа дар он мебошад, хоҳад ёфт. Ва яҳудон андак соатеро, ки назди он зикр мекунанд, онро «толеи соатҳо» меноманд. Ва агар соатҳо аз дувоздаҳ камтар бошад, «такуфа» дар шаб аст ва агар зиёдтар бошад, дар рӯз аст. Ва бояд, ки дувоздаҳ соат аз он кам кард ва бокимонда муддате аст, ки аз рӯз гузаштааст.

Номҳои кавокиберо, ки дар «ҷадвали такуфот» сабт кардем, ба ибронӣ буд, зеро яҳудон ҳамин номҳоро ба кор мебанданд. Ва албатта ҳар уммате чун ниёзманд ба зикри кавокиб шуд, ба забони худ онҳоро ном мебарад. Ва ҷадвали зер номҳои ситорагонро ба забонҳои мухталиф нишон медиҳад. Ва касе, ки дар он назар кунад, номҳои ибрию ғайриибрии кавокибро хоҳад ёфт: (ниг. ба сах. 202).

Акнун, ки барои кавокиб номҳои онро дар забонҳои мухталифа зикр кардем, ҳар чанд, ки аз мавриди бахс хориҷ аст, хуб аст ҷадвале барои номҳои буруҷ дар луғоти гуногун тартиб диҳам, ки то аҳли нуҷумро мавриди истифода бошад. Ва ҷадвал ин аст: (ниг. ба сах. 203).

facebook.com/Китобхона

Гозй	Зухал	Муштарй	Миррих	Шамс	Зўхра	Аторуд	Камар		
Румй	Кронус	Зовус	Арис	Илиюс	Афрудитй	Хирмис	Силинис		
Форсй	Кайвон	Хурмузд	Бахром	Мехр (Хуршед)	Нохид	Тир	Мох		
Суриёнй	Кован	Бел	Нирғол	Шамшо	Астар-обилтй	Нифу	Сахро		
Иброний	Шаббасй	Сидик	Мозим	Хамму	Нуға	Кихухамму	Лифона		
Хиндй	С-нс-ч-р	Б-р-х-е-б-т-и	М-н-к-л	А-д-и-д	Ш-р-к	Б-д	С-ум		
Хоразмй	—	Р-и-м-ж-д	А-р-и-ғ-з	А-х-и-р	Нохич	Чири	Мох		

Арабй	Румй	Форсй	Суриёнй	Иброний	Ҳиндй	Хоразмй
Ҳамал Кабш	Криюс	Бара	Амро	Тула	М-и-ш	В-р-н
Савр	Таврус	Гов	Тавро	Шўр	Б-р-ш	Ғов
Ҷавзо Тавъамон	Дувдиму	Дупайкар	Томй	Тумим	М-с-у-н	А-з-в-б-ч-р К-р-и-к
Саратон	Карханус	Карзанг	Саратон	Саратун	К-р-к-р	Х-р-ч-н-к
Асад	Лоон	Шер	Ариё	Арй	С-н-к	С-р-ғ
Сунбула Узро	Парсонас	Хўша	(Баталто) Шабалто	Басулу	К-н	В-в-ф-и-к
Мизон	Зугос	Тарозў	Мососо	Музноим	Т-л	Т-р-о-з-к
Акраб	Искарбиюс	Каждум	Акрабо	Акруб	В-ш-ҷ-к	Др-м-ч-ик
Қавс Ромй	Такеав-тас	Нимосб	Қашто (Салмораббо)	Қишт	Д-ҳ-н	З-н-н-ик
Ҷадй	Агукарус	Бехй	Қазиё	Қазй	М-к-р	С-о-р-н-и-к
Далв	Идриҳус	Дул	Дуло	Дилу	Қ-м	Д-в-р
Хут	Иксиюс	Моҳй	Нуно	Дўғ	М-и-н	Қ-и-б
Самака	—	—	—	—	—	—

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона
Боз ба матлаби худ баргардем ва гўем: Ҳисобу ҷадвалҳоеро, ки мо дар пеш баён кардем, ба мо мефаҳмониданд, ки аввали «тақуфа» дар чӣ рӯз аз айёми ҳафта аст. Вале рӯзеро, ки дар моҳи суриёнии аввал «тақуфа» мешуд ва миқдоре ғайри қобили қабул аз ҳақиқат дур мешавад.

Мисоли он: Чун таърихи Одамро дар аввали тишрӣ, ки пайдоиши он рӯзи якшанбе аз аввали элули ҳазору сесаду ёздаҳи искандарӣ бошад, ба даст оварем, солҳои пурраи Одам чор ҳазору ҳафтсаду панҷоҳу нӯҳ сол хоҳад буд, ки ҳашт «даври кабир» ва бисту шаш «даври сағир» ва нӯҳ соли пурра мешавад, ки шаш сол аз ин нӯҳ сол бинобар ҳисоби 2—5—7—10—13—16—19 оддӣ ва се сол иббур мешавад. Ва чун ҳар як аз оддӣ ва иббурро дар айёми худ зарб кунем, 1738 200 рӯзу ҳафт соату дусаду панҷоҳу се ҳалақ мешавад, ки фосилаи миёни аввали сол аз солҳои Одам ва пайдоиши соле бошад, ки барои мисол зикр гашт.

Ва низ дар пеш гуфта шуд, ки уламои яҳудон қабул намудаанд, ки «тақуфаи тишрӣ», ки эътидоли тирамоҳӣ бошад, дар соли аввал аз таърихи Одам панҷ рӯзу як соат пас аз пайдоиши сол бувад. Ва чун миқдорро аз он чи ба даст овардаем, кам кунем бокимонда фосилаи миёни тишрӣ ва милоди сол хоҳад буд. Ва чун ин миқдорро бар сесаду шасту панҷ рӯзу чорьяки рӯз тақсим кунем чор ҳазору ҳафтсаду панҷоҳу ҳашт сол мешавад, ба изофаи сесаду сию панҷ рӯзу аз чор се қисми рӯз. Ва то замоне, ки соли шамсӣ тамом гардад ва шабу рӯз мӯътадил шаванд, бисту нӯҳ рӯзу ёздаҳ соату ҳаштсаду бисту ҳашт ҳалақ бокӣ хоҳад монд. Ва чун ин миқдорро бар пайдоиши соли худ, ки якшанбе бошад, пас аз гузаштани ҳафт соату дусаду панҷоҳу се ҳалақ бияфзоем, ба соати нӯҳум аз шаби сешанбеи рӯзи аввали тишрини аввал хоҳем расид, ки аз эътидоле, ки аз роҳи расад ба даст омада, чордаҳ рӯз мутааҳир аст.

Ва чун ин муддатро, ки миёни аввали «тақуфот» ва пайдоиши соли мо, ки 1738 яксадуҳаштоду панҷ рӯзу дусаду панҷоҳу се ҳалаку шаш соат аст, ба даст оварем ва дар 98 496, ки аз ҷузъҳои тадқиқии рӯз аст, ба ақидаи яҳудон, дар соли хуршедӣ зарб кунем, 172 280 305 ва аз панҷ ду ҷузъ ба даст хоҳад омад. Ва сипас

facebook.com/Китобхона

онро қисмат карда ва аломати кабисаҳоро мулоҳиза мекунем. Ва ҷадвали моҳҳои суриёнӣ ва румӣ ин аст:

Ҷадвали аввали моҳҳои суриёни ва румӣ

Сатри даври Шамсӣ	Тишрини аввал	Тишрини соӣ	Қонуни аввал	Қонуни соӣ	Шубот	Озор	Найсон	Айёр	Хазирон	Тамуз	Об	Элул	Кабисаи солҳо
	Тамриус	Навом-бриус	Дамбриус	Январиус	Феврориус	Мартиус	Афлириус	Моюс	Юниус	Юлиус	Ағустус	Сетем-бриус	
1	2	5	7	3	6	6	2	2	7	2	5	1	
2	3	6	1	4	7	7	3	5	1	3	6	2	
3	4	7	2	5	1	2	5	7	3	5	1	4	к
4	6	3	4	7	3	3	6	1	4	6	2	5	
5	7	3	5	1	4	4	7	2	5	7	3	6	
6	1	4	6	2	5	5	1	3	6	1	4	7	
7	2	5	7	3	6	7	3	5	1	3	6	2	к
8	4	7	2	5	1	1	4	6	2	4	7	3	
9	5	1	3	6	2	2	5	7	3	5	1	4	
10	6	2	4	7	3	3	6	1	4	7	2	5	
11	7	3	5	1	4	5	1	3	6	1	4	7	к
12	2	5	7	3	6	6	2	4	7	2	5	1	
13	3	6	1	4	7	7	3	5	1	3	6	2	
14	4	7	2	5	1	1	4	6	2	4	7	3	
15	5	1	3	7	2	3	6	1	4	6	2	5	к
16	6	3	5	1	4	4	7	2	5	7	3	6	
17	1	4	6	2	5	5	1	3	6	1	4	7	
18	2	5	7	3	6	6	2	4	7	2	5	1	
19	3	6	1	4	7	1	4	6	2	4	7	3	к
20	5	1	3	6	2	2	5	7	3	5	1	4	
21	6	2	4	7	3	3	6	1	4	6	2	5	
22	7	3	5	1	4	4	7	2	5	7	3	6	
23	1	4	6	2	5	6	2	4	7	2	5	1	к
24	3	6	1	4	7	7	3	5	1	3	6	2	
25	4	7	2	5	1	1	4	6	2	4	7	3	
26	5	1	3	6	2	2	5	7	3	5	1	4	
27	6	2	4	7	3	4	7	2	5	7	3	6	к
28	1	4	6	2	5	5	1	3	6	1	4	7	

facebook.com/Китобхона
Ва агар ҳамин матлубро дар таърихи Ағустус бихоҳем, бояд, ки солиёни пурраи онро бигирем ва чорьяки онро бар он бияфзоем ва бар ҳосили ҷамъ адади шашро изофа кунем ва маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ кунем. Ва дар натиҷа аломати оғози моҳи тут ба даст хоҳад омад. Сипас барин аломат барои моҳҳои дигар ба ҷиҳати ҳар моҳи пуррае, ки пеш аз матлуб бошад, адади дуро бар он бияфзоем ва боз маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ кунем ва аломати моҳе, ки матлуб аст, ба даст хоҳад омад.

Қабисаро дар таърихи Ағустус бояд аз ин роҳ шинохт, ки пайваста бар солиёни пурраи он адади якро бияфзоем ва маҷмӯъро чор-чор тарҳ кунем ва агар чизе боқӣ монад, соли мо кабиса нест ва агар боқӣ монад кабиса аст.

Ва агар ҳамин матлубро дар таърихи Антинус бихоҳем, чорьяки онро бар солҳои пурраи он меафзоем. Ва бар маҷмӯъ адади чор ва аз чор сеи ҳамин солҳоро изофа мекунем ва амалҳои пешини худро аз нав такрор мекунем. Ва тариқаи шиносоии кабиса дар ин таърих ин аст, ки ҳамвора бар солҳои пурра адади серо биафзоем ва маҷмӯъро чор-чор тарҳ кунем. Ва агар чизе намонад, сол кабиса аст ва агар чизе монд, кабиса нест.

Ва дар таърихи Дақлитиёнус бояд бар солҳои пурраи он чорьяки онро афзуд ва бар маҷмӯъ ҳамвора адади чору чорьяки онро изофа кард. Ва ҳамон корҳоеро, ки дар пеш мекардем, дар ин ҷо низ аз нав бинамоем ва дар маърифат аввали моҳҳои он ҷоро, ки дар таърихи Искандар бинобар мазҳаби Рум анҷом додем, дар ҳамин ҷо такрор кард. Ва дар ин таърих кабисаро бояд аз ин роҳ шинохт, ки ҳамвора бар солҳои пурра адади дуро афзуд ва маҷмӯъро чор-чор тарҳ кард. Ва агар чизе боқӣ намонад, соли кабиса аст ва агар боқӣ монад, кабиса нест.

Дар таърихи ҳичрӣ агар шиносоии оғози солҳо ва моҳҳоро ба хисоби таворих хоста бошем, бояд солҳои пурраи ҳичриро гирифт ва дар се ҷо қарор дод ва якеро дар сесаду панҷоҳу чор рӯз ва дигареро дар бисту ду дақика ва сеюмро дар як сония зарб кард ва бар дақоиқ ҳамвора сию чор дақика афзуд. Сипас, ҳар як аз ин ҳосили зарбҳоро ба чизе, ки қобили зарб аст, намуд. Ва агар дақоиқ бештар аз понздаҳ бошад, онро як соат донист ва агар камтар бошад, ба куллӣ

facebook.com/Китобхона
аз он сарфи назар кард. Ва маҷмӯъ ҳосили рӯзҳоест, ки аз соли аввали ҳичрӣ то аввали ин сол гузашта ва бар он адади панҷро меафзоему ҳафт-ҳафт тарҳ мекунем ва он чи камтар аз ҳафт монад, аломати моҳи муҳаррам аст. Ва агар моҳе дигарро хоста бошем, барои моҳҳои пуррае, ки аз матлуби мо гузашта бошад, барои як моҳ ду рӯз ва барои як моҳи дигар як рӯз манзур медорем. Ва маҷмӯъро бар аломати моҳи муҳаррам афзуда ва ҳама ин миқдорро ҳаф-ҳафт тарҳ мекунем. Ва дар натиҷа аломати ин моҳ бар ҳасби таворихе, ки аз сайри миёна ба даст омадааст, боқӣ мемонад.

Аммо дар биниши ҳилол, ки чи рӯзе рӯй хоҳад дод, корест, ки бисьёр душвор аст. Ва ба ҷадвалҳои бисьёре барои донистани ин кор наёзмандӣ аст. Ва бо он андоза, ки дар зичи Муҳаммад Ҷобири Баттонӣ[217] ва зичи Ҳабаши Хосиб[128] аст, барои ҷӯяндагон кифоят мекунад. Ва ба ин ду ҷо ручӯъ шавад.

Ба ҳамин тариқ, ки гуфта шуд, гурӯҳе, ки муддаӣ ҳастанд, аз ботиниён мебошанд ва пайрави ализодагон буда, ҳисобе сохтаанд, ки ба гумони онҳо ин ҳисоб яке аз асрори нубувват аст. Ва он ин аст:

Ҳар вақт хостем аввали моҳи рамазонро, ки чӣ рӯз аст, солҳои пурраи ҳичратро мегирем ва дар чор зарб мекунем ва ба ҳосили зарб панҷьяк ва шашьяки ин солҳоро меафзоем. Ва агар дар ин тақсим боқимондае монд, ба шарти он ки яке аз ин ду боқимонда ва ё ҳар ду аз нисфи махраҷи яке аз ду каср камтар бошад, бояд ин боқимондаро ҳам як рӯз ҳисоб кард. Сипас, бояд ба ҳосили ҷамъ адади чорро афзуда ва боқимондаро ҳафт-ҳафт тарҳ мекунем ва ҳар чи камтар аз як ҳафта монад, аломати моҳи рамазон аст.

Ин ҳисоб бар гуфтаҳои собики мо вобаста аст, ки соли қамарӣ сесаду панҷоҳу чор рӯз аст. Ва чун ҳафт-ҳафт тарҳ шавад, чор боқӣ мемонад. Ва чун солҳои ҳичратро дар чор зарб кунем, мисли ин аст, ки айёми ҳар солеро ҳафт-ҳафт тарҳ карда, боқимондаи онро нигоҳ доштаанд. Ва чун панҷьяки солҳои араб ва шашьяки онро бигирем, мисли ин мемонад, ки аз ҳар як аз ин солҳо панҷьяку шашьяки рӯзро гирифтаем. Ва ин кор моро аз зарби солҳо дар панҷьяку шашьяки рӯз ва қисмати он бар ин ду махраҷ кифоят мекунад. Ва чун ҳаман ин ададҳоро ҳафт-ҳафт тарҳ кунем ва боқи-

facebook.com/Китобхона

мондаро аз рӯзи ҷумъае, ки аввали ҳиҷрат аст, бишуморем, ба аломати моҳи муҳаррам мерасем. Ва чун адади шашро ҳам бар он биафзоем ва маҷмӯъро аз рӯзи якшанбе бишуморем, ҳар ду ба як маънӣ мерасад.

Ва аз ин ҷиҳат ин гурӯҳ чорро зиёд кардаанд, ки агар шахсе барои як моҳ ду рӯз ва барои як моҳ як рӯз бигирад, он чи ба дасти ӯ омада, то оғози моҳи рамазон панҷ мешавад. Ва чун ин панҷро бар аломати моҳи муҳаррам биафзояд, ба аломати моҳи рамазон мерасад. Ва ҳол он ки бояд барои худи моҳи муҳаррам ҳам адади шашро зиёд намуд. Пас ҷамъи ин адад ёздаҳ мешавад ва чун ҳафтоӣ аз он андохта шавад, чор боқӣ мемонад. Ва ин миқдори боқимонда аз маҷмӯи зиёдатиҳо аст.

Ва бад-ин ҷиҳат ҳисобе, ки аз рӯзи ҷумъа андохта шуда ва ҳисоберо, ки мо қаблан баён кардем, яъне аз рӯзи панҷшанбе бо ҳам муттафиқ мешаванд, ки сию чор дақиқа дар ин ҷо як рӯз ҳисоб мешавад, бо он ки дар ин ҳисоб мулоҳиза намешавад.

Ва бозгашти асҳоби раъи ботиниён дар ин мазҳаб, ки дар Хоразм маъруф ба «Бағдодӣ» аст бад-ин ҳисоб ва монандаҳои он аст. Ва аз ин ҷиҳат ин раъй ба «Бағдодӣ» маъруф шуд, ки ба доии эшон, ки шайхест дар Бағдод сукунат дорад, мансуб аст.

Ман баъзе аз роҳбарони ин дастаро дидам, ки ҷадвали муҷаррадеро, ки Ҳабаш дар зичи худ барои тасҳеҳи таърихе, ки дар ҳисоби кавокиб ба кор бурда шудааст, гирифта ва ба ҳар яки аз он, ки аломати моҳи муҳаррам бошад, ба иллате, ки дар пеш зикр кардем, панҷро афзуда ва сурати ҷадвалро тағьир дода ва хатти ростеро, ки дар он ҷадвал аст ба каҷие мубаддал намуда ва ҷадвалро монанди море, ки ба худ печида, қарор додааст. Чунон ки баъзе аҳли Табаристон ҳамон ҷадвалро доирае сохта, ки адад дар он дар ҳангоми рост будан ба мабдаи худ бармегардад. Сипас дар пайравии Исмоилия китобе таълиф карда, ки дар он китоб бар ҷӯяндагони ҳилол аз роҳи бинишу дидор таъна зада ва эшонро дашном дода ва ин тавр сарзаниш карда, ки яҳудон ва насоро аз талаби ҳилол барои рӯзаи худ ва аввалҳои моҳҳо ба ёрии ҷадвалҳое, ки сохтаанд, бениёз ҳастанд. Вале мусулмонҳо бо аҳволе муштабеҳ машғулу саргарм шудаанд. Ва агар ин нависанда аз мавзеи ҷадвали муҷаррад аз зичи Ҳабаш

facebook.com/Китобхона
тачовуз мекард ва аз аъмоли асҳоби ҳайат дар биниши хилол огоҳӣ меёфт ва аз чигунагии он вокиф мешуд. Ва ҳакоики амри яҳудону насориро хам медонист, он вақт тасдиқ менамуд, ки он роҳеро, ки яҳудону насоро рафтаанд, айнан ҳамин шубҳаҳо ва душворихо дар он мавҷуд аст.

Ҳар кас, ки аз гуфтаҳои собиқи мо огоҳ шуда бошад, ин масъаларо, ки ҳамфикрӣ ва маҳалли иттифоқи уламои ҳайат аст, хоҳад донист, ки миқдорҳои фарзшуда дар авохири амалҳои биниши хилол дуриест, ки ба тачриба намешавад бар он воқиф шуд. Ва манозирро ахволест ҳандасӣ, ки бад-он сабаб хисси бинои дар бузургию кўчакӣ тафовут мекунад. Ва ҳангоме ки шахс дар аҳволи фалакӣ аз рўи инсоф тааммул кунад, наметавонад ба таври қатъӣ ҳукм намояд, ки оё биниши хилол кадом вақт воҷиб хоҳад шуд ва кадом вақт мумкин нашуд. Алалхусус, вақте ки моҳ дар нихояти ин дурии фарзшуда вокеъ шавад. Ва шакли лавлаб (пармамонанд), ки аз ҷадвали муҷаррад накл шуд, ин аст: [129]

Бо он ки дар ҷадвали муҷарраде, ки ҳаким Хабаш дар зичи худ, ки маъруф ба «Имтиҳоншуда» аст, карор дода ва ин шахси мазкур он чи дар лавлаб аст, дар баъзе мавозеъ адади панҷро бар он афзуда, ки Хабаш дар ин ҷойҳо касрҳоро ба бутун баргардонда аст. Ва шахси номбурда ба ин нукта таваҷҷўҳ наёфта ва Хабаш дар ҷадвалҳои миёна низ барои ин ки ба ғалат наяфтад, низ ин нуктаро мурoот кардааст. Ва хар касе, бихоҳад ба сиҳати он чӣ мо гуфтем, бовар намояд, миён ин лавлаб, ки айнан ҳамон ҷадвали муҷаррад аст, ки фақат як панҷтой бар он барои он, ки барои моҳи рамазон бошад, афзуда шуда ва миёни ҷадвали саҳехшудае, ки мо барои аломати моҳи муҳаррам ҳисоб кардем ва касрҳое, ки бо ададҳои бутун буд, собит кардем, ки дар зери чашм биёяд ва ба таври айём дарк гардад, то дар натиҷа барои фахми масоили дигаре низ кўмак бошад, бисанҷад. Ва шахсе, ки хоҳад чунин кореро анҷом диҳад, бояд аз солҳои хиҷрат бо соли нокиса дусаду дах соқит кунад. Агар зиёдтар бошад ва бокимондаро дар сатри адад биёварад ва дар рўбарўи он айёму дақоикро бигирад ва бар дақоик ҳамвора панҷ рўзу сию чор дақика зиёд кунад ва он чи аз онро, ки ба рўзҳо қобили зарб аст, дар ин

facebook.com/Китобхона

Сатри адад	Аломати аввали рамазон	Сатри адад	Аломати аввали рамазон	Сатри адад	Аломати аввали рамазон	Сатри адад	Аломати аввали рамазон	Сатри адад	Аломати аввали рамазон	Сатри адад	Аломати аввали рамазон	Сатри адад	Аломати аввали рамазон
1	4	31	2	61	7	91	5	121	3	151	1	181	6
2	1	32	6	62	4	92	2	122	7	152	5	182	3
3	6	33	4	63	2	93	7	123	5	153	3	183	1
4	3	34	1	64	6	94	4	124	2	154	7	184	5
5	7	35	5	65	3	95	1	125	6	155	5	185	2
6	5	36	3	66	1	96	6	126	4	156	2	186	7
7	2	37	7	67	5	97	3	127	1	157	6	187	4
8	6	38	4	68	2	98	7	128	5	158	3	188	1
9	4	39	2	69	7	99	5	129	8	159	1	189	6
10	1	40	6	70	4	100	2	130	7	160	5	190	3
11	5	41	3	71	1	101	6	131	4	161	2	191	7
12	3	42	1	72	6	102	4	132	2	162	7	192	5
13	7	43	5	73	3	103	1	133	6	163	4	193	2
14	5	44	3	74	1	104	6	134	4	164	2	194	7
15	2	45	7	75	5	105	3	135	1	165	6	195	4
16	6	46	4	76	2	106	7	136	5	166	3	196	1
17	4	47	2	77	7	107	5	137	3	167	1	197	6
18	1	48	6	78	4	108	2	138	7	168	5	198	3
19	5	49	3	79	1	109	6	139	4	169	2	199	7
20	3	50	1	80	6	110	4	140	2	170	7	200	5
21	7	51	5	81	2	111	1	141	6	171	4	201	2
22	5	52	3	82	1	112	6	142	4	172	2	202	7
23	2	53	7	83	5	113	3	143	1	173	6	203	4
24	6	54	4	84	2	114	7	144	5	174	3	204	1
25	4	55	2	85	7	115	5	145	3	175	1	205	6
26	1	56	6	86	4	116	2	146	7	176	5	206	3
27	5	57	3	87	1	117	6	147	4	177	2	207	7
28	3	58	1	88	6	118	4	148	2	178	7	208	5
29	7	59	5	89	3	119	1	149	6	179	4	209	2
30	4	60	2	90	7	120	5	150	3	180	1	210	6

кор кўтоҳӣ накунад ва ҳафтой аз онро илкo кунад, агар дар он бошад. Дар натиҷа аломати аввали моҳи муҳаррам ҷамъ мешавад ва чун панҷро бар он биафзоем, аломати моҳи рамазон ҳосил мешавад.

Ва бояд ҷадвалро бо лўлае, ки дар китоб аст, мукоиса намуд, зеро дар баъзе мавозеъ ихтилоф мавҷуд аст, бад-ин сабаб, ки дақоиқ, ки ба шаст нарасида ба як рўз бутун шуда ва ба таври айён ошкор мешавад, ки чаро барои дусаду дах сол ин ҷадвал таркиб

facebook.com/Китобхона

шуда, ва ин ҷадвал на барои камтару на зиёдтар аз дусаду дах сол аст.

Ман пеши Аҳдам бинни Муҳаммад бинни Шиҳоб, ки яке аз доии бузурги эшон буд, ҷадвале ёфтам ва ӯ тариқи ба кор бурдани онро ба ман гуфт, ки бояд солҳои пурраи хичриро гирифт ва бар он чор афзуд ва маҷмӯъро ҳашт-ҳашт тарҳ кард. Ва ҳар андоза, ки камтар монад, онро дар сатри адад дохил намуд ва дид, ки дар ҳар моҳе аввали он чӣ рӯз аст. Ва ҷадвал ин аст:

Адад	Муҳаррам	Сафар	Рабеъ-ул-аввал	Рабеъ-ул-охир	Чумодиул-аввал	Чумодиул-охир	Рачаб	Шаъбон	Рамазон	Шаввол	Зиқаъда	Зиҳиҷча
1	3	5	6	1	2	4	5	7	1	3	4	6
2	7	2	3	5	6	1	2	4	5	7	1	3
3	5	7	1	3	4	6	7	2	3	5	6	1
4	2	4	5	7	1	3	4	6	7	2	3	5
5	6	1	2	4	5	7	1	3	4	6	7	2
6	4	6	7	2	3	5	6	1	2	4	5	7
7	1	3	4	6	7	2	3	5	6	1	2	4
8	6	1	2	4	5	7	1	3	4	6	1	2

Ин ҷадвал низ аз ҷадвали муҷарради Ҳабаш ҷудо шудааст. Ва ҳар кас, ки ба даври ҳаштоӣ, ки дар ин ҷадвал бо он амал шуда, назар кунад, хоҳад дид, ки оғози солҳо ба ҳамон рӯзе, ки аз ҳафта буда, бармегардад ва чор дақиқа касрҳои он камтар мешавад. Ва ин ҷадвал бо ҷадвали муҷаррад, ки тасҳеҳ шуда, мухолифат надорад, магар ин ки замони тӯлонӣ шавад, он вақт изтироби фоҳише дар он пайдо мешавад. Ва ин доии маккору мардумфиреб мегуфт, ки «ҷадвали мазкурро ҳазрати Ҷаъфар бинни Муҳаммади Содиқ сохта, ки чун он ҷаноб дид, мардум дар оғози моҳи рамазон дар шакку ихтилоф афтодаанд, фармуд: «Ба худованде, ки Муҳаммадро ба пайғомбарӣ фиристод, савганд ёд мекунам, ки Муҳаммад аз уммати худ муфориқат наҷуст, то ин ки он чи дар дунъё буда ва хоҳад шуд, ба мо биёмӯхт. Ва камтарини ин улум илми рӯза аст, ки дар ҳар сол дар чӣ рӯзе воқеъ мешавад. Ва фармуд, ки ҳеҷ гоҳ моҳи шаъбон тамом намешавад

facebook.com/Китобхона

ва моҳи рамазон ҳам ҳеҷ вақт аз сӣ рӯз камтар намебошад».

Ин марди доии ситамкор бар чунин саиди олам, ки афзали ашраф ва аълами имомон аст, (салавот бар ёдбуди онҳо) ифтироъ задааст, зеро амреро бад-ӯ нисбат медиҳад, ки дар дин кӯшиши ӯ нест ва бар зидди он бурҳон қоим аст. Ва ин имоми зоҳиду порсо болотар аз он аст, ки доманаш ба гуфтаҳои амсоли ин дой ва ба нисбатҳои исмоилия олуда гардад.

Барои донистани аломати моҳи муҳаррам ду роҳ аст. Ва Абӯҷаъфари Хозин[130] дар «Мадхали кабир», ки ба илми нуҷум навишта, зикр намудааст:

Яке ин аст, ки аз барои ҳар сӣ соли пурра, ки аз ҳичрат гузашта, панҷ рӯз бигирем ва он чи камтар аз сӣ монад, барои ҳар даҳ соле, як рӯзу аз се ду хиссаи рӯз, яъне шонздаҳ соат ва он чи ки аз даҳсол камтар аст, барои ҳар панҷ соле аз он бист соат ва барои ҳар соле пурра чор рӯзу ҳашт соат ва чор панҷ хиссаи соат ва бар маҷмӯъ, ё ин ки панҷ рӯз биафзоем ва ё ин ки ду рӯз аз он кам кунем ва ҳосилро ҳафт-ҳафт тарҳ кунем, ҳар чанд рӯзе, ки боқӣ монад, аломати моҳи муҳаррам аст.

Ин корро, ки Абӯҷаъфари Хозин пешниҳод мекунад, саҳеҳ аст ва ба ҳамон тариқаи собиқа, ки зикр шуд роҷеъ аст. Ва ин ки аз айёму касрҳо, ки барои шумораи солҳо канор мегузорем, иллат ин аст, ки ин касрҳо боқии ҳамин адад аст, ки мубаддал ба айём шуда ва ҳафт-ҳафт тарҳ гаштааст. Ва дар ҷадвали саҳеҳшуда ин матлаб ошкор аст. Ва аз ин ҷихат ба маҷмӯи адад панҷро меафзоем, ки мабдаи он аз рӯзи якшанбе шавад. Чунон ки ин масъаларо ҳам дар пеш гуфтем. Ва чун мо ҳафт-ҳафт тарҳ мекунем, чӣ адади панҷ афзуда шавад ва чи панҷ аз ҳафт кам шавад, ҳарду мусовӣ хоҳад буд. Ва агар ғайр аз муҳаррам моҳи дигареро, бихоҳем, барои асли сол ба ҷиҳати ҳар моҳи фарде ду рӯзу барои ҳар моҳе, ки ҷуфт аст, як рӯз, бояд бар адад афзуд. Ва маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ кунем ва он чи боқӣ монад, аввали он моҳ аст.

Ин кор низ саҳеҳ аст ва вобаста бар аҳволи мазкур аст, зеро он чиро, ки мо доштаем ҳиссаи солҳоест, ки пас аз ҳафт-ҳафт тарҳ шудан боқӣ мондаанд. Ва чун нисфи солҳои бакияро дар ҳашт зарб кунем, мисли ин аст, ки ҳаман онҳоро дар чор зарб кардаем, ки

facebook.com/Китобхона
айёми саҳеҳи боқимонда аз солҳои қамарӣ бошад, пас аз он ки ҳафт-ҳафт тарҳ шудааст. Ва барои Абӯҷаъфар боқӣ монд ба ҷиҳате, ки ҳар сол шашьяк ва панҷьяки онро бигирад. Ва чун зиёдатии се чорьяки нисфи ҳар ададе бар маҷмӯи панҷьяку шашьяки он мисли нисбати нисфи ин адад аст, ба шаст. Бинобар ин чун Абӯҷаъфар нисфи адади солҳоро дар се зарб кунад ва ба чор тақсим намояд, се чорьяки ҳама ададҳоро гирифта. Ва ин миқдор бар панҷьяку шашьяки ҷомеи солиён ба андозаи нисбати нисфи ин солҳо ба шаст зоид аст. Ва чун бо ин мизон ҷузъҳои шастгонаи соатро, ки дақоиқ бошад, ҳисоб кунад ва аз маҷмӯъ кам намояд, панҷьяку шашьяки солҳоро ба даст оварад. Ва бақия амалҳо мутобиқи қондаҳоест, ки дар пеш гуфта шуд.

Тариқаи дуюмро, ки Абӯҷаъфар зикр мекунад, ин аст, ки нисфи солҳои пурраро, агар ҷуфт бошад, мегирем ва агар фард бошад, як адад аз он кам мекунем. Ва чор рӯзу бисту ду дақиқа барои он маҳфуз медорем. Ва нисфи дигари боқимондаи солҳоро ҳам мегирем ва дар ду мавзеъ ин ададҳоро мегузорем. Ва яке аз он дуро дар се зарб мекунем ва бар чор тақсим менамоем ва хоричи қисмати айём мешавад. Ва дигареро дар ҳашт зарб мекунем ва маҷмӯъро ба изофаи панҷ бар ин айём меафзоем. Сипас, дар ҷумлаи ададҳо ба андозаи шумораи нисфи солҳо дақоиқи айёмро кам мекунем ва он чиро, ки собиқан маҳфуз дошта будем, агар солҳои фард бошад, бар он изофа мекунем ва агар касре монад, сурате, ки бештар аз сӣ дақиқа бошад, онро як соат ҳисоб менамоем. Ва агар камтар бошад, сарфи назар мекунем. Сипас маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ мекунем, он чи боқӣ монад, аломати моҳи муҳаррам аст.

Ин тариқ низ саҳеҳ аст. Ва иллати он айнан ҳамон илалест, ки дар пеш гуфта шуд. Зеро ададеро, ки маҳфуз медорем, ҳиссаи соли ноқисшуда хоҳад буд аз маҷмӯи солҳо.

Пас аз он ки айёми онро ҳафт-ҳафт тарҳ карда бошем ва чун нисфи солҳои боқимондаро дар ҳашт зарб кунем, мисли ин аст,. ки ҷомеи онро дар чор зарб кардаем,ки айёми саҳеҳи боқимонда аз соли қамарӣ бошад, ҳангоме ки ҳафт-ҳафт тарҳ шавад. Чизе, ки нисбати он ба воҳиди нисбати нисфи ин адад шаст бошад.

facebook.com/Китобхона
Ҳарғоҳ бихоҳем, оғози соле аз солҳои яздигурдиро бишиносем, бояд, солҳои пурраи онро гирифт ва адади серо бар он афзуд ва маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ кард. Ва дар натиҷа аломати оғози моҳи фарвардин ба даст хоҳад омад. Ва агар моҳе дигар ғайр аз фарвардинро бихоҳем, барои солҳои пуррае, ки аз он таърих гузашта ба ғайр аз обонмоҳ барои ҳар моҳе, ки набояд барои ин чизе гирифт, барои ҳар моҳе ду рӯз мегирем ва бар рӯзе, ки оғози моҳи фарвардин аст, меафзоем ва маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ мекунем ва он чи боқӣ монад, аломати оғози он моҳест, ки матлуби мо бувад.

Дар таърихи маҷмӯе, ки аз ҳангоми кушта шудани Яздигурд оғоз шудааст, бояд бар солҳои пурраи он ҳамвора адади панҷро биафзуд ва амалҳои собиқаи худро такрор кард, агар моҳҳои форсиро дар он ба кор бурда бошем.

Агар бихоҳем кабисаеро, ки форсиён пеш аз ҷадвали истиқлоли худ ба кор мебастанд, бишиносем, солҳои форсиро аз оғози заволи салтанати Яздигурд, ки буньёдкори таърихи зардуштиён аст, мегирем. Ва ба иллате, ки дар садри дафтар гуфта шуд, адади ҳафтодро бар он меафзоем ва маҷмӯъро бар саду бист тақсим мекунем, хориҷи қисмат адади моҳҳои кабиса аст, ки аз мавқеи саҳлангории он ба даст меояд. Сипас, аз маҷмӯи таърих мутобиқи шумораи моҳҳои кабиса кам мекунем. Ва агар солҳо пурра гашт ва боқимонда наёвард, соли кабиса аст. Ва агар боқӣ овард, кабиса нест. Пас аз ин кор он чи аз моҳҳои кабиса хориҷ шуда, онро ба оғози соли худ меафзоянд. Ва иди ин рӯзро ба ҷое, ки сазовор аст, қарор медихем ва Наврӯз дар ҷое, ки иттифоқ афтод, ҳамон аст, ки Сосониён ба кор мебастанд. Ва мутобиқи зиҷҳои эшон дар он вақт бо инқилоби тобистонӣ муттаҳид будааст.

Ва агар моҳҳои аҳли Суғд ва ё Хоразмро ба кор баста бошем, ҳамвора бар солҳои пурра адади серо меафзоем ва маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ мекунем, ки дар натиҷа аломати оғози моҳи навсард ва ё навсорӣ ба даст хоҳад омад. Сипас барои ҳар моҳе, ки гузаштааст, бар аломати моҳи навсард ду рӯзро меафзоем ва ба аломати он моҳ хоҳем расид.

Ва аммо дар таърихи Мӯътазид шиносоии аломати фарвардинмоҳ ба ин тариқ аст, ки чорьяки онро бар солҳои пурраи он меафзоем ва ҳамвора бар маҷмӯъяк

facebook.com/Китобхона

чор ва як чорьяк афзуда ва маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ мекунем ва дар натиҷа аломати фарвардинмоҳ ба даст хоҳад омад.

Ва чун аввали сол ба даст омад ва бихоҳем, ки оғози дигари моҳҳоро бишиносем, барои ҳар моҳе, ки пеш аз моҳи матлуби мо гузашта бошад, ба ғайр аз обонмоҳ, ки дар соли кабиса барои он як рӯз мулоҳиза мешавад ва дар солҳои ғайрикабиса ҳеҷ, ду рӯз мулоҳиза мекунем. Ва чун маҷмӯъро ҳафт-ҳафт тарҳ кардем, аломати оғози обонмоҳ ба даст хоҳад омад.

Ва тариқаи шиносоии кабиса дар солҳои мӯътазидӣ бад-ин тариқ аст, ки солиёни пурраи онро чор-чор тарҳ карда ва ба бақия назар мекунем, чунончи чизе боқӣ намонад, соли кабиса аст ва агар боқӣ монад, кабиса нест.

Гумон мекунам, дар ин баҳсҳои дароз, ки ба ин дарозӣ анҷомид, барои хонандагон кофӣ бошад (ва шукру ситоиши зиёд бод худоро!)

ФАСЛ

ДАР ТАЪРИХҲОИ ҚАСОНЕСТ, КИ ПАЙҒАМБАРИРО БА ХУД БАСТАНД ВА УММАТҲОЕ, КИ ФИРЕБИ ЭШОНРО ХӮРДАНД

Миёни анбиё ва мулук ҷамоате аз мутанаббиин зоҳир шуданд, ки китоб аз шумориши онон қосир аст. Баъзе аз эшон ҳалок шуданд, бидуни он ки касе бар ӯ пайравӣ кунад ва ҷуз номе дар сафҳаи рӯзгор нагузоштааст. Баъзе дигарро уммате мутобиат карданд ва эшон дар назди ин уммат боқӣ ва поянда монд. Ва ин умматҳо таърихи эшонро зикр мекунанд. Пас, мо бояд, ки таворихи машҳуртарини эшонро зикр кунем.

Нахустин шахсе, ки аз ин даста зикр мешавад Бузосаф аст, ки чун як сол аз подшоҳии Таҳмурас гузашт, дар Ҳинд зоҳир шуд. Ва китобе ба порсӣ биёварда ва ба миллати Собиин [131] даъват кард ва халқе зиёд ӯро пайравӣ карданд.

Подшоҳони Пешдодӣ ва баъзе аз Каён, ки Балхро ҷойгоҳи худ қарор дода буданд, Офтобу Моҳ ва кавокибу куллиёти аносирро то замони пайдоиши Зардушт, дар соли сиюм, аз салтанати Гуштосп, мепарастиданд.

facebook.com/Китобхона

Бокимондаҳои ин тоифа дар Ҳаррон сукунат доранд ва ба эшон «Ҳаррония» гуфта мешавад. Ва ин исм мансуб ба мавзеъ ва маскани эшон аст. Ва баъзе гуфтаанд, ки ин ном мансуб ба Ҳорон бинни Тараҳ мебошад, ки бародари Иброҳим аст. Ва ӯ аз дигар пешвоёни эшон дар дин побарҷотару устувортар буд. Ва аз ин қавм Ибни Синкилои Насронӣ дар китобе, ки бар радди ақидаи онон навиштааст ва дурӯғашонро ботил карда, чунин нақл мекунад, ки Иброҳим аз ҷумлаи ҳамкешони ин гурӯҳ буд. Вале аз ин маслак хориҷ шуд, зеро ки дар олати ӯ песӣ пайдо шуд. Ва ҳар касе ин маразро бигирад, махав аст, ва касе бо ӯ мухолита ва омезиш намекунад. Пас бад-ин сабаб Иброҳим олати худро бурид, яъне хатна кард. Сипас доҳили яке аз бутхонаҳо гардид, овозе шунид, ки бут ба ӯ мегуфт: «Эй Иброҳим, ту аз назди мо бо як айб хориҷ шудӣ ва акнун бо ду айб бигузаштӣ! Берун рав ва дубора бад-ин макон муроҷиат манамо!» Пас Иброҳим дар ғазаб шуд ва бутонро дар ҳам шикаст ва аз зумраи собиин хориҷ гашт. Сипас аз карда худ пушаймон шуд ва хост писари худро барои ситораи Муштарӣ қурбон кунад, бинобар одате, ки эшон авлодашонро қурбонӣ мекарданд. Пас аз ин ки кавкаби Муштарӣ сидқи инобати вайро бидонист писарашро ба як қӯчқор фидо гирифт.

Ва Абдулмасеҳ ибни Исҳоқи Киндӣ[132] дар ҷавобе, ки аз китоби Абдуллоҳ бинни Исмоили Ҳошимӣ навиштааст, ин тавр нақл мекунад, ки ин даста ба қурбонии кунин башар маъруфанд, лекин имрӯз эшонро ошкоро муяссар намешавад. Ва мо аз эшон беш аз ин намедонем, ки мардуме ҳастанд, ки худовандро ягона медонанд ва аз қабоҳат худро тоза нигоҳ медоранд. Ва ӯро ба салбӣ васф мекунанд на ба эҷоб, мисли ин ки мегӯянд: «Маҳдуд намешаваду дида намегардад ва ситам намекунаду ҷавр наменамояд ва ҳақтаолоро ба номҳои зебо мехонанд», вале ба тариқи маҷоз, зеро дар назди онҳо сифате ҳақиқатан вуҷуд надорад ва тадбири оламро ба фалаку ҷирмҳои он нисбат медиҳанд. Ва ба ҳаёту нутқу самъу басари афлок қоиланд ва нурҳоро таъзим менамоянд. Ва аз осори эшон куббаест, ки дар болои меҳроб дар ҷомеи Димишқ аст, ки дар айёме, ки юнониён ва Рум бар дини онҳо буданд, намозхонаи эшон буд, баъд ба дасти яҳудон афтод ва аз барои худ канниса гардониданд. Сипас насоро бар онҳо ғалаба

facebook.com/Китобхона
ёфтанд ва аз барои хеш ибодатхона гардониданд, то он ки замони ислом шуд ва мусулмонон он маконро масҷид карданд. Ва аз барои собиин ҳайкалҳоюсанамҳо ба номҳои Шамс бо шаклҳои маълума будаанд. Чунон ки Абӯмаъшари Балхӣ дар китобаш, ки ба «Бюти ибодат» мавсум аст, зикр мекунад. Мисли ҳайкали Баалбак, ки аз барои санами Шамс буда ва ҳайкали Ҳаррон, ки мансуб ба Қамар буда ва биноаш ба сурати «тайласон» аст. Ва дар наздикии он қариясст, ки Саламсин ном дорад. Ва номи қадими он «Санамсин» буда, яъне «Санами Қамар». Ва қарияи дигаре, ки ба Тараузой мавсум аст, яъне «Дари Зӯҳра». Ва мегӯянд, ки Қаъба ва бутҳои Қаъба аз эшон буда ва парастандагони ин санамҳо ҳам аз зумраи собиин будаанд. Ва бути Лот ба исми Зуҳал буда ва бути Уззо ба исми Зӯҳра. Ва аз барои эшон анбиёи бисьёрест, ки аксари эшон фалосифаи юнонанд. Монанди Ҳирмиси Мисрӣ, Ағосозимун, Волис, Фисоғурис, Бобо, Сувор — бобои модарии Афлотун ва амсоли онҳо. Ва баъзе аз эшон бар худ моҳиро аз сабаби ларзон будан ҳаром карда ва чӯҷаро аз сабаби тафсон будан ҳаром намуда, сирро низ ҳаром кардаанд, чунон ки вай дарди сар меоваради хун ё маниро, ки қавми ҳастии ҷаҳон аз ӯст, месӯзонад. Ва боқиларо низ ҳаром намуда, чун зеҳнро ғализу фосид мекунад. Ва ин гиёҳ дар аввали амр дар чумчумаи инсон сабз шудааст.

Ва аз барои ин тоифа се намоз воҷиб аст: Нахуст дар назди тулӯи Шамс ҳашт ракъат, дуюм қабл аз заволи Шамс аз васатуссамо панҷ ракъат, сеюм ҳангоми Офтоб панҷ ракъат. Ва дар ҳар ракъат аз намозашон се саҷда аст. Ва дар соати дуюми рӯз як намози нофила мехонад ва яке дигареро дар соати нӯҳ аз рӯз ва сеюмеро дар соати сеюм аз шаб. Ва аз барои намоз таҳорат ва вузӯъ ба ҷо меоваранд. Ва аз ҷанобат ҳам ғусл мекунанд. Ва хатна наменамоянд. Чун чунин гумон кардаанд, ки бад-ин амр маъмур нашудаанд ва аксари ҳукмҳои эшон дар никоҳ кардан, ҷазо додан мисли ҳукмҳои мусулмонон аст. Ва дар шустану пок кардани ҷасади мурда ва амсоли ин амр шабеҳ ба «Таврот» аст. Ва аз барои ин қавм қурбониҳоест, ки ба кавокибу санамҳою ҳайкалҳои онҳо мутааллиқ аст. Ва қурбониҳое ҳам доранд, ки коҳинони эшон ва онҳо, ки фиребашон додаанд, мутавалии он

facebook.com/Китобхона
ҳастанд. Ва баъзе аз ин ҷамоат Бузосафро Ҳирмис медонанд. Ва гуфта шуд, ки собиини ҳақиқӣ онҳое ҳастанд, ки дар Бобул аз ҷумлаи қабилаҳое, ки Куруш (Сирус) ва Арташхосб ба Байтулмуқаддас ҳаракат доданд, ихтилоф карданд. Ва аксарашон дар Воситу саводи Ирок, дар ноҳияи Ҷаъфару Ҷомида ва ду наҳри Сила сокинанд ва худро ба Анӯш бинни Шис нисбат медиҳанд ва бо Ҳаррония мухолифанд ва мазоҳиби эшонро айб мекунанд. Ва ҷуз дар ашьёи маъдуде бо эшон мувофиқ нестанд, ҳатто ин ки дар намозашон ба қутби шимолӣ мутаваҷҷеҳанд ва Ҳаррония ба ҷанубӣ. Гумон мекунам, ки монавиҳо низ ба ин қутб таваҷҷӯҳ кунанд, зеро ин қутб назди эшон васати қубатуссамо аст ва баландтарин мавзее дар он. Валек соҳиби «Қитоби алиббоъ», ки аз монавия ва доиҳои эшон аст, аҳли динҳои сегонаро дар ададҳои умуре бар эшон айб мегирад, яке ин аст, ки ба самти хосе таваҷҷӯҳ мекунанд. Ва мехоҳад бар ин амр ишора кунад, ки шахсе, ки барои худо намоз мехонад, аз таваҷҷӯҳ ба қиблаи хосе бениёз аст.

Баъзе аз аҳли китоб бар ин гумонанд, ки Матушолеҳро ғайр аз Ламак писаре буд, ки Собӣ ном дошт ва собиа бад-ӯ мансубанд.

Мардум пеш аз зуҳури шароитҳою хурӯҷи Бузосаф бутпараст буданд ва дар ҷануби шарқии кураи замин ҷой доштанд. Ва боқимондаҳои эшон акнун дар Ҳинду Чину Туғузғуз мавҷуданд. Ва аҳли Хуросон эшонро «Шаманон» гӯянд ва баҳорҳои санамҳою фарҳорҳо[1] ва дигар осор эшон дар ҳудуди Хуросон, ки ба Ҳинд муттасил аст, зоҳиру ҳувайдост. Ва ба қадимии оламу таносухи арвоҳ эътиқод доштанд. Ва мегуфтанд, ки «фалак дар як халои номутаноҳӣ партоб шудааст. Ва аз ин ҷост, ки ҳаракати даврониӣ дорад, зеро чун чизе мудаввар аз маҳали худ зоил шавад, ба ҳолати даврониӣ фурӯд меояд». Ва гурӯҳе аз эшон ба пайдоиши олам гароидаанд ва ин ақидаро қабул кардаанд, ки умри олам ҳазори ҳазор сол аст, ки ба чор қисмат тақсим мешавад: Қисмати аввал чорсад ҳазор солро дарбар мегирад, ки дар он замон хайру салоҳият таъмин будааст.

Қисмати дуюм сесад ҳазор солро дарбар мегирад,

[1] Баҳори санамҳо ва фарҳорҳо ба маънии бутхона омадааст.

facebook.com/Китобхона
ки дар он замон хайру салоҳият нисбат ба даврҳои аввал камтар будааст.

Қисмати сеюм иборат аз дусад ҳазор сол аст, ки дар ин давра хайру осоиштагӣ нисбат ба ду қисмати боло боз ҳам камтар гардидааст.

Қисмати чорум сад ҳазор солро дарбар кардааст, ки дар ин давр ҳар чӣ бештар касифию расвоӣ ҳукмфармо гардад.

Мо дар ҳамин қисмати чаҳорум ҳаёт ба сар мебарем.

Дар китобҳое, ки дар соли сесади ҳичрӣ навишта шудааст қайд карда мешавад, ки аз ин қисмат қариб дувоздаҳ ҳазору дусаду чил сол гузаштааст.

Шаманиён ақида доранд, ки падари инсоният ҳазрати Одам аст, вале баъзеҳо ин фикрро рад намуда, изҳор мекунанд, ки ҳар як халқ офаридгори (падари) худро дорад. Онҳо мегӯянд: «Агар падари инсоният як нафар мебуд, он гоҳ қиёфаи шакли чамъи одам як хел мешуд ва забону шеваҳои онҳо ба ҳам монанд мегардид». Ман ҳайронам, ки чаро онҳо ба чунин фикр омадаанд?!

Ҳол он ки тағьироти қиёфа, ранги пӯсти бадан, ахлоқ, хулқу хӯй натанҳо ба насаб вобаста аст, балки ба мавзеи зист, об, ҳаво ва ғайра зич алоқаманд мебошад. Сабаби забонҳои гуногун доштани мардумон он аст, ки онҳо дар давраи аввал ба гурӯҳҳо тақсим шуда, аз ҳам чудо гардиданд ва мувофиқи зарурат ба ҳар як гурӯҳи халқ лозим омад, ки бо ин ё он калимае ба ҳамдигар мурочиат намоянд. Бо мурури замон ин калимаву ибораҳо зиёд шуда, такрор гардида, ба хотири одамон нақш бастанд.

Дар байни ривоятҳои шаманиёну ҳиндуён оид ба Буддои аввал ва Буддои сонӣ маълумотҳои ачоибу ғароибе вучуд доранд. Гӯё аз панҷ тарафи Буддо нурҳо бо он ҳамроҳ буду вай бошад, ба ҳаво парвоз карда мегашт. Илова бар ин ҳикоятҳои ҳайратоваре вучуд доранд, ки чӣ гуна шахс ба мартабаи Буддо ва Бодисавта расида, назояндаю намуранда мешавад. Дар ин чо таносухи арвоҳро дар назар доранд.

Юнониён изҳор мекунанд, ки насаби онҳо аз Зевс — офаридгори қонунҳою шариатҳо, сар мезанад.

Гурӯхе, ки офарида шудани оламро инкоранд, мегӯянд: «Зевс падари аввалини инсон мебошад». Гурӯхе, ки офарида шудани оламро рад карда, ақидаи абадияти онро пеш гирифтаанд, мегӯянд: «Ҳар вақт ҳангоме ки

facebook.com/Китобхона
инсон афзун шуд, онҳоро тўфони ногаҳоние нест мекунад ва масъалаи аз нав пайдо шудани олам бо миён меояд». Одамон то ҳангоми афзоиш бо ҳамдигар рафиқи мушфиқ ва дўстдори ҳам мемонанд, вале ҳамин ки миқдори инсон афзуд, боз бадбинӣ, душманӣ, рақобат, ҳасадбарӣ ба вуҷуд меояд, ки мояи шўру ғавғо, бадкорӣ ва ҷангҳо мегардад. Вақте ки ин бадкориҳо ба ҳадди охири худ мерасанд, тўфон аз нав ба вуҷуд меояд.

Мегўянд, ки Зевс барқароркунандаи тартибот ва аввалин падари инсон аст ва пас аз тўфони ба қарибиҳо ба амал меомада ҳам вай боз ҳамчун падари аввалин ва офарандаи тартибот мемонад. Дар китоби қонунҳои Афлотун низ баъзе чизҳое гуфта шудааст, ки ба гуфтаҳои болоӣ мувофиқат мекунад.

Сипас, Зардушт писари Сафеди Тумон зуҳур кард. Ва ў аз мардуми Озарбойҷон буд ва аз тухмаи Мануҷеҳр ва дар шумори аъёну ашрофи хонаводаҳои мукон[133]. Зуҳури ў дар соли сиюм аз подшоҳии Гуштосб буд. Ва ў қасабе пўшида буд, ки аз пешу акиб чок дошт. Ва бар худ зунноре аз лиф баста буд ва намаде пурнақш дар бар дошт ва коғазе кўҳна бо худ дошт, ки бар синаи хеш гузошта буд.

Ақидаи зардуштиҳо ин аст, ки Зардушт аз сақфи айвон дар Балх ҳангоми нимрўз аз осмон ба замин омад. Ва сақф бар ў бишикофт ва бар хобгоҳи Гуштосб, ки ў дар хоби нимрўз буд, Зардушт ворид шуд. Ва ўро мачбур кард, ки кеши худ, яъне имон овардан ба худованд ва ба тасбеху тақдиси ў ва ба куфр, ба парастишу итоати шайтон ва ба фармонбардорӣ аз подшоҳон ва ислоҳи табиату никоҳи насабҳои наздикро даровард.

Дар бораи никоҳи модар, ки ба зардуштиҳо нисбат медиҳанд, аз сипаҳбуд Марзбон бинни Рустам шунидам, ки Зардушт ин амалро ҷорӣ накардааст. Ва чун Гуштосб хирадмандону солхўрдагон ва бузургони кишвари худро барои гуфтугў бо Зардушт дар мачлисе гирд овард, яке аз пурсишҳое, ки аз Зардушт карданд, ин буда, ки «агар марде бо модари худ аз миёни тўда ва ҷомеа дур афтода бошад ва дастрасӣ ба зани дигар надошта бошад ва аз қатъ ёфтани насл биҳаросад, чӣ бояд бикунад?» Зардушт посух дод:

«Дар чунин ҳол равост, ки бо модари худ наздикӣ кунад».

Зардушт китобе овард, ки онро «Авесто» (Абесто)

facebook.com/Китобхона
номанд. Ва луғати ин китоб бо луғати ҳама китобҳои олам мухолиф аст, вале аз решаи луғоти дигар нест ва барои ин китоб луғате тартиб дод, ки ҳарфҳои он аз ҳарфҳои ҳама луғот зиёдтар аст. Ва иллат ин ки ба чунин луғате ин пайғамбар китоби худро ихтисос дод, ин аст, ки илми он ихтисос ба аҳли як забон пайдо накунад.

Ва ин китобро Зардушт дар пешгоҳи Гуштосб гузошт. Ва Гуштосб уламои кишварро даъват карда буд. Ва Зардушт дастур дод, ки миқдоре сурб об кунанд. Сипас рӯи худро ба осмон карда гуфт: «Худовандо, агар ин китоб аз туст ва ман ба фармони ту онро барои ин подшоҳ овардаам, зиёни ин сурби гудохтаро бар ман бирезед!» Ва онон чунин карданд, ки Зардушт гуфта буд. Ва сурби гудохташударо ба рӯи шикаму синаи Зардушт рехтанд ва ҳаман бадани ӯро фаро гирифт. Ва кулӯлаҳое чанд бар мӯҳои Зардушт аз ин сурби гудохта овехта гашт. Ва шунидам, ки то ҳангоме ки эрониён подшоҳӣ доштанд, кӯлӯлаҳои номбурда дар ганҷинаи шоҳони Эрон вуҷуд дошт.

Ва чун Гуштосб бар ин гумон буд, ки фариштагон чанде аз сӯи худо омаданд ва ҳангоме ки Зардушт машғули даъвати ӯ буд, Гуштосбро амр карданд, ки ба ин пайғамбар имон ор. Ва ҳафтод сол Гуштосб мардумро ба кеши Зардушт даъват кард. Ва ба қавли дигар чилу шаш сол.

Иброниён бар ин ақидаанд, ки Зардушт аз шогирдони Ильёси Набӣ буд ва худ ӯ дар «Китоби маволид» гуфтааст, ки дар ҷавонӣ дар шаҳри Ҳаррон назди Олбуси Ҳаким дарс мехонд. Ва румиён гӯянд, ки Зардушт аз аҳли Мусил буд. Ва мақсади эшон аз калимаи «мусил» аз ҳудуди Озарбойҷон то ҳудуди Мусил бувад.

Чунон ки Омуниус дар китобе, ки дар фикрҳои фалосафа навиштааст, мегӯяд: «Юнониён дар бораи Зардушт бар ин ақидаанд, ки Фисоғурисро ду шогирд буд, ки якеро Фалоюс ва дигареро Файлақус мегуфтанд. Ва Фалоюс ба билоди Ҳинд раҳсипор шуд ва Барҳаман, ки бароҳима бад-ӯ мансубанд, ҳафт сол шогирди вай буд. Ва Баҳман фикрҳои Фисоғурисро биёмӯхт ва чун Фалоюс мурд, Барҳаман ақоиди худро мувофики фикрҳои Фисоғурис тартиб дод. Ва Файлақус ба Бобул рафт. Ва Вартуш, ки ба Зардушт писари Пургашн ва машҳур ба Сафеди Тумон аст, назди ӯ шо-

facebook.com/Китобхона
гирди кард. Ва Зардушт аконди худро аз Файлақус ёд гирифт. Ва пас аз марги Файлақус Зардушт ба кӯхи Сиблон рафт ва чандин сол дар он ҷо бимонд. Ва «Весто»-ро дар он кӯҳ такмил кард.

Ҳақ ин аст, ки Зардушт озарбойҷонӣ буд, зеро дар «Китоби Маволид» мегӯяд, ки бо падари худ ба Харрон омаду рафт мекард ва Олбуси Ҳакимро мулокот кард ва аз ӯ истифода намуд.

Дар китобҳои таърих зикр кардаанд, ки дар охири подшоҳии Шопури Зулактоф гурӯҳе ба вуҷуд омаданд, ки бо кеши зардуштӣ мухолифат намудаанд. Ва Озарбод писари Шасб писари Душрин писари Манучехр бар он гурӯҳ тохт ва бар онон чира шуд. Ва хост, ки ояте ба онон нишон диҳад. Ин буд, ки амр кард, мисро бигудозанд ва бар синаи ӯ резанд. Ва чун миси гудохта бар ӯ рехтанд, зиён аз ин кор надид. Ва Шопур аз он вақт авлоди ӯро бо авлоди Зардушт мӯбади мӯбадон гардонид. Зардуштиҳо ҷуз ба касе, ки ба имону дини ӯ тобеъ бошанд, иҷоза намедиҳанд, ки китоби «Авесто»-ро бихонад. Ва шахсе, ки дар мазҳабҳои Зардушт олим ба «Авесто» шавад, бояд уламои дин коғазе бинависанд ва ба дасти ӯ бидиҳанд, ки чунин иҷозае ба ӯ дода шудааст, ки агар касе бар ӯ эрод гирад, коғазро чун ҳуҷҷат нишон диҳад.

«Авесто»-ро дар хизонаи Доро бинни Доро, подшоҳи Эрон, нусхае буд тиллокорӣ шуда, ки дар дувоздаҳ ҷилди гов навишта шуда буд. Ва чун Искандар оташкадаи форсро вайрон кард, ин нусхаро низ бисӯзонид ва ҳурбадонро аз дами шамшер гузаронид. Ва аз он вақт «Авесто» маъдум шуд ва ба андозаи аз панҷ се қисми он ба куллӣ аз даст рафт. Ва дар асл сӣ «наск» буд. Ва бокимондаи он акнун дар дасти зардуштиҳост, ки ба андозаи дувоздаҳ «наск» аст. Ва «наск» порае аз қитъаоти «Авесто»-ро гӯянд, чунон ки порае аз «Қуръон»-ро «ҳафтьяк» гӯем.

МОНИИ НАҚҚОШ ВА САРАНҶОМИ КОРИ Ӯ

Моний шогирди Фодарун аст ва мазҳабҳои сановия (ду худоён) ва маҷусу насориро мешиноҳт. Сипас, иддиои нубувват кард. Ва дар огози китоби худ, ки ба «Шопургон» маъруф аст ва он китобро барои Шопур писари Ардашер таълиф карда, чунин мегӯяд:

facebook.com/Китобхона
«Усули ақоиду аъмол ҳамон аст, ки пайғамбарони худо дар ҳар замон овардаанд ва дар баъзе аз асрҳо ба дасти Буддо ба билоди Ҳинд ва дар баъзе дигар ба дасти Зардушт ба Эрон ва дар пораи дигар аз қарнҳо ба дасти Исо ба мағрибзамин фиристода шуд. Сипас, давраи ин нубувват шуду ба дасти ман, ки Монӣ ҳастам, дар ин қарни охир ба замини Бобул ин дину ин шариат биёмад». Ва дар «Инҷил»-аш, ки бисту ду боб аст ва мутобиқи ҳарфҳои абҷад тартиб дода, чунин пиндошта, ки номи Форақлит, ки Масеҳ бад-ӯ мужда медиҳад, ӯст ва ӯ хотимаи пайғамбарон аст. Ва матолибе, ки Монӣ дар ҳастии оламу ҳайати ҷаҳон гуфта, бо бурҳонҳо мухолиф аст. Ва мардумро ба олами нуру инсони қадим ва «рухулҳаёт» даъват карда ва ба абадии нуру зулмат ва азалияти ин ду асл қоил шуда ва қурбонии ҳайвоноту зарар овардан бар оташу обу набототро ҳаром намудааст. Ва қонуну найрангҳое кашф карда, ки содиқон тарафдорону зоҳидони монавияанд, бар худ фарзу воҷиб медонанд. Ва ин макру найрангҳо аз ин қабил аст: Афзал донистани дарвешӣ ва пешгирии ҳирсу шаҳват ва канорагирӣ аз дунъё ва зуҳд дар ҷаҳон ва иттисоли рӯза ба рӯзаи дигар ва садақа дар ҳудуди тавоноӣ ва ҷуз қути як рӯз нагузоштан ва пас андохтани чизе ҳаром аст. Ва тарки муҷомиат ва пайваста дар тавофи ҷаҳон гардидан ва русуми дигаре, ки бар шунавандагон, яъне тобеону пайравони худ воҷиб кардааст, аз қабили садақа кардан ба даҳьяки дороӣ ва рӯзаи ҳафтьяки умр ва қоней бар як зан ва ёрмандӣ ба зоҳидону накӯкорон ва дур сохтани парешонӣ ва бечорагии онон.

Аз Монӣ чунин нақл мекунанд, ки агар шиддати зиёди ҳаяҷон пайдо кунад, қазои он дар кӯдакон равост. Ва бар ин матлаб мешавад чунин гувоҳ овард, ки ҳар як аз монавия ходиме амрад ва хушрӯ доранд. Вале ман то он ҷо, ки аз китобҳои Монӣ дарьёфтаам, ба чунин чизе бар нахӯрдаам, зеро сирати Монӣ бо ин ақида мухолифат дорад.

Таваллуди Монӣ дар Бобул буда, дар қарияе, ки номи он Мардину мебошад. Ва ин қария дар наздикии наҳри Кусаи Аъло воқеъ аст. Чунон ки дар китоби «Шопургон» дар боби омадани расул ҳикоят мекунад, ки дар соли панҷсаду сию ҳафтум аз солҳои муназзимини Бобул, яъне таърихи Искандар, дар со-

facebook.com/Китобхона

ли чорум аз подшохии Озарбон таваллуди ӯ вокиф шудааст. Ва дар сездаҳсолагӣ дар соли дуюм аз салтанати Ардашер бад-ӯ ваҳй расид. Исми Монӣ назди насоро бинобар он чи Яҳьё бинни Нӯъмони Насронӣ дар китоби худ, ки рад бар маҷус навишта, зикр мекунад, Курбиқус бинни Фатақ аст. Ва чун Монӣ зухур кард, ба зудӣ пайравони зиёде ёфт ва китобхои бисьёре аз қабили «Инҷил»-и махсуси хеш. «Шопурмакогон», «Канз-ул-эҳьё», «Сифр-ул-ҷабобира» ва маколоти зиёде таълиф кард. Ва бинобар ақидаи худ он чиро, ки Масеҳ ба таври рамз гуфта, ӯ баён кардааст. Ва кори ӯ пайваста рӯ ба фузунӣ буд. Ва дар замони Шопур писари Ардашер ва Ҳурмуз писари Шопур бисьёр шӯҳрат ёфт, то он ки подшоҳӣ ба Бахром бинни Ҳурмуз расид. Ва Мониро хост ва дар хузури ӯ чунин гуфт: «Ин мард барои даъват ба вайронии ҷаҳон омадааст. Пас мо бояд пеш аз он, ки ба муродаи хеш расад ва ҷаҳонро хароб кунад, ӯро аз миён бардорем».

Машхур аз ҳоли Монӣ ин аст, ки Бахром ӯро бикушт ва пӯсташро биканду пур аз коҳ кард.

Ҷаброил бинни Нӯҳи Насронӣ дар ҷавобе, ки аз радди Насории Яздонбахт навишта, чунин арз мекунад, ки Мониро китобе буда, ки дар он аз марги худ хабар додааст. Ва барои хешованди, ки бо подшоҳ дошт ,зиндонӣ гашт. Чун гуфта буд, ки подшоҳ дар хукми шайтоне аст ва ваъда дода буд, ки шоҳро шифо диҳад ва натавонист ба ваъдаи хеш вафо кунад. Пас подшоҳ бар дасту пои ӯ банд ниҳод ва ба зиндонаш гусел кард. Ва Монӣ дар ҳамон ҷо бимурд ва онгоҳ сарашро аз тан ҷудо карду ба дари боргоҳ биёвехт. Ва баданашро дар гузаргоҳи мардумон биандохт.

Аз ашхосе, ки даъвати ӯро пазируфтаанд, ҷамъе боқӣ мондаанд, ки дар шаҳрҳо парокандаанд. Ва ҷуз гурӯҳе, ки дар Самарқанд ҳастанду ба собини маъруфанд, ҷойгохи муайяне надоранд. Ва аммо аз хоки ислом чун беруни равем бештар туркони шарқӣ ва ахли Чину Тибет ва баъзе аз аҳли Хинд бар кеши ӯ ҳастанд. Ва онон дар амри Монӣ бар ду қавланд: Дастае бар онанд, ки Мониро мӯъҷизакор нашумурданд ва худи Монӣ хабар додааст, ки пас аз ин ки Масеху асҳобаш даргузаштанд, дигар эъҷоз вокеъ намешавад. Дастаи дигар қоиланд, ки Монӣ дорои мӯъ-

facebook.com/Китобхона
ҷизот ~~ва соҳиби ост будааст. Ва~~ Шопурро вақте ки бо худ ба сӯи осмон баланд кард ва миёни осмону замин нигоҳ дошт, бад-ӯ имон овард. Ва аз Марзбон бинни Рустам шунидам, ки Шопур Мониро бинобар қонуне, ки Зардушт вазъ карда, ки бояд мутанаббиёнро аз мамлакат берун ва бадарға кард. Ва чун баргашт, Баҳром ӯро бигирифт ва подошашро дар канораш гузошт.

БЕҲОФАРИД БИННИ МОҲФАРВАЗИН

Сипас, дар айёми Абӯмуслим, соҳиби давлати аббосӣ, марде даъвои нубувват кард, ки номи ӯ Бехофарид бинни Моҳфарвазин аст. Ва ӯ дар рустои Хоф, ки аз деҳаҳои атрофи Нишопур аст ва дар қасабае ба номи Сайрованд пайдо шуд. Ва худи ӯ аз аҳли Зузон буд ва дар ибтидои амр пинҳон гардиду ба сӯи Чин рафт. Ва ҳафт сол дар он ҷо зист. Ва дар бозгашт пероҳане аз ҳарири сабз бо худ биёварда, ки чун онро ҷамъ мекардӣ, дар мушт ҷой мегирифт. Ва шабонгоҳ ба болои боме мешуд ва бомдодон ба зер меомад. Ва марде, ки машғули кишт буд, ӯро бидид, он мардро гуфт: «Ин муддат, ки ғайбат карда будам, ба осмон рафтам ва биҳишту дӯзах бар ман намоён шуд. Ва худованд ба ман ваҳӣ фиристод ва ин пероҳанро бар андомам кард ва дар ин соат ба замин нузул кардам». Пас он марди барзгар ӯро тасдиқ кард ва мардумро гуфт, ки «ман худ дидам, ки ӯ аз осмон фурӯд омад». Дар натиҷа ҷамъе аз маҷус ба пайравии ӯ гирд омаданд. Ва ӯ бо маҷус дар аксари умур мухолифат кард, Зардуштро тасдиқ намуд ва бар аҳли қабилаи худ гуфт, ки «он чи Зардушт биёвардааст, ман тасдиқ мекунам. Ва ман будам, ки дар сир ба Зардушт ваҳӣ фиристодам». Ва бар уммати худ ҳафт намоз воҷиб гардонид. Яке дар ягонагии худо ва яке дар офариниши осмонҳо ва замин ва яке дар офаридани ҳайвону рӯзиҳои онҳо ва яке дигар дар марг ва яке ҳам дар рӯзи қиёмат ва як намоз ҳам роҷеъ ба аҳли биҳишту дӯзах ва чизҳое, ки барои эшон омода шуда, ва як намоз ҳам дар ситоиши аҳли ҷаннат. Ва китобе ба форсӣ барои уммати худ тартиб дод. Ва амрашон намуд, ки бар якзонуӣ ба сӯи чашмаи

facebook.com/Китобхона
хуршед намоз бихонанд. Ва дар ҳар чое, ки бошанд, таваққуҳ ба сӯи Офтоб кунанд. Ва мӯҳои худро раҳо намоянд ва дар мавкеи таом замзама кунанд. Ва чорпоёнро накушанд, магар он чиро пир шуда бошад, вале нӯшидани шаробу хӯрдани мурдор ва заношӯй бо модару хоҳару духтару бародарзодаро ҳалол донист. Ва дар маҳр ба чорсад дирҳам ихтисор кард. Пайравони худро амр кард, ки роҳҳоро таъмир кунанд ва пулҳоро ислоҳ намоянд. Ва ин вуқуҳот бояд, аз ҳафт яки амволу касби аъмол бошад. Ва чун Абӯмуслим ба Нишопур омад, мӯбадону ҳирбадон ба перомуни вай гирд омаданду гуфтанд: «Ин мард ислому дини моро табоҳ кард». Пас Абӯмуслим Абдулло бинни Шаъбаро барои гирифтани ӯ бифиристод. Ва ӯро дар кӯҳҳои Бодғис биёфтанд. Ва Абумуслим вайро бо ҳар кӣ аз пайравонаш ёфт, бикушт. Ва тобеони ӯ ба «беҳофаридия» маъруфанд. Ва он чи ӯ биёварда, муътақид ва бо замзамаҳои маҷус душмананд. Ва чунин гумон кардаанд, ки ходими Беҳофарид эшонро пешвой карда, ки дар ҳоле, ки Беҳофарид бар ёбуе савор буд, ба осмон сууд кард. Ва зуд бошад, ки ба сӯи асҳоби худ нузул кунад ва аз душманони худ интиқом кашад.

ПАЙДОИШИ ИБНИ МУҚАННАЪ ВА САРАНҶОМИ КОРИ Ӯ

Баъд аз ӯ Ҳошим бинни Ҳаким, ки маъруф ба Муқаннаъ[134] аст, дар қарияе, ки Коваканмардон ном дорад, зоҳир шуд. Ва чун чашми ӯ кӯр буд, ҳарири сабзеро бурқаъ бияндохт ва иддиои худой карду гуфт: «Барои он ба ҷисм даромадам, ки пеш аз он касе наметавонист ба ман бингарад». Ва аз наҳри Ҷайҳун бигузашт ва ба навоҳии Кашу Кашаф ворид шуд. Ва ба ҳоқон коғазе навишт ва ӯро ба кӯмак хост. Ва сафедҷомагону туркон ба даври ӯ гирд омаданд. Ва бар эшон молҳою умумияти заҳоро ҳалол гардонид. Ва ҳар кас, ки бо вай мухолифат мекард, бикушт. Ва он чиро, ки Маздак қонуни карда буд, ӯ ҳам имзо кард. Ва лашкариёни Маҳдиро шикаст доду чордаҳ сол истило дошт, то он ки дар соли яксаду шасту нӯҳи ҳичрӣ муҳосира шуд. Ва чун якин пайдо кард, ки кушта хоҳад шуд, хешро ба танӯр андохт, ки аз ҳам пароканда шавад, то он ки гуфта буд: «Ман замоне бе ҷасад бу-

facebook.com/Китобхона

дам»—рост ояд, валек ин нашуд, ки аз ҳам пароканда шавад. Ва ӯро дар танӯр биёфтанду сарашро буриданд ва ба назди Маҳдӣ фиристоданд. Ва дар он рӯзгор Маҳдӣ дар Ҳалаб буд. Ва Ибни Муқаннаъро пайравони бисьёрест, ки дар Мовароуннаҳр ҳастанд ва аз мардум хешро пинҳон медоранду дар зоҳир исломро ба худ бастаанд. Ва ман ин ахборро аз форсӣ ба арабӣ тарҷума кардаам. Ва дар китоби дигаре, ки дар ахбори сафедҷомагон ва қарматиён аст, ба тариқи махсус зикр кардаам.

ХУРӮҶИ МАЗДАК

Ва пас аз инҳо, ки гуфта шуд, марде хуруҷ кард, ки Маздак бинни Ҳамдодон ном дошт. Ва аз аҳли Наҳсо буду мӯбади мӯбадон, яъне қозиулқуззот. Ва дар айёми Қубод бинни Фирӯз зуҳур намуду мардумро ба дини духудой хонд. Ва бо Зардушт дар бисьёре аз фикрҳо мухолифат намуду ба иштирок дар молу зан қоил гашт. Ва ҷамъе зиёд ӯро пайравӣ карданд. Ва Қубод низ ба ӯ имон овард. Ва гурӯҳе аз эрониён бар ин ақидаанд, ки Қубод дар имон ба Маздак ночору музтар буд, зеро аз бисьёрии пайравони ӯ бар подшоҳии худ метарсид. Ва гурӯҳи дигар аз эшон бар ин ақидаанд, ки Маздак ҷузви доноён буд ва чун медонист, ки Қубод ба зани писари амуи худ алоқа дорад, ин буд, ки аз мавқеъ истифода кард. Ва Қубод ҳам фавран ин мазҳабро қабул намуд. Ва Қубодро амр кард, ки ҳайвонотро накушад, то ин ки ба марги худ бимиранд ва ба Қубод гуфт: «Агар ту висоли зани писари амуи худро мехоҳӣ, ин кор вобаста бо ин аст, ки маро ҳам аз модари Анушервон мутамакин созӣ». Ва Қубод ин шартро пазируфт ва модари Анушервонро дар таҳти ихтиёри Маздак гузошт.

Сипас дар Ямома марде пайдо шуд, ки Мусайлима ном дошт. Ва ин номаро ба пайғамбар навишт: «Ин нома ба Муҳаммад расули худо нигошта шуда, ки саломи худованд бар ту бод! Ва ман дар ҳукумату фармонравой ба ту шарик шудам. Ва нисфе аз замин аз ману ними дигари он аз ту, вале медонам, ки Қурайш бо ин қисмат ризоият намедиҳанду кавме мутааддӣ ҳастанд». Ва ин номаро ба тавассути ду расул назди пайғамбар фиристод. Пайғамбар ба он ду гуфт: «Шумо

facebook.com/Китобхона
чӣ мегуед?» Гуфтанд: «Он чи ки Мусайлима гуфта, мо низ мегӯем». Пайғамбар фармуд: «Агар расулро мекуштанд, гардани шуморо мезадам». Сипас, ин номаро дар посух навишт: «Аз Муҳаммад-расули худо ба Мусайлимаи козиб! Салом ба шахсе, ки ба роҳи рост фиристода шудааст. Ва пас аз он ин ки замин азони худост, худо ба кадоме аз бандагонаш хоҳад, заминро ба ӯ мебахшад. Ва оқибати ин бахшиш ба покӣ вобаста аст». Ва мегӯянд, ки чун тухми мурғи дар сирка гузоштаашударо дар шиша дохил мекард ва дар чои болҳои кандашудаи мурғҳо болҳои муносибе мегузошт. Ва дигар макрҳоро анҷом медод. Аҳли Ямома ба даври ӯ гирд омаданд ва Бани Ҳанифа бад-ӯ имон оварданд, то он ки Холид бинни Валид дар соле, ки Абӯбакри Сиддиқ ба хилофат нишаст, ӯро кушт. Мусайлимаро ба ашъоре баъзе аз Бани Ҳанифа марсия гуфтанд, ки яке ин аст:

(Андӯҳгинам бароят Абӯсумома, зеро чун Офтоби аз зери абрҳо тулӯъкунанда будӣ).

Ва Бани Ҳанифа пеш аз Мусайлима дар чоҳилият буте аз ҳайс[135] сохта буданд ва рӯзгори дарозе онро мепарастиданд. Сипас қаҳт дар офоқ афтод ва он бутро хӯрданд. Ва марде аз Бани Тамим ин шеърро гуфт: (Бани Ҳанифа аз фақирию гуруснагӣ худованди худро хӯрданд).

Ва дигаре сароид: (Бани Ҳанифа дар замони сахтию гуруснагӣ худояшонро хӯрданд. Аз оқибати баду масъулияти ӯ ҳазар накарданд).

ХУРӮЧИ ҲАЛЛОҶ

Сипас, марде мутасаввиф аз аҳли Форс ба ном Хусайн бинни Мансури Ҳаллоҷ[136] зуҳур кард. Ва дар огози кор мардумро ба Маҳдӣ даъват намуду гуфт, ки ӯ аз Толиқони Дайлам зуҳур хоҳад кард. Ва аз ин рӯ Ҳаллочро гирифтанд ва ба Мадинатуссалом (Бағдод) бурданд ва дар зиндонаш бияфканданд. Вале ҳиллае кардуу чун мурғе, ки аз қафас бигурезад, аз зиндон гурехт.

Ва ин шахс марде шаъбадабоз буд ва ба ҳар касе, ки рӯ ба рӯ мешуд, мувофиқи эътиқоди ӯ сухан меронд ва худро ба латоифи ҳиял бад-ӯ мечаспонид.

facebook.com/Китобхона

Сипас, пдиояш ин шуд, ки рӯҳулқудус дар ӯ ҳулул карда ва худро худо донист. Ва ба асҳобу пайравони хеш номаҳое, ки унвоншуда бар ин унвон буд, бинигошт: «Аз тарафи он ки вай азалии аввал фурӯғи дурахшони дурахшанда, асли асилу ҳуҷҷати тамоми ҳуҷҷатҳо ва худои арбобу офаринандаи саҳоб ва соҳиби нуру худои Тур аст, ки бар бандагони худ дар ҳар сурате намоён мешавад».

Ва пайравони ӯ номаҳоеро, ки ба ӯ менавиштанд, чунин сар мекарданд: «Худовандо, аз ҳар айбе поку тоза ҳастӣ, эй зоти ҳар зоту охири охирини лаззатҳо, ё азим, ё кабир, гувоҳӣ медиҳем, ки офаридгори қадиму мунир ҳастӣ! Ва дар ҳар замону овоне ба сурате ҷилва кардай! Ва дар замони мо ба сурати Ҳусайн бинни Мансур ҷилвагар шудай! Бандаи кучаки ту, ки нисёзманду мӯҳтоҷи туст ва ба ту паноҳ оварда ва ба сӯи ту бозгашту инобат намуда ва бахшоишатро умедвор аст, эй донандаи ғайбҳо!»

Ҳусайн бинни Мансур китобҳои зиёде дар даъвои худ тасниф кард. Монанди «Китоби нур-ул-асл», «Китоби ҷамми акбар» ва «Китоби ҷамми асғар».

Ва Муқтадир биллоҳ дар соли сесаду яки ҳичрӣ аз ӯ огоҳ шуд ва ҳазор тозиёнааш зад. Дасту пои ӯро буриду ба нафт ӯро оташ зад, то он ки лошаи ӯ бисӯхт ва хокистарашро ба Даҷла рехтанд. Ва ҳар азобе, ки бади-ин мард карданд, сухане нагуфт ва рӯи худро турш нанамуду лаб наҷунбонид.

Ва тоифае аз пайравони ӯ боқӣ монданд, ки бад-ӯ мансубанд ва мардумро ба Маҳдӣ мехонанду мегӯянд, ки аз Толақон зуҳур хоҳад кард. Ва ин Маҳдӣ ҳамин аст, ки дар «Китоби Малоҳим» зикр шуда, ки заминро пур аз адлу дод хоҳад кард, чунон ки пур аз ҷавру зулм шуда буд. Ва дар баъзе аз ин ахбори «Малоҳим» гуфта шуда, ки Маҳдӣ Муҳаммад бинни Алӣ аст. Ҳатто ин ки Мухтор бинни Абӯубайди Сақафӣ [137] чун мардумро ба Муҳаммад бинни Ҳанифа даъват кард, ба ин хабар гувоҳӣ намуду гуфт, ки «Маҳдии мазкур ӯст». Ва то замони мо баъзе аз мардум мунтазири ӯ ҳастанд ва мегӯянд, ки «зинда асту дар кӯҳи Разво». Чунон ки Бани Умайя хурӯҷи суфьёниро[138], ки дар «Малоҳим» зикр шуда, мунтазиранд. Ва ҳам чунин дар он ахбор гуфта шудааст, ки Даҷҷоли гумроҳ кунанда аз Исфаҳон меояд. Вале асҳоби нуҷум гуфта-

facebook.com/Китобхона
анд, ки аз ҷазираи Ратоил меояд. Пас аз гузаштани чорсаду шасту шаш сол аз солҳои яздигурдӣ берун хоҳад омад. Ва дар «Инҷил» аломате, ки мардумро аз хурӯҷи ӯ меогоҳонад, зикр шудааст. Ва дар китобхон насрониҳо Даҷҷолро ба юнонӣ «Антихриус» гӯянд. Чунон ки Мор Созурс, усқуфи Масиса дар тафсири «Инҷил» зикр кардааст. Ва асҳоби сират ривоят намудаанд, ки чун Умар бинни Хаттоб вориди Шом шуд, яҳудони Димишқ ӯро мулоқот карданд. Ва гуфтанд, ки «салом бар ту, эй Форуқ, туӣ, ки рафиқу мусоҳиби Ильёӣ ҳастӣ! Ба худо савганд ёд мекунем, ки нахоҳӣ баргашт, то он ки Шомро бикушоӣ!». Ва дар ин ҳангом Умар аз эшон пурсид, ки «Даҷҷол кист?» Гуфтанд, ки «ӯ аз қабилаи Биньёмин аст. Ва шумо арабҳо ба худованд қасам, ки чанд оршин ба дарвозаи Луд монда, ӯро хоҳед кушт».

Ва дар оғози моҳи рамазони соли сесаду нуздаҳ Ибни Абӯзакариёи Тамомӣ зуҳур кард ва ӯ ғуломе фочиру фосиқ буд ва мардумро ба парастиши худ даъват мекард. Гурӯҳе низ ӯро пайравӣ карданд. Ва чунин суннат гузошт, ки шиками мурдагонро бишикофанду пур аз шароб кунанд. Ва ҳар кас, ки оташро бо дасти худ хомӯш кунад, дасти ӯро бибуранд. Ва ҳар, кӣ бо дамидан оташро хомӯш намояд, забонашро бибуранд. Гуфт: «Бо кӯдакон фиск равост, ба шарти он ки ифрот дар илоҷ накунанд. Ва ҳар касе, ки идхоли комил кунад, сазояш ин аст, ки чил оршин ӯро ба рӯи хок кашанд. Ва агар тифле аз ин кор ибо карду сари таслим фурӯ наёварад, бояд ӯро дар дукони қассобӣ курбонӣ кард». Ва ба пайравони худ амр намуд, ки оташ бипарастанд ва оташро гиромӣ доранд. Пайғамбарони гузаштаро лаънат намуд, бар ин сабаб, ки эшонро мардуме ҳилласозу гумроҳ медонист. Суннатҳои дигаре овард, ки ман дар «Китоби мубайиза ва қаромита» ба таври комил шарҳ додаам. Ва ӯ бо асҳоби худ ҳаштод рӯз ҳукм карданд, то он ки худованд яке аз пайравони зоҳирии ин шахсро бар ӯ мусаллат намуд ва ӯро кушт. Ва домеро, ки ин гурӯҳ густурда буданд, ба дасти ин мард барчида шуд.

Агар ин вақт, ки зикр шуд, ҳамон бошад, ки Ҷомосбу Зардушт қасд карда буданд, албатта дар таъини ин вақт ҳақ будаанд, зеро ин амалиёт дар охири соли хазору дусаду чилу дуи искандарӣ будааст. Ва хазору панҷсад сол дар ин вақт аз таърихи Зардушт мегузашт,

facebook.com/Китобхона
вале дар ин ҳеҷ шаккӣ нест, ки тасаввур карда буданд, салтанат боз ба мачус баргардад. Ва чунон ки Абӯабдуллоҳи Адӣ, ки бисьёр таассуби мачусият дорад ва замони зиёде хурӯчи қоими онро мунтазир буд, китобе дар адвору қиронот тасниф карда ва дар охири дафтар чунин гуфта, ки хаждаҳумин қирон аз мавлуди Муҳаммад алайҳисалом бо даҳ ҳазор мувофиқ аст, ки ба Муштарӣ ва Қавс тааллуқ дорад. Ва аз ин рӯ ҳукм намуд, ки инсоне хурӯҷ хоҳад кард, ки давлати мачусиятро бозгашт диҳад ва ба ҳама рӯи замин ғолибу соҳиб хоҳад шуд. Ва малики арабу дигар умматҳоро аз миён хоҳад бурд. Ва мардумро ба як дину як маслак чамъоварӣ хоҳад намуд. Ва шарро аз рӯи замин бархоҳад дошт ва ба андозаи ҳафтуним қирон салтанат хоҳад кард. Ва баён намуд, ки аз аъроб, пас аз он ки дар қирони ҳафдаҳум чилус мекунанд, касе дигар нахоҳад салтанат кард. Ва дар вақте ки ӯ таъин намуда, чуз замони Муктафӣ [139] ва Муқтадирро [140] иқтизо намекунад ва ба ваъдаи худ пас аз ин ду тан, наметавонист, вафо кунад. Ва гуфтаанд, ки давлати Сосония дар қиронҳои оташ буда ва давлати Дайлам барои Алӣ бинни Бувайҳ, ки мулаққаби Имодуддавла аст, дар қиронҳои норӣ иттифоқ афтод. Ва ин вақте аст, ки умедвор буданд, салтанат ба порсиён баргардад ва агар чи дину сирати эшон чун порсиёни қадим набошад.

Намедонем, чаро давлати Дайламро баргузиданд, бо он ки далолати ғолиб омадани «мусалласаи оташӣ» бар давлати Бани Аббос, ки давлати Хуросонӣ ва Шарқӣ аст, зоҳиртар аст. Ва ба илова чи Бани Аббос ва чи оли Бувайҳ аз таҷдиди давлати эрониён ва аз бунёд нудани дини эшон хеле дур буданд.

Пеш аз ин ки ин ғулом зуҳур кунад, қаромита низ порае аз мазоҳиби ботинияро мӯътақид шуда буданд. Ва худро ба аҳли шиаи хонаводаи алайҳиссалом мансуб медоштанд. Ва хурӯҷи мунтазир дар қирони ҳафтум, ки дар «мусалласаи норӣ» бошад, ба якдигар ваъда медоданд. Ҳатто ин ки Абӯтоҳир Сулаймони Ҳасан дар ин маънӣ чунин гуфтааст: («Аз ҳичрат баргаштани маро аз шумо пинҳон доштанд. Аммо дертар дар ин бора ба шумо ин хабар хоҳад расид. Агар Миррих аз замини Бобул тулӯъ кунад, ӯро Зуҳалу. Муштарӣ аз ҳамдигар фарқ мекунонад. Аз ин алҳазар, алҳазар! Оё ман ҳамон нестам, ки дар ҳаман китобҳо навиштаанд. Оё

facebook.com/Китобхона
ман ҳамон шахси дар сураи «аз-зумар» тавсифшуда нестам. Малик хоҳам шуд аҳли арзу ҳам шарқу ғарбро, то Қайравону Руму Турку Хазарро, бино месозам, то баргаштани Исо бинни Марьям. Ва ӯ ҳамд мегӯяд ба осораму розӣ мешавад аз корам. Пас бешак дар ҷаннатул-фирдавс мешавад манзилам. Ба ғайри ман (дигар пайғамбарон) месӯзанд дар оташи дӯзаху дар ҷаҳаннам»).

Ва пас аз ин муддат, ки гуфта шуд, амри каромита бисьёр қувват ёфт ва Абӯтоҳир Сулаймон бинни Абӯсаиди Ҳасан бинни Баҳром бинни Ҷавонӣ ҳаракат карда, дар соли сесаду ҳашти ҳичрӣ ба Макка расид. Ва мардумро ба қатли фоҷиаангезе дар Макка куштор намуд ва лошаи ононро дар чоҳи Замзам рехт. Ва пероҳани Каъба ва зарҳоеро, ки дар он ҷо ҷамъ шуда буд, ба яғмо бурд. Ва новадони Каъба ва ҳаҷаруласвадро канду пас аз он дар масҷиди Куфа ин сангро овезон кард ва ба шаҳри худ баргашт. Ва ҷомро миёни асҳоби худ қисмат карда гуфт: «Кош ҳар рӯзе барои мо Наврӯз бувад!».

ФАСЛ

ДАР БОРАИ ИДУ ҶАШНҲОЕ, КИ ДАР МОҲҲОИ ПОРСИӢН АСТ

Ва чанде аз ҳашвия[141] мегӯянд, ки чун Сулаймон бинни Довуд ангуштарии хешро гум кард, салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Вале пас аз чил рӯз бори дигар ангуштарии худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ бар ӯ баргашт ва мурғон бар даври ӯ гирд омаданд. Эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!» Яъне рӯзе тоза биёмад. Ва Сулаймон бодро амр кард, ки ӯро бардорад. Ва парастуе дар пеши рӯи ӯ пайдо шуд, ки мегуфт: «Эй подшоҳ, маро ошьёнаест, ки чанд тухм дар он аст, аз онсӯтар рав, ки ошьёни маро дарҳам нашиканӣ». Пас Сулаймон роҳи худро каҷ кард. Ва чун аз тахти худ, ки бар бод ҳаракат мекард, фуруд омад, парасту бо минқори хеш қадре об оварду ба рӯи Сулаймон пошид ва як рони малахро низ ҳадья овард. Ва аз ин ҷост, ки мардум дар Наврӯз ба якдигар об мепошанд ва пешкашиҳо ба назди ҳам мефиристанд. Ва уламои Эрон мегӯянд, ки дар ин рӯз соате аст, ки фариштаи Фирӯз

facebook.com/Китобхона

арвоҳро барои иншои халқ меронад ва фархундатарин соатҳои он соатҳои Офтоб[142] аст. Ва дар субҳи Наврӯз фаҷру сапеда ба мунтаҳои наздикии худ ба замин мерасад ва мардум ба назар кардан бар он табаррук меҷӯянд.Ва ин рӯз «рӯзи Мухторӣ» аст, зеро ки номи ин рӯз Ҳурмузд аст, ки исми худованди таолост, ки офаридгор ва сонеу парварандаи дунъё ва аҳли он аст. Ва ӯ касест, ки восифон тавоно нестанд, ки ҷузъе неъматҳои ӯро тавсиф кунанд.

Саид ибни Файз мегӯяд: «Кӯхи Думо, ки дар Форс аст, ҳар шаби Наврӯз бар он барқҳое медурахшад, хоҳ ҳаво соф бошад ва ё абр. Ва шигифттар аз ин «оташи Қалвозо» [143] аст. Ҳар чанд дил бад-ин суханон то ҳангоме ки мушоҳида накунад, боварӣ намекунад. Ва Абулфараҷи Занҷонии Ҳосиб [144] барои ман ҳикоят кард, ки ин оташро ман дидаам. Ва дар соле, ки Азудуддавла ба Бағдод омад, мо ба қасди Қалвозо берун шудем. Ва он оташест ва шамъҳое, ки аз бисьёрӣ ба шумор дарнамеояд ва дар самти ғарбии Даҷла, ки рӯ ба рӯи Қалвозо аст, дар шаби Наврӯз дида мешавад. Ва Азудуддавла нигаҳбони худро дар он ҷо гузошт, ки аз ҳақиқати амр ҷустуҷӯ кунанд. Мабодо, ки ин кор аз найрангҳои маҷус бошад. Ва нигаҳбонони шоҳ иттилое наёфанд ва ҳар андоза, ки ба оташ наздик мешуданд, оташ ба онон дуртар мешуд ва ҳар чӣ дуртар мешуданд, оташ наздиктар мешуд.

Чун Абулфараҷ аз нақли ин қисса фориғ шуд, ман ба ӯ гуфтам, ки Наврӯз аз вазъу ҳолати нахустини худ зоил шуда, зеро эрониён кабисаи солҳоро эҳмол карданд. Пас чаро ин оташ аз мавқеи худ таъхир намеёбад, ки дар шаби Наврӯзи ҳақиқӣ иттифоқ афтад. Ва агар лозим набошад, ки таъхир ёбад, оё он вақт ки эрониён солҳои худро кабиса менамуданд, ин оташ аз вақти феълии худ пешӣ мегирифтааст?

Абулфараҷро дар муқобили ин пурсиш посухе набуд, ки маро қонеъ кунад.

Баъзе аз уламои Эрон мегӯянд: «Сабаби ни ки ин рӯзро Наврӯз меноманд, ин аст, ки дар айёми Таҳмурас, собиа ошкор шуданд. Ва чун Чамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд.

facebook.com/Китобхона
Ва боз ид будани Наврӯзро чунин гуфтаанд, ки чун Ҷамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рӯз бар он савор шуд ва чину шаётин онро бардоштанд. Ва ба як рӯз аз кӯҳи Дамованд ба Бобул омад. Ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд.

Ва дастаи дигар аз эрониён мегӯянд, ки Ҷамшед зиёд дар шаҳрҳо гардиш менамуд ва чун хост ба Озарбойҷон дохил шавад, бар сарире аз зар нишаст ва мардум ба дӯши худ он тахтро мебурданд. Ва чун партави Офтоб бар он тахт битобид ва мардум онро диданд, ин рӯзро ид гирифтанд.

Ва дар ин рӯз расм аст, ки мардумон барои якдигар ҳадья мефиристанд. Ва сабаби он чунон ки Озарбод, мӯбади Бағдод, ҳикоят карда, ин аст, ки найшакар дар кишвари Эрон рӯзи Наврӯз ёфт шуд. Ва пеш аз ин касе онро намешинохт ва намедонист, ки чист. Ва худи Ҷамшед рӯзе наеро дид, ки каме аз обҳои даруни он ба берун таровиш карда буд. Ва чун Ҷамшед дид, ки он ширин аст, амр кард, ки оби ин найро берун ованд ва аз он шакар созанд. Ва он гоҳ дар рӯзи панҷум шакар ба даст омад ва аз рохи табаррук ба он мардум барои якдигар шакар ҳадья фиристоданд. Ва дар Мехргон низ ин корро ба ҳамин мизон такрор карданд. Ва бад-ин ҷиҳат барои оғози сол инқилоби тобистониро интихоб карданд, ки инқилобайнро аз эътидолайн бехтар мешавад ба ёрии олату чашм иттилоъ ёфт, зеро инқилобайн аввали иқболи Хуршед аст ба яке аз ду кубби кул. Ва ҳамчунин аввали идбори Офтоб аст аз яке аз ду қутби кулл. Ва чун сояи барпошударо дар инқилоби тобистонӣ ва сояи оддиро дар инқилоби зимистонӣ дар ҳар мавзее аз замин расад кунанд, рӯзи инқилоб бар расад пӯшида нахоҳад монд ва агарчи хеле аз илми ҳайату ҳандаса дур бошад.

Аммо эътидолайнро намешавад шинохт, магар пас аз ин ки инсон дар оғози кор арзи баладу майли куллиро бидонад. Пас инқилобайн ба сабабе, ки гуфтем аз эътидолайн барои ибтидои сол бехтар аст. Ва чун инқилоби тобистонӣ ба самтурраъси мардуми шимолӣ наздиктар аст. Аз ин рӯ эрониён онро баргузинданду аз инқилоби зимистонӣ чашм пӯшиданд.

Ва низ ҳангоми инқилоби тобистонӣ ғалла ба даст

facebook.com/Китобхона

меояд, пас барои ин ки хироҷ аз раият бигиранд, аз инқилоби зимистонӣ бехтар аст.

Бисьёре аз уламо ва хукамои юнонӣ ҳангоми тӯлӯъ Қалбулқабборро толеи сол гирифтанд ва солро оғоз ба он намуданд ва ба эътидоли баҳорӣ тавоққуҳе накарданд, зеро дар замонҳои гузашта тулӯи ин ситора мувофиқ бо он инқилоб ва ё наздик ба он будааст ва иди Наврӯз аз ҷойгоҳи аслии худ зоил шудааст. Ва дар замони мо бо дохил шудани Офтоб дар бурҷи Барра мувофиқ гашта, ки оғози баҳор бошад. Ва расми мулуки Хуросон ин аст, ки дар ин мавсим ба сипоҳиёни худ либоси баҳорӣ ва тобистонӣ медиҳанд.

Ва дар рӯзи шашуми ин моҳ Наврӯзи бузург аст, ки назди эрониён иди бузургест. Ва гӯянд, ки худованд дар ин рӯз аз офариниши ҷаҳон осуда шуд, зеро ин рӯз охири рӯзҳои шашгона аст. Ва дар ин рӯз худованд Муштариро биёфарид ва фархундатарин соатҳои он рӯз соатҳои Муштарӣ аст. Зардуштиён мегӯянд, ки дар ин рӯз Зардушт тавфиқ ёфт, ки бо худованд муноҷот кунад. Ва Қайхусрав бар ҳаво дар ин рӯз уруҷ кард. Ва дар ин рӯз барои сокинони кураи замин саодатро қисмат мекунанд. Ва аз ин ҷост, ки эрониён ин рӯзрор «рӯзи умед» ном ниҳоданд. Ва асҳоби найрангҳо гуфтаанд: «Ҳар кас дар бомдоди ин рӯз пеш аз он, ки сухан гӯяд, шакар бичашад ва бо равғани зайтун тани худро чарб кунад, дар ҳама сол аз анвои балоҳо солим хоҳад монд». Ва эрониён мегӯянд, ки дар бомдоди ин рӯз бар кӯҳи Пӯшанг шахсе сокиту хомӯш дида мешавад, ки як даста гиёҳе (марв) дар даст дорад ва ба андозаи як соат пайдост, сипас аз чашм пинҳон мешавад ва то соли дигари ин вақт ошкор намегардад.

Зодуя дар китоби худ гуфтааст, ки сабаб ин аст, ки Офтоб аз ноҳияи ҷанубӣ — шимолӣ тулӯъ мекунад. Ва баёни матлаб он аст, ки Иблиси лаин баракатро аз мардум зоил карда буд, ба қисме, ки ҳар андоза хӯрданию ошомиданӣ тановул мекарданд, аз таому шароб сер намешуданд. Ва низ бодро намегузошт, бивазад, ки то сабаби рӯидани дарахтон шавад. Ва наздик шуд, ки дуньё нобуд гардад. Пас Ҷам бо амри худованд ва роҳнамони ӯ ба қасди манзили Иблису пайравони ӯ ба сӯи ҷануб шуд ва дер гоҳе дар он ҷо бимонд, то ин ки ин расвоиро бартараф намуд. Он-

facebook.com/Китобхона
гоҳ мардум аз нав ба ҳолати эътидол ва баракату фаровонӣ расиданд ва аз бало раҳоӣ ёфтанд. Ва Ҷам дар ин ҳангом ба дуньё бозгашт ва дар чунин рӯзе монанди Офтоб толеъ шуд ва нур аз ӯ метофт. Ва мардум аз тулӯи ду Офтоб дар як рӯз шигифт намуданд. Ва дар ин рӯз ҳар чӯбе, ки хушк шуда буд, сабз шуд. Ва мардум гуфтанд: «Рӯзи нав!» Яъне рӯзе навин. Ва ҳар шахсе аз роҳи табаррук ба ин рӯз дар таште ҷав кошт. Сипас, ин расм дар эрониён пойдор монд, ки рӯзи Наврӯз дар канори хона ҳафт хел аз ғалла бар ҳафт табақ бикоранд. Ва аз рӯидани ин ғалла ба хубию бадии зироат ва ҳосили солиёна пешгӯӣ кунанд.

Дар ин рӯз буд, ки Ҷамшед ба ашхосе, ки ҳозир буданд, амр намуд ва ба онон, ки ғоиб буданд, навишт, ки гӯристонҳои кӯҳнаро хароб кунанд ва гӯристони тозае насозанд. Ин кор дар эрониён боқӣ монд ва худованд онро писандиду подоше, ки эзиди таоло Ҷамшедро барои ин кор дод, ин буд, ки раиятҳои ӯро аз пирию беморӣ ва ҳасаду фано ва ғаму мусибат дигар ҳифз намуд, Ва ҳеҷ ҷонваре дар муддати подшоҳии Ҷам намурд, то он ки хоҳарзодаи ӯ пайдо шуду Ҷамро бикушт ва ба кишвари ӯ чира гашт.

Ва чун дар аҳди подшоҳии Ҷам ҳеҷ ҷонваре намурд ва ба тавре рӯ ба фузунӣ гузоштанд, ки фаррохиои замин бо ҳама паҳноие, ки дошт, мубаддал ба тангно шуд. Худованд он вақт заминро се баробар кард ва эшонро амр намуд, ки бо об ғусл намоянд, то аз ҳар гуноҳе пок шаванд. Ва дар ҳар сол барои ин ки офтро аз эшон дур кунад, ин корро такрор намоянд.

Ва низ гуфтаанд: «Сабаби ин ки эрониён дар ин рӯз ғусл мекунанд, ин аст, ки ин рӯз ба Ҳарузо, ки фариштаи об аст, тааллуқ дорад. Ва обро бо ин фариштаи муносибате аст. Ва аз ин ҷост, ки мардум дар ин рӯз ҳангоми сапедадам аз хоб бармехезанд ва бо оби корезу ҳавз худро мешӯянд. Ва гоҳе низ оби чорӣ бар худ аз роҳи табаррук ва дафъи офат мерезанд».

Ва дар ин рӯз мардум ба якдигар об мепошанд. Ва сабаби ин кор ҳамон сабаби ғусл асл. Баъзе гуфтаанд, ки иллат ин аст, ки дар кишвари Эрон дер гоҳе борон наборид, ногаҳон ба Эрон сахт биборид ва мардум бо ин борон табаррук ҷустанд ва аз ин об ба якдигар пошиданд. Ва ин кор ҳамин тавр дар Эрон расм шуд.

facebook.com/Китобхона
Ва низ гуфтаанд, сабаби ин ки эрониён дар ин рӯз об ба ҳам мепошанд, ин аст, ки чун дар зимистон тани инсонӣ ба касофати оташ аз қабили дуду хокистар олуда мешавад ва ин обро барои тоза кардан аз он касофат баҳам мерезанд. Ва дигар ин ки ҳаворо латифу тоза мекунанд ва намегузоранд, ки дар ҳаво тавлиди вабо ва бемориҳо бишавад.

Ва дар ин рӯз буд, ки Ҷам миқдорҳои ашьёро истихроҷ кард ва подшоҳон пас аз ӯ ин рӯзро маймун ва фархунда доштанд. Ва ҳар чи коғазу пӯст, ки мактуб мешуд ва бояд ба атроф фиристод, дар ин рӯз фарохам меоварданд. Ва ҳар коғазу номаро, ки бояд дар охири он мӯҳр зад, ин корро дар ин рӯз анҷом медоданд. Ва ин рӯзро ба порсӣ «аспидонавишт» мегуфтанд. Ва чун Ҷам даргузашт, подшоҳон ҳама рӯзҳои ин моҳро ид гирифтанд ва ин идҳоро шаш бахш намуданд, панҷ рӯзи нахустро ба подшоҳон ихтисос доданд ва панҷаи дуюмро ба ашроф ва панҷаи сеюмро ба ходимону коркунони подшоҳон ва чорумро барои надимону дарбориён ва панҷаи панҷумро барои тӯдаи мардум ва панҷаи шашуминро барои барзгарон.

Гӯянд, касе, ки ду Наврӯзро ба ҳам муттасил намуд, Ҳурмуз писари Шопури паҳлавон аст, ки ӯ ҳам айёмеро, ки миёни ин ду ид буд, ид гирифт. Ва оташро барои табаррук ба он ба ҷойҳои баланд қарор дод, ки ҷавро ҳарорати он пазонад ва ашьёи касифаро бисӯзонад. Ва мояи фасодоварро ин ҳарорат нобуд намояд.

Ва оини Сосониён дар ин айём чунин буд, ки подшоҳ ба рӯзи Наврӯз шурӯъ мекард ва мардумро эълон менамуд, ки барои эшон ба тахт омадааст, ки ба эшон некӣ кунад. Ва рӯзи дуюмро барои дехқонон, ки қадре мақомашон болотар аз тӯда бувад, бо тантана қайд мекард. Ва хонаводаҳо низ дар ин қисмат дохил буданд. Ва рӯзи сеюмро барои сипоҳиён ва бузургону мӯбадон бо тантана қайд мекард. Ва рӯзи чорумро барои аҳли байт ва наздикону хосони худ ҷудо мекард. Ва рӯзи панҷум барои хонавода ва ходимони худ ва ҳар кадомро он чи мустаҳаққи рутба ва икром буданд, ҷудо мекард. Ва он чи муставҷибу сазовори эҳсону инъом буданд, мерасонд. Ва чун рӯзи шашум мешуд, аз қазои ҳукуқи мардумон фориғу осуда шуда буд ва барои худ Наврӯз мегирифт. Ва ҷуз аҳли унсу ашхосе, ки сазовори хилватанд, каси дигарро намепазируфт. Ва

facebook.com/Китобхона
дар ин рӯзи шариф ин рӯзҳои гузашта барои эшон ҳадья оварда буданд, амр ба ҳозир намуданашон мекард ва он чи мехост, ҷудо мекарду мебахшид. Ва ҳар чи, ки қобили хизона ва захира буд, нигаҳ медошт.

Дар рӯзи ҳафдаҳум Сурушрӯз аст. Ва Суруш нахустин касест, ки мардумро ба «замзама» амр кард. Ва «замзама» он аст, ки шахс оҳиста овозҳое бихонад, бидуни он ки дониста шавад, чӣ мехонад ва бад-ин ҷиҳат замзама мекарданд, ки дар ҳангоми намозу ситоиши худованду тақдиси он таом тановул мекарданд. Ва дигар эшонро мумкин намешуд, ки васати намоз такаллум кунанд, ин буд, ки «ҳим-ҳим» мекарданд ва ишора менамуданду сухан намегуфтанд. Ва ин матлабро Озархурӣ муҳандис ба ман хабар дод, вале ғайр аз ӯ ашхосе дигар мегӯянд: «Сабаби замзама он аст, ки бухори даҳон ба таом нарасад». Ва ин рӯз рӯзи фархунда аст, ки дар хар моҳ аст. Зеро Суруш номи он фариштаест, ки шабро нигаҳбонӣ мекунад. Ва баъзе гуфтанд: «Ӯ Ҷабраил аст». Ва Суруш аз тамоми фариштагон бо ҷину соҳирон душмантар аст. Ва ҳангоме ки мардум дар шаб хобанд, се мартаба ин фариштa рӯ меоварад ва ҷинро банду баст мекунад ва соҳиронро азоб медиҳад. Ва шаб барои тулӯъ ва пайдоиши ӯ равшан мешавад ва ҳаво хунуку сард мешавад ва обҳо гуворо мегардад. Ва хурӯсон барои тулӯи ӯ бонг бармеоваранд ва шаҳвати никоҳ дар ҳайвон пайдо мешавад. Ва яке аз ин се мартаба тулӯи субҳ аст, ки наботот дар он нашъунамо мекунанду шукуфа мешукуфад. Ва мурғ ба овоз меояд ва шахси бемор рӯхи тоза меёбад. Ва шахси аламзадаву ғамгин дафъи ғам мекунад. Ва мусофир ба маъман мерасад. Ва замон хушку хуррам мешавад ва рӯъё рост меояд ва фариштагону ҷин фарах мекунанд. Рӯзи нуздаҳум Фарвардинмоҳ аст, ки онро барои иттифоқи хар ду ном «Фарвардагон» гӯянд, бад-ин ҷиҳат ки номи он ва номи моҳе, ки дар он аст, якест. Ва дар хар моҳ он чи ҷории маҷрои ин бошад, мисли он аст.

Урдибиҳиштмоҳ, рӯзи сеюми он рӯзи урдибиҳишт аст. Ва он идест, ки «Урдибиҳиштгон» ном дорад, барои он ки хар ду ном бо ҳам муттафиқ шудаанд. Ва маънои ин ном он аст: «Ростӣ бехтар аст». Ва баъзе гуфтаанд, ки охири хайр аст. Ва Урдибиҳишт малаки оташу нур аст ва ин ду бо ӯ муносибат доранд. Ва

facebook.com/Китобхона
худованд ӯро ба ин кор муваккил карда, ки низ илалу амрозро ба ёрии адвияю ағзия нест кунад. Ва сидқро аз кизб зоҳир кунаду ҳақро аз ботил ба савгандҳое, ки гуфтаанд, дар «Авесто» дида мешавад, тамиз диҳад.

Рӯзи бисту шашуми ин моҳ оштозрӯз аст, ки аввали гаҳанбори сеюм бошад ва он се рӯз аст, ки охири он охири моҳ аст. Ва худованд заминро дар ин вақт биофарид. Ва номи гаҳанбор фишҳимгоҳ аст ва гаҳанборот шаш адад ҳастанд, ки ҳар як аз онҳо панҷ рӯз аст ва вазъгӯи он Зардушт аст.

Хурдодмоҳ, рӯзи шашуми он рӯзи хурдод аст. Ва он идест, ки ба воситаи иттифоқи ду ном Хурдодгон ном дорад. Ва маънои ин ном суботи халқ аст. Ва Хурдод малакест, ки ба тарбияти халқ ва дарахтону наботот нест кардани палидӣ аз обҳо муваккил аст.

Рӯзи бисту шашуми он аштодрӯз аст, ки аввали гаҳанбори чорӯм аст ва охири он охири моҳ аст. Ва худованд дарахтону набототро дар он рӯз биофарид ва номи он Аёсирамгоҳ аст.

Тирамоҳ, рӯзи шашуми он хурдод аст. Ва идест, ки «Ҷашни Нилуфар» ном дорад. Ва ин иди навпайдо аст.

Рӯзи сездаҳуми он рӯзи тир аст ва идест, ки «Тиргон» ном дорад, барои иттифоқи ду ном. Ва барои ин ид ду сабаб аст: Яке он аст, ки Афросиёб чун ба кишвари Эрон ғалаба карду Манучеҳрро дар Табаристон дар муҳосира гирифт. Манучеҳр аз Афросиёб хоҳиш кард, ки аз кишвари Эрон ба андозаи партоби як тир дар худ ба ӯ бидиҳад. Ва яке аз фаришатгон, ки номи ӯ Исфандормуз буд, ҳозир шуд ва Манучеҳрро амр кард, ки тиру камон бигирад ба андозае, ки ба созандаи он нишон дод, чунон ки дар китоби «Авесто» зикр шуда ва Орашро, ки марде бадиёнат буд, ҳозир карданду гуфт, ки «ту бояд, ин тиру камонро бигирӣ ва партоб кунӣ». Ва Ораш барпо хосту бараҳна шуд ва гуфт: «Эй подшоҳ ва эй мардум, бадани маро бубинед, ки аз ҳар захмеву ҷароҳатею иллате солим аст. Ва ман якин дорам, ки чун бо ин камон ин тиро бияндозам, пора-пора хоҳам шуд ва худро талаф хоҳам намуд, вале ман худро фидои шумо кардам». Сипас бараҳна шуд ва ба қуввату нерӯе, ки худованд ба ӯ дода буд, камонро то баногӯши худ кашид ва худ пора-пора шуд. Ва худованд бодро амр кард, ки тири ӯро аз кӯҳи Рӯён бардорад ва ба ақсои Хуросон, ки миёни Фарғона ва Та-

facebook.com/Китобхона
баристон аст, партоб кунад. Ва ин тир дар мавқеи фурӯд омадан ба дарахти гирдуи баланде гирифт, ки дар ҷаҳон аз бузургӣ монанд надошт. Ва баъзе гуфтаанд: «Аз маҳали партоби тир то он ҷо, ки афтод, ҳазор фарсах буд». Ва Манучеҳру Афросиёб ба ҳамин миқдор замин бо ҳам сулҳ карданд. Ва ин қазия дар чунин рӯзе буд ва мардум онро ид гирифтанд.

Манучеҳру эрониёнро дар ин ҳисор кор сахту душвор шуда буд, ба қисме, ки дигар ба орд кардани гандуму пухтани нон намерасиданд, зеро тӯл мекашид. Ва гандуму меваҳои ғӯрраро, ки ҳанӯз нарасида буд, мепухтанд. Ва бад-ин ҷиҳат пухтани меваю гандум дар ин рӯз расм шудааст. Ва баъзе гуфтаанд, ки рӯзи партоб кардани тир ин рӯз буда, ки рӯзи тир мебошад, ки тиргони кӯчак аст. Ва рӯзи чордаҳуми он, ки шаш рӯз аст, ки тиргони бузургтар бошад. Ва дар ин рӯз хабар оварданд, ки тир ба кучо афтодааст. Ва дар ин рӯз мардум олоти табҳу танурҳоро мешикананд, зеро дар ин рӯз буд, ки онҳо аз Афросёб раҳоӣ ёфтанд. Ва ҳар як ба кори худ машғул шуданд.

Ва сабаби дуюм он аст «даҳуфазия», ки маънои он ҳифзи дуньё ва нигҳабонии он аст ва фармонравой дар он ва деҳқанат, ки маънои он иморати дуньё ва зироату қисмати он аст бо ҳам тавъаманд, ки имрони дуньёву қивоми олам бад-онҳост ва фасоди олам бад-онҳо ислоҳ мепазирад. Ва китобат дар пайравии он ва наздик бо ин ду мебошад. Аммо «даҳуфазия» аз Ҳушанг содир шуда ва деҳқанатро бародари ӯ Вигард расм намуда аст. Ва номи ин рӯз Тир аст, ки Уторид бошад, ки ситораи нависандагон аст. Ва дар ин рӯз буд, ки Хушанг номи бародари худро бузург гардонид ва деҳқанатро ба ӯ дод. Ва деҳқанату китобат як чиз аст. Ва ин рӯзро аз роҳи ҷалолияту иъзом ид гардониданд. Ва дар ин рӯз Ҳушанг мардуми дуньёро амр кард, ки либоси когибӣ бипӯшанд. Ва деҳқононро низ бар ҳамин кор амр кард. Ва аз ин рӯз мулуку деҳқонону мӯбадон ва ғайри эшон ин либосро пӯшиданд. Ва то рӯзгори Гуштосп аз роҳи ҷалолияти китобат ва афзалияти деҳқонон ин расм боқӣ бувад. Ва дар ин рӯз эрониён ғусл мекунанд. Ва сабаби он ин аст, ки чун Кайхусрав аз ҷанги бо Афросиёб баргашт, дар ин рӯз аз нохияи Сова гузашт ва ба кӯхе, ки ба Сова мушарраф аст, боло рафт. Ва танҳо худи ӯ бидуни хеҷ

facebook.com/Китобхона
як аз лашкариён ба чашмаг ворид шуд ва фариштаро дид ва ҳамоно мадҳуш шуд. Вале ин кор бо расидани Бежан писари Гавдарз рӯ ба рӯ шуд ва қадре аз оби чашма ба рӯи Қайхусрав рехт. Вайро ба санге такья дод ва гуфт: «Эй подшоҳ, маяндеш». Ва қарияи Лаинро дар он ҷо сохта, номи онро «Маяндеш» гузориданд ва кам-кам таҳриф ёфту «Андеш» шуд. Ва расми ғусл кардану шустушӯй ба ин об ва дигар обҳои чашмаҳо боқӣ ва пойдор монд аз роҳи табаррук. Ва аҳли Омул дар ин рӯз ба дарьёи Хазар мераванд ва тамоми рӯз оббозӣ мекунанд.

Мурдодмоҳ, рӯзи ҳафтуми он рӯзи мурдод аст. Ва он рӯзро ид мегиранд ва ба воситаи тавофиқи ду ном «Мурдодгон» гӯянд. Маънои мурдод он аст, ки маргу нестӣ надошта бошад. Ва Мурдод фариштаест, ки ба ҳифзи гетӣ ва вуҷудиёти ғизоҳо ва давоҳое, ки асли он набот аст ва барҳамдиҳандаи ҳар гуна касалӣ ва зарару амроз ҳастанд, муваккил аст.

Шаҳривармоҳ, рӯзи чоруми он рӯзи шаҳривар аст. Ва ин рӯз ид аст. Ва чун боз ду ном бо ҳам тавофиқ карда, онро «Шаҳриваргон» номанд. Ва маънои ин ҳифзи дӯстӣ ва орзу аст. Ва Шаҳривар фариштаест, ки ба ҷавоҳири ҳафтгона, ки тиллою нуқра ва дигар филиззот, ки қивоми санъату дунъё ва мардум бад-он аст, муваккил аст.

Зодуя гуфтааст, ки ин рӯзро «Озарҷашн» мегӯянд. Ва ин рӯз барои оташҳое, ки дар хонаҳои мардум аст, ид аст. Ва ин ид дар қадим оғози зимистон буда ва дар ин ид оташҳое бузург дар хонаҳо меафрӯхтанд ва ибодати худованду ситоиши ӯро зиёд менамуданд. Ва барои сарфи ғизо ва дигар шодмониҳо ба гирди ҳам ҷамъ меомаданд. Ва мегӯянд, ки ин оташро барои дафъи сармо ва юбусате, ки дар зимистон ҳодис мешавад, меафрӯхтанд ва мегуфтанд: «Интишори ҳарорат чизҳоеро, ки барои наботот зиёновар бошад, дафъ мекунад».

Хуршеди мӯбад гуфтааст, ки «Озарҷашн» рӯзи аввали ин моҳ бувад. Ва ин ид барои хосса буда ва аз рӯзҳои маъруфи эрониён ҳисоб мешавад. Агарчӣ дар моҳҳои форсӣ аст ва ин ид аз рӯзҳоест, ки мардуми Тахористон онро маъмул медоштанд. Ва ин оташро барои тағьире, ки дар ҳаво пайдо шуда, ки аввали зимистон аст, меафрӯхтанд. Вале дар замони мо аҳли

facebook.com/Китобхона
Хурсанд ин идро дар оғози фарамоҳ мегиранд. Ва ин рӯз рӯзи меҳр аст, ки аввали гаҳанбори панҷум аст. Ва охири он рӯзи баҳром аст. Ва дар ин рӯз худованд Баҳоимро офарид ва номи он «Мадьёявмгоҳ» аст.

Меҳрмоҳ, рӯзи аввали он ҳурмуздрӯз аст. Ва рӯзи шоиздаҳум рӯзи меҳр аст, ки иди бузурге аст ва ба Меҳргон маъруф аст, ки хазони дуюм бошад. Ва ин ид монанди дигар идҳо барои умуми мардум аст. Ва тафсири он дӯстии ҷон аст. Ва гӯянд, ки «Меҳр» номи Офтоб аст ва чун дар ин рӯз Офтоб барои аҳли олам пайдо шуд, ин аст, ки ин рӯзро «Мергон» гӯянд. Далел бар ин гуфтор он аст, ки аз они Сосониён дар ин рӯз ин буд, ки тоҷеро, ки сурати Офтоб дар ӯ буд, ба сар мегузоштанд. Ва Офтоб бар чархи худ дар он тоҷ савор буд. Ва дар ин рӯз барои эрониён бозоре пайдо мешавад.

Мегӯянд, сабаби ин ки ин рӯзро эрониён бузург доштаанд, он аст, ки чун мардум шуниданд, Фаридун хурӯҷ кардааст. Пас аз он ки Кова бар Заҳҳоки Биюросб хурӯҷ намуда будӯ ӯро мағлубу нест карда буд. Ва мардумро ба Фаридун хонд. Кова касест, ки подшоҳони Эрон ба раъияти ӯ некӣ меҷустанд. Ва байраки ковиёнӣ аз пӯсти хирс буд. Ва баъзе ҳам гуфтаанд: «Аз пӯсти шер буда ва онҳо «дирафши ковиён» номиданд, ки пас аз ӯ ба ҷавоҳиру тиллое зеб карданд».

Ва низ гуфтаанд: «Дар ин рӯз фариштагон барои ёрии Фаридун омаданд. Ва дар хонаҳои подшоҳон ин тавр дар ин моҳ расм шуда, ки дар саҳни хона марди диловаре ҳангоми тулӯи Офтоб меистад ва ба овози баланд мегӯяд: «Эй фариштагон, ба дуньё поин оед ва шаётину шаррҳоро банду баст кунед ва аз дуньё ононро дафъ намоед!д» Ва мегӯянд, ки дар ин рӯз худованд заминро густаронид ва колбудҳоро барои он ки маҳалли арвоҳ бошад, офарид. Ва дар соате аз ин рӯз фалакофар оҳиста нафас мекашад, ки то ҷасадҳоро парвариш диҳад. Ва мегӯянд, дар ин рӯз буд, ки худованд Моҳро, ки курае сиёҳ ва бефурӯғ буд, баҳо ва ҷило бахшид. Ва бад-ин сабаб гуфтаанд, ки моҳи Мехргон аз Офтоб бартар аст. Ва фархундатарин соатҳои он, соати Моҳ аст.

Салмони Форс мегӯяд: «Мо дар аҳди Зардуштӣ будан мегуфтем, худованд барои зинати бандагони худ ёкутро дар Наврӯз ва забарҷадро дар Меҳргон беруи

facebook.com/Китобхона
овард. Ва фазли ин ду бар аҳем монанди фазли ёқуту забарҷад аст ба ҷавоҳири дигар».

Эроншаҳрӣ мегӯяд, ки «худованд аз нуру зулмат байни Наврӯзу Меҳргон паймон гирифт».

Саид ибни Фазл мегӯяд: «Уламои Эрон гуфтаанд, ки қуллаи кӯҳи Шоҳин дар хона айёми тобистон ҳамвора сиёҳ дида мешавад ва дар бомдоди Меҳргон сапеда дида мегардад. Ва чунин ба назар меояд, ки бар он барфе аст. Ва ин матлаб, чи ҳаво соф бошад ва чи абр, ҳар ду яксон аст ва дар ҳар замон як тарз аст.

Қисравӣ мегӯяд, ки «ман аз мӯбади Мутаваккилӣ шунидам, ки мегуфт: «Дар рӯзи Меҳргон Офтоб миёни нуру зулмат тулӯъ мекунад ва арвоҳро дар ҷасадҳо мемиронад. Ва бад ин ҷиҳат эрониён ин рӯзро «Мурон» гуфтанд».

Асҳоби найранг гуфтанд, ки «ҳар касе бомдоди Меҳргон қадре анор бихӯрад ва гулоб бибӯяд, офати бисьёр аз ӯ дур хоҳад шуд».

Ва аммо он даста аз эрониён, ки ба таъвил қоиланд, барои ин қабил матолиби таъвил қоил мешаванд. Ва Меҳргонро далел бар қиёмат ва охири олам медонанд ба ин далел, ки ҳар чизе, ки дорои сабзиш бошад, дар ин рӯз ба охири сабзиши худ мерасад ва маводи сабзиш аз он қатъ мешавад. Ва ҳайвон дар ин рӯз аз таносул боз мемонад, чунон ки Наврӯзро он чӣ дар Меҳргон гуфта шуд, ба акс аст. Ва онро оғози олам медонанд. Ва баъзе Меҳргонро бар Наврӯз афзал мешуморанд, чунон ки тирамоҳро бар баҳор бартарӣ додаанд. Ва такьягоҳи эшон ин аст, ки чун Искандар аз Арасту пурсид, ки «кадом яки ин ду фасл бехтар аст?» Арасту гуфт: «Подшоҳо, дар баҳор ҳашароту газанда оғоз мекунанд, ки нашъунамо ёбанд. Ва дар тирамоҳ оғози аз байн рафтани онҳост. Пас тирамоҳ аз баҳор беҳтар аст».

Ва ин рӯз дар айёми гузашта бо аввали зимистон мувофиқ буд. Ва чун кабисаро эҳмол карданд, пеш афтод. Ва дар мулуки Хуросон ин тавр расм гаштааст, ки дар рӯзи Меҳргон ба сипоҳиёну хидматгорон чизу чаро тирамоҳию зимистонӣ медиҳанд. Рӯзи бисту якум Ромрӯз аст, ки онро «Меҳргони бузург» меноманд. Ва сабаби ин ид он аст, ки Фаридун ба Заҳҳоқ зафар

facebook.com/Китобхона
ёфт ва ӯро ба қайди асорат даровард. Ва чун Заҳҳокро ба пеши Фаридун оварданд, Заҳҳок гуфт: «Маро, ба хуни ҷиддат, накуш!» Ва Фаридун аз роҳи инкори ин қавл гуфт: «Оё тамаъ кардай, ки бо Ҷам писари Виҷҳон дар қасос ҳамсару қарин бошӣ, балки ман туро ба хуни гови наре, ки дар хонаи ҷаддам буд, мекушам!» Сипас бифармуд, то ӯро банд карданд ва дар кӯҳи Дамованд ҳабс намуданд. Ва мардум аз шарри ӯ роҳат шуданду ин рӯзро ид донистанд. Ва Фаридун мардумро амр кард, ки рӯмоли махсусе ба камар банданду замзама кунанд ва дар ҳагоми таом сухан нагӯянд. Барои сипосгузории худованде, ки эшонро пас аз ҳазор соли тарс бори дигар дар мулки худ тасарруф дод. Ва ин кор дар эшон суннату одат монд.

Ҳама эрониён дар ин қавл ҳамдилу ҳамдостонанд, ки Биюросп ҳазор сол зиндагӣ кард. Ва агарчӣ баъзе мегӯянд, бештар аз ҳазор сол зиндагӣ намуд. Ва ин ҳазор сол муддати подшоҳӣ ва ғалабаи ӯ буд. Ва гуфтаанд, ки ин эрониён ба якдигар ин тавр дуо мекунанд, ки «ҳазор сол бизӣ», аз он рӯз расм шуда, зеро чун диданд, ки Заҳҳок тавонист ҳазор сол умр кунад. Ва ин кор дар ҳадди имкон аст, ҳазор сол зиндагиро таҷвиз намуданд.

Зардушт эрониёнро амр кард, ки бояд Меҳргону Ромрӯзро ба як андоза бузург бидонед ва бо ҳам ин дуро ид бигиред, то ки ин ки Ҳурмуз писари Шопури паҳлавон миёни ин дуро ба ҳам пайваст, чунон ки миёни ду Наврӯзро ҳам ба ҳам пайваст. Ва сипас мулуки Эрон ва эрониён аз оғози Меҳргон то сӣ рӯзи тамом барои табақоти мардум монанди он, ки дар Наврӯз гуфта шуд, ид қарор доданд. Ва барои ҳар табақае панҷ рӯз ид донистанд.

Обонмоҳ, рӯзи даҳуми он рӯзи Обонмоҳ аст. Ва он идест, ки барои тавофиқи ду ном «Обонгон» гӯянд. Ва дар ин рӯз Зав писари Таҳмосп ба шоҳӣ расид ва мардумонро ба кандани ҷӯйҳо ва таъмири он амр кард. Ва дар ин рӯз ба кишварҳои ҳафтгона хабар расид, ки Фаридун Биюроспро асир карда ва ба салтанат расидааст. Ва мардумро амр кардааст, ки дубора хонаҳою аҳли худро молик шаванд. Ва худро «кадхудо» бинамид, яъне соҳиби хона ва худи ӯ низ ба хонаю хонаводаи худ фармонраво шуд. Ва шурӯъ ба кардану накардан ва гирудор намуд. Пас аз он ки ҳама эронихо

facebook.com/Китобхона

дар аҳди Биюросп бе хонаю зиндагӣ буданд ва набудани моликият аз эшон шуда буд. Ва шайтонҳою дев ба хонаҳои эшон меомаданд ва тавоно набуданд, ки аз хонаи худ онҳоро дафъ кунанд. Ва Носири Утруш ин расмро бартараф карда ва иштироки девро бо мардум дар кадхудой одат додааст. Панҷ рӯзи охири ин моҳ ва аввали он «рӯзи аштод» аст, ки «Фарвардгон» ном дорад. Ва дар ин рӯз баҳри номуси мурдагон таому шароб дар пушти хонаҳо мегузоштанд. Ва чунин гумон мекарданд, ки арвоҳи мурдагон аз ҷойгоҳи савобу гуноҳи худ берун меоянд ва аз он таому шароб мехӯранд. Ва дари хонаҳои худро бо сипанд дуд мекарданд, то он ки мурдагон аз бӯи он ба хонавода ва авлоду наздикон дар ин рӯз таваҷҷӯҳе мекунанд ва сардори корҳои онҳо мешаванд, агарчи он арвоҳро набинанд»...

Ва дар бобати ин рӯз эрониён бо якдигар ихтилоф доранд. Баъзе гӯянд: «Панҷ рӯзи охири Обонмоҳ аст». Ва баъзе мегӯянд, ки он «андаргоҳ» аст, ки ин панҷ рӯз аз рӯзҳои иловагии Обонмоху Озармоҳ бошад. Ва чун ихтилоф дар он зиёд шуд ва низоъ дар он намуданд, барои эҳтиёт ҳардуро ид гирифтанд, зеро яке аз аркони дини эшон мебошад. Ва панҷ рӯзи аввалро «фарвардгони аввал» гуфтанд ва панҷ рӯзи охирро «фарвардгони дуюм». Ва ин фарвардгон аз фарвардгони аввал беҳтар аст.

Аввали иловагии зоида аввали гаҳанбори шашум аст. Ва дар ин рӯз буд, ки худованд мардумро офарид. Ва номи он «Ҳамашфасмизамгоҳ» аст.

Ва гуфтаанд: Сабаби фарвардгон ин аст, ки Қобил чун Ҳобилро кушт ва падару модари Ҳобил бисьёр нолаву зорӣ бар ӯ намуданд. Аз худованд хостанд, ки рӯҳро бори дигар ба колбуди писарашон баргардонад. Ва ин вақеа дар «рӯзи аштод»-и Обонмоҳ худо рӯҳро боз гардонд ва даҳ рӯз дар бадани ӯ буд. Ва Ҳобил нишаст ва бо падару модари худ ҳарф намезад ва фақат эшонро назар мекард.

Ва хушбахттарин соатҳо соатест, ки бурҷи Барра дар он толеъ бошад. Ва асҳоби найрангҳо ба соати сеҳр табаррук меҷӯянд. Ва бар ин гумонанд, ки хосияте, ки дар он зикр шуда, дар ҳар ҳол мавҷуд аст. Ва мегӯянд: «Ҳар кас субҳи ин рӯз пеш аз он ки лаб ба гуфтор кушода, як биҳӣ бихӯраду норинҷ бигӯяд, ҳамаи сол хушбахт хоҳад буд». Ва Тоҳир бинни Тоҳир мегӯяд, ки

facebook.com/Китобхона
«эронӣён дар айёми қадим, агар моҳ дар манзили Оташӣ бувад, асал мехӯрданд ва агар дар манзили Обӣ бувад, об менӯшиданд бар асоси тобеот аз манзилҳои Қамар».

Эроншаҳрӣ мегӯяд, ки «ман аз ҷамъе аз уламои Армания шунидам, ки мегуфтанд, ки чун субҳи «рӯзи рӯбоҳ» ояд, бар кӯҳи бузурге, ки миёни замини дохилу замини хориҷ аст, кӯчи сафеде дида мешавад, ки дар ҳама сол, ҷуз дар ин вақт, дида намегардад. Ва мардуми ин ноҳия, агар ин кӯч фарьёд кунад, мегӯянд: «Соли пурнеъмат аст ва хӯш хоҳад гузашт!» Ва агар фарьёд накунад, ба хушксолӣ фоли бад мезананд.

Ва эрониён субҳи «рӯзи рӯбоҳ» ба нигоҳ кардан ба абр некӣ меҷустанд ва аз сафову бадбахтӣ ва латофату касофати он ба саодату нуҳусати замон ва хушксолию фаровонии сол истидлол мекарданд.

Рӯзи нӯхум рӯзи озарид аст, ки онро барои тавофики ду ном «Озарҷашн» меноманд. Ва дар ин рӯз ба афрӯхтани оташ эҳтиёҷ меёбанд. Ва ин рӯз иди оташ аст. Ва ба номи фариштае, ки ба ҳама оташҳо мувакқал аст, мавсум аст. Ва Зардушт амр кардааст, ки дар ин рӯз оташкадаҳоро зиёрат кунанд ва дар корҳои олам машварат кунанд.

Даймоҳ ва онро «хурмоҳ» низ мегӯянд. Нахустин рӯзи он Хуррамрӯз аст. Ва ин рӯзу ин моҳ ҳарду ба номи худои таоло, ки Ҳурмузд аст, номида шуда, яъне подшоҳи хакиму соҳибраъи офаридгор. Ва дар ин рӯз одати эрониён чунин буд, ки подшоҳ аз тахти шоҳӣ ба зер меомад ва ҷоман сапед мепӯшиду дар биёбон бар фаршҳои сапед менишаст. Ва дарбонҳо ва ясавулону каровулонро, ки хайбати малик бад-онҳост, ба канор меронд. Ва дар умури дуньё фориғулбол назар менамуд. Ва ҳар кас, ки ниёзманд мешуд, ки бо подшоҳ суҳан бигӯяд, хоҳ ки гадо бошад, ё доро ва шариф бошад ё паст, бидуни ҳеҷ ҳоҷату дарбоне ба назди подшоҳ мерафт. Ва бидуни ҳеҷ монее бо ӯ гуфтугӯ мекард. Ва дар ин рӯз подшоҳ бо деҳқонону барзгарон маҷолисат мекард ва дар як сурфа бо эшон гизо мехӯрду мегуфт: «Ман имрӯз монанди яке аз шумо хастам. Ва ман бо шумо баробар хастам, зеро қивоми дуньё ба корҳоест, ки ба дасти шумо мешавад ва қивоми иморати он хам ба подшоҳ аст ва на подшоҳро аз раият гурезе аст ва на раиятро аз подшоҳ. Ва чун ҳақиқати

facebook.com/Китобхона
амр чунин шуд, пас ман, ки подшоҳ ҳастам, бо шумо барзгарон бародар хоҳам буд. Ва монанди ду бародари меҳрубон хоҳам буд, ба хусус ки бародарони меҳрубон Ҳушангу Викард чунин буданд».

Ва гоҳе ин рӯзро «Навадрӯз» мегӯянд ва онро ид мегиранд, зеро миёни он ва Наврӯз навад рӯзи пурра аст.

Рӯзи ҳаштуму понздаҳуму бисту сеюми ин моҳ барои ин ки номҳои онҳо бо номи моҳ мувофиқ шуда, идҳост.

Рӯзи ёздаҳум «рӯзи хӯр» аст, ки аввалини гаҳанбори аввал аст ва охири он рӯзи понздаҳум аст, ки «рӯзи дайбамеҳр» бошад ва ин гаҳанбор «мадюзармгоҳ» ном дорад. Ва худованд осмонро дар ин рӯз офарид.

Рӯзи чордаҳум «рӯзи гӯш» аст, ки онро «сирсур» низ меноманд. Ва дар ин рӯз эрониён сиру шароб мехӯранд. Ва сабзиҳоро бо гӯштҳое, ки барои халос шудан аз шайтон зарур аст, мепазанд. Ва сабаб ин аст, ки шаётинҳоро, ки пас аз қатли Ҷамшед ғолиб омада буданд, мардум шиканҷаи ононро дафъ карданд ва аз қатли Ҷамшед ҳазин гаштанду савганд ёд карданд, ки ба чарбӣ наздик нашаванд. Ва ин кор дар эшон суннат монд. Ва ба хӯрдани таоми мазкур аз маразҳое, ки мансуб ба арвоҳи гунаҳкорон аст, даво мекунанд.

Рӯзи понздаҳуми ин моҳ «рӯзи дайбамеҳр» аст, ки онро «дайбагон» гӯянд. Ва аз хамир, ё аз гил шахсеро ба ҳайкали инсонӣ месозанд ва дар роҳраву долони хонаҳо мегузоранд, вале ин кор аз замони қадим дар хонаи подшоҳон истеъмол намешудааст. Ва дар замони мо ин кор барои ин ки монанди корҳои бисьёрхудоёни аҳли гумроҳон аст, аз байн рафтааст.

Шаби шонздаҳум «рӯзи меҳр» аст, ки онро «даромзинон» гӯянд ва «Коксул» низ номида мешавад. Ва сабаб ин ки ин рӯзро ид мегиранд, ин аст, ки мамлакати Эрон дар ин рӯз аз Туркистон ҷудо шуд ва говҳоеро, ки туркистониён аз эшон ба яғмо бурда буданд, аз тӯрониён пас гирифтанд.

Ва низ сабаби дигар он аст, ки чун Фаридун Заҳҳоки Биюросбро аз миён бурд, говҳои Асфиёнро, ки Заҳҳок дар мавқее, ки ӯро муҳосира карда буду намегузошт Асфиён ба онҳо дастрасӣ дошта бошад, раҳо

facebook.com/Китобхона
кард ва ба хонаи ӯ баргардонид. Ва Асфиён марде буд ҷалилулқадр, дорои ҳиммате баланд, ки ҳамвора ба фуқаро неъмат мебахшид ва аз аҳволи гирифторону бечорагон ҷустуҷӯ мекард. Ва онон, ки ба ӯ умедвор буданд, умеди эшонро бадал ба ноумедӣ намекард. Ва чун Фаридун аз молҳои ӯ баландқадрӣ пайдо кард, мардум барои ин ки ба атои Асфиён чашмдошт доштанд, ид гирифтанд.

Ва дар ин рӯз буд, ки Фаридунро аз сина ҷудо карда буданд ва дар ин рӯз буд, ки Фаридун бар гов савор шуд. Ва дар шаби ин рӯз дар осмон гове аз нур, ки шоҳҳои ӯ аз тиллову пойҳои ӯ аз нуқра аст ва чархи Қамарро мекашад, соате ошкор мешавад, сипас ғойбу пинҳон мегардад. Ва ҳар кас, ки муваффақ ба дидори ӯ шавад, дар соате, ки назар ба ӯ меафканад, дуояш мустаҷоб хоҳад шуд.

Ва дар ин шаб бар кӯҳ гови сафеди аъзамҷуссае дида мешавад. Ва агар ин гов ду маротиба садо бароварад, сол фаровонӣ мешавад ва агар як мартаба садо кунад, хушксолӣ хоҳад шуд. Ва дудандозӣ мекунанд, ки то зарарҳои онро бартараф кунанд. То ин ки дар хонаи мулук дар ин шаб расм шуда, ки оташ биафрӯзанд ва чун шӯълавар гардад, ҳайвонҳои ваҳширо ба оташ меандозанду мурғҳоро дар шӯълаи он мепазонанд. Ва дар канори ин оташ менишинанд ва ба ҳазлу шӯхӣ машғул мешаванд. Худованд аз ҳар кас, ки аз азобу шиканҷаи ҳайвоноти беозор лаззат мебарад, интиқом бикашад.

Ва эрониён пас аз он ки кабс аз моҳҳои эшон бартараф шуд, дар ин вақт мунтазир буданд, ки сармо аз эшон бартараф шавад ва давраи он бекор гардад, зеро эшон оғози зимистонро аз панҷ рӯз, ки аз обонмоҳ бигузарад, мешумурданд. Ва охири зимистон дах рӯз, ки аз баҳманмоҳ мегузашт, мешумурданд. Ва аҳли Қарақ ин шабро — «шаби газана» мегӯянд, яъне шабе, ки дар он газидан зиёд аст. Ва мақсудашон ин аст, ки сармо шахсро дар ин шаб «мегазад». Гуфтаанд: «Сабаб ин ки дар ин шаб оташ бардошта мешавад, ин аст, ки чун Заҳҳок қарор гузошта буд, ҳар рӯз ду нафар бинёваранд ва барои море, ки ба дӯши ӯ буд, димоғи онҳоро ғизо қарор диҳанд. Ва шахсе, ки муваккал ба ин кор буд, пас аз омадани Заҳҳок ба Эрон, Измоил ном дошт. Ва ин шахси муваккал яке аз ин дуро озод

facebook.com/Китобхона

мекард ва тўшае мебахшиду ўро амр мекард, ки ба қисми ғарбии кўҳи Дамованд сокин шавад. Ва дар он ҷо бираваду барои худ хонае бисозад. Ва дар ивази ин шахси озодшуда ба ду мори сари китфи Заҳҳок димоғи қўчқоре мехўронид. Ва ин димоғро бо димоғи як нафари дигар, ки кушта мешуд, махлут мекард. Ва чун Фаридун Заҳҳокро гирифт, Измоилро ҳозир кард ва хост, ки ўро «подош бахшад». Измоил ашхосеро, ки аз қатл боздошта буд, Фаридунро хабардор кард. Ва як расул аз Фаридун хост, ки ба кўҳи Дамованд биравад, ки то ҳақиқати масъаларо ба Фаридун бирасонад. Ва чун Измоил ба кўҳи Дамованд расид, озодшудагонро амр кард, ки бар пушти бомҳои худ ҳар як оташе биафрўзанд, то шумораи эшон зиёд ба назар ояд. Ва ин воқеа дар шаби даҳуми баҳманмоҳ буд. Ва фиристодаи Фаридун гуфт: «Чӣ қадар хонаводаҳо, ки ту озод кардӣ! Фиристода аз он ҷо баргашту Фаридунро аз он чӣ дида буд, хабардор кард. Ва Фаридун аз шунидани ин воқеа хеле масрур шуд ва худи ў ба кўҳи Дамованд рафту озодшудагонро дид. Сипас Измоилро ҷузви наздикони худ гардонид. Ва Дамовандро тобеи ў кард ва ўро ба тахте заррин нишонид. Ва номашро Масмағон гузошт.

Ва низ дар ду мори Заҳҳоки Биюросп гуфтаанд, ки ин ду мор дар шонаи Заҳҳок зоҳир буданд ва хўроки онҳо мағзи димоғи мардум буд. Ва низ гуфтаанд, ки ду захм буд, ки бисьёр дард мегирифт. Ва барои ин ки дарди онҳо оромишу тахфиф ёбад, димоғи одамӣ бояд бад-он захмҳо молид.

Аммо ақидаи мо дар бораи ин ду мор ин аст, ки бисьёр чизи шигифтоваре бувад ва агарчи имкон дорад, вале хеле дур аз ҳақиқат аст, зеро баъзе аз ҳайвонот аз гўшт ба амал меоянд. Ва шабуш низ аз гўшт тавлид мешавад ва ҳамчунин ҳайвоноти дигаре. Ва баъзе ҳайвонот ҳастанд, ки бо он ки ба камолоти худ расидаанд, аз ҷойгоҳи аввалии хеш берун намеоянд. Чунон ки ҳикоят шуда, дар кишвари Ҳинд ҳайвонест, ки аз фарҷи модараш сари худро берун меоваради ба чаридани алаф машғул мешавад ва боз ба шиками модари ҳуд фурў меравад. Ва то ҳангоме, ки неруманд нашуда ва аз худ итминон наёфта, ки дар пасравӣ ва пешравии модари худ бидавад, аз шикам комилан берун намеояд. Ва гуфтаанд, ки сабаби ин ки то ин ҳай-

facebook.com/Китобхона

вон аз шиками модари худ берун ояд, фирор мекунад, ин аст, ки забони модараш хеле дурушт аст ва аз ин забон метарсад. Ва одати модараш ин аст, ки чун навзоди худро дид, шурўъ мекунад, ки онро билесад, то он ки гўшти онро аз устухонаш чудо кунад. Ва намешавад, ин матлабро инкор намуд, зеро мушоҳида шудааст, ки ҳайвонот аз ашьёи дигаре, низ мутаваллид мешаванд. Чунонки Абўусмони Ҷоҳиз[145] ҳикоят мекунад, ки дар Ўкбаро порчаи гилеро дидам, ки ниме аз он муш шуда буд ва ними дигар ҳамон тавр боқӣ монда буду ҳанўз ҳайвон нашуда буд. Ва ҷамоате дар Чурчон маро ҳикоят намуданд, ки айнан ҳамин матлабро дар он чо дидаанд.

Ҷайҳонӣ[146] ҳикоят мекунад, ки дар дарьёи Ҳинд шоҳаҳои як навъ дарахте ҳаст, ки дар соҳили баҳр ба рўи регҳо густурда мешавад. Ва кам-кам ин барг канда мешавад ва занбўри асал мегардаду мепарад. Ва таваллуди каждумҳо аз гилу бодруҷ ва таваллуди занбўри асал аз гўшти гов ва навъи занбўр аз гўшти асп, назди уламои табиӣ маъруф аст. Ва мо худ ҳайвоноте дидем, ки аз набот мутаваллид шуданд, сипас таволид карданд ва навъи онҳо боқӣ монд.

Рўзи бисту дуюм «бодрўз» аст ва дар ин мох идест, ки ба ҳамин ном маъруф аст. Ва дар Қуму навоҳии он русуме аз шурбу лаҳв барои ин ид қоил мешаванд, ки монанди русуми дигар идҳо аст. Чунон ки дар Исфаҳон дар айёми Наврўз бозоре барпо мешаваду ид мегиранд. Ва онро дар Исфаҳон «кажин» гўянд. Ва фақат фарқи «бодрўз» аз «кажин» ин аст, ки он як рўз асту ин як ҳафта.

Рўзи сиюм «анирон» аст, ки онро дар Исфаҳон «Офаричгон» гўянд. Ва тафсиру тавзеҳи ин лафз «рехтани об» аст. Ва сабаб он аст, ки борон дар замони Фирўз чадди Анушервон наборид ва мардуми Эрон ба хушксолӣ афтоданд. Ва Фирўз бад-ин чиҳат чандин сол аз мардум хироҷ нагирифт. Ва дарҳои хазинаи худро кушоду аз молҳое, ки ба оташкадаҳо тааллуқ дошт, ҳар кас мехост, бад-ў вом медод. Ва тамоми он молҳоро ба мардуми Эрон дод. Ва монанди падар бар писари худ барои ҳама мардуму ранятҳо ғамхорӣ зоҳир кард. Ва дар ҳаман ин чанд сол, ки қахту гаронӣ буд, касе аз гуруснагӣ намурд. Сипас, Фирўз ба оташкадаи «Озархуро», ки дар Форс аст, рафт ва дар он чо намоз

facebook.com/Китобхона
хонду сачда кард. Ва аз худо хост, ки ин балоро аз аҳли дуньё бартараф кунад. Сипас, ба «конуни оташ» рафт ва дид, ки нигаҳбонони оташкада ва ҳиробада бар сари «конун» истодаанд. Ва чунон ки бояд аз подшоҳон тавозӯъ кунанду салом бидиҳанд, нисбат ба ӯ нанамуданд. Фирӯз ба сӯи оташ баргашт ва дасту болзуи худро ҷониби оташ гардонид ва се мартаба шӯъларо ба синаи худ гузошт, монанди дӯсте, ки дӯсти худро ба сина мечаспонад. Ва шӯълаи оташ ба риши ӯ гирифт, вале насӯзонид. Фирӯз гуфт: «Худовандо, ҳаман номҳои ту фаррух аст! Агар ҳабс кардани борон барои ман ва барои нопокии ботини ман аст, ба ман бигӯ, то ман худро аз миён бардорам! Ва агар иллате дигар дорад, низ маро огоҳ гардон ва аҳли дуньёро низ аз воқеа бохабар кун! Ва бар халқ борони раҳмат бибор!»

Сипас Фирӯз аз «конун» берун омаду аз қуббаи оташкада берун шуд ва бар «данбако» нишаст. Ва «данбако» чизе аст, ки аз зар онро монанди тахт месозанд, вале кӯчактар аз он аст. Ва расм ин аст, ки бояд дар даргоҳи оташкада бошад, ки то чун подшоҳ дохил шавад, ба рӯи он бинишинад. Ва ҳиробада ва нигоҳбонони оташкада бар гирди ӯ ҷамъ оянд ва бар ӯ чунон ки расми мулук аст, салом кунанд. Ва чун Фирӯз ба «данбако» нишаст, ҳама мӯбадону нигаҳбонон дар атрофи подшоҳ ҷамъ омаданд. Ва Фирӯз эшонро гуфт: «Чӣ андоза шумо дилсахт ва мардуми ҷафокор ҳастед! Чаро ба ман дар «конун» салом надодед?» Эшон гуфтанд, ки «чун мо дар назди подшоҳе, ки аз ту бузургтар аст, истода будем, аз ҳамин сабаб шарти адаб ба ҷо наёвардем».

Фирӯз узри эшонро тасдиқ кард, то он ки аз шаҳри Озархуро ба сӯи шаҳри Доро берун омад. Ва чун ба мавзее расид, ки дар замони мо рустои «Коми Фирӯз» аст ва дар он вақт саҳрое бидуни ободонӣ буд, абре бар осмон бархост ва чандон борид, ки монанди он дида нашуда буд, то он ки обҳо дар чодиру хаймаҳои шоҳ роҳ ёфт. Ва Фирӯз яқин кард, ки дуои ӯ мустаҷоб шудааст. Ва худовандро сипос гузорид.

Ва ба мардум садақаи бисьёре доду молҳои зиёде бахшид. Ва маҷолисе ташкил доду машғули хушгузаронию шодмонӣ гашт. Ва аз он макон берун нарафт, то он ки ин дехро, ки «Коми Фирӯз» аст, сохт. Яъне Фирӯз

facebook.com/Китобхона
дар ин чо буд, ки бо коми худ расид. Ва ҳама мардумон аз суруре, ки пайдо карданд аз ин обҳо ба рӯи ҳам мепошиданд. Ва ин расм дар Эрон аз он вақт боқию пойдор монд. Ва ин идро ҳама ид мегиранд, зеро дар ин рӯз буд, ки барои эшон борон борид. Ва дар Исфаҳон низ дар ин рӯз борон омад.

Исфандормузмоҳ, рӯзи панҷуми он «рӯзи Исфандаромӯз» аст ва барои иттифоқи ду ном онро чунин номидаанд. Ва маънои он ақлу ҳилм аст. Ва «Исфандормуз» фариштаи ваколатдор бар Замин аст ва низ ба занҳои дурусткору пок ва шавҳардӯсту хайрхоҳ ваколатдор аст. Ва дар замони гузашта ин моҳ ба василаи ин рӯз иди занон будааст. Ва дар ин ид мардон ба занон бахшиш менамуданд. Ва ҳанӯз ин расм дар Исфаҳону Рай ва дигар кишварҳои Паҳла боқӣ мондааст. Ва ба форсӣ «муждагирон» мегӯянд. Ва дар ин рӯз афсун менависанд. Ва авом мавизро бо донаи анор мекӯбанду мегӯянд: «Тарьёке хоҳад шуд, ки зиёни газидани каждумҳоро дафъ мекунад». Ва аз оғози сапедадам то тулӯи Офтоб ин навъ афсунро бар қоғазҳои чоргӯша менависанд. Ва он афсун ин аст: «Бисмиллоҳ-р-раҳмон-р-раҳим, исфандормузмоҳ ва исфандормузрӯз. Бастам омаду рафти зеру забар аз ҳама чуз сутурон. Ба номи яздону ба номи Ҷаму Фаридун. Ба номи Одаму Ҳаво. Барои ман худои якқаву ягона кифоя аст».

Ва дар ин рӯз сетои ин қоғазҳоро бар се девори хона мечаспонанд. Ва деворero, ки мукобил бо садри хона аст, холӣ мегузоранду мегӯянд: «Агар ба девори чорӯм ҳам аз ин қоғазҳо бичаспонем, газандаву ҳашарот саргардон мешаванд ва роҳраве намеёбанд, ки хориҷ шавад. Ва сарҳои худро ба қасди хурӯҷ аз хона баланд мекунанд». Ва хосияти ин тилисм ин бувад, ки зикр шуд.

Гоҳе мешавад, ки чойҳое дида мегардад, ки тилисм шуда ва акраб дар он чо касеро намегазад. Монанди «Динори розӣ»-и Чурчон, ки дах фарсах ба самти Хуросон аст ва дар зери ҳар як санги он чо муште каждум аст. Ва мардум онҳоро бо дасти худ молиш медиҳанду бо онҳо бозӣ менамоянд, вале каждумҳо намегазанд. Аммо чун ин каждумҳоро аз он чо ба як пале, ки ба андозаи партоби тире дур аст, берун

facebook.com/Китобхона
баранд, чунон одамиро мегазад, ки фавран мекушад.

Ва низ гуфтаанд, ки дар Тӯс қариест, ки каждуми он ҷо мардумро намегазад. Ва Абулфараҷи Занҷонӣ маро гуфт, ки дар Занҷон ҷуз дар мақбараи мозандарониҳо, ақраб дида намешавад. Ва агар дар шаб касе ба қабристони номбурда биравад ва қадре аз ақрабҳои он ҷоро ҷамъ кунаду бибарад ва ҷои дигар бирезад, мебинад, ки онҳо базудӣ боз ба ҷои нахустини худ бармегаданд.

Вале ба ақидаи ман ин афсонаҳо, ки гуфтаанд бутлонаш ошкор аст, зеро муҳол аст, ки қувваи ирода аз шахси афсунгар таҷовуз кунаду ба шахси афсуншуда бирасад. Ва низ даврҳои кавокиб ба солҳои форсӣ мухолиф аст ва шароити тилисмот дар даврҳо ҷамъ нест. Вале мо бо ҳама ин мушкилот дар китоби «Аҷоиб-ут-табиа ва ғароиб-ус синоя» дар бораи найрангҳо ва тилисмоту азоим ба андозае, ки дар дилҳои орифин ниҳоли ҳақиқат кишт кунему шубҳае аз дилҳои аҳли шак нест кунем, агар худо бихоҳад ва умре бидҳад, дар оянда гуфтугӯ хоҳем кард. (Чунон, ки худо бар ин қодир аст).

Рӯзи ёздаҳум рӯзи ҳур аст, ки аввали гаҳанбори дуюм бошад ва охири он «рӯзи дайбамеҳр» аст, ки мадьюшомгоҳ ном дорад. Ва дар ин рӯз буд, ки худованд обро офарид. Ва рӯзи шонздаҳум «рӯзи меҳр» аст, ки онро «миски тоза» гӯянд.

Рӯзи нуздаҳум «рӯзи фарвардин» аст, ки онро «Наврӯзи наҳрҳо» гӯянд. Ва дар обҳои ҷорӣ атру гулоб мерезанд.

Маҷусро рӯзае нест ва ҳар кас аз эшон рӯза бигирад, гуноҳ карда ва кафорат он таъоми ҷамоате аз масокин аст. Ва маҷусро дар айёми моҳҳои мазкур бозорҳеост, ки ба ихтилофи кишварҳо фарқ мекунад.

Ва Азудуддавла дар ин моҳ ду рӯз аст, ки ҳар як аз он дуро «Ҷашнкардаи фано Хусрав» гӯянд. Яке аз он ду рӯзи сурӯш аз фарвардинмоҳ аст. Ва дар ин рӯз буда, ки Азудуддавла обро аз чор фарсах ба қасабае, ки наздики Шероз аст ва «Карди фано Хусрав» гӯянд, биёварда. Ва рӯзи дуюм рӯзи Хурмуз аст, ки дар обонмоҳ аст. Ва он рӯзест, ки Азудуддавла дар бинои ин шаҳр шурӯъ намуд. Ва ин воқеа дар соли 333-и

facebook.com/Китобхона

яздаҳ[illegible] Ва [illegible] бозоре, ки ҳафт рӯз тӯл мекашад, барпо мегардид. Ва мардум барои дилхушию шурб ба даври ҳам гирд меоянд.

Эрониёнро дар ҳама айёми сол рӯзҳои мухтору масъуде ҳаст ва низ рӯзҳои макрӯҳ ва айёми манҳусе ҳаст. Ва низ рӯзҳоест, ки ба номи умумии худ дар ҳар шаҳр барои табақаи хос ид аст. Ва эрониёнро дар пайдоиши мор дар айёми ин моҳ ақидаҳоест, ки мо онҳоро дар ҷадвали ихтиёрот зикр мекунем.

Ва аз ин ҷиҳат рӯзи моҳро мухтор донистанд, ки ба номи Моҳ ки худованд онро барои қисмати хайру неъмат дар дуньё офарида, мавсум аст. Ва бад-ин сабаб аст, ки аз шурӯъ ба ҳилол то он ки ба нуқсони худ бирасад, ҳайвону дарахтону наботот шурӯъ ба нумӯъ мегузоранд.

Эрониён дар ду рӯз иҷтимоу истиқбол мегӯянд, ки ҳарду наҳс аст. Аммо сабаби наҳсии иҷтимоъ он аст, ки ҷинҳо ва шайтонҳо ҳирс меёбанд, ки дар олам фасод кунанд. Ва ҷунуну амрози димоғӣ дар ин вақт дар ҷаҳон зиёд мешавад. Ва дар иҷтимоъ дарьё ҷазр меёбад ва обҳо кам мешавад. Ва обе, ки ба раҳим мерезад, авлоди мутаваллид аз он ноқисулхилқа хоҳад шуд. Ва агар дар ин вақт мӯе аз ҷасади худ бикананд, дар муддати зиёде рӯида хоҳад гашт. Ва агар дарахте дар ин мавқеъ, бикоранд, меваи он пароканда хоҳад шуд. Ба хусус агар дар ин рӯз кусуф низ воқеъ шавад. Ва ба ақидаи эрониён намешавад, ки моҳ ҳилол бошад. Ва тухми мурғе, ки маҳфуз аст, фосид нашавад. Ва наргис низ дар ин мавқеъ пажмурдаю хушк хоҳад шуд.

Ва Киндӣ мегӯяд: «Аз ин ҷиҳат иҷтимоъ макрӯҳ аст, ки Қамар, ки далели ҷасадҳо аст, месӯзад. Ва бад-ин ҷиҳат аст, ки аз балою фано тарсид».

Ва аммо сабаби нухусати истиқбол ин аст, ки ба ақидаи зардуштиён ғулҳою соҳирон ба арвоҳи беморон даст меёбанд. Ва бад-ин ҷиҳат бемории саръ дар ин моҳ зиёд мешавад ва дар ин вақт оби дарьёҳо баланд мешаваду обҳо зиёд мегардад. Ва дар истиқбол ҳар обе, ки ба заҳдон бирезад, тифли мутаваллид аз он зоидулхилқа хоҳад шуд. Ва мӯе, ки канда шавад, зуд дармеояд. Ва дарахте, ки дар ин мавқеъ кошта шавад, ба хусус, агар дар ин рӯз кусуфе рӯй диҳад, кирм онро хоҳад хӯрд.

facebook.com/Китобхона

Номи рӯзҳои моҳҳо	Фарвардинмох	Урдибиҳиштмох	Хурдодмох	Тирмох	Мурдодмох	Шаҳривармох
Номҳои муборак, зеро ки онҳо номи худоён аст.						
1. Хурмуз Баҳман	миёна	миёна	миёна	миёна	миёна	миёна
Урдибиҳишт	—»—	бахт	бахт	бахт	—»—	наҳс
Шаҳревар	—»—	—»—	—»—	миёна	бахт	бахт
5. Исфандормуз	—»—	—»—	—»—	бахт	миёна	—»—
6. Хурдод	—»—	миёна	—»—	—»—	бахт	—»—
Мурдод	—»—	—»—	миёна	миёна	—»—	—»—
Дайбаозар	—»—	—»—	—»—	—»—	миёна	миёна
Озар	наҳс	—»—	бахт	бахт	бахт	бахт
10. Обон	миёна	—»—	миёна	миёна	миёна	миёна
Хур	—»—	—»—	наҳс	—»—	—»—	—»—
	Муборак аст, баҳри он ки номи Моҳро дорост.					
Мох						
Тир	бахт	бахт	миёна	наҳс	миёна	миёна
Гӯш	миёна	—»—	—»—	бахт	бахт	—»—
15. Дайбамеҳр	—»—	наҳс	—»—	миёна	миёна	—»—
Меҳр	—»—	бахт	бахт	—»—	—»—	—»—
Суруш	—»—	миёна	миёна	—»—	—»—	—»—
Рами	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	бахт

Меҳрмох	Обонмох	Озармох	Даймох	Баҳманмох	Исфандармузмох	Дар рӯзҳои моҳҳое, ки Мор пайдо мешавад.
Номҳои муборак, зеро ки онҳо номи худоён аст.						То нимирӯзӣ шоҳаншоҳӣ
миёна	миёна	миёна	миёна	наҳс	миёна	Иллату касалӣ
—»—	—»—	наҳс				Марг ё худ касеро аз олам бурдани марг
—»—	—»—	миёна	—»—	—»—	—»—	Манфиату ёрдам аз хешовандон
—»—	бахт	бахт	—»—	—»—	наҳс	Шӯҳрати нек
—»—	—»—	миёна	бахт	—»—	бахт	Сафарҳои хуш

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7
—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	Иллату касалӣ
—»—	миёна	—»—	миёна	—»—	миёна	Хузури султонон
—»—	—»—	—»—	бахт	бахт	нахс	Чун рӯзи гузашта
—»—	нахс	—»—	миёна	миёна	миёна	Тӯй ва никох
—»—	миёна	—»—	—»—	—»—	—»—	Пули муфт

Муборак. аст, барои он ки номи Мохро дорост.

То нимрӯз нек, баъди он бад.

—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	Афзудани дорой
—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	Ғизо аз чорпоён
—»—	бахт	—»—	—»—	—»—	—»—	Касалию сихатӣ
бахт	миёна	—»—	—»—	—»—	бахт	Ба чизи наве сохиб шудан
миёна	бахт	бахт	—»—	бахт	миёна	Саёҳату бозгашт
бахт	миёна	миёна	—»—	миёна	—»—	Саёҳат ва касрати он.

Номи рӯзҳои моҳҳо	Фарвардинмох	Урдибихиштмох	Хурдодмох	Тирмох	Муродмох	Шахривармох
Фарвардин	бахт	миёна	миёна	бахт	миёна	миёна
20. Бахром	миёна	—»—	—»—	миёна	нахс	—»—
Ром	бахт	бахт	—»—	—»—	бахт	бахт
Бод	нахс	миёна	—»—	—»—	—»—	—»—
Дайбадин	миёна	—»—	—»—	—»—	миёна	миёна
Дин	бахт	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—
25. Урд	—»—	бахт	—»—	—»—	—»—	—»—
Аштод	миёна	миёна	—»—	бахт	—»—	бахт
Асмон	—»—	бахт	бахт	—»—	—»—	—»—
Зомиёд	—»—	миёна	миёна	миёна	—»—	миёна
Морасфанд	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—
30. Анирон	—»—	—»—	нахс	—»—	—»—	—»—

facebook.com/Китобхона

Мехрмох	Обонмох	Озармох	Даймох	Бахманмох	Исфандармузмох	Нишонаи пайдоиши Мор дар рӯзхои Мох
миёна	миёна	бахт	миёна	миёна	миёна	Сарватмандӣ
—»—	—»—	нахс	нахс	—»—	бахт	Марги яке аз аҳли хонавода
бахт	бахт	миёна	бахт	бахт	—»—	Саёҳату ғалабият
миёна	миёна	—»—	-·»—	нахс	миёна	Дузд пиндоштан.
—»—	бахт	—»—	миёна	миёна	—»—	Иллату касалӣ.
—»—	миёна	—»—	бахт	бахт	бахт	Пулгирӣ
бахт	—»—	—»—	миёна	—»—	—»—	Хулқи номуборак
миёна	—»—	—»—	бахт	миёна	миёна	Хонаи нав
—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	Дурӯғгӯй пиндоштан.
—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	Бадбахтӣ
—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	Сафари кӯтоҳмуддат.
—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	—»—	Ҷазодиҳӣ ба бадкорӣ

ФАСЛ
ДАР ИДҲОИ МОҲҲОИ СУҒДИЕН

Суғдиён низ моҳҳои худро мутобиқи чор қисмати сол тақсим карда буданд: Аввал навсард аз моҳҳои суғдӣ аввали тобистон бувад. Ва миёни суғдиёну форсиён дар аввалҳои солҳо ва баъзе аз моҳҳо ихтилофе набувад, ҷуз дар он панҷ рӯз, ки ба сол илова шудааст, чунон ки дар пеш баён кардаем.

Баъзе аз мардум бар ин гумон шудаанд, ки сабаби ихтилофи миёни онҳои ин ду қисми сол тафовуте аст, ки аз ҳисоби дар расадхонаҳо тартибдода асос гирифтааст, зеро шоҳони эронӣён соли хуршедиро сесаду шасту панҷ рӯзу қадре зиёдтар аз чорьяки рӯз медонистанд, ки ба андозаи як шастуми соат бошад, ки ин

facebook.com/Китобхона
миқдасе [illegible] рӯз донистанд. Ва чун Зардушт зухур карду кеши мачусиятро биёвард ва подшоҳони Эрон аз Балх ба Форсу Бобул омаданд ва ба умури дини худ эътино карданд, расади чадвали мавчудаи солро низ тачдид намуданд ва диданд, ки инқилоби тобистонӣ ба оғози соли сеюми кабс ба андозаи панч рӯз мукаддам аст. Пас ҳисоби аввали худро тарк карданд ва ба ончи ба расад ёфта буданд, амал намуданд. Ва аҳли Мовароуннаҳр ба ҳамон ҳолати пешин бокӣ монданд. Ва он солеро, ки аҳволи онро муроот карда буданд, эҳмол карданд. Пас авоили солиёни эшон бад-ин чиҳат ихтилоф ёфт.

Ва баъзе аз эшон чунин гумон кардаанд, ки оғози соли форсиёну оғози соли суғдиён то вакти зухури Зардушт яке буд. Ва чун форсиён пас аз Зардушт панч рӯзро ба охири ҳар моҳе аз моҳҳои кабиса гузаронидаанд, чунон ки дар пеш гуфтем. Ва аҳли Суғд аз ҳамон чо, ки мавзеи ҳақиқии онҳо буд, нагузаронидаанд. Ва дар охири моҳҳои солиёни эшон бокӣ монд. Ва панчи зоида дар моҳҳои форсӣ пас аз эҳмоли кабиса дар охири обонмоҳ бокӣ монд.

Аҳли Суғдро дар моҳҳои худ идҳои бисьёре дар рӯзҳои маълум ва рӯзҳои гарон микдоре аст, ки монанди идҳо ва айёми форсиён аст. Ва он чиро, ки мо аз онҳо иттилоъ ёфтем, ба қарори зайл аст.

Навсард — Рӯзи аввал он Наврӯзи суғдиён аст, ки Наврӯзи бузург бошад. Ва рӯзи бисту ҳаштуми он зардуштиёни Бухороро идест, ки «Ромиши оғом» меноманд. Ва дар он ид дар оташкадае, ки наздики қаряи Ромиш аст, чамъ мешаванд. Ва ин Оғомҳо назди онон азизтарини идҳо аст. Ва дар ҳар дехе, ки бошанд, назди раиси худ барои хӯрдану ошомидан чамъ мешаванд. Ва ин ид барои эшон дар чандин навбат аст.

Ч-рч-н-мо аз ин ид хабаре надорем.

Найсанч-рӯзи дувоздаҳуми он моҳ ирчи аввал аст.

Басоканч-рӯзи ҳафтуми он микҳи оғом аст.

Ва ин рӯз барои эшон дар Пайканд идест, ки дар он чамъ мешаванд. Ва рӯзи дувоздаҳум моҳирчи дуюм аст. Ва рӯзи понздаҳум амсихора мебошад. Ва дар ин рӯз таому шаробро тарк мекунанд ва аз он чи бо оташ пухта шавад, парҳез менамоянд. Ва хамиру меваю набот мехӯранд.

Ашноҳандо — рӯзи ҳаждаҳуми он бобаҳора аст, ки

facebook.com/Китобхона
«бомайхора» гуфта мешавад, яъне шароби холису ноб нӯшидан бошад. Рӯзи бисту шашум гармхора аст.

Мажихандо — рӯзи сеюми он иди кашмин аст. Ва дар ин рӯз дар қаряи Камчикат бозоре бапо мешавад. Ва дар рӯзи понздаҳуми он дар Тавовис бозоре ба по мешавад. Ва бозаргонон аз офоқу атроф дар он чо чамъ мешаванд. Ва ҳафт рӯз ин бозор ба пост.

Фуғюн — рӯзи аввали он «нимсарда» ном дорад ва маънои он нимаи сол аст. Ва рӯзи дуюми онро «м-н-иди хора» мегӯянд ва дар оташкадаҳо чамъ мешаванд. Ва чизеро, ки аз орди арзан ва равғану шакар пухтаанд, дар он чо мехӯранд. Ва баъзе аз мардум нимсардаро панч рӯз пеш аз ин мавкеъ медонанд, ки бинобар раъи форсиён, аввали мехрмоҳ бошад, бо он ки вочиб ин аст, ки чун шаш моҳу дую ним рӯз аз сол бигузарад, нимаи сол бошад. Ва рӯзи нӯҳуми онро «тисиси оғом» мегӯянд. Ва рӯзи биступанчуми он аввали гармхора аст.

Обонч — рӯзи нуҳуми он охири гармхора аст.

Фуғ — ба кулли мо аз он бехабарем.

Масофуғ — суғдиҳоро дар ин рӯз аз панчум то понздаҳуми он ид аст. Ва пас аз он мусулмононро дар Шарғ бозоре ба по мешавад, ки ҳафт рӯз ба тӯл меанчомад.

Жимданч — рӯзи бисту чоруми он бозомком аст.

Хишавм — дар охири ин моҳ аҳли Суғд бар мурдагони пешини худ гирья мекунанду бар онҳо навҳа месозанд ва рӯйҳои худро мехарошанду барои мурдагон таому шароб мебаранд. Чунон, ки эронихо дар фарвардагон ба ҳамин тариқ, рафтор менамоянд. Ва сабаби ин ки дар охири ин моҳ ин корро мекунанд, ин аст, ки панчи дуздидашудаи аҳли Суғд чунон ки дар пеш гуфта шуд, дар охири ин моҳ аст. Ва аҳли Суғдро дар деҳкадаҳо дар айёме, ки номҳои он дар ҳар моҳ якест, бозорҳоест, ки дар деҳкадаҳои Бухоро ва Суғд ба по мегардад.

ФАСЛ
ДАР ИДҲОЕ, КИ ДАР МОҲҲОИ АҲЛИ ХОРАЗМ АСТ

Аҳли Хоразм бо аҳли Суғд дар оғози солу моҳ ҳамроҳанд ва бо эронiён мухолифанд. Ва иллати ин мухолифат ҳамон аст, ки дар бораи аҳли Суғд гуфтем. Ва русуми хоразмиён дар ин идҳо монанди расмҳои

facebook.com/Китобхона

суғдиён аст. Ва аввали тобистон назди эшон аввали новсорчӣ асту эшонро дар он вақт идҳоест, ки пеш аз ислом муаззам медоштанд. Ва бар ин гумонанд, ки худованди азиз эшонро амр намуда, ки ин идҳоро бузург доранд. Ва низ рӯзҳои дигареро, ки аз осори пешиниёни худ буд, бар ин рӯзҳо биафзуданд. Ва акнун аз бозмондагони мачуси Хоразм ҷуз муште, ки устуворӣ дар дини худ надоранду ба зоҳири дин ихтисор кардаанд ва аз маонию ҳақиқати дини зардуштӣ ғофиланд, касе дигар ёфт намешавад, ҳатто ин ки эшон идҳоро танҳо ба маърифати қадимии онҳо истеъмол мекунанд. Ва аз мавозее, ки дар моҳҳо доранд, чашм пӯшидаанд. Ва аммо идҳою айёми онон, ки ба дини эшон алоқа надорад, аз қарори зайл аст:

Новсорчӣ — рӯзи аввали он иди оғози сол аст ва чунон ки гуфтем, он иди ҷадидест.

Ардушт — дар он чизе зикр накардаанд.

Ҳаравдод — рӯзи аввали он «ариҷосувон» ном дорад. Ва ин рӯз пеш аз ислом ҳангоми шиддати гармо буд ва аз ин ҷост, ки гуфтаанд: «Дар асл» аричҳоси чӯзон» буда ва тарҷимааш ин аст, ки «ба зудӣ аз либос берун мешаванд», яъне ҳангоми он мерасад, ки бараҳна гарданд». Вале дар замони мо ба вақти зироати кунҷиду дигар чизҳое, ки бо он кошта мешавад, мувофиқ шудааст. Дарвоқеъ, ин идро дар мавқеи ин зироат медонанд.

Чирӣ — рӯзи понздаҳуми онро «аҷғор» гӯянд, ки ба маънои «оташ афрӯхтан»-у «шӯъла» аст. Ва дар замонҳои гузашта ин ид аввалин вақте буд, ки ба оташ афрӯхтан ниёзманд мешуданд ва ҳаво дар тирамоҳ тағьир меёбад. Вале ин ид дар замони мо ба миёни тобистон расида ва ҳафтод рӯз аз аҷғор мешуморанд, он вақт гандуми тирамоҳӣ мекоранд.

Ҳамдоз — дар ин рӯз чизе нагуфтаанд.

Ахшриварӣ — рӯзи аввали онро «фағибрия» меноманд. Ва гӯянд, ки дар асл «фағрбал» буда, яъне «берун омадани шоҳ», зеро мулуки Хоразм дар чунин вақте барои ин ки гармо тамом шуда буду сармо рӯй карда буд, ба ҷойгоҳи зимистонӣ мерафтанд. Ва туркони ғузро аз сарҳадоти худ берун менамуданду атрофи кишвари хешро аз вуҷуди онон пок месохтанд.

Умрӣ — рӯзи аввали он «аздокандхор» мебошад ва маънояш «хӯрдани нони равғанӣ» аст. Ва дар ин рӯз аз сармо дар паноҳгоҳҳо мерафтанд ва дар канори

facebook.com/Китобхона

оташхои афрўхта чамъ мешуданду нони равғанй мехўрданд.

Ва рўзи сездахуми он иди «чирй руч» аст. Ва чунон ки эрониён Мехргонро бузург медоранд, эшон ин рўзро бузург медоштанд.

Ва рўзи бисту якуми он идест, ки «Ромруч» ном дорад.

Ёнохан — дар ин мох чизе зикр накардаанд.

Аду — ҳамчунин дарин мох чизе зикр накардаанд.

Римжад — рўзи понздахуми он «нимхаб» ном дорад. Ва мегўянд, ки дар асл «минчиахиб» аст ва барои ин ки зиёда дар забонхо давр мезад, тасхиф шуд ва «нимхаб» гуфта шуд. Ва маъноаш он «шаби Мина» аст. Ва Мина номи занест, ки яке аз мулуку бузургони Хоразм буд ва шабе дар холи мастй бо чоми абрешим аз кохи худ берун шуд. Ва он вакт бахор буд. Ва дар берун кох биафтоду хобаш бурд ва шаб сармо хўрду мурд. Ва мардум дар шигифт шуданд, дар ин вакти бахор чи тавр инсон аз сармо мемирад. Ин буд, ки номи онро барои вокеаи хорич аз одат, ки дар ғайри вакти худ рўй додааст, таърих донистанд. Ва ин рўз дар замони мо аз мавкеи хакикии худ пешй гирифта ва омма онро дар ниман зимистон ид мегиранд. Дар ин рўзу рўзхои часпида ба он ахли Хоразм бухуру дуду бўйхои таомеро, ки барои рафъи ғавоили чину арвохи бадкор гузоштаанд, ошкор мекунанд.

Ва ин кор аз рўи ҳазму эҳтиёт вочиб аст, ба хусус ки агар баъзе аз умури нафсониро монанди азоиму афсунхо ва дуохоеро, ки чун афозили хукамо чун Чолиниюс таъсироти арвохи бадро дар ин олам диданд, чиз донистанд, бар он биафзоем ва низ агар баъзе аз умури вобаста ба кавокибро аз кабили авкоти мустаида ва ихтиёрот бо анвоъ ва аснофи он бар ин матлаб афзуда шуд.

Хушьёрию эхтиёт иктизо мекунад, ки бар ашхосе, ки барои ибтоли ин умур ва такзиби он чуз ришханду сухрия ва чона боло кашидан, далели дигар надоранд, вакъе нагузорем ва гуфтаи ононро гўш надихем. Ва чамъе зиёд аз фалосифа ба чину шаётин муттахид буданд. Ва Арасту чину шаётинро хайвони хавоию норй тавсиф карда ва ононро низ инсон ном ниҳода аст. Ва Яхьёи Нахвй ба вучуди чину шаётин эътироф дошта аст. Ва фалосифаи дигар гуфтаанд, ки чину шаётин

facebook.com/Китобхона
чонхои наличе аст, ки пас аз чудой аз колбуд, барои ин ки хайрон будаанд ва хакикатро нашинохтаанд, ба колбуди худ рўй меоваранд. Ва гумон мекунам, ки Мони дар китоби худ ба хамин мавзўот ишора карда, харчанд ки ибороту ишороти ў бо алфозе ракик аст.

Ахман — дар ин мох чизе зикр накардаанд.

Испандормачй — рўзи чоруми онро «хиж» номанд, яъне рўзи киём. Ва дар рўзи дахум идест, ки «Вахшанком» ном дорад ва «Вахш» номи фариштаест, ки ба хама обхо, махсусан ба нахри Чайхун мувакқал аст. Ва рўзи бистуми ин мох «Инча» ном дорад, ки маънои ин лафз «асиса» (гулдон) аст.

Хоразмиёнро пас аз ин идхо, ки гуфта шуд, идхои дигаре аст, ки дар ахволи дунёи худ ба онхо нигёзмандаанд. Ва он идхо иборат аз шаш ид аст. Иди аввал «Банахчочиред» ном дорад, ки рўзи ёздахум аз новсорчй аст. Ва омманн хоразмиён онро новсорчиконик номанд, ба изофа ба мохе, ки ин ид дар он аст. Ва иди дуюм «Мисуханиред» ном дорад, ки рўзи аввал аз чирй аст. Ва низ онро «Ховардминик» мегўянд, яъне «кадўй». Ва номи дигари он «Ачғорминик» аст, ки ба изофаи боғғор номида шуда, зеро понздах рўз пеш аз ачғор аст. Ва иди сеюмро «Мазениред» номанд ва он рўзи понздахум аз хамдод аст. Ва номи дигари он «Анчимарзиконик» аст. Ва рўзи чорумро «Миеизарминиред» гўянд, ки понздахумин рўз аз умрй аст. Ва номи дигари он «Хирравчаконик» аст. Ва иди панчўм рўзи аввал аз римжд аст, ки «Качзариконик» ном дорад. Ва иди шашум ба «Арсаминиред» мавсум аст, ки низ «Арсаминиаконик» гўянд ва он рўзи аввал аз азман аст.

Ва хоразмиён дар панч рўзи охири испандормачй ва панч рўзи дигаре, ки дар пои он аст ва мулхак ба ин мох монанди ахли форс дар рўзхои фарвардгон барои арвохи мурдагон дар гўристонхо гизо мегузоранд.

Хоразмиён манзилхои Камарро дар хисоби худ ба кор мебурданд ва хукму амалиёти хешро аз он исбот мекарданд. Ва ин манзилхоро дар луғати эшон номхое буд, ки хифз када буданд Ва ашхосе, ки метавонистанд ин корро анчом диханду ба вачхи хуси дар ин хисоб назар намоянд, аз миён рахт барбастанд. Ва аз далоили хеле равшан бар ин муддао он аст, ки муначчимро дар луғати хоразмй «ахравиник» мегўянд, яъне

facebook.com/Китобхона
касе, ки нозир ба манозили Моҳ бошад, зеро «ахрав» яке аз хонаҳои Моҳ аст. Ва ин манозилро хоразмиён ба бурҷҳои дувоздаҳгона қисмат карда буданд. Ва бурҷҳоро дар луғати худ ба номҳои муфрадӣ мехонданд. Ва эшон аз тозиён бурҷҳоро бехтар мешиносҳтанд. Ва шуморо бар ин матлаб ин қазия огоҳ мекунад, ки номҳое, ки хоразмиён бар бурҷҳо гузоштаанд, мувофиқи номҳоест, ки ашхосе ки ин бурҷҳоро тасвир намудаанд, бар онҳо гузоштаанд. Ҳатто ин ки Ҷавзоро дар ҷумлаи буруҷ ба ҷои тавомайн гузоштанд, бо он ки Ҷавзо сурати Ҷаббор аст. Ва ахли Хоразм гоҳе ин бурҷро «Азувпичкирик» гӯянд ва маънои он «зуссанамайн» аст ва «муқтазои Бо Дупайкар», низ ба маънои он мебошад.

Ва низ аъроб бурҷи Асадро аз қатори суратҳое тасвир кардаанд, ки дар тӯли бурҷу миқдори истило ёфта бирасад ба ғайр аз он чӣ арз дорад. Зеро тозиён ду сари Дупайкарро ба миқдори як қадами Асад донистаанд ва доғеро, ки дар синаи Саратон аст, яъне ситораи Насраро бинии Асад пиндоштаанд.

Ва синаи Узроро, ки «Авво» бошад ду рони Асад маҳсуб доштаанд. Ва дасти Узроро, ки Симоки Аъзал аст, яке аз ду соқи он донистанд. Ва Ромиҳро соқи дигари Асад тасвир намудаанд. Пас бинобар раъи тозиён сурати Асад бар бурҷи Саратону Асаду Узро ва порае аз бурҷи Мизон ва иддае аз сувари шимолию ҷанубӣ густурда шуда, бо он ки ҳақиқати амр ғайр аз ин аст.

Ва ҳамчунин агар дар номҳое, ки барои ситорагони собит ниҳодаанд, тааммул кунем, хоҳем дид, ки аъроб аз илми буруҷу сувар хеле дур будаанд. Ҳарчанд Абӯмуҳаммади Абдуллоҳ бинни Муслим бинни Қутайбаи Ҷабалӣ [147] таҳвил менамояд ва дар тамоми китобҳои худ суханро ба дарозо кашонидааст. Ва ба хусус дар китобе, ки дар тафзили араб бар аҷам навишта, чунин пиндошта, ки арабҳо ба ситорагон ва тулӯъю ғуруби онҳо аз ҳама халқҳо донотар будаанд. Ва ман намедонам, оё намедониста ва ё тачоҳул карда, ки дар тамоми маконҳои замин барзгарону чӯпонҳо ибтидои аъмоли худ ва маърифати авкотро ба андозаи арабҳо медонанд. Ва касе, ки чуз осмон сақфе надорад ва тулӯъю ғуруби кавокиб бар он ба як низом идома дорад, мабодии корҳо ва шиносоии авкоти худро ҳоҳад ба кавокиб таълиқ намуд. Ва танҳо аъробро ин як хусусият буд, ки он чиро

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали манозили Қамар

Номҳои манозили Қамар ба луғати араб	Номҳои он ба луғати Суғд	Номҳои он ба луғати аҳли Хоразм
ас-Сурайё	П-р-в-й	П-р-в-й
ад-Дабарон	Ба-б-р-в	Ба-б-р-в
ал-Ҳанъат	Мр-а-з-на	Ах-мо-х
аз-Зироъ	Р-ш-н-в-н-д	Х-в-ё
ан-Насра	Ғ-с-ф	Ғ-в-с-ф
ан-Насра	Ғ-н-б	Ҷирй
ат-Тарф	Х-м-ш-р-и-ш	Х-м-ш-и-ш
ал-Ҷабҳат	М-ғ	Ачир
аз-Зубрат	В-з-а (В-з)	А-м-ғ
ас-Сарфат	В-и-з-в	В-и-з-и-в
ал-Авво	Ф-с-т-ш-т	А-ф-с-с-т
ас-Симок	Ш-ғор	А-х-ш-ф-р-н
ал-Ғафр	С-р-в	Ш-в-ш-к
аз-Зубониён	Ф-с-р-в	С-ро-ф-с-р-и-в
ал-Иклил	Ғ-н-в-н-д	А-ғ-н-в-н-д
ал-Қалб	В-ғ-н-в-н-д	В-ғ-н-в-н-д
аш-Шавлат	М-ғ-н-с-д-в-и-с	Зо-р-и-н-д
ан-Наоим	Б-с-с-м	С-р-з-и-в
ал-Балдат	В-ж-з-и-к	М-р-х-ш-и-к
Саъд-уз-Зобеҳ	В-н-н-д	Х-ч-м-н
Саъд-Булаъ	Ю-ғ	Ю-ғ
Саъд-ус-Сууд	Ш-з-м-ш-и-р	С-д-м-с-и-ч
Саъд-ул-Ахбия	Ш-в-ш-т	М-ш-т-в-н-д
ал-Фарғ-ул-Муқаддам	Ф-р-ш-т-бо-с	Ф-н-х-ш-б-и-с
ал-Фарғ-ул-Муаххар	Б-р-ф-р-ш-т	В-б-и-р
Батн-ул-Ҳут	Р-и-в-н-д	Ж-доз
аш-Шаратон	Б-ш-и-ш	Р-и-в-н-д
ал-Бутайн	Б-р-в	Ф-р-н-х-н-д

халқҳо аз ҳаққу ботил ҳадс мезаданд ва ё мешинохтанд, аъроб бо ашъору асчоъ ва урчузаҳо дармеовардану ҳифз мекарданд. Ва аз ин чиҳат ба якдигар умури мазкур ба таври ирс мерасид. Ва агар дар кутуби анвоъ ва ба хусус китоберо, ки ин мард ба номи «Манозир уч-нучум» навишта ва ба он чи, ки мо кисме аз онхоро дар авохири китоб ворид кардем, тааммул кунед, хохед донист, ки аъроб аз илми хайат чуз он андоза, ки барзгарони хар кишвар медонанд, чизе бештар надонистаанд. Вале ин мард дар хар мабхасе, ки ворид мешавад, ифрот мекунад. Ва аз ахлоки Ҷабалӣ, ки истибдод ба раъй аст, холӣ нест. Ва каломи ӯ дар ин китоб бар кинаҳо ва душманиҳое, ки бо эрониён дорад, дало-

facebook.com/Китобхона
лат мекунад. Зеро ба ин андоза ҳам розӣ нашуд, ки арабҳоро бар мо, эрониён, бартарӣ диҳад, балки эронӣёнро забунтари халқҳо ва пасттарин махлуқ донистааст. Ва аз он чӣ худованд дар сураи «Тавба» тозиёнро ба куфру душманӣ бо ислом васф карда, бештар тавсиф намудааст. Ва умури зишти дигареро низ ба эрониён нисбат дода, ки агар пешиниёни арабҳоро мешиносхт, бештар аз гуфтаҳои худро дар бораи ин ду карда таксиб мекард.

Номҳои манозили Қамар дар луғати аҳли Суғд ва аҳли Хоразм мутобики ин ҷадвал аст. Ва дар охир дар мабҳасе, ки аз тулӯъ ва сукути манозили Қамар баҳс мекунем, сувари манзили онҳоро низ зикр хоҳем намуд: (Ниг. ба сах. 264).

ФАСЛ
ДАР МАЗҲАБИ ХОРАЗМШОҲИЁНУ ИДҲОИ АҲЛИ ХОРАЗМ

Абӯсаиди Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Ирок [148] дар кабси моҳҳои хоразмиён монанди Мӯътазид биллоҳ рафтор кардааст. Ва шарҳи кисса он аст, ки чун дар Бухоро аз банд раҳоӣ ёфт ва ба пойтахти худ баргашт, аз донишмандоне, ки дар дарбори ӯ буданд, пурсид, ки «рӯзи аҷгор чӣ рӯзест?» Донишмандон ин рӯзро барои ӯ баён карданд. Сипас, пурсид, ки «аҷгор кучои тамуз қарор дорад?» Ин пурсишро низ посух гуфтанд. Ва Абӯсаид ин ҷавобро ҳамчунон дар хотир дошт, то он ки чун ҳафт сол гузашт аз мухосибон ҳамин пурсишро хотиррасон кард ва ҳамон посухи пешинро шунид. Ва чун бар кабиис огоҳ набуд, ин ҳисобро инкор кард ва фармуд, то Хирочӣ, Ҳамдакӣ ва муаҷҷимони дигарро, ки дар он аср буданд, ҳозир кунанд. Ва ҳақиқати ҳолро аз эшон суол кард. Ва ба таври тафсил матлабро барои ӯ машрух сохта ва гуфтанд, ки «Эрониёну хоразмиён бо солҳо чӣ мекунанд.» Абӯсанд гуфт: «Равиши эрониёну аҳли Хоразм кӯҳнаю табоҳ шуда ва аз хотирҳо ба чиҳати кӯҳнагӣ фаромӯш ва зудуда гашта ва тӯдаи мардум танҳо ба — «рӯзи аҷгор» эътимоде басазо доранд. Ва марказҳои фусули чоргонаро бад-ин рӯз таҳдид мекунанд. Бадин гумон, ки «рӯзи аҷгор» собит асту тағйирнопазир ва «аҷгор» васати тобистон асту «нимҳаб» миёнаи зимис-

facebook.com/Китобхона
тон. Ва рабе вақтҳои маълумеро барои зироату деҳқонӣ аз рӯи ҳамин рӯзҳо маълум мекунанд. Ва мардум наметавонанд ба кабиса таваччӯҳ кунанд, магар пас аз он ки солҳои зиёде бигузарад. Ва аз ин чост, ки дар натиҷаи гузаштани солҳои зиёд аз рӯзи «аҷғор» ихтилоф миёни эшон ёфт шуда, ба тавре ки ҷамъе тасаввур мекунанд чун шаст рӯз аз «аҷғор» бигузарад, бояд гандум кошт. Ва баъзе мегӯянд, ки бояд аз шаст рӯз бештар бигузарад. Ва порае бар ин акидаанд, ки бояд аз шаст рӯз камтар бигузарад. Пас, бехтар он аст, ки чорае бияндешид, ки рӯзи «аҷғор» ҳамвора ба як ҳол собиту пойдор бимонад. Ва дар вақтҳои ғайримухталиф солҳо ба як тариқ боқӣ бошад, то дар натиҷа замонҳоеро, ки аз он рӯз оғоз мекунанд, ихтилоф наёбанд».

Мунаҷҷимони номбурда гуфтанд, ки ягона чораи ин кор он аст, ки бояд мабодии моҳҳои хоразмиро дар рӯзҳои фарзшуда аз моҳҳои Руму Суриёниён қарор дихем. Чунонки Мӯътазиди Аббосӣ низ ба ҳамин роҳ рафтааст ва бояд, ки солҳо мутобики кабисаи румиёну суриёниён кабиса шавад. Ва ба иттифоқи фикрҳои дар соли як ҳазору дусаду ҳафтоди искандарӣ ин корро анҷом доданд. Ва дар ин матлаб иҷмоъ карданд, ки оғози Новсорҷӣ рӯзи сеюми найсони суриёнӣ бошад, то ин ки ҳамвора «аҷғор» дар нимаи тамуз ҷой гирад. Ва вақтҳои деҳқониро мунаҷҷимони мазкур мутобики ин таърих қарор доданд. Масалан, чидани энгурро барои хушк кардан, вақти он чил рӯз аст, ки аз «аҷғор» бигузарад то шасту панҷ рӯз. Ва чидани ангуру гулоби барои овехтан, ки аз панҷоҳу панҷ рӯз аз «аҷғор» гузашта, шурӯъ мешавад, то шасту панҷ рӯз. Ҳамчунин ҳама вақтҳои зироатро аз вақти бароварӣ ва шинондани дарахтону пайванд намудани онҳо ва умури дигареро бар ин таърих қарор доданд. Ва чун сол назди румиён кабиса бошад, биттабъ рӯзҳое, ки пас аз испандормачӣ аст, то шаш рӯз кабиса хоҳад буд. Ва агар аз Хоразмшоҳ чуз ин таърих, ки нақл шуд, таърихи дигаре бувад ба гуфтаҳои дигари худ мулҳақ месохтам.

Моҳҳои кибтиён:

Моҳҳо кибтӣ ду қисм аст: Макбус ва ғайримакбус.

Агарчи мисриҳо монанди халқҳои дигар дар моҳҳо равиши хосе доштанд, вале мо аз он бехабарем. Ва

facebook.com/Китобхона

низ аз моҳҳои макбусӣ ҳам, ки дар аҳди мо доранд, огоҳ нестем, ҷуз ин ки накл мекунанд, ки наврӯзи кибтиён рӯзи аввали моҳи тут аст. Ва дар ин рӯз оби Нил боло меояд ва дар рӯзи шонздаҳум аз моҳи бувуна зиёд мешавад ва ба гуфтаи дигар дар рӯзи бистуми ин моҳ оби Нил зиёд мегардад.

Дур нест, ки мисриён барои ин ки миёни румиҳо ва суриёниҳо воқеанд ва дар солҳои худ бо ин ду қавм муттафиқанд, дар тарзи кабиса низ аз эшон пайравӣ карда бошанд, ба ғайр аз ҳолати хоссае аз қабили аҳволи обҳо, ҳавоҳои мухталиф ва боду боронҳо, ки ихтисос ба маскани эшон дорад.

Кабисаеро, ки суриёниҳо ва румиҳо ба кор мебанданд, ду қисм аст: Яке он аст, ки барои асбоби маишати дунявӣ ва ҳолати пайдоиши тағйироти дар ҳаво ва умури дигаре аз ин қабил ба кор мебаранд. Қисми дигар он аст, ки ихтисос ба ҳолоти динии эшон дорад, ки кеши Масеҳӣ бошад. Ва мо то андозае, ки бохабарем, дар чои худ аз ҳар ду навъ гуфтугӯ хоҳем кард.

ФАСЛ
ДАР РӮЗҲОЕ, КИ ДАР МОҲҲОИ РУМИЁН АСТ

Чун солҳои румиён бо солҳои хуршедӣ мутобиқу бо фусули табиии ин солҳо ҳамвора собит аст ва дуруст бо соли хуршедӣ ҳаракат мекунад ва аз муқобили аҷзои он зоил намешавад, магар ба миқдоре, ки пеш аз он, ки ҳисси онро дарьёбад, ба соли худ илова мекунанд. Ин буд, ки румиёну суриёниён ва пайравони эшон аҳволеро, ки дар сол мушоҳида карданд ва ҳолотеро, ки дар рӯзҳо ба тӯли муддат аз роҳи таҷриба ёфта буданд, ба навбатҳое, аз соли хуршедӣ дохил карданд. Ва ин аҳвол ҳамон аст, ки онро «анвоъ ва буруҷ» мегӯянд. Ва уламо дар иллату сабаби он ихтилоф кардаанд. Ва баъзе ин аҳволро ба тулӯъ ва ғоиб шудани кавокиби собита нисбат додаанд. Ва арабҳо аз ин синфанд. Шоире мегӯяд: (Қавми ман монанди «Банотуннаъш» бозмондаанд, ки бо дигар ситорагон навие надоранд, яъне хайре назди эшон нест, чунон ки дар тулӯи кавокиби «Банотуннаъш» хайре нест).

Ва дастае дигар аз донишмандон мегӯянд, ки ин аҳ-

facebook.com/Китобхона
вол... ...шти худи айёми матбўъ аст. Ва асбоби дигар дар зиёдату нуқсони он чо дорад. Чунон ки табиати фасли тобистон гармост ва табиати зимистон сармо, вале гоҳе чунин рўй медиҳад, ки яке рў ба нуқсон мегузораду дигаре ба афзунй.

Ҷолинуси фозил гуфтааст: «Вақте мешавад яке аз ин ду қавлро тарҷеҳ дод, ки ин масъаларо таҷриба ва имтиҳон кард. Ва чун ҳаракати савобит пинҳонй аст ва дар тулўъ ва ғоиб шудани онҳо дар замоне кам ихтилофи бисьёр кўтоҳе ёфт мешавад, ин озмоиш мумкин нест».

Синон бинни Собит бинни Қурра аз гуфтаи Ҷолинус тааҷҷуб намуда ва дар китобе, ки барои Мўътазид дар «анвоъ» таълиф карда, чунин мегўяд: «Намедонам, чй тавр Ҷолинус бо он ки дар ҳисоби ситорагон қавй ва тавоно буд, аз ин матлаб ғафлат намуд, ки тулўъ ва ғоиб шудани кавокиб дар моҳҳо ихтилофи азиму ошкоре дорад.

Чунон ки Суҳайл дар Бағдод панҷ рўз аз элул гузашта, тулўъ мекунад ва дар Восит ду рўз пештар аз Бағдод ва дар Басра пеш аз Восит толеъ мешавад». Ва аҳли нуҷум низ гуфтаанд: «Анвоъ ба ихтилофи кишварҳо ихтилоф меёбад, балки мумкин аст чандин рўз дар кишвари навъе маҳфуз бимонад». Пас, ин худ далел аст, ки ситорагон тулўъ ва ғуруби онҳоро дар аҳволи замин мадхалияте нест.

Сипас хештанро Синон бинни Собит фиреб дода ва гуфтааст: «Ҳарчанд, ки қавми ҳақ ин аст, ки амри тулўи кавокибу ғуруби онҳо дар таъсироти мансуба ба худ вобаста ба шароите аст» ва ба таври итлоқ саҳеҳ нест.

Пас аз ин ки Синон бинни Собит аз ин гуфта фориғ шуд, аз нав чунин гуфтааст: «Бештар «анвоъ»-и араб дар Ҳиҷоз аст ва ё навоҳии наздик ба Ҳиҷоз. Ва «анвоъ»-и қитбиён дар Мисру соҳилҳои дарьё ва «анвоъ»-и Батламиюс дар кишвари Рум ва риштаи кўҳҳое, ки ба паҳлўи он аст. Ва агар касе бихоҳад, ки яке аз ин мавозин сегонаро касд кунад, он чи Ҷолинус гуфта, ки «ин таҷрибаю имтиҳон дар замони каме муяссар нахоҳад шуд», барои ў пеш хоҳад омад. Ва Ҷолинус ҳар амреро, ки аз рохи бурҳон дарёфта, зикр мекунад ва аз матолибе, ки омехтаи шубҳа бошад, дурй менамояд».

Синон бинни Собит аз падари хеш накл мекунад, ки

facebook.com/Китобхона
сӣ соли тамом дар Ироки Араб аҳволи «анвоъ»-ро мурокибат кард ва мехост усуле аз он ба даст оварад, ки дар дигар кишварҳо анворо бад-он бисанҷад. Ва пеш аз он ки мақсуди худро дарьёбад, марг ӯро дарьёфт.

Агар ҳар як аз ду қавл, яъне аз нисбати «анвоъ» ба айёми сол ва ё нисбати он ба тулӯъ ва ғуруби манзилҳои Қамар савоб бошад, қавли сеюм соқит хоҳад буд. Ва он ду қавл ҳам ба шароите вобаста хоҳад шуд, ки сиҳҳати «анвоъ» ба он тааллуқ дорад. Ва он шароит ин аст, ки нахуст бояд ҳоли солу чаҳорьяки он ва мохро дар юбусату рутубат ва ин ки инкор хоҳад намуд ё ба таври эҷод воқеъ мегардад. Ва дигар далоиле, ки кутуби нуҷумро аз онҳо пур кардаанд, донист. Ва чун навъе бо ин далолот мутобиқ шавад, рост меояду ҳаман он вуқӯъ меёбад. Ва агар дар порае аз он рост ояд, албатта, ҳамон қисмат рост хоҳад омад.

Ва Синон бинни Собит тавсия кардааст, ки бояд иттифоқи арабу аҷамро бар «навъ» мӯътабар донист, ки чун ин ду гурӯҳ бо ҳам иттифоқ карданд, он «навъ» қавӣ асту зуҳур хоҳад ёфт. Ва агар на ба акс хоҳад шуд.

Ман дар ин боб он чиро, ки Синон бинни Собит дар «Китоби анвоъ» гуфта ва он чӣ дар моҳҳои румиён аз вақтҳои аҳволи дунявӣ гуфташуда, зикр мекунам. Ва роҷеъ ба тулӯъу ғуруби «анвоъ» дар бобе ҷудогона, ки дар охири китоб хоҳад омад, сухан хоҳем кард.

Тишрини аввал — Бино ба гуфтаи Уқтамин ва Филифус дар рӯзи аввали он умеди борон аст ва ҳаво бинобар раъи қибтиёну Қоллибус тира аст. Ва бинобар қавли Қоллибус, Уқтимин ва Увзакусс ва Митрузурус дар рӯзи дуюми он борон хоҳад омад. Ва дар рӯзи сеюм чизе зикр накардаанд.

Ва дар рӯзи чорум борон асту бодҳои вазанда. Бинобар қавли Увзаксус назди қибтиён ҳаво сард аст. Ва дар рӯзи панҷум бинобар қавли Димукритус ҳаво сард аст ва оғози вақти зироат ва дар рӯзи шашум назди қибт боди шимолӣ мевазад. Ва дар рӯзи ҳафтум, бинобар раъи Иббархис, боди ҷанубӣ хоҳад вазид. Ва дар рӯзи ҳаштум чизе зикр накардаанд. Ва Синон мегӯяд, ки дар ин рӯзҳо ҳаво сард аст. Ва дар рӯзи нуҳӯм, бинобар қавли Увзаксус «навъ» аст. Ва ба акидаи Иббархис боди сабо хоҳад вазид ва ба раъи қибтиён дабур. Ва дар рӯзи даҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи ёздаҳум, бинобар раъи қибтиён, борон аст. Ва дар

facebook.com/Китобхона

Тиширини охир — бино ба гуфтаи Увзаксус ва Кунун дар рӯзи аввали он бодхои ғайриомехта аст. Ва дар рӯзи дуюм хавоест нософу дар ин рӯз боди шимолу ҷануб, ки мевазад, сард хоҳад буд. Ва дар рӯзи саввум, бино бар кавли Батламиюс, боди ҷанубӣ мевазад. Ва бино бар раъи кибтиён боди даббур асту шимол. Ва назди Увзаксус боди ҷанубӣ аст. Назди Уктимину Филифус ва Иббархис борон аст. Ва дар рӯзи панҷум хаво сард аст, назди мисриён борон аст. Ва дар рӯзи шашум назди кибтиён боди ҷануб аст ё даббур. Ва назди Зусисовус ҳаво сард аст. Ва Синон гувохӣ медихад, ки худи ӯ таҷриба карда ва ёфтааст, ки ин матлаб рост аст. Ва дар рӯзи ҳафтум назди Мотин борон асту гирдбод ва назди Иббархис боди сард аст. Ва ин рӯз аввали вактхои борон аст ва он ҳангомест, ки Офтоб ба дарачаи бисту якуми Акраб расад. Ва мунаҷҷимон дар ин вакт толеъ мегиранду истинбот мекунанд, ки оё дар сол борон зиёд аст ё кам. Ва эътимоди эшон бар тулӯъ ва ғуруби Зӯҳра аст. Вале ба акидаи ман ҳавои Ироку Шом танҳо ихтисос бар ин амр дорад. Ва басо рӯй медихад, ки мо дар Хоразм пеш аз ин мавкеъ борон дидаем. Ва Абулкосими Убайдулло бинни Абдулло бинни Хурдодбех[149] дар китоби «Масолик ва мамолик»-и худ гуфтааст, ки борони Хичозу Яман дар моҳҳои хазирону тамуз ва мохи обу қисмате аз элул аст. Ва ман муддате аз моҳҳои тобистонро дар Гургон икомат кардам ва хеҷ вакте нашуд, ки дах рӯз панҷам ҳаво офтоб бошаду абр пароканда гардад ва борон банд наёяд. Ва ҳикоят кардаанд, ки яке аз хулафо, ки ба тасаввури ман Маъмунаррашид бошад, чил рӯз дар Гургон монд ва ҳаргиз иттифоқ наяфтод, ки борон банд биёяд. Гуфт: «Моро аз ин замини пурабри сероб берун бубаред».

Ва ҳарчи шахре ба Мозандарон наздиктар бошад, хавои он рутубаттар асту боронаш бештар. Ва кӯхи Мозандарон ба андозае рутубат дорад, ки гуфтаанд:

«Дар куллаҳои он агар сир бикӯбанд, борон меояд». Ва Ноиби Омулӣ сохиби китоби «Ғурра» ин масъаларо чунин баён мекунад, ки хавои Мозандарон рутубатноку бо бухори начунбанда, ки дар он аст, бад аст ва чун бӯи сир ба миёни он пароканда шавад, аз он чо, ки тезу тунд аст такосуфи ҳаворо фишор медихад ва тахлил мекунад, борон ба дунболи он меояд.

facebook.com/Китобхона

Мо ин тавр тасаввур кунем, ки иллати борон омадан аз кубидани сир ин буд, ки Ноиби Омулӣ гуфт: «Дар чашмаи маъруф дар кӯҳи Фарғона чӣ сабабест, ки чун чизи палидеро дар он бияфкананд, борон меояд. Ва дар дукони маъруф ба дукони Сулаймон ибни Довуд дар ғоре, ки дар Исбаҳзон маъруф аст ва вокеъ дар кӯҳи Токи Мозандарон аст, чӣ иллат аст, ки чун ба чизе палид ва ё ба шир олуда шуд, осмон абр мешаваду борон меояд, то онро пок кунад. Ва дар кӯҳе, ки дар замини турк аст, мегӯянд, ки чун гӯспандонро бихоҳанд аз он ҷо бигузаронанд, бояд пойҳои гӯспандонро бо пашм бубанданд, ки мабодо бо сангҳои он мусодимат кунад ва ҳамоно борони зиёде аз пай дарояд. Ва гоҳ итифоқ меафтад, ки туркон аз он кӯҳ ҳамла мекунанд ва чун душмане эшонро фаро гирифт, дар мудофиаи ӯ бо ин ҳилла мутавассил мешаванд. Ва онон, ки бар ҳақиқати амр огоҳ нестанд, ин корро ба сеҳр нисбат медиҳанд. Ва ҳавзе, ки маъруф ба «Тоҳир» аст ва дар Миср дар домани кӯҳе, назди канисае вокеъ аст ва аз чашмае, ки дар кӯҳ аст, оби хушгувору хушбӯе дар он меояд, низ дар ин қабил аст. Ва чун ҳоизе ва ё ҷунубе онро мас кунад, бӯ мегирад, то он ки бояд оби онро холӣ карду аз нав пур намуд, ки мисли аввал хушбӯ ва хуштаъм шавад. Ва низ кӯҳе, ки миёни Ҳироту Сичистон аст, ки дар васати регистон вокеъ шуда, ки қадре аз роҳ дур аст, чун саргини одаме ва ё бавл дар он бияфкананд, як садои ошкор ва овози шадиде аз он шунида мешавад».

Ин умур, ки порае аз он гуфта шуд, хосиятест, ки дар мавҷудот матбӯъ аст ва илали он ба ҷавоҳири басит ва оғози таълиф ва офариниши ҷаҳон мунтаҳӣ мешавад. Ва он чи аз ин қабил бошад, мумкин нест, ки шахс онро ба илм дарьёбад.

Баъзе аз маконҳо бар хилофи кӯҳи Мозандарон аст, монанди Фустоти Миср ва диёри ҳасояи он, дар ин мавозеъ, борон намеояд. Ва ин умур марбут ба табиати макон аст, ки дар чӣ маҳал аз кӯҳу баҳрҳо вокеъ шуда ва пастию баландии он чӣ андоза аст ва дар чӣ арз аз арзҳои шимолу ҷанубӣ аст. Ва ҳар як аз инҳо, ки гуфта шуд, накши муайяне мебозад.

Ва дар рӯзи ҳаштум, бинобар кавли Уктимин, борону ҳавои сард аст ва назди Митрузурус тӯфону боди ҷануб аст, ё боди «Уврус». Ва он ба акидаи Уктимин

facebook.com/Китобхона
бодест миёни боди ҷанубу сабо ва назди қибтиён худ боди сабо аст. Ва дар рӯзи нӯҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи даҳум, бино ба ақидаи Уқтимин ва Филифус, ҳаво сард аст ва назди Иббархис борону боди шимол ва ё боди ҷанубии сард аст. Ва дар ёздаҳум назди Қоллибус, Қунун ва Митрузурис «навъ»[150] аст. Ва Синон бинни Собит гувоҳӣ медиҳад, ки ба таҷриба сиҳҳати онро дарёфтааст. Ва дар рӯзи дувоздаҳум, назди Увзаксус ва Зусисоус, боди сард аст. Ва дар рӯзи сездаҳум назди Увзаксус «навъ» асту назди Димукриус дар биёбону баҳр ҳавои сард аст ва роҳи дарё ба Форсу ба Искандария баста мешавад, зеро холи дарё ин аст, ки дар айёми маълум музтариб мешавад ва ҳавои он мукаддар мегардад ва амвоҷи он сахт мешаваду торикии он зиёд мегардад. Ва бад-ин сабаб сулуки он мумкин нест. Ва мегӯянд, ки дар қаъри он бод меафтаду онро мавҷдор мекунад. Ва аз зуҳури навъе аз моҳиҳо бар ин кор истидлол мекунанд, ки дар қисматҳои болои дарё дар рӯи об пайдо мешаванд ва зуҳури онон мардумро аз ҳаракати боди мазкур дар қаъри дарё огоҳ мекунад. Ва баъзе мегӯянд, ки ин моҳиҳо як рӯз зудтар аз туғёну ошуфтагии дарё зоҳир мегарданд. Ва ҳар як аз дарёҳоро аломате барои донистани ин амр аст. Ва мегӯянд, ки дар дарёи Чин бо ин тариқ мешавад ҳаячони дарёро донист, ки домҳое, ки дар дарё меандозанд, ба рӯи об меояд. Ва бар сукуни дарё ин тавр истидлол менамоянд, ки дар рӯи хору хошок дар дарё тухм гузошта, чӯҷаҳои он аз тухм берун меоянд ва ин мурғ ба рӯи хок по намегузорад ва танҳо дар дарё аст. Ва ҳангоми тухм он дар мавқеи сукуни дарё аст, на дар ғайри он мавқеъ. Ва дар ин рӯз ҷамъе гумон кардаанд, ки агар чӯбро бибуранд, кирм нахоҳад онро хӯрд ва мӯрёна нахоҳад дар он афтад. Ва шояд ин кор дар кайфияти мизоҷи ҳавои ин рӯз ба хусус хосияте бошад. Ва дар рӯзи чордаҳум назди Қосир ҳавои сард аст ва боди ҷануб ё уврус, ки назди қибтиён ба «накибо» маҳсуб аст, дар ин рӯз мевазад. Ва дар рӯзи понздаҳум чизе зикр нанамудаанд. Ва дар рӯзи шонздаҳум назди Қосир ҳавои сард аст. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум назди Узаксус борон асту назди Қосир ҳавои сард аст ва назди қибтиён дар шабу рӯз боди шимол аст. Ва дар рӯзи ҳаждаҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи нуздаҳум назди Увзаксус ҳа-

facebook.com/Китобхона
вои бисьёр сард аст. Ва дар рӯзи бистум, назди Увзаксус, боди шимол асту назди қибтиён ҳавои бисьёр сахт аст. Ва гуфтаанд, ки дар ин рӯз ҳар ҳайвони беустухон мемирад. Вале ин матлаб нисбӣ асту дар ҳар кишваре, рост намеояд. Ва ман дар Гургон аз пашша, ки ҳайвони беустухон аст, дар азоб будам ва Офтоб ҳам дар бурҷи Ҷадӣ буд. Ва дар рӯзи бисту якум назди Уктимину Зусисовус ҳаво сарду борон аст. Ва дар рӯзи бисту дуюм назди Увзаксус ҳавои бисьёр сардест. Ва дар рӯзи бисту сеюм аз ошомидани оби сард дар шаб нахӣ кардаанд, ки тавлиди оби зард мекунад. Ва дар рӯзи бисту сеюм назди Қоллибус борон асту назди Увзаксусу Кунун ҳавои сард аст ва назди Иббарҳису Қибтиён боди ҷануб муттасил аст. Ва дар ин рӯз иди чидани зайтун аст ва равғане, ки барои нафақа харҷ кунанд, дар ин рӯз фишор медиҳанд. Ва дар рӯзи бисту чорум, назди қибтиён, дар ҳаво андаке нам аст. Ва дар рӯзҳои бисту панҷум ва бисту шашум чизе зикр нанамудаанд. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум, бино ба раъи Зимукритус, чӣ дар дарьё ва чӣ дар хушкӣ изтироб рӯй медиҳад. Ва назди Зусисовус «навъ» асту назди қибтиён боди ҷанубу борон аст. Дар рӯзи бисту ҳаштум чизе аз онон нақл накардаанд ва гуфтаанд, ки амвоҷи дарьё дар ин рӯз сахт мешаваду сайр дар дарьё ин рӯз камтар имкон мепазирад. Ва дар рӯзи бистунӯҳум назди Увзаксусу Кунун ҳавои сард аст бо боди даббур ва ё ҷануб ва назди қибтиҳо борон аст. Ва дар рӯзи сиюм аз ӯламои мазкур ва аз ғайри эшон чизе зикр накардаанд. *Қонуни аввал*—бино ба гуфтаи Қоллибусу Увзаксус ва Қосир дар рӯзи аввали ин моҳ ҳавои сард аст. Ва дар ин рӯз бозоре дар Димишқ барпо мешавад, ки ба «бозори қазбулбон» маъруф аст. Дар рӯзи дуюми ин моҳ, бино ба раъи Уктимин ва Филифус, бодҳои соф мевазад. Ва назди Митрузурус ҳавои сарди сахт аст. Ва дар рӯзи сеюм назди Кунуну Қосир, ҳавои сард аст ва назди қибтиён ҳавои он рӯз намнок аст. Ва дар рӯзи панҷум, назди Зимукритусу Зусисовус, ҳавои сард аст. Ва Синон бинни Собит ҳам бар ин матлаб гувоҳӣ додааст. Ва дар рӯзи шашум, назди Увзаксус, ҳавои сард аст. Ва назди Иббарҳис, дар ин рӯз боди шимол мевазад. Ва дар рӯзи ҳаштум чизе нагуфтаанд. Ва дар рӯзи нӯҳум бино ба раъи Қоллибусу Уктимину Увзаксус ҳавои сард аст. Ва дар рӯзи даҳум, назди Қоллибусу Ук-

facebook.com/Китобхона
тимиқу ҳаворуҳуро ҳавои сарду сахт аст ва назди Зимукритус раъду барқ ва боду борон аст. Ва дар рӯзи ёздаҳум, назди Қоллибус, боди ҷануб ва «навъ» аст ва назди Увзаксусу кибтиён ҳавои сарду борон аст. Ва Симон гувоҳӣ медиҳад, ки умури мазкурро тачриба кардааст. Ва дар ин рӯз чигмои зиёдро нописандида донистаанд. Ва ман намедонам, ки далели ин матлаб чист, зеро чимоъ дар авоили поизу зимистон ва дар мавкеи вабо бисьёр нописандида ва барои бадан зараровар аст, харчанд шартҳои дигар аз кабили синну замону макон ва одату мизоҷ ва ғизову имтило, тихӣ будани шикам ва ғайра дар ин кор накши муайяне дорад.

Рӯзи сездаҳуми ин мох, бино ба акидаи Иббархис, боди ҷануб ва ё шимол вазидан хоҳад гирифт. Ва дар рӯзи чордаҳум, назди Увзаксис, хавои сард аст ва назди кибтиён борону бод. Ва дар рӯзи понздаҳум бӯди шимоли сард аст, ё ҷануб ва назди кибтиён борон аст. Ва дар рӯзи шонздаҳум, назди Қосир, хавои сард аст. Ва дар рӯзи хафдаҳум аз уламои фан чизе ривоят нашудааст. Ва дар ин рӯз аз хӯрдани гӯшти гову утручу бодруч ва ошомидани об пас аз хоб ва аз молидани нӯра ва хичомат кардан ҷуз дар сурате, ки хун хаячон ёбад, манъ кардаанд. Ва иллати манъ ҳам бисьёр равшан аст, зеро ин рӯз дорои рутубату бурудати бисьёр аст. Ва номи ин рӯз «Мелоди акбар» аст ва максуд аз он инкилоби зимистонӣ аст.

Гӯянд, дар ин рӯз нур аз хадди нуксон ба хадди зиёдат хориҷ мешавад ва одамиён дар нашъунамо оғоз мекунанду париҳо ба афсурдагию фано рӯ меоваранд.

Каъбулахбор гуфтааст: «Дар ин рӯз Юшӯъ бинни Нун бар се соати хуршед баргузашт ва ин рӯз дар он мавкеъ абр буд. Ва нодонҳои шиа ҳам ҳамин тавр хикоят мекунанд, ки бар Алӣ бинни Абитолиб радди Шамс шуд. Ва агар барои ин ривоят асле бошад, максуд ин аст, ки аз тули муддати сахте, ки он ҷаноб кашиду як мартаба аз ӯ бартараф гашт, мисли ин шуд, ки Офтоб бар ӯ аз нав толеъ гашт. Чунон ки Алӣ бинни Ҷахм [151], ки дар ҷанги Рум захм бардошт ва шабро то сахар аз дард нахуфту чунин гуфт:

«Оё субҳро сел бурдааст ва ё худ шаби дигаре бар ин шаб афзуданд?»

Ва низ дар моҳи сиём бисьёр иттифоқ меафтад, ки

facebook.com/Китобхона
чун охири рӯз абр шуд ва ҳаво торик гашт, мардум рӯзаи худро ифтор мекунанд. Сипас, абрҳо бартараф мешаванду ҳаво бозмегардад ва Офтобро аз нав рӯи уфуқ мебинанд, ки ҳанӯз ғуруб накардааст.

Асҳоби найранг мегӯянд: «Илми сеҳру ҷоду ин тавр иқтизо мекунад, ки бояд аз бистар ба паҳлӯи рост баланд шуд ва пеш аз сухан гуфтан қадре ширро бояд чӯшонид. Ва писандида аст, ки дар мавқеи пайдоиши Офтоб дувоздаҳ қадам ба самти машриқ бираванд.

Яҳьё бинни Алӣ, котиби «асрорӣ, ки аз мардуми Анбор будааст, мегӯяд: «Машриқи Офтоб дар мавқеи» инқилобӣ зимистонӣ машриқи саҳеҳ аст ва Офтоб аз васати биҳишт толеъ мегардад». Ва дар ин рӯз ҳукамо таъсиси қурбонӣ мекунанд. Гӯё, эътиқоди ин мард дар биҳишт ин буда, ки биҳишт дар навоҳии ҷануб аст ва аз иҳтилофи самтҳо ҳеҷ иттилоъ надоштааст. Ва низ мазҳаби ӯ гуфторашро рад мекунад, зеро «асорӣ бояд ҳангоми намоз рӯяшон ба сӯи машриқ бошад. Ва бароҳ эшон ин тавр гуфтаанд, ки Офтоб дар Фирдавс тулӯъ менамояд. Ва «асорӣ аз тамоми машориқи Офтоб ҷуз ба машриқи эътидол таваҷҷӯҳ мекунанду бутҳои хешро ба сӯи он месозанд. Ва он чи Яҳьё бинни Алӣ дар ин ҷо гуфтааст, аз гуфтаи дигари ӯ дар бораи Офтоб аҷибтар нест, зеро ақидаи донишманди мазкур чунин аст, ки Офтоб дараҷотеро, ки дар он баландию пастӣ меёбад, мутобиқи айёми сол сесаду шаст дараҷа аст. Ва аммо он панҷ рӯзи дигарро, ки тамоми сол аст дар он Офтобро на баландӣ аст, на пастӣ. Ва ин панҷ рӯз дую ним рӯз аз моҳи ҳазирон асту дую ним рӯз аз моҳи қонуни аввал. Назири ин матлаб, ки ӯ гирифтааст, Абулаббоси Омӯлӣ низ ёдоварӣ мекунад ва дар китобе, ки дар далоили қибла» навишта, чунин мегӯяд: «Офтобро саду ҳафтоду ҳафт матлаъ ва мағриб аст ва ин тавр гумон намуда, ки соли хуршедӣ сесаду панҷоҳу чор рӯз аст. Ва ҳар кас, ки чизеро надонаду дар он такаллуф кунад, хоҳад расво шуд. Ва ин нодурустие, ки гуфта шуд, ба изофаи нодурустиҳои дигарест, ки ба сабабҳои «панҷи зиёдатӣ» дар соли хуршедӣ ва шаш рӯзи нокиса дар соли қамарӣ гуфтаанд.

Дар рӯзи ҳаждаҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи нуздаҳум, назди Увзаксусу Зусисовус ва қибтиён, боди ҷануб аст. Ва дар рӯзи бистум, назди Увзаксус, ҳавои сард аст. Ва дар рӯзи бисту якум, назди қибти-

facebook.com/Китобхона
ён, «навъ» аст. Ва дар рӯзи бисту дуюм ва бисту сеюм чизе зикр накардаанд. Рӯзи бисту чорум, назди Қосиру кибтиён, хавои сард аст. Ва назди Иббархису Мотин «навъ» аст ба изофаи борон. Ва дар рӯзи бисту панҷум, назди Зимукритус хавои сардест мутавассит. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум чизе зикр нанамудаанд. Ва дар рӯзи бисту нӯҳум, назди Қоллибусу Уқтимин ва Зимукритус, «навъ» аст ва дар ин рӯз аз ошомидани оби сард пас аз хоб манъ кардаанд ва гӯянд, ки чизҳо дар он кай мекунанд ва бад-ин сабаб ҳар кас ин обро бинӯшад, балғам пайдо мекунад ва обила мешавад. Ва аз ин чиҳат ин суханро гуфтаанд, ки авомро тарсонанд. Ва дар рӯзи сиюм, назди кибтиён, хавои сард аст. Ва дар рӯзи сию якӯм, назди Уқтимин, хавои сард аст.

Конуни охир — аз асҳоби «анвоъ» дар рӯзи аввали рӯзҳои ин моҳ чизе манкул нест. Ва дар рӯзи дуюми ин моҳ, назди Зусисовус, «навъ» аст. Ва қавме гуфтаанд: «Агар дар ин рӯз чӯберо бибурранд, ба зудӣ хушк нахоҳад шуд». Ва дар рӯзи сеюм, назди кибтиён, хаво мухталиф аст. Ва дар рӯзи чорум, назди кибтиён «навъ» аст ва назди Зимукритус бодии ҷанӯб. Ва Синон гувохӣ медиҳад, ки ин амр вокеият дорад. Ва дар рӯзҳои панҷум ва шашум чизе зикр накардаанд ва гуфта шудааст, ки дар рӯзи шашум соатест, ки ҳамаи обҳои шӯри кураи замин гуворо мешавад.

Аърози мавҷуда дар обҳо бар ҳасби маконҳоест, ки агар ин оби кӯл аст, дар он ҷо макон ёфта ва агар ҷорӣ аст, дар ҳангоми ҷараён аз он маконҳо мегузарад. Ва аърози мазкура ҷуз ба ёрии маротиби истихолот кобили завол нест. Ва ин ки гуфтаанд, дар ин соат ҳамаи обҳо гуворо мешавад, далеле надоранд. Ва дар таҷриба, ки дар тӯли солиёни дароз анҷом гирифта, нодурустии ин матлабро зохир месозад. Ва агар обҳо гуворо шавад, бояд, ки муддате ба ҳамин ҳол бимонад. Оре, мумкин аст, ки дар чоҳҳое, ки оби он шӯр аст, чӣ дар ин соат ва чӣ дар ғайри ин соат бо рехтани чандин миқдол шамъи мусаффо шӯрии об зоил мешавад. Ва аҳли таҷриба гуфтаанд, ки агар зарфҳои нозук аз шамъ бисозанду дар оби дарьё биандозанд, ба тавре ки даҳони ин зарфҳо болои об бистаду дар об фурӯ наравад, қатрахое, ки аз оби дарьё дар дарунии ин зарфҳо бишавад, оби ширин хоҳад буд. Ва агар обҳои шӯрро бо оби гуворо ва ширини зиёде махлут ку-

facebook.com/Китобхона
нанд, гуфтаи эшон рост хоҳад омад. Чунон ки дарьёчаи Тиннис дар фасли тирамоҳу зимистон ба иллати ин ки оби сел ба он махлут мешавад, ширин мегардад. Ва дар ду фасли дигар чун ин иллат вуҷуд намеёбад, оби он шӯр аст.

Дар рӯзи ҳафтум назди Увзаксусу Иббархис, ҳавои сарде аст. Дар рӯзи ҳаштум, назди Қоллибусу Уктимин ва Филифису Митрузурус, боди ҷануб аст ва назди қибтиён боди ҷанубу даббур аст ва дар дарьёҳо ҳавои сарде мешавад.

Дар рӯзи нӯҳум боди ҷанубии шадид аст ва назди Увзаксису қибтиён борон аст. Ва асҳоби тилисмот гумон кардаанд, агар шакли ангурро дар варақае бикашанд аз рӯзи нӯҳум то шонздаҳуми ин моҳ ва дар вақти ғуруби Сулаҳфот, ки ситораи Насри вокеъ бошад, ба дарахти ангур биовезанд, меваи ин дарахт аз ҳар офате солим хоҳад монд.

Дар рӯзи даҳум боди ҷанубии шадид аст ва назди Қосир ва қибтиён «навъ» аст.

Дар рӯзи ёздаҳум, назди Увзаксусу Зусисовус ва Иббархис, бодҳои омехта аст.

Ва дар рӯзи дувоздаҳум чизе зикр накардаанд.

Дар рӯзи сездаҳум, назди Иббархис, ҳавои сард аст ва назди Батламиюс боди шимол ё ҷануб хоҳад вазид.

Дар рӯзи чордаҳум чизе зикр накардаанд.

Дар рӯзи понздаҳум, назди Иббархис, боди сабо мевазад.

Дар рӯзи шонздаҳум низ чизе зикр накардаанд.

Дар рӯзи ҳафдаҳум, назди Қосир, боди сахте мевазад.

Рӯзи ҳаждаҳум, назди Уктимину Филифус, ҳавои сарде аст ва назди Митрузурус ихтилофи ҳавост. Рӯзи бистум, назди Уктимину Зимукритус, ҳавои соф аст ва назди Иббархис боди шимол асту ҳаво сард. Ва назди қибтиён борон аст.

Дар рӯзи бисту якум, назди Увзаксус, ҳаво сарди мутавассит аст.

Рӯзи бисту дуюм, назди Иббархис «навъ аст» ва назди қибтиён борон аст.

Рӯзи бисту сеюм аз уламо чизе накл накардаанд ва гуфта шуда, ки чуз аз рохи зарурат набояд нура ва чиби кашиду хун.

Рӯзи бисту чорум, назди Қоллибусу Уктимин, ҳаво

facebook.com/Китобхона

соф аст ва назди Зимукритус ҳавои сард аст. Ва он чи дар рӯзи пеш дар бораи нураву хунгирӣ гуфтаанд, дар ин рӯз низ гуфта шудааст.

Рӯзи бисту панҷум, назди Иббархис боди сабо мевазад.

Рӯзи бисту шашум, назди Увзаксусу Митрузурис, борон аст ва назди Зусисовус ҳавои сард аст.

Рӯзи бисту ҳафтум, назди қибтиён, сармои хеле сахтест.

Ва дар рӯзи бисту ҳаштум боди ҷанубӣ мевазад ва назди Батламиюс «навъ» аст. Ва дар рӯзи бисту нӯҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи сиюм, назди Иббархис, боди ҷанубӣ аст. Ва дар рӯзи сию якум низ чизе нагуфтаанд.

Шубот — моҳи кабс аст. Дар таъини ин моҳ, ки чаро онро бисту ҳашт рӯз қарор доданд, на бисту нӯҳ рӯз ва на сию як рӯз, он чи ба назар мерасад, ин аст, ки агар румиён ин моҳро бисту нӯҳ рӯз қарор дода буданд ва он гоҳ кабс мекарданд, си рӯз мешуд. Ва ба моҳҳои дигар дар соли кабиса мухталит мешуд. Ва ҳамчунин агар сӣ рӯз қарор дода буданд, аз дигар моҳҳо тамиз намеёфт, хоҳ, ки сол кабиса бошад, ё набошад. Ва ҳамчунин агар сию як рӯз мегирифтанд ба моҳҳои дигар дар соири солҳо, монанд мегардид. Пас, бад-ин сабаб ин моҳро бисту ҳашт рӯз гирифтанд, ки то аз дигар моҳҳо дар солиёни кабс ва ғайри солҳои кабс расанда бошад. Ва бад-ин иллат, ки гуфта шуд, воҷиб гардид, ки дар моҳҳои эшон ду моҳ, ки аз сӣ рӯз зиёданд, аз пай ҳам бошанд. Зеро дар оғози кор румиён моҳҳоро сӣ рӯз қисмат карданду ду рӯз аз моҳи шубот канор гузориданд. Пас, болоиҳамрафта ҳафт рӯз барои эшон монд ва ниёзманд шуданд, ки ин ҳафт рӯзро миёни ёздаҳ моҳ тақсим кунанд. Ва аз ин сабаб ёздаҳ моҳ шуд, ки моҳи шубот аз миёни моҳҳо соқит шуд ва имкон надошт, ки моҳҳои сирӯзаро дар миёни дигар моҳҳо ки сию як рӯз аст, восита қарор диҳанд, ба чиҳати ин ки камтар мешавад. Пас, ночор шуданд, ки моҳҳоеро, ки зоид аст, пушти ҳам қарор диҳанду ин айёми зоидро бар сазовортарин ҷое мулҳақ сохта, то он ки болоиҳам рафта айёми чаҳорьяки баҳорӣ ва тобистонӣ аз ҷумлаи айёми чаҳорьяки тирамоҳӣ ва зимистонӣ зиёдтар аст. Чунон ки ирсоди кӯҳнаву нав ҳарду бар ин матлаб гӯёст. Ва низ моҳҳои румиён дар беш-

facebook.com/Китобхона
тари ахвол монанди ҳам аст, яъне маҷмӯи рӯзҳои ҳар моҳ ва айёми собиқ бар он шасту як рӯз аст, ки бо масири васати Офтоб дар ду бурҷ мусовӣ аст. Аммо моҳҳои об ва шубот, маҷмӯи ин ду моҳ, панҷоҳу нӯҳ рӯз аст. Ва ҷуз ин ҳам имкон надошта, ба ҳамон далел, ки дар моҳи шубот ҳам баён шуд. Ва гар моҳи обро аз сию як рӯз зиёдтар мегирифтанд, аз ҷумлаи моҳҳо тамиз меёфт ва ин тавр фаҳмида мешуд, ки касб бад-он ихтисос ёфтааст.

Аммо моҳҳои тамузу конуни охир, маҷмӯи рӯзҳои онҳо, шасту ду рӯз аст. Ва ин ҳам зарурат дорад, зеро адади моҳҳои зиёдатӣ бар моҳҳои пурра зиёдтар аст. Ва ин рӯзи зоидро дар ҳар кучо бигузоранд, ба ҳамин зиёдатӣ бармегардад. Ва аз ин сабаб кабсро танҳо ба моҳи шубот афзуданд, ки моҳи озори аввал моҳи кабси яҳуд аст, ки дар иббур ва атрофи он воқеъ мешавад.

Дар рӯзи аввали ин моҳ, бинобар гуфтаи Увзаксус, борон аст. Ва дар ин моҳ сармо каме мешиканад.

Дар рӯзи дуюми ин моҳ даббур ва ҷанӯб аст. Ва дар миёни ин ду, бинобар раъйи кибтиён, тагарг меояд. Ва Синон мегӯяд, ки дар бештари вақтҳо рост меояд.

Дар рӯзи чоруми ин моҳ ҳавои соф аст ва бино ба гуфтаи Увзаксус бисьёр рӯй медиҳад, ки даббур бивазад. Ва назди кибтиён ҳаво бисьёр сард аст ва борону боде дар ин рӯз хоҳад омад, ки ба якдигар омехта нестанд.

Дар рӯзи панҷуми ин моҳ чизе зикр накардаанд ва гуфтаанд «Бодҳои чоргона дар ин рӯз ҳаяҷону изтироб меёбанд». Дар рӯзи шашуми ин моҳ, бинобар кавли Қосир, борон аст ва назди кибтиён бодҳое хоҳад вазид. Ва вазидани даббур, бинобар кавли Зимукритус оғоз мешавад.

Дар рӯзи ҳафтум аввали вазидани даббур аст. Ва басо иттифоқ меафтад, ки бино ба гуфтаи Увзаксус ва кибтиён, ҳаво сард бошад ва дар ин рӯз «ҷамраи аввал» сокит мешавад, ки онро «ҷамраи худо» гӯянд.

Дар рӯзи ҳаштум, бинобар кавли Қоллибус Митрузурис ва Иббархис ҳангоми вазиши боди даббур аст. Ва назди Увзаксус ва кибтиён борон аст. Ва Синон аз таҷрибаҳои хеш ба ростии ин гуфтор гувоҳӣ медиҳад. Ва дар рӯзҳои нӯҳуму даҳуми ин моҳ чизе аз румиён накл нашудааст.

facebook.com/Китобхона

Рӯзи ёздаҳум, назди Қоллибусу Митрузурис, ҳаво сард аст ва назди Увзаксусу қибтиён боди ҷануб аст. Рӯзи давоздаҳум, бинобар раъйи Иббархис, шимолу сабо мевазад ва назди қибтиён танҳо боди сабо хоҳад вазид.

Дар рӯзҳои сездаҳуму чордаҳум аз ҳолате, ки то кунун гуфта шуд, чезе зикр накардаанд ва «ҷамраи соний», ки онро «ҷамраи вусто» гӯянд, дар рӯзи чордаҳум сукут меёбад. Чунон ки ба шеър ин матлабро чунин сурудаанд:

(Мавлуди Исо ва баъди он маросими шустушӯяш
Ва ду мартаба даҳу баъди он панҷи комил буд.
Боз ҳамин, ки аз шубот чору панҷу шаш гузашта
Зимистони қаҳратун, бешак нест мегардад,
Ин ҳангоми сукути ҷамраи аввалу соний аст.
Баҳри ба охир расидани зимистон
шабҳои каме мемонад.)

Ва дар рӯзи понздаҳум назди Уқтимин ва Филифис ва Зусисовус ҳаво сард аст. Ва назди қибтиён бодҳоест гузаранда ва назди Иббархис боди ҷанубӣ аст. Ва дар ин рӯз назди аъроб бурудат аст ва дар ин рӯз ҷамра дамида мешавад. Ва аҷамие гӯяд, ки «тобистон дасти худро дар об дохил кард». Ва дар ин рӯз об аз решаҳои дарахт ба қисматҳои болоии он, яъне шохаҳо ҷорӣ мешавад. Ва низ дар ин рӯз қурбоқаҳо ба фарьёд меоянд. Ва дар рӯзи шонздаҳум, назди қибтиён, ихтилофи бод аст ва назди қибтиён борон меояд. Ва гуфтаанд, ки дар ин рӯз замбуруғ мерӯяд ва ҳар замбурӯғе, ки ба решаи дарахт наздик бошад, заҳри каттол аст. Ва наздик ба савоб ин аст, ки ин гуфтор рост бошад, зеро дар тиб собит шудааст, ки шахс бояд зиёд замбурӯғ нахӯрад. Ва касалие, ки аз ин ҷиҳат рӯй диҳад, илочи он дар бештари навиштаҷоти тиббӣ, дар боби исботи заҳр доштани замбурӯғ мазкур аст. Дар рӯзи ҳафдаҳум асаре мазкур нест. Дар рӯзи ҳаждаҳум даббур аст ва назди қибтиён борон ва ё сармое рӯй медиҳад. Дар рӯзи нуздаҳум, назди Иббархис, боди шимолии сарде мевазад.

Дар рӯзи бистум ба ақидаи қибтиён бодҳое хоҳад вазид.

Дар рӯзи бисту якум чизе зикр накардаанд. Ва дар ин рӯз ҷамраи сеюм, ки онро «ҷамраи бузург» гӯянд,

facebook.com/Китобхона
сокит мешавад. Ва дар миёни ҳар як ҷамарот, як ҳафтаи пурра фосила аст. Ва аз ин сабаб «ҷамра» номида шудааст, ки дар ин айём сармо, бино ба раъйи онон, ки ба ин масъала қоиланд, аз ботини замин ба зоҳири он ошкор мешавад. Ва аммо онон, ки ба хилофи ин раъй қоиланд, барои ин аст, ки ҳаво ба ҷиҳати ҷирми Офтоб сармояш мубаддал ба гармо мегардаду шуоъҳои Шамс наздик мегардад, ки ба таври рост битобад. Ва масъалаи гармии оби чоҳҳо дар зимистон ва хунукии он дар тобистон бо ин баҳс мутааллиқ аст. Ва миёни Абӯбакр Муҳаммад бинни Закариёи Розӣ [152] ва Абӯбакр Ҳусайни Таммор [153] суолу ҷавобҳое дар ин мавзӯъ шуда, ки шахси ҷӯяндаро қонеъ мекунад. Ва ду фозили мазкур ба гуфтаи якдигар радду бадалҳое навиштаанд.

Ва аъроб «ҷимор»-ро дар моҳҳои худ истеъмол мекарданд, то вақтҳои он ихтилоф ёфт ва чунон ки гуфтем, тафовут пайдо гашт. Бад-ин ҷиҳат аз моҳҳои арабӣ ба моҳҳои румӣ, ки собит ва ғайри зоил аст, накл шуд. Ва гуфтаанд, ки дар сукути «ҷамраи аввал» иқлими аввалу дуюм сард мешавад:

Ва дар сукути «ҷамраи дуюм» иқлими сеюму чорум сард мегардад. Ва дар сукути «ҷамраи сеюм» иқлимҳои дигар сард мешавад. Ва низ гуфтаанд, ки дар «ҷамарот» аз замин бухорҳое баланд мешавад, ки бухори аввал замин ва дуюмӣ обу сеюмӣ дарахтонро гарм менамояд. Ва низ гуфтаанд, ки «ҷамарот айёмест, ки манзилҳои Қамар ва ё порае аз он тулӯъ менамояд.

Ва баъзе аз аҳли дақоиқ гуфтаанд, ки «ҷамарот» ғояту интиҳои хунукӣ дар фасли зимистон аст. Ва чун аввалҳои сармою гармо маълум аст, ки бо якдигар дар кишварҳои мухталиф ихтилоф меёбад, баъзе аз аҳли таассуф ва такаллуф аз кудамо дар Хоразм чунин пиндоштанд, ки «ҷамраи аввал» дар бисту якуми моҳи шубот ва ҷамраи дуюм як ҳафта пас аз аввал ва ҷамраи дуюм сокит мешавад.

Дар рӯзи бисту дуюм боди накобои сарде шурӯъ ба вазидан мекунад. Ва бино ба қавли Қоллибусу Филифус дар ин рӯз парастуҳо зоҳир мешаванд. Чун парастуҳо зоҳир гаштанд, борон меояд ва чор рӯз назди Увзаксус, Қунун, Қоллибус ва Филифус боди накбо мевазад. Ва дар рӯзи бисту чорум боди шимолии сардею боди даббур, бино ба раъи Иббарҳис, мевазад. Ва наз-

facebook.com/Китобхона

ди қибтиён бодҳои дигари накбо мевазад. Ва назди Зимукритус ин айём дорои ҳавоҳои мухталифест.

Дар рӯзи бисту панҷум, назди Қосиру Зусисовус-ҳавои сард аст. Ва дар рӯзҳои бисту шашуму бисту ҳафтум зикр нанамудаанд. Ва дар рӯзи бисту ҳаштум, назди Иббарҳис, боди шимолии сардест ва «айёми ачуз» дар ин моҳ аст ва оғози он рӯзи бисту шашӯми ин моҳ аст ва он ҳафт рӯзи пайдарпай аст. Ва чун сол кабиса бошад, чор рӯз аз он дар моҳи шубот ва се рӯз дар моҳи озар аст. Ва агар сол кабиса набошад, чор рӯзи он аз моҳи озару се рӯз аз моҳи шубот мебошад. Ва «айёми ачуз»-ро назди араб номҳоест: Рӯзи аввали он «син» аст, ки шиддати сармо дар ин рӯз аст. Ва рӯзи дуюм «синнабр» аст ва «синнабр» он аст, ки ашьёро монанди «санбара» мегузорад, яъне як чизи буридашуда ва гоҳе «нун»-и онро «н»-и зоид медонанд, чунон ки дар ҷамъи «баласус» «балансӣ» мегӯянд. Ва рӯзи сеюм «вабр» аст, зеро ин рӯз осори ин айёмро мебарад. Ва чорум рӯз «омир» аст, яъне мардумро ба тарс аз худ амр мекунад. Ва панҷум «мутамир» аст, яъне бо азияти мардум мушовира мекунад. Ва рӯзи шашум «муаллил» ном дорад, яъне мардумро фиреб медиҳад, ки миқдори каме аз сармои худ кам шудааст. Ва рӯзи ҳафтум «мутфиулҷамр» ном дорад ва сармои ин рӯз аз дигар рӯзҳо сахттар ва дар ин рӯз оташ хомӯш мешавад. Ва низ ин рӯзро «мукфиулқидр» мегӯянд, яъне аз шиддати боди сард худ дегро хомӯш мекунад. Ва яке аз шуаро ин айёмро ба шеър дароварда ва чунин сурудааст: (Зимистон бо ин ҳафт рӯз ба охир мерасад, «Айёми ачуза»-ро аз моҳи шубот мебарад. «Рӯзҳои ачуза», яъне син, синнабр, вабр, амир мутамир, муаллилу мутфиулҷамр, мегузаранд ва онгоҳ хунукӣ бартараф мешавад. Аз ҷониби баҳр бароят ҳарорати гармӣ меояд).

Ва гоҳе рӯзи шашумро «шайбон» ва ҳафтумро «милҳон» гӯянд. Ва ҳеҷ намешавад, ки ин айём аз сармою бодҳо ва ғуборҳою тағьирьёбии ҳаво холӣ бошад, балки сармо дар бештари вақтҳо ба ҷиҳати ин ки тамом мегардад, дар ин чанд рӯз сахттар мешавад ва ба ин ҷиҳат «сарфа» номида шуда, ки сукуту бартараф шудани сармо наздик ба он аст.

Ва шахс на бояд тааҷҷуб кунад, ки чаро сармо дар муддати охир сахттар мешавад ва ҳар мавқее, ки мебо-

facebook.com/Китобхона
ист ... фойда мекунад, зеро ин иллат айнан дар гармо ҳам мавҷуд аст. Ва мо ин матлабро ба зудӣ баён хоҳем кард. Ва дар табииёт назири он бисьёр аст, чунон ки чароғ ҳангоме ки мехоҳед хомӯш шавад, барои ин ки равғани он тамом шуда, равшании он зиёдтар мешавад ва чандин дафъа, ки шабеҳи чаҳидани раг бошад, баланду пастшавии шӯълаи он пайдарпай шиддат меёбад. Ва маризҳо низ аз ин кабиланд, ба хусус онҳое, ки ба сил ва ба марази дик ва дилдард гирифторанд, ки дар наздикии марг нерӯи тоза меёбанд. Ва онон ки аз ин амр бехабаранд, тасаввур мекунанд, ки мариз хуб шуда, вале шахси ботаҷриба аз дидани ин амр аз ҳаёти онон ноумед мешавад.

Ва ман маколае дидам, ки Яъқуб бинни Исҳоқи Киндӣ дар иллати зуҳури ҳарорати фавқуззикр дар ин чанд рӯз навишта буд. Ва хулосаи далелҳои ӯ ин аст, ки Офтоб ба чорьяки авҷи худ мерасад, ки чойгохи тағьир аст. Ва таъсири Офтоб дар ҳаво аз ғайри он бештар аст. Пас, муносиб ин аст, ки тағьири оризӣ бар Шамс дар фалаки он низ таъсир кунад ва ҳаво низ гарм шавад. Ва ин таъсир дар аксар ахвол муддатеро, ки моҳ дар чорьяке аст, ки аввали он дар он чорьяк иттифоқ афтодааст. Ва Шамс низ дар ҳамон чорьяке бошад, ки аввали он дар он чорьяк иттифоқ афтода, рӯй хоҳад дод.

Шунидам, ки Абдуллоҳ бинни Алии Ҳосиб дар Бухоро пас аз он ки рисолаи Киндӣ огаҳӣ ёфт, «айёми аҷуз»-ро нақл дод ва бар ҳасби иқтизои ҳаракат авҷи онро қарор дод. Ва бад-ин чиҳат айёми мазкурро «айёми аҷузи Абдулло» номиданд.

Ва аз ин чиҳат айёми мазкурро «айёми аҷуз» гуфтанд, ки бино ба акидаи қадимиён ин айёмро худованд дар китоби худ зикр намуда ва фармудааст: «Ҳафт шабу ҳашт рӯзи нахс аст» ва ин ки қавми од бо ин бод ҳалок шуданд ва пиразане аз онҳо бокӣ монд, ки бар эшон навҳасарой мекард ва ахбори он машҳур аст. Пас, бад-ин сабаб, «айёми аҷуз» номида шудааст. Ва мегӯянд, он боде, ки қавми одро ҳалок кард, боди даббур буд. Ва расули акрам фармуд: «Аз боди сабо нусрат ёфтанд ва қавми одро боди даббур ҳалок куноид, яъне дар рӯзи ғазовоти ҳандақ ба боди сабо ёрӣ шудам». Ва шоир мегӯяд:

facebook.com/Китобхона

(Боди даббур кавми одро халок кард.
Ва онхо мисли дарахтон чапгардон шуданд.)

Ва мегўянд, айёми нахсҳое, ки дар Қуръон мазкур аст, ҳар чаҳор рўзест, ки бо чор дар моҳ мувофиқ бошад, мисли чор рўзи аз моҳ рафта ва ё чор рўзи аз моҳ монда ва чордаҳ рўз аз моҳ гузашта ва ё чордаҳ рўз аз моҳ монда.

Ва баъзе аз аъроб мегўянд, аз ин чиҳат айёми мазкурро «айёми аҷуз» гуфтанд, ки дар аҷзи зимистон ва охирҳои он воқеъ аст.

Ва дар назди гурўҳе аз аъроб барои панҷ рўзи «дуздидашуда», ки миёни обонмоҳ ва озармоҳ аст, номҳое монанди номҳои «айёми аҷуз» дорад. Ва рўзи аввалро «ҳиннабр» ва дуюмро «ҳинзабр» гўянд. Ва ин ҳарду вобаста ба маънои осеб аз сармо аст. Ва рўзи сеюмро аз шиддати сармо «қолибулфиҳр» мегўянд. Ва рўзи чорўмро «холиқуззифр» мегўянд, яъне ба андозае боди сарду сахт мевазад, ки нохун меафтад. Ва рўзи панҷумро «мудахричулбиър» мегўянд, яъне саргини шутур, ки дар саҳро рехта аз шиддати бод бармегардаду дохил дар манзилҳо мешавад. Ва яке аз шоирон ин айёмро ба шеър зикр кардааст: (Ҳиннабр аввали рўзҳои беҳад хунук аст. Ва баъди он ҳинзабри ларзонанда меояд, ки аз шиддати он дарахтон пора-пора мешаванд. Ва Қолибулфиҳр дуруст номида шудааст. Ва ҳолиқуззифр аз сармояш сангҳоро мекафонад. Ва баъди он мудахричулбиъри газандаву лесанда меояд. Пас аз ин шашумаш меояд, ки он унвон надорад).

Озар — дар рўзи аввали он асҳоби «анвоъ» чизе зикр накардаанд. Ва баъзе гуфтаанд, ки дар ин рўз малаххову хазандагон ва ҳашарот аз лонаи худ хориҷ мешаванд. Ва низ ҳарорати осмон бо ҳарорати замин ба ҳам мерасанд. Ва шахсе, ки ин суханро гуфта, муболиға намуда ва мақсадаш ин буда, ки ҳарорат оғоз мешаваду қувват меёбад. Ва чун ҳаво барои қабули он омода мегардад, аз ин рўй ин ҳарорат интишор меёбад, зеро аз барои ҳарорати осмон ҷуз шуои Офтоб, ки аз ҷирми Хуршед ба замин пароканда мешавад ва ё ҷисми гарме, ки бо ботини фалаки Қамар мумос аст, ки «Кураи оташ» ном дорад, маънии дигаре нест. Ва аммо дар шуои Офтоб фикрҳои гуногун гуфтаанд:

1. Ҳақиқати шуои Офтоб аҷзоест норй, ки бо зоти

facebook.com/Китобхона

Шамс мушобеҳ ва монанд аст ва аз чирми он хориҷ мегардад.

2. Ҳаво ба воситаи Хуршед гарм мешавад, чунон ки ба воситаи оташ низ ҳаво гарм мегардад. Ва ин қавл мансуб ба ҷамъест, ки табиати Офтобро гарму оташин донистаанд.

3. Ҳаво ба воситаи суръати ҳаракати шуоъ гарм мешавад. Ҳатто чунин ба назар мерасад, ки ин масофат дар лозамон тай шудааст. Ва ин раъй мансуб ба ашхосест, ки табиати Шамсро аз табоеи устукусоту охшиҷҳо хориҷ донистаанд.

Уламо дар ҳаракати шуоъ низ ихтилоф кардаанд. Баъзе гуфтаанд, ки шуоъ дар замон ҳаракат намекунад, зеро шуоъ ҷисм нест. Баъзе дигар мегӯянд, ки ин ҳаракат дар замон вокеъ мешавад. Валекин сареътар аз он чизе нест, ки суръат ба санҷиш ба он эҳсос шавад. Чунон ки ҳаракати кӯбидани савт чун аз ҳаракати шуоъ сангинтар аст, бад-ин сабаб ҳаракати шуоъро ба он миқьёс мекунанду замони онро дармеёбанд.

Ва дар сабаби ҳарорати мавҷуд бо шуои Офтоб ҷамъе аз уламо гуфтаанд: «Иллат ин аст, ки завоёи инъикоси шуоъ тез аст». Вале ҳақ ин аст, ки шуоъ финафсиҳӣ ҳарорат дорад. Ва аммо ҷисми мумос бо ботини фалак кураи оташ аст. Ва баъзе бар ин акидаанд, ки он оташ ҳам монанди замину обу ҳаво як чизи аслӣ ва унсури асосӣ аст. Ва мегӯянд, шакли он низ куравӣ аст. Вале ба ақидаи ман зери кураи Қамар оташ вуҷуд надорад. Ва чун фалак сареъулҳаракат аст, аз суръати ҳаракати он ҳарорат ёфт мешавад. Ва шакли он низ ба шакли ҷисмест, ки аз гардондани шакли хилоле ба гирди худ пайдо шуда бошад. Ва ин масъала бо акидаи онон, ки ҳеч як аз ҷисмҳои мавҷударо дорои макони аслӣ намедонанд ва мегӯянд: «Ин маконҳо барои ҷисмҳо ҷабрӣ аст ва ҷабрӣ ҳам доимӣ ва абадӣ нест, вале мувофиқ меояд». Ва ман ин масоилро дар ҷои дигаре, ки аз ин китоб муносибтар аст, зикр кардаам, ба хусус дар сӯҳбате, ки миёни ману ҷавони фозил Абӯалӣ Ҳусайн бинни Абдуллоҳи Сино[154] дар ин матлаб рӯй додааст.

Ва вусулу ин ҳарду гармо дар замонҳои чоргона мутакофӣ аст. Ва аммо сабаби ҳарорати замин ё ин аст, ки шуоъҳои Офтоб аз сатҳи замин мунъакис гашта ва ё барои ин аст, ки бинобар мазҳаби ҷамъе аз ҳука-

facebook.com/Китобхона
мо ҳарорат пинҳони дар замин бухороте аз рӯи заъмин бармеангезонад. Ва баъзе ҳам мегӯянд, ки дар ботини замин ҳарорате нест ва аз хориҷ бар он ориз гаштааст. Ва ҳаракати бухор дар ҳаво сабаби ҳарорат мегардад. Ва гумон мекунам, ки мақсуди гӯянда ин буда, ки дар замин ҳарорате пинҳонӣ асту аз ботини замин ба зоҳири он хориҷ мегардад.

Дар рӯзи дуюм, назди Иббархис, боди шимолии сард аст ва назди қибтиён боди ҷанубу тагарг аст. Ва дар рӯзи сеюм чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи чорум, назди Уқтимин, боди шимолии сард аст ва Синон гувоҳӣ медиҳад, ки дар бештари вақтҳо рост меояд. Ва дар рӯзи панҷум, назди қибтиён, ҳавои сард аст. Ва бинобар раъйи Қосир ибтидои вазиши боди шимол пеш аз омадани парасту, яъне дар ин рӯз аст ва муддати ин вазиш дах рӯз аст. Ва дар рӯзи шашум дар ҳаво, бино ба акидаи қибтиён, изтироб аст ва ибтидои вазиши бодҳои уврисо дар ин рӯз аст. Ва муддати он, бино ба акидаи Зимуқритус, нӯҳ рӯз аст. Ва дар рӯзи ҳафтум чизе аз уламои ин фан нақл накардаанд ва ихтилофи бодҳои вазанда низ дар ин рӯз аст. Ва дар рӯзи ҳаштум «навъ» асту шамоли хунук. Ва Уқтимин, Филифис ва Митрузурис матлаби мазкурро гуфтаанд. Ва парастуҳою зоғҳо, назди Увзаксис, дар ин рӯз зоҳир мешаванд ва иди Бухайраи Искандария дар ин рӯз аст. Ва дар рӯзи нӯҳум, назди Уқтимин ва Митрузурис, боди шимол аст ва назди Иббархис боди ҷанубии сахте аст ва назди қибтиён боронҳои резе дар ин рӯз меояд. Ва Зусисовус мегӯяд, ки зоғҳо дар ин рӯз зоҳир мешаванд.

Ва дар рӯзи даҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи ёздаҳум кадимиён нагуфтаанд, ки тағьире дар он пайдо мешавад, вале Синон мегӯяд, ки «бисьёр рӯй медиҳад, ки ҳавои ин рӯз сард аст». Ва дар рӯзи дувоздаҳум назди Қоллибис боди шимолии мӯътадил аст ва мегӯянд, ки осори зимистон дар ин рӯз рӯ ба тамом шудан мегузорад. Ва дар ин рӯз амр ба хунгирӣ кардаанд. Ва дар рӯзи сездаҳум боди Уврисо шурӯъ мекунад, ки вазидан гирад. Ва назди Уқтимину Филифус. зоғҳо зоҳир мешаванд. Ва дар рӯзи чордаҳум бино бар раъйи Уқтимину Иббархис боди шимолии сард аст ва назди қибтиён боди дубуру ҷануб аст. Ва уврисо, бино ба акидаи Увзарсоус, шурӯъ ба вазидан мекунад. Ва

facebook.com/Китобхона
дар понздаҳум, назди Уктимин ва кибтиён, боди шимолии сард аст. Ва дар рӯзи шонздаҳум, назди Коллибус, боди шимол аст. Ва Синон аз рӯи таҷрибаҳои худ ба ин матлаб гувоҳӣ медиҳад. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум чизе аз уламо накл накардаанд ва мегӯянд, ки мусофирати дарьё дар он рӯз хуб аст. Ва низ морҳо чашмии худро дар ҳамин рӯз боз мекунанд, зеро айёми сармо аст. Чунон ки ман дар Хоразм дидам, ки дар дарунии замин морҳо даври ҳам ҷамъ мешаванд ва ба шакли курае худро ба ҳам мепечанд ва то чунин рӯзе дар соли кабиса ба ҳамин ҳолат меистанд. Ва дар рӯзи ҳаждаҳуми ин моҳ дар ғайри соли кабиса шабу рӯз бо ҳам мусовӣ мешаванд ва онро «истивои аввал» гӯянд ва он аввали рӯзи баҳори аҷамҳо ва тирамохи чиниҳо мебошад.

Тафовути баҳору тирамоҳу зимистону тобистон дар як вақт ҷуз дар кишварҳои шимолу ҷанубӣ ва хатти истиво мумкин нест. Ва кишвари Чин бо камии арзҳои он аз хатти истиво ҷанубӣ нест, балки дар шарқи дур дар шимоли хатти истиво воқеъ шудааст. Ва болотар аз Чин ободонӣ нест ва он тарафи муаддил-унноҳорро ба сӯи ҷануб касе надониста, ки оё ободонӣ дорад? Ва худ хатти истиво аз ҳад зиёд гарм аст ва аз ин ҷиҳат ғайримаскун мебошад. Ва чун мо чанд рӯз аз хатти истиво поинтар биравем, имороти он тарафи ҷаҳорьяки замини истиқоматӣ муноқатеъ мешаваду ободию ободонии дигаре нест. Ва чун Офтоб ба шиддат аҷзои латифаи обро гарм мекунад. Оби дарьёҳо дар он ҷо хеле ғализ аст, ҳатто ин ки моҳиҳо ва ҳайвоноти баҳрӣ аз он дурӣ меҷӯянд. Ва уламои ҷуғрофӣ ва ман ҳанӯз хабардор нашудаем, ки касе аз хатти истиво ба тарафи ҷануб рафта бошад.

Баъзе аз мардум аз калимаи муаддил-ун-наҳор ва хатти истиво фиреб хӯрдаанду гумон кардаанд, ки ҳаво дар он мӯътадил мешавад, чунон ки шабу рӯз дар он ҷо мусовӣ мегардад. Ва барои дурӯғҳое, ки сохтаанд, ин матлабро асл қарор додаанду гуфтаанд, ки хатти муаддил-ун-наҳор монанди биҳишт асту сокинони он монанди фариштагон.

Аммо пушти хатти муаддил-ун-наҳорро ҷамъе ғайримаскун дониста ва гуфтаанд, чун Офтоб ба дарачаи пасттарини худ аз фалаки хоричи марказ бирасад, тақрибан дар ғояти мили ҷанубӣ хоҳад буд. Ва бо ҳар

facebook.com/Китобхона
мавзее, ки дар байн бошад, он чоро хоҳад сӯзонд. Ва ҳар кишваре, ки арзи он шасту панҷ дараҷа аз ҷануб бошад, ба табиат васати иқлими шимолӣ хоҳад буд. Ва аз он ҷо то нуқтаи байн бо кутб имкони иморот дорад, вале ба таври хатму лузум намешавад гуфт, ки ин имкон вуқӯъ низ ёфта ва имороту ободонӣ дар он чо мавҷуд аст, зеро асбобу илале, ки монеи ободонию абадӣ аст, танҳо гармою сармои бисьёр сахт нест. Чунон ки чаҳоряки дуюм аз ду чаҳоряки шимол бо он ки ин тавр нест, маъмуру ободон мебошад.

Ва низ ин ки уламои ҳайат гуфтаанд: «Фалаки хоричи марказ авҷу паст дорад ва Офтоб ба он наздику дур мешавад, фақат ихтилофи ҳаракати Хуршед боиси ин фарз шуда, на он ки дарвоқеъ низ авҷе ва пастие бошад». Ва Абӯҷаъфари Хозин барои тасҳехи ҳаракати Офтоб фикре карда, ки натиҷаи он ғайр аз хоричи марказу фалаки тадвири Офтоб аст. Ба кисме, ки дурии Офтоб аз Замин ба ихтилофи ҳаракат мусовӣ мегардад. Ва бад-ин сабаб ду ноҳияи шимолу ҷануб дар сармо ва гармо баробар мешаванд. Чун ҳиндуён рӯзи истиворо аз рӯи зичи худ, ки аз роҳи ҷаҳл мегӯянд: «Азалӣ ва қадим аст». Ва аз рӯи дигар зичҳои истифодашуда аз он ҳисоб кунанд, Наврӯзи эшон иди азим хоҳад шуд. Ва дар соати аввали он барои Офтоб сачда мекунанду барои арвоҳ ба саодату шодмонӣ дуо менамоянд. Ва дар ниман он рӯз боз ба Офтоб сачда мекунанд ва барои миоду охират дуо мехонанд. Ва дар охири рӯз боз ба Офтоб сачда менамоянду дуо мекунанд, ки ҷасадҳо солиму саҳеҳ бимонад. Ва дар ин рӯз чизҳои азизу ҳайвоноти унспазирро ба ҳам ҳадья менамоянд. Ва гӯянд: «Бодҳое, ки дар ин рӯз мевазад, бодҳои рӯҳонӣ ва дорои нафъи азиме аст». Ва аҳли бихишту дӯзах, бино ба акидаи эшон, аз роҳи дӯстӣ ба ҳам дар ин рӯз назар мекунанд ва нуру зулмат ҳарду ба як вазну андоза мешаванд. Ва дар соате аз ин рӯз дар маконҳои пок оташҳое меафрӯзанд. Ва аз иёфати ин рӯз он аст, ки пеш аз ин ки сухан бигӯянд, чӯби бедро месӯзонанд. Ва ин корро ҳар кас бикунад, аз дардҳо дар амон хоҳад монд. Ва мегӯянд: «Мардҳои беавлод чун дар шаби он рӯз ба ситораи Сухо назар кунанд, сипас бо хонаводаи худ наздикӣ кунанд, дорои авлод хоҳанд шуд».

Ва дар ин рӯз аз тимсоҳ, дар навоҳии Миср метар-

facebook.com/Китобхона

сандаси гуфтаанд, ки [illegible] сусмори обӣ аст, ки бузургтар мешавад ва он ҳайвони зараррасонанда аст, ки танҳо дар дарьёи Нил ба мисли сақанқур (сусормонанд) вуҷуд дорад. Ва гуфтаанд, ки дар кӯҳи Фустот тилисме буд, ки барои тимсоҳҳо сохта буданд. Ва ин ҷонвар наметавонист дар атрофи он тилисм ба касе зиён оварад. Ва чун бад-он ҳудуд мерасид ба пушт меафтоду кӯдакон бо он машғули бозӣ мешуданд, то он ки аз ҳудуди шаҳр хориҷ шавад. Сипас, бармехост ва ба ҳар кас, ки чира мегашт, ба даруни об мебурд. Ва низ гуфтаанд, ки ин тилисм шикаста шуда ва хосияти он ботил гаштааст.

Дар рӯзи ҳаждаҳум ҳавои сарду бодҳои сарде аст. Ва Зимукритусу кибтиён ин матлабро изҳор доштаанд. Ва дар рӯзи нуздаҳум, бинобар қавли Иббархис, боди шимол аст ва бино ба ақидаи қибтиён дар субҳи он рӯз боду тагарг аст. Ва дар рӯзи бистум, бино ба ақидаи Қосир, боди шимол аст. Ва дар бисту якум, дар назди Увзаксис, боди шимол аст. Ва дар бисту дуюм чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи бисту саввум, назди Қосир, боди шимол аст ва назди Иббархис борон аст. Ва дар бисту чорум, назди Қоллибӯс, Уқтимин ва Филифис, борону барфу бод аст. Ва ба ақидаи қибтиён раъду «навъ» аст. Ва дар ин рӯз хатна кардани кӯдакон писандида аст. Ва гуфтаанд, ки бодҳои обистонкунандаи дарахтон дар ин рӯз мевазад. Ва дар бисту панҷум, бинобар қавли Увзаксис, боди шимол аст ва ба қавли Мотину Қунун ва қибтиён «навъ» аст. Ва дар бисту шашум, назди Қоллибис, борону дам аст ва назди қибтиён бод аст. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум ба ақидаи Увзаксису Қоллибӯс ва Мотин борон аст. Ва дар бақии моҳ чизе зикр накардаанд. Ва Синон мегӯяд, ки бисьёр рӯй дода, ки рӯзи сиюми ин моҳ дорои «навъ»-е аст. (Ва худо беҳтар медонад).

Найсон — рӯзи аввали ин моҳ, бинобар қавли Қоллибӯсу Уқтимину Мотин ва Митрузурис, борон аст. Ва дар рӯзи дуюм чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи сеюм, ба ақидаи Увзаксис, бод хоҳад вазид ва назди қибтиёну Қунун дар ин рӯз борон аст. Ва дар рӯзи чорум боди даббур ва ё чануб аст ва тагарг низ дар ин рӯз меояд. Ва Синон мегӯяд, ки дар бештари вақтҳо ин матлаб рост меояд. Ва дар рӯзи панҷум, ба ақидаи Иббархис, боди чанубу бодҳои мухталифе аст. Ва

facebook.com/Китобхона
дар рӯзи шашум, ба ақидаи Иббархису Зусисовус, «навъ» аст. Ва Синон гувоҳӣ медиҳад, ки ин матлаб саҳеҳ аст. Ва дар рӯзи ҳафтум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи ҳаштум, ба ақидаи Увзаксис, борон аст ба ақидаи қибтиён бодӣ чануб аст. Ва дар нӯҳум, бинобар раъи Иббархис, борон аст ва назди қибтиён бодҳои софе аст. Ва дар рӯзи даҳум, назди Уқтимин ва Филифис, низ бодҳои софест ва назди Иббархису Қибтиён борон аст. Ва Синон гувоҳӣ медиҳад, ки мутобиқи таҷрибаҳои ӯ борон дар ин рӯз меояд. Ва дар рӯзи ёздаҳум, назди Увзаксис, бодӣ дубур аст ва нам дар ҳаво пайдо мешавад. Ва дар рӯзи понздаҳум, назди Уқтимину Увзаксис, борону тагарг аст ва назди Митрузурис дар ин рӯз танҳо тагарг меояд. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум, назди Увзаксису Қосир, бодӣ дубуру борон аст ва назди Кунуну қибтиён тагарг хоҳад омад. Ва дар рӯзи ҳаждаҳум, назди қибтиён, бодӣ пайдоиши нам дар ҳаво аст. Ва дар рӯзи нуздаҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи бистум бод меояд ва маълум накардаанд, ки оё бодӣ чануб аст ва ё бодӣ дигар. Ба ақидаи Батламиюс ҳавои ин рӯз соф хоҳад буд. Ва дар рӯзи бисту якум, назди Иббархис, бодӣ чанубии сард аст. Ва Синон мегӯяд, ки дар аксари вақтҳо ин матлаб рост меояд. Ва дар ин рӯз об рӯй ба зиёдӣ мегузорад. Ва дар рӯзи бисту дуюм, назди Увзаксис, борон аст ва назди қибтиёну Қосир ҳавои сард аст ва дар ин рӯз бар киштиҳо аз дарьё метарсанд.

Дар рӯзи бисту сеюми ин моҳ, назди қибтиён, бодӣ чанубу борон аст ва дар ин рӯз дар Дайр-Аюб (дар Сурия) бозоре ба по мегардад. Ва Абӯяҳьё бинни Куноса[155] мегӯяд, ки чил рӯз ситораи Сурайё зери шуои Офтоб ғоиб аст ва чун тулӯъ кард, бозори мазкур барпо мегардад. Ва аҳли Шом барои шитобе, ки дар корҳои марбутаи худ доранд, ҳафт рӯз зудтар ин бозорро барпо мекунанд. Ва ҳафтод рӯз пас аз ин бозор, бозори Бусроро барпо намоянд. Ва ба қиёми ин бозорҳо колоҳои мардуми он навоҳӣ ба фурӯш мерасад. Ва дар рӯзи бисту чорум басо иттифоқ меафтад, ки ба гуфтаи Қоллибусу Митрузурис тагарг биёяд ва назди Зимукритус «навъ» асту бодӣ чануб ва ё бодӣ наздик ба он ва назди қибтиён борон меояд. Ва дарьёи Фурот дар ин рӯз мадду кашиш меёбад. Ва дар рӯзи бисту панҷум, бинобар қавли Увзаксису қибтиён, борон аст.

facebook.com/Китобхона

Ва дар рӯзи бисту шашум, ба раъи Қосир, борон хохад омад, ва назди қибтиён боди зиёдест. Ва дар рӯзи бисту ҳаштум, назди қибтиён, бод асту назди Увзаксис борон. Ва Синон гувоҳӣ медиҳад, ки мутобиқи таҷрибаҳои ӯ борон хоҳад омад. Ва ба гумони ҷамъе дар ин рӯз боди ҷануб мевазад ва рӯдхонаҳову наҳрҳо обаш зиёд мешавад.

Зиёд шудани обҳо дар ҷамъи водиҳою дарьёҳо ба як ҳолат нест, балки ихтилофи бузурге бо ҳам дорад. Чунон ки Ҷайҳун ҳангоме обаш зиёд мешавад, ки Дачла, Фурот ва ғайра рӯ ба камӣ гузорад. Ва иллат ин аст, ки ҳар рудхонае, ки манбаи он дар навоҳии сардсер бошад, оби он дар тобистон зиёдтару дар зимистон камтар аст, зеро бештари обҳои аслии он аз чашмасорҳо ҷамъ мегардад. Ва рутубатҳое, ки дар кӯҳҳое, ки ин рудхонаҳо аз он берун меояд ва ё аз он ҷо мегузарад, сабаби зиёдату нуксони он ин рудхонаҳо мегардад. Ва иллати зиёдат ин аст, ки рутубату барфҳо ва шабнамҳои маҳалли убури ин рӯдхонаҳо об мешаваду дар он мерезад. Ва сабаби нуксон ин аст, ки оби ин рудхонаҳо дар замин фурӯ меравад. Ва пӯшида нест, ки рутубати номбурда дар аввали баҳору зимистон аз вақтҳои дигар зиёдтар пайдо мешавад. Ва ба чиҳати бурудату сармо ва ё шимолӣ будани ин мавозеъ ба ҳоли худ боқӣ мемонад. Ва чун ҳаво гарм шуд, барфҳо об мегардаду рӯди Ҷайҳун мад меёбаду оби он зиёд мегардад.

Аммо манбаи Дачла ва Фурот аз мавозеест, ки зиёд шимолӣ нестанд, ба ҳамин иллат яххо ва барфҳое, ки бояд дар аввалҳои баҳор ях баста бошанд, дар манбаҳои ин ду рӯд об мешаванду сабаби зиёдатии оби онҳо мегарданд.

Аммо рӯди Нил замоне рӯ ба зиёдшавӣ мегузорад, ки оби Дачла ва Фурот кам шавад, зеро сарчашмаи Нил аз кӯҳи Қамар аст, ки дар навоҳии ҷануб дар пушти Асвон, ки аз шаҳрҳои Ҳабаш маҳсуб аст, вокеъ аст. Ва харчанд маълум нест, ки оё Асвон дар муаддил-ун-наҳор аст ва ё дар пушти он, зеро чунон ки дар пеш гуфта шуд, ҳаволии он ғайримаскун аст. Ва бадеҳӣ аст, ки дар чунин ҳол рутубатҳо яхбаста намегардад.

Ва агар зиёдатии оби Нил аз чиҳати барфу борон бошад, маълум аст, ки бевосита онҳо ба замин раси-

facebook.com/Китобхона
да, об мешаванду сабаби фузуну мадди оби Нил мегарданд.

Ва агар аз ҷиҳати оби сарчашмаҳои он бошад, оби ин чашмаҳо дар зимистон зиёдтар мегарданд ва бинобарин ҳатмӣ оби Нил дар тобистон мад меёбад, зеро чун Офтоб ба самт-урраъси мо наздик гардад, аз ҷойҳое, ки маҳалли хурӯҷи рӯди Нил аст, дур мегардад. Ва биттабъ барои он мавозеъ зимистон хоҳад буд.

Ҷиҳати ин ки оби чашмаҳо дар зимистон зиёдтар мегардад, ин аст, ки ғарази эзиди таоло аз пайдоишу падиди овардани кӯҳҳо ин буда, ки манфиате ба бандагон оид гардад. Ва Собит бинни Қурра дар китобе, ки дар манфиати кӯҳҳо навишта, порае аз онҳоро зикр намуда ва ҳамин тавр, ки худованд дар офариниши кӯҳҳо суде барои башар дар назар дошта, дар шӯр кардани оби дарьёҳо низ ҳамин манзурро доштааст.

Бисьёр равшан аст, ки дар зимистон бештар аз тобистон барфу борон ба замин меояд ва дар кӯҳҳо бештар аз заминҳои соф воқеъ мешавад. Ва чун барфу борон ба замин омад ва об шуд, миқдоре аз он сел мегардад ва боқимондаи он дар обанборҳои кӯҳҳо ҷамъ мегардаду аз гузаргоҳу сӯроххое, ки чашма ном дорад, кам-кам хориҷ мешавад. Ва чун моддаи он дар зимистон зиёдтар аст, оби ин чашмаҳо низ зиёд мегардад. Ва агар маҷрои чашмаҳо пок бошад, оби он гуворо хоҳад буд, вагарна ба чизҳои хусусиётие, ки дар гузаргоҳи маҷрои ин чашмаҳо аст, оби он гуногун мешавад, ҳарчанд ки бар мо он хусусиятҳо пӯшидаву пинҳон бошад.

Аммо фавввораи чашмаҳо ва баромадани об ба самти боло, иллаташ ин аст, ки хизонаи об аз худи чашмаҳо болотар ҷой дорад, монанди фаворотиҳои маъмулӣ. Вагарна об ҳаргиз ба сӯи боло, ҷуз ин ки манбаи он болотар бошад, нахоҳад рафт.

Бисьёре аз мардум, ки чун иллати амри табиро надонанд, ба ҳамин андоза кифоят мекунанд, ки бигӯянд: (Худо беҳтар медонад). Матлаберо, ки мо гуфтаем, инкор кардаанд ва яке аз онон бо ман ба баҳс пардохт. Ва метуфт, ки «ман худ дидам, ки оби наҳрҳо ба сӯи боло мерафту аз манбаи худ дур мешуд».

Сабаби ин ки чунин суханро ба забон овардаанд, ин аст, ки аз улуми табиӣ бехабаранду миёни болою

facebook.com/Китобхона
поин фарқ намегузоранд. Масалан, эшон дар миёни кӯҳҳо рӯдхона ва наҳр дидаанд, ки масалан ба андозаи панҷоҳ ва ё сад оршин ба самти ҷануб мерафт. Ва чун зироатгарон ҷадвале аз он наҳрҳо ҷудо кунанд, кам-кам аз асли рӯдхона ва наҳри ин ҷадвал ҷудой меёбад, то он ки билохира ба таври ифрот ба наҳре, ки аз он ҷудо шуда, бартарӣ меёбад. Ва чун ашхоси камбасират тасаввур мекунанд, ки маҷрои об дар сатҳ ба таври мустақим меравад ва ё каме моил мешавад, чунон хаёл мекунанд, ки ҷадвал ба сӯи боло меравад. Ва ин шакро, намешавад бартараф сохт, магар он ки ибтидо аз олоте, ки заминҳоро бо он чен мекунанду мусовӣ менамоянд, шахсе иттилоъ ёбад. Ва чун ба олоти мазкур ҳамин заминҳоеро, ки обхои мазкур дар он ҷараён дорад, чен кунанду бисанҷанд, хоҳанд фаҳмид, ки ҳақиқати амр ғайр аз он аст, ки гуфтаанд.

Чораи дигар барои рафъи ин шак, он аст, ки ин даста бираванд, улуми табиӣ бихонанд ва бидонанд, ки об ба марказ ва ё қариб ба марказ мутамоил аст. Ва албатта мумкин аст, ки ба қуллаҳои кӯҳҳо ҳам об биравад, вале ба шарти ин ки куллаи кӯҳ аз манбаи махзани об поинтар бошад. Ва ҳаворо, ки чун об маконеро тиҳӣ кунад, ҷогузини он мешавад, ба ёрии ҳало, ки бояд ба таври зӯриву сунъӣ анҷом ёбад, берун кард, то он ки об ба феъли табиии худ, ки ҷараён бошад, тавоно гардад. Ва дар наҳрҳое, ки кӯҳҳо фосилаи миёни он шуда ва ба буридани кӯҳ қодир нест, амали нонбурдаро анҷом медиҳанд.

Олатеро, ки зонӯ (обдузд) номанд, мисол барои ин матлаб аст, ки чун онро пур аз об кунем ва ду сари онро дар ду зарф, ки сатҳи оби ин ду яке бошад, бигузорем, обе, ки дар даруни ин олат аст, меистад. Ва агар замони зиёде ҳам бигузарад, ба ҳеҷ як аз ду зарф намерезад, зеро аввалияте дар байни нест ва низ намешавад, ки як мартаба ин об ба ду зарф бирезад, зеро олат тиҳӣ хоҳад монд. Ва хало ё он ки абадан вуҷуд надорад, чунон ки баъзе аз аҳли фалсафа бар ин ақидаанд ва ё ин ки амрест барои нигаҳ доштани ҷисмҳо мавҷуд мебошад.

Ва агар хало мумтанеъ бошад, вуҷуд нахоҳад ёфт ва агар ҳам, бинобар раъйи дигар ҷисмҳоро нигоҳ дорад, албатта обро низ нигаҳ хоҳад дошт. Ва нахоҳад гузошт, ки ҷараён ёбад, магар пас аз он ки ҷисми ди-

facebook.com/Китобхона

гаре ҷои он бинишинаду макони обро мутасарриф шавад.

Ва чун зонуи обро (обдуздак) дар зарфе ва макони дигар, ки поинтар бошад, бигзорем, об ба зарф мерезад, зеро ба маркази худ наздиктар шудааст. Ва аз он ҷое, ки аҷзои об якдигарро ҷазб мекунанд, ҷараён иттисол меёбад, то он ки оби он зарф тамом шавад ва ё бо обе, ки аз миёнаи зонуе ба он мерезад, сатҳаш мувозӣ гардад. Ва дар ин ҳол боз масъала ба ҳолати аввалии худ бозгашт хоҳад кард. Ва дар кӯҳҳо, ки шутургулӯ месозанд, бо ин тариқ аст.

Оре, мумкин аст, ки об аз чоҳҳо дар фаввора боло барояд, вале пас аз он ки дар чоҳ обҳои қобили фаввора ҷамъ шуда бошад, зеро баъзе аз чоҳҳо ин тавр аст, ки об аз атрофи он ба тавассути ҷоришавӣ ҷамъ мешавад ва маъхазаш аз обҳои наздик ба он аст. Ва сатҳи заминҳое, ки об аз он ҷо дар даруни чоҳ ҷамъ шуда, бо оби дохили чоҳ, ки моддаи он ҳисоб мешавад, яке аст. Ва баъзе аз чоҳҳо оби он аз зер фаввора мезанад. Ва ин қабил обҳоро, метавон, ба рӯи замин фаввора дод, ки бар сатҳи арз ҷорӣ шавад. Ва ин амр бештар дар заминҳое наздик ба кӯҳ, ки дарьёча ва рӯдхонаи жарфу амиқ восита набошад, иттифоқ меафтад. Ва чун маъхази об аз хизонае, ки аз сатҳи замин болотар аст, бошад, обро агар банд кунанд ҳам, фаввора хоҳад ёфт. Ва агар хизонаи он поинтар бошад, намешавад, обро фаввора ва ё ҷараён дод. Ва гоҳ иттифоқ меафтад, ки хизонаи об дар манбаест, ки ҳазорон оршин болотар аз он ҷоест, ки мехоҳем, обро ҷараён диҳем. Ва ин қабил обҳо имкон дорад, ки бар болои қалъаҳо ва манораҳо барояд.

Шунидам, дар Яман вақте ки заминеро бикананд ва ба санге бирасанд, ки дар зери он бошад, бо нӯги каланд ба рӯи санг мезананд ва аз садое, ки аз санг бармехезад, миқдори обро медонанд, ки чӣ андоза зери санг ҷамъ шудааст. Сипас, як сӯрохи кӯчаке дар ин санг мекунанд. Ва агар аз касрат натарсанд, ба ҳар ҷое, ки барои фаввора бихоҳанд, онро мебаранд. Ва агар диданд, ки об зиёд аст, филфавр бо гач сӯрохро мегиранд ва метарсанд, ки мабодо аз он сӯрох селе монанди «сели Арим»[156] ба вуҷуд ояд.

Аммо обе, ки миёни Абаршаҳр ва Тус дар сари кӯҳ аст, он дарьёчае мебошад, ки даври он як фарсах ме-

facebook.com/Китобхона
шавад ва ба Сабзруд мавсум аст. Ва албатта бадеҳист, ки моддаи ин об ё аз хизонае болотар аз он аст, ҳарчанд ки хеле ҳам дур бошад ва ба андозае, ки Офтоб оби ин дарьёчаро гарм кунад, аз он модда мадад ба он мерасад. Ва бад-ин ҷиҳат аст, ки дар ҳоли беҳаракатӣ мемонад.

Ё ин ки сабаб ин аст, ки аз як хизонаи баробар бо он ин об ҷамъ шуда ва бо ин ҷиҳат аст, ки об зоид намешавад. Ва ё сабабе монанди сабабе, ки дар оби кӯза ва чароғе, ки аз худ модда мегирад, мавҷуд аст. Ва тариқаи ин санъат он аст, ки кӯзаи об ва зарфи равғани сӯхтаниро мегиранд ва дар чандин ҷой аз лаби ин зарфҳо сӯрохи кӯчак мекунанд. Ва дар наздикии даҳони ин зарф сӯрохе мекунанд, бо андозае, ки бихоҳанд об дар зарф ва ё равған дар чароғ бимонад. Сипас онро пур аз обу равған мекунанд ва зарфи обро дар ташту равғандонро аз чароғ бармегардонанд ва обу равған аз ин сӯроҳҳои рез хориҷ мешавад, то он ки он як сӯрох дар наздикӣ даҳони зарфро фаро гирад. Ва баъзан ин об бухор мешавад ва ё равған месӯзад ва чун тамом шуду сӯрох аз зери об ва ё равған берун омад, боз аз нав обу равған берун хоҳад омад, то он ки зарфу ташт пур шавад. Ва ин амал ҳамин тавр такрор меёбад.

Ва монанди ин дарьёча, ки гуфта шуд, дар кишвари Кимок чашмае гуворост, ки «Манкур» ном дорад. Ин чашма ба андозаи як сипар бузург аст, ки сатҳи оби он бо атрофи он мусовӣ аст. Ва агар як сипох аз он чашма об бихӯранд, обаш кам намешавад.

Дар назди ин чашма асари пои инсонест, ки ҷои ангуштону зонуи ӯ ба ҳолати сучуд дар он ҷо бокӣ аст. Ва низ ҷои пои тифле ва асари сумҳои дарозгӯше дар он ҷо аст. Ва чун туркҳои ғузӣ ин қадамгоҳҳоро бубинанд, сачда мекунанд.

Ва дарьёчае, ки дар кӯҳи Бомиён аст дар куллаи кӯҳ вокеъ шуда, ба андозаи як мил дар мил аст ва дар куллаи кӯҳ ҷой дорад. Ва оби қариае, ки дар зери он аст аз он ҷост, ки аз як сӯрохи кӯчак, ки ба дарьёча кардаанд, он чи об, ки мавриди ҳоҷати онҳо бошад, берун меояд. Ва эшонро мумкин намешавад, ки ин сӯрохро кушод кунанд. Ва агар сӯрохро бузургтар кунанд аз касрати об метарсанд.

Ва гоҳе иттифоқ меафтад, ки об дар замини нар-

facebook.com/Китобхона
ме фаввора сафта ва як хизонаи бузурге ташкил дода, вале дар пеши ин хизона монеае мавҷуд аст, ки наметузорад об берун ояд. Ва чун ин монеаро бартараф кунад, об фаввора меёбад, монанди қаряе, ки миёни Бухоро ва Деҳнав мебошад. Чунон ки Ҷайҳонӣ дар «Китоби масолик ва мамолик»-и худ гуфта ва дар ин қария талест, ки чӯяндагони ганҷу дафина чун ин талро бишикофанд, обҳои зиёде берун меояд, ки наметавонанд онро ба ҷои худ баргардонанд ва пайваста ҷараён меёбад.

Ва агар касе бихоҳад тааҷҷуб кунад, бояд аз мавзее, ки Файлавон ном дорад ва наздикии Мехргон мебошад, дар шигифт гардад, ки монанди суфаест, ки дар кӯҳ канда шуда ва ҳамвора аз сақфи он об ҷорӣ мегардад. Ва чун ҳаво сард шавад, об ҳамин тавр, ки аз сақф меояд, ях мебандад ва барои худ дарозӣ пайдо мекунад. Ва ман аз аҳли Мехргон шунидам, ки чун бо каланд бар ин сақф бизананд, ҷои неши каланд аз об хушк мешаваду об зиёд намегардад. Ва ҳол он ки қиёс иқтизо мекунад, ки агар зиёд нашавад, об ба ҳоли худ боқӣ бимонад.

Ва аҷаб аз инҳо, ки гуфта шуд, ҳикоятест, ки Ҷайҳонӣ дар «Китоби Масолик ва мамолик» нақл кардааст, ки дар ҷомеи Қайравон ду устувона барқарор кардаанд, ки маълум нест, чинси он ду чист? Ва ба ақидаи Ҷайҳонӣ ҳар рӯзи ҷумъа пеш аз тулӯи Офтоб об медиҳанд ва тааҷҷуб дар ин аст, ки ба таври ҳатман бояд дар рӯзи ҷумъа бошад, зеро агар Ҷайҳонӣ мегуфт, як рӯзи номаълум мумкин мешавад, ки ба наздикии моҳ аз ҷойгоҳи махсусе аз кураи Хуршед ҳамл кунем, вале барои рӯзи ҷумъа намешавад иллате донист. Ва ҳикоят кардаанд, ки подшоҳи Рум моли зиёде фиристоду гуфт: «Агар мусулмонон ба ин мол судманд шаванд, беҳтар аст, ки ду санг дар масҷиди эшон бошад». Ва мардуми Қайравон аз фурӯши онҳо сар боз заданду гуфтанд: «Мо ин ду сангро аз хонаи худо ба хонаи шайтон намефиристем».

Ҳикояти устувонаи муттаҳаррике, ки дар Қайравон аст, аз ҳикояти фавқ шигифтовартар аст, ки ба як тараф ҳаракат мекунад. Ва чизе зери он метузоранд ва чун боз ба ҳолати пешини худ баргашт, мумкин намешавад, ки онро берун оварад. Ва агар он чиз шиша бошад, садои шикастани он ба гӯш мерасад. Ва шак-

facebook.com/Китобхона
ке нест, ки ин устувона амре санъатист ва ҷойгоҳи он далел бар ин аст.

Акнун ба матлаби худ бозгардем ва гӯем:

Дар рӯзи бисту нӯҳуми ин моҳ, бинобар раъйи Қосир, боди сард аст ва назди қибтиён борону боду рутубат дар ҳавост. Ва дар рӯзи сиюм, назди қибтиён, «навъ» аст ва ба ақидаи Қоллибису Уқтимин боду рутубат ва наму шабнам пайдо мешавад.

Айёр — дар рӯзи аввали он, назди Қибтиён, борон аст. Ва дар рӯзи дуюм чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи саввум ба ақидаи қибтиён боду раъд ва рутубату шабнам аст. Ва дар рӯзи чорум, назди Увзаксис борон аст ва назди қибтиён борони тунд аст. Ва дар рӯзи панҷум ба ақидаи Зусисовус борон аст. Ва Синон мегӯяд, ки бисьёрие аз вақтҳо рост меояд ва «навъ»-е қавӣ дар ин рӯз ба вуҷуд меояд. Ва дар рӯзи шашум, назди қибтиён, бодҳоест ва назди Увзаксис, «навъ» ва борони рез аст. Ва дар рӯзи ҳафтум, ба ақидаи қибтиён, бодҳоест ва дар бисьёре аз вақтҳо рост меояд. Ва дар рӯзи ҳаштӯм, ба ақидаи Увзаксис ва Зусисовус, боронҳоест ва назди қибт борон аст. Ва дар рӯзи нӯҳум, ба ақидаи қибтиҳо, борон аст. Ва дар рӯзи даҳум, назди Қоллибису Уқтимин, «навъ» ва борон аст ва назди қибтиён борон аст. Ва дар рӯзи ёздаҳум назди Зусисовус «навъ» аст. Ва Синон гувоҳӣ медиҳад, ки дар бисьёр вақтҳо рост меояд. Ва дар рӯзи дувоздаҳум, бинобар раъйи Увзаксис ва Митрозурису Иббарҳис «навъ» аст ва назди Қосир борон аст ва назди қибтиён даббур аст. Ва гуфтаанд, ки дар ин рӯз аз сармо задани меваҳо бояд эмин буд.

Вале ин матлаб ба таври мутлақ саҳеҳ нест. Ва ба баъзе аз мавозеъ ихтисос дорад. Ва дар рӯзи сездаҳум, бинобар раъйи Увзаксис, борон аст ва назди қибтиён боди шимолу тагарг аст. Ва дар рӯзи чордаҳум, назди Қоллибису Уқтимин ва қибтиён, «навъ» аст. Ва дар рӯзи понздаҳум, назди Қосир, борон аст. Ва дар рӯзи шонздаҳум, назди Қосир, «навъ» аст. Ва мегӯянд, аввалин боди сом (самум) дар ин рӯз шурӯъ ба вазидан мекунад. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум боди ҷануб ва ё боди сабо аст ва назди Иббарҳису қибтиён борон аст. Ва дар рӯзи ҳаждаҳум, назди Увзаксис, «навъ» аст ва назди қибтиён борону раъд аст. Ва дар рӯзи нуздаҳум, назди Иббарҳису қибтиён, «навъ» ва

facebook.com/Китобхона
боронҳои рез аст. Ва дар рӯзи бистум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи бисту якум, назди Қосир, «навъ» асту назди Зусисовус боди ҷануб аст ва назди қибтиён боди даббур аст. Ва дар рӯзҳои бисту дуюм ва бисту сеюм чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи бисту чорум, назди Қоллибису Уқтимин ва Филифис, «навъ» аст ва назди қибтиён бодҳоест. Ва дар рӯзи бисту панҷум, назди Уқтимину Филифис ва Иббархис, «навъ» аст. Ва дар рӯзи бисту шашум, ба ақидаи Қоллибис ва Уқтимин, «навъ» вуқӯъ хоҳад ёфт ва ба ақидаи қибтиҳо боди шимолии сарде вазидан хоҳад гирифт. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум, ба ақидаи Қоллибису Уқтимин, рутубату шабнам ҳодис мегардад ва назди қибтиён дар ин рӯз «навъ» аст. Ва дар рӯзи бисту ҳаштум, назди Митрузурис ва қибтиён, борон аст. Ва дар рӯзи бисту нӯҳум, назди Иббархис, боди ҷануб ва боди даббур аст. Ва дар рӯзи сиюми ин моҳ назди Қосир, боди ҷануб аст. Ва дар рӯзи сию якум чизе зикр накардаанд.

Ҳазирон — дар рӯзи аввали ин моҳ, бинобар раъйи Увзаксис ва Зусисоус, шабнаму рутубате ҳодис мегардад ва дар назди қибтиён дар ин рӯз боди даббур аст. Ва дар рӯзи дуюм низ ба ақидаи эшон ҳамин бод вазидан хоҳад гирифт. Ва дар рӯзи сеюм, бинобар райи қибтиён, раъду бод вуқӯъ хоҳад ёфт. Ва рӯзи чорум, бинобар раъйи Қосир, борон аст. Ва дар рӯзи панҷум, назди қибтиён, боронҳои хеле рез аст. Ва Синон мегӯяд, ки дар бештари авқот ин матлаб рост меояд. Ва дар рӯзҳои шашум, ҳафтуму ҳаштум чизе аз уламои фан нақл накардаанд. Ва дар рӯзҳои нӯҳум, бинобар райи қибтиён, боди даббур ва раъд аст. Ва дар рӯзҳои даҳуму ёздаҳуму дувоздаҳум чизе зикр нашуда ва фақат дар рӯзи ёздаҳум наврӯзи халифа аст, ки дар Бағдод мардум ба якдигар обу хок мепошанд ва бозиҳои дигаре дар он ҷо маъмул аст, ки ба ҷиҳати машҳурии он сарфи назар гардид. Ва дар рӯзи дувоздаҳум, Синон бинни Собит мегӯяд, бештари вақтҳо тағьире дар он ёфт мешавад. Ва дар рӯзи чордаҳум чизе зикр накардаанд. Дар рӯзи понздаҳум, ба ақидаи мардуми Миср, боронҳои тунде хоҳад омад. Ва дар рӯзи шонздаҳум чизе зикр нашуда, ва гӯянд, ки дар ин рӯз ҳамаи обҳо ба замин фурӯ меравад ва дар

facebook.com/Китобхона
рӯди Нил мадду кашиш меояд. Ва иллати ин умур ҳамон аст, ки дар пеш гуфтем, ки манбаъҳои ин обҳо бо ҳам ихтилоф дорад ба изофаи дигар асбобу илали табиӣ. Ва дар моҳи ҳазирон дар соли оддӣ дар ин рӯз ва дар ҳафдаҳуми ҳазирон дар солҳои ғайриоддӣ имтилои акбар аст, ки арабу аҷам онро бузург мешуморанд ва номи ӯ «Мирин» аст. Ва маънои ин калима имтилою пурии Офтоб аст, ки «инқилоби тобистонӣ» бошад. Ва дар ин ҳангом нур бар зулмат ғалаба меёбаду чира мешавад. Ва фурӯғи Офтоб, чунон ки Муҳаммад бинни Митьёр гуфтааст, ба чоҳҳо меафтад. Ва ин матлаб ҷуз дар кишварҳое, ки арзи он монанди мили куллӣ бошаду Шамс рӯбарӯи он гардад, вуқӯъ нахоҳад ёфт.

Тоифаи ҳаявония[157] бар ин ақидаанд, ки Офтоб дар васати самоъ танаффус меёбад. Ва бад-ин сабаб арвоҳи якдигарро дар оташи куллӣ (дӯзах) мешиносанд. Ва дар ин рӯз ба назар кардан ба қибтиён нахӯи мечӯянд ва низ анорро ношто мехӯранд. Ва аз Букрот нақл кардаанд, ки ҳар кас дар ин рӯз ношито як анор бихӯрад, ситораи ҳаётии ӯ равшан хоҳад шуд ва то чил рӯз «Каймус»[158]-и ӯ сафо хоҳад ёфт. Ва аз Ханнаи Ҳиндӣ нақл кардаанд, ки ба Хусрави Парвиз гуфт: «Хобидан дар сояи дарахти анор шахсро аз маразҳои сахт шифо хоҳад бахшид ва аз шарри чинҳо амон хоҳад монд». Ва илми сеҳру ҷоду ин тавр иқтизо мекунад, ки дар бомдоди ин рӯз шахс аз хоб ба пахлӯи чап бархезаду пеш аз он ки сухан гӯяд, кадре заъфарон бухур кунад. Ва дар рӯзи ҳафдаҳуми ин моҳ, ба ақидаи Зусисовус, «навъ» аст ва дар назди қибтиён гармое худус хоҳад ёфт. Ва дар рӯзи ҳаждаҳум, ба ақидаи қибтиён, боди даббур асту гармо. Ва дар рӯзи нуздаҳум, назди қибтиён, борон аст. Ва дар рӯзи бистум, назди қибтиён, боди даббур ва борону раъд аст. Ва дар бисту якум чизе зикр накардаанд. Ва дар бисту дуюм, назди Зимукритус, «навъ» аст. Ва дар бисту сеюм, ба ақидаи Иббархис, боди ҷануб ва ё даббур хоҳад вазид. Ва дар бисту чорум чизе зикр накардаанд ва гуфтаанд, ки бодҳои масмум дар ин рӯз вазиш мегираду панҷоҳу як рӯз ин вазиш тӯл меёбад. Ва низ наҳри Ҷайҳун мад меёбад. Ва гоҳе иттифоқ меафтад, ки ба дигар рӯдхонаҳо ва сокинони канори он зиён мерасонад. Ва дар рӯзи бисту панҷум,

facebook.com/Китобхона
ба ақидаи қибтиён, боди даббур асту гармо. Дар бисту шашум, назди Зимукритус ва қибтиён, боди даббур аст. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи бисту ҳаштум, назди Увзаксис, «навъ» вуқӯъ хоҳад ёфт ва назди Зимукритус боди даббуру чануб ва борон аст. Сипас боди шимол ҳафт рӯз вазидан хоҳад ёфт. Ва дар рӯзи бисту нӯҳум чизе зикр накардаанд. Ва гуфта шуда, ки асҳоби тачрибакорон дар ин рӯз шабнамҳоро мулоҳиза мекунанд. Ва агар диданд, ки шабнами зиёде аст, чунин ҳадс мезананд, ки рӯди Нил мад хоҳад ёфт. Ва агар кам бувад, нахоҳад мад ёфт ва хушксол хоҳад шуд. Ва дар рӯзи сиюм назди қибтиён, бодҳоест ва ҳаво соф нахоҳад буд. Ва дар рӯзи сию якум чизе зикр накардаанд.

Тамуз — уламои мазкур дар рӯзи аввал ва дувуми он чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи сеюм, назди Қосир ва қибтиён, боди чанубу гармо аст. Ва дар рӯзи чорум, ба ақидаи қибтиён, бод хоҳад омад. Ва басо иттифоқ меафтад, ки дар кишвари Миср борон низ меояд. Ва дар рӯзи панчум, назди Қоллибусу Митрузурис ва Иббархис, боди чануб аст. Ва назди қибтиён боди даббуру раъд аст. Ва дар рӯзи шашум, назди Қоллибусу Митрузурис боди чануб аст. Ва назди қибтиён боди даббуру раъд аст. Ва дар рӯзи ҳафтум, назди Батламиюс, «навъ» аст. Ва Синон мегӯяд, ки бисьёре аз вақтҳо дар ин рӯз ҳаво тағьир меёбад. Ва дар рӯзи ҳаштум, чунон ки Мотин дар шаҳри худ мушоҳида карда, шабнаму рутубате дар ҳаво вуқӯъ меёбад. Ва рӯзи нӯҳум, назди Уктимину Филфис, шабнам аст ва назди қибтиён боди даббур асту бодҳое наздик ба он. Ва дар рӯзи даҳум, назди қибтиён, ҳавои бадест. Ва дар Бусро бозоре барпо мешавад, ки бисту панч рӯз тӯл мекашад. Ва ин бозор дар рӯзгори Бани Умия, аз сӣ то чил рӯз ба тӯл меанчомид. Ва дар рӯзи ёздаҳум аз уламои фан чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи дувоздаҳум, ба ақидаи Иббархис, бодҳое аст, ки ба якдигар мумтазач нест. Ва Синон бинни Собит мегӯяд, ки дар бештари вақтҳо ҳаво дар ин рӯз тағьир меёбад. Ва дар рӯзи чордаҳум, назди Қосир, боди сахтест ва боди шимол ба ақидаи Иббархис вазидан хоҳад гирифт. Ва назди қибтиён гармост. Ва дар рӯзи понздаҳум, ба ақидаи Батламиюс, дар

facebook.com/Китобхона
шаҳрҳои бороний борон меояд ва назди Зимукритус борону гирдбодҳое вуқӯъ меёбад ва назди қибтиён боди сахт аст. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум, ба ақидаи Зусисовус, шабнаму гармо аст. Ва дар рӯзи ҳаждаҳум бодҳои солиёна ба вазидан шурӯъ мекунанд. Ва ин матлаб бинобар раъйи Иббрахис бувад ва бо ақидаи огоҳхон аз дарьё ва зироатгарону дигар аҳли ботақриба аввали айёми «боҳур» аст. Ва ҳафт рӯзи ин айём ба тӯл меанҷомад ва охирин рӯзи он бисту чорумин моҳ аст. Ва аз ҳар як аз рӯзҳои «боҳур» бар моҳҳои тирамоҳу зимистон ва пора аз моҳҳои баҳор истидлол мекунанд, ки чӣ тағьире дар он ба вуқӯъ хоҳад пайваст. Ва бештар зуҳури он дар шабонгоҳо ва бомдодон хоҳад буд. Ва гумон кардаанд, ки айёми «боҳур» барои сол монанди айёми «бӯҳрон» аст дар авҷи касалӣ. Ва ҳамин тавр ки дар айёми «бӯҳрони мариз» далоили он аз башорату огоҳӣ аз оқибатҳои мараз доништа мешавад ва айёми «боҳур» низ чунин аст. Ва номи «боҳур» ва «бӯҳронӣ» дар луғати юнонӣ ва суриёнӣ аз ҳукми ҳакимон муштақ аст. Ва баъзе гуфтаанд, ки бӯҳрон калимаест тозӣ ва аз «баҳр» иштиқоқ ёфта, зеро бӯҳрони мариз ба ҳаячоне, ки дар дарьё ёфт мешавад ва мадду ҷазр ном дорад, монанд аст. Ва ин иштиқоқ хеле наздик ба назар мерасад, зеро иллату сабаб дар ҳарду — бӯҳрони мараз, ҷазру мад, ҳаракоти Қамару даврҳо ташаккулотест, ки Моҳ пайдо мекунад, бештар аз ин ки дар давраи кулл бошад. Чунон ки оғози мад ҳангомест, ки Моҳ ба шарқу ғарб ба уфуқ бирасад. Ва оғози ҷазр вақтест, ки Моҳ ба доираи нисфуннаҳор ва ё нисфуллайл бирасад. Ва ё дар ғайри даври куллӣ ва ин нима низ бештар аз ин аст, ки аз як нуқта, ки Моҳ ҳаракат карда, ба ҳамон нуқта бирасад ва ё аз нуқтае, ки аз Офтоб ҷудо шуда, ба ҳамон нуқта бирасад. Ва бояд донист, ки мад дар нимаи аввали моҳи қамарӣ қавитару нерӯмандтар аз нимаи соний аст ва Офтоб низ дар ин кор таъсире аст.

Ва шигифт он аст, ки аз дарьёи Мағриб нақл кардаанд, ки дар нохияи Андалус дар ҳар ғуруби офтоб мад меёбаду дар муддати як соат тақриб панҷ фарсанг, илло шаш фарсанг кам мешавад, сипас шурӯъ ба ҷазр мекунаду ҳеҷ гоҳ аз ин вақт дер намешавад.

Ҷамъе гуфтаанд, агар дар мавқеи шоми рӯзи ҳаждаҳум дар офоқ абр бошад, дар оғози моҳи тиширини

facebook.com/Китобхона
аввал борону тагарг хоҳад омад. Ва агар нимаи шаб абр бошад, борону тагарг дар нимаи моҳ хоҳад омад. Ва агар мавкеи субҳ абр бошад, дар охири моҳ умури мазкур вуқӯъ хоҳад ёфт. Ва хамин аломат, ки дар шаб гуфта шуд, дар рӯз низ чунин аст ва танҳо фарқе, ки ҳаст, ин аст, ки дар шаб тағьири ҳаво ба ҷиҳати абр зоҳиртару пайдотар аз рӯз аст.

Чунон ки дар оғози китоб гуфтем, рӯз бар шаб мукаддам аст. Ва бад-ин ҷиҳат дар ин ҷо шабро пеш аз рӯз ба шумор овардаанд. Ва онон, ки шабро бар рӯз мукаддам медоранд, гумон кардаанд, ки мақсуд аз шаби ҳаждаҳум шаби нуздаҳум аст. Ва бар рӯи ҳамин гумони аввал «боҳирҳо»-ро аз рӯзи нуздаҳум маҳсуб доштаанд ва охири онро рӯзи бисту панҷум. Ва рӯзи аввал аз айёми ҳафтагонаи «бохирҳо» далел бар моҳи тишрини аввал аст. Ва рӯзи дуюм далел дар дуюм ва рӯзи сеюм далел бар моҳи конуни аввал аст. Ва ба хамин тариқ то он ки рӯзи ҳафтум далел бар моҳи найсон бошад.

Асҳоби ботаҷриба барои аз пеш донистани холоти сол гуфтаанд, ки агар бар лавҳе чанд хел зироатҳоро бикоранд, ки то шаби бисту панҷуми тамуз шавад, ки охирин шаби ин кор аст, сипас лавҳро дар зери осмон бигзоранд, ба тавре ки ҳеҷ монее аз тулӯъ ва ғуруби ситорагон бар он набошад, ҳар зироате, ки дар он сол хуб хоҳад шуд, зард мегардад ва ҳар зироате, ки баракату фаровонӣ нахоҳад ёфт, сабз бокӣ мемонад. Ва мисриён низ амали мазкурро анҷом медоданд.

Асҳоби ботаҷриба барои ин ки аз пеш ба холоти сол огоҳӣ ёбанд, ҳиллаҳои бисьёре ба кор бурдаанд, ба ҳадде, ки аъмоли эшон дохил дар ҳудуди афсуну азоим гаштааст. Ва баъзе аз эшон чунин гумон кардаанд, ки чун дувоздаҳ барги зайтунро шахс бигираду бар ҳар якбарг номи моҳ аз моҳҳои суриёниро бинависад, сипас онҳоро дар ин шаб ба чои намноке бигузорад, саҳаргоҳон ҳар як аз ин баргҳо, ки хушк шуда бошад, далел бар ин аст, ки дар он моҳ борон нахоҳад омад. Ва баъзе дигар аз аҳли бетаҷриба гумон кардаанд, ки бороп донистани камию бешии борон бояд ба маҳалле соф рафт, ки дар атрофи он монее аз боду боронҳои резу шабнам набошад. Ва ба андозаи ду оршин порчаи катонро бигиранду бикашанд ва ваз-

facebook.com/Китобхона
ни онро ба хотир бисупоранд, сипас, ин порчаро дар он макон бигустуронанду аз оғози шаб то соати чорум ми он ба ҳамин ҳол он катон боқӣ бимонад. Ва бори дигар порчаро дар тарозӯ вазн кунанд ва ба ҳар андоза, ки сангин шуда бошад, мутобиқи ададе ҳар миск̣ол аз ин вазни зиёдатӣ як рӯз аз моҳ борон меояд.

Айёми «боҳур» ба тулӯи «Қалбулҷаббор», ки «Шаъроі Ямонии Убур» бошад, аломат гузошта шудааст. Ва Букрот дар «Китоби фусул» аз истеъмоли давоҳои гарм ва хунгирӣ дар мавқеи тулӯи ин ду ситора дар замони худ аз бист рӯз пеш аз тулӯъ, то бист рӯз пас аз тулӯъ манъ кардааст. Ва дар ин муддат замони шиддати гармост, ки ба охирин ҳадди худ мерасад. Ва табиатан финафсиҳӣ асбоби ҳарорат аст, ки рутуботро бадал ба бухор мекунад. Ва Букрот дар кам будани ҳарорат хунгириро манъ накардааст. Ва чун тирамоҳ омаду ҳаворо сардтару хушктар кард, шахс аз хомӯшшудани ҳарорати табиӣ эмин нахоҳад монд.

Ҷамъе аз онон, ки аз улуми табиӣ воқиф нестанд, чунин гумон кардаанд, ки таъсири мазкур мансуб ба ҷирми ин кавкабу тулӯи он аст, ҳатто ин ки бо тулӯи ҳаракати он ситора ин амр низ гузориш меёбад.

Гуфтаанд, ки ситора барои азамате, ки дорад, ҳаворо гарм мекунад ба қисме, ки мӯҳтоҷу ниёзманд мешавем, ки ҷойгоҳи онро бишиносем ва ҳангоми тулӯи онро бидонем. Чунон ки Абӯнаввос гуфтааст:

(Элул гузашту боди гарме шудаст дур,
Оташи онро пинҳон намудаст Шаъроі Убур.)

Ва Алӣ бинни Алии Котиби Насроний бар ин гумон буда, ки бад-ин сабаб аввали айёми «боҳур» рӯзи бисту дуюми моҳи тамуз шуд, ки ба гузаштани Шаъроі Убур интиқол ёфтааст. Ва ин ситора дар тӯли сол дар мадоре, ки баробар бо муаддилуннаҳор аст, давр мезанад. Ва максуди Букрот аз ин вақт интиҳои гармои тобистону шиддатёбии ҳарорат буда, ки чун Офтоб ба самтурраъси мо наздик мешавад ва дар фалаки хориҷи марказ аз авҷи худ шурӯъ ба пастӣ мекунад, ҳарорати ҳаво аз наздикии хуршед шиддат меёбад. Ва ин амр дар замони Букрот бо тулӯи Шаъро мувофиқ будааст. Ва Букрот ба гумони ин ки ҳақиқати ҳол бар касе аз аҳли илм пӯшида нахоҳад монд, ба таври иттлоқ аз хунгирию нӯшидани давои гарм манъ кардааст.

facebook.com/Китобхона

Ва Синон дар «Китоби анвоъ» мегӯяд, ки барои барзигарон ҳафт рӯз аз аввали моҳи тамуз ба манзалаи айёми «боҳур» аст, ки бар аҳволи ҳар як аз моҳҳои зимистон аз ин ҳафт рӯз истидлол мекунанд. Ва номи ин ҳафт рӯз «Бавоҳирурруот» аст. Ва дар ин ҳафт рӯз аҳволи ҳаво бо рӯзҳои пештару баъд аз он зид аст. Ва ҳаво аз абр дар ин чанд рӯз ба таври куллӣ ё чузъӣ холӣ нахоҳад монд. Ва дар рӯзи нуздаҳум, назди қибтиён, борону гармост ва сагҳои дарьёӣ дар ин рӯз хеле қанӣ мешаванду зиёни бисьёр мерасонанд. Ва дар рӯзи бистум, назди қибтиён, боди даббур ва ё бодҳои мушобеҳи он вазидан хоҳад гирифт. Ва асҳоби ботачриба гуфтаанд, ки чашмдард дар ин рӯз зиёд аст. Ва дар рӯзи бисту якум, назди Уктимин, бодҳои солиёна хоҳад вазид ва назди Қоллибусу Уқтимину Митрузурис оғози гармо аст.

Ва дар рӯзи бисту сеюм дар дарьё ҳавои сарде аст ва назди Филифису Митрузурис бодҳое хоҳад омад ва ба ақидаи қибтиён бодҳои солиёна шурӯъ ба вазидан хоҳад кард. Ва Абӯчаъфари Мансур дар ин рӯз буд, ки ба сохтани Мадинатуссалом оғоз кард. Ва ин ҳамон аст, ки дар ҷониби ғарбӣ аз Дачлаи Бағдод вокеъ шуда ва «Мадинатулмансур ном дорад. Ва ин амал дар соли як ҳазору ҳафтоду чори искандарӣ будааст. Ва асҳоби аҳкоми нучум (астрологҳо) ба шиносоии ин вақту таърихи он барои донистани тахвилоту адвор ва муайян кардани замонҳо аз ин сол ниёзманданд, ки барои соҳибони онҳо ҳукми нучумӣ истихроҷ кунанд. Ва Навбахт ин вақтро ихтиёр карда буд. Ва ҳайати фалаку мавоқеи ситорагон дар фалак мувофики ин шакл буд, ки мушоҳида мекунед.

Ва дар рӯзи бисту чоруми ин моҳ, назди Филифис ва Митрузурис, бодҳое хоҳад вазид ва назди Увзаксис бодҳои солиёна вазидан хоҳад гирифт. Ва дар рӯзи бисту панчум ба ақидаи Увзаксис ва Қосир боди чануб аст ва назди қибтиён боди даббур ва ё чануб аст. Ва дар ин рӯз аз чимоу корҳи пурзаҳмат манъ кардаанд. Ва рӯди Чайҳун дар ин рӯз мад меёбад. Ва дар рӯзи бисту шашум, назди Филифису Мотину Митрузурису Зимукритис ва Иббархис боди чанубу гармо аст. Ва дар бисту ҳафтум, ба ақидаи Уктимин ва Зусисовус, шабнаму рутубате пайдо мегардад ва низ ҳавое аст, ки боиси душвории нафас мегардад. Ва бояд донист, ки

facebook.com/Китобхона

Навбахт ин вақтро баргузида буд:

Акраб толеи қавс бувад		Ҷадй		Далв
Асад	Моҳи 19,10	Раъс 25		
Сунбула				Хут
Мизон	Офтоб 8, 10			Ҳамал
	Занаб 25	Миррих 2, 50	20.6.50	
	Аторуд 25, 7	Зухро 29, 0	Зуҳали роҷеъ	
	Саратон	Ҷавзо	Савр	

иллати гулӯфишории ҳаво яке аз ин аст, ки осмон бо абр пӯшида гардаду ҳаво ҷараён наёбад. Ҳарчанд мумкин аст, баъзе аз кишварҳо табъан ин тавр бошад, ғайри сабаби мазкур. Чунон ки Ҷайҳонӣ хикоят мекунад, ки дар пушти пуле, ки чиниҳои қадим дар замонҳои хеле дур аз сари кӯҳе ба кӯҳи дигар сохта буданд. Ва ин пул дар роҳе, ки аз Хутан ба сӯи доруссалтанаи подшоҳ ва хоқони Чин меравад, воқеъ аст, ин ҳавои вазнин мавҷуд аст. Ва ҳар кас аз пул гузарад, ба ҳавое дохил мешавад, ки нафасро мегираду забонро сангин месозад. Ва бисьёр иттифоқ афтодааст, ки ҷамъе аз роҳравони он ҷо бад-ин иллат ҷон супурдаанд. Ва мардуми тибети Мовароъ ин пулро «кӯҳи заҳр» номидаанд. Дар рӯзи бисту ҳаштум чизе зикр накардаанд. Дар рӯзи бисту нӯҳуми ин моҳ бодҳои солиёна, ба ақидаи Зусисовус, шурӯъ ба вазидан мекунад. Ва назди қибтиён дар ин рӯз бозори Бусро як моҳ барпо мегардад ва дар Солмия (Солима) бозоре ба муддати ду ҳафта барпо мегардад. Ва дар рӯзи сиюм бодҳои солиёна, ба ақидаи Узаксис, вазидан мегирад ва назди қибтиён боди даббур ва гармо аст. Ва дар рӯзи сию якум, назди Қосир, боди ҷануб аст.

Об — рӯзи аввали ин моҳ, назди Иббархис, гармост. Ва дар рӯзи дуюм чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи сеюм, ба ақидаи Увзакис ва Зусисовус, ҳоҷе шабнам вуқӯъ меёбад ва назди Қосир дар ин рӯз «навъ» аст. Ва дар рӯзи чорум, назди Увзаксис, гармои сахт

facebook.com/Китобхона
аст. Ва дар рӯзи панҷум ҳаво гарм мешаваду беҳаракат мемонад, ба қисмате, ки боиси нафасгирӣ мегардад. Сипас, ба ақидаи қитбиёну Зусисовус, бодҳое хоҳад вазид. Ва дар Азриот бозоре ба муддати понздаҳ рӯз барпо мешавад. Ва дар Урдун ва навоҳии Фаластин низ дар ин рӯз ҳамин тавр аст. Ва дар рӯзи шашуму ҳафтум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи ҳаштум ҳаво, ба ақидаи Қоллибис, тағьир меёбад ва сабаби гулӯгиршавӣ мегардад ва назди қибтиён боду гармои шадиде вуқӯъ хоҳад ёфт. Ва Синон бинни Собит мегӯяд, ки бисьёр рӯй медиҳад, ки ҳаво дар ин рӯз тағьир меёбад. Ва дар рӯзи нӯҳум, ба ақидаи Уқтимину Қосир, ҳавои гарму беҳаракат аст ва назди қибтиён боди ҷанубу тирагӣ дар ҳавост. Ва дар рӯзи даҳум, назди Увзаксис, Митрузурис ва Зусисовус, гармост ва ҳавои беҳаракат ва назди Зимуқритус «навъ» аст. Ва ин рӯз чиддан ҳаво гарм мешавад. Ва дар рӯзи ёздаҳум бодҳои шимол, ба ақидаи Қоллибусу Уқтимин ва Филифис, аз вазидан ором мегирад ва назди Увзаксис боде бисьёр сахт ба таври ҳатмӣ хоҳад вазид ва ба ақидаи Иббархис бодҳои мухталифе бо якдигар хоҳад вазид ва назди қибтиён раъд аст. Ва Синон мегӯяд, ки ҳеҷ намешавад, ки ин рӯз бетағьир бимонад. Ва барои ману дигар мардуме, ки ба таҷрибаи рӯзҳо пардохтаанд, монанди ин рӯз дида нашуда, ки ҳаво ба таври ҳатмӣ тағьир ёбаду мубаддал ба ҳавои хуш шавад. Ва низ Синон мегӯяд, ки ин рӯз аввалин рӯзест, ки ҳавои Ироқ рӯ ба хубию хушӣ мегузорад. Ва гоҳ ба таври равшан ин амр мушоҳида мешавад ва гоҳе ба таври пинҳонӣ ва имкон надорад, ки ҳеҷ кадом набошад. Ва низ Синон мегӯяд, ки баъзе аз қадимиён ин рӯзро ибтидои ҳавои тирамоҳӣ донистаанду баъзе рӯзи баъдро барои ин кор мӯътабар донистаанд. Ва дар рӯзи дувоздаҳум, назди Уқтимину қибтиён, гармост. Ва рӯзи сездаҳум, назди Қосир, «навъ»-е асту ҳаво беҳаракат хоҳад монд. Ва Синон мегӯяд: «Гоҳ мешавад, ки ҳаво ба таври иттифоқ тағьир меёбад». Ва дар рӯзи чордаҳуму понздаҳум чизе зикр накардаанд. Ва гуфтаанд, ки бодҳои самум дар ин рӯз аз вазиш ором мегирад. Ва дар рӯзи нуздаҳум, назди Зимуқритус, «навъ» аст ва борону бод ва назди қибтиён боди даббур аст. Ва дар рӯзи бистум, назди Зусисовус, «навъ» аст ва ба ақидаи қибтиён ҳаво гарм мешаваду дархам гирифта мегардад. Ва дар рӯзи бисту якум

facebook.com/Китобхона
чизе [illegible] дар рӯзи бисту дуюм, бино-бар раъйи Увзаксис, даббуру раъд аст ва назди Қосиру қибтиён «навъ» аст ва ҳавои ин рӯз бисьёр бад хоҳад буд. Ва дар рӯзи бисту сеюм, назди қибтиён, боди даббур аст. Ва дар рӯзи бисту чорум, назди Увзаксису Митрузурис, «навъ» аст ва гармо каме рӯ ба сустӣ мегузорад. Ва ин амал вақте иттифоқ меафтад, ки Офтоб аз бурҷи Сунбула шаша дараҷа қатъ карда бошад. Ва дар рӯзи бисту панҷум, назди Уззаксис «навъ» асту назди Иббархис боди чануб аст ва назди қибтиён гармо аст. Ва дар рӯзи бисту шашум, назди Иббархис, бодҳое ҳаст, ки давр мезанад. Ва миёни ин рӯзу аввали «айёми ачуз» дуруст нисфи сол аст. Ва дар ин рӯз барои ин ки гармо мехоҳад зоил шавад, ҳафт рӯз ба шиддати худ меафзояд, чунон ки сармо низ чунин аст. Ва охири ҳафт рӯз аввали моҳи элул аст, ки арабҳо онро «Вакдаи Суҳайл» ном гузоштаанд. Ва ин бодҳо барои тулӯи «Ҷабҳат» вазидан мегирад. Ва чун Суҳайл пештар аз он тулӯъ мекунад, аз ин рӯ ба номи Суҳайл номида шудааст ва ҳавои ин айём аз рӯзҳои қаблу баъд гармтар мешавад, сипас шабҳо хунук мегардад. Ва ин амр назди умуми мардум маъруфу мусаллам аст, ба тавре ки қобили шубҳа нест. Ва Муҳаммад бинни Абдумалики Зайёт[159] мегӯяд:

(Об хунуку шаб дарозу лазиз шуд шароб,
Рафт аз байн моххои хазирону тамузу об.)

Ва дар рӯзи бисту ҳафтуми ин моҳ, назди Филифис, «навъ»-е воқеъ мешавад. Ва дар рӯзи бисту ҳаштум, назди қибтиён, боди даббур аст. Ва дар рӯзи бисту нӯҳум раъду боронҳое вукуъ хоҳад ёфт ва ба ақидаи Иббархис ва Увзаксис бодҳои солиёна сокин хоҳад гашт. Ва дар рӯзи сиюм назди Иббархис «навъ» аст. Ва дар рӯзи сию якум, ба ақидаи Батламиюс, бодҳои солиёна сокин мешавад ва ба ақидаи Увзаксис дар ин рӯз бодҳоест ва назди Қосир бодҳо ва борону раъд аст ва назди Иббархис боди сабо аст.

Элул — рӯзи аввали он «навъ»-е воқеъ мешавад ва бодҳои солиёна, ба ақидаи Қоллибис, сокин мегардад ва дар Манбиҷ бозоре барпо мешавад. Ва дар рӯзи дуюм, ба ақидаи Митрузурис, ҳаво тирагӣ меёбад. Ва Кунун мегӯяд, ки вазиши бодҳои солиёна дар ин рӯз ба охир мерасад. Ва дар рӯзи сеюм, ба ақидаи Увзаксис,

facebook.com/Китобхона
боду раъд аст ва ҳаво тираги меёбад ва ба ақидаи Иббархис шабнаму рутубат дар ҳаво пайдо мешавад ва ба ақидаи қибтиён борону раъд вуқӯъ хоҳад ёфт. Ва дар ин рӯз дар маконҳои бисьёр хунук шурӯъ ба оташ афрӯхтан мекунанд. Ва дар рӯзи чорум ҳаво тираги меёбад ва ба ақидаи Қоллибису Уқтимину Филифус ва Митрузурис ҳаво ихтилоф меёбад ва ба ақидаи Увзаксис борону раъд ва бодҳост. Ва дар рӯзи панҷум бодҳои солиёна, ба ақидаи Қосир, сокин мешавад ва дар дарьё борону ҳавои сарде аст ва барои қибтиён боди ҷануб хоҳад вазид. Ва дар ин рӯз шерозаи гармо ба таври куллӣ аз ҳам гусехта мешаваду замони хунгирӣ мегардад. Ва то чил рӯз хунгирию ошомидан дар он чоиз аст. Ва дар рӯзи шашум, ба ақидаи қибтиён, боди даббур аст. Ва дар рӯзи ҳафтум, ба ақидаи Филифис, ҳаво тира мешавад ва назди Зусисовус «навъ» воқеъ мешавад. Ва дар рӯзи ҳаштум, ба ақидаи қибтиён, «навъ» ва боди даббур аст. Ва дар рӯзи нӯҳум чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи даҳум, ба ақидаи Зусисовус, ҳаво омехта нест. Ва дар рӯзи ёздаҳум бодҳои шимол, ба ақидаи Қосир, ором мегирад. Ва дар рӯзи дувоздаҳум, ба ақидаи Увзаксис, боди ҷануб аст. Ва дар рӯзи сездаҳум, ба ақидаи Қоллибусу Қунун, «навъ» аст. Ва дар рӯзи чордаҳум бодҳои шимол, ба ақидаи Увзаксис, ором меёбад ва ба ақидаи Зимуқритусу Митрузурис «навъ» аст. Ва пас аз ин рӯз дигар парастуҳо дида намешавад. Ва дар рӯзи шонздаҳум, ба ақидаи Зусисовус, рутубату шабнам ва назди қибтиён «навъ» ва боронҳост. Ва рӯзи шонздаҳум дар ҳаво тирагие ёфт мешавад ва бинобар раъйи Иббархис дар дарьё борон меояд. Ва чун сол оддӣ бошад, дар ин рӯзу дар соли ғайриоддӣ дар рӯзи ҳафдаҳум шабонарӯз дуюмин бор мутасовӣ мегарданд, ки мутобиқи тирамоҳи эрониён ва баҳори чиниён бошад. Ва мо дар гузашта муҳол будани ин амалро исбот намудем. Ва гуфтаанд, бодҳое, ки дар ин рӯз мевазад нафсонӣ ва рӯҳонӣ аст ва нигоҳ кардан ба абре, ки дар ин рӯз иртифоъ ёфтааст, боиси лоғар гаштани ҷасад мегардаду рӯҳро мекоҳад. Ва ман гумон мекунам, ки мақсади ин иборат аз огоҳ намудан аз сармо ва гузаштани замонҳои хуш аст.

Ва илми ҷодую сеҳр ин тавр ҳукм мекунад, ки шахс ба ҳолати суҷуд аз хоб бархезад ва пеш аз он ки сухан гӯяд, қадре гӯшагирӣ кунад. Ва гуфтаанд, зане, ки ю-

facebook.com/Китобхона
зод бошад, чун дар ин рӯз ба ситораи Суҳо назар кунад, сипас шавҳар ба ӯ наздикӣ намояд, обистан хоҳад шуд. Ва низ гуфтаанд, ки дар ин рӯз обҳои дарьёҳо гуворо мегардад. Ва мо дар пеш сабабҳои ин ҳолро баён намудем.

Ин истивои дуюм, ки гуфта шуд, дар зичи Синдухинд барои хунуд иде бузург аст, ба мисли меҳргони эрониён. Ва дар ин рӯз ба якдигар гавҳарҳои гаронбаҳо ва ашьёи пуркиматро ҳадья мефиристанд. Ва дар ҳайкалҳову ибодатгоҳҳои худ то ним рӯз гирд меоянд. Сипас ба азми гардишу сайру гашт берун мераванд. Ва чун дар маҷолиси худ ҷамъ шуданд, барои замону худованди таоло тоату ибодат мекунанд.

Ва дар рӯзи ҳафдаҳум дар дарё боронҳое хоҳад омад ва ба ақидаи Митрузурис дар ҳаво тирагие ёфт мешавад. Ва дар рӯзи ҳаҷдаҳум ба ақидаи қибтиён боди дубур аст, сипас боди сабо хоҳад вазид. Дар рӯзи нуздаҳум ба ақидаи Ӯвзаксис рутубату шабнам пайдо гардад ва ба ақидаи қибтиён боди дубуру борон хоҳад омад ва абрҳои даргузар дар ҳаво пайдо мешавад. Ва дар ин рӯз об аз қисматҳои болои дарахт, ба решаҳои он меравад. Ва дар рӯзи бисту дуюм чизе зикр накардаанд. Ва дар рӯзи бисту сеюм ба ақидаи Ӯвзаксис борон аст ва ба ақидаи Иббархис боди дубур ва ё ҷануб аст. Ва дар рӯзи бисту чорум аз уламои фан чизе нақл нашуда ва бозори Саолиба дар ин рӯз барпо мегардад. Ва асҳоби ботаҷриба мегӯянд: «Бояд ба бодҳои ин рӯз назар кард, ҳар боде, ки то шомгоҳ ва ё то ними рӯз бивазад аз дигар бодҳо дар айёми сол бештар хоҳад вазид». Ва ин рӯзро «инкилоби бодҳо» ном гузоридаанд. Ва калоғҳои дуранг дар аксар кишварҳо дар ин рӯз меоянд. Ва дар рӯзи бисту панҷум ба ақидаи Иббархису Ӯвзаксис «навъ» аст ва мутобики гуфтаи Иббархис боди дубур ва ё ҷануб аст. Ва ҳеҷ як қадимиён дар рӯзи сиюм пайдоиши амреро на дар ҳаво ва на дар ғайри он зикр накардаанд.

Ин буд айёме, ки дар Рум мустаъмал аст. Ва он чиро, ки Синон бинни Собит дар «Китоби анвоъ»-и худ гуфта, зикр кардем. Ва аз ин ҷиҳат онро ба номҳои суриёнӣ хондем, ки бад-ин ном машҳуртар асту бозгашти он ба як чиз аст. Ва акнун он чиро, ки яҳуд дар моҳҳои худ ба кор мебанданд, баён мекунем.

facebook.com/Китобхона

ФАСЛ

ДАР МОҲҲОИ ЯҲУДОН ВА КОРҲОЕ, КИ БОЯД ДАР ОН АНҶОМ ЁБАД

Гӯем: Аз он чи гузашт, донистем, ки аз чӣ роҳ мумкин аст оғози соли яҳудро ба даст овард ва чигунагии онро низ фаҳмидем. Ва аз ҳисобу ҷадвалҳо ва тартиби моҳҳои эшон ва оғози ин моххо ва шумораи рӯзҳои он фориғ шудем. Акнун бояд, ки идҳо ва айёми яҳудро низ зикр кунем. Ва чун ин амрҳоро бидонем, хоҳем дид, ки ба чӣ сабаб яҳудон раво намедонистанд, ки рӯзи аввали сол чанд рӯзи муайян бошад, ки гуфта шуд. Пас, барои донистани ин максуд ба оғози моҳҳои эшон ибтидо мекунем.

Тишрӣ — сӣ рӯз асту як аввал дорад. Чунон ки дар пеш гуфтем, мумкин нест, ки аввали ин моҳ рӯзи якшанбе, чоршанбе ва чумъа бошад. Ва агар моҳе чунин рӯй дод, ки оғози моҳ ин чанд рӯз иттифоқ афтад, бояд онро аввали моҳ надонист. Ва рӯзе, ки пас аз он аст, агар салоҳият дошта бошад, аввали моҳ бидонем ва ё он ки бояд рӯзеро, ки пеш аз ним рӯз аст дар сурате, ки рӯзи баъдӣ ба шароите, ки дар ҷадвали ҳудуд, ки дар пеш гуфта шуд, машрут нест, аввали моҳ донист. Ва яҳудон ин корро «даҳӣ» гӯянд.

Рӯзи аввали тишрӣ иди оғози сол аст ва дар ин рӯз яҳудон дар бӯҳову шоххо медаманд. Ва низ кор кардан дар ин рӯзро раво намедоранд, чунон ки дар рӯзҳои шанбе кор кардан сазо нест. Ва яҳудон чунон гумон кардаанд, ки дар ин рӯз буд, ки Иброҳим писари худ Исҳокро ба қурбонгоҳ бурду ба кӯче сарбаҳо дода шуд ва қурбонӣ назди аҳли китоб Исҳоқ аст, вале дар «Қуръон» баргузидаи қурбонӣ Исмоил мебошад ва ин фикр дар сураи «Софот» аст. Ва аз пайғамбар ривоят шуда, ки фармуд: Ман писари ду қурбонишуда ҳастам, яъне Абдулло бинни Абдулмуталиб ва Исмоил». Ва агар бихоҳем, ин масъаларо зиёдтар шарҳ диҳем, бахси мо пароканда мешавад. (Ва худо беҳтар медонад.)

Рӯзи сеюми ин моҳ «рӯзаи Гедальё» мебошад ва ӯ писари Аҳиком буд, ки аз ҷониби Бухтанассар бар Байтулмуқаддас ҳукмрон буд. Ва дар ин рӯз чоҳеро пур аз оташ карданд ва ӯро бо ҳаштоду ду нафар куштан-

facebook.com/Китобхона

ду дар он чоҳ афканданд. Пас аз ин ҷиҳат Бани Исроил ғамгин шуданд ва рӯзи қатли ӯро рӯза гирифтанд.

Дар рӯзи панҷум «рӯзаи Ақибо» аст ва бад-ин сабаб яҳудон ин рӯзро рӯза медоранд, ки Ақиборо маҷбур карданд, бут бипарастад ва ӯ зери ин бор нарафт. Пас, ӯро дар сандуқе нишониданд, то аз гуруснагӣ бимурад ва дар канори ӯ бист нафар аз асҳоби ӯ маҳбус буданд.

Ва дар ҳафтум «рӯзаи Азоб» аст ва шарҳи ин қисса он аст, ки чун Довуд Бани Исроилро бишумурд, аз шумораи эшон ба аҷабу ғурур афтод. Ва Бани Исроил аз зиёдии адади худ хеле такаббур карданд. Пас, худованд бар эшон ғазаб кард ва Носони Набиро ба назди Довуду тоифаи Бани Исроил фиристод. Ва он эшонро ба шамшер ва қаҳту марги ногаҳонӣ тарсонид ва тарсондани ин Набӣ таҳаққуқ ёфт, Пас, Бани Исроил тарсиданд ва ин рӯзро рӯза доштанд.

Ва дар ин рӯз буд, ки Бани Исроил барои ин ки гӯсола парастида буданд, баъзе баъзеро куштанд. Ва Бани Исроил мегӯянд, ки Ҳорун гӯсоларо сохт ва дар «Таврот» ҳам ин тавр зикр шудааст. Яъқуб бинни Мусои Никрисии яҳудӣ дар Гургон барои ман ҳикоят кард, ки чун Мусо хост бо Бани Исроил аз Миср берун биёяд, чун Юсуф бад-эшон васият карда буд, ки ҳангоми берун рафтан аз Миср, тобути ӯро ҳам бо худ бубаранд. Ва Юсуф дар қаъри Нил мадфун буду оби Нил аз рӯи қабри ӯ равон буд. Мусо натавонист, ки ӯро берун оварад. Ва ӯ коғазе гирифту порае аз онро менанди шакли моҳӣ бурид ва чизе бад-он хонду дамид ва рӯи он навишту дар Нил андохт. Ва каме тааммул карду мунтазир шуд ва асаре надид. Қоғази дигаре гирифту ба сурати гӯсола бурид ва чизеро бар он навишт ва хонду дамид ва хост, чунон ки коғази авваларо дар об андохт, инро ҳам биандозад, ки ногоҳ тобут пайдо шуд ва коғазеро, ки дар даст дошту ба шакли гӯсола сохта буд, аз даст биандохт. Ва баъзе аз ашхос, ки ҳозир буданд, онро рабуданд. Ва чун Мусо ғайбат карду ба кӯҳ рафт, ки то бо худо муноҷот кунад. Ва Бани Исроил аз тӯли иқомати Мусо дар кӯҳ нотиқ шуданд ва назди Ҳорун рафтанду гуфтанд, ки «ту барои мо шахси дигареро, ки Мусои соҳӣ бошад, ба даст ор». Ва шакке танест, ки дар ин вақт Ҳорун бечора шуд ва гуфт: «Тамоми зеварҳои занони худро назди ман биёваред». Ва

facebook.com/Китобхона
«Таврот» чунин мегуяд, ки дар понздахуми моҳи ҳафтум иди Музол аст ва ҳафт рӯз кор накунед, рӯбарӯи худованд шодӣ кунеду бихиромед. Ва ин ҳафт рӯзро дар соя бинишинед, ки то авлоди шумо бидонад, ки ман Бани Исроилро вақте аз Миср берун овардам, ҳафт рӯз дар Музол нишонидам. Ва ҷамоати яҳудон ин ҳафт рӯзро ид мегиранд. Ва Абӯисои Варроқ[160] дар «Китоби мақолот» мегӯяд, ки сомира ин рӯзро ид намегиранд. Ва охирин рӯзи иди Музол рӯзи ҳафтуми ин ид аст.

Ва рӯзи бисту якуми ин моҳро «арафо» гӯянд. Ва дар ин рӯз буд, ки абр бар Бани Исроил дар биёбони Тиҳ соя афканд. Ва иди Ҷамъ дар ин рӯз аст, зеро яҳудон дар Ҳорҳарои Байтулмуқаддас барои ҳаҷ ҷамъ мешаванд ва «бовурун», ки дар каноиси эшон монанди минбар аст, тавоф мекунанд.

Ва рӯзи бисту дуюм «иди Табрик» аст. Ва он барои ҷамъбасти идҳо аст ва набояд дар ин рӯз кор кард ва ба фикри эшон «Таврот» дар ин рӯз тамом шуду ба эшон таслим гашт, ки то дар салавот, ки каноис бошад, гузошта шавад. Ва яҳудон дар ин рӯз Тавротро берун меоваранд ва ба он табаррук меҷӯянд. Ва ба боз кардани Тавроту қироати он фоли нек мегиранд.

Марҳишвон — ҳамвора ин моҳро ду аввал аст. Ва дар солҳои том шумораи рӯзҳои он сӣ рӯз аст ва дар солҳои мӯътадилаю нокиса бисту нӯҳ рӯз аст. Ва дар ин моҳ иде нест.

Дар рӯзи шашуми ин моҳ «рӯзаи Сидиқиё» аст ва сабаб ин ки ин рӯзро яҳудон рӯза медоранд, ин аст, ки Бухтанассар авлоди Сидиқиёро дар пеши чашми ӯ кушт. Ва ӯ сабру шикебоиро пешаи худ сохту гирья накард ва изҳори ҳузн нанамуд. Ва Бани Исроил аз ин мусибат ғамгин шуданду ин рӯзро рӯза гирифтанд. Ва баъзе аз яҳудон мухолифат намудаанд ва ин рӯзаро дар рӯзи душанбее, ки миёни ҳаштум ва сездахум бошад, рӯза медоранд. Ва ин кор ба равиши яҳудон монанд нест ва ба равиши тарсоён шабеҳтар аст, зеро яҳудон рӯзаҳои худро дар рӯзҳое, ки дар айёми моҳ бошад, қарор медиҳанд, на дар айёми ҳафта.

Кислев — ҳамвора дар солҳои том як рӯз аввали моҳ дорад ва шумораи рӯзҳои он сӣ рӯз аст. Ва дар соли мӯътадилу том ва дар солҳои нокис бисту нӯҳ рӯз аст.

Яҳудон рӯзи ҳаштуми ин моҳро рӯза медоранд. Ва

facebook.com/Китобхона
сабаб ин аст, ки Яҳуёким коғазҳоеро, ки «қинус» ном дошта, ки маънои он навҳаҳою сӯгвориҳост, бисӯзонид. Ва дар ин навиштаҳо ваъдаҳое буд, ки худованд ба Ирмиёи набӣ дар чигунагии оянда дода буд ва он чиро, ки бояд дар оянда сахтӣ бубинанд, дар он мактуб буд. Ва Ирмиё ин ваъдаро ба тавассути Бурух бинни Нирьюн назди Яҳуёким фиристод. Ва Яҳуёким ин коғазҳоро гирифту дар оташ андохт. Ва ин кор боис шуд, ки навҳаю сӯгории яҳудон ду баробар шуд.

Шаби бисту панҷуми ин моҳ аввали иди «Ханукка» аст. Ва маънои ин калима покизагӣ аст. Ва ин ид хашт рӯз аст. Ва дар шаби аввали ин ид яҳудон ба шумораи сокинони хона дар даҳлези хона як чароғ меафрӯзанд. Ва дар шаби дуюм ду чароғ ва дар шаби сеюм се чароғ, то он ки ба таври афзоиш дар шаби ҳаштум бзрои ҳар як нафар ҳашт чароғ шавад. Ва мегӯянд, мақсуд аз ин кор ин аст, ки рӯз ба рӯз ба покиза шардани Байтулмуқаддас ва муқаддасии ин шукру сипосгузории худовандро зиёдтар мекунанд. Ва шарҳи ин қисса он аст, ки Ахшитинус, подшоҳи юнониён, бар яҳудиён ғолиб шуд ва ҳар арӯсеро, ки мехостанд барои домод бибаранд, ӯ аз сардобе, ки барои ин кор фароҳам карда буд ва ду ресмон, ки ба ҳар як занги кӯчаке овехта буд, якеро чун ҳаракат медод, бояд арӯсро ба назди ӯ ovarданд. Ва пас аз он ки арӯсро изолаи бакорат менамуд, ресмони дигареро ҳаракат медод ва арӯсро барои домод мебурданд. Ва дар Бани Исроил марде буд, ки хашт писару як духтар дошт ва марде дигар ин духтарро хостгорӣ кард. Падари духтар домодро гуфт, ки «агар ман духтарро ба ту бидиҳам, нахуст бояд, ки ин подшоҳи палид ӯро нангин кунад ва ба ту нахохад ҳалол гашт. Ва агар бихоҳам надиҳам, аз хашму газаби ӯ меҳаросам». Сипас рӯи худро ба сӯи писарон кард ва эшонро сарзаниш намуд. Яке аз писарон, ки аз ҳама хурдсолтар буд, бархосту ҷоман занона пӯшиду ханҷаре дар зери ҷома пиҳон кард ва ба дарбори подшоҳ шитофт. Ва чунин вонамуд кард, ки руспӣ аст. Чун подшоҳ огоҳ, шуд, ресмони ростро ба чунбиш даровард ва ӯро ба сардоб ovarданд. Ва ҳангоме ки мехост бо ӯ хилват кунад, навҷавон барҷасту ханҷарро кашиду сари подшоҳро аз тан ҷудо кард ва ресмони чапро ҳаракат доду бо сари бурида аз сардоб берун шуд ва сарро дар майдон биёвехт. Ва Бани Исроил аз ин амр

facebook.com/Китобхона
хурсанд шуданду ба шумораи ин бародарон рӯза дошт-анд.

Тибас — дар соли ноқиса як аввали моҳ дорад ва дар соли тому мӯътадил ду аввал дорад. Ва шумораи рӯзҳои он бисту нӯҳ рӯз аст.

Ва дар рӯзи панҷуми он оғози пайдоиши торикӣ аст. Ва шарҳи ин қисса он аст, ки Талмо, подшоҳи Рум, «Таврот»-ро аз яҳудон хост ва ба зӯр яҳудонро водошт, ки ба юнонӣ тарҷума кунанд. Ва тарҷумаро дар хизо-наи худ нигаҳ дошт. Ва яҳудон мегӯянд: «Таврот»-и ҳафтодум ин аст. Ва се рӯзу се шаб дуньё ба воситаи ин кор торик шуд. Ва дар рӯзи ҳаштум рӯза аст ва ин рӯз охирин рӯзи маъруфи он се рӯзи торик аст, ки са-баби он гуфта шуд. Ва дар рӯзи нӯҳуми ин моҳ рӯза-ест, ки яҳудон маъмур шуданд онро рӯза бидоранд ва сабаби он дониста нашуд. Ва дар рӯзи даҳуми ин моҳ низ яҳудон рӯза медоранд, зеро Бухтанассар дар ин рӯз ворид шуд ва Байтулмуқаддасро муҳосира кард.

Шифат — як аввали моҳ дораду сӣ рӯз аст. Ва рӯзи панҷуми онро бояд рӯза гирифт. Ва сабаби он ин аст, ки содиқон дар айёми Юшаъ бинни Нун мурданд. Ва баъзе аз яҳудон дар душанбеи ин моҳ, ки миёнаи рӯзи даҳуму понздаҳум бошад, ин рӯзаро мегиранд.

Ва дар рӯзи сездаҳум «рӯзаи Фитна» аст ва иллати он ин аст, ки авлоди Биньёмин шурӯъ ба фисқу фуҷур карданд ва амали қавми Лутро анҷом доданд. Ва мар-де бо зану канизи худ аз миёни онон ба ҳаҷҷи Байтул-муқаддас мерафт ва марде, ки бо ӯ ҳамшаҳрӣ буд, ӯро шаб ба хонаи худ даъват кард. Ва чун меҳмон шабон-гоҳ ба хонаи ӯ рафт, аҳли қария дар хона ҷамъ шу-данду аз мизбон меҳмононро барои кори зишт хостанд. Ва соҳиби хона духтари худро барои эшон фиристод. Ва гуфтанд: «Мо бо ин духтар кор надорем». Сипас со-ҳибхона канизи меҳмонро барои эшон фиристод ва ҷамъият ҳама шабро бо ин каниз ба кори зишт пар-дохтанд. Ва дар субҳгоҳон ин каниз бимурд. Ва сохи-би ин каниз ҷасади ӯро ба шумораи қабилаҳо пора-пора карду барои ин ки қабилаҳои яҳудонро ба ҳашм оварад, порае аз ин ҷасад барои ҳар қабилае фиристод. Ва ҳама қабилаҳо гирд омаданду бо қабилаи Биньё-мин ба ҷанг пардохтанд, вале натавонистанд, ки эшон-ро мағлуб кунанд. Пас ин рӯзро қабилаҳо рӯза гириф-

facebook.com/Китобхона
танду аз худо хостанд, ки эшонро бар қабилаи Биньёмин чира кунад. Ва боз ба ҷанг пардохтанду чил ҳазор нафар аз қабилаи Биньёмин кушта шуду аз дигар қабилаҳо ҳафтод ҳазор.

Озори аввал — ин моҳ дар соле, ки иббур аст, моҳи кабиса аст ва дар солҳои оддӣ ин моҳ маҳсуб нест. Ва озор низ ду аввали моҳ дорад. Ва шумораи рӯзҳои он сӣ рӯз аст. Ва дар ин моҳ рӯзаю ид нест.

Озори соний — Ва озори аслӣ ин аст. Ва дар солҳои оддӣ ба таври мутлақ гуфта мешавад: «Озор» Ин моҳро ду аввали моҳ аст ва шумораи рӯзҳои он бисту нӯҳ рӯз аст. Ва дар як рӯзи ин моҳ рӯзаест, ки Мусо бинни Имрон дар он рӯз мурд ва гиёҳи ширадору бедонае, ки аз осмон меомад, ба марги ӯ мунқатеъ шуд. Ва дар рӯзи нӯҳум рӯзаест, ки Бани Исроил вақте миёни аҳли Шаммо ва аҳли байти Хиллол низоъ рӯй дод ва бисту ҳашт ҳазор нафар аз эшон кушта шуд, ин рӯзро рӯза доштанд. Ва қисме ин рӯзро дар душанбее, ки миёни рӯзҳои даҳум ва понздаҳуми ин моҳ бошад, рӯза медоранд.

Рӯзи сездаҳуми ин моҳ «рӯзаи Бурӣ» мебошад ва маъноӣ он қуръа кашидан аст. Ва бад-ин сабаб яҳудон ин рӯзро рӯза медоранд, ки ҳамон марде заифу бечора буд. Ва барои он ки коре ба даст орад, ба шаҳри Шуштар азимат кард, вале дар роҳ пешомадҳое барои ӯ рӯй дод, ки натавонист ба мақсуд бирасад. Ва Ҳомон ба сари қабристон нишасту аз ҳар мурдае, ки мебурданд ба хок биспуранд, се дирҳаму ним мегирифт, то он ки духтари Ахшураши подшоҳ мурд. Ва ин наъшро назди ӯ оварданд. Ва Ҳомон ҳамин миқдорро, ки аз дигар мурдагон мегирифт, аз барандагони ҷаноза бозхост кард. Ва эшон ин вақҳро напардохтанд. Ҳомон ҳам нагузошт, ки мурдаро бубаранд. Оқибат барандагони ҷаноза ҳозир шуданд, ки ҳамоно сею ним дирҳамро бидиҳанд. Ва Ҳомон ҳозир нашуд, ки бигирад ва бештар хост. Ва онон низ пайваста ҳозир мешуданд, ки ҳар миқдоре, ки Ҳомон мегӯяд, бипардозанд, то он ки ба маблағи зиёде расид. Ва ин хабарро ба гӯши подшоҳ расониданд. Ва подшоҳ гуфт: «Ҳамин маблағро ба ӯ бидиҳед». Ва пас аз ҳафт рӯз подшоҳ Ҳомонро хост ва гуфт: «Кадом шахс ба ту амр кардааст, ки чунин куний?» Ҳомон ҳамоно гуфт: «Кадом шахс маро аз ин кор манъ кардааст»?! Ва подшоҳ боз пурсиши худро такрор кард, то он ки Ҳомон гуфт: «Агар акнун маро

facebook.com/Китобхона

аз ин кор манъ мекунед, ман дигар ин корро нахоҳам кард. Ва фалон миқдор бадра, ки пур аз динор аст, аз рӯи ризову рағбат пешкаш мекунам». Подшоҳ аз шунидани ин миқдор, ки Ҳомон гуфт, дар шигифт шуд, ки чӣ тавр бо он ки ҳукме дар дасти ин мард нест, ин маблағро фароҳам кардааст. Ва боз худ андешид, ки шахсе, ки аз ҳукумат бар мурдагон битавонад ин миқдор симу зар ҷамъоварӣ кунад, хуб аст, ман ӯро вазиру мусташори худ гардонам. Аз ин рӯ ҳамаи корҳои кишварро ба дасти ӯ дод. Ва мардумро амр кард, ки то аз Ҳомон фармонбарӣ кунанд. Ва Ҳомон бо яҳудои душман буд ва аз уламои рамл[161] пурсид, ки шумтарин вақтҳо барои Бани Исроил чӣ вақт аст? Гуфтанд: «Моҳи озор, зеро Мусо, ки пешраву раҳнамои ин гурӯҳ буд, дар ин моҳ бимурд. Ва аз тамоми рӯзҳои моҳи озор рӯзи чордаҳуму понздаҳум номубораку шумтар аст».

Ҳомон ба атрофи кишвар навишт, ки дар ин рӯз яҳудҳоро бигиреду бикушед! Ва мардум чунон карданд, ки Ҳомон дастур дода буд. Ва аҳли кишвар ҳамвора ба Ҳомон саҷда мекарданду рӯи худро дар мукобили ӯ ба хок мемолиданд, ба ғайр аз Муршахои исроилӣ, ки бародари Ҳистир — зани подшоҳ буд. Ва Ҳомон бо ӯ душман шуду дар дил кинаи ӯро пинҳон сохт. Ва зани подшоҳ аз матлаб огоҳ шуду подшоҳро бо вузаро ва Ҳомон се рӯз даъват кард. Ва чун рӯзи чорум шуд, подшоҳ ба малика гуфт: «Ҳар ҳоҷате дорӣ, аз ман бихоҳ». Малика гуфт: «Ману бародарамро аз куштан авф бидор». Подшоҳ гуфт: «Кадом шахс қодир аст, шуморо бикушад?!» Малика ишора ба Ҳомон кард ва подшоҳ бо ҳолате афсурдаву ғамнок аз маҷлис бархост.

Ҳомон ба дасту пои малика афтод ва ӯро саҷда карду сари ӯро бӯсид. Ва малика ҳамвора Ҳомонро аз худ дур мекард. Подшоҳ гумон намуд, ки Ҳомонро хаёли зиштӣ аст. Ва рӯи худро ба Ҳомон карду гуфт: «Оё ту ин андоза ҷасур шудай, ки ба ин зан назар мекунӣ?!» Пас амр кард, Ҳомонро куштанд.

Сипас Ҳистир аз подшоҳ такозо кард, ки наъши Ҳомонро бар ҳамон доре, ки Ҳомон барои бародараш таҳия карда буд, биёвезанд. Ва подшоҳ суоли ӯро иҷобат карду ба атрофи кишвар навишт, ки асҳоби Ҳомонро бикушанд. Ва дар ҳамон рӯзе, ки ӯ мехост яҳудонро бикушад, пайравони ӯ кушта шуданд ва он рӯз чордаҳуми моҳи озор буд.

facebook.com/Китобхона

Пас, дар ин рӯз яҳудон ба қатли Ҳомон шодӣ карданд. Ва ин рӯзро «иди Маҷалла» низ меноманд ва «Ҳомонсӯз» низ мегӯянд, зеро яҳудон дар ин рӯз ба шакли Ҳомон тимсолҳое месозанду онро мезананд ва сипас месӯзонанд. Ва аз сӯзонидани ин тимсолҳо ин тавр қасд мекунанд, ки Ҳомонро сӯзонданд. Ва рӯзи понздаҳуми ин моҳ монанди рӯзи чордаҳум аст.

Найсон — як аввали моҳ дорад ва сӣ рӯз шумораи он аст. Ва рӯзи аввали он рӯзаи марги Нободу Абиҳу — писарони Ҳорун аст, ки чун оташи бегона дар қуббаи худованд дохил карданд, сӯхтанд.

Ва дар рӯзи даҳум рӯзаи «марги Марьям» духтари Имрон аст, ки дар ин рӯз обе, ки ба каромати ӯ аз замин ҷӯшида буд, хушк шуд. Чунон ки манну салво[162] ба марги Мусо мунқатеъ шуд. Ва баъзе аз яҳудон ин рӯзаро рӯзи душанбее, ки миёни рӯзҳои панҷуму даҳуми ин моҳ бошад, медонанд.

Рӯзи понздаҳуми ин моҳ «Иди Фисҳ» аст. Ва мо дар пеш аз баёни он фориғ шудем, ин аст, ки гуфтаҳои худро такрор намекунем. Ва ин рӯз аввали «айёми фатир» аст, ки хӯрдани хамир дар он ҷоиз нест. Ва баёни матлаб он аст, ки худованди мутаол дар сифри сеюми «Таврот» яҳудонро чунин амр карда, ки дар понздаҳумин рӯзи ин моҳ «Иди Фатир» аст ва ҳафт рӯз фатир бихӯреду коре ҳам накунед. Ва хотираи ин айём аз ғуруби Офтоби рӯзи бисту якум аст. Ва дар ин рӯз буд, ки худованд Фиръавнро ғарқ кард. Ва яҳудон ин рӯзро «макс» низ мегӯянд. Ва дар рӯзи бисту шашуми ин моҳ рӯзи вафоти Юшаъ бинни Нун алайҳ-ас-салом аст.

Айёр — ду аввали моҳ дорад ва шумораи рӯзҳои он бисту нӯҳ рӯз аст. Ва рӯзи даҳуми он «рӯзаи тобут» аст. Ва он рӯзест, ки ҷамъе аз Бани Исроилро ба асорат бурданду сию нӯҳ нафар аз эшон кушта шуд. Ва дар он вақт Олии Коҳин бар Бани Исроил вилоят дошт ва заҳраи ӯ аз шунидани ин хабар пора шуд ва аз тахти худ мурда ба рӯи замин афтод. Ва баъзе аз яҳудон ин рӯзро дар рӯзи панҷшанбее, ки миёни рӯзҳои шашум ва ёздаҳуми ин моҳ аст, медонанд. Ва рӯзи бисту ҳаштум низ рӯзаест, ки Шамуил пайғамбар дар ин рӯз вафот кардааст.

Сиван — як аввали моҳ дорад ва шумораи рӯзҳои он сӣ рӯз аст. Ва рӯзи шонздаҳуми он «Иди Ансара» аст, ки иди азимест. Ва яке аз ҳаҷҳои Бани Исроил дар ин

facebook.com/Китобхона
руз аст. Ва дар ин рӯз машоихи Бани Исроил ба Тӯри Сино рафтанду садои худовандро, ки дар кӯҳи Тӯр бо Мусо ба амру наҳй ва ваъду ваид гуфтугӯ мекард, шуниданд. Ва яҳудон маъмур шуданд, ки ин рӯзро ид бигиранд, бад-ин сабаб, ки аз худованд сипосгузорй кунанд, ки кишвару ғаллоти эшонро аз соиқа ва сармоу бод ҳифз фармуд.

Худованди таоло дар сифри дуюми «Таврот» мегӯяд, ки дар ҳар сол се мартаба ба ҳаҷ биравед: Аввал дар мавқеи «фатир», дуюм дар вақте ки «Таврот» нозил шуд. Ва ин ҳаҷро «ҳаҷи ансара» гӯянд. Ва сеюм дар охири сол ҳангоме ки шумо меваҳо ва ҳосили худро аз боғу мазраа берун овардед. Ва бояд, ки ҳаҷ ва ёдоварй аз худованд дар хонаҳои муқаддас бошад.

Ва яҳудон дар ин рӯзи навбар ғаллотро меоваранду бар он дуо мехонанд, ки худованд баракат бар онҳо диҳад. Ва аз рӯзи аввали рӯзаҳои «фатир» то «ансара» панҷоҳ рӯз аст. Ва «ансара» ҳафтаҳоест, ки фароизи динй дар ин ҳафтаҳо бар эшон воҷиб гашта ва динашон бо ин суннан такмил ёфтааст. Ва ба одоби худованд мутааддиб гаштаанд. Ва рӯзи бисту сеюм рӯзаест, ки яҳудон мегӯянд: «Юрбаом бинни Бантар бар қабилаи даҳгона парастиши ду гӯсолаи зарринро воҷиб кард». Ва авлоди ӯ ба қандозаи дувисту панҷоҳ сол бар яҳуд фармонраво буданд, то он ки Сулаймони Аъшар подшоҳи Мавсил бо эшон ҷангиду эшонро асир кард. Ва ин воқеа дар рӯзгори Ҳизқиё буд. Ва Юрбаом бинни Набот яке аз ғуломони Сулаймон бинни Довуд буд, ки аз ӯ гурехта буд. Ва Бани Исроил ӯро бар худ ҳоким карда буданд. Ва ӯ Бани Исроилро аз ҳаҷҷи Байтулмуқаддас ба парастиши ин ду гӯсола машғул гардонида буд, зеро медонист, агар яҳудон ба Байтулмуқаддас бираванд, хоҳанд донист, ки пешинаи ӯ чй буда ва ӯро хоҳанд аз ҳукумат пеш карду кушт. Ва дар рӯзи бисту панҷум рӯзаест, ки Шамъун, Ишмуил ва Ҳайфо кушта шуданд. Ва рӯзи бисту ҳафтум рӯзаест, ки сабаби онро чунин гуфтаанд, ки яке аз подшоҳони Рум Ҳанино писари Тудиюнро ба парастиши бут маҷбур сохт ва ӯ аз ин кор саркашй кард.

Тамуз — ду аввали моҳ дорад ва шумораи рӯзҳои он бисту нӯҳ рӯз аст. Ва дар он иде нест. Ва рӯзаи он рӯзи ҳафдаҳум аст. Ва дар ин рӯз буд, ки Мусо бутро шикаст. Ва дар ин рӯз буд, ки қалъаи Байтулмуқаддас

facebook.com/Китобхона

дар айёми муҳосираи Бухтанассар рӯ ба харобӣ гузошт. Ва дар ин рӯз буд, ки дар Байтулмукаддас аз рохи туғьён ба худованд бутеро дар мехроб гузоштанд. Ва дар ин рӯз буд, ки «Таврот»-ро сӯзониданд ва курбониҳо бекор карда шуд.

Авб (Об) — як аввали моҳ дорад ва шумораи рӯзҳои он сӣ рӯз аст. Ва рӯзи аввали ин мохро яҳудон рӯза медоранд. Ва он рӯзаест, ки Ҳорун бинни Имрон дар он рӯз мурд ва абре, ки аз рохи каромат бар Бани Исроил соя афканда буд, зоил шуд. Ва дар рӯзи нӯҳуми ин моҳ рӯзаест. Ва дар ин рӯз буд, ки вакте яҳудон дар Тиҳ буданд, бохабар шуданд, ки нахоҳанд ба Байтулмукаддас дохил шуд. Ва аз ин рӯ яҳудон ғамгин гаштанд. Ва дар ин рӯз буд, ки Байтулмукаддас кушуда шуду Бухтанассар дохил шуд. Ва ба ёрии харик он чоро харо6 кард. Ва дар ин рӯз буд, ки Байтулмукаддас дуюмин бор хароб шуду дар заминн он зироат кардand.

Ва дар рӯзи понздаҳум рӯзаи «заволи оташ» аст аз Байтулмукаддас. Ва ин рӯз Бухтанассар аз Байтулмукаддас беруи шуд. Ва оташ аз хазоину ҳаёкили ибодати ин хона муртафеъ шуд. Ва дар рӯзи ҳачдаҳуми ин моҳ рӯзаест, ки сабаби он ин аст, ки чароғи хайкал дар Байтулмукаддас хомӯш шуд. Ва ин кисса дар айёми Аҳвози набӣ буд. Ва аломат ин буд, ки худованд бар Бани Исроил ғазаб кард.

Элул — ду аввали моҳ дорад ва адади айёми он бисту нӯҳ рӯз аст. Ва иде дар он нест. Ва дар рӯзи хафтуми он «рӯзаи чавосис» аст. Ва ин рӯзест, ки Мусо дидбонхоеро, ки фиристода буд, ба сӯи ӯ баргаштанд ва аз ахбори чабборон ӯро бохабар сохтанд. Ва Бани Исроил аз шунидани ин хабар ғамгин шуданд. Ва Юшаъ бинни Нун хабаровардагонро дурутгӯ хисобид ва побарчо монд.

Баъзе аз яҳудон рӯзаи ин мохро дар рӯзи душанбе ва ё панчшанбее, ки хафт рӯз ба сари соли оянда монда, карор медиҳанд.

Ва аз ин чихат раво надонистанд, ки оғози тишрӣ — якум, чорум, шашум ва киббур — якум, сейум, шашум ва Бурӣ, яъне Хомонсӯз — дуюм, чорум, хафтум ва фисҳ — дуюм, чорум, шашум ва Ансара — сеюм, панчум, хафтум бошад, ки мабодо рӯзи амал ба шанбе анчом диҳад. Ва аз ичрои анчоми он ба пасти он ки шанбе аст, боз бимонанд. Ва худованд дар сифри сеюми «Тав-

facebook.com/Китобхона
рот» мегўяд: «Ҳар кас, ки дар шанбе амале анҷом дихад, ҷазои ӯ куштан аст». Ва дар сифри чоруми «Таврот» дида мешавад, ки Бани Исроил мардеро дар биёбон ёфтанд, ки дар рӯзи шанбе хезум ҷамъ мекард ва ӯро ба назди Мусо ва Ҳорун оварданд. Ва ба фармудаи ин ду тан ӯро ҳабс карданд. Ва худованд Мусоро фармуд, ки ту ва Ҳорун ӯро бикушед. Ва ҳамдон бо санг он мардро заданд, ки то ҷон супурд.

Ва низ иллати дигар, ки умури мазкурро яҳудон дар рӯзи шанбе раво надоштаанд, ин аст, ки рӯзи шанбе ва рӯзе, ки амалҳо дар он ботил аст, дар паю дунболи якдигар карор нагиранд.

Рӯзи якшанберо бад-ин сабаб ҷоиз нашумурданд, оғози сол бошад, ки худованд дар сифри сеюми «Таврот» мегўяд: «Дар рӯзи аввали моҳ барои шумо роҳат аст ва дар ин рӯз ба худо наздикӣ ҷўед ва коре накунед. Ва курбонихои худро тақдими худованд кунед». Ва чун ду рӯзи таътилу фароғат аз пай ҳам дароянд, сабаб мешаванд, ки маоши дунъявии шахси яҳудӣ ихтилол ёбад ва тадоруки он мушкилу душвор хоҳад шуд. Ва рӯзи Аробо низ дар рӯзи шанбе хоҳад афтод ва садақаю амалҳои вочиба дар он ботил хоҳад гашт.

Ва бад-ин сабаб ҷоиз нест, ки киббури рӯзи сешанбе ва Фисҳе, ки мутақаддим аст, рӯзи ҷумъа ва Ансарае, ки мутақаддим аст, рӯзи шанбе бошад. Ва иллати вуқӯи ин идҳо ва рӯзҳо дар рӯзи шанбе ин аст, ки тишрӣ дар рӯзи якшанбе бошад.

Ва аз ин ҷиҳат раво надоштаанд, ки оғози сол дар рӯзи чоршанбе бошад, ки худованди азиз дар сифри саюми «Таврот» мегўяд: «Дар рузи дахуми моҳи ҳафтум мағфират аст ва камтарин чизеро аз шоми рӯзи нӯҳуми ин моҳ то шоми дигар накунед». Пас, амалҳо дар рӯзи киббур маътал хоҳад монд. Ва дар рӯзи сабт, ки аз паи он дармеояд, корҳо таътил хоҳад буд. Ва ба ҳамин сабаб ҷоиз нест, ки рӯзи ҷумъа ва Фисҳе, ки мутақаддим аст, рӯзи душанбе воқеъ шавад ва Ансарае, ки такаддум ёфтааст, рӯзи сешанбе мебошад.

Ва аз ин ҷиҳат ҷоиз надонистаанд, ки оғози сол рӯзи ҷумъа бошад, ки бо рӯзи шанбе ду рӯз мутаволӣ мегарданду киббур дар якшанбе меафтад дар пушти рӯзи Сабт қарор мегирад. Ва иди Табрик низ дар рӯзи ҷумъа хоҳад афтод ва се рӯз: Табрик, Сабт, Киббур дар паи якдигар қарор хоҳад гирифт, бо он ки дар пеш

facebook.com/Китобхона

шарт шуда буд, ки аз вукӯи амсоли ин амр пешгирӣ карда шавад.

Ва аз ин ҷост, ки ҷоиз нест, киббур якшанбе гардаду Фисҳ мутакаддами рӯзи чоршанбе. Ва Ансарае, ки такаддум ёфта, рӯзи панҷшанбе шавад, зеро аз ин умур лозим меояд, ки оғози сол рӯзи ҷумъа шавад ва мавонеи собиқуззикр рӯй хоҳад дод.

Ин буд, ки уламои яҳудон дар таълифи ҳисоби ин идҳо диққати бисьёр намуданд, ки мабодо тавре иттифоқ афтад, ки ду рӯз фарогу таътил аз паи якдигар барояд ва низ Аробо дар рӯзи шанбе наяфтад, зеро дар ин рӯз боид, ки яҳудон тасаддуқ диҳанд ва бар минбаре, ки «Урун» ном дорад, тавоф кунанд. Ва ин минбарро «Килвоз» низ мегӯянд. Ва низ мабодо Бурӣ дар рӯзи шанбе рӯй дихад ва аз Ҳомон оташ задану шодмонӣ дар он боз бимонанд. Ва низ мабодо Ансара рӯзи шанбе афтаду натавонад, ки навбари зироату дигар умури мазкурро, ки иҷрову анҷоми он кор маҳсуб мешавад, дар рӯзи шанбе, ки рӯзи осудагию бекорӣ аст, анҷом диҳанд.

Абӯисои Варроқ дар «Китоби маколот» аз тоифае аз яҳудон, ки ононро «мағориба» гӯянд, накл мекунад, ки акидаи эшон ин аст, ки ҳеҷ иде сахеҳ нест, магар ин ки моҳ дар шаби чоршанбее, ки рӯзи сешанбе пеш аз он бувад, ҳангоми ғуруби Офтоб дар заминӣ Бани Исроил бадр бошад. Ва чунин вақтеро тоифаи мазкур сари сол мешуморанду идҳои моҳҳои худро аз он рӯз оғоз мекунанд. Ва идҳои эшон бар ин акида давр мезананд, бо ин далел, ки худои таоло ду нури азимро дар рӯзи чоршанбе офаридааст. Ва ин тавр аз акидаи ин тоифа исбот мешавад, ки ҷуз дар рӯзи чоршанбе фисҳро ҷоиз намедонанд ва шароиту суннату амалҳои онро ҷуз бо онон, ки дар заминӣ Бани Исроил бошанд, вочиб намешуморанд. Ва ин акида бар хилофи ҳама эътиқодоти яҳудон ва мунофӣ бо каломи Таврот аст.

Аммо тоифаи Анония аввалҳои моҳҳоро аз рохи дидани ҳилол ба даст меоваранд ва иббурро, чунон ки собиқан зикр ёфт, аз рохи пеш шиносхтани сол ба даст меоваранд.

Ин тоифа боке надоранд, ки ин идҳо ба чӣ тариқ аз рӯзҳои ҳафта анҷом дихад. Ва фақат шанбехоро то рӯзи якшанбее, ки пахлӯи он аст, ба ақиб меандозанд. Ва ин корро «дахӣ» гӯянд. Ва дар рӯзи шанбе ҳеҷ коре

facebook.com/Китобхона
анҷом намедиҳанд, ҳатто ин ки бачаҳои худро дар ин рӯз хатна намекунанд. Ва амали рӯзи шанберо барои рӯзи баъдӣ мегузоранд ва ҳол он ки раббониҳо бар хилофи ин ақидаанд.

Дар бораи бутлони корҳо дар рӯзи шанбе чизҳое зикр кардаанд, ки шигифтангез аст, чунон ки дар «Қуръони маҷид», нақл шуда: «Агар рӯзи шанбе моҳиҳои калон рӯи об бароянду ба онҳо наздик шаванд, аз рӯи шариат аст ва агар он рӯзро рӯзи шанбе нашуморанд, онгоҳ моҳиҳо низ намеоянд.

Ва Ҷайҳонӣ дар «Китоби масолик ва мамолик» нақл мекунад: Балинос, ки дар қисмати ховари мадинаи Табария ва сарчашмаи рӯди Урдун аз он ҷост. Ва дар ин рӯз осъёбҳоест, ки рӯзи шанбе меистанд ва чун оби он фурӯ меравад, гандумро орд намекунад, то он ки рӯзи Сабт бигузарад.

Ман аз барои ин гуфтор дар улуми табиӣ иллате намедонам, зеро мадори ин амр бар ҳафта аст. Ва агар бар солҳо буд ба шуои Офтобу ҷирми он сабабашро баён мекардем. Ва ё он ки агар мадори қиссаи мазкур бар моҳҳо буд, ба фурӯғи Қамари ҷирми Моҳ иллаташ баён мегашт. Чунон ки ҳикоят кардаанд, ки дар кишвари юнониён қурбонгоҳе буд, ки ба воситаи ичтимо шуоъҳои мунакиси Хуршед, ки дар ҷои хосса аз қурбонгоҳ ҷамъ мешуд, дар як рӯзи маълум, аз рӯзҳои сол қурбониҳоро месӯзонд.

Абӯисои Варроқ дар «Китоби маколот» мегӯяд, ки тоифаи Анония, ки яке аз тавоифи яҳудон ҳастанд, ҳеҷ идро мӯътабар намедонанд, ба ин гумон, ки чуз аз роҳи ваҳӣ ба пайғамбар намешавад аз идҳо огоҳӣ ёфт. Ва танҳо рӯзи шанберо ид мегиранд.

Ҷадвалеро, ки мушоҳида мекунед, ҷадвали таълил аст ва идҳоро, ки гуфта шуд, шомил мегардад. Ва иллати муҳол будани оғози солро дар се рӯзи ҳафта, ки рӯзи офтобу ду ситораи он бошад, баён мекунад. Ва ҳар кучо, ки ба ранги қирмиз навишта шудааст, далел бар муҳол будан аст. Ва ҷойҳое, ки ба ранги сиёҳ нигошта шудааст, далел бар ҷавоз аст. Ва ҳар чӣ дар мукобили ин ду аз идҳои мазкур аз се ҷадвал то дунболи он бо ранги сиёҳ бошад, далели ҷавоз ва агар бо ранги қирмиз бошад, далели имтиноъ аст. Ва иллату вуҷубу имтиноъро ниёзманд ба тафсир намедонам, вале иллати имкон ин аст, ки оғози сол дар рӯзҳое бошад,

facebook.com/Китобхона

Чадвали таълил

Чигунагии нахустин	Чигунагии дуввум	Кисмхо	Огози тиғрӣ, ки бар он эътибор мешавад	Киббур «10»-дахуми тиғрӣ	Аробо—бисту якуми тиғрӣ	Бурӣ—чордахум аз озор	Фисқ—понздахум аз пайсон	Ансара—шашуми сиван аст.	Огози сол, ки дар пай як аз тиғрӣ аст.
	Х	мумтанеъ	1	3	7	2	4	5	6
	Х	вочиб	2	4	1	3	5	6	7
	Х	мумтанеъ	3	5	2	4	6	7	1
	Х	мумтанеъ	4	6	3	1	7	1	2
	Х	мумкин	5	7	4	2	1	2	3
	Х	мумтанеъ	6	1	5	3	2	3	4
	Х	вочиб	7	2	6	4	3	4	5
	К	мумтанеъ	1	3	7	5	5	6	7
	К	мумтанеъ	2	4	1	6	6	7	1
иббур	К	вочиб	3	5	2	7	7	1	2
	К	мумтанеъ	4	6	3	1	1	2	3
	К	мумкин	5	7	4	2	2	3	4
	К	мумтанеъ	6	1	5	3	3	4	6
	К	мумтанеъ	7	2	6	4	4	5	6
	III	мумтанеъ	1	3	7	1	5	7	1
	III	вочиб	2	4	1	2	7	1	2
	III	мумкин	3	5	2	3	1	2	3
	III	мумтанеъ	4	6	3	4	2	3	4
	III	вочиб	5	7	4	5	3	4	5
	III	мумтанеъ	6	1	5	6	4	5	6
	III	вочиб	7	2	6	7	5	6	7

ки салохият дорад, ки огози сол гардад. Ва сипас бо идхое, ки ранги қирмиз нигошта шудааст, мухталит гардад. Ва дар солҳои оддӣ фоқиди салохияти номбурда мегардад ва баръакс дар солҳои иббур вочиби он мешавад.

Аз ин чадвал ошкор мешавад, ки чаро баъзе аз чигунагӣ аз дуболи хам меоянд ва чаро бо порае дигар

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали таълил

Чигунагии нахустин	Чигунагии дуюм	Қисмхо	Оғози тиштрӣ, ки бар он эътибор мешавад	Киббур-«10» дахуми тиштрӣ	Аробо—бисту якуми тиштрӣ	Бурӣ—чордахум аз озор	Фисх—понздахум аз пайсон	Ансара—шашуми сиван аст	Оғози соле, ки дар пои 1 аз тиштрӣ аст.
Басит	Х	мумтанеъ	1	3	7	7	2	3	4
	Х	воҷиб	2	4	1	1	3	4	6
	Х	мумтанеъ	3	5	2	2	3	5	6
	Х	мумтанеъ	4	6	3	3	5	6	7
	Х	мумкин	5	7	4	4	6	7	1
	Х	мумтанеъ	6	1	5	5	7	1	2
	Х	воҷиб	7	2	6	6	1	2	3
	К	мумтанеъ	1	3	7	1	3	4	5
	К	мумтанеъ	2	4	1	2	4	5	6
	К	воҷиб	3	5	2	3	5	6	7
	К	мумтанеъ	4	6	3	4	6	7	1
	К	мумкин	5	7	4	5	6	1	2
	К	мумтанеъ	6	1	5	6	1	2	3
	К	мумтанеъ	7	2	6	7	2	3	4
	Ш	мумтанеъ	1	3	7	2	4	5	6
	Ш	воҷиб	2	4	1	3	5	6	7
	Ш	мумкин	3	5	2	4	6	7	1
	Ш	мумтанеъ	4	6	3	5	7	1	2
	Ш	воҷиб	5	7	4	6	1	2	3
	Ш	мумтанеъ	6	1	5	7	2	3	4
	Ш	воҷиб	7	2	6	1	3	4	5

аз ин чигунагӣ пайдарпай намешаванд. Ва иллат ин аст, ки агар оғози соли оянда бо ин чигунагӣ салоҳият надошта бошад, ки барои чигунагии дигаре сари сол шавад, мумкин аст, ки аз пои ҳам дароянд, вагарна мумтанеъ хоҳад шуд, ба ҷузъ он ки дар навокис бошад, ки имтиноъ пайдарпои он иллати дигаре дорад. Ва дар пеш гуфта шуд. Ва ҷадвали таълилро мушоҳида кунед:

facebook.com/Китобхона

ДАР АМАЛҲОЕСТ, КИ НАСОРОИ МАЛИКОӢ ДАР МОҲҲОИ СУРИЁНӢ БА КОР МЕБАРАНД

Насорӣ ба чандин гурӯҳ тақсим шудаанд: Нахустин гурӯҳи эшон «Маликоия» ном дорад. Ва румиён бад-ин мазҳабанд ва аз ин ҷиҳат ба Маликоия мавсуманд, ки Малики Рум ба ҳамин мазҳаб аст. Ва дар кишвари Рум ҷуз эшон дастаи дигаре нест.

Дастаи дуюм Настурия ном дорад, ки мансуб ба Настурис мебошад. Ва ин шахс дар соли ҳафтсаду бисту анди искандарӣ раъйи худро изҳор кард.

Гурӯҳи сеюм Яъқубия ном дорад. Ва ин гурӯҳ муҳимтарин гурӯҳҳои насорӣ аст. Ва пайравони ин мазҳаб бо дигарон дар усули дин, яъне ақоним ва дар лоҳутияту носутияту иттиҳод ихтилофоте доранд, ки иллати табоини онҳо гаштааст.

Гурӯҳи дигари насорӣ Яривисия ном доранд ва эътиқоди ин гурӯҳ дар бораи Масеҳ ба эътиқоди мусулмонон аз дигар гурӯҳҳо наздиктар аст.

Мазҳаби Масеҳ гурӯҳҳои бисьёре дорад, ки ин китоб ҷои зикри он нест. Ва кутуби мақолоту ақидаҳо ва диёноту рад бар ин гурӯҳҳо номҳои ононро мутакафил аст. Ва пайравони Маликоия ва Настурия аз дигар гурӯҳҳо зиёдтаранд, зеро аҳолии Рум ва атрофи он ҳама маликоӣ ҳастанд.

Ва бештари масеҳиёни Шому Ироқ ва Хуросон настурӣ мебошанд, аммо гурӯҳи Яъқубия бештар қибтӣ ҳастанду дар кишвари Миср сукунат доранд.

Масеҳиён рӯзҳое доранд, ки дар моҳҳои суриёнӣ ба кор мебанданд ва дар баъзе аз айём муттафиқанду дар баъзе мухталиф. Ва рӯзҳоеро, ки мавриди иттифоқи эшон аст, онҳое аст, ки пеш аз табоину ихтилоф шӯҳрат ёфта буд. Ва рӯзҳои ихтилофӣ онҳоест, ки ба воситаи пайдоиши мазҳабҳои гуногун омилҳои дигар аз замону макон баъдан ҳодис шудааст. Ва яъқубияро низ рӯзҳои дигарест, ки ба рӯзаи бузурги эшон музоф аст. Ва низ ҳафтаҳое ҳаст, ки мансуб ба рӯзҳои машҳурест, ки дар он ҳафтаҳо аст. Ва дар онҳо низ иттифоқу ихтилоф ҳаст.

Ва ман рӯзҳоеро, ки Маликоия дар моҳҳои суриёниён дар Хоразм ба кор мебанданд, зикр мекунам. Ва

facebook.com/Китобхона
бисьёр кам иттифоқ меафтад, ки ин умматҳо — насорӣ, мачус ва яҳуд чуз дар истеъмоли идҳои хеле бузург, ҳангоме ки дар кишварҳои пароканда бошанд, бо якдигар ихтилоф накунанд. Ва ман пас аз он ки аз зикри ин айём фориғ шудам, рӯзаи эшонро бо рӯзҳое маҳали иттифоқ зикр менамоям. Сипас, он чи ба масеҳиёни настурӣ аз идҳову «зукронҳо»[163] тааллуқ дорад, ёдоварӣ мекунам.

Тиширини аввал — дар рӯзи аввали ин моҳ ба тазкири Ҳанини рӯҳонӣ, ки дар шумори шаҳидон аст, мепардозанд. Ва ин шахс шогирди Булис будааст. Ва одати насорӣ дар ин рӯзҳои «зукрон» ин аст, ки он касеро, ки ба номи ӯ ин ёдоварӣ дуруст шудааст, мутазаккир мешаванд ва бар ӯ дуо мекунанду сано мехонанд. Ва ба номи ӯ нисбат ба худованд тазарруъ менамоянд ва ҳар мавлудеро, ки дар ин рӯз зоида шуд то зукрони оянда ба номи ӯ меноманд. Ва гоҳ ҳам иттифоқ меафтад, ки зукронҳоро ба номи ашхосе, ки дар он зоида шудаанд, меноманду мегӯянд: «Фалон кас, ки соҳиби фалон зукрон аст». Ва чун зукрони шахс фаро расад ва назди ӯ ҷамъ мешаванд ва меҳмони ӯ мегарданд.

Ва дар рӯзи дуюм зукрон ва ёдоварии Ҳириси шаҳид аст, ки аз мардуми Наҷрон буда ва бо дастае шаҳодат ёфтааст. Ва дар рӯзи сеюм зукрони Марияи роҳиба аст, ки ҷомаи мардон пӯшиду гӯшанишинӣ баргузид ва унусияти худро бар роҳибон пинҳон дошт. Сипас, ӯро муттаҳам сохтанд, ки бо зане дигар зино кардааст. Ва дар андоза шиканҷааш карданд, зан будани худро ошкор накард, то ин ки зери шиканҷа бимурд.

Пас аз марг вақте, ки ӯро мешустанд, олати занонагии ӯро диданд ва донистанд, ки аз он тӯҳмат берун будааст.

Ва дар рӯзи чорум зукрони Дивисиюси рӯҳонӣ аст, ки мунаҷҷим буда ва шогирди Булис аст.

Ин насаби рутбаҳоест, ки насорӣ бар ҳасби маротиби дини пайдо мекунанд. Ва баёни матлаб он аст, ки насорӣ дар кеши худ нӯҳ рутбаву дараҷа доранд.

Он ки дар пояи нахустин аст, «фасалто» (хонанда) ном дорад ва он ки дар пояи дуюм аст, «коруе» (кироатхон) ва он кас, ки дар пояи сеюм аст «ҳабукадёкно». Ва соҳиби пояи чорум «мушмушоно», ки «шаммос» бошад. Ва соҳиби пояи панҷум «қасис» аст, ки «қасс» бо-

facebook.com/Китобхона
шад ва шашумин мартаба «аскуфо» (епископ) аст, ки «усқуф» бошад ва дар зери дасти матрон[164] аст. Ва сохиби пояи хафтум «митробулито» аст, ки зердасти «чослиқ» аст. Ва ҷойгохи матрони маликоияи Хуросон дар Марв аст. Ва мартабаи ҳаштум «қатоликос»[165] аст, ки ҷослиқ бошад. Ва ҷойгохи ҷослиқи маликоия аз кишварҳои ислом Мадинатуссалом аст. Ва ӯ зердасту фармонбардори батриқи Антоқия аст. Аммо ҷослиқи настурия бояд, ки аз ноҳияи халифа бо раъйи аксарият интихоб шавад. Ва пояи нӯҳуми насорӣ «батриёрхо» аст, ки «батриқ» (патриарх) бошад ва ин мартаба фақат барои маликоия аст.

Дар дини насорӣ ҳамвора бояд чор батриқ бошад ва ҳар вақт, ки яке аз эшон мурд, ба иттифоқи дигар бозмондагону дигар ҷосликҳо ва арбоби муносиб шахсе бадали ӯ баргузида мешавад. Ва яке аз баторика дар Қустантания икомат дорад ва дуввумӣ дар Румия ва сеюмӣ дар Искандария ва чорумин дар Антоқия. Ва насорӣ ин шаҳрҳоро «тахтгоҳ» мегӯянд. Ва болотар аз мартабаи батриқ мартабае нест, чунон ки поинтар аз «пасалто» (хонанда) мартабае нест, балки баъзе аз насорӣ мартабаҳои диниро аз «шаммос» оғоз мекунанд. Ва ашхосе, ки поинтар аз «шаммос» ҳастанд, аз қабили хонандагону хидматгорони курбонгоххо, эшонро дар шумори мартабаҳо намешуморанд. Ва ҳар яке аз ин мартабаҳоро ҳудуду расмҳоест, ки ин китоб ҷои шарҳи он нест.

Абулҳусайн Аҳмад бинни Ҳусайни Аҳвазии котиб дар «Китоби маорифи Рум» он чиро, ки ба чашми худ дар Қустантания ва дигар шаҳрҳои Рум аз мартабаҳои дин ва пояҳои сиёсӣ дидааст, чунин нақл мекунад. «Сохиби мартабаи аввали дин «батриарх» аст, ки дар тамоми кишвар фармонфармо аст. Сипас, «Хранисхас» аст, ки соҳиби ибодатхонаи аъзам бошад. Сипас, «бискибис» (епископ) аст, ки «усқуф» бошад. Сипас «митробалитис» (митрополитес) аст, ки ҳоким бошад. Сипас «куминис» (гуменос) аст, ки ӯ ҳам соҳиби ибодатхонаи бузург аст. Сипас «қалуҷарис» аст, ки мартабаи ӯ ба мартабаи пешин наздиктар аст. Сипас «попос» аст, ки «касс» бошад. Сипас «диёкин» (деҳқон) аст, ки «шаммос» бошад. Ва агар шахс бихоҳад, ин мартабаҳоро бишиносад, бояд, чунон ки аввалан мо гуфтем, ба китобхое, ки дар милалу диёнат навиштаанд, руҷӯъ кунад.

facebook.com/Китобхона
Ва Абулҳусайн ин мартабаҳоро ба ҳам махлут карда-асту ашхосеро, ки ҷузъи ин мартабаҳо нестанд ва ё ки дорои ин сифоти мазкур намебошанд, дар шумори аҳли рутбадорон зикр кардааст.

Аммо мартабаҳои дуньёй ва сиёсӣ бад-ин қарор аст: Мартабаи аввал «басилевс» аст, ки қайсару подшоҳи Рум бошад. Сипас, Локасит (логофет) аст, ки вазири мутарҷими қайсар аст. Ва баъд аз он «боракимуминус» аст, ки раиси дарвозабонон бошад. Сипас, «дамастиқо» аст, ки соҳиби сипоҳ аст. Сипас, «аксиюс» аст, ки дар лашкар мавриди эътимоди подшоҳ аст ва назири «дамастиқ» аст. Сипас, «арханбатархан» аст ва ӯ касест, ки ҳамаи батриқҳо зери дасти ӯ ҳастанд. Сипас, «батрикис» аст, ки худ батриқ бошад. Ва батриқҳои лашкар монанди соҳиби мансабҳои бузург ҳастанд, на он ки монанди батриқҳои динӣ бошад. Сипас «рағотар» аст. Сипас мартабаи «испрозиғус» аст, ки нисфи батриқ бошад. Сипас «братасбаторис» аст, ки дар лашкар батрики шахси эътимоднок ва инчунин мавриди эътимоди подшоҳ аст ва батриқ дар корҳое, ки бояд бикунад, ба ӯ руҷӯъ мекунад. Сипас «мағловитес» аст, ки гурзи подшоҳ назди ӯст. Сипас «эксирхас» аст, ки амир бар ҳазор нафар аст. Сипас «тасарқанторис» аст, ки дорои сад мард аст. Сипас «бентақанторис» аст, ки дорои панҷоҳ мард аст. Сипас «тасарқанторис» аст, ки дорои чил мард аст. Сипас «тринторис» аст, ки бар сӣ мард фармонравой дорад. Сипас «иқситорис» аст, ки дорои бист мард аст. Сипас «дикархас» аст, ки дорои даҳ нафар аст. Ва ба матлаби худ бозгардем.

Гӯем, дар рӯзи понздаҳуми ин моҳ зукрони «Асҳоби Каҳф» аст дар шаҳри Эфсус. Ва дар «Қуръон»-и азиз ин қисса зикр шудааст. Ва Мӯътасим шахсеро бо сафири худ ба дарбори Рум ҳамроҳ кард ва ӯ ҷойгоҳи «Асҳоби Каҳф»-ро диду эшонро бо даст ламс кард. Ва ин хабар маъруф аст. Гарчи ин шахс, ки бо дасти худ эшонро ламс кард, Муҳаммад бинни Мӯсо бинни Шокир аст, дар ин шак мекунанд, ки оё ҳамин мурдагон «Асҳоби Каҳф» буданд ва ё ашхоси дигаре ҳастанд.

Ва Алӣ бинни Яҳьёи мунаҷҷим ҳикоят мекунад, ки чун аз ҷанге, ки рафта буд, баргашт дар он ҷо дохил шуд. Ва ин макон кӯҳи кӯчакест, ки ҷойгоҳи поёнии он аз ҳазор оршин камтар аст ва як рохе дорад, ки чун шахс дохил шавад ба андозаи сесад гом биравад, аз он

facebook.com/Китобхона
ҷо ба равоқе сар дармеоварад, ки дорои сутунҳои тарошидашуда аст ва хонаҳое чанд дар он ҷост. Ва мегӯяд, ки ман дар он ҷо сездаҳ танро дидам, ки миёни онҳо ғуломе амрад буд. Ва ҷуббаҳою ҷомаҳои пашмин дар бар доштанд ва чакма ва наълайне ба по намуда буданд. Ва мегӯяд, мӯйҳоеро, ки дар сурати яке аз онҳо буд, гирифтаму кашидам. Ва мӯ бидуни он ки бо гӯшт ва ё пӯст бошад, берун омад.

Ва агар ин ашхос аз ҳафт нафар, ба ақидаи мусулмонон, зиёдтар бошанд ва ё аз ҳашт нафар, ба ақидаи тарсоён, «Асҳоби Қаҳф» нахоҳанд буд. Ва роҳибоне хоҳанд буд, ки дар он ҷо мурдаанд ва ҷасадҳои роҳибон муддате дароз солим мемонад, зеро роҳибон худро азоб медиҳанд, то ин ки рутуботи ҷисми онҳо фонӣ мешавад. Ва дар миёни устухону пӯсти бадани эшон ҷуз миқдори каме восита ва фосила наметонад. Ва монанди чароғе, ки равғани он тамом шавад, як мартаба хомӯш мегарданд. Ва бисьёр иттифоқ меафтад, ки ба ҳамон тавр ки ба асои худ такья кардаанд, то муддате дар мавқеи марг боқӣ мемонанд. Ва дар бутхонаҳо ин амр мушоҳида шудааст.

Ва ин ҷавонон, ки «Асҳоби Қаҳф» бошанд, бино ба раъйи насорӣ, сесаду ҳафтоду ду сол дар Қаҳф истиқомат карданд. Ва назди мусулмонон сесад соли хуршедӣ, чунон ки худованд дар сураи махсус ба қиссаи эшон мегӯяд. Ва аммо нӯҳ сол, ки дар дунболи сесад сол зикр шудааст, муддати зиёдест, ки солҳои хуршедӣ ба қамарӣ тахвил мешавад. Ва ба таври тахқиқ нӯҳ солу ҳафтоду панҷ рӯзу шонздаҳ соату аз панҷ чор ҳиссаи соат мешавад. Ва аммо мутобиқи он ки дар замон соли қамариро истеъмол мекарданд, се сад сол — понздаҳ муҳаззири суғро мешавад ба изофаи понздаҳ соли дигар аз муҳаззири шашум. Ва ҳиссаи ин миқдор ба ҳар тартибе, ки дар бокимонда солҳо амал шавад, саду даҳ моҳ аст, ки нӯҳ солу ду моҳ бишавад. Ва ин қабил кусурро вақти ҳикоят илова мекунанд.

Дар рӯзи ҳафтум зукрони Сирчис ва Бакавс аст, ки ҳарду шаҳид шудаанд. Ва дар рӯзи даҳум зукрони Закариёи Набӣ аст, ки фариштагон ӯро ба Яҳьё башорат доданд. Чунон ки дар «Қуръон»-и азиз зикр шуда ва дар «Инҷил» ҳам ба таври тафсил мазкур аст. Ва дар рӯзи ёздаҳум зукрони Қибриёнус аст, ки усқуф буду шаҳид гашт. Ва дар рӯзи чордаҳум зукрони Иғриғурис

facebook.com/Китобхона

Навсии ускуф аст. Ва дар рӯзи ҳафтдаҳум зукрони Кузмо ва Зомионӣ аст, ки ҳар ду табиб буданду шаҳид гаштанд. Ва дар рӯзи ҳаҷдаҳум зукрони Лукоёит, ки «Инчили сеюм» бад-ӯ мансуб аст, мебошад. Ва дар рӯзи бисту сеюм зукрони Анастасиёи шахида аст. Ва рӯзи бисту шашуми ин моҳ ин зукрон аст, ки сари Яҳьё биннн Закариёро дар қабр гузоштанд.

Тишрини охир — рӯзи аввали ин моҳ зукрони Қарнутиси шаҳид аст. Ва рӯзи ёздаҳум зукрони Минои шаҳид аст. Ва рӯзи понздаҳум зукрони Симуно, Ғурис ва Ҳабиб аст, ки ҳар се шаҳид шуданд.

Дар рӯзи ҳафдаҳум зукрони Ағриғурис аст, ки мӯъчизоте шигифт аз ӯ нақл кардаанд. Ва рӯзи ҳаждаҳум зукрони Арманусн шаҳид аст. Ва рӯзи бистум зукрони Исҳоқ ва шогирди ӯ Иброҳим аст, ки ҳар ду шаҳид шуданд. Ва рӯзи бисту панҷум зукрони Битрис аст, ки дар Искандария ускуф буд. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум зукрони Яъкуб аст, ки ӯро пора-пора карданд. Ва рӯзи сиюм зукрони Андриуси шаҳид аст бо зукрони Андриуси солеҳ.

Конуни аввал — рӯзи аввали он зукрони Яъқуб аст, ки дар Илиё ускуфи аввал буд. Ва рӯзи сеюм зукрони Ювоннис аст, ки аз обои Ясуйини маҳсуб аст ва расмҳои насрониятро ӯ гирд оварда.

Ва убувват назди масеҳиён мунтаҳои таъзим аст, зеро усули дини эшон вобаста бар ин ақида аст. Ва расмҳои динии эшон чизе нест, ки аз ноҳияи Масеҳ ташреъ шуда бошад. Ва ҳамин обо, падарон ки зикр шудаанд, бинобар гуфтаҳои Масеҳу силеҳин, ин расмҳоро ба даст оварданд ва шахси мазкур дар шумори эшон буд. Ва дар рӯзи чорум зукрони Барборо ва Юлиоӣ аст, ки харду шаҳид шуданд. Ва дар рӯзи панҷум зукрони Собо аст, ки дар Байтулмуқаддас раиси ибодатхона буд. Ва рӯзи шашум зукрони Никуловис батрики Антокия аст. Ва рӯзи сездаҳум зукрони Сисин ҷосликн хуросонӣ аст. Ва рӯзи бистум зукрони Ағнотиус аст, ки дар Антокия батрики сеюм буд. Ва рӯзи бисту дуюм зукрони Юсуфи Рамсонии Булутой аст, ки ҷасади Масеҳро барои қабре, ки ба ҷиҳати худ тартиб дода буд, дафн кард, чунон ки дар авохири «Аноҷили арбаа» зикр шудааст. Ва Маъмун биннн Ахмади Саламии Хиравӣ мегӯяд, ки ман ин қаброо дар Канисат-ул-қиёмаи Байтулмуқаддас дидам ва он қабрест, ки дар санги он чизе

facebook.com/Китобхона
навиштаанду онро бо тилло зевар кардаанд. Ва ин қабрро хабари аҷибест, ки дар боби рӯзаи эшон зикр хоҳем кард.

Дар рӯзи бисту сеюми ин моҳ зукрони Ҷилосиуси шаҳид аст. Ва дар шабе, ки рӯзи бисту панҷуми ин моҳ бар он муқаддам аст, ба ақидаи румиён шаби бисту панҷуми маҳсуб ва иди Мелод дар он рӯз аст, ки иди мелоди Масеҳ бошад. Ва дар он шабе, ки таваллуди Масеҳ рӯй дод, шаби панҷшанбе буд. Ва бештар аз мардумон бар ин ақидаанд, ки ин панҷшанбе рӯзи бисту панҷум будааст, вале ин раъйи дуруст нест ва бисту шашум мешавад. Ва агар касе, бихоҳад, матлаби мазкурро биозмояд, қавоидеро, ки дар пеш гуфтем, бояд ба кор барад. Ва нахустин рӯзи қонуни аввал рӯзи якшанбе будааст. Ва дар рӯзи бисту шашум зукрони Довуди набӣ ва Яъқуб ускуфи Илиё мебошад. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум зукрони Истифонус, раиси шаммосин аст. Ва дар бисту ҳаштум Ҳиразус, қайсари Рум, атфоли шаҳри Халилро барои ин ки Масеҳро кушта бошад аз дами теғ гузаронид, чунон ки дар оғози «Инҷил» зикр кардаанд. Ва дар бисту нуҳум зукрони Антуниюси шаҳид аст, ки ба ақидаи масеҳиён ӯ падари Абӯрӯҳ аст, ки писари амуи Ҳорунаррашид бошад. Ва пас аз ислом насроният ро баргузид ва бад-ин сабаб Ҳорун ӯро ба дор овехт. Ва ин қисса дар назди исавиҳо бисьёр дарозу шигифтовар аст. Валекин мо ҳаргиз чунин матлаберо дар ҳеҷ таърихе нахондаем. Ва масеҳиён бисьёр хушбовар ҳастанду ҳар чиро, ки ба мазҳаби эшон бастагӣ дошта бошад, бе ҳеҷ гуна тадқиқ бар он гӯш фаро медоранду бовар мекунанд.

Конуни охир — рӯзи аввали он зукрони Босилиюс аст. Ва ин рӯз низ «иди Қалиндос» аст ва маъноӣ он ин аст, ки хуб будааст. Ва дар ин рӯз сабиёни насорӣ ба даври ҳам гирд меоянд ва дар хонаҳои худ даврмезананд ва аз хонае ба хонаи дигар мераванд ва ба садои баланд мегӯянд: «Қалиндос, қалиндос!». Ва дар ҳар хонае, ки рафтанд, эшонро зиёфат мекунанду қадаҳҳое аз шароб менӯшонанд.

Баъзе бар ин ақидаанд, ки ин кор барои ин аст, ки рӯзи мазкур оғози соли румӣ аст, ки як ҳафтаи тамом аз вилодати Марьям гузаштааст. Ва ҷамъе бар ин ақидаанд, ки чун Ариус раъйи худро ошкор намуд ва дастае бар ӯ пайравӣ кардаанду яке аз ибодатхонаҳои на-

facebook.com/Китобхона
сориро забт намуданд ва ибодаткунандагони ин ибодатхона бо Ариус ба ҷанг бархостанд. Сипас, ба чунин қароре омаданд, ки се рӯз дари он ибодатхонаро бубанданд. Ва баъдан бо ҳам биёянду ба навбат дуоҳое бар ин дари баста бихонанд. Ва бар рӯи ҳар кас, ки дар боз шуд, ин ибодатхона аз ӯ бошад. Ва қазоро чунин кардаанду дар бар рӯи Ариус боз нашуду ба масеҳиён ин ибодатхона кушуда гашт ва ин макон аз онон шуд.

Ва кӯдакони насорӣ амали мазкурро аз роҳи ташбеҳ ба муждае, ки дар он ҳангом дода шуданд, ба ҷо меоваранд. Ва дар рӯзи дуюм зукрони Силбитруси Мчтрон аст, ки мардуми Қустантания ба дасти ӯ исавия гаштанд. Ва рӯзи панҷум рӯзи идуддинҳ аст. Ва рӯзи шашум худ идуддинҳ ва рӯзи маъмудия аст, ки Яҳьё бинни Закариё Масеҳро дар оби маъмудия дар наҳри Урдун, ҳангоме ки сӣ сол аз умри ӯ гузашта буд, таъмид дод. Ва рӯҳулқудус ба шакли кабутаре, чунон ки дар «Инҷил» мазкур аст, бар ӯ нозил гашт.

Ва насорӣ пас аз он ки аз умри атфоли эшон се ва ё чор сол гузашт, ускуфҳо ва касҳои эшон ҷамъ мешаванд ва таштеро пур аз об мекунанду бар он об дуо мехонанд. Ва ин тифлро дар он об фурӯ мебаранд ва ин тифл масеҳӣ мешавад. Ва ин чост, ки пайғамбари мо алайҳассалом фармудааст: («Ҳамаи кӯдакон табиатан як хел таваллуд мешаванд, вале падару модарон баъдан онҳоро ба яҳудӣ, насронӣ ва мачусӣ бармегардонанд».)

Абулҳасани Аҳвозӣ дар «Китоби маориф -ар-Рум» мегӯяд, ки ин тавр шахс, бояд масеҳӣ шавад, ки ҳафт рӯз бомдодону шомгоҳон бар ӯ дуо бихонанд. Ва дар рӯзи ҳафтум ӯро бараҳна мекунанду танашро бо равғани зайтун мемоланд. Сипас оби гарм дар як зарфи сангӣ, ки дар миёни ибодатхона аст, мерезанд. Ва кашиш бо равғани зайтун панҷ нукта бар рӯи об мечакованд, ки чортаи онҳо монанди салиб шавад ва як нукта ҳам дар байни онҳо пайдо гардад. Сипас пойҳои тифлро кашиш раҳо мекунад, ба қисме, ки нуқтаи миёнӣ дар васати ду пои кӯдак қарор гирад. Ва баъдан тифлро дар об менишонанду аз ҳар сӯи ҳар чор нукта, ки монанди салиб аст, муште об бармедоранду бар сари ӯ мерезанд. Ва он гоҳ худи кашиш ба канор мераваd. Ва он шахс, ки тифлро барои таъмид оварда ва

facebook.com/Китобхона
дар баталл дошт ва дар об нишинид, меояд. Ва кӯдаки таъмидшударо бармедорад. Ва онон, ки дар ибодатхона ҳозиранд, ҳамагӣ ба хондани дуо машғул мешаванд. Ва фавран тифлро бар порчае мепечонанду дар оғӯш мегиранд. Ва бояд, ки пои ӯ бар замин нарасад. Ва ҳафт мартаба аҳли калисо фарьёд мекашанд: «Кириё, лисан!», яъне «Худовандо, тараҳҳум кун маро!». Ва дар ҳамин ҳол, ки тифл дар оғӯш чой дорад, чоман ӯро мепӯшонанду бар замин мегузоранд. Ва бояд, ки ҳафт рӯз ё гоҳ-гоҳе ба калисо ояд ва ё он ки дар хамон чо бимонад. Ва чун рӯзи ҳафтум фаро расид, кашиш-ӯро дар зарфе ғайр аз зарфи пешин бо обе, ки ба равғани зайтун омӯдаву олуда набошад, мешӯяд. Ва дар рӯзи ёздаҳуми мох зукрони Совзсиус аст, ки роҳибе буд, ки худро шиканча мекард ва бар худ ғӯлли оҳан гузошта буд. Ва рӯзи сездаҳум тамоми идуддинҳ аст ва сулаҳои қиддисийн дар Тури Сино дар ин рӯз кушта шуданд. Ва рӯзи понздаҳум зукрони Битрис аст, ки дар Димишқ батриқ буд. Ва рӯзи ҳафдаҳум зукрони Антуниус аст, ки аввалини роҳибон ва раиси эшон буд. Ва рӯзи бистум зукрони Авсимиус аст ва ӯ роҳибе муаллим буд. Ва рӯзи бисту якум зукрони Максимус аст, ки роҳиби Фарид ном дорад. Ва рӯзи бисту дуюм зукрони Қузмо аст, ки қавонину навомиси масеҳиятро истинбот намуд. Ва дар рӯзи бисту панҷум зукрони Буликарҳус аст, ки усқуфе буд, ки шаҳидаш намуданду бо оташ ӯро сӯзониданд. Ва рӯзи бисту ҳафтум зукрони Ёвонис аст, ки ба «Фамаззаҳаб» мулаққаб аст ва Юҳноро ба румӣ Ёвонис гӯянд. Ва рӯзи сию якум зукрони Ёвонис ва Қурс аст, ки ҳарду шаҳид шуданд.

Шубот — рӯзи аввали он зукрони Ефрими омӯзгор аст. Ва рӯзи дуюми он идушшамъ аст ва дар ин рӯз Марьям пас аз он ки чил рӯз аз вилодати Исо гузашта буд, ӯро ба ҳайкали Байтулмуқаддас овард. Ва Яъқубия бисьёр ин идро муаззам медоранду мегӯянд, ки яҳудон ҳам дар ин рӯз авлоди худро ба каноис мебаранд ва эшонро ба хондани «Таврот» вомедоранд. Ва агар ин ҳикоят рост бошад, дар мохи шафат хоҳад буд на шубот, зеро яҳудон моҳҳои сурёниро ба кор намебанданд. Аз ин рӯ то ҳашт рӯз, ки аз мохи озор бигузарад, вакти эввали рӯзаи Яъқубия аст. Ва ба хости худованд дар боби рӯзаи эшон зикр хоҳем намуд ва чун рӯза бо-

facebook.com/Китобхона
шанд, чуз зукроне, ки ба рузи шанбе бияфтад, нахоҳад гирифт.

Ва рӯзи сеюм зукрони Билосуси шаҳид аст ва ин шахсро зардуштиён куштанд. Ва рӯзи панҷум зукрони Сиси чослиқ аст ва ӯ аввалин касест, ки насроният ро ба Хуросон ворид намуд. Ва рӯзи бисту чорум ин зукрон аст, ки сари Яҳьё бинни Закариён, ки таъмиддиҳанда буд, ёфт шуд.

Озор — дар рӯзи шӯҳуми ин моҳ зукрони чил нафар аз шаҳидон аст, ки ба оташ ва сармову ях азоб дода шуданд. Ва рӯзи ёздаҳуми ин моҳ зукрони Суфриниюс аст, ки дар Байтулмуқаддас батриқ буд. Ва рӯзи бисту панҷум иди Сибор аст, ки Ҷабраили амин бароӣ башорат ба Масеҳ, бар Марьям нозил шуд. Ва аз ин рӯз то мелод нӯҳ моҳу панҷ рӯзу кадрест, ки ҷанин ин миқдор дар раҳим макси табиӣ мекунад. Ва ҳарчанд ки Исо аз чиҳати башар падаре надошт ва ба рӯҳулқуддус муайяд шуда буд, вале дар ҷаҳони кавну фасод аз доираи умури табиӣ по берун нагузорида буд. Пас, увло ҳамин аст, ки дар раҳими модар муддати дирангги ӯ табиӣ бошад.

Ҷойгоҳи таквимии моҳ дар нисфуннаҳори ин рӯз дар Байтулмуқаддас, ки дар шанбе бисту панҷуми моҳи озори соли сесаду сеи искандарӣ бошад, дар наздикии панҷумин дараҷа аз шашумин дараҷаи аввалӣ аз бурҷи савр аст. Ва бинобар мазҳабу равиши онон, ки дар намудорот пайрави Хирмиси мисрӣ хастанд, бояд, ки толеи Масеҳ охири Ҳамал ва аввали бурҷи Савр бошад. Валекин ин бурҷҳо дар мавкеи мелод дар рӯз тулӯъ карда, зеро мавзеи таквимии Офтоб дар нисфуннаҳори панҷшанбее, ки пас аз шаби мелод буда, дар Байтулмуқаддас тақрибан дар ду дараҷа ва шашъяки дараҷаи Ҷадӣ будааст. Ва ин муддатеро, ки Исо дар раҳим диранг кард, бинобар ақидаи масеҳиён, ҳар мавлуде, ки дар шаби мелод зоида шавад ва моҳ тахтуларз бошад ва аз дараҷаи толеъ ба андозаи як даҳуми давр дур бошад, диранг хоҳад намуд.

Ва чун мо ин матлабро аз ҷойгоҳи моҳ дар рӯзи Сибор бидонем, толеи Масеҳ тақрибан дар дараҷаи чорумин аз панҷум дараҷаи Ҳут хоҳад буд. Ва чун моҳро дар рӯзи бисту панҷум аз конуни аввал дар вақте, ки аз толеъ ба андозаи даҳьяки давр дур бошад, таквим кунем, хоҳем ёфт, ки толеъ дар сулси дуюм аз бурҷи

facebook.com/Китобхона
Ҳамал хоҳад буд ба тақриб. Ва ин ҳарду амр нописандида аст, зеро асҳоби мелод ин вақтро дар шаб муайян намудаанд ва натиҷаи муайян намудаи мо дар рӯз хоҳад иттифоқ афтод. Ва ин кор яке аз далоилест, ки намудороти ботил мебошад. Ва мо барои баҳс дар ачносу анвои намудорҳо китобе хоҳем навишт, ки ҳамаи қавлҳоро фаро гирад, ба шарти он ки худои таоло маро ба таъхир андозад ва аз рӯи раҳмату меҳрубонии худ гирифториҳои маро бартараф намояд.

Найсон — рӯзи аввали он зукрони Марьями Иғуфтия аст, ки чил рӯз пушти ҳам рӯза гирифту ифтор накард. Ва расми ин зукрон ин аст, ки дар аввалин ҷумъа, пас аз фитр зукрони мазкурро ба ҷо меоваранд. Ва чун шарт аст, ки ба таври ҳатмӣ бояд дар ҷумъа бошад, пас мумкин нест, ки дар аввали найсон иттифоқ афтад ва фақат дар ҳар муҳаззири шамсӣ чор бор мумкин аст, ки дар оғози найсон бияфтад. Ва он сол чорум, даҳум, понздаҳум ва бисту якум аст, машрут бар ин ки муҳаззирро аз аввали таърихи Искандар ба солиёни ноқис бишуморем. Ва рӯзи понздаҳум зукрони саду панҷоҳ нафар шаҳид аст. Ва рӯзи бисту якум зукрони синузисоти шашгона аст ва маънои «синузис» он аст, ки уламои масеҳӣ аз қисмҳо ва усқуфҳо ва дигар аҳли мартабаҳо барои дуое ба чиҳати амре ҳодис ва ё сабабе шабеҳ ба моҳала ва ё ба чиҳати масъалаи муҳимми динӣ, ки рӯй дод ба даври ҳам ҷамъ мешаванд. Ва ин кор чуз дар замонҳои хеле дур иттифоқ намеафтад. Ва ҳар вақт ҳам, ки иттифоқ ёфт, таърихи онро маҳфуз медоранд ва чунин рӯзҳои таърихиро аз роҳи таъбиду табаррук насорӣ зукрон мегиранд. Ва аввалин синодуси шашгона ин буд, ки сесаду ҳаждаҳ нафар усқуф дар шаҳри Никия дар ҳузури Кустантанин ҷамъ шуданду аз Ариус, ки бо эшон дар «Уқониму уқнумияти ибну аб»[166] ва дар ин ки фитр дар якшанбее аст, ки пас аз қиёми Масеҳ аст, мухолифат карда, ҳар чанд ки ҷамъе аз ҳамин асоқифа бар ин кавл буданд, ки фитр дар рӯзи чордаҳуми моҳи фисҳи яҳуд мебошад.

Синузиси дуюм он бувад, ки саду панҷоҳ нафар усқуф дар Кустантания назди Сидус бинни Аркодис, ки подшоҳи бузург ном дорад, ҷамъ шуданд. Ва аз шаҳсе, ки худро душмани рӯҳулқудус меномид ва авсофи ӯро ғайр аз авсофе медонист, ки эшон конланд ва бо чови-

facebook.com/Китобхона

доиӣ будани уқнуми сеюм мухолифат мегирад, шикоят намуданд.

Синузиси сеюм он буваад, ки сад нафар ускуф дар шаҳри Ифсис назди Синдус (подшоҳи кӯчак ном дорад), гирд омаданд. Ва аз Настурис, ки батриқи Қустантания буд ва раиси насории настурия ва эшонро дар «уқнумияти ибн» мухолифат мекард, шикоят намуданд.

Синузиси чорум он аст, ки шашсаду сӣ нафар дар шаҳри Халқидунид назди Марқиёни малик ҷамъ шуданд. Ва аз Увтихис шикоят намуданд, ки мегӯяд: «Ҷасади Исои раб пеш аз он ки ягона гардад, аз ду табиати мухталиф иборат буд».

Ва Синузиси панҷум назди Устинон гирд омаданду раиси Масисаву Руҳо ва дигар мухолифони худро лаънат карданд.

Синузиси шашум он аст, ки дар Қустантания назди Қустантанини мӯъмине ҷамъ шуданд. Ва эшон саду ҳаштоду нӯҳ нафар ускуф буданд ва аз Қурус ва Симуни соҳир ба подшоҳ шикоят карданд.

Ва рӯзи бисту сеюм зукрони Морҷиваҷуси шаҳид аст, ки ба анвои азоб чанд маротиба ӯро куштанд.

Рӯзи бисту чорум зукрони Моркус, соҳиби дуюмин «Инҷил», аст.

Рӯзи бисту панҷум зукрони Илиё, чослики Хуросон, аст.

Ва рӯзи бисту ҳафтум зукрони Хоистуфурс аст. Ва рӯзи сиюм зукрони Шамъуни Сабоӣ аст, ки дар Хузистон чослики насорӣ буда ва бо дигар масеҳиён, ки бо ӯ буданд, кушта шуд.

Айёр — рӯзи аввали он зукрони Арамъёи набӣ аст. Ва дар рӯзи дуюм зукрони Асомостуси батриқ аст. Ва рӯзи чорум «иди Гули Сурх» аст. Ва ин ид ба ҳамон расми қадими худ истеъмол мегардад. Ва дар Хоразм низ марсум аст. Ва дар ин рӯз гули сурх ба калисоҳо мебаранд. Ва сабаб он аст, ки Марьям ба модари Яҳьё, ки Ёмишбеъ ном дошт, навбари ин гулро ҳадья фиристод. Ва рӯзи шашум зукрони Аюби пайғамбар аст. Ва рӯзи ҳафтум иди пайдоиши салиб аст, ки дар осмон ба зуҳур расид. Ва аҳли таҳсил аз масеҳиён мегӯянд, ки дар ахди Қустантанин, ки «Музаффару Фотеҳ» лақаб дорад, дар осмон чизе монанди салиб аз оташ ва ё нур пайдо шудааст. Ва ба Қустантанин гуфтанд, ки ин аломатро раияти худ гардон, ки ба дигар подшоҳон ғолиб

facebook.com/Китобхона
хохй гашт. Ва ӯ низ чунин карду бар салотин ғолиб омад. Ва бад-ин чиҳат кеши Масеҳро пазируфт. Ва модари худ Хилонаро барои чустани чӯби салиб ба Байтулмуқаддас фиристод. Ва ба гумони масеҳиён салиби Исоро бо ду салиби ду дузди дигар, ки бо Масеҳ эшонро ба дор овехта буданд, биёфт. Ва маълум набуд, ки кадом як аз ин салибҳо салиби Масеҳ бошад. Ва барои ин ки ҳақиқати амрро бишиносанд, ҳар як аз ин салибҳоро бар мурдае гузоштанд. Ва яке аз ин мурдагон. ки салиби Исо бар рӯи ӯ гузошта шуда буд, зинда гашт. Ва дониста шуд, ки салиби воқей ҳамон аст.

Ҷамъе дигар аз масеҳиён, ки аз хосону аҳли таҳсил маҳсуб намешаванд, мегӯянд, ки чун Исоро ба дор овехтанд, салибе, ки дар сурати Дулфин аст ва араб онро «Кауд» гӯяд ва он чор ситора аст назди Насри Воқеъ, ки ба зовиёи шакли муайян монанд аст, дар пеши маҳалли дор ин шакл ба зуҳур расид. Ва пеш аз ин вокеа чунин салибе ва чунин ҳайате дар осмон набуд. Ва бояд аз эшон шигифт намуд, ки намедонанд дар ҷаҳон умматҳое ҳастанд, ки кавокибро бо ниҳояти дикқат расад кардаанд. Ва аз замонҳои хеле дур хилофҳо эшон аз гузаштагон ирс бурдаанд, ки ниёгони ин умматҳо ситорагони Дулфинро, ки дар шумори Савобит маҳсубанд, ба ҳамин ҳайат ёфтаанд.

Ва ин гурӯҳ аз масеҳиён, ки ба зуҳури салиб мӯътақидаанд, дар таъзими он ба воситаи тилисму тазвир ва ҳавасҳо истидлол мекунанд. Чунон ки мегӯянд, «Бани Исроилро худованд амр фармуд, ки море аз мис бисозад ва онро бар чӯбе, ки мансуб буд қарор диҳад». Ва чун дар Тих аз касрати мор ба сутӯҳ омада буданд, бо ин мори сунъй дафъи онҳо сурат мегирифт. Ва насорй мегӯянд, ки ин мор бар салиб муждаест, ки аз пеш дода шудааст. Ҳамчунин истидлоли дигаре доранд, ки асои Мусо хатти мустатиле буд ва чун Исо омад, асои худро бар он биандохт ва салибе ҳадис шуд, ва шариати Мусо ба омадани Исо комил гашт. Ва комил камй ва бешй намепазирад. Ва далел бар ин гуфтор ин аст, ки агар бар салиб як асои сеюм ҳам биандозанд, шомилтар аз ин ки аз ҳар тараф биафтад, ҳарфи «ло» (∪) пайдо мешавад, яъне маънии бе зиёдат ва бе нуксонро ифода мекунад.

Ин кори насорй монанди кори дастае аз мусулмонон

facebook.com/Китобхона
аст, ки ба таъвилот иштиғол ҷустаанд. Ва номи Муҳаммадро ба сурати инсон ташбеҳ мекунанду мегӯянд: «Мим — (م) назири сари ӯст ва «ҳо» (ح) назири баданаш ва мими дуюм назири шиками ӯст. Ва «дол» (د) назири ду пои эшон».

Гумон мекунам, ки ин ашхос хеле аз илми наққошӣ ва тасвир дур афтодаанд. Ва аз тасвия миёна ва сару бадан ва камияти аъзои баромада аз бадан ва аз олати рақулият, ки қивоми оламу насл бад-он аст, ғофиланд. Ва чун ҳеҷ номе аз олати мардонагии инсон набурдаанд, зоҳиран мақсудашон ҷинси зан будааст, на мард.

Намедонам, ки дар номҳое, ки монанди номи «Муҳаммад» аст, ки ё як ҳарф кам дорад ва ё зиёд аз кабили «Ҳамид» ва «Маҷид», чӣ мегӯянд, ки агар бихоҳем ҳуруфи ин номҳоро монанди ин ашхос ташбеҳ кунем кор ба мазоҳу масхара хоҳад кашид.

Ва аҷаб аз ҳикоёти мазкур ин аст, ки насорӣ ба чӯби фавониё дар тасҳеҳи амри салиб истидлол мекунанд ва мегӯянд: «Чун ин чӯбро қатъ кунем, чизе монанди салиб дар он зоҳир мегардад». Ҳатто ин ки ҷамъе мегӯянд, ки аз замони дур овехтани Масеҳ ин аломат дар чӯб ёфт шуд. Ва мегӯянд, ки чун ин чӯбро ба ҷихати ҳамин салибе, ки дорад, ба бемор биёвезем, судманд хоҳем буд, чунон ки бар қиёмати мурдагон далел аст.

Гӯё ки ин даста ҳам аз кутуби тиб бе иттилоъ буданд. Ва аз ҳикояте, ки Ҷолинуси фозил дар навиштаҳои худ аз мутақаддимин бар замони Масеҳ накл кардааст, ғафлат кардаанд, ки пеш аз Исо ҳам ҳамин чӯбро зикр кардаанд, ки барои бемор муфид аст.

Онон, ки аз осори нафсу умури табиӣ ба эътиқодҳои худ истидлол мекунанд, албатта бо таъвил дар он истидлоли эшон дуруст мешавад, вале бояд дар миёни далелу мадлул робитае мавҷуд бошад, на он ки ба сарфи таъвил қаноат кард, зеро дар мавҷудот ҳама кабил шакл ёфт мешавад. Масалан дар зиддиятҳо шакли дутоӣ дида мешавад. Дар бисьёре аз набототу донаҳои он шакли сетоӣ мулоҳиза мегардад. Ва дар ҳаракоти кавокиб ва айёми бӯҳронот шаклҳои чоргӯшае ёфт мешавад. Чунон ки дар бештари баргҳои гул панҷгӯш ёфт мешавад. Ва дар давоиру дар хонаи занбӯри асал ва донаҳои барф шакли мусаддас мавҷуд аст. Ҳам-

facebook.com/Китобхона
чунин дар табиат аз бисёр нафеу табиат ҷомеи ададҳо ба даст меояд, ба хусус дар шукуфаҳо ва авроқ, ки баргҳои ҳар гуле ба ададе хос дар ҷинсе ҷудогона ихтисос дорад. Ва агар аҳли ҳар миллате ба эътиқоди худ бар ин шаклҳо истидлол ҷӯяд, албатта сурати имкон, метавонад, пазируфт. Ва низ дар маъданҳо ашъёи аҷибе, ки ба таври табиат офарида шудаанд, ёфт мегардад. Чунон ки ҳикоят кардаанд, дар масҷиди Байтулмуқаддас дар санге чунин навиштаҷоти кӯҳнае дида мешавад: «Муҳаммад расул-ул-лоҳи салаллоҳу алайҳи ва саллам» (Муҳаммад расули худост ва ӯро раҳмату саломат бифиристад.) Ва дар пушти қиблаи ҳамин масҷид низ ин иборат ба таври фарсудае мактуб аст: «Бисмиллоҳ-и-раҳмон-ир-ра-ҳим. Муҳаммад расул-ул-лоҳӣ насараҳу Ҳамза» (Ба номи худованди раҳиму меҳрубон, Муҳаммад расули худо ва Ҳамза ёрирасон) ва ҳамчунин нигинҳое, ки номи амирулмӯъминин бар он нигошта шуда бошад, бисьёр аст, зеро сурати номи Алӣ дар рӯи сангҳо зиёд иттифоқ меафтад.

Аз ин ҷост, ки баъзе аз доиёни шиа ба фикри нодуруст афтодаанд. Ва яке аз онон аз ман мепурсид, ки оё мумкин аст, аз роҳи санъат тавре номи Алиро бар санг нигошт, ки бо табиӣ фарқ накунад. Ва ман барои ӯ аз «Китоби талвиҳ»-и Киндӣ нусхае нақл кардам, ки бояд чандин чизро гирифту тақтир кар ва бо ин об бар рӯи ақиқ ҳар чире мехоҳанд бинависанд ва чун бар рӯи оташ нигоҳ доранд, китобат бар рӯи он сафед мешавад. Ва ӯ низ чунин кард ва бидуни он ки дар хатти худ саъй кунад, ки мабодо маълум гардад, бар рӯи сангҳо менавишт: «Муҳаммад ва Алӣ». Ва назди шиён мебурду мегуфт: «Ман ин сангро аз фалон ҷо ёфтаам ва ин хатти мактуб дар он табиӣ аст». Ва санги кӯҳнаро ба қимате гарон ба шиаҳо мефурӯхт.

Оре, чизе, ки дар наботот боиси тааҷҷуб аст, ин аст, ки чун боз шуд, атрофи он доирае ташкил медиҳад, ки дар бештари вақтҳо доира қазоёи ҳандасиро монанд аст. Ва дар бештари вақтҳо бо шаклҳои ҳандасӣ мутобиқ аст, вале ҳаргиз бо китои махрутӣ (конус) тавофиқ намеёбад ва ҳаргиз намешавад, ки шахс бубинад ҳафт барг ва ё нӯҳ барг дошта бошад, зеро мумтанеъ аст, ки дар доира ҳафт ва ё нӯҳро ба таври баробарии пахлӯҳо пайдо кард, вале бисьёр мешавад, ки мусаллас, мураб-

facebook.com/Китобхона

баъ, мухаммас, мусаддас ва ё шаклн ҳаҷдаҳпаҳлӯй иттифоқ афтад ва ин амр ба таври аксар ёфт мешавад.

Ҳарчанд мумкин аст, ки гоҳе навъҳое аз наботот ёфт шавад, ки шакли ҳафтпаҳлӯй ва ё нӯҳпаҳлӯй дар доираи даври барги он ёфт шавад, агарчӣ табиат ба таври умум навъҳою ҷинсҳоро ҳифз мекунад, чунон ки агар донаҳои як анорро бишуморед, бо донаи анори дигаре як хоҳад буд. Ва аз ин ҷиҳат дар афъоли табиат гоҳе нодир ғалат ва иштибоҳ рӯй медиҳад, ки дониста шавад, табиат худо нест ва худо ғайр аз он аст.

Акнун ба матлаби худ бозгардем, гӯем. Дар рӯзи ҳаштуми ин моҳ зукрони Юҳанно соҳиби «Инҷил»-и чорум аст ва зукрони Арсенуси роҳиб аст. Ва дар рӯзи нӯҳум зукрони Ишъиёи набӣ аст ва Додишуъ дар тарҷумаи Инҷили худ мегӯяд, ки Шаъбой набӣ аст. Ва дар рӯзи даҳум зукрони Дивисуси ускуф аст. Ва дар рӯзи дувоздаҳум зукрони Афифониус — ранси асоқифа аст. Ва дар рӯзи сездаҳум зукрони Юлианиси шаҳид аст. Ва дар рӯзи понздаҳум, бино бар расми навин, «иди Гули Сурх», аст, зеро дар рӯзи чорум хеле камьёб аст. Ва дар Хуросон масеҳиён ин рӯзро «иди Гули Сурх» мегиранд ва аз рӯзи чорум чашм пӯшидаанд, Ва дар рӯзи шонздаҳум зукрони Закариёи набӣ аст. Ва дар рӯзи бистум зукрони Кирикуси роҳиб аст. Ва дар рӯзи бисту дуввум зукрони Қустантиниуси музаффар аст. Ва ӯ аввал касест, ки ба Бизонтӣ ворид шуд ва дар атрофи он шаҳр ҳисоре сохту шаҳрро ба номи худ номид ва «Кустантания» гуфт. Ва дигар подшоҳон пас аз ӯ дар ҳамин шаҳр монданд. Ва дар рӯзи бисту чорум зукрони Шамъуни роҳиб аст, ки корҳои бисьёр аҷиб шигифт намудааст.

Ҳазирон — рӯзи аввали он «иди Санобил» аст. Ва дар ин рӯз аз зироати гандум кадре хӯша меоваранд ва бар он дуо мехонанд ва аз худо баракат мехоҳанд. Ва дар ин рӯз Зукрони Яҳьё бинни Закариё аст, ки ба номи ӯ барои баракати гандум ба сӯи худованд тазарӯъ мекунанд. Ва ин рӯз барои масеҳиён монанди «иди Ансара» барои яҳудон аст.

Рӯзи сеюм зукронест, ки Бухтанассар атфолро сӯзонид. Ва онон Азариё, Ҳанино ва Мишоил буданд. Ва дар ин рӯз ҳайкалро буньёд намудаанд.

Рӯзи панҷум зукрони Асоносиуси батриқ аст ва дар рӯзи ҳаштум зукрони Киюрилуси батриқ аст, ки Нас-

facebook.com/Китобхона
турис, раиси настуриён, уро аз қатори масеҳиён хориҷ кард. Ва дар рӯзи дувоздаҳум зукрони Мотто, Моркус, Луко ва Юҳанно аст, ки асҳоби «аноҷили чоргона» мебошанд. Ва дар рӯзи хаҷдаҳум зукрони Леонтиуси шаҳид аст. Ва дар рӯзи бисту якум зукрони Барашьёи Қис аст, ки тақрибан дусад сол пас аз Масеҳ кеши масеҳиятро ба Марв овард. Ва дар рӯзи бисту дуюм зукрони Ҷабраил ва Микоил аст,-ки аз руасои фариштагонанд ва насорӣ ба номи ин ду фариштa тақарруб меҷӯянд.

Ва дар рӯзи бисту панҷум зукрони мавлуди Яҳьё бинни Закариё аст ва аз замони мужда ба ӯ то мавлуди ӯ дусаду панҷоҳу ҳашт рӯзи тамом аст, ки ҳаштуним ва даҳьяки моҳ бошад. Ва дар рӯзи бисту шашум зукрони Фибрумиё аст, ки ин занро бо азоб шаҳид кардand. Ва бисту нӯхум зукрони марги Булис аст, ки муаллими масеҳият ва ошкоркунандаи ин тариқа маҳсуб аст. Ва рӯзи сиюм зукрони Битрис аст, ки Шамъун-ус-сафо бошад ва ӯ раиси салиҳиён маҳсуб аст, яъне раиси хавориюн.

Тамуз — рӯзи аввали он зукрони салиҳиён аст, ки дувоздаҳ нафар буданд ва шогирдони Исо маҳсубанд. Ва дар рӯзи сеюм зукрони Тумои сулеҳ аст, ки ба Масеҳ пас аз он ки аз дор овехта шудан баргашт, имон наёвард, то он ки устухонҳои пахлӯи ӯро дид ва асари найзаи яҳудиёнро дар пахлӯи Исо мулоҳиза кард. Ва Тумо касест, ки масеҳиён хама ба дасти ӯ масеҳӣ шуданд. Ва рӯзи панҷум зукрони Зумитиуси шаҳид аст. Ва рӯзи ҳафтум зукрони Брукубиуси шаҳид аст. Ва рӯзи ҳаштум зукрони Морто аст, ки волидаи Шамъун аст, ки мӯъҷизоти аҷибе ба дасти ӯ вуқӯъ ёфт. Ва рӯзи нӯхум зукронест, ки Бухтанассар кӯдакони сегонаро сӯзонид. Ва насорӣ бар ин акидаанд, ки агар номҳои ин се танро набаранд, гармои таммуз ба эшон садма хоҳад расонид. Ва рӯзи даҳум зукрони шуҳадои чилу панҷгона аст. Ва рӯзи ёздаҳум зукрони Фукои шаҳид аст. Ва рӯзи сездаҳум зукрони Сусоили шаҳид аст. Ва рӯзи чордаҳум зукрони Юҳаннои Марвазӣ аст, ки дар наздик ба аҳди мо кушта шуд. Ва рӯзи понздаҳум зукрони Курьёкус ва модари ӯ Юлито аст.

Рӯзи бисту якум «иди Ангур» аст. Ва дар ин рӯз навбари ангурро меоваранд ва бар он дуо мехонанд, ки худованд онро баракату нимо дихад ва аз офот солим нигаҳ дорад. Рӯзи бисту дуюм зукрони Бафнутиуси ша-

facebook.com/Китобхона
ҳид аст. Рӯзи бисту шашум зукрони Фантемун аст, ки пизишке буду шаҳид шуд. Ва рӯзи бисту ҳафтум зукрони Шамъуни роҳиб аст.

Ва рӯзи сиюм зукрони шогирдони Масеҳ аст, ки ҳафтоду ду нафар буданд.

Об — рӯзи аввали он рӯзаи марази Марьям, модари Исо, аст, ки понздаҳ рӯз аст. Ва охирин рӯзи он рӯзи вафоти ӯст. Ва низ дар рӯзи аввали он зукрони Шамуни Мақбоё аст, ки зардуштиҳо ҳафт нафар аз авлоди ӯро куштанд. Ва рӯзи панҷум зукрони Мусо бинни Имрон аст. Ва рӯзи шашум «иди Тури Тобур» аст, ки дар «Инҷил» мазкур аст, ки Мусо бинни Имрон ва Илиё, ки Ильёс бошад, ин ду пайғамбар дар Тури Тобур ба Масеҳ зоҳир шуданд. Ва се нафар аз асҳоби Масеҳ бо ӯ буданд, ки Шамъуну Яъқуб ва Юҳанно бошанд. Ва дар хоб буданд ва чун аз хоб бархостанд ва то ин амрро мушоҳида карданд, гуфтанд. «Худои мо, мақсуд аз ин ҷумла Масеҳ буд, се соябон эҳдос кун: Яке барои худ ва ду дигарро барои Мусо ва Ильёс».

Ва ҳанӯз ин ҷумла тамом нашуда буд, ки се абри дурахшон бар эшон соя афканданд ва Мусову Ильёс дар абр дохил шуданду рафтанд. Ва Мусо солиёни дароз пеш аз ин воқеа мурда буд. Ва ба ақидаи эшон Ильёс зинда аст ва ҳанӯз ҳам ҳасту худро аз мардум мепӯшонад ва дар пинҳонӣ зиндагӣ мекунад. Ва дар рӯзи ҳафтум зукрони Ильёс аст, ки мазкур шуд. Ва рӯзи ҳаштум зукрони Юшӯии набӣ аст, ки шогирди Ильёс бошад. Ва рӯзи нӯҳум зукрони Рабулои усқуф аст. Ва рӯзи даҳум зукрони Момои шаҳид аст. Ва рӯзи понздаҳум иди вафоти Марьям аст. Ва миёни зукрон ва ид ин фарқ аст, ки ид бузургтар аз зукрон ба шумор меравад. Ва рӯзи шонздаҳум зукрони Ишъиё, Ирмиё, Закариё ва Ҳазиқил аст, ки ҳамагӣ пайғамбар буданд. Ва рӯзи ҳафдаҳум зукрони Силокус аст, ки бо номзади худ Истротоник шаҳид шуд. Ва рӯзи бистум зукрони Ишмуили пайғамбар аст. Ва рӯзи бисту якум зукрони Лӯкиуси шаҳид аст. Ва дар рӯзи бисту шашум зукрони Сабои роҳиб аст, ки шайхе фартуту солхӯрда буд. Ва рӯзи бисту нӯҳум зукрони мактали Яҳьё ва буридани сари ӯст. Ва Маъмун бинни Аҳмади Саламии ҳиравӣ мегӯяд, ки дар Байтулмуқаддас тӯдае аз рег дар дарвозаи бузурге дид, ки он дарвозаро Боб-ул-уд мегуфтанд. Ва ба андозаи як теппа ва ё монанди кӯҳ

facebook.com/Китобхона
дар он ҷо ҷамъ шуда буд. Ва бо ӯ гуфтанд, ки инҳоро барои ин рехтаанд, ки ҳамвора хуни Яҳьё бинни Закариё дар ҷӯш буд ва афзун мегашт, то он ки Бухтанассар кушандагони ӯро кушта хунашонро бар рӯи хуни Яҳьё рехту хун сокин гашт. Ва ин ҳикоятро дар «Инҷил» зикр накардаанд. Ва ман намедонам, ки чӣ тавр бояд бовар кард бо он ки Бухтанассар чорсаду чилу панҷ сол пеш аз Яҳьё ба Байтулмуқаддас ворид шуд. Ва харобии дуюми Байтулмуқаддас ба дасти Асбисиёнус ва Титуси Румӣ анҷом гирифт. Гӯё сокинони он ҷо ҳар кас, ки байтро хароб кунад, Бухтанассар мегӯянд, бо он ки шунидам, ки харобии дуюми хона ба дасти Гударз бинни Шопур бинни Афқурас, ки мулуки ашконӣ маҳсуб аст, сурат гирифт. Ва рӯзи сиюми ин моҳ зукрони ҳамаи пайғамбарон аст.

Элул — рӯзи аввали он «иди Иклили Сол» аст. Ва дар ин рӯз намоз мехонанду барои хатми сол, ки бо ин моҳ сурат мегирад ва бо саршавии соли навин дуо мехонанд. Ва рӯзи сеюм зукрони ҳафт нафар шахид аст, ки дар Нишопур кушта шуданд. Ва рӯзи ҳаштум зукрони Ханна модари Марьям ва Юёқим падари ӯст. Ва рӯзи сездаҳум иди фароғат аз созмони ҳайкал аст. Ва рӯзи чордаҳум иди ёфтани Салиб аст, ки Кустантанин ва модараш Хайлона бо чустуҷӯи зиёд ба даст оварданд ва аз чанголи яҳудон берун кашиданду дар Байтулмуқаддас мадфун бувад. Ва дар пеш ин қисса мазкур шуд. Ва рӯзи понздаҳум зукрони синузисоти шашгонаи аст. Ва рӯзи шонздаҳум зукрони Авфимиёи шахид аст. Ва рӯзи бистум зукрони Австосиус ва зану модари ӯст, ки ҳамагӣ чоми шаҳодатро ба сар кашиданд. Ва рӯзи бисту сеюм зукрони Авитлиуси шахид аст. Ва рӯзи бисту чорум зукрони Никлои шахид аст, ки ӯро бо оташ сӯзониданд ва дар ин рӯз дар Элиё иди ибодатхонаи хаётбахш аст. Ва рӯзи бисту панҷум зукрони Хоритунуси роҳиб аст. Ва рӯзи бисту нӯҳум зукрони Иғриғуриуси ускуф аст, ки аҳли Арманияро масеҳӣ кард.

Ин буд он чиро, ки мо аз зукронҳои насории маликой ва идҳои эшон медонистем. Ва баъзе аз онҳоро насторияи мухолифат намекунанд. Ва пас аз он ки боби рӯзаро дар ин миён восита гардонем, ки муштарак миёни харду гурӯҳ аст, идҳою зукронҳои ихтисосии эшонро зикр хоҳем кард.

facebook.com/Китобхона

ФАСЛ

РӮЗА ВА ИДҲОИ ТАРСОЁН, КИ МАВРИДИ ҚАБУЛИ ҲАМАИ ЭШОН АСТ

Мо дар пеш лавозиму шароити Фисҳи яҳудон ва кайфияти истихроҷу илали онро ба андозае, ки аз ҳадди кифоят ҳам зиёдтар бошад, баён кардем.

Рӯзаи насорӣ аз тавобиъи Фисҳи яҳудон аст ва илали он ҳамон илали Фисҳ аст. Ва мо дар чигунагии он гӯем:

Рӯзаи тарсоён чилу ҳафт рӯз аст ва оғози он ҳамвора аз рӯзи душанбе аст. Ва рӯзи чилу нӯҳум фитри он аст, ки «Саонин» ном дорад. Ва шарт намудаанд, ки Фисҳ бояд байни «Саонин» ва фитре, ки ҳафтаи охир аз ҳафтаҳои рӯза аст, воқеъ шавад ва бар «Саонин» пешӣ нагирад ва аз рӯзи охири айёми рӯза ҳам пас наяфтад.

Дар мубоҳисаи гузашта худудеро, ки Фисҳи яҳудон дар он давр мезанад, баён кардем. Валекин тарсоён яҳудонро дар ин кор мувофиқат намекунанд ва дар аввалҳои «Ҷаёҷил» ҳам бо яҳудон ихтилофи бузург доранд. «Ҷаёҷил» ба маънои «давр» аст ва дар суриёнӣ онро «ғайвул» гӯянд, ки бо калимаи «маҳзур» муродиф аст.

Сазовортар ин аст, ки мо ҳамон истилоҳотеро, ки ҳар табақе иттифоқ кардаанд, зикр кунем. Насорӣ «маҳзури кабир»-ро «индиқутиё» номанд, вале чун ин вожа сангин аст, онро «ҷаёҷили бузург» ном ниҳоданд.

Сабаби ихтилофи яҳудон бо тарсоён ин аст, ки ба ақидаи яҳудон соли дахуми маҳзур соли аввали таърихи Искандар аст, вале тарсоён мегӯянд, ки соли сездаҳуми маҳзур соли аввали искандарӣ аст.

Баёни матлаб он аст, ки тоифае аз насорӣ миёни Одаму Искандарро панҷ ҳазору шасту нӯҳ сол донистаанд. Ва баъзе дигар панҷ ҳазору ҳаштоду як сол гуфтаанд. Ва ин қавли охир назди аҳли таҳсил ва таҳқиқ машҳур аст. Ва бештари масеҳиён ҳам бар ин раъянд.

Ва Холид бинни Язид бинни Муовия бинни Абӯсуфьён[167], ки нахустин файласуфи исломӣ аст, чунин мегӯяд. Ва дар бораи Холид гуфтаанд, ки аз ҳамон ғоре, ки Дониёл илми худро истихроҷ кард, ӯ ҳам аз ҳамон ғор

facebook.com/Китобхона

илми хешро истихроҷ намуд. Ва ин ҳамон ғорест, ки Одам-Абулбашар он чиро, ки медонист дар он ҷо ба амонат ниҳод. Ва гуфтаи Холид ин аст:

(Даҳ сол пурра гардиду боз се соли дигар илова шуд. Ба сад соли шумурдашуда шаш ҳазори дигар ҷамъу зам гардид. Баъди ин Муҳаммад, офаридгори дини худо — ислом, зоҳир мешавад. Ва он бо соли ҳиҷрат ҳақиқию амалӣ мегардад.)

Баёни гуфтаи Холид он аст, ки ҳиҷрат дар соли нӯҳсаду сию сеи искандарӣ воқеъ гашт. Ва чун ин миқдорро аз маҷмӯи таърихи олам, ки шаш ҳазору саду сездаҳ бошад, кам кунем, панҷ ҳазору саду ҳаштод сол боқӣ мемонад.

Сипас насорӣ ин солҳоро бадал ба «ҷаёҷил»-и суғро намуданд ва дувоздаҳ сол боқӣ монд. Ва ин муддати солҳоест, ки аз оғози «ҷаёҷил» то аввали таърих боқӣ монда ва «иббур»-ро дар ин муддат ба ҳисоби 2—5—7—10—3—6—3 тартиб доданд, зеро танҳо 2—5—7—10—3—6—3 аст, ки дорои тартибе қоим ба зот аст ва аз нуқсони чизе аз таворих бениёз аст.

Насорӣ Фисҳи худро дар соли аввали «ҷаёҷил» дар рӯзи бисту панҷуми моҳи озар қарор доданд, зеро солеро, ки Масеҳ дар он сол ба дор овехта шуд, ин тавр иқтизо мекунанд. Ва Фисҳҳои дигар солиёнро бо ин тартиб карданд. Ва дар натиҷа мунтаҳои тақаддуми он рӯзи бисту яккуми моҳи озар аст ва ғояти таърихи он рӯзи ҳаҷдаҳуми моҳи найсон, ки ҷамъ бисту ҳашт рӯз мешавад.

Пас, ғояти тақаддуми Фисҳ аз эътидоли баҳорӣ, ки айён бад он гувоҳӣ медиҳад ба андозаи ду рӯзи тамом аст. Ва аз ин сабаб чунин карданд, ки хостанд худро аз ҳафтуми қонуни аз қавонини салиҳиён ҳифз доранд. Ва он қонун ин аст, ки ҳар ускуфе ва ё ҳар (бузургони тарсоён) ва ё шаммосе иди Фисҳро пеш аз баробарии шабонарӯз бо яҳудон мувофиқат кунад, аз дараҷа ва пояи худ соқит мегардад.

Агар фитри насорӣ ҳамон Фисҳи яҳудон буд ва ё ба андозаи мафрузе аз Фисҳ дур буд, албатта тағйире намегузируфт. Ва бо Фисҳ рафиқи роҳ буд. Ва чун мувозӣ бо он буд, дар ҳар рӯзе, ки Фисҳ иттифоқ меафтад, ин низ дар ҳамон рӯз мебуд. Валекин чун бар Фисҳ мукаддам аст, ғояти тақаддуми он аз ғояти тақаддуми

Шакли чадвали «Хроникун»-и насорӣ

Даври мох		1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18	19
Соли кабиса	Даври Шамс	Шубот	Шуботи озар	Шубот	Шубот	Шубот	Шубот	Шубот	Озар	Шубот	Шуботи озар	Шубот	Шубот	Шуботи озар	Шубот	Шубот	Шубот	Шубот	Озар	Шубот
	1	11	25	18	4	25	11	4	25	11	4	18	11	25	18	4	25	11	4	18
	2	10	3	17	3	24	17	3	24	10	3	17	10	24	17	3	24	10	3	24
Кабиса	3	9	1	16	9	23	16	8	23	9	1	23	9	1	16	9	23	16	1	23
	7	7	28	4	7	28	14	7	21	14	28	21	7	28	14	7	21	14	7	21
	5	6	27	20	6	27	13	6	20	13	27	20	6	27	13	6	27	13	6	20
	6	12	26	19	5	26	12	5	19	12	5	19	5	26	19	5	26	12	5	19
Кабиса	7	11	3	18	4	25	18	3	25	11	3	18	11	25	18	4	25	11	3	25
	8	9	2	16	9	23	16	2	23	9	2	16	9	2	16	2	23	16	2	23
	9	8	1	15	8	22	15	8	22	8	1	22	8	1	15	8	22	15	1	22
	10	7	28	14	7	28	14	7	21	14	28	21	7	28	14	7	21	14	7	21
Кабиса	11	13	27	20	6	27	13	5	20	13	5	20	6	27	20	6	27	13	5	20
	12	11	25	18	4	25	11	4	25	11	4	18	11	25	18	4	25	11	4	18
	13	10	3	17	3	24	17	3	24	10	3	17	10	24	17	3	24	10	3	24
	14	9	2	16	9	23	16	2	23	9	2	16	9	2	16	2	23	16	2	23

facebook.com/Китобхона

Кабиса	15	8	29	15	8	29	15	7	22	15	29	22	8	29	15	8	22	15	7	22
	16	6	27	20	6	27	13	6	20	13	27	20	6	27	13	6	27	13	6	20
	17	12	26	19	5	26	12	5	19	12	5	19	5	25	19	5	26	12	5	19
	18	11	25	18	4	25	11	4	25	11	4	18	11							
	19	10	2	17	10	24	17	2	24	10	2	17	10	2	18	4	25	11	4	18
Кабиса	20	8	1	15	8	22	15	8	22	8		22			17	3	24	17	2	24
	21	7	28	14	7	28	14	7	21	14	1	21	8	1	15	8	22	15	1	22
	22	6	27	20	6	27	13	6	20	13	28	20	7	28	14	7	21	14	7	21
	23	12	26	19	5	26	12	4	26	12	27	19	6	27	13	6	27	13	6	20
Кабиса	24	10	3	17	9	24	17	3	24	10	4	17	12	26	19	5	26	12	4	19
	25	9	2	16	9	23	16	2	23	9	3	16	10	24	17	3	24	10	3	24
	26	3	1	15	8	22	15	8	22	8	2	22	9	2	16	2	23	16	2	23
	27	7	28	21	7	28	14	6	21	14	28	21	8	1	15	8	22	15	1	22
	28	12	26	19	5	26	12	5	19	2	5		7	28	14	7	28	14	6	21
												19	5	26	19	5	26	12	5	19

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона
Фисҳ як рӯз мутааххир мешавад, ки рӯзи бисту дуюми моҳи озор бошад.

Аммо ғояти таърихи он аз ғояти таърихи Фисҳ як ҳафта аст, зеро агар дар як рӯз иттифоқ бияфтад, фитри рӯзи якшанбее хоҳад шуд, ки дунболи он аст. Пас, дар натиҷа як ҳафта аз он мутааххир хоҳад буд. Ва чун иди Фисҳ ба ғояти таъхири худ бирасад, фитр ҳам дар ғояти таъхири худ дар рӯзи бисту панҷуми моҳи найсон хоҳад буд.

Ва аз ин ҷост, ки рӯзҳое, ки фитри эшон дар он пешу пас меравад, сию панҷ рӯз аст. Ва бад-ин сабаб оғози рӯза ҳам ба тавозӣ бо он дар ҳамин айём пешу ақиб меравад. Ва аввали ин рӯзҳо дуюми моҳи шубот аст ва охири он рузи ҳаштуми моҳи озар аст, ки дар натиҷа мунтаҳои дурии миёни оғози рӯза ва Фисҳ чилу нӯҳ рӯз аст. Ва камтарин дурии байни ин ду ид чилу ду рӯз аст.

Миёни истиқболи Фисҳ ва иҷтимои озар дар санаи басит ва иҷтимои озари соиӣ дар санаи иббур чилу чор рӯзу ҳафт соату даҳьяк соат аст. Пас, ин иҷтимоъ ҳамвора миёни аввали дурии кам ва аввали дурии зиёд ҷой дораду наздик ба оғози савм воқеъ мешавад. Ва ба ин тариқ бояд аввали моҳ рӯзаро ба даст овард, ки ба иҷтимое, ки дар моҳи шубот рӯй медиҳад, назар кунем ва бубинем, ки кадомин душанбе аз душанбеҳои қаблу баъди он ба он наздик аст. Пас, агар дар ҳадди рӯза, ки аз дуюми моҳи шубот то ҳафтуми моҳи озор аст, воқеъ шавад, он душанбе рӯзи аввали рӯза аст. Ва агар дар ин ҳад набошад, ин иҷтимоъ суст мешавад ва бо иҷтимои дуюм, ки пас аз он аст, амали мазкурро анҷом медиҳанд. Ва аз ин кор аввали рӯзаро ба даст меоваранд.

Фисҳ, чунон ки дар пеш гуфтем, агар ба мунтаҳои тақаддуми худ бирасад, ба бисту якуми моҳи озор хоҳад расид. Ва чун истиқбол дар моҳи озар рӯй диҳад ва бо рӯзи шанбе мусодиф гардад, соли оддӣ хоҳад буд. Ва иҷтимое, ки мӯътабар аст, пас аз гузаштани чор рӯз аз моҳи шубот аст. Ва он душанбее, ки бар он мутақаддам аст, ба он наздиктар хоҳад буд. Ва агар сол оддӣ набошад, аввали сол ва рӯзи аввали рӯза аст. Ва агар ҳам соли оддӣ бошад, рӯзи дуюми моҳи шубот мешавад, ки боз дар ҳадди рӯза воқеъ аст ва нахустин рӯзи рӯза хоҳад буд.

facebook.com/Китобхона
Рӯзи ғалабаи Масеҳ он аст, ки дар соли ҳаҷдаҳуми моҳи найсон бошад. Ва чун истиқбол дар он иттифоқ афтад ва рӯзи якшанбе бошад, соли иббур хоҳад буд ва иҷтимое, ки қобили эътибор аст, иҷтимои моҳи озори соний аст, ки дар рӯзи панҷуми моҳи озори суриёнӣ бошад.

Ва рӯзи ҳаштуми он душанбеест, ки пас аз он аст ва ба он наздиктар аст, зеро аввали моҳи озори суриёнӣ рузи душанбе аст. Пас, дар натиҷа аввали савм рӯзи ҳаштум аз моҳи озорест, ки охири савм аст.

Ва агар ба иҷтимои моху озори аввал баргардем, хохем дид, ки дар солҳои кабиса рӯзи панҷуми моҳи шубот иттифоқ меафтад. Ва аввали моҳи шубот рӯзи якшанбе мешавад. Пас, душанбеи мутақаддам аз дигар душанбеҳо ба он наздиктар мешавад ва он аввали ҳадди рӯза аст .Ва агар дигар шароит бо он ёфт шавад, салоҳият дорад, ки аввали ҳадди рӯза гардад. Ва шароити мазкур ин аст, ки агар онро аввали рӯза қарор диҳем, фитр ба андозаи як моҳ пеш аз Фисҳ воқеъ шавад. Ва ин кор бинобар усули эшон муҳол аст. Ва низ агар сол кабиса набошад, иҷтимоъ дар рӯзи чорум аз моҳи шубот воқеъ мешавад. Пас, рӯзи душанбеи пешин ба он наздиктар ва аввали моҳи шубот аст, ки чун аз ҳад хориҷ шудааст, бояд онро соқит кард ва ба иҷтимои баъдӣ назар намуд.

Пайравони Масеҳ ниёзманд шуданд, ки фисҳи яҳудиро бишиносанд, то огози рӯзаи худро истинбот кунанд. Ва ин масъаларо аз яҳудиён пурсиданд. Ва чун яҳуд бо масеҳиён душман буданд, барои ин ки ононро гумроҳ кунанд, пурсиши пайравони Исоро бар хилофи воқеъ посух гуфтанд. Ва илова бар ин таворихи ҳамаи насорӣ бо ҳам муттафиқ набуд. То он ки дастае аз махосибони эшон бар тасҳеҳи амр камар бастанд. Ва ин солҳоро бо амалҳои гуногун дар даврҳои мухталиф хисоб карданд. Ва чадвалеро, ки дар кор бастани он ҳамдилу ҳамдастон шуданд, чадвалест, ки «Хроникун» ном гузоштаанд. Ва масеҳиён бар ин гумонанд, ки Ивсеи ускуфи Кайсория бо сесаду ҳаҷдаҳ нафар аз асоҳифа дар синузиси аввал хисоб карда аст. Ва чадвал ин аст: инг. ба сах. **348**.

Нахустин рӯзи якшанбее, ки пас аз фитр аст, «якшанбеи пав» ном дорад. Ва дар ин рӯз Исо сафед пӯшид. Ва гоҳ иттифоқ меафтад, ки ин рӯзро барои амал-

Ҷадвали рӯзаҳои насрониён

Даври Камар	Соли асл	Соли кабисаи румӣ	Даври мох	Мохҳои фисхи суриёнӣ	Рӯзҳои мох	Хатҳое, ки барои муайян кардани рӯзаҳои насриён							Рӯзаи солҳои оддӣ	Рӯзаҳои соли кабиса	Идҳои киёмат	Идҳои фалакӣ	Идҳои Бинти-кастӣ
1	1		15	Озор	21	5	6	7	1	2	3	4	Шубот	Шубот	Озор	Найсон	Аёр
2	2		1	Озор	22	6	7	1	2	3	4	5	3	3	22	30	10
3	4	Кабиса				7	1	2	3	4	5	6	3	4	23	Аёр	11
4	5		12	Озор	24	2	3	4	5	6	7	1	4	5	24	2	12
5	6		1	Озор	25	1	2	3	4	5	6	7	5	6	25	3	13
6	7					3	4	5	6	7	1	2	6	7	28	4	14
7	2	Кабиса	9	Озор	27	4	5	6	7	1	2	3	7	8	27	5	15
8	3					5	6	7	1	2	3	4	8	9	28	6	16
9	4		17	Озор	29	6	7	1	2	3	4	5	9	10	29	7	17
10	5		6	Озор	30	7	1	2	3	4	5	6	10	11	30	8	18
11	7	Кабиса				1	2	3	4	5	6	7	11	12	31	9	19
12	1		14	Найсон	1	2	3	4	5	6	7	1	12	13	Найсон	10	20
13	2		3	Найсон	2	3	4	5	6	7	1	2	13	14	2	11	21
14	3					4	5	6	7	1	2	3	14	15	3	12	22

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

15	5 Кабиса	11	Найсон	4	5	6	7	1	2	3	4	15	16	4	13	23		
16	6				6	7	1	2	3	4	5	16	17	5	14	24		
17	7	19	Найсон	6	7	1	2	3	4	5	6	17	18	6	15	25		
18	1	3	Найсон	7	1	2	3	4	5	6	7	18	19	7	16	26		
19	3 Кабиса			9	2	3	4	5	6	7	1	19	20	8	17	27		
20	4	16	Найсон		3	4	5	6	7	1	2	20	21	9	18	28		
21	5	5	Найсон	10	4	5	6	7	1	2	3	21	22	10	19	29		
22	6				5	6	7	1	2	3	4	22	23	11	20	30		
23	1 Кабиса	13	Найсон	12	6	7	1	2	3	4	5	23	24	12	21	31		
24	2	2	Найсон	13	7	1	2	3	4	5	6	24	25	13	22	Хазирон 1		
25	3				1	2	3	4	5	6	7	25	26	14	23	2		
26	4	10	Найсон	15	2	3	4	5	6	7	1	26	27	15	24	3		
27	6 Кабиса				3	4	5	6	7	1	2	27	28	16	25	4		
28	7	18	Найсон	17	4	5	6	7	1	2	3	28	29	17	26	5		
		7	Найсон	18	5	6	7	1	2	3	4	1	Озар 1	18	27	6		
					6	7	1	2	3	4	5	2	2	19	28	7		
					7	1	2	3	4	5	6	3	3	20	29	8		
					1	2	3	4	5	6	7	4	4	21	30	9		
					2	3	4	5	6	7	1	5	5	22	31	10		
					3	4	5	6	7	1	2	6	6	23	Хазирон 1	11		
					4	5	6	7	1	2	3	7	7	24	2	12		
					5	6	7	1	2	3	4	6	6	25	3	13		

facebook.com/Китобхона
ҳою шартҳо ва қабулаҳо мавдаъ қарор медиҳанд, зеро ин рӯз ба мартабаи рӯзи аввалин якшанбе аст. Ва якшанбее, ки бар он муқаддам аст, ба фитр, ки номе машҳуртар аст, мавсум аст. Ва ҳама якшанбеҳо барои ин ки саонину қиёмат дар он иттифоқ меафтад, назди масеҳиён мӯҳтарам аст, чунон ки шанбеҳо назди яҳудон ҳамин тавр аст. Ва худованд дар рӯзи шанбе, мутобиқи «Таврот», аз офариниш фароғату осудагӣ ёфт. Ва баъзе аз уламои ислом ҳикоят кардаанд, ки аз ин сабаб рӯзи одина, назди мо мусулмонон, мӯҳтарам аст, ки худованд аз офариниш дар ин рӯз осуда гашт ва дар колбуди Одам ҷон дамид. Вале ба ақидаи мунаҷҷимон сабаби таъзими рӯзҳо дар милал ин аст, ки шумораи рӯзҳои ин ҳафта бар маволиди анбиёи эшон чира шуда ва далелҳои қиронот, ки бар зуҳури эшон далолат дорад, дар он аст.

Чил рӯз баъд аз фитр «иди Сулоқо» аст, ки пайваста дар панҷшанбе иттифоқ меафтад. Ва дар ин рӯз Масеҳ аз тӯри Зайта ба осмон рафт ва шогирдони худро амр кард, ки дар болохонае, ки дар Байтулмуқаддас аст, бимонад, то он ки Форақлитро, ки руҳулқудус аст, аз сӯи худ барои эшон бифиристад.

Даҳ рӯз пас аз Сулоқо ҳамвора рӯзи якшанбеест, ки «иди Бинтиқастӣ» ном дорад, ва он рӯз нузули Фораклит аст. Ва Масеҳ дар ин рӯз барои шогирдони худ таҷаллӣ кард, ки «Солиҳун» ном доранд. Ва ӯ аз нафрату андешаи бади шогирдони худ хабар ёфт. Аз ин рӯ ҳар кадом ба ҳамон луғате, ки илҳом шуданд, баранғехта гаштанд барои даъват ва таблиғ. Ва дар шоми ин рӯз насориён ба замин саҷда мекунанд, зеро аз оғози фитр саҷда намекунанд ва фақат рост истода намоз мехонанд. Ва барои ин намоз каломи мӯътабар дар дини эшон аст. Ва дар ҷамеи айёми якшанбеҳо ва инчунин дар охири қавонини «синузиси» аввал» дар ин бобат қайд карда шудааст.

Аввали рӯзаи салиҳин, ки ба ақидаи насории малиқия «ҳавориён» бошанд, чоршанбее аст, ки даҳ рӯз пас аз «Бинтиқастӣ» аст. Ва фитри он ҳамвора рӯзи якшанбе аст, пас аз он ки чилу шаш рӯз аз аввали рӯза гузашт.

Рӯзи сеюм аз рӯзҳои ин рӯза рӯзи ҷумъа аст, ки «ҷумъат-уззахаб» мегӯянд. Ва вачҳи номгузорӣ ин аст, ки ҳавориюн бар марде гузаштанд, ки аз аҳли Бай-

facebook.com/Китобхона
тулмуқаддас буд. Ва он мард замингир буду аз мардум суол мекард ва эшонро ба худо савганд дод, ки ба ӯ чизе бидиҳанд. Ва ҳавориюн гуфтанд: «Мо симу заре надорем, ки ба ту бидиҳем, валекин аз чои худ бархезу тахти худро бардор ва аз паи кори худ рав. Ва мо чуз ин кор бар чизи дигаре тавоно нестем». Он мард низ чунин кард, ки ӯро гуфтанд.

Бештари ин рӯзҳо дар чадвали рӯза, ки дорои ҳафт сатр аст, қарор дода мешавад. Ва чун рӯзаро аз он чадвал истихроҷ кунанд, бар ин идҳо, ба таври дафъӣ ва як мартаба огоҳӣ меёбанд: (сах. 352—353).

ФАСЛ

ИДҲОИ НАСОРОИ НАСТУРӢ ВА ЗУКРОНҲОЮ РӮЗАҲОИ ЭШОН

Настурасӣ, ки ин гурӯҳ ба ӯ мансубанд, дар усули мазҳаби масеҳият бо маликоия мухолифат кардааст. Ва ин мухолифат боиси дуӣ ва зиддияти ин ду гурӯҳ шудааст. Ва хилофи ӯ ин аст, ки пайравони худро барои мубориза бо душманону мухолифон амр намудааст, ки ба истидлолу қиёс хӯ гиранд ва бояд дар дин нуқтаи назар пайдо кунанду аз зери бори тақлид берун оянд, бо он ки душманони ӯ бо истидлол мухолифу ба тақлиди падарон розианд. Ва ман то андозае, ки аз идҳою дигар рӯзҳои маъруфи эшон медонам, зикр мекунам.

Гӯем, настурия бо маликоия дар чанде аз айёми машҳур мувофиқат кардаанд ва дар баъзеи дигар аз идҳо мухолифат намудаанд.

Аммо идҳоеро, ки мухолифат кардаанд, ба ду қисм тақсим мешавад:

Қисми аввал — идҳое, ки ба куллӣ настурия аз онҳо даст кашидаанд.

Қисми дуюм — идҳое, ки ҳанӯз нест нашуда ва фақат ба ақидаи маликоия настуриён чои онҳоро тағьир додаанд ва бад-он тавр, ки сазовор аст, амал намекунанд. Ва як қисми дигар айём доранд, ки на маликоиён онро истеъмол кардаанд ва на ба рӯзҳое, ки маликоиён истеъмол мекунанд, мукайид аст. Идҳоеро, ки настурия бо маликоия мувофиқат кардаанд, Милод, иди

facebook.com/Китобхона
Динҳ, Идушшамъ, иди аввали рӯза, иди «Саноин»-и кабир, иди шустани пойҳои ҳавориин, Фисҳи Масеҳ, чумъаи салбут, қиёмат, фитр, якшанбеи нав, иди Сулоқо, «Бинтиқастӣ», рӯзаи морт — Марьям ва порае аз зукронҳои маликоия аст.

Аммо идҳоеро, ки бо маликоия мувофиқат кардаанд ва танҳо дар вақт ва тарзи ба кор бастани он мухолифат кардаанд, бад-ин қарор аст. «Моалсо» — он идест, ки аз саҳни ҳаёкил дар зери сақф мераванд ва ин идро барои рӯҷӯи Бани Исроил ба Байтулмуқаддас анҷом додаанд. Ва низ онро «қудси ато» мегӯянд. Ва ин рӯз аввалини якшанбе дар моҳи тишрини охир аст, агар аввали тишрин рӯзи чоршанбе то рӯзи якшанбе бошад. Ва аммо агар аввали тишрин душанбе ё сешанбе бошад, охирин якшанбе дар моҳи тишрини аввал аст.

Ва меъёри он чунон ки аз Юҳаннои Маллафон шунидам, якшанбеест, ки воқеъ байни рӯзи сиюм аз моҳи тишрини аввал, то рӯзи панҷум аз тишрини охир бошад.

Ва монанди иди Суббор, ки Марьямро ба ҳамли Масеҳ мужда доданд ва ин ид аввалин якшанбеест, ки дар моҳи аввал бошад, агар аввали моҳи конун миёни рӯзи чумъа ва якшанбе воқеъ гардад. Ва ё охирин якшанбе дар моҳи тишрини охир аст, агар мобайни душанбе ва панҷшанбе бошад. Ва ба ҳар ҳол панҷумин якшанбе аз якшанбеи «Моалсо» аст. Ва аввали моҳи конуни аввал аз солҳои мелодӣ рӯзи якшанбе буда ва байни ону байни мелод бисту панҷ рӯз аст. Ва насории настурӣ мегӯянд: «Ҳамин тавр, ки Масеҳ бо мардуми дигар аз ҷиҳати тавлид дар таносул мухолифат дошт, ҳамчунин дар муддати ҷанин будан ҳам хилофи одат аст. Ва аз ин ҷиҳат сазовор аст, ки ҳам вақте бад-ӯ башорат дода шавад, ки истиқрор дар шиками модар ёфт ва ё кас аз истиқрор дар батни модар ва ё пеш аз он ин мужда дода шавад. Ва чунин ҳикоят карданд, ки суббор назди яъқубия даҳум аз моҳи найсони ибронӣ аст. Ва ин рӯз дар соли пеш аз мелод, шонздаҳум аз моҳи озори суриёнӣ будааст. Ва монанди рӯзаи морт-Марьям, ки он дар рӯзи душанбест, ки пас аз рӯзи суббор аст ва фитри он рӯзи мелод, ва қатл шудани Яҳьёи таъмиддиҳанда назди настуриён рӯзи бисту чоруми моҳи об аст. Ва эуқрони Шамъун бинни Сабот, яъне Иби-ас-Сибоғ дар

facebook.com/Китобхона
хафдаҳуми моҳи об аст. Ва иди Салиб назди эшон рӯзи сездаҳуми моҳи элул аст. Ва дар ин рӯз будааст, ки Хилона салибро берун овард ва дар рӯзи чордаҳум ба мардум нишон дод ва ба гирди салиб ҷамъ шуданд. Пас, ин даста рӯзи берун овардани салибро ид гирифтанд. Ва он даста рӯзеро, ки ба мардум салибро нишон доданд, ид гирифтанд. Ва аммо идҳоеро, ки маликоия истеъмол мекунад ва бо он чӣ настуриҳо истеъмол кардаанд, муқайид аст, монанди зукрони Юҳаннои Қашқафонӣ, ки ин зукрон дар рӯзи аввал аз моҳи тишрини аввал мебошад. Ва зукрони «Морфисун», ки дар бисту панҷуми моҳи тишрини аввал аст. Ва иди Дайри Юҳанно, ки дар рӯзи шашум аз моҳи конуни аввал аст. Ва иди Канисаи Марьям дар Байтулмуқаддас, ки дар рӯзи ҳафтум аз моҳи конуни охир аст. Ва зукрони Морфуниё, ки дар бисту панҷуми моҳи ҳазирон аст ва иди Таҷаллии охирин зуҳури Масеҳ барои мардум ва дар шашуми моҳи об аст. Ва зукрони Кирсину Кирсос, ки дар рӯзи сеюми моҳи элул аст.

Аммо идҳоеро, ки настурия ба рӯзҳои ҳафта муқайид кардаанд, бидуни ин ки дар ин кабил идҳо бо маликоия иштирок ва мавриди иттифоқе дошта бошанд, бадин қарор аст:

Зукрони Кутои роҳиб, ки «Морсирҷис» бошад дар рӯзи ҳафтум аз моҳи тишрин аст, агар аввали моҳи тишрин рӯзи якшанбе бошад ва агар набошад, таърих меафтад ба якшанбее, ки пас аз ҳафтум аст.

Ба монанди иди Дайри Абухолид, ки дар рӯзи ҷумъаи чоруми ин моҳ аст.

Ва монанди зукрони Барсафо, ки дар охирин рӯзи якшанбеи моҳи элул аст. Ва монанди Дайр-ус-Саолиб, ки охирин рӯз дар моҳи элул аст. Магар ин ки аввали тишрини аввали соли оянда рӯзи якшанбе бошад, ки он вақт бояд идро то он рӯз таъхир андохт. Ва аз моҳи элул ид хориҷ шавад. Ва дар ин сол иде наёҳад буд.

Ва соли оянда ду бор ид дорад: яке дар оғози сол, яке дар охири сол.

Аммо идҳоеро, ки бо айёми муштарак миёни ин ду гурӯҳ муқайид гардидааст, се қисм мебошад:

Қисми аввал, онҳоест, ки бар рӯзаи бузург мавсум аст, ё ба фитри он.

Қисми дуюм онҳоест, ки ба мелод мавсум аст.

facebook.com/Китобхона

Чадвали идхои вобаста ба рӯза

| | | |

12	13	23	24	8		20	29	21	1 хазирон	19	19	20		27	14	22	23	23						
13	14	24	25	9		21	30	22	2	20	20	21		28	15	23	24	24						
14	15	25	26	10		22	1 ёр	23	3	21	21	22		29	16	24	25	25						
15	16	26	27	11		23	2	24	4	22	22	23		30	17	24	24	26						
16	17	27	28	12		24	3	25	5	23	23	24		31	18	25	26	27						
17	18	28	29	13		25	4	26	6	24	24	25	1	элул	19	26	27	28						
18	19	1 охир		14		26	5	5	27	7	25	26		2	20	27	28	29						
19	20	2		15		27	6	6	28	8	26	27		3	21	28	29	30						
20	21	3		16		28	7	7	29	9	27	28		4	22	29	30	31						
21	22	4		17		29	8	8	30	10	28	29		5	23	30	31	1	шубот					
22	23	5		18		30	9	9	31	11	29	30		6	24	31	1	2						
23	24	6		19		1 ёр	10	10	1 хазирон	12	30	31		7	25	1 тишрини охир	2	3						
24	25	7		20		2	11	11	2	13	31	1 об		8	26	2	3	4						
25	26	8		21		3	12	12	3	14	1 об	2		9	27	3	4	5						
26	27	9		22		4	13	13	4	15	2	3		10	28	4	5	6						
27	28	10		23		5	14	14	5	16	3	4		11	29	5	6	7						
28	29	11		24		6	15	15	6	17	4	5		12	30	6	7	8						
										18	5	6		13	тишрини аввал	7	8	9						
1	1	12		25		7	16	16	7															
2	2	13		26		8	17	17	17	19	6	7		14	2	8	9	10						
3	3	14		27		9	18	18	18	20	7	8		15	3	9	10	11						
4	4	15		28		10	19	19	19	21	8	9		16	4	11	11	12						
5	5	16		29		11	20	20	20	22	9	10		17	5	12	12	13						
6	6	17		30		12	21	21	21	23	10	11		18	6	13	13	14						
7	7	18		31		13	22	22	22	24	11	12		19	7	14	14	15						
8	8	19		1 май сон		14	23	23	23	25	12	13		20	8	15	15	16						

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

Қисми сеюм онҳоест, ки ба иди Динҳ васл аст.

Аммо онҳое, ки ба рӯзаи бузург васл аст, ё ба аввали он ва ё ба охираш васл аст, монанди ҷумъаи аҳодир, ки рӯзи дувоздаҳум аз аввали рӯза бошад. Ва монанди «Форуқа» яъне наҷот, ки рӯзи панҷшанбеи бисту чорум аз аввали рӯза бошад.

Ва монанди зукрони Мортарсиё ва зукрони Моркус ва тифле буд, ки аз насроният барнагашт, то кушта шуд, ки ин ид рӯзи ҷумъа бистуми фитр аст.

Ба монанди зукрони Сурин ва Даврони арманӣ, ки ба дасти Шопури Малик кушта шуданд, ки дар рӯзи бисту нӯҳӯми фитр аст ва рӯзаи Салеҳин, ки аввали он назди настурия пайваста рӯзи душанбе аст. Пас аз фитри кабир ба ҳафт рӯз ба дунболи Бинтиқастӣ аст. Ва айёми рӯза чилу шаш рӯз аст. Ва фитри он ҳамвора рӯзи ҷумъа аст. Ва зукрони Марабдо, ки шогирди Марморӣ буд. Ва он дар рӯзи панҷшанбе чордаҳуми фитри-Салеҳин аст. Ва ин фитр ба фитри кабир мансуб аст.

Ва монанди зукрони Марморӣ, ки рӯзи панҷшанбе понздаҳум аз фитри Салеҳин аст. Ва монанди рӯзаи Илиё, ки аввали он рӯзи душанбе аст. Пас аз бисту як ҳафта аз фитри кабир ва айёми он чилу ҳашт рӯз аст. Ва фитри он рӯзи якшанбе аст.

Ва монанди рӯзаи Нинавӣ, ки рӯзи душанбеест, ки бисту ду рӯз аз аввали рӯзаи бузург пештар аст. Ва ин рӯза бояд се рӯз бошад. Ва мегӯяд, ки чун худованд азобро бар қавми Юнус нозил сохт.

Сипас, кашф кард ва имон оварданд, ки се рӯзро рӯза гирифтанд. Аммо лайлаи мошуш, ки шаби ҷумъа бошад ва дар он ихтилоф кардаанд. Баъзе гуфтанд, ки он шаби ҷумъа нуздаҳум аз рӯи рӯзаи Илиё аст. Ва баъзе гуфтанд, ки ҷумъаест, ки Масеҳ дар он ба дор овехта шуд. Ва баъзе гуфтаанд, ки он ҷумъаи шӯҳадо аст. Ва он якшанбе пас аз овехтан аст. Ва аз миёни ин се қавл қавли аввалро тарҷеҳ медиҳам.

Ва чун аввали рӯза дар сол мақсуд дониста шавад ва дар ҷадвали рӯзаи муставӣ дохил шавад, агар соли муставӣ бошад ё дар ҷадвали рӯза дохил кунанд, агар соли кабиса бошад, он вақт дар мукобили ҳар ҷадвале мавсум ба рӯза дурии онро аз он чи гуфта шуд ва аз рӯзаи Нинавӣ, ки бар ҳама мутақаддим аст, меёбанд. Ва ҷадвал ин аст: (сах. 358—359).

facebook.com/Китобхона
Аммо идҳоеро, ки ба Милод муттасил намудаанд, бад-ин қарор аст:

Иди Ҳайкал ва он рӯзи якшанбеест, ки дар дунболи Милод воқеъ аст. Ва монанди зукрони морт ва маънои возеҳи «морт» — занест озода ва бузургвор. Ва он рӯзи ҷумъаест, ки дар дунболи Милод аст, магар ин ки Милод рӯзи панҷшанбе бошад, ки агар чунин чизе иттифоқ афтад ба ҷумъаи дуюм онро меандозанд, то ин ки дар дунболи Милод наафтад. Ва ин кор барои ин аст, ки шаби панҷшанбе мутавассити миёни рӯзи панҷшанбе ва рӯзи ҷумъа аст.

Ва аммо идҳое, ки ба «Динҳ» муттасил аст, монанди рӯзи азорӣ ва он рӯзи душанбе аст, ки дар дунболи иди «Динҳ» аст. Ва ин ид се рӯз аст ва фитри он рӯзи панҷшанбе аст. Ва ибодиҳо ва масеҳиҳои араб онро ба кор мебаранд. Ва гуфтаанд, ки сабаби он ин аст, ки подшоҳи Ҳира пеш аз ислом, аз духтарҳои дӯшизаи ибодӣ чандин нафарро интихоб кард, то он ки ононро ба занӣ бигирад. Ва ин дӯшизагон се рӯз рӯзаи висол гирифтанд. Ва подшоҳ дар рӯзи охирини рӯза бимурд. Ва баъзе гуфтаанд, ки рӯзаро дӯшизагони ибодии араб аз роҳи сипосгузорӣ ба худованд, ки араб бар аҷам дар рӯзи Зикор ғалаба кард ва натавонистанд эрониён ба Анқафизи дӯшиза, духтари Нӯъмон, зафар биёбанд, рӯза доштанд.

Ва гоҳе мешавад, ки ин рӯза бо рӯзаи Нинавӣ муҷтамеъ мешавад, Ва он вақтест, ки рӯзаи кабир дар аввали ҳадди он воқеъ гардад. Пас, дар натиҷа душанбе, ки пахлӯи он воқеъ мешавад, рӯзи азорӣ аст. Ва аз он то рӯзаи бузург бисту ду рӯз фосила аст. Ва чун рӯзаи Нинавии азорӣ се рӯз аст, зукрони Морюҳанноро рӯза мегиранд, ки дар рӯзи ҷумъаест, ки пас аз иди «Динҳ» аст, бо зукрони Булис ва Битрус, ки рӯзи ҷумъаи дуюм аст. Ва ин он аст, ки пас аз зукрони Юҳанно қарор дорад.

Ва Булис яҳудӣ буд, ки ба гумони масеҳиён Масеҳ чашми ӯро нобино кард, сипас бино намуд. Ва Булис ба Масеҳ эътиқод оварад. Ва Масеҳ ӯро бо ҳидояти уммматҳо фиристод, то он ки Шуубро ҳидоят кунад. Ва Битрус Шамъунуссафо мебошад.

Ва дар ҷумъаи сеюм зукрони асҳоби «Инҷилҳои чоргона» аст. Ва дар ҷумъаи чорум зукрони Истифонуси шаҳид аст. Ва баъзе пештар ин зукронро ба ҷо меовар-

facebook.com/Китобхона

данд, ки рӯзи панҷшанбе бошад. Зукрони обои Суриёниён дар ҷумъаи панҷум аст. Ва дар ҷумъаи шашум зукрони або ба Шом аст, ки он зукрони Зиюзуриус, Тиёзуриус ва Настурииси асокифаи юнониён бошад. Ва дар ҷумъаи ҳафтум зукрони Маробои ҷослиқ аст ва зукрони авлоди Одам. Ва он ёдоварии ашхосест, ки то он вақт дар ҷумъаи ҳаштум мурдаанд.

Ва агар чунин рӯй диҳад, ки рӯзаи бузург фаро расад ва ҷумъаҳо барои идҳо, вафо накунанд, зукрони обои Суриёниёнро таҳлил мекунанд. Ва ба ҷои он зукрони Маробои ҷосликро иқома менамоянд. Ва сипас ба назми собиқ оғоз менамоянд ва дар муддати рӯзаи кабир ҳама одинаҳои мазкурро бармедоранд ва ба ҳеҷ як эътино намекунанд. Ва фақат дар мавқеи ашоъ дар як рӯзи ҷумъаи қуддос, ки ба маънои таъзим бошад, ба ҷо меоваранд.

Ва насорӣ барои айёме, ки ба Милод мавсул аст ва иди «Динҳ»-у айёми ҳафта ҷадвале тартиб додаанд, ки ҷойгоҳи онро дар моҳҳои суриёнӣ мутазаммин аст. Ва ҳар кас мехоҳад, ки онҳоро амал кунад, солҳои мункасираи искандариро бигирад ва ба ҷаёҷилҳои шамсӣ мубаддал кунад. Ва ҳар чӣ боқӣ монад, дар ҷадвали идҳои насории настурӣ дар сатри адад дохил кунад. Ва ҳар якро агар сурх бошад дар моҳе, ки раъси ҷадвали он қирмиз аст, хоҳад ёфт. Ва агар сиёҳ бошад, дар моҳе, ки раъси ҷадвали он сиёҳ аст, хоҳад ёфт. Ва фарқи он рӯзе аст аз ҳафта ки пайваста дар он воқеъ аст. Ва агар мо медонистем, ки насорои Яъқубӣ чӣ мекунад, мо ҳам идҳо ва рӯзҳои мазҳабии эшонро ба ҷадвал мубаддал мекардем, чунонки барои насорои настурӣ кардем, валекин ба касе, ки аз мазҳаби ин қавм бохабар бошад ва мавзӯъоти онҳоро бишносад ҳамсӯҳбат нашудам.

Ва ҷадвали насорои настурӣ ин аст:

facebook.com/Китобхона

Чадвали идхое, ки дар асоси чаёчили шамсӣ тартиб дода шудааст

Сатри аввалхо	I	I	VI	VI	:	II	VI	II	VI	VI	III	VI	VI	VII	VI	I	VII
Зуҳрони Моҳиҷарис	Тирмоҳи аввал				Тирмоҳи охир Конуни аввал	Рӯзаи мор-Марьям	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Шубот	Шубот	Зуҳроии бар-сафо	Ид Наҳри Сағоиб
Зуҳроии Шимӣ	Тирмоҳи аввал				Конуни аввал	Ид Хайкал	Конуни аввал	Зуҳроии мор-Марьям	Зуҳроии Кӯханно	Зуҳроии Бу-ҳису Битрус	Зуҳроии Ис-тифонус	Зуҳроии Аб	Зуҳроии Аб-хасо	Зуҳроии Об-ҷосалик	Зуҳроии Ва-ҳалли оҳам	Зуҳра Тирмоҳи аввал	
Моҳасо	Тирмоҳи аввал Тирмоҳи охир				Ид Сӯббо	Рӯзаи мор-Марьям	Ид Хайкал	Зуҳроии мор-Марьям	Рӯзаи Иёдӣ ва Ҳаҳро	Зуҳроии Ҳӯханно	Зуҳроии Бу-ҳису Битрус	Зуҳроии Ни-чинаваисон	Зуҳроии Мор-ҳоннои Ҷаҳаннам	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир
Ид Наҳри Ағдоиид	Тирмоҳи охир				Тирмоҳи охир Конуни аввал	Тирмоҳи охир Конуни аввал	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир	Конуни охир
Ид Наҳри Коиснӣ	Тирмоҳи охир																
Ид Наҳри Каххоҳ	Тирмоҳи охир																

1	7	14 21 20	4	2	16	23	2	3	30	28	7	11	18	25	1	8	15	22	1	30	29									
3	13	27 26	3	1	15	22	1	2	29	3	13	10	17	24	4	31	7	14	21	28	29	28								
3	12	17 24	2	7	21	28	30	1	28	2	12	9	16	23	3	30	6	13	20	27	28	27								
4	10	16 23	31	5	19	26	28	29	26	31	10	7	14	21	1	28	4	21	18	25	26	25								
5	9	15 22	30	4	18	25	27	5	1	30	9	13	20	27	31	3	10	17	24	3	25	24								
6	8	14 21	5	3	17	24	3	4	31	29	8	12	19	26	30	2	9	16	23	2	24									
7	7	19	4	2	16	23	2	13	30	28	7	11	18	25	29	1	8	15	22	29	30	129								

facebook.com/Китобхона

8	12	26 18	2	7	21	28	30	1	28	2	12	9	16	23	3	30	6	13	20	27	28	27
9	11	25 17	1	6	20	27	29	30	27	1	11	8	15	22	2	29	5	12	9	10	27	26
10	10	24 16	31	5	19	26	28	29	26	31	10	7	14	21	1	28	4	11	18	15	26	25
11	9	23 14	30	4	18	25	27	5	1	30	9	13	20	27	31	3	10	17	27	2	25	24
12	7	14 21	4	2	16	23	2	3	30	18	7	11	18	25	29	1	8	15	22	1	30	29
13	13	27 19	3	1	13	22	1	2	29	3	13	10	17	24	4	31	7	14	21	28	29	28
14	12	26 18	2	7	21	28	30	1	28	2	12	9	16	23	3	30	6	13	20	27	28	27
15	11	24 16	1	6	20	27	29	30	27	1	11	8	15	22	2	29	5	12	19	26	27	26
16	9	23 15	30	4	18	25	27		1	30	9	13	20	27	31	3	10	17	24	3	25	24
17	8	22 14	5	3	17	24	3	4	31	29	8	12	19	26	30	2	9	16	23	2	24	
18	7	21 20	4	2	16	23	2	3	30	28	7	11	18	25	29	1	8	15	22	1	30	129
19	13	27 18	3	1	15	22	1	2	29	13	13	10	17	24	4	31	7	14	21	28	29	28
20	11	25 17	1	6	20	27	29	30	27	1	11	8	15	22	2	29	5	12	19	26	27	26
21	10	24 16	31	5	19	26	28	29	26	31	10	7	14	21	1	28	4	11	18	25	26	25
22	9	23 15	30	4	18	25	27	25	1	30	9	13	20	27	31	30	10	17	24	30	25	24

23	8	20	5	3	17	24	3	4	31	29	8	12	19	26	30	2	9	16	23	1	24		
24	13	19	3	1	15	22	1	2	29	3	13	10	17	24	4	31	7	14	21	28	29	128	
25	12	18	2	7	21	28	30	1	28	2	12	9	16	23	3	30	6	13	20	27	28	27	
26	11	17	1	6	20	27	29	30	27	1	11	8	15	22	2	29	5	12	19	26	27	26	
27	10	15	31	5	19	26	28	29	26	31	10	7	14	21	1	28	4	11	18	25	26	25	
28	8	22	5	3	17	24	3	4	31	29	8	12	19	26	30	2	9	16	23	2	24		

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

ФАСЛ

ИДҲОИ МАҷУСИЁНИ ҚАДИМ ВА ИДУ РӮЗАҲОИ СОБИЁН

Маҷусиёни қадим онҳоеро гӯянд, ки пеш аз Зардушт будаанд. Ва имрӯз наметавон шахсеро аз эшон пайдо кард, ки ба гуфтаи Зардушт мӯътақид набошад. Ба бинобар як райи маҷусиёни қадим аз ҳамин қавманд, ки Зардушт будааст. Ва ба райи дигар Зардушт аз қавме будааст, ки «мазҳаби меҳр» доштаанд. Ва зардуштиҳо порае аз умурро дар кеши худ зикр мекунанд, ки аз «мазҳаби меҳр» ва қудамои Ҳаррония гирифта шудааст.

Дар пеш гуфтем, ки собиёни ҳақиқӣ онҳоеро, гӯянд, ки аз асироне, ки Бухтанассар ба Бобул оварда буд, дар он ҷо бозмонданд. Ва пас аз он ки дер гоҳе дар Бобул бимонданд, ба ҳамон диёр хӯ гирифтанд. Ва чун усули саҳеҳе дар даст надоштанд, ин буд, ки порае аз гуфтаҳои маҷусро, ки дар Бобул шуниданд, бовар доштанд. Ва кеши собиён аз маҷусияту яҳудият омехта аст. Чунон ки ҳамин ҳолат барои ашхосе, ки аз Бобул ба Шом омаданду ба Сомира маъруфанд, пеш омад.

Бештари собиин дар сарзамини Ироқ ба таври тафарруқ зист менамоянд. Ва собиини ҳақиқӣ эшонанд. Ва чун дини ин ҷамоат асоси саҳеҳ аз вайҳ ва илҳом надорад, бад-ин сабаб ихтилофоти бисьёре дар мазҳаби собиин дида мешавад. Ва ин гурӯҳ худро ба Ануш бинни Шабс бинни Одам мансуб медоранд.

Гоҳ ҳаррониёнро, ки бозмондагон аз мӯътақидони дини қадими мағрибзамин ҳастанд, ки руминён пас аз масеҳият даст аз он бардоштанд, «собиин» гӯянд. Ва ин даста худро ба Оғосозимун, Ҳурмус, Волис ва Бомосвор, ки аз фалосифа ба шумор мераванд, мансуб медоранд. Ва ашхоси номбурдаро бо ҷамъе дигар аз ҳукамо пайғамбар медонанд. Ва тоифае машҳур ба собиин эшон ҳастанд, ҳарчанд, ки ин номро дар давлати аббосӣ дар соли дусаду бисту ҳашт бар худ гузоштанд ки то шароити замон дар бораи эшон муроот шавад Ва пеш аз ин эшонро ҳунафо, васания ва ҳаррониён мегӯянд.

Собиин рӯзҳои худро ба номои суриёнӣ меноманд Ва равиши эшон дар моҳу сол ба равиши яҳудон мо

facebook.com/Китобхона
нанд аст, зеро яҳудон аз эшон қадимтаранд. Ва дар сари ҳар моҳе калимаи «ҳилол»-ро меафзоянду мегӯянд: «ҳилоли тишрини аввал, ҳилоли тишрини охир», Ва оғози соли эшон ҳилоли конуни охир аст, валекин эшон дар адад ба «ҳилоли тишрини аввал» оғоз мекунанд. Ва мабдаи рӯз ба ақидаи эшон аз пайдоиши Офтоб аст, ба хилофи онон, ки ба моҳҳои ҳилолию қамарӣ мӯътақиданд, ки мабдаи шабонарӯзро аз аввали шаб медонанд. Собиин мабдаъро аз рӯзи дуюми иҷтимоъ ҳисоб мекунанд, агар иҷтимои найирайн ба андозаи як дақиқа, пеш аз тулӯи Офтоб бошад, мабдаи моҳро аз рӯзе, ки пас аз он аст, мегиранд. Ва агар иҷтимоъ бо тулӯи Офтоб тасодуф кунад ва ё пас аз тулӯи он бошад, оғози моҳ рӯзи дуюми иҷтимоъ хоҳад буд. Ва чун дар се сол як моҳу чанд рӯзе барои эшон ҷамъ шуд, як моҳ дар ақиби ҳилоли шубот, меафзоянд ва онро «ҳилоли озори аввал» меноманд.

Муҳаммад бинни Абдулазизи Ҳошимӣ[168] дар зиҷи худ, ки ба «Зиҷи комил» маъруф аст, миқдоре аз идҳои Собиинро бар сабили ҳикоят зикр кардааст. Ва аз аввали аҳволу тафсили асбобу илали ин идҳо чашмпушӣ намудааст. Ва ман гуфтаҳои Муҳаммад бинни Абдулазизро бо дигар суханон, ки аз ҷамъе шунидаам, дар ин китоб зикр мекунам. Ва аз ноҳияи худ миқдоре дар зоҳироти ин айём тасарруфоте менамоям, ки маъхазҳои он таҳқиқот дар ин айём аст ва ба андозае, ки дар дигар мубоҳис тавонои, илмӣ доштам, дар ин мабҳас надорам. Ва худованд маро ба савоб тавфиқ диҳад.

Ҳилоли тишрини аввал — рӯзи шашуми он иди Заҳбона аст ва рӯзи ҳафтум мабдаи таъзими ид аст. Ва дар рӯзи сездаҳум иди Фӯдии Илоҳӣ аст. Ва рӯзи чордаҳум иди Илати Фӯдӣ аст. Ва рӯзи понздаҳум иди Аксом аст.

Ҳилоли тишрини охир — рӯзи аввал иди Бахти Кабир аст. Рӯзи дуюм зукрони Моршиломо аст. Ва рӯзи панҷум иди Домумилҳ (намакобпошӣ) аст, ки бояд дар ин рӯз сар тарошид. Ва рӯзи нӯҳум иди Тарсо аст, ки санами Зӯҳра бошад. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум иди Тарсо аст, ки дар ин рӯз ба Батнон хориҷ мешаванд. Ва дар рӯзи ҳаҷдаҳум иди Саруҷ аст, ки иди таҷдиди либос бошад. Ва Абулфараҷи Занҷонӣ ме-

facebook.com/Китобхона
гўяд, ки чоруми ин моҳ иди Мазол аст ва ҳаҷдаҳумин рӯз аз аввали моҳ охири он аст.

Ҳилоли конуни аввал — рӯзи ҳафтуми ин моҳ иди Ҳатоби Баниён аст, ки санами Зӯҳра бошад. Ва дар рӯзи даҳум иди Асном аст, ки ин рӯзро барои Мирих ид мегиранд. Ва рӯзи бистум иди Ҷин аст. Ва рӯзи бисту якум оғози рӯзаи аввал аст ва фитри он рӯзи иҷтимоое аст, ки баъд аз он рӯз аст. Ва дар ин рӯз хӯрдани гӯшт ҳаром аст. Ва Собиин рӯзаи худро бо додани садақа ва мусовот ба фақирон мекушоянд. Ва дар рӯзи бисту ҳаштум иди Даъвати Ҷин аст. Ва рӯзи бисту нӯҳум иди Лаҳуб аст ва ин рӯзро барои ҷинҳо ид мегиранд. Ва дар рӯзи сиюм иди Мушовирот, аст. Ва Абулфарачи Занҷонӣ мегӯяд, ки бисту чоруми ин моҳ иди Милод аст.

Ҳилоли конуни охир — ҷумлаи дуоҳо ва рӯзҳое, ки дар ин моҳ анҷом меёбад, барои ҷинҳост. Ва рӯзи аввали он иди сари сол аст, чунон ки иди Қаландос барои румиҳо ин тавр буд. Ва дар рӯзи чорум иди Дайрулҷабал аст ва иди Балтӣ, ки Зӯҳра бошад. Ва рӯзи ҳаштум рӯзаи ҳафтрӯза оғоз мешавад, ки фитри он рӯзи понздаҳум бошад. Ва рӯзи дувоздаҳум даъвати Ваҳсуво мебошад. Ва рӯзи бистум дар кӯҳи Ҳаррон намоз мехонанд. Ва рӯзи бисту панҷум иди Санами Тарсо аст. Ва рӯзи бисту ҳаштум иди Арусуссана аст.

Ҳилоли шубот — рӯзи нӯҳуми он аввали рӯзаи хурд аст, ки ҳафт рӯз бошад ва фитри он шонздаҳуми он аст. Ва дар ин рӯз ҳеҷ чарбӣ ва чизе, ки чарбидор бошад, намехуранд. Ва рӯзи бистум барои Офтоб Иди Байтуларӯс аст. Ва рӯзи бисту дуюм иди Мантас аст, барои Офтоб. Ва рӯзи бисту чорум иди Шайхулвиқор аст, ки Зуҳал бошад. Ва рӯзи бисту панҷум иди Арӯси Алмоно аст.

Ҳилоли озор — рӯзи аввали ин моҳ рӯзае мебошад, ки се рӯз аст. Ва рӯзи чорум фитри он аст. Ва рӯзи ҳафтум иди Ҳирмиёи Уторид аст. Ва рӯзи ҳаштуми ин моҳ аввали рӯзаи акбар аст ва танҳо дар ин рӯза хӯрдани гӯшт мамнӯъ аст. Ва меъёри ин ид он аст, ки Собиин аз рӯзе, ки Офтоб дар бурҷи Ҳут бошад, то сию як рӯз баъд, ки Офтоб дар бурҷи Бара ва Қамар низ дар бурҷи Саратон дар ҳамон аҷзоъ бошад, ки бурҷи Офтоб аст, навҳасарой мекунанд. Ва

facebook.com/Китобхона
аввали ин кор оғози рӯзаи эшон аст ва рӯзи охир фитри он аст. Ва гоҳе иттифоқ меафтад, ки ин рӯза бисту нӯҳ рӯз мешавад ва пӯшида нест, ки вақте ин қазия рух хоҳад дод, ки ҳилоли озор аз сӣ рӯз нокис бошад. Ва рӯзи даҳум мавқеи фитом, яъне аз шир гирифтани кӯдакон аст.

Ҳилоли найсон — рӯзи дуюми он иди Дайлис аст ва рӯзи сеюм Идалкуҳл аст. Ва рӯзи чорум ғиноро таъзим медоранд. Ва рӯзи панҷум иди Бальён, санами Зӯҳра аст. Ва рӯзи шашум иди Симор ва Ҳайулқамар аст. Ва дар ҳамин рӯз иди дайри Козӣ аст. Ва дар бештари вақтҳо фитри кабир дар рӯзи ҳаштум хоҳад буд. Ва дар ин рӯз иди Муншиуларвоҳ аст. Ва рӯзи нӯҳум иди Арбоби Соот аст. Ва рӯзи понздаҳум иди Асрори Симок аст. Ва рӯзи бистум дар дайри Козӣ Идулчамъ аст. Ва рӯзи бисту ҳаштум иди Дайри Синӣ аст.

Ҳилоли айёр — рӯзи дуюми он иди Салуғо аст, ки раиси шаётин бошад. Ва рӯзи сеюм иди Маъмудия аст ва рӯзи ҳафтум иди Заҳзок, санами Қамар аст. Ва рӯзи ёздаҳум иди Заҳзок ва Чорушиё аст. Ва рӯзи дувоздаҳум иди Чорушиё аст. Ва рӯзи понздаҳум иди Бархушиё аст. Ва рӯзи ҳафдаҳум иди Дарвозаи Паҳолин аст. Ва рӯзи бистум барои Заҳзок Идаттамомро ба по медоранд, ки буте кӯр мебошад ва иди Таръуз дар ин рӯз аст.

Ҳилоли ҳазирон — дар рӯзи ҳафтуми он зукрони Тамузо мебошад ва дар ин рӯз Собиин гирьяву нола менамоянд. Ва дар рӯзи бисту чорум иди Курмус аст, ки иди Табрик бошад. Ва дар бисту ҳафтуми он иди Байтулқассоб аст.

Ҳилоли Тамуз — дар рӯзи панҷум иди Чавонӣ аст. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум иди Арӯси Дақоиқ аст. Ва дар рӯзи ҳаҷдаҳум Иди Дақоиқ ва дар рӯзи нуздаҳум низ иди Дақоиқ аст.

Ҳилоли об — рӯзи сеюм иди Дайлафатон, санами Зӯҳра аст ва гоҳе рӯзи ҳафтум ҳамин идро мегиранд. Ва дар бисту чорум дар чашмаи оби гарми Саруҷ ба эътисолу шустушӯй мепардозанд. Ва дар рӯзи бисту шашум низ ид аст. Ва дар рӯзи бисту ҳаштум иди Кифармисо аст. Ва дар рӯзи сиюм аз охирин шустушӯй дар чашмаи оби гарми Саруҷ фориғ мешаванд.

facebook.com/Китобхона

Ҳилоли элул — рӯзи сездаҳум иди Амиди Дуруно мебошад ва занон бояд дар ин рӯз ифтор кунанд. Ва дар рӯзи чордаҳум рӯзаи Дафално аст. Ва дар бисту чорум иди Аввали Моҳтоб аст. Ва дар бисту панҷум дар талли Ҳаррон иди Шамъсӯзӣ аст.

Собиин дар ҳар як аз моҳи дувоздаҳгона чандин рӯз рӯза медоранд, ки танҳо бар коҳинони ин қавм воҷиб аст. Ва ба гумони ман ё чордаҳ рӯз аст ва ё рӯзи чордаҳум, ҳақиқати он барои мо маълум нашуд. Ва яке аз ашхосе, ки мазоҳибу фарқи Собиинро барои ман баён мекард, мегуфт: «Рӯзи ҳафдаҳум аз ҳар моҳе барои Собиин ид аст». Ва иллати онро вуқӯи ибтидои тӯфон дар ҳафдаҳум донистаанд. Ва низ рӯзҳои инқилобайн ва эътидолайнро ид медонанд. Ва рӯзи инқилоби зимистониро ҳангоми муваллиди сол медонанд.

Он чи то кунун аз идҳо гуфта шуд, мадраки он гуфтаҳои Ҳошимӣ ва чанд нафари дигар буд. Ва мо фақат ин алфозро аз рӯи навиштаҳои онон тасвир кардем. Ва агар дар ояндаи умр муваффақ шавем, ки аз худи Собиин, ҳаррониён ва маҷуси қадимиён бишунавем, албатта равиши худро, ки таҳқиқу тадқиқ дар умур аст, дар онҳо низ муроот хоҳем кард.

Чун рӯзаи бузурги Собиин дар чорьяки аввал аз ҳилоли озор аст, ки дар ин ҳангом Офтобу Моҳ дар ду бурҷи «Зиҷасад» хоҳанд буд. Ва чун фитри рӯзаи эшон дар чорьяки аввал аз ҳилоли найсон аст, ки найирайн дар ду бурҷи мунқалибайн хоҳад буд. Бадин сабаб лозим ояд, ки гардиши моҳҳои Собиин дар соли хуршедӣ бинобар амри авсат, монанди гардиши моҳҳои яҳудон бошад. Ва ҳар иллате, ки барои яке аз ин ду зикр шавад, айнан барои дигаре ҳам иллат хоҳад буд, зеро шарти Фисҳи яҳудон ин буд, ки Офтобу Моҳ дар ду бурҷи эътидолӣ ба нахустин тақобули худ бирасад, бо ин ки тақобулу рӯ ба рӯ гаштани он ду боз ҳам мумкин аст. Ва шарти фитри рӯзаи яҳудонро ҳам дар саҳифаҳои пеш гуфтем.

Пас чорьяке, ки бар фитр муқаддам аст, фитри Собиин ва наздиктарин иҷтимоъ ба эътидоли тирамоҳӣ сари соли эшон аст, ки аз моҳи Элул хориҷ нест. Ва чун мо ҳисоби мазкурро барои яке аз адвори нуздаҳгона бинамоем, аз рӯи амри Ҷалил матлуби худро ба даст хоҳем овард, зеро чунон ки гуфта шуд, яху-

facebook.com/Китобхона

дон оғози соли хешро ба вақти иҷтимоъ таъдил мекунанд. Ва аъмоли яҳудону насорӣ дар истихроҷи Фисҳ бар ҳаракоте, ки муаххир аз ҳаракоти ҳақиқӣ аст, мубтанӣ аст — ба хусус дар Офтоб ва чун истиқболҳои мустахриҷаи ононро бо ҳаракате, ки аз ирсоди навин истихроҷ мегардад, бисанҷем, хоҳем дид, ки порае аз онҳо ба ҳадде, ки яҳудон барои Фисҳ таҳдид кардаанд, бинобар ҳар ду раъй муқаддам аст ва онро мўътабар намешуморанд, бо он ки ҳақ ҳамон аст ва хоҳем дид, ки баъзе дигар ба авохири ҳадди маҳдуд наздик аст. Ва ҳол он ки яҳудон ононро эътибор кардаанд, бо он ки бар Фисҳ андозаи як моҳ муқаддам гаштааст.

Дар фасле, ки аз шаҳидони яҳудон баҳс мешавад, ақидаи худро изҳор намудем ва мақсуд аз ин ки ақидаи худро зикр намудем, ин буд, ки то ҳар ду даста бидонанд, то тарафдорӣ аз касе накардаем ва беғаразона фикрронӣ намудаем.

Бинобар ин чун аввалин ҳудуди Фисҳро рўзи шонздаҳуми моҳи озор ва рўзи истиқболро дар ду бурҷи эътидолайн бидонем ва Фисҳҳои як давраро тавре дар он тартиб кунем, ки ҳеҷ кадом аз ҳадди маҳдуд пешӣ нагирад, хоҳем дид, чунон ки шарт шуда, ҳеҷ Фисҳе рўй нахоҳад дод, магар он ки найирайн мутақобил шаванд. Ва охирин ҳадди он рўзи сездаҳуми найсон мешавад. Ҳарчанд Офтоб боз ҳам дар бурҷи Ҳамал хоҳад буд, валекин дигар наметавонад, ки бо кураи Моҳ рў ба рў гардад. Ва чун ин Фисҳҳо, ки тасҳеҳ шуда, ба даст омад, фитри Собиинро аз рўи он истихроҷ мекунем. Ва аз фитри эшон оғози соли ин қавм, ки ҳилоли тишрини аввал аст, ба даст хоҳад омад.

Мо амали фавқро анҷом ва дар ҷадвале ҷой додем. Ва чун солҳои нақисаи искандариро барои оғози тишрини аввале, ки пас аз иҷтимои аввали соли Собиин аст, ба даст оварем ва ё адади шонздаҳро бар он бияфзоем ва ё адади серо аз он биҳоҳем ва ҳосилро бар нўздаҳ тақсим кунем ва хориҷи қисматҳоро раҳо кунем ва боқиро дар сатри адад аз ҷадвали даври муаддал дохил намоем дар муқобили сари сол ва фитри бузурги Собиину Фисҳи тасҳеҳшуда ва рўзаи авсати насорири, ки аз рўи Фисҳ дар моҳи суриёнӣ мешавад, хоҳем дид.

Ва ҷадвали даври муаддал ин аст:

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали даври муаддал

Сатри ададхо	Даври соли Иббур	Санаи соли нави собинҳо аз Элул	Фитри рӯзаи бузурги онхо	Моҳхои фитри рӯзаи бузург	Фисхи сахехшуда	Моҳхои Фисҳ	Рӯзаи авсати истихрочшуда	Моҳхои рӯза	Оғози тишрини ки пас аз Фисҳ аст	Моҳхое, ки бо тишрини оғоз меёбад
1		28	1	Найсон	8	Найсон	20	Шубот	18	Элул
2	Иббур	17	21	Озар	28	Озар	9	Шубот	7	Элул
3		6	9	Найсон	18	Озар	28	Конуни охир	26	Об
4		25	29	Озар	4	Найсон	16	Шубот	14	Элул
5	Иббур	14	17	Озар	24	Озар	5	Шубот	3	Элул
6		2	5	Найсон	12	Найсон	24	Шубот	22	Элул
7	Иббур	21	25	Озар	1	Найсон	18	Шубот	11	Элул
8		10	13	Найсон	21	Озар	2	Шубот	31	Об
9		29	2	Найсон	9	Найсон	21	Шубот	19	Элул
10	Иббур	18	22	Озар	29	Озар	10	Шубот	8	Элул
11		7	10	Найсон	18	Озар	30	Конуни охир	28	Об
12		26	30	Озар	6	Найсон	18	Шубот	16	Элул
13	Иббур	15	19	Озар	26	Озар	7	Шубот	5	Элул
14		4	7	Найсон	15	Озар	27	Конуни охир	25	Об
15		23	27	Озар	3	Найсон	15	Шубот	13	Элул
16	Иббур	12	16	Озар	23	Озар	4	Шубот	2	Элул
17		1		Найсон	11	Найсон	28	Шубот	10	Элул
18	Иббур	20	24	Озар	31	Озар	12	Шубот	21	Элул
19		9	12	Найсон	20	Озар	1	Шубот	30	Об

ФАСЛ
РӮЗҲОИ МАЪРУФИ АРАБҲОИ ДАВРАИ ҶОҲИЛИЯТ

Дар пеш гуфтем, ки моҳҳои тозиён дувоздаҳ аст. Ва чун ҳар се сол як моҳ кабиса мекарданд, ҳамвора бо соли хуршедӣ мутобиқ мешуд. Ва низ гуфта шуд, ки номҳои ин моҳҳо порае далолат ба вақтҳои соле до-

facebook.com/Китобхона

рад, ки дар он сол номгузорӣ кардаанд. Ва порае далолат бар коре дорад, ки дар он моҳ мекунанд. Ва низ фикри дастае аз уламои луғат бо миқдоре аз ривоёти нақлшуда дар ин бобро зикр намудем. Ва акнун мақсуд аз ин нақл он аст, ки фикри дигаре, ки то кунун гуфта нашудааст, зикр кунем.

Муҳаррамро бад-ин ҷиҳат муҳаррам гӯянд, ки чаҳор моҳ аз моҳҳои араб моҳи ҳаром аст, ки се тои аз он чаҳор дар паи якдигаранду яке танҳо аст. Ва он се: Зулқаъда, зулҳиҷҷа ва муҳаррам мебошад. Ва арабҳо дар ҳар чор ҷангро ҳаром медонистанд.

Вақҳи номгузории моҳи сафар ин аст, ки арабҳо дар ин моҳ ба вабо гирифтор мешуданд ва ранги онон зард мегашт, ки ба тозӣ «суфрат» гӯянд.

Рабеъулаввал ва рабеъулохир дар фасли тирамоҳ меомаданд ва араб онҳоро «баҳор» ном гузоштанд.

Сипас навбати ду ҷумодӣ мешуд. Ва ҳангоме ин ду моҳ фаро мерасид, ки ҳаво сард мегашт ва об ях мекард ва фасли зимистон меомад.

Моҳи рачабро бад-ин сабаб «рачаб» гӯянд, ки дар ин моҳ мегуфтанд: «Ирчабу», яъне «даст аз қатлу ғорат бардоред, ки дар ин моҳ коре ҳаром аст». Ва ҷамъе гуфтаанд, ки чун дар моҳи пеш аз рачаб ба қатлу ғорат шитоб мекарданд, ки мабодо ин моҳ ба зудӣ фаро расад, бад-ин ҷиҳат онро «рачаб» номиданд, ки аз «рачиб-туш-шайъ» муштақ бошад, ки ба маъноӣ «тарс аз чизе» бошад.

Моҳи шаъбон аз «иншиоб» гирифта шудааст. Ва дар ин моҳ қабилаҳои араб барои торочу яғмо ба атроф пароканда мегаштанд ва ба сӯи чашмаҳо мерафтанд.

Пас аз шаъбон моҳи рамазон аст, ки чун гармо оғоз мегардад ва замин гарму гудохта мешавад, бадин сабаб онро аз «рамзо» муштақ намуданд. Ва араб дар ҷоҳилият ин моҳро бузург медоштанд.

Дар моҳи шаввол мегуфтанд: «шавволво», яъне «кӯч кунед». Ва ҷамъе аз уламои луғат гуфтаанд, ки чун шутурони мода аз барои таносули ҷинсӣ думи худро ишолат менамуданд, ки ба маъноӣ «боло бурдан» бошад, бад-ин сабаб онро «шаввол» гуфтанд. Ва аз ин ҷост, ки арабҳо заношӯиро дар ин моҳ макрӯҳ ва ношоиста медонистанд.

Дар моҳи зулқаъда мегуфтанд: «Укуду ан-ил-ки-

facebook.com/Китобхона
тол», яъне «даст аз ҷанг бардореду биравед ва дар хонаҳои худ бинишинед». Ва дар моҳи зулҳиҷҷа тозиён ба ҳаҷҷу зиёрати Каъба мерафтанд.

Моҳҳои арабӣ ҳамвора бар фусули чоргона тақсим буд ва аз тирамоҳ шурӯъ мешуд, ки онро «рабеъ» меномиданд. Сипас навбати зимистон мерасид ва пас аз он навбати баҳор мешуд ва онро тобистон низ меномиданд. Ва баъзе онро «баҳори соний» мегуфтанд ва он гоҳ навбати тобистон мерасид, ки онро «қайз» номиданд. Валекин ин номҳо ба мурури замон аз хотирҳо берун шуд ва фаромӯш гашт. Ва фақат аз тахлили фусули чоргонаи тозиён ин андоза медонем. Тирамоҳ, ки аввали рабеъ буда, дар сеюми элул ва аввали зимистон дар конуни аввал ва аввали тобистон, ки рабеъ бошад дар панҷум хонаҳои озор. Ва оғози қайз, ки тобистон бошад, дар чоруми ҳазирон бувад. Ва ин матлабро аз рӯи қисмати моҳ дар тулӯъ ва суқут донистем.

Дар мабодии фусули чоргона ихтилоф шудааст. Батламиус дар китоби «Мадхал дар синоати кура» мегӯяд, ки юнониён мабодии онҳоро аз хулули Офтоб дар нуқтаҳои эътидолайн ва инқилобайн донистаанд. Ва аз Қалдониён ҳикоят кардаанд, ки эшон аз ҳашт дараҷа пас аз эътидолайн ва инқилобайн мабодии ин фаслро шурӯъ намудаанд.

Ба гумони ман ягона сабаби ин ихтилоф он аст, ки ҳисобҳои Қалдониён дар зиҷҳои худ аз зиҷҳои юнониён муаххир будааст. Ва ҳашт дараҷаи мазкур ба поси ҳаракоти иқболу идбори фалак мебошад, ки мунтаҳои он ҳашт дараҷа аст.

Ва ин ҳаракатро Абӯҷаъфари Хозин дар «Зиҷ-ус-сафоеҳ» ва Иброҳим бинни Синон дар «Китоби ҳаракот-уш-Шамс» ба ваҷҳе комил баён намудаанд.

Аммо ба ақидаи румиён ва суриёниён, мабодии ин фусулро ба чаҳор нуқта — ду эътидолу ду инқилоб ба андозаи нисфи бурҷ мукаддам доштаанд. Ва дар натиҷа мабодии ин фусул аз оғози духули Офтоб дар нисфи бурҷҳое, ки бар он мукаддам аст, мешавад. Ва бад-ин сабаб ин буруҷро «Завот-ул-аҷсод» гуфтаанд.

Синони бинни Собит аз қибтиҳо ва аз Иббархис ду қавл дар ин матлаб нақл карда, ки муфоди ҳар ду ин аст, ки мабодии ин фусул ба андозаи як бурҷи тамом бар нуқоти чоргона мукаддам аст.

facebook.com/Китобхона

Он даста аз табииюн, ки хеле ғулув доштанд, як бурҷу ним мабодии фусулро дар нуқоти чоргона мукаддам донистаанд. Ва дастаи дигар аз онон, ки хеле аз ҳақиқат дур буданд, мабодии ин фусулро аз ҳангоме ки Офтоб аз муаддалуннаҳор ба андозаи нисфи майли куллии худ майл меёбад, донистаанд. Ва бад-ин сабаб аз мутаорифи башар ва аз он маъное, ки номҳои ин чор фасл бар он вазъ шудаст, бисьёр дур гаштаанд. Ва ин фикрҳо бо ихтилофоте, ки дорад, дар ин ҷадвал маҳсур аст: (сах. 376).

Аъроби давраи ҷоҳилиятро дар вақтҳои аз моҳҳои иловашуда, бозорҳое дар билоди мухталифаи Арабистон барпо мегашт, ки маъруфтарини он ба қарори зайл аст:

Бозори Думатулҷандал — Абӯҷаъфар Муҳаммад бини Ҳабиби Бағдодӣ[169] дар «Китоби муҷир» мегӯяд, ки ин бозор аз аввали рабеъулаввал то нимаи он барпо мегашт. Ва тариқаи хариду фурӯш дар ин бозор бо андохтани сангрезае бар рӯи коло буд. Ва чун қабилае ва ё дастае бар гирди матое ҷамъ мешуданд ва ҳар кас, ки онро меписандид ва санге бар матоъ партоб менамуд, муомилаи ӯ лозим ва коло аз они ӯ мегашт.

Бозори Мушшаққар, ки аз рӯзи аввал, аз чумодиулохир барпо мешуд. Ва аз тарси ин ки дурӯғе нагӯянд, тариқаи хариду фурӯш дар ин бозор бо имову ишора буд.

Бозори Суҳор, ки аз даҳуми моҳи раҷаб барпо мегашт ва панҷ рӯз ба тӯл меанҷомид.

Бозори Дабо, ки дар охирин рӯзи моҳи раҷаб барпо мешуд.

Бозори Шиҳр, ки нимаи моҳи шаъбон барпо мешуд ва тариқаи доду ситод дар ин бозор низ бо партоби сангреза бар матоъ буд.

Бозори Адан, ки аз рӯзи аввали моҳи рамазон то даҳум навбати он буд.

Бозори Санъо — аз нимаи моҳи рамазон то охири ин моҳ тӯл мекашид.

Бозори Робия ва Укоз — Робия дар Ҳазрамавт ва Укоз дар қисми болоии Нажд ва наздикии Арафот буд. Ва ин ду бозор дар як рӯз, ки охири зулқаъда бошад, барпо мегашт. Ва Укоз бузургтарин бозори араб буд ва қабилаҳои Қурайшу Ҳавозину Ғатфону Асламу Уқайлу Мусталиқу Аҳобишу ҷамъе аз мардуми табақаи сеюм дар он ҷо гирд меомаданд. Ва ин бозор

facebook.com/Китобхона

Ихтилофот		Румиёну суриёнёну чумҳури ахли нучум		Юнониён бинобар нақли Батламиус		Калдониён бинобар ҳикояти Батламиус аз эшон		Аъроб бинобар он чи дар кутуби анвоъ аз эшон нақл шуда
Фусул	Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо	Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо	Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо	Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо
Рабеъ	1	Озор	15	Озор	23	Озор	5	Озор
Сайф	1	Ҳазирон	16	Ҳазирон	24	Ҳазирон	4	Ҳазирон
Хариф	1	Элул	17	Элул	25	Элул	3	Элул
Шитоъ	1	Қонуни аввал	15	Қонуни аввал	28	Қонуни аввал	3	Қонуни аввал

аз нимаи зулқаъда то охири он барпо буд. Ва чун хилоли зулҳиҷҷа дида мегашт, аз он ҷо ба Зулҷамоз меомаданд, ки ба Укоз наздик аст. Ва ин бозор то «рӯзи тарвия» ба тӯл меанҷомид. Сипас ба Мино мерафтанд. Сипас бозори Натот дар Хайбар ва бозори Ҳаҷр дар Ямома аз аввали моҳи муҳаррам то даҳуми он барпо мешуд. Ва аз он замон, ки худованд исломро дар ҷаҳон ошкор намуд, ҳамаи ин бозорҳо аз байн рафт.

ФАСЛ
РӮЗҲОЕ, КИ МУСУЛМОНОН БА КОР МЕБАНДАНД

Мусулмонон моҳҳои арабиро, ки илова нашуда бошад, ба кор мебанданд. Ҳақиқати илова шудан ва сабаби ин ки тозиён бо ин кор қиём мекарданд, баён кардем. Ва чаҳор моҳ аз ин моҳҳоро ҳаром донистаанд, чунон ки худованд фармудааст: (Чор моҳи он ҳаром аст, пас дар ин моҳҳо ба худ зулм накунед). Ва шаввол ва зулқаъда ва даҳаи аввали зулҳиҷҷаро «моҳҳои ҳаҷ» меноманд. Ва ин ҳамон айём аст, ки эзиди

facebook.com/Китобхона

Қибтиён мутобиқи ҳикояти Синон бинни Собит		Иббархис бинобар нақли Синон бинни Собит аз эшон		Галлоти табиюн, ки аз ҳақиқат дур мондаанд.		Он даста аз табиюн, ки ба таври ифрот дур аз ҳақ мондаанд.	
Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо	Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо	Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо	Ҷойгоҳи он	Аз моҳҳо
7	Шубот	11	Шубот	1	Шубот	15	Конуни охир
10	Айёр	12	Айёр	1	Айёр	15	Найсон
15	Об	16	Элул	1	Об	17	Тамуз
11	Тишрини охир	11	Тишрини охир	1	Тишрини охир	17	Тишрини аввал

таоло гуфтааст: («Моҳҳои ҳаҷ» маълуманд. Ва шахсе, ки дар он моҳҳо ҳаҷ кунад, бояд, ки аз бадгӯй, фисқу фуҷур ва низоъ хориҷ бошад). Ва аз ин сабаб ин айёмро «моҳҳои ҳаҷ» гуфтанд, ки пеш аз он ҷоиз нест, ки ҳоҷиён эҳром бубанданд. Ва асҳоби мазоҳиби фақеҳиро дар ин боб бо якдигар ихтилофҳое аст, ки агар бихоҳем, онҳоро нақл кунем, китоб тӯлонӣ мешавад. Ва ба илова фуқаҳо дар китоби фақеҳӣ зикр кардаанд.

Ва аз ин сабаб бо он ки ду моҳ бештар нест, ҷамъ гуфта шуда ва ҳол он ки сазовори ҷудоӣ аст, ки даҳ рӯзи зоидро фаро гирад.

Ва аммо моҳҳои аҳдро, ки худованд дар бораи онҳо фармудааст: (Дар рӯи замин чор моҳ сайру гашт кунед. Аз рӯзи қурбонӣ то даҳуми рабеъулоҳир аст, зеро Алӣ алайҳиссалом дар мавсими рӯзи иди қурбон сураи «Бароат»-ро хонд. Ва мусулмононро дар ин моҳҳо рӯзҳое, аст, ки мавриди таъзими онон аст).

Муҳаррам — рӯзи аввали он мавриди таъзими мусулмонон аст, зеро оғози сол аст. Ва рӯзи нӯҳуми он «тосуо» ном дорад бар вазни «ошуро». Ва дар ин рӯз порсоёни шиа, рӯза мегиранд ва рӯзи даҳуми он

facebook.com/Китобхона

«Кошуро» аст. Ва фазилати ин рӯз машҳур мебошад. Ва аз пайғамбар ривоят кардаанд, ки фармудааст:

(Эй халоиқ, дар ин рӯз барои кори хайр шитобед, чун ки он рӯзи муаззаму муборак аст. Худо дар ин рӯз ба Одам баракат дод).

Миллати ислом ҳамвора ин рӯзро муаззам медонистанд, то он ки қатли Ҳусайн бинни Алӣ бинни Абитолиб дар ин рӯз иттифоқ афтод. Ва ӯ ва хонадонашро аз роҳи бастани об бар онон, гузаронидан аз дами шамшер, оташ дар хаймаҳои ҳарам задан, барахна кардани сарҳо, асп давонидан бар ҷасадҳо, ки дар ҳеҷ уммате ба ашрори халқ чунин накардаанд, аз миён бурданд. Ва аз ин таърих мусулмонон «ошуро»-ро шум донистанд, вале Бани Умия дар ин рӯз либоси нав пӯшиданд ва зебу зевар карданду сурма ба чашми худ кашиданд ва ин рӯзро ид гирифтанду атрҳо истеъмол карданд ва меҳмониҳою зиёфатҳо доданд. Ва то замоне, ки эшон буданд, ин расм дар тӯда пойдор буд, ҳатто ин ки пас аз инқирози эшон боз ҳам ин расм боқӣ монд, вале шиён аз роҳи таассуфу сӯгворӣ ба қатли саидушшуҳадо дар Мадинатуссалом ва шаҳрҳои дигар гирья мекунанду навҳасароӣ менамоянд. Ва турбати масъуди Ҳусайнро дар Карбало дар ин рӯз зиёрат менамоянд. Ва чун хабари кушта шудани Ҳусайнро ба Мадина оварданд, духтари Ақил бинни Абутолиб аз хона берун омад ва ин шеърро бархонд:

(Агар пайғамбар ба шумо гӯяд: «Шумо, ки охирин уммате, баъди фавтам ба оилаю аҳли ман чӣ кор кардед?! Нисфро асиру нисфи дигарро дар хун оғушта намудед!

Магар ин ҷазои ман аст, барои панду насиҳатҳои накӯям?! Шумоён бо мухолифони хешовандони ман ҳамроҳ шудед!». Чӣ мегӯед?!)

Ва Иброҳим бинни Аштар ҳомии оли Расулуллоҳ, дар ин рӯз кушта шуд. Ва мегӯянд, дар ин рӯз буд, ки худо тавбаи Одамро пазируфт. Ва киштии Нӯҳ дар ин рӯз буд, ки бар кӯҳи Ҷудӣ фурӯд омад. Ва Исо бинни Марьям дар ин рӯз зоида шуд. Ва Мусову Иброҳим дар ин рӯз наҷот ёфтанд. Ва дар ин рӯз оташ ба Иброҳим бурд ва салом гардид. Ва дар ин рӯз чашми Яъқуб бино шуд, Юсуф аз чоҳ берун омад, Сулаймон аз нав ба салтанати худ расид, азоб аз қавми Юнус бардошта шуд, бадбахтию бечорагӣ аз Айюб

facebook.com/Китобхона

муртафеъ гашт. Дуои Закариё мустаҷоб омад ва Яҳьёро бад-ӯ бахшиданд. Ва гуфтаанд, Явмуззинат, (рӯзи зинат), ки вохӯрии ҷодугарони Фиръавн буд, дар вақти заволи ин рӯз аст. Ва ин иттифоқотро, ки дар ин рӯз зикр кардаанд, агарчи вуқӯи он имкони ақлӣ дорад, вале маълум аст, ки ноқили онҳо дастае аз авоми ҳадисгӯён будаанд ва ё он ки хостаанд бо аҳли китоб мусолимат кунанд.

Ва гуфтаанд, ки «ошуро» калимаест ибронӣ ва муарраб, яъне «ошур», ки даҳуми тишрии яҳудон бошад, ки рӯзаи он рӯзи киббур аст. Ва чун ин рӯзро ба моҳҳои арабӣ нақл карданд, дар рӯзи даҳуми аввалин моҳи аъроб шуд. Чунон ки дар моҳҳои яҳудон ҳам дар аввалин моҳ рӯзи даҳум аст ва рӯзаи ин рӯз дар соли аввали ҳиҷрат бар мусулмонон воҷиб буд.

Сипас, рӯзаи моҳи рамазон, ки воҷиб шуд ва пас ин калимаро ботил кард.

Ва низ ривоят кардаанд, ки чун пайғамбар ба Мадина омад, яҳудонро дид, ки рӯзи «ошуро» рӯза медоранд ва пурсид: «Чӣ иллат дорад, ки имрӯзро рӯза мегиред, Гуфтанд: «Худованд, Фиръавну пайравонашро дар ин рӯз ғарқ кард. Ва Мӯсо ва ёронашро наҷот дод». Пас пайғамбар фармуд, ки мо ба Мӯсо аз яҳудон сазовортарем ва асҳоби хешро амр кард, ки он рӯзро рӯза бидоранд. Ва чун рӯзаи рамазон воҷиб шуд, дигар пайравони худро аз рӯза доштани «ошуро» манъ накард.

Ин ривоят дуруст нест, чунки бар хилофи имтиҳону таҷриба аст. Зеро оғози моҳи муҳаррам дар соли ҳиҷрат, рӯзи ҷумъа шонздаҳуми тамузи соли нӯҳсаду сию сеи искандарӣ будааст.

Ва чун оғози аввали соли яҳудонро дар он сол ба даст овардем, рӯзи якшанбеи дувоздаҳуми моҳи элул мешавад, ки бо рӯзи бисту нӯҳуми моҳи сафар мувофиқ аст. Ва рӯзи «ошуро» рӯзи сешанбе, нӯҳуми моҳи рабеъулаввал мегардад. Ва ҳиҷрати набавӣ дар ниман аввал аз моҳи рабеъулаввал буд. Ва аз пайғамбар пурсиданд, ки дар бораи рӯзи душанбе чӣ мефармой? Гуфт: «Дар ин рӯз ман мутаваллид шудам, дар ҳамин рӯз ба паёмбарӣ расидам ва дар ин рӯз бар ман Қуръон нозил шуда ва дар ин рӯз низ ҳиҷрат кардам».

facebook.com/Китобхона

Сипас, уламо ихтилоф карданд, ки дар кадом душанбе ҳичрат воқеъ шудааст. Баъзе мегӯянд: «Дар рӯзи дуюми рабеъулаввал». Ва чамъе гуфтаанд: «Дар рӯзи ҳаштуми он». Ва дастае мегӯянд: «Дар рӯзи дувоздаҳуми он». Вале он чи маҳали иттифоқ аст, ин аст, ки дар ҳаштуми рабеъулаввал буда ва чоиз нест, ки дар рӯзи дуюм ва дувоздаҳум бошад. Зеро чунон ки гуфтем, аввали рабеъулаввал дар он сол рӯзи душанбе буд. Ва бинобар ин пайғамбар як рӯз пеш аз «ошуро» бояд ба Мадина омада бошад. Вале «ошуро»-и яҳудон чуз чандин сол, ки аз анд таҷовуз намекунад, қабл аз он сол ва ё бисту чанд сол пас аз ин аҳд иттифоқ намеафтад. Ва чӣ гуна метавон гуфт, ки рӯзи «ошуро»-ро ба воситаи иттифоқ бо «ошур» пайғамбар рӯза гирифт, то вақте ки аз аввали моҳҳои яҳудон бо иттифоқи яҳудон ба аввали моҳҳои араб нагузашта бошад. Ва низ дар соли дуюм аз ҳичрат, рӯзи «ошур» рӯзи шанбе аз моҳи элул буду нӯҳуми рабеъулаввал. Пас, дар натичаи ин ки чамъе аз аҳли таърих гуфтаанд, ин ду дар як рӯз бувад, муҳол аст. Ва аммо ин ки яҳудон мегӯянд, худованд Фиръавнро дар ин рӯз ғарқ кард, хилофи Таврот аст, зеро дар рӯзи бисту якуми моҳи найсон, ки ҳафтум аз айёми «фатир» аст, Фиръавн ғарқ шуд ва аввали Фисҳи яҳудон. Пас аз қудуми пайғамбар алайҳассалом ба Мадина, рӯзи сешанбе бисту дуюми моҳи озори соли нӯҳсаду сиюсеи искандарӣ буд, ки бо рӯзи ҳафдаҳуми моҳи рамазон мувофиқ мешуд. Ва рӯзе, ки худованд Фиръавнро ғарқ намуд, бисту сеюми моҳи рамазон мешавад. Пас, барои ин ривоят ваҷҳе нахоҳад буд.

Дар рӯзи шонздаҳум Байтулмуқаддас қиблаи мусулмонон шуд. Ва дар ҳафдаҳум «Асҳоби фил»[170] ба Макка ворид шуданд.

Сафар — дар рӯзи аввали он сари Ҳусайнро ба шаҳри Шом оварданд. Ва Язид он сарро пеши рӯи худ гузошт ва бо чӯбе, ки дар даст дошт, ба лабҳои Ҳусайн мезаду мегуфт:

(Ман то аз Бани Аҳмад[171], бо он чӣ дар ҳаққи авлодонам карда буд, интиқом нагирам, аз авлоди Ҳиндиф набошам! Кошкӣ бобоҳои дар Бадр[172] мурдаам медиданд, ки имрӯз аз синони ман чӣ гуна ҳазрачиён дар шиканчаанд. Пас ҳамду сано мегуфтанду хурсандӣ менамуданд. Баъди он мегуфтанд: «Эй Язид,

facebook.com/Китобхона
ҳолро мапурс!» Дар ҳақиқат мо шайхони рақибро баҳри Бадр куштему ҳисобро баробар намудем!»).

Ва имом Зайд бинни Алӣ дар ин рӯз кушта шуд ва дар канори Фурот ӯро ба доре овехтанд. Сипас колбудашро сӯзониданду хокистарашро дар об пошиданд. Ва дар шонздаҳум нохушии пайғамбар шурӯъ шуд ва ин мараз боиси марги эшон шуд. Ва дар рӯзи бистуми он сари Ҳусайн алайҳассаломро ба баданаш пайваст карданду дар ҳамон ҷо дафн намуданд. Ва «зиёрати арбаин» рочеъ ба ин рӯз аст. Ва бад-ин сабаб ин зиёратро «арбаин» гӯянд, ки чил нафар аз аҳли байти ӯ пас аз муроҷиат аз Шом қабрашро зиёрат карданд.

Дар рӯзи бисту сеюми ин моҳ Маъмунаррашид либоси сабзро, пас аз он ки панҷуним моҳ пӯшид, тарк кард. Ва ҳамон ҷомаи сиёҳро, ки шиори Аббосиён буд, чун Бани Аббосӣ бар ӯ барошуфтанд, аз нав пӯшид. Ва дар рӯзи бисту чорум пайғамбар бо Абӯбакр ба ғор рафт.

Рабеъулаввал — рӯзи аввали ин моҳ пайғамбар алайҳассалом аз дунъё даргузаштааст. Ва рӯзи сеюм пайғамбар дар хонаи Оиша дафн шуд. Ва дар рӯзи ҳаштум пайғамбар ба Мадина омада буд. Ва дар рӯзи даҳум бошад, Хадичаро тазвиҷ карда буд. Ва рӯзи ҳаҷдаҳум рӯзи мавлуди пайғамбар аст.

Ва дар рӯзи чордаҳум Язид ибни Муовия бимурд.

Рабеъулохир — рӯзи сеюми ин моҳ Хаҷҷоҷ хонаи Каъбаро бисӯзонид. Ва дар рӯзи чордаҳум барои мукиму мусофир намоз фарз шуд.

Ҷумодиулаввал — рӯзи ҳаштуми он мавлуди Алӣ ибни Абӯтолиб аст. Ва рӯзи понздаҳум «ҳарби шутурон» рӯй дод.

Ҷумодиулохир — рӯзи сеюми ин моҳ Фотимаи Заҳро[173] фавтидааст. Ва дар рӯзи нӯҳум вафоти Абӯбакри Сиддиқ рӯй дод. Ва дар рӯзи понздаҳум Абдулло бинни Зубайр Каъбаро ба дасти худ вайрон сохт.

Раҷаб — рӯзи аввали он фатҳи Ярмук рӯй дод. Ва дар рӯзи чорум Алӣ ва Муовия дар Сиффин ҳамдигарро мулокот карданд. Ва дар рӯзи бисту шашум пайғамбар ба дараҷаи нубувват расид. Ва дар рӯзи бисту ҳафтум «шаби меъроҷ» аст, ки аз масҷид-ул-ҳаром ба сайр шабона ҳаракат кард.

Шаъбон — рӯзи сеюми он Ҳусайн бинни Алӣ аз мо-

facebook.com/Китобхона
дар зоида шудааст. Ва дар рӯзи панҷум Ҳасан бинни Алӣ ба дунъё омад. Ва рӯзи сездаҳум, чордаҳум ва понздаҳум «айёми байз» ном дорад. Ва шаби рӯзи понздаҳум «Лайлат-ул-барот» ном дорад. Ва дар ин рӯз қиблаи мусулмонон аз Байтулмуқаддас ба Каъба гузаронида шуд. Ва пайғамбар саргарм ба намоз буд, ки худованд дар миёни намоз ӯро амр ба гузаштан кард.

Рамазон — рӯзаи ин моҳ бар мусулмонон фарзу воҷиб аст. Ва рӯзи шашуми он Ҳусайн бинни Алӣ, бино ба гуфтаи ҷамъи аҳли таърих ба истиснои Салломӣ, аз модар зоида шуд. Рӯзи ҳафтуми ин моҳ Маъмунарраашид ҷомаи сабз дар бар кард. Ва Хадича алайҳумассалом дар рӯзи даҳуми ин моҳ вафот кард. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум Абдурраҳмон бинни Мулҷими Муродии малъун теғи ҳудро бар фарқи Алӣ бинни Абӯтолиб навохт ва димоғи муборакаш ӯро шикоф дод. Ва дар бомдоди рӯзи ҳафдаҳум воқеаи мавзеи Бадр рӯй дод. Ва баъзе гуфтаанд, ки ин воқеа дар рӯзи ҳафдаҳум буд. Вале ин гуфта дуруст нест, зеро бинобар қайди ахбор ин воқеа рӯзи душанбеи соли дуюм аз ҳиҷрат будааст. Ва чун мо барои ин сол оғози рамазонро ба даст оварем, хоҳем дид, ки рӯзи шанбе матлуб бо рӯзи ҳафдаҳум мешавад. Ва дар рӯзи нуздаҳум фатҳи Макка рӯй дод ва пайғамбар алайҳассалом ҳаҷро иқома нафармуд, зеро моҳҳои арабӣ ба сабаби «насий» аз макони аслии худ зоил шуда буд ва муддате диранг фармуд, то он ки ин моҳҳо ба макони аслии худ баргашт. Сипас ба ҳаҷ пардохт, ки «ҳаққатулвидоъ» номи ин ҳаҷ аст. Ва «насий»-ро ҳаром фармуд. Ва дар рӯзи бисту якум амиралмӯминин алайҳассалом (Алӣ) вафот кард. Ва вафоти Алӣ бинни Мусои Розӣ дар ин рӯз иттифоқ афтод. Ва баъзе гуфтаанд, ки вафоти ӯ дар рӯзи бисту сеюми моҳи зулқаъда будааст. Ва Салломӣ мегӯяд, ки дар рӯзи бисту дуюм амиралмӯъминин Алӣ алайҳассалом по бад-ин ҷаҳон гузошт. Ва дар рӯзи бисту панҷум Абӯмуслим Абдураҳмон бинни Мулҷам даъват ба Бани Аббосро ошкор сохт. Ва дар рӯзи бисту шашум Буркавӣ[174] дар Басра хуруҷ кард. Ва гуфтаанд, ки Буркавӣ Алӣ бинни Муҳаммад бинни Аҳмад бинни Исо бинни Зайд бинни Алӣ бинни Ҳусайн бинни Алӣ бинни Абӯтолиб будааст. Ва ҷамъе гуфтаанд, ки Буркавӣ Алӣ бинни Муҳаммад бинни Аб-

facebook.com/Китобхона
дурраҳим бинни Абдулқайс будааст. Ва ҳикоят кардаанд, ки Ҳасан бинни Зайд[175], соҳиби Табаристон, пас аз он ки Бурқавӣ дар Басра хурӯҷ кард, номае бад-ӯ нигошт ва ӯро аз насабе, ки дошт пурсиш намуд, ки то ҳаққи матлабро бишиносад. Бурқавӣ дар посухи ӯ нигошт: «Он ки ба корҳои ту ғамхорӣ мекунад ба корҳои ман ҳам ғамхорӣ кунад!»

Ва чӣ қадар ин ҷавоб мӯъҷазу мухтасар аст ва чӣ гуна Ҳасан бинни Зайдро сокит намуд ва то чӣ андоза ба ҷавоби Валиуддавлаи Абӯаҳмад бинни Халаф бинни Аҳмад, соҳиби Сиистон, монанд аст, ки чун Нӯҳ бинни Мансур, соҳиби Хуросон, номае пур аз таҳдид бад-ӯ нигошт, дар ҷавоб навишт:

«Эй Нӯҳ, ту доим бо мо ҷангу ҷидол мекунӣ ва дар вақтҳои охир ҷидолро бо мо зиёдтар карда истодай! Бо он чи ки моро таҳдид мекунӣ, зудтар ба болоямон ор, агар ту ба таҳдидат содиқ бошӣ!».

Ва шаби бисту ҳафтуми ин моҳро «лайлатулқадр» меноманд. Ва доир ба ин шаб худованд фармудааст: «Аз ҳазор моҳ беҳ аст». Ва ин иттифоқ аз ноҳияи мардумони авом сар задааст ва дар ҳақиқат норавшан аст. Ва гуфтаанд, ки дар ривоят омадааст, ки «лайлатулқадр»-ро дар шаби ҳафдаҳум ва нуздаҳум биёбед, зеро ҷанги назди мавзеи Бадр ва фатҳи Макка ва нузули фариштагон аз биҳишт дар ин ҳангом будааст. Ва шояд ин қавл ҳам саҳеҳ бошад, зеро худованд мегӯяд: (Дар ин шаб бо ҳукми раббӣ руҳу фариштаҳо мефароянду корҳо ба хубӣ анҷом меёбанд).

Ва низ гуфтаанд, ки дар рӯзи аввали моҳи рамазон саҳифаҳое барои Иброҳим нозил шуд. Ва дар рӯзи шашум «Таврот» бар Мусо нозил гашт. Ва дар дувоздаҳум «Забур» бар Довуд нозил шуд. Ва дар рӯзи ҳаждаҳум «Инҷил» бар Исо нозил гардид. Ва дар бисту чорум «Қуръон» бар Муҳаммад нозил шуд. Ва дар бораи нузули «Қуръон» худои таоло фармудааст: (Моҳи рамазон ҳамонест, ки «Қуръон» дар он нозил шуд). Пас, ба якин донista шуд, ки нузули «Қуръон» дар моҳи рамазон будааст. Ва ҷамъе аз уламо бо ин оят истидлол мекунанд: (Инро ба бандаамон рӯзи фуркон — рӯзе, ки ду тӯда вохӯрданд, нозил кардем). Барои ин ки нузули Қуръон дар рӯзи ҳафдаҳум мешавад, зеро дар ин рӯз буд, ки лашкари ислому маккаиён дар мавзеи Бадр якдигарро мулоқот карданд.

facebook.com/Китобхона

Аммо «Таврот», дар пеш гуфтем, ки дар рӯзи шашум аз Сиван нозил шуд, ки «иди Ансара» бошад. Ва агар моҳи рамазон бо ин моҳ, чунон ки гуфтаанд, мутафиқ шуда бошад, мумкин аст, вале сиҳати онро наметавон донист, зеро солеро, ки Таврот дар он нозил шуд, маълум нест. Ва агар маълум буд, мо аз роҳи хисоб маълум мекардем .Ва аммо ин ки гуфтаанд, «Инҷил» дар ҳаҷдаҳуми рамазон нозил гаштааст. Ин матлабро касе гуфтааст, ки кайфияти «Инҷил» ва назму тариқи ҷамъоварии онро намедонистааст. Ва аммо нузули дигари китобҳои осмонӣ ба куллӣ маҷҳул аст ва мумкин нест, касе бар ин матлаб вусул ёбад.

Шаввол — рӯзи аввали он «Иди Фитр» аст ва инчунин «рӯзи раҳмат» номида мешавад. Ва дар ин рӯз худованд Ҷабраилро барои ваҳйи худ баргузид. Ва низ дар ин рӯз ба занбӯри асал санъати шаҳдсозиро илҳом кард. Ва мегӯянд, дар ин рӯз худованд биҳиштро офарид.

Дар рӯзи дуюми ин моҳ рӯзаи мустаҳабест, ки шаш рӯз паиҳам аст. Ва дар рӯзи чорум нафрини пайғамбар ба насороӣ Наҷрон аст, ки Ҳасану Ҳусайнро ба ҷои писарони худ ва Фотимаро ба ҷои занон, бо худ овард. Ва Алӣ бинни Абитолибро, бинобар амри эзидӣ, ба худ наздик сохт. Ва дар рӯзи ҳафдаҳум ғазои Уҳуд[176] аст. Ва ба гуфтаи дигар ғазои Уҳуд дар рӯзи нимаи ин моҳ будааст. Ва Ҳамза низ дар ин рӯз кушта шуд ва пайғамбар аз кушта шудани ӯ хеле мутаассир гашт. Ва дар рӯзи нуздаҳум вафоти Абитолиб аст. Ва дар рӯи бисту сеюм, ба гумони ҷамъе, Юнусро моҳӣ фурӯ бурд.

Зулқаъда — дар рӯзи панҷуми он Каъба аз Осмон ба замин омад ва раҳмат аз осмон бар Одам нозил шуд. Ва пояҳои хонаи Каъбаро Иброҳим ва Исмоил боло бурданд. Ва дар рӯзи чордаҳуми он, ба гумони ҷамъе, Юнус аз шиками моҳӣ беруи омад. Ва бинобар ин қавл Юнус дар шиками моҳӣ бисту ду рӯз диранг кард. Вале ба ақидаи насоро, чунон ки дар «Инҷил» зикр шуда, се рӯз будааст. Ва дар бисту нӯҳум, ба гумони ҷамъе, буттаи каду барои Юнус сабзид.

Зулҳиҷҷа — дар рӯзи аввали он пайғамбар Фотима — духтари худро ба тазвиҷи Алӣ бинни Абитолиб даровард ва даҳаи аввали ин моҳро «айёми маълумот ва ҳарам» гӯянд. Ва мегӯянд, он даҳ рӯзе, ки худо-

facebook.com/Китобхона
ванд ваъдаи худро бо Мусо итмом намуд, ҳамин даҳ рӯз аст. Чунон ки мегӯяд:

(Мо Мусоро сӣ шаб ваъда додем, вале онро дар даҳ рӯз иҷро намудем).

Ва мақсуд аз сӣ шаб шабҳои моҳи зулқаъда ва мақсуд аз даҳ рӯз ҳамин даҳи мазкур аст. Ва рӯзи ҳаштуми ин моҳро «тарвия» меноманд.

Ва ҷамъе мегӯянд, ки ваҷҳи ин номгузорӣ он аст, ки обро аз Макка бар равоё, ки шутурони обкаш бошанд, бор мекарданд. Ва низ гуфтаанд, ки чашмаи Замзамро дар ин рӯз худованд барои Исмоил берун овард. Ва ӯ аз ин об ошомид, то он ки сер шуд. Ва низ гуфтаанд, ки худованд ба Мусо дар ин рӯз дар кӯҳи Тур таҷаллӣ фармуд, чунон ки дар қиссаи Мусо зикр шудааст. Ва рӯзи нӯҳуми ин моҳро «арафа» гӯянд, ки дар Арафот рӯзи ҳаҷи акбар аст. Ва аз ин ҷиҳат ин рӯзро «арафот» меноманд, ки мардон, ки барои қазои тавоифу қурбонӣ дар Каъба гирд меоянд, якдигарро мешиносанд. Ва дар ин рӯз худованд Иброҳимро хилъати рангоранги дӯстӣ бипӯшонид. Ва ин рӯзро «явмулавф» низ меноманд. Ва рӯзи даҳуми ин моҳ иди Қурбон аст, ки қурбониҳо ва ҳадьяро дар ин рӯз мекушанд. Ва охирин рӯзи ҳаҷ ҳамин рӯз аст. Ва дар ин рӯз худованд ба ҷои Исмоил як кӯчро қурбонӣ гирифт. Ва низ мегӯянд, ки дар ҳамин рӯз худованд «Сирот»-ро барои ҳисобу қазоват дар аъмол биофарид. Ва рӯзи ёздаҳуми ин моҳ «Явмулқар» (рӯзи осоиш) аст, зеро мардум дар ин рӯз дар мавзеи Мино истиқрор меҷӯянд. Ва дар рӯзи дувоздаҳум «Явмуннафар» (рӯзи парокандашавӣ) аст. Ва айёми ташриқ рӯзи ёздаҳум, дувоздаҳум ва сездаҳум аст. Ва аз ин ҷиҳат ин се рӯзро «айёми ташриқ» номанд, ки аъроб мегӯянд:

(Эй кӯҳи Собир, тезтар моро хароб кун, то он ки аз раҳравӣ боз намонем).

Ва Ибни Аъробӣ[177] мегӯяд: «Ваҷҳи чунин номидан он аст, ки то он ки Офтоб тулӯъ накунад, молҳои курбониро намекушанд. Вале ин ҳамон рӯзҳоест, ки худованд фармудааст: (Худоро дар рӯзҳои муайян ёдоварӣ кунед!)

Ва дар рӯзи ҳафдаҳум Усмон бинни Аффон[178] худо раҳматаш кунад, кушта шуд. Ва рӯзи ҳаҷдаҳум иди «Ғадирхум» мебошад ва он номи манзилест, ки пайғам-

facebook.com/Китобхона

бар пас аз ҳаҷулвидоъ дар он ҷо фуруд омад ва чиҳози шутуронро ҷамъ кард. Ва бозӯи Алӣ бинни Абитолибро гирифт ва аз он ҷиҳозҳо боло рафту фармуд: «Эй мардум, оё ман аз худи шумо дида, ба шумо наздиктар нестам?» Гуфтанд: «Оре». Фармуд: «Бар ҳар кас, ки ман сарвар бошам, Алӣ сарвари ӯст. Худовандо, дӯстдори Алиро дӯст бидор ва бо душманонаш душманӣ кун! Ва онон, ки Алиро ёрӣ мекунанд, эшонро ёрӣ намо! Ва онон, ки мехоҳанд, ӯро хору забун кунанд, ту эшонро хору залил кун! Ва аз ҳар роҳе, ки Алӣ мегардад, ҳаққу ҳақиқатро бо ӯ бигардон!». Ва ривоят кардаанд, ки пас аз ин гуфтор сари мубораки худро ба сӯи осмон баланд карду се мартаба гуфт: «Худовандо, оё маъмӯрияти шуморо ба хубӣ анҷом додам?». Ва дар рӯзи бисту чоруми ин моҳ амиралмӯъминин дар ҳоли рукӯъ ангуштарини хешро ба гадое бахшид. Ва дар рӯзи бисту панҷум Умар бинни Хаттоб кушта шуд ва сураи «Ҳал ато...» (омад-мӣ...) дар ин рӯз нозил шуд. Ва дар рӯзи бисту шашум истиғфор ба Довуд нозил гашт.

Дар рӯзи бисту нӯҳум воқеаи «Ҳарра» иттифоқ афтод. Ва дар ин ҷанг Бани Умия аҳли Мадинаро катли ом ва ҳастии ононро ба яғмо бурданд. Ва ба занони маҳоҷир ва ансор[179] дастдарозӣ карданд ва беномусии бисьёре намуданд. Ва ҳар он касро, ки пайғамбар аз ин авбош, ки корҳои қабеҳро дар Мадина содир намуданд, лаънат кард, худованд низ лаънат кунад. Ва моро дар шумори ашхосе гардонад, ки ба амалҳои фасод ризоят намедиҳанд. Ва ӯ беҳтарини тавфикдиҳандагону ёрон аст. Ва сипоси бениҳоят бар ӯ бод!

ФАСЛ

МАНЗИЛҲОИ МОҲ, ТУЛӮЪУ ҒУРУБ ВА СУРАТИ ОНҲО

Акнун вакти он фаро расид, ки дигар лаб аз гуфтор фурӯ бандем ва он чӣ аз мо пурсиданд ва дархури дониши мо буд ва ваъда дода будем, ки посух гӯем, ба ваъдаи худ вафо кардем ва «болотар аз ҳар соҳибилм доное ҳаст». Ва барои такмили ин фан чуз шиносоии тулӯи манозили Моҳ дар рӯзҳои соли хуршедӣ чизи дигаре бокӣ намонд. Ва ин баҳс барои умум

facebook.com/Китобхона
манфиате, ки доро аст аз маърифат ба аҳволи табиие, ки ба интиқоли манозили Қамар ҳодис мешавад. Аз ин рӯй сухани худро ба куллиёти ин мабҳас ва сарчашмаҳои ин боб савқ медиҳем. Ва қадре аз амсол, ки дар ин боб гуфтаанд, аз китобҳое, ки дар ҳамин маънӣ таълиф гашта, илтиқот мекунем. Монанди китоби Қулсумӣ, китоби Иброҳим бинни Сарии Заққоҷ, Абӯяҳьё бинни Куноса, Абӯҳанифаи Динаварӣ дар анво, китоби Абӯмуҳаммад Ҷабалӣ дар илми манозири нуҷум, китоби Абулҳусайни Сӯфӣ дар кавокиби собита ва дигар китобҳои марбута ба ин боб гӯем:

Ҳиндиён фалакро ба шумори манозили Моҳ, ки назди эшон бисту ҳафт манзил аст, қисмат карданд. Пас, дар натиҷа фалакро ҳам ба бисту ҳафт пора тақсим намудаанд. Ва ҳар пора аз фалак, ки манзили Қамар бошад, тақрибан сездаҳ бутуну чаҳорьяк дараҷа аст.

Ва ҳиндиён аҳкоми нуҷумии худро ба даромадани ситорагон дар риботот, ки маъруф ба «ҷуфур» аст ва барои ҳар ҳол ва ҳоҷати чудогона, ки зарур ва воҷиб аст, истихроҷ мекунанд.

Ва ҳикояти ин матлаб ба дарозо мекашад ва аз доираи ғараз берун аст. Ва дар кутуби аҳкоми танҷим (астрология) мавҷуд ва маъруф мебошад.

Аммо аъроб фалакро ба бисту ҳашт манзил қисмат кардаанд. Пас, ҳар манзиле тақрибан дувоздаҳ бутуну аз шаш панҷ дараҷа аст. Ва дар ҳар бурҷе ду бутуну сеяк манзил аз манозили Қамар воқеъ мешавад. Ва яке аз гӯяндагони эшон чунин гуфтааст:

(Барои касе, ки миқдори манзилҳоро донистан мехоҳад, онҳоро ҳисоб кардам. Бисту ҳашт манзили ситорагон мавҷуданд. Ҳар яки онҳо дар бурҷҳоанд, ки ду бутуну сеяк манзили Қамар аст. Ҳам ҳисобу ҳам «анво» ба онҳо вобаста аст. Тобистону зимистон низ бо онҳо давр мезананд).

Он чи аъроб аз ин манозил ба кор мебаранд, ғайр аз он аст, ки ҳиндиён мавриди истифода қарор додаанд, зеро максуди аъроб аз ин кор шиносоии аҳволи ҳаво дар замонҳо ва маърифати ҳаводиси гуногун дар фусули сол аст.

Ва чун тозиён қавме буданд оммӣ ва бесавод, наметавонистанд, ки ин манозилро ба ғайр аз дидан, аз роҳи дигар бишиносанд. Ин буд, ки манозили Моҳро ба кавокиби собита, ки дар он манозил иттифоқ меяф-

facebook.com/Китобхона
тад, нишона гузоштанд. Зеро кавокиби собита аз он манозил зоил намешавад, магар ин ки муддатҳои дароз бигузарад. Ва аъроб ҳам мардуме набуданд, ки ин қабил матолибро бифаҳманд. Сипас, ашъоре дар ин боб суруданд ва сачъҳое иншо карданд. Ба таъсири табиӣ, ки дар тулӯи ҳар як аз манозил мутобиқи тачриба ва имтиҳон рӯй медиҳад, барои ин ки ҳифзи он бар оммиҳо осон бошад, дар ин ашъор ва сачъҳо зикр карданду дар аҳволи зиндагии худ бад-он ашъор тамсил чустанд. Мисли ин ки яке аз эшон мегӯяд:

(Дар шаби сеюми баробар шудани Моҳ бо Сурайё зимистон тамом мешавад).

Маънои шеър ин аст: Парвин, ки дар дарачаи даҳуми бурҷи Савр аст, тақрибан то дарачаи понздаҳуми он. Чун Моҳ дар шаби сеюм баробари он гардад, дурии моҳ аз Офтоб тақрибан чил дараҷа хоҳад буд. Ва Офтоб дар ин мавқеъ дар аввали Ҳамал ҷой хоҳад дошт.

Ва боз мисли ин ки дигаре гуфтааст:

(Агар Моҳи пурра ба Сурайё рӯбарӯ шавад, он гоҳ хунукӣ меояд, ки аввали он фасли зимистон аст.)

Баёни шеър он аст, ки чун Моҳ дар истиқбол бо Парвин баробар гардад, Офтоб дар нисфи акраб хоҳад буд. Ва он рӯзҳо авоили сармо аст.

Ва дигаре гуфтааст:

(Агар Дабарон дар шаби чордаҳум бо Моҳи пурра баробар шавад, он гоҳ зимистон дар ҳама ҷо якбора меояд. Гӯё он «саворагон» барои гарм шудан ишора мекарда бошанд. Ҳамин ки Моҳи пурра дар осмон пайдо шуд, соя сутунҳои хаймаро кӯтоҳ мекунад. Ин ҳолат дар вакте ба амал меояд, ки шаб ба ду қисмати баробар тақсим шуда бошаду осмон низ аз абрҳо пок бувад). Зеро Офтоб дар ин вақт дар қалби бурҷи Акраб аст. Ва дар ин ҳангом оғози сармо аст ва майли дарачаи Моҳ ба сӯи шимол хоҳад буд. Ва басо ҳам иттифоқ меафтад, ки арзи Моҳ аз фалакулбуруҷ ба чихати майл ба болои сари аъроб рост мегардад. Ва чун Моҳ ба васатуссамо расад, сояи ҳар чизе дар ин вақт, ки ниман шаб аст, нопадид мешавад.

Ва дигаре гуфтааст:

(Ҳамин ки Моҳи нав аввали шаб дар байни ситорахои Наоим ба чашмони одамон намоён шавад, аз хар тараф ба сӯи кас шамоли хунук мевазад. Дар ка-

facebook.com/Китобхона
рибихои субхи он гирдаи саллаҳо аз ҳад зиёд зебо менамояд).

Зеро Офтоб дар ин вақт дар аввали Қавс аст.

Ва боз чунон ки дигаре гуфтааст:

(Тамоми шаб хунук шуд, зеро ситораҳои Авво манзили Офтоб гардидааст).

Зеро чунон ки ҷадвали махсус бад-ин кор гувоҳӣ медиҳад, кавокиби Авво дар ҳангоми баробарии шабу рӯз, ки дар тирамоҳ ба вуқӯъ меояд, зоҳир мегардад.

Ва агар ман бихоҳам, ки ин қабил абьётро дар ин китоб зикр кунам ва сачъҳоеро, ки аъроб дар тулӯи ҳар манзил аз манозили Моҳ гуфтаанд, эрод намоям, ба шарҳи маонии он ниёзманд мешавам. Ва бояд ғароиби луғати онҳоро ҳам зикр кунам. Ва ин бори ғаронро онон ки дар «анво» китобе навиштаанд, аз дӯши ман бардоштаанд.

Ва чун тозиён таъсиротро ба тулӯи кавокиб ва ғуруби он нисбат доданд ва аз улуми табиӣ бехабар буданд, ки таъсирот ба аҷроми кавокиб ва тулӯи худи аҷром вобастагӣ доранд, на ба ҷойгоҳи онҳо ва нуқоти фалаку хулули Офтоб дар он. Ин буд, ки монанди хикояте, ки дар Шаъроии Ямонӣ гуфта шуд, ки Буқрот дар замони худ мардумро ҳангоми тулӯи он аз хунгирӣ манъ карда буд, муътақид шуданд.

Ва ин фасл яке аз ҳолоти гузаштаи манро ба ёд меоварад, ки тасдиққунандаи чунин гуфтори Аҳмад бинни Форис аст:

Дар рӯзгори гузашта хакиме гуфтааст, ки инсонро бо ду аъзои хурдтаринаш (забону дил) шинохта мешавад. Вале ман ҳамчун марди доною хирадманде мегӯям, ки одамӣ танҳо бо дорояш шинохта мешавад. Касеро, ки дирҳаму дорояш набошад, занаш ҳам ба ӯ илтифот намекунад. Вай дар хонаи худ азобу хорӣ мекашад ва худро хеле хакиру нотавон ҳис мекунад. Ҳолати чунин шахс ба дарачае рафта мерасад, ки гурбаи хонааш ҳам бар ӯ беибо бавл хоҳад кард.

Шарҳи кисса он аст: Рӯзгореро, ки аз даргохи муборак дур будам ва аз саодати хидмати шариф[180] махрум, дар Рай шахсеро дидам, ки дар шумори уламои нучум буд ва мукоринoти кавокибро, ки ба манозил мансуб бувад, ба кор мебаст ва аз рибототу «чуфур»-и он хукмхо мебаровард, то ки хаводиси хаворо бад-ин тариқ бишиносад. Ман бад-ӯ гуфтам: Савоб дар хилофи

facebook.com/Китобхона

ин кор аст. Ва табиате, ки ба нахустин манзили Моҳ ва хоси он ва он чӣ ҳиндиён аз робитаи он манзил бо манзили дигар зикр кардаанд, ҳамин қадар, ки аз авалҳои бурҷи Ҳамал кавокиби он зоил шуд, ин табиат несту бартараф намегардад. Чунон ки ҳукмҳои бурҷи Ҳамал, баробари нест шудани сурати он, барҳам намехӯрад.

Мунаҷҷими мазкур вақте ки ин ҳарфро шунид, бо он ки дар куллияи иттилооти хеш мартабааш поинтар аз ман буд, аз роҳи таҳқир бинии худро боло кашиду гуфтаи маро бардурӯғ баровардани шуд. Ва чун фазилати ман бо ӯ дар дороию фақирӣ буд, ки обрӯю эътибори шахси фақир ҷузви беэътиноӣ мешаваду ифтихораш ба айбу иллат бармегардад. Хеле ин мунаҷҷим ба ман такаббуру тамасхур намуд. Ва ман дар он вақт аз ҷамеи чиҳот гирифтор ва парешон будам. Пас аз он ки қадре аз парешонӣ ва гирифтории ман коста шуд, гуфтаи маро тасдиқ намуд.

Набояд ин матлаб пӯшида бимонад, ки агар эътимод бар шиносоии таъсироти тулӯи ачроми ин ситорагон ба дидорӣ бувад, лозим меомад, ки замонҳо ҳам ба гузаштани ин кавокиб бояд бигузарад. Ва низ ҳар иқлиме бо иқлими дигар тафовут ёбад ва ба ҳамон чи дар маърифати зуҳури кавокиби мутаҳайира [118] ва фурӯравии он аз зарби амалҳои хастакунандаи он ниёзманд мегаштем, дар ин чо ҳам ниёзманд мешудем. Вале маъноии тулӯи манозил ин аст, ки чун Офтоб дар яке аз ин манозил пайдо шавад, он манзил ва манзилҳои пешро мепӯшонад. Ва манзили сеюм миёни тулӯи фаҷру Офтоб чуноне ки Ибни ар-Раққоъ васф намудааст, ба таври ҷилодор тулӯъ мекунад.

Чунон ки гуфтааст:

Шахси мушоҳидакунанда ҳангоме, ки аз намози субҳ баргашт, ситораи Шаъроро равшан мебинад. Ман сурхии ситораи Шаъроро дар пагоҳии барвақт дидаам. Он сурхӣ шабона аз Шаъро гӯё, ки баландтар рафта, пинҳон мешавад. Аммо шаб ҳаргиз аз Шаъро ноумед намегардад. Рӯз бошад, чунин дилбастагии шабро ба ситораи Шаъро эътироф намекунад .

Аъроб тулӯи ҳар манзилро «навъ»-и он номанд, яъне дигаргуниӣ ва қиёми он. Ва таъсири тулӯъро «бориҳ» мегӯянду таъсири фурӯравиро, ки ҳамон гуруб бошад, низ «навъ» мехонанд. Ва аз тулӯи ҳар як аз манозил то

facebook.com/Китобхона

тулӯи манзили дигар, ки дар дунболи он аст, сездаҳ рӯз тӯл мекашад. Аммо манзили Ҷабҳат дигаргун аст, яъне аз тулӯи он то тулӯи манзили пас аз он меомада чордаҳ рӯз мегузарад. Ва яке аз гӯяндагони эшон мегӯяд:


«Дон, ки вақт аз чорьякҳо иборат аст. Ва ҳар як чорьяк як ҳафтьяк дорад. Ҳаман ҳафтьякҳо барои тулӯи ситорагон ва «навъ»-и ситорае, ки дар Мағриб фурӯ рафтааст, мебошанд. Ва аз тулӯи ҳар як ситора, то ситораҳои дигар чор шаб мегузарад. Пас ба он боз нӯҳ шаб ҳамроҳ мешавад».

Сипас аъроб бо ҳам дар ин матлаб ихтилоф карданд. Ҷамъе гуфтаанд: «Ҳар таъсире, ки пас аз тулӯи манзиле то тулӯи манзили баъдӣ гардад, мансуб бад-он манзил аст». Ва ҷамъе дигар гуфтаанд, ки барои тулӯи ҳар як аз ин манозил ва ғуруби он миқдори муайяне аз замон аст. Ва он чиро, ки дар ин муддат рӯй дихад, мансуб ба манзили Қамар аст. Ва чун ин муддат тамом шавад, он чи пас аз ин муддат рӯй диҳад, дигар мансуб бад-он нахоҳад буд. Ва аксарияти аъроб гуфтаи охирро писандиданд ва дар муддатҳои ин замонҳо ихтилоф карданд. Ва мо ихтилофи онро хоҳем зикр кард.

Ва чун таъсире муҳаққақ бошад, вале асаре аз он дар замонҳо зоҳир нагардад, мегӯянд: «Ҳаво-ан-наҷм» ва «Ҳават-ал-манзила», яъне муддату замони ин манзил бигузашт. Ва борон ва ё гармо ва ё сармо ва ё боде, ки шуданаш зарур буд, ба зуҳур нарасид.

Аъробро дар чиҳоти бодҳо ва маҳалли вазидани онҳо ва шумораи бодҳо ихтилофоти бисьёрест. Баъзе чунин тасвир кардаанд, ки чиҳати бодҳо муҳасир дар шаш сӯ мебошад. Чунон ки Ибни Куноса аз Абӯмаҳмуди Ҷаъфар бинни Саъд бинни Самура бинни Ҷундуби Фазорӣ накл мекунад ва бештари тозиён мегӯянд: «Чиҳоти бодҳо чаҳор аст». Чунон ки аз Холид бинни Сафвон ин тавр накл шудааст. Ва аксарияти халққо бар ин ақидаанд, агарчи чиҳати вазидангоҳи бодҳо назди эшон мухталиф аст. Ва ин ду раъй, ки аз аъроб накл кардаанд, дар ин ду доира, ки мулоҳиза мекунед, ҷамъ шудааст. Ва раъйи аввал дар дохили доира аст ва раъйи дуюмин бо номҳои ин бодҳо ва чиҳати вазидани онҳо дар берунии доира аст. Ва шакли доира ин аст:

facebook.com/Китобхона



Дар раъи аввал «Маҳва»-ро боди ҷануб зикр кардаанд. Ва маъруф он аст, ки «Маҳва» боди шимол аст, зеро абрро маҳв мекунад. Ва пас аз он ки боди ҷануб абрро бо холати сайрӣ савқ дод, ин бод абрро аз сайрӣ фориғ ва тиҳидил мекунад. Ва дар ин раъй барои «наҳбо» як ҷиҳати дигар зикр кардаанд, бо он ки маъруф ин аст, ҳар боде, ки ҷойгоҳи вазиши он миёни ҷиҳати ду бод аз бодҳои чоргонаи мазкур бошад, «наҳбо» гӯянд. Ва Зуррума ин чор бодро дар шеъри худ зикр кардааст. Ва «наҳбо»-ро ҳам бад-ин тариқ, ки мо гуфтем, баён кардааст: (Бороне сели «анвоъ» ва «ҳайфон» ҳар ду бар болои хонаҳо гарду хасро аз пушти кӯҳҳо меоранд. Ва сеюмин, ки боди сарди тунд аст, аз тарафи Шом вазида, аз болои сангрезаҳо бо гирдбод мегузарад.

facebook.com/Китобхона

Ва чоруми он аз тарафи баромади Офтоб чанг бардошта, бо раъду барқ вазидан мегирад. Шамоли тези «накбо» ҳам ба чунбиш омада, фарьёди шутурони бордори даҳмоҳаро наздик мекунад).

«Ҳайфон» боди чануб ва даббур аст. Ва боде, ки аз Шом мевазад, шимолӣ аст. Ва боде, ки аз чониби баромадгохи Офтоб меояд, боди сабо аст. Ва чиҳати бодхо назди эрониён монанди акидаи юнониён ва чамеи табииён аст. Ва марказҳои ин чиҳат мансуб ба чиҳати чоргона аст. Ва ин акидаро ҳам аз ин доира мешвад донист:



Сипас, он чи аз бодхо, ки миёни маркази ду чиҳат бивазад, ба наздиктарини марказии вазидангоҳ нисбат медиҳанд. Ва дастае аз табииён ба тулӯи Офтоб ва мағриби он дар баромаду фурӯравии Офтоб мансуб медоранд ва онро ба номи юнонӣ мехонанд.

Аз барои таъсири тулӯи манозили Моҳ ва ғуруби он тарикаи хубе дар даст аст. Бад-ин тавр, ки бояд аз оғози моҳи эълул то рӯзеро, ки мехоҳем, ҳоли онро бидонем, ба даст оварем ва сездаҳ-сездаҳ тарҳ кунем ва агар чизе бокӣ монад, бояд дид дар сурате, ки Моҳ дар мукобалае бо Офтоб бошад ва ё дар яке аз ду квадрати худ. Агар вакти борон бошад, борон хоҳад омад ва ё тағьире дар ҳаво аз сармову гармо пайдо мешавад.

Ва дар рӯзи аввали моҳи эълул Борих-ус-Сарфа ва «навъ»-и Саър-ул-Ахбия аст. Ва аз ин чиҳат аз моҳи эълул оғоз карданд, ки нахустин рӯзи моҳи аввали фасли тирамоҳ аст.

facebook.com/Китобхона

Абумаъшар мегуяд: «Мо ин корро дар соли дусаду ҳафтоду нӯҳ дар истиқболи моҳи шаввол озмудем. Бад-ин тариқ, ки аз аввали моҳи элул то рӯзи истиқболро гирифтем ва саду сӣ рӯз шуд. Ва сездаҳ-сездаҳ онро тарҳ кардем ва чизе боқӣ намонд. Ва толеи истиқбол Далв буд ва дар он рӯз борон омад. Ва чун Моҳ дар квадрати худ рост шуд, боз ҳам дар он рӯз борон омад».

Боз Абӯмаъшар нақл мекунад, ки дар соли баъд ҳам ҳамин озмоишро такрор кардем. Ва аз аввали моҳи элул то рӯзи панҷшанбеи сездаҳум аз моҳи конуни аввалро ба даст овардем ва сездаҳ-сездаҳ тарҳ кардем ва чизе боқӣ намонд. Ва миёни Моҳу Офтоб нисфи бурҷ фосила буд. Ва Моҳ низ аз шашьяки Миррих гузашта буду ба наздикии Зӯҳра муттасил шуда буд. Ва дар ҳамин вақт боз борон омад.

Ин ду ҳикоятро, ки аз Абӯмаъшар нақл кардем, ба сиҳату савоби ин матлаб гувоҳӣ медиҳад. Ва чун дар ин кор ба рибототи ҳинд ва «ҷуфур»-и эшон мадад ҷуста шавад, ба ҳақиқат наздиктар мегардад.

Чунин гуфтаанд, ки донотарин тозиён ба манозили нуҷум Бану Мория бинни Қалб ва Бану Мурра бинни Шайбонанд. Ва тозиён барои донистани манзилҳои Моҳ ба манзили Шаратайн муроҷиат карданд, зеро дар он замон манзили Шаратайн дар аввалҳои бурҷи Ҳамал буд. Вале мардуми дигар, ғайр аз аъроб, аз Парвин оғоз намуданд. Ва намедонам аз ин ҷиҳат ба Парвин оғоз кардаанд, ки чашм Сурайёро аз дигар ситорагон осонтар мебинад ва бе ҳеҷ гуна ҷустуҷӯ меёбад. Ё ин ки барои ин аз Парвин ибтидо намуданд, ки ман дар кутуби Ҳирмис дидаам, ки баробари шабонарӯзии баҳорӣ дар манзили Сурайё аст. Ва бояд Ҳирмис ин суханро се ҳазор сол пеш гуфта бошад. (Ва худо мақсади эшонро хубтар медонад).

Акнун мутобиқи раъйи тозиён шурӯъ мекунем. Ва ба он чӣ эшон оғоз кардаанд, мо низ оғоз мекунем.

Шаратон, яъне «ду аломат» ва бад-ин сабаб чунин номида шуданд. Чунон ки асҳоби салотинро «шарат» мегӯянд, зеро бар худ бо як чизи сиёҳ ва ё дигар рангҳо аломат мегузоранд. Ва дар Шаратон аз кавокиби бурҷи Ҳамал ду кавкаб аст. Ва басо иттифоқ меафтад, ки ситораи сеюмеро, ки ба онҳо наздик аст, бо ин ду изофа мекунанд. Ва ба ин эътибор «ашрат»

facebook.com/Китобхона

гуфта мешавад. Ва чун Шаратон дар ҳаракати худ ба ниман осмон бирасад, дар ҳар ду шарат ба андозаи ду оршин миёни онҳо фосила хоҳад буд. Ва яке аз ин ду шарат шимолӣ аст ва дигаре ҷанубист. Ва он чиро, ки аз андозаи дурии миёни кавокиб дар ҳар ду шарат зикр кунанд, мақсуд ҳангомест, ки дар васатуссамо воқеъ шаванд, на мавкеи дигар. Зеро миқдорҳо дар офоқ барои ин ки биниши шуои чашм дар бухорхое, ки муҳит ба замин аст, зиёд мешавад, чунон, ки дар «Кутуби манозир» навиштаанд, бузургтар ба назар меояд.

Ва низ дар масофаи дурии миёни ду ситора, бояд аз шимол ба ҷануб гирифта шавад. Ва басо иттифоқ меафтад, ки чун ин ду кавкаб ба уфуқ расиданд, бояд масофаи дурии онҳоро аз машриқ ба мағриб гирифт ва ё тақрибан бар яке дигар аз даврҳои иртифоъ. Ва сабаби тақрибӣ будан ин аст, ки кураро аз коим будан дар экватор майл мавҷуд аст.

Манзили Ашротро «Натҳ» низ мегӯянд, зеро Шаратон бар асл дар ду шохи Ҳамал воқеъ шудаанд. Ва ҳукмҳои ин қабил бинобар вачҳи аввал барои бурҷи Ҳамал лозим аст. Ва ба кавокибе, ки ба бурҷи Ҳамал ном ида мешавад, тааллуқ надорад.

Бутайн — ва он се ситора аст, ки дар охири батни Ҳамал воқеъ шудаанд ба ҳайати мусалласи мутасови-ул-азлоъ. Ва «Бутайн» тасғири «батн» аст, зеро тозиён ба изофа ба батни Ҳут ин калимаро тасғир намудаанд.

Сурайё — шаш ситора аст ва ба гирди ҳам ҷамъ омадаанд ва ба хӯшаи ангур хеле шабоҳат дорад. Ва тозиён мегӯянд, ки Сурайё «дунбаи бурҷи Бара» аст. Ва ин суҳан писандида нест, зеро Парвин бар кӯҳони Савр воқеъ аст. Ва Сурайё тасғири «Сарво» аст ва асли он аз «Сарват» аст, ки ба маънои ҳчтимоъ ва касрати адад бошад.

Баъзе аз аъроб мегӯянд: «Сурайёро аз ин сабаб ба ин исм хонданд, ки бороне, ки ба «навъ»-и он меояд, тавлиди сарват мекунад». Ва Сурайёро араб «Анҳаҷм» мегӯянд. Ва он чиро, ки Батламиюс аз кавокиби Парвин зикр кардааст, чор ситора аст. Зеро чуз ин чаҳор ӯ расад накарда буд, зеро дар нигоҳ бо чашм миёни он хеле танг аст. Ва ҳангоме, ки ин манзил зери шуо биравад, ки назди аъроб чил рӯз аст,

facebook.com/Китобхона
бадтарини вақтҳои сол аст ва аз ҳама замонҳои сол вабо дар он вақт бештар аст. Асадӣ мегӯяд: «Сурайё тулӯъ накард ва «навъ» нанамуд, магар ин ки маразе бо он буд». Ва баъзе аз табииёни аъроб гуфтаанд: «Шумо маро аз ҳангоми пинҳон гаштани Сурайё то тулӯи он замонат кунед. Ман барои шумо соири айёми солро зомин мешавам». Ва аз пайғамбар алайҳиссалом ривоят шуда, ки чун Сурайё тулӯъ кард, мараз аз рӯи замин дафъ мегардад. Ва дар ривояти дигар нохушӣ аз ҳар кишвар бардошта мешавад.

Дабарон — ситораест сурху нуронӣ ва аз ин ҷиҳат онро Дабарон гӯянд, ки бар Сурайё пушт карда ва ӯ дар чашми ҷанубии Савр аст ва низ Дабаронро «Фаниқ» мегӯянд. «Фаниқ» шутури нари хеле бузург аст, зеро аъроб кавокиберо, ки дар перомуни Дабарон аст, «Қаллос» гуфтаанд. Ва Дабаронро низ «Тобеъ-уннаҷм» ва «Сониуннаҷм» гӯянд, яъне пайрави Сурайё. Зеро Дабарон Парвинро дар тулӯъ ва ғуруб пайравӣ мекунад. Ва Дабаронро низ «Мӯҳдиҷ» гуфтаанд.

Ҳақъа — се ситораи хурдаке аст, ки хеле ба ҳам наздиканд. Ва мисли ин мемонад, ки осори нарангушту ангушти миёнӣ ҳастанд, агар ин сарангуштро бо ҳам ба замин бизанад. Ва аз ин ҷиҳат арабҳо ин се ситораро «Ҳақъа» гуфтанд, ки ба доирае, ки дар паҳлӯи асп аст ва назди мафсили пои он монанд кардаанд. Ва дар луғати араб гуфта мешавад: «Фараси маҳқӯъ». Ва баъзе аз тозиён Ҳақъаро Саҳоби донистаа ва гуфтааст: «Ҳақъа он ситораи Саҳобиест, ки бар Раъсулҷаббор, яъне Ҷавзо ҷой дорад.

Ҳанъа — ду ситораи дурахшандае ҳастанд дар Қаҳкашон, ки миёни Ҷавзо ва Раъсуттавъамин мебошад ва фосилаи ин ду ба андозаи як тозиёна аст. Ва яке аз ин дуро Зир ва дигареро Майсон номанд. Ва ҳарду дар пои Тавъами Толӣ мебошанд.

Ҳанъа ба гуфтаи Заҷҷоҷ аз «ҳанъатушшайъ» муштақ аст, ки чун чизеро баргардонӣ ва қисмате аз онро бар қисмати дигараш пайваст кунӣ, он вақт гуфта мешавад: «Ҳанъатушшайъ». Гӯё ҳар як аз ин ду кавкаб ба сӯи дигаре баргардонда шуда бошад. Ва баъзе чунин гуфтаанд, ки ба қиёс ба ситораи сеюме ба сӯи эшон, ки аз миёни онҳо бар канор аст ва ин дуро мисли гардани хамшуда гардонида, гуфта шудааст.

Ва аъроб пиндоштанд: «Ҳанъа» бо шаш ситораи

facebook.com/Китобхона
дигар камони Ҷавзо ҳастанд, ки Асад бо ин камон тир меандозад.

Зироъ — ин ҳам ду ситора аст. Ва фосилаи ин ду ба андозаи як оршин аст. Яке аз ин ду Шаъроии Ғамисо аст, яъне «рамсо», ки Шаъроии Шомия бошад. Ва ин Зироъ назди араб оршини росткардаи Асад аст. Ва аммо Зироъи гирифтаи Асад он аст, ки яке аз кавокиби он Шаъроии «Иббур» аст, ки Шаъроии Ямонӣ бошад. Вале назди уламои нуҷум оршини густурдаи Асад Раъсуттавъамин аст. Ва оршини гирифтаи Асад аз ситорагони Калб мутақаддам аст. Ва тозиёнро дар ин матлаб ихтилофоти бисьёре аст. Ва дар вақти пайдоиши ин кавокиб ахбори хурофоти бисьёр гуфта шудааст. Ва «Ғамисо» дар соли ҳазору сесади искандарӣ дах рӯз ки аз моҳи тамуз бигузарад, тулӯъ мекунад. Ва «Иббур», ки Шаъроии Ямонӣ аст, бисту се шаб, ки аз моҳи тамуз бигзарад, толеъ мегардад.

Насра — мавзеест, ки миёни даҳони Асад ва байни чаноқҳои бинии он аст. Ва ин манзилро аъроб «Лаҳот» низ гӯянд. Ва Насра — ду ситора аст, ки миёни он ду доғи саҳобӣ аст. Ва ин ду ситора аз сурати Саратон аст.

Тарф — Максуди аъроб аз Тарф чашми Асад аст ва Тарф ҳам ду ситора аст, ки яке аз ин ду ба сурати Асад наздик аст. Ва сонӣ аз кавокиби хоричае аз сурати Саратон ва дар пеши Тарф кавокибе аст, ки онҳоро Ашфор гӯянд, яъне «Мижаҳои бурҷи Шер».

Чабҳат — яъне чабҳа ва пешонии бурҷи Шер, ки чаҳор ситоранд ва фосилаи ҳар як бо дигаре ба андозаи як тозиёна аст ва ба таври ҳамоиле аз шимол ба чануб.

Ва ба акидаи уламои нуҷум Чабҳа ба сони ёлҳои Шер аст ва ситораи чанубии онро «Калбуласади Маликӣ» номидаанд. Ва чун Суҳайл дар Хичоз тулӯъ кунад, Чабҳа низ тулӯъ хоҳад кард. Ва Суҳайл чилу чорумин ситорае аз кавокиби Сафина ҳисоб мешавад, ки дар маҳаллии лангари он вокеъ аст. Ва арзи он ба самти чануб хафтоду панҷ дараҷа аст ва аз уфуқ, бинобарин иртифои бисьёре нахоҳад дошт. Ва бад-ин сабаб аст, ки дар Раъй-улайи ба таври изтироб дида мегардад. Ва гуфтаанд, ки чун чашми мардуме ки, чашмзахм ҳастанд, бар ин ситора бияфтад, хоҳад мурд. Чунон, ки гуфтаанд, дар чазираи Ромин, ки дар ху-

facebook.com/Китобхона
ду[illegible] аст, ки ҳар касе онро бубинад, то чиҳил рӯз дигар бештар нахоҳад зист. Ва ин қазия аз таъсири рӯҳониёт дар ҷаҳони модӣ аз таъсири моҳие, ки ба «раода» маъруф аст, шигифттар нест. Ва чун ин моҳӣ дар дом бияфтад, то вақте ки зинда аст, дасти сайёд меларзад. Ҳатто ин ки баъзе мегӯянд, то вақте ки ин моҳӣ зинда аст, агар шахс як най даст бигираду як самти онро бар ин моҳӣ бигузорад, дасти ӯ сахт меларзаду най аз дасташ меафтад. Ва ё монанди кирме, ки дар рустои Раъд аст, ки аз деҳҳои Гургони шарқӣ аст, ки чун касе, ки об дар кӯза бардошта бошаду кирмро помол кунад, об фосид мешавад ва бӯи бад бармедорад. Ва агар по ба рӯи он нагузорад, обе, ки дар кӯза ҳаст, солиму хуштаъм хоҳад монд. Ва ё монанди марги касе, ки ӯро паланг гоз гирифта бошад, ки чушмуш, ки ба ин кабил захм хеле тамоил дорад, бар он бавл кунад, шахс хоҳад мурд.

Зубрат — ки ба мисоли зубрати Шер аст, яъне «шонаи он». Заҷҷоҷ мегӯяд, ки Зубрат ба тариқи мӯҳоест, ки бар шонаи Шер аст, зеро Шер ҳангоме, ки хашм мекунад, ин мӯҳо бармехезад. Ва Ноиби Омулӣ мегӯяд, ки Зубрат порае аз оҳанро гӯянд ва ду шонаи шерро ба он шабеҳ кардаанд. Ва он ду ситора аст, ки фосилаи онҳо як тозиёна аст. Ва ин дуро арабҳо «Ҳуртайн» мегӯянд, ки муфради он «хурт» аст, ки ба маънои сӯрох кардан бошад, зеро ҳар як аз ин ду кавкаб мисли ин аст, ки ба шиками бурҷи Шер фурӯ мераванд. Ва аз ин ду яке дар сурати бурҷи Асад бар рони Шер аст ва дигаре бар нӯги думи он. Ва ба тулӯъ ин ду суҳайл дар Ироқи Араб дида мегардад.

Сарфат — ситораест дурахшон ва кавокибе, ки дар назди ӯ чой доранд, хеле бенуранд. Ва Сарфатро «Қалбуласад» гӯянд ва Сарфат дар самти думи Асад аст ва аз ин ҷиҳат бад-ин ном хонда шуд, ки чун Сарфат тулӯъ кунад, гармо тамом мешавад. Ва вақте ки сукут кард, сармо аз миён меравад.

Авво — панҷ ситора аст, ки бар хатте монанди минкор қарор гирифтаанд. Ва бад-ин ҷиҳат ин ситорагонро «Авво» гуфтаанд, чунон ки Заҷҷоҷ гуфтааст: (Улюс мекашанд ба чизе, ки агар ба он хусни таваҷҷӯҳ дошта бошанд). Ва Заҷҷоҷ боз мегӯяд: «Касеро,

facebook.com/Китобхона
ки чуз худ намешиносам, ки ин калимаро чунин тафсир ва маънӣ карда бошад. Ва онон ки дар вачхи пайдоиши Авво гуфтаанд, ки ба тарзи сагоне аст, ки ба дунболи шер мераванд ва ав-ав мекунанд, рохе ғалат рафтаанд, зеро Авво бар сиғаи Узро ва боли он вокеъ аст.

Симоки Аъзал — ва онро «Соқи Асад» низ гуфтаанд ва соқи дигари Асад «Симоки Ромеҳ» аст. Ва бад-ин чиҳат онро «Аъзал» гӯянд, ки бо Симоки Ромеҳ ситораест, ки мегӯянд: «Он ситора рамҳ» ва ба форсӣ «найзаи он» аст. Ва Симоки Аъзалро чунин ситора, ки аслиҳаи он бошад, нест. Ин аст, ки Аъзал ва бесилоҳмонда меноманд. Ва Сибавайҳ мегӯяд: «Бад-ин сабаб онро Симок гӯянд, ки баландӣ ёфтааст». Ва гуфтаанд, ки вачхи пайдоиш он аст, ки Моҳ дар он дида намешавад. Ва агар ин сухан рост буд, лозим меомад, ки Аъзалро Симок нагӯем, зеро Моҳ дар он нозил мешавад ва дар порае аз вақтҳо онро муқасиф менамояд. Ва Симоки Аъзал ситораест дар кафи чапи Азроъ. Ва баъзе аз мардум онро Сунбула гӯянд. Ва ин матлаб ҳам дуруст нест, зеро Сунбула хулбаест, ки Батламиюс онро «Зафират» мегӯяд. Ва он ситорахои кӯчакест, ки ба даври ҳам гирд омадаанд ва дар пушти думи Дубби Акбар чой гирифтаанд. Ва хеле ба барги лаблоб монанд аст. Ва ҳаман бурҷ ба ин ном номида шудааст. Ва бинобар раъйи тозиён Ҳулба бар канори думи Асад вокеъ аст ва ба мисли муйҳоест, ки дар канори думи шер аст.

Ғафр — се ситора аст. Ва арабон гӯянд, ки бехтарин манозил аст, зеро ки дар пушти Асад ва пеши Акраб аст. Ва зарари Шер дар дандони тез ва дар панчаи он аст ва зиёни Каждум ҳам дар думи ӯст. Ва яке аз шоирони араб гуфтааст: (Шабҳои хайр доимо байни Зубониву Асаданд).

Ва гуфтаанд, ки маволиди пайғамбарон дар ин рӯз иттифоқ афтодааст. Вале ман гумон намекунам, ки ин матлаб рост бошад. Магар танҳо барои Исо алайҳиссалом, ки хеч озоре надошт, вале таваллуди Мусо бар ин киёс боид бо тулӯи воби Асад ва хулули Моҳ дар нохунхои Асад рӯй дода бошад. Ва бад-ин чиҳат ин ситорагонро «Ғафр» гӯянд, ки шуо ва фурӯғи онҳо хеле нокис аст. Ва дар забони араб мегӯянд: (Чизеро нигоҳ медорам, ки агар пинҳонаш карда бошам). Ва низ вач-

facebook.com/Китобхона
хи пайдоиши дигар он аст, ки бар ду забонаи бурҷи Қаждум бартарӣ ёфтааст ва он ба сони «Мағфар» аст Ва Заҷҷоҷ мегӯяд, ки иштиқоқи ин лафз аз «Ғафра» аст. Ва «Ғафра» мӯйҳоест, ки дар канори думи шер аст.

Зубонӣ — ду ситораи дурахшон ҳастанд, ки аз як-дигар ҷудоянд ва миёни он ду ситора панҷ оршин аст. Ва онҳо дар ҷое қарор гирифтаанд, ки мешавад, гуфт: «Ду шохи Қаждуманд». Вале ин ду ситора аз сурати Мизон маҳсубанд ва гуфтаанд, ки номи он аз «забн» гириф а шудаанд ва ҳар як аз ин ду аз дигаре дур афтодааст.

Иклил — ва он сари бурҷи Ақраб ҳисоб мешавад. Ва се ситораанд, ки саф кашидаанд. Ва Ибни Ассуфӣ мегӯяд, ки ин матлаб муҳол аст. Ва увло ин аст, ки Иклил ҳаштумин ситора аз сурати Мизон ва шашумин аз ситорагони хориҷ аз он бошад. Ва Батламиюс онро дар «Маҷастӣ» зикр накардааст. Ва ононро, ки мегӯянд, ки Иклил се ситораи дурахшоне аст, ки саф кашиданд, бардурӯғ меҳисобад бар ин гумон, ки Иклил чуз дар фавқурраъс нест. Ва машҳур назди араб ин аст, ки ҳамин се ситораи мазкур Иқлил аст. Ва масали Ибни Ассуфӣ бо тозиён он аст, ки гуфтаанд: «Тарафайни даъвӣ розӣ шуданд, қозӣ ибо мекунаду ризоят намедиҳад».

Шавла — ин ситора ба неши Ақраб маҳсуб аст. Ва аз ин ҷиҳат «Шавла» гуфта шуд, ки пайваста неши Ақраб баланд аст. Ва Шавла — ду ситораи дурахшон ҳастанд, ки дар канори думи Ақраб ҷой гирифтаанд.

Наоим — ҳашт ситораанд, ки чаҳортои аз онҳо дар Каҳкашон ба таври мураббаъ воқеъ аст ва ин чорро «Наоми Ворид» гӯянд, зеро шутурмурғҳое ҳастанд, ки ба наҳр ворид шудаанд. Ва чаҳори дигар аз ин ситорагон ба таври тарбеъ хориҷ аз онанд. Ва ин чаҳорро «Наоми Содир» номанд, чи, аз об берун омадаанд. Ва Заҷҷоҷ мегӯяд: «Наоим» — бизамми «нун» (ن) Нуоим аст ва он чӯбҳоест, ки дар сари чоҳ мегузоранд ва далвро бар он меовезанд.

Ва Наоми Ворид дар Қавс ва Саҳми Ромӣ қарор гирифта ва Наоми Содир бар китфу синаи он.

Балда — порае аз осмон аст, ки биёбони холӣ аст. Ва ҳеҷ ситора дар он нест. Ва Балда дар канори су-

facebook.com/Китобхона
рати Фарас ва дар шуморати сурати Ромӣ аст. Ва Зачоч мегӯяд: Балдаро ба фурчае, ки миёни абрувони ғайрипайваста аст, ташбеҳ кардаанд. Ва дар луғати араб мегӯянд: Рачулун абладун , яъне марде, ки миёни ду абрӯи ӯ холӣ бошад.

Саъди Зобеҳ — ду ситораанд; — яке шимолӣ ва дигаре ҷанубӣ. Ва фосилаи ин ду ба андозаи як оршин аст. Ва дар наздикии яке аз ин ду, ки шимолӣ аст, ситораи кӯчаке аст, ки ба мисли гӯсфанде аст, ки онро курбонӣ мекунанд. Ва ин ду ситора бар шохи бурҷи Ҷадӣ ҷой гирифтаанд.

Саъди Булаъ — ду ситораанд. Ва дар миёни ин ду як ситораест, ки пинҳон аз назар аст. Ва монанди ин аст, ки яке аз ин ду кавкаб онро дармекашад ва аз гулӯи даркашанда гузашта ва ба сина расидааст. Ва чамъе мегӯянд, ки вачхи пайдоиш он аст, ки чун чизеро фурӯ баранд, рӯшноии онро мегиранд ва пӯшонида мешавад, бад-ин чиҳат «Саъди Булаъ» гуфтаанд. Ва Абӯяҳьёи Куноса ҳикоят мекунад, ки ин ду ситора дар ҳангоме, ки худованд дар тӯфони Нӯҳ ба замин фармуд: (Эй заминам, обатро фурӯ бар!), тулӯъ кард. Ва бад-ин чиҳат Саъди Булаъ номида шуд. Ва пӯшида намонад, ки хеле ин истихроҷ ракику нописанд аст. Ва ин ситорагон бар дасти чапи «Сокибулмоъ» вокеъанд.

Саъдуссууд — се ситораанд. Ва яке аз ин се аз дигарон нуронитар аст. Ва аз ин чиҳат бад-ин ном хонда шуд, ки тозиён тулӯи онро сабаби саодат медонанд ва аз тулӯи он бахт мечӯянд. Зеро ҳангоме ин ситора пайдо мешавад, ки зимистон муктазӣ шуда бошад ва сармо тамом гардад. Ва дар ин вакт боронҳо аз дунболи якдигар меоянд. Ва ду ситора аз Саъдуссууд дар шонаи чапи «Сокибулмоъ» ҷой гирифтаанд. Ва ситораи сеюмин дар канори Ҷадӣ карор дорад.

Саъди Ахбия — чор ситора аст, ки се адад аз он ба ғайати мусалласи ходатуззовия аст. Ва яке аз онҳо бар миёнаи ин мусаллас аст, ки ин секунча монанди онра бар гирдогирди он марказ аст. Ва ин як ситора навсум ба «Саъд» аст. Ва ситораҳои дигар, ки бар гирди онанд, ахбияи ӯ хастанд, яъне чодарҳо. Ва баъзе гуфтаанд: «Вачхи пайдоиши Саъди Ахбия он аст, ки чун ин манзил тулӯъ кард, он чӣ аз хашарот пин-

facebook.com/Китобхона

Ҷадвали аҳволи кавокиби манзилҳо

Номҳои манозили Моҳ	Камияти ситорагони он	Тулӯи он дар моҳҳои суриёниҳо, дар соли хазору сесади искандарӣ	Дар рӯзе аз он ки тулӯъ мекунад	Суқут ё гуруби он дар моҳҳои суриёнӣ дар соли хазору сесади Искандари румӣ	Дар рӯзе аз он ки гуруб мекунад	Маротиби сувари ситорагони Моҳ ба акидаи аҳли нуҷум	Маротиби суратҳои кавокиби он ба акидаи тозиён
1 Шаратон	2	Найсон 22	Тишрини аввал	22	Ду шохи Барра	Ду шохи Барра	
2 Бутайн	3	5		4	Дунбаи Барра	Шиками Барра	
3 Сурайё	6	Айёр 18	Тишрини охир	17	Кӯхони Савр	Дунбаи Барра	
4 Дабарон	1	31		30	Ҷисми Савр	Ҷисми Савр	
5 Ҳақъа	3	Ҳазирон 13	Қонуни авва..	13	Раъсул-ҷаббор	Раъсул-ҷавзо	
6 Ҳанъа	2	26		26	Ду қадами Тавъами голӣ	Қавси Ҷавзо	
7 Зироъ	2	9	Қонуни охир	8	Ду раъси Тавъамон	Зироъи густурдаи бурҷи Шер	
8 Насра	3	Тамуз 22		21	Саратон	Бинии Шер	
9 Тарф	2	4		3	Гардани Шер	Ду чашми Шер	
10 Ҷабҳат	4	Об 17	Шубот	16	Елу Қалби Шер	Пешонии Шер	
11 Зубрат	2	Об 31		1	Думи Шер	Шонаи Шер	
12 Сарфат	1	13	Озор	14	Тарафи пахлӯии Шер	Занби Шер	
13 Авво	4	Элул 26		27	Синаи Узро	Рони Асад	
14 Симок	1	Тишрини аввал 9	Найсон	9	Яди Узро	Соки Шер	
15 Ғафр	3	22		22	Домани Узро	Неши Каждум	
16 Зубонӣ	2	4		5	Киффаи Мизон	Ду шохи Акраб	
17 Иклил	2	Тишрини охир 17	Айёр	18	Пешонии Акраб	Раъси Акраб	
18 Қалб	1	30		31	Қалби Акраб	Қалби Акраб	

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8	9
19	Шавла	2	Қонуни аввал	13		13	Неши Ақраб	Мағфари Ақраб
20	Наоим	8		26	Ҳазирон	26	Қамони Ромӣ	Шутурмурғ
21	Балда	3	Қонуни охир	3		9	Бадани Ромӣ	Ҷойгоҳи тиҳӣ
22	Саъди Зобеҳ	2		21	Тамуз	22	Шохи Бузғола	Дар сурате нест.
23	Саъди Булоъ	2	Шубот	3	Об	4	Дасти чапи Сокибуссамо	Дар сурате нест.
24	Саъдуссууд	3		16		17	Шонаи чапи Сокибуссамо	Дар сурате нест.
25	Саъдулахбия	4		1		31	Зирои рости Сокибуссамо	Дар сурате нест.
26	Фарғи Мукаддам	2	Озар	14		13	Шонаи Фарас ва тарафи рости он	Дастаи Далви болой
27	Фарғи Муаххар	2		27	Айлул	26	Боли Фарас ва нофи он	Дастаи Далви паст
28	Батни Ҳут	1	Найсон	9	Ташрини аввал	9	Паҳлӯи Покизаи мусалсала	Батни Ҳут

ҳон буданд, ошкор мешаванд». Ва Саъди Ахбия дар дасти рости «Сокибулмоъ» ҷой дорад.

Фарғи аввал, ки ба «тахтачаи болой» мавсум аст ва низ «ду дастаи Далв» хонда мешавад.

Фарғи сонӣ — Фарғи сониро «тахтачаи паст» ва «ду дасти Далв», ки дар қисмати пушти он воқеанд, мехонанд. Ва он низ бар ҳайати «тахтачаи болой» аст. Ва ин чор ситора назди арабҳо ба «Далв» махсуб аст.

Батни Ҳут, ки «Қалби Ҳут» номида мешавад. Ва он ситораест дурахшон, дар яке аз ду пораи шиками Ҳут, ки онро «Ришо» гӯянд. Ва ин ду ғайр аз ду Симакест, ки дар сувари буруҷ маҳсубанд. Ва ин ситорагон дар болои Мизон ҳастанд. Ва аз шумори кавокиби покизаи мусалсалаест, ки «шавҳар надидааст».

Ин фаслро хулоса кардам ва порае аз ҳолоти дигар низ бар он афзудам ва бо ихтилофи фикрҳо дар «Ҷадвали аҳволи манозили Қамар» ҷой додам. Ва ту-

Ҷадвали аҳволи манзилҳо

Фусули чоргона аз рӯи сукути манозил		Номҳои ҳонаҳои Моҳ	Дурии авоили он аз бурҷи Ҳамал аз рӯи ҳисоб, на аз рӯи мавзеи ситорагон				Саодат ва нуҳусати он	Далолоти он аз рӯи рибототи ҷуфур бар борон	Тулӯи он дар моҳҳои суриёнӣ	Дар он рӯзе, ки тулӯъ карда	Бинобар он ки дар бештари «Кутуби анво» гуфтаанд, айёми бобариҳои он	Сукути он дар моҳҳои сурриёнӣ	Дар рӯзе, ки сукут карда	Айёми анвои он бинобар он чӣ дар бештари «Кутуби анво» гуфтаанд	Айёми анвои он бинобар он чӣ Абуяҳъё бинни Куноса гуфтааст	Анвои он бинобар раъйи
			Бурҷ	Дараҷот	Дақоиқ	Соният										
1		Шаратон	0	0	0	0	Мутавассит	Васат	Найсон	10	1	Тишрини аввал	10	1	3	3
2		Бутайн	0	12	51	26	Саъд	Ёбис		23	1		23	3	3	3
3		Сурайё	0	25	42	52	Саъд	Мўътадил		6	4	Тишрини охир	5	7	5	7
4		Дабарон	1	8	34	18	Нахс	Намдор	Айёр	19	1		18	1	3	3
5		Ҳақъа	1	21	25	44	Нахс	Намдор		14	1		1	1	6	6
6		Ҳанъа	2	4	17	10	Саъд	Васат	Ҳазирон	27	3	Конуни аввал	4	3	3	3
7		Насра	3	17	8	35	Мумтазаҷ	Васат		10	1		27	5	3	5
8	Манозили поиз	Зироъ	2	0	0	0	Саъд	Намдор	Тамуз	10	1	Конуни охир	9	1	7	7
9		Тарф	3	12	51	26	Нахс	Ёбис		23	1		22	6	6	6
10		Ҷабҳат	3	25	42	52	Саъд	Намдор		5	1	Шубот	4	7	7	7
11		Зубра	4	8	34	18	Саъд	Васат	Об	19	3		17	3	4	4
12		Сарфат	4	21	25	44	Нахс	Намдор		1	3		2	3	7	3
13		Авво	5	4	17	10	Саъд	Васат	Элул	14	1	Озар	15	1	1	1
14		Симок	5	17	8	35	Мутавассит	Намдори васат		27	1		28	4	4	4

facebook.com/Kitobxona

15	манозили баҳор	Ғафр	6	0	0	0	Нахс	Намдор	Тишрини аввал	10	3		10	3	3	1
16		Зубоний	6	12	51	26	Нахс	Намдори мўътадил		23	1	Найсон	6	4	4	4
17		Иклил	6	25	42	52	Нахс	Намдор	Тишрини охир	5	4		23	3	3	3
18		Қалб	7	8	34	18	Саъд	Ёбис		18	1	Айёр	19	1	1	1
19		Шавла	7	21	25	44	Нахс	Намдор	Қонуни аввал	1	1		1	3	3	3
20	манозили тобистон	Наоим	8	4	17	10	Нахс	Намдор		14	1		14	3	1	1
21		Балда	8	17	8	35	Мумтазаҷ	Намдор		27	1		27	1	3	3
22		Саъди Забеҳ	9	0	0	0	Саъд	Намдор	Қонуни охир	9	1	Ҳазирон	10	1	1	1
23		Саъди Булоъ	9	12	51	26	Мутавассит	Намдори қалил		22	1		23	1	1	1
24		Саъдус-сууд	9	25	42	52	Нахс	Васат		4	1	Тамуз	5	1	1	1
25		Саъду-лахбия	10	8	34	18	Мумтазаҷ	Ёбиси мўътадил	Шубот	17	1	Об	19	1	1	1
26	Хонаҳои зимистон	Фарғи муқад дам	10	21	25	44	Саъд	Ёбис		2	1	Элул	1	3	3	3
27		Фарғи муаххар	11	4	17	10	Мумтазаҷ	Намдор	Озар	14	1		14	4	4	4
28		Батни Ҳут	11	17	8	35	Саъд	Намдор		27	1		27	1	1	1

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона
луи кавокиби манозилро дар соли хазору сесади искандарӣ, бинобар амри авсат, ки уламо зикр кардаанд, нақл намудам. Ва ин қавлро дар ҷадвали дигаре, ки аз аҳволи кавокиби ин манозил гуфтугӯ мекунад, ҷой додам. Ва ҳар кас, ки дар ин ду ҷадвал назар кунад, барои фаҳми мақсуд аз мушовара бо донишмандон бениёз хоҳад буд. Ва он ду ҷадвал ин аст, ки хонандагон мулоҳиза мекунанд:ниг. ба сах. 402, 404.

Ҳар вақт, ки Моҳ бо ситора ва ё бо ситорагоне, ки манзала бад-онҳо шинохта мешавад, наздик гардад ва нисбат дода шавад, мегӯянд: «Моҳ аз манзили худ барнагашта, хира шуд». Ва ин амрро норавою нописанд медонанд. Ва чун Моҳ дар сайри худ шитоб кунад ва аз манзала таҷовуз намояд ва ё дер ба манзил расад, ба қисме, ки дар миёнаи ду манзил онро бубинанд, мегӯянд: «Моҳ аз манзили худ гузашт». Ва инро писандида мешуморанд.

Баъзе аз ин мобайниҳо ба номе ҷудогона хонда мешаванд, Монанди, мобайнии миёни Сурайё ва Дабарон, ки онро «Зайқа» мегӯянд. Ва тозиён Зайқаро «наҳс» ва «машӯм» медонанд. Ва бад-ин восита ин мобайниро «Зайқа» гуфтанд, ки ба тундӣ ғуруб мекунад, зеро миёни дараҷаи ғуруби Сурайё ва дараҷаи ғуруби Дабарон шаш дараҷа аст дар фалакулбуруҷ ва ҳафт дараҷа аст дар муаддилуннаҳор ба таври тақриб.

Ва баъзе аз уламо, ки дар «илми анвоъ» китобе таълиф кардаанд, гуфтаанд, ки Зайқа бисту якумин ва бисту дуюмин ситорае аз ситорагони Савр аст, ки араб ин дуро «Калби Дабарон» мегӯянд. Ва ин гуфтор носавоб аст.

Гоҳ мешавад, ки Моҳ аз Ҳанъа роҳро кӯтоҳ мекунад ва дар Таҳой нозил мешавад. Ва Таҳой чордаҳумин, понздаҳумин ва шонздаҳумин ситора аз ситорагони Дупайкар аст. Ва ҷамъи дигар гуфтаанд, ки Таҳой ҳамон Ҳанъа аст. Ва баъзе мегӯяд, ки ғайр аз он аст. Ва гоҳ иттифоқ меафтад, ки Моҳ дар сайри худ роҳро кӯтоҳ карда ва дар арши Симок, ки дастае аз тозиён Ачузуласад гӯянд, нозил мешавад. Ва Ачузуласад сеюмин, чорумин, панҷумин ва ҳафтумин ситора аз ситорагони Ғуроб аст.

Ва гоҳе аз рӯбарӯи Шавла Моҳ боз роҳро кӯтоҳ

facebook.com/Китобхона

карда ва бо баъзе аз бандҳои думи бурҷи Қаждум баробар мешавад.

Ва гоҳе чунин итифоқ меафтад, ки Моҳ аз Балда роҳро кӯтоҳ мекунад ва дар Қилода, ки ҷамъе онро «Удҳӣ» номанд, нозил мешавад. Ва он нӯҳумин, даҳумин, ёздаҳумин, дувоздаҳумин, сездаҳумин ва чордаҳумин ситорае аз ситорагони Ромӣ аст. Ва баъзе аз уламо тасаввур кардаанд, ки Қилода худ Қавс аст, бо он ки Раъсурромӣ ва ду Гесӯи он маҳсуб аст.

Гоҳе мешавад, ки Моҳ аз Саъдуссууд манзилро кӯтоҳ мекунад ва дар Саъди Ноширa нозил мешавад. Ва он бисту сеюмин ва бистучорумин ситорае аз ситорагони Ҷадӣ аст.

Ва гоҳе мешавад, ки аз Фарғи Сонӣ роҳро кӯтоҳ мекунад ва дар Караби бурҷи Далв нозил мешавад. Ва мақсуд аз Караб ресмонест, ки ба ду дасти Далв мебанданд. Ва сипас ин ресмонро ба таноби чоҳ барои об кашидан меовезанд. Ва Караб, ки мазкур шуд, сиюпанҷумин ситораи Фараси Аъзам аст. Ва ё он ки Моҳ аз Фарғи Сонӣ ба Балдатуссаълаб нозил мегардад. Ва Балдатуссаълаб, қисмате аз осмон аст, ки миёни Фарғи Сонӣ ва Симок мебошад. Ва ситорае дар ин қисмат нест.

Ва баъзе аз уламои анвоъ чунин тасаввур кардаанд, ки Анисайн, ки аввалин ва дуюмин ситора аз ситорагони Мусаллас аст, миёни Батни Ҳут ва Шаратайн ҷой дорад. Ва сабаби ин таваҳҳум он аст, ки ин ду ситораро дидаанд, ки пас аз Шаратайн ғуруб мекунанд. Ва чунин пиндоштанд, ки Моҳ бинобар ин гумон гоҳе аз Шаратайн роҳро кӯтоҳ карда, дар Анисайн ворид мешавад. Ва ин сухан ботил асту нодуруст ва сабаби таъхири ғуруби ин ду он аст, ки арзашон дар шимол зиёдтар аст. Ва кавокибе, ки майли онҳо ба шимол бештар аст, нисбат ба кавокиби дигаре, ки майлашон камтар аст, зудтар тулӯъ мекунанд ва дар ҷануб ба акси ин аст.

Чун кавокиби собита, ки манозили Моҳро бад-он нисбат медиҳанд ва ба исми онҳо «манозил» хонда мешавад, ба як ҳаракати воҳиду оҳиста мутаҳарриканд, ин тавр натиҷа мешавад, ки бо сайри як дараҷа, ки дар шасту шаш соли хуршедӣ анҷом меёбад. Дар ҳар рӯзе аз айёми тулӯъ ва ғуруби Қамар, як рӯз зиёд гардад ва мо мавзии кавкаби манозили

facebook.com/Китобхона
Моҳро бо тӯлу арзу мақодири онҳо аз аъзоми шашгона дар соли ҳазору сесади искандарӣ сабт кардем. Ва касе, ки бихохад, ин матлабро бифаҳмад, бояд дар замони худ мутобиқи сайре, ки дар ҳар шасту шаш сол як дараҷа аст, амал кунад. Сипас дар пӯшида шудани онҳо, дар шуою зухури онҳо аз шуоъ чунон ки дар зичҳо гуфта шуда ва дар китоби «Мичастӣ» бар он икоман бурҳон намудаанд, амал намояд, зеро ташриқ ва тағриби кавокиб аз чиҳати арзҳои кишварҳо ва миқдорҳои ачроми онҳо, ки дорои кадом як аз аъзоми шашгонаанд ва табоиди онҳо аз фалакулбуруҷ, ихтилоф ёфт мешавад. Ва дар ин кор мавқее, ки арзи бисьёре аз фалакулбуруҷ барои ин кавокиб ёфт шавад, боиси шигифтӣ мешавад, монанди холи Зӯҳра, ки чун бо Офтоб дар бурҷи Симок муқоран шавад, муддати ихтифои он тахташшуоъ тақрибан як рӯз ва ё ду рӯз хохад буд. Ва чун бо Офтоб дар бурҷи Узро муқоран шавад, тақрибан шонздаҳ рӯз пинҳон хоҳад буд. Ва Аторуд дар бурҷи Ақраб дар ҳангоми субҳ дар ҳоле, ки рӯ ба рӯи Офтоб аст, дида мегардад ва дар бурҷи Савр ба хилофи он чи гуфта шуд, падидор мегардад, яъне дар ҳоли иқбол бо Офтоб дида намешавад. Ва дар ҳоли идбор дар шабонгоҳҳо дида мегардад дар бароҳини ин матлаб дар китоби «Мичастӣ» навишта ва шарҳ дода шудааст. Акнун ҷадвали ҷойгоҳҳои кавокибро зикр кунем: (ниг. ба сах. 409—414).

Равиши ман дар ин китоб тавре бувад, ки шахси хонандаро малолат намеовараd ва то боберо такмил накардам, бар сари фасли дигар нарафтам. Ва хонандагонро ба китобҳои дигаре ҳавола нанамудам. Ва чунин китоберо сазовор он аст, ки фасле дар чигунагии тасвири манозили Моҳ ва дигар кавокиб дар рӯи нақша бар он бияфзоем, зеро ҳамин қадар, ки шахс донист дар вақтҳои мухталиф чӣ чиз тулӯъ карда, авзоъ ва аҳволи фалак-улбуруҷро тасаввур мекунад. Ва бо тавоҷҷӯҳ ба гуфтаҳои пешини мо ситорагони ҳар манзилеро чунон тасаввур менамояд, ки гӯй, машғули асосии онҳо аст. Ва метавонад ба ҳар кадом, ки бихоҳад ишора кунад, вале акси он ҷоиз нест, ки ҳар кас ин манозилро надонад, битавонад авзоъ ва аҳволи фалакулбуруҷро тасаввур кунад ва дар тасвири манозили Моҳ ва дигар кавокибе, ки суратҳои чилу ҳаштгонаи онҳоро фаро гирифтааст. Ва тасвири шаҳрҳо ва мамолики му-

facebook.com/Китобхона

Номҳои манозили Мох	Ҷойгоҳи ситорагони ин манозил аз суратҳои чилу ҳаштгона		Тӯл			Арз		Чиҳати арз	Андозаи ин кавокиб бино бар раъи Абӯлҳасани Сӯфӣ
			Бурӯҷ	Дараҷот	Дақоиқ	Дақоиқ	Дараҷот		
Шаратон	Аз ду ситорае, ки ба мисли шохҳои бурҷи Барра ҳастанд; он яке, ки пештар аст	1	0	8	3	7	20	Шимол	3
	Дуюмин он бувад	2	0	19	13	8	20	Шимол	3
Бутайн	Он ситорае, ки дар бехи дунбаи Ҳамал аст . . .	7	1	2	53	4	50	Шимол	5
	Бештарин аз се ситорае, ки дар дунбаи Ҳамал ҳастанд	8	1	5	23	1	40	Шимол	4
	Он ситорае, ки бар рони ақиби Ҳамал мебошад .	11	1	1	13	1	10	Шимол	5
Сурайё	Қисмати шимолӣ аз паҳлӯи муқаддами Сурайё дар бурҷи Савр	29	1	13	43	4	30	Шимол	5
	Қисмате, ки аз паҳлӯи мутақаддам аз Сурайё ба ҷануб моилтар аст . . .	30	1	14	3	3	40	Шимол	5
	Қисмати дуюм аз Сурайё ки тангтарин мавзее дар он аст . .	31	1	15	13	3	20	Шимол	5
	Ситораи кӯчаке аз Сурайё, ки дар ноҳияи шимол аст	32	1	15	13	5	0	Шимол	4
	Ин ду ситораро Батламиюс ва дигар уламое, ки бар ӯ сибқат доштаанд . .	Ҳеҷ росиде ин дуро расад накарда							

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
	ва оё онон, ки пас аз ӯ омадаанд ном набурдаанд	1						Шимол	4
Дабарон	Он ситорае, ки бар чашми ҷанубии Савр ҷой дорад	14	1	24	13	5	10	Ҷануб	1
Ҳақъа	Он қисмати Саҳобе, ки ба Раъсулҷаббор аст, ки Ҷавзо бошад ва Батламиюс онро дар миёнаи мусаллас ба ҷои як ситора ҷой додааст . . .	1	2	3	33	13	50	Ҷануб	Саҳобӣ
Ханъа	Он ситорае, ки бар пои чапи Тавъами толӣ аст	17	2	23	33	7	30	Шимол	3
	Он ситорае, ки бар пои рости Тавъами толӣ аст	18	2	26	13	10	30	Шимол	4
Зироъ	Он ситорае, ки бар раъси Тавъами муқаддам аст . . .	1	3	4	53	9	40	Шимол	2
	Он ситорае, ки бар раъси Тавъами толӣ аст .	2	3	8	13	6	15	Шимол	2
Насра	Қисмати миёна аз шабакаи Саҳобе, ки дар садри Саратон аст	1	3	21	53	0	20	Шимол	Саҳобӣ
	Шимолитарин аз ду ситорае, ки дар қисмати ақиби чаҳорпаҳлӯ ҳастанд . .	4	3	20	53	2	40	Шимол	4
	Моилтарини ин ду ба ноҳияи ҷануб	5	3	22	53	0	10	Шимол	4
Тарф	Он ситорае, ки ба тарафи шохи ҷанубии Ақраб аз чор ситораи хорича аз Саратон	2	4	3	13	5	40	Ҷануб	4

facebook.com/Китобхона

Давомаш

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
	Он ситорае, ки дар ҷои гунаи сурати Асад аст . .	2	4	2	43	7	30	Шимол	4
Ҷабҳат	Шимолӣ аз се ситорае, ки дар қисмати гардани сурати Асад мебошад . . .	5	4	11	43	11	0	Шимол	3
	Тобеъ, ки миёнии аз он се мебошад	6	4	13	43	8	30	Шимол	2
	Ҷанубӣ аз онҳо .	7	4	12	13	4	30	Шимол	3
	Ситорае, ки дар қалб ҷой дорад ва онро Маликӣ гӯянд . . .	8	4	14	3	0	10	Шимол	1
Зубрат	Аз он ду ситора, ки дар шиками Асад ҳастанд, он яке, ки дар дунбол аст . . .	20	4	25	43	13	40	Шимол	2
	Моилтарини ин ду, ки дар ду паҳлӯи Асад ҳастанд ба сӯи шимол	22	4	27	43	9	40	Шимол	3
Сарфа	Ситорае, ки дар тарафи думи Асад аст . . .	27		6	3	11	50	Шимол	1
	Ситорае, ки ба тарафи боли чапи Узро мебошад .	5	5	10	33	0	10	Шимол	3
Авво	Дигаре, ки болои он аст	6	5	19	48	1	10	Шимол	3
	Дигаре, ки болои ситораи собиқ аст	7	5	24	43	2	50	Шимол	3
	Шимолӣ аз се ситора, ки дар дунболи рости Узро мебошад, аст ва бар Китоф мукаддам аст	13	5	23	43	15	10	Шимол	3
Симок	Он ситора, ки бар кафи чапи Узро аст	14	5	8	13	2	0	Ҷануб	1

facebook.com/Китобхона

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
	Аз се ситорае, ки дар домани Узро хастанд, он як ки миёнӣ аст	22	5	18	13	7	30	Шимол	4
Ғафр	Ҷанубӣ аз онҳо .	23	5	18	53	2	40	Шимол	4
	Он ситорае, ки бар қадами чапи ҷанубии Узро ҷой дорад . . .	25	5	21	33	0	30	Шимол	4
Зубонӣ	Равшантарин аз ду ситорае, ки бар тарафи шохи ҷанубии Қаждум аст, ки дар кафи ҷанубии Мизон аст .	1	6	29	33	0	40	Шимол	3
Иқлил	Равшантарин аз ду ситорае, ки бар тарафи шохи шимолии Ақраб аст ва дар кафи шимоли Мизон аст .	3	6	3	43	8	50	Шимол	3
	Ситораи шимолӣ аз се ситораи равшане, ки дар чабҳаи Қаждум аст	1	7	17	53	1	20	Шимол	3
	Ситораи миёнӣ аз онҳо	2	7	17	13	1	20	Ҷануб	3
	Мойлтарин аз се ситораи ҷанубӣ	3	7	17	13	5	0	Ҷануб	3
Қалб	Қалби Қаждум .	8	7	24	13	4	0	Ҷануб	3
Шавла	Аз ду ситора, ки дар пеши Қаждуманд, он як, ки дар ақиб аст	20	7	9	3	13	20	Ҷануб	3
	Аз ду ситора, ки дар пеши Қаждуманд, он як, ки дар пеш аст	21	7	8	33	13	30	Ҷануб	3
	Он ситора, ки аз сурати Ромӣ бар пайкони тири ӯ қарор дорад . .	1	8	16	3	6	20	Ҷануб	3
Насли Ворид	Ситораи дигаре, ки дар ҷои басту банди дасти чапи Ромӣ аст . .	2	8	19	13	6	30	Ҷануб	3

facebook.com/Китобхона

Давомаш

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
	Ситорае, ки дар ҷониби ҷанубии Қавс аст . . .	3	8	19	33	10	50	Ҷануб	3
	Ситорае, ки дар пошнаи пои рости Ромӣ аст . .	25	8	18	13	13	0	Ҷануб	3
Наоми Содир	Ситорае, ки дар шонаи рости Ромӣ аст	6	8	26	43	3	10	Ҷануб	3
	Ситорае, ки бар ин муқаддам аст ва ҷои он дар Сахм аст . . .	7	8	26	33	3	50	Ҷануб	4
	Ситорае, ки дар шонаи Ромӣ аст ва дар се ситорае, ки миёни Ромӣ аст, миёнӣ аст	21	8	29	13	4	30	Ҷануб	4
	Аз ин се ситора, он яке, ки дар зери бағали Ромӣ аст	22	8	27	53	6	45	Ҷануб	4
Балдат	Қисмате аз осмон аст, ки дар он ситорае нест ва он ҷанубӣ аст ва наздики кавокиби ёздаҳгона аст								
Саъди Зобеҳ	Дувоздаҳумин ситора аз сурати Ромӣ	1	9	18	53	7	20	Шимол	3
	Аз се ситорае, ки дар шохи акибии сурати Ҷадӣ аст. Он як, ки шимолӣ аст . .	3	9	18	53	5	0	Шимол	3
	Ҷанубии аз он се	7	10	27	43	8	0	Шимол	5
Саъди Булаъ	Ситораи миёнии аз он се, ки бар дасти рости Сокибулмоъ аст .	8	10	26	13	8	40	Шимол	4
	Ситораи пешин аз онҳо	4	10	3	3	8	50	Шимол	3
	Он ситорае, ки дар шонаи рости Сокибулмоъ аст	5	10	3	53	6	15	Шимол	5

facebook.com/Китобхона

Давомаш

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
Саъди Сууд	Он ситора, ки дар зери он аст ва дар пушт мисли ин аст, ки поинтар аз бағали ўст	28	10	10	13	4	20	Шимол	5
Саъди Ахбия	Он ситора, ки дар тарафи думи Бузғола аст . .	9	10	21	3	8	45	Шимол	3
	Он ситора, ки дар китфи рости Сокибулмоъ аст .	10	10	23	13	10	45	Шимол	4
	Ситораи шимолие аз он се, ки дар кафи рости Сокибулмоъ аст	11	10	23	33	9	0	Шимол	4
	Аз ду ситораи дигар, аз се ситораи номбурда, он як, ки пештар аст . . .	12	10	24	53	8	30	Шимол	4
Фарғи Мукаддам	Он ситора, ки дар шонаи рости Фарас ва ду бехи рони ўст . . .	3	11	13	43	31	0	Шимол	2
	Он ситора, ки дар пушти Фарас миёни ду китфи ўст	4	11	3	13	19	40	Шимол	2
Фарғи Муаххар	Он ситора, ки дар нофи Фарас аст ва барои нофи Фарас ва сари Андрумедо муштарак аст .	1	11	29	23	26	0	Шимол	2
	Он ситора, ки бар пушти Фарас ва тарафи боли Фарас аст	2	11	23	43	12	30	Шимол	2
Батни Хут	Чанубй аз се ситорае, ки болои изорбанди Андрумедо аст . .	12	11	15	23	26	20	Шимол	2

facebook.com/Китобхона
нофии бисьёрест, ки ҳамаи аҳли маротиб дар илмро судманд хоҳад буд. Ва чун гузаштагонро дар ин боб қавле надидам, ки нақл кунам, ночор он чӣ ба хотирам мегузарад, барои шумо нақл менамоям. Ва бад-ин сабаб агар хатое содир кунам, аз донишмандон пӯзиш металабам.

Гӯем, сатҳи даврҳои бузургу хурд ва нуқот, ки дар курра бошанд, бад-ин тариқ имкон хоҳад ёфт, ки яке аз ду қутби ин даврҳоро барои махрутоте, ки мавлудоти онҳо бар қутб мегузарад, раъс қарор диҳем ва чун мавлудоти ин махрутҳо бар сафҳаи тасвир воқеъ шавад, фусули мушрикаи байни ин сатҳу маволидҳои махрутот (агар мақсуд сатҳи доира бошад) ё фусули муштаракаи байни ин сатҳу хатти восили байни қутб ва нуқтаи мафруз (агар мақсуд сатҳи нуқта бошад) сатҳи доира ё нуқта ҳастанд.

Созмони устурлоб бар рӯи ин қоида аст. Дар устурлоби шимолӣ Қутби Ҷанубиро «Раъси Махрутот» ва дар ҷанубӣ Қутби Шимолро «Раъси Махрутот» қарор додаанд. Ва сатҳе, ки давоирро бар рӯи он сатҳ кардаанд, яке аз давоири мувозӣ бо муаддил-уннаҳор аст. Ва дар натиҷа дар сафаҳоти устурлоби давоир ва хутути мустақим тасвир гаштааст.

Абӯҳомиди Сағонӣ раъси махрутотро аз қутбайн ба дохил ва ё хориҷ карда, дар имтидоди меҳвар нақл намудааст. Ва ҳеҷ як аз риёзидонҳо ӯро дар ин кори шигифтовар пешӣ нагирифтаанд. Ва бар асари ин фикри бадеъ давоиру танҳо қутӯи навоқис ва мукофиоту завоид, ба ҳар тариқе, ки хоста, ба даст овардааст.

Як қисми дигар аз сатҳ, «сатҳи истивоӣ» ном дорад. Ва то кунун нашунидаам, ки ҳеҷ як аз аҳли фан ин навъ сатҳро пеш аз ман зикр карда бошанд. Ва ин тариқа ба қарори зайл аст:

Ба ҳар чӣ аз давоиру нуқта, ки дар кура бошанд, хутуту сутуҳе, ки бо меҳвар мувозӣ бошанд, бигузаронем. Ва албатта дар сатҳи нисфуннаҳор хатҳои рост ва давоиру қутӯи нокиса ба даст меояд. Ва китоберо, ки ман дар истиноби вуҷӯҳи мумкина дар санъати устурлоб навиштаам, ҳамаи ин аҳсомро шомил аст. Валекин айби ин тариқа он аст, ки давоиру нуқот ончунон ки дар сатҳи кура мебошад дар сатҳи нақша тасвир намешавад, зеро масофаи дурре, ки дар кура мутасовӣ хастанд, чун ба сатҳ гузашт, ихтилофи бисьёре меёбад. Ба

facebook.com/Китобхона
хусус дар чое, ки баъзе аз ин давоир ба як қутб ва баъзе ба қутби дигар наздик шаванд. Вале ғараз аз сатҳи кура дар устурлоб он нест, ки давоир мувофиқи кураи ба мо намоён бошад, балки мақсуд ин аст, ки битавон дастае аз ин давоирро бо сукуни дастаи дигар ҳаракату гардиш дод. Ва натоиҷи ин кор бо ихтилофи вақтҳо дар фалак яке гардад.

Ва низ ғараз аз тасвиру кавокиб ва нақшаи шаҳрҳо ва кишварҳо он аст, ки моро ба онҳо роҳнамой кунад. Ва вазъияти ҷуғрофиёи онро ба ҷиҳати мо равшан созад. Вале пас аз он ки ин нуктаро ба хотир бисупорем, ки хутути мустақим бо хутути мустадир ва ҳамчунин сатҳи кура бо сатҳи муставӣ нисбате надорад. Пас барои рафъи ин айб ночорем, ки ба таври тахмину тақриб рафтор кунем. Ва яке аз роҳҳое, ки моро бо ин мақсуд мерасонад, амали устурлоби «матбах» аст. Бад-ин тариқ, ки нахуст дар сафҳаҳои як доира тасвир кунем ва ҳар чӣ бузургтар бошад, беҳтар хоҳад буд. Ва ин доираро ба воситаи амуд кардани ду қутр бар якдигар чаҳор қисмат мекунем. Ва яке аз ним қутрҳоро ба навад ҷузъи мутасовӣ тақсим менамоем. Ва маркази доираро марказ қарор дода ва ба масофати дурии ҳар як аз ақсоми навадгона доирае мезанем. Ва чун навад доира ба даст омад ин давоири мувозӣ мешавад. Ва дурии ҳар як аз ҳам мутасовӣ аст. Ва доираи бузургро, ки бар ҳама муҳит аст, ба навад қисм тақсим мекунем ва ҳар ҷузъро бо хатҳои рост бар марказ васл менамоем. Ва пас аз анҷоми ин амал муҳити доираи бузургеро фалакулбуруҷ ва маркази онро яке аз ду қутби фалакулбуруҷ тасаввур мекунем. Ва дар ин муҳит нуктае мегузаронем, ки онро аввали Ҳамал фарз намуда ва ҷойгоҳи ситорагонро аз китоби «Миҷасти» ва ё «Зиҷи» Муҳаммад бинни Ҷобири Баттонӣ ва ё «Кавокиби Собита»-и Абулҳусайни Сӯфӣ ба даст меоварем. Ва то вақте ки мафрузи мо аст, ҳаракати савобитро мулоҳиза мекунем. Сипас яке аз ситорагонро, ки дар он нимаест, ки ин доираро мо барои он фароҳам овардаем, мавриди назар қарор медиҳем. Ва аз нуктаи мафруза аз рост ба чап ба андозаи дурии он ситора аз оғози Ҳамал мешуморем. Ва дар натиҷа ин ситора дар тӯли охирини шумориш хоҳад буд. Ва низ аз оғози Ҳамал дар имтидоди хатте, ки аз марказ гузаштааст, монанди арзе, ки ситора дорад, аз давоири навадгона мешуморем. Ва

facebook.com/Китобхона
боз чирми кавкаб охирин шумориш хоҳад буд. Ва як нуқта зард ва ё сафед ба андозае, ки ситора аз андозаҳои шашгона доро аст, мегузорем. Ва ҳамин корро бо ҳар ситора, ки арзи он дар як чиҳат аст, мекунем, то он ки ба куллӣ аз як самт фориғ шавем. Сипас бар сари чиҳати дигар рафта, то дар натича ҳамаи ситорагони фалак дар ду доира маҳсур шаванд.

Ва барои он ки ситораҳо аз миёни ин ду доира ошкор шаванд, ҳар дуро ба ранги лочувард зард мекунем ва бар кавокиби маҳсура ҳар шакли хаёлиро, ки барои он зикр кардаанд, бо мулоҳиза чойгоҳи он тасвир мекунем.

Ин тариқ сатҳҳоро низ мо намеписандем, зеро суратҳоеро, ки дар фалакулбуруҷ аст, наметавон ба таври тамом ва камол дар як сӯ тасвир кард. Балки порае аз онҳо дар як ним ва порае дар ними дигар хоҳад афтод. Ва агар дар хоричи фалакулбуруҷ навад доираи мутавозӣ, ки дурии ҳар як аз ҳам монанди дурии давоири дарунии фалакулбуруҷ бошад, эҳдос кунем, амр аз низоъ хориҷ мешавад. Ва чойгоҳи ин ситорагон бо чойгаҳи ҳақиқии онҳо дар осмон ихтилофи бузурге хоҳад афтод, зеро дурии кавокибе, ки дар манзар мутасовӣ ҳастанд, ҳар андоза, ки ситора чанубитар шавад, чун маркази доира Кутби Шимол бошад, бузургтару фарохтар ба назар мерасад, ба ҳадде, ки аз андозаи маъмулӣ хориҷ мешавад. Ба монанди тариқаи тастеҳи касе мешавад, ки мехоҳад ситорагонро дар сатҳи доирае, ки ба ду кутби фалакулбуруҷ мегузарад, дар мискатулҳаҷари[182] ин ситорагон бар он, онҳоро тастеҳ кунад. Ва фосилаи ин дуриҳо дар муҳит танг мегардад ва дар хориҷ аз муҳит васеъ мешавад.

Барои ин ки ин файбро қадре бартараф кунем, чора ин аст, ки бояд нахуст доирае бикашем ва онро чаҳоргӯша намуд ва ба чор нуқта номҳои чиҳоти чаҳоргонаро бинависем. Ва хатте, ки ин доираро чаҳоргӯша намудааст ба таври ғайримаҳдуд аз доира бигузаронем ва ҳар як наимаи диаметрҳоро ба навад ҷузъи баробар таксим кунем ва муҳити доираро ба сесаду шаст ҷузъ.

Пас аз ин кор дар хатти машриқу мағриб марокизи давоиреро, ки ҳар як аз онҳо ба ҷузъе аз аҷзои диаметр ва ба ҳар як аз ду нуқтаи шимолу чануб мегузарад, ба даст оварем. Ва чун матлуби мо ҳосил гашт ва он чӣ аз ин давоир дохили кура воқеъ шавад, бар он

facebook.com/Китобхона

бигузаронем, саду ҳаштод қавс ба даст хоҳад омад, ки ҳам диаметрро ба қисмҳои баробар тақсим карда ва ҳам дар ҳар як аз нуқтаи шимолу ҷануб тақотеъ намудааст. Ва ин доираҳоро «доираҳои дарозо» меноманд.

Сипас дар хориҷи хат аз нуқтаи шимол, ки дар аввали диаметр аст, маркази доираеро, ки ба як ҷузъ аз ду нуқтаи машрику мағриб дар муҳити доира ва аз марказ ба диаметр мегузарад, ба даст меоварем. Сипас ҳамин корро бо доирае, ки бар ду ҷузъ мегузарад, ё се ҷузъ ва ё чор ҷузъ анҷом медиҳем, то он ки ба ҷузъи навадум бирасаду навад доира ҳосил шавад.

Ва чун аз ниман шимолӣ фориғ шудем, бар нимаи ҷанубӣ машғул мешавем. Ва бар хатте, ки дар нуқтаи ҷануб дар аввали диаметр хориҷ гаштааст, айнан корҳоеро, ки дар қисми шимол кардаем, менамоем. Ва дар натиҷа саду ҳаштод доираи арз ба даст хоҳад омад, ки ҳар як аз даврҳои дарозоро ба саду ҳаштод бахш тақсим хоҳад намуд.

Сипас нуқтаи мағрибро аввали ҳамал ва хатти машрику мағрибро минтақатулбуруҷ фарз мекунем ва ба ҳар андоза, ки кавкаби мафруз аз аввали Ҳамал дурӣ дорад, мешуморем, то он ки ба дараҷаи он бирасем. Пас аз ин амал ҳар андоза, ки кавкаби фарзӣ дар он ҷиҳат дар доираи тӯли худ арз дорад, шумурда ва ба ҷойгоҳи ситора мерасем. Ва сурати дигар монанди он тасвир мекунем ва нуқтаи мағрибро дар он аввали Мизон фарқ менамоем.

Ва дар натиҷаи ин кор ҳамаи ситорагони осмон дар ин ду сурат ҷамъ мешаванд ва нукотеро, ки дар тасвири онҳо дар боло зикр ёфт, муроот мекунем. Ва агар мақсуди мо нақши шаҳрҳо бошад доирае монанди давоири фарқ таҳия карда ва аз нуқтаи мағриб ба андозае, ки кишвари фарзӣ тӯл дорад, мешуморем. Сипас, ба доираи тӯле, ки миқдори арзи ин кишвар дар он ҷиҳат ба он мунтаҳӣ шавад, шумурда, то он ки ба он шаҳр бирасем. Ва дар ҳар нақшаи шаҳр ҳамин амалро анҷом медиҳем.

Ва тариқаи сатҳьёбӣ ин бувад, ки гуфта шуд.

Баъзе аз мунаҷҷимон ҳисобҳое дуруст карда ва дар ҷадвалҳо қарор медиҳанд ва ин корро бар амалҳои санъат тарҷеҳ медиҳанд. Ва бад-ин сабаб мо бояд тариқаи ёфтани диаметрҳои давоири тӯлу арз ва миқдори дурии марокизи онҳоро аз маркази доира ба хонанда-

facebook.com/Китобхона

гон биёмӯзем, ки то мақсуд аз ин фасл ба таври комил ҳосил шавад. Ва барои ин матлуб мегӯем:

Бар маркази доира ABCDt-ро мегузаронем. Ва ин дойраро бо ду диаметр AHC ва BHD ба чор қисм тақсим мекунем. Ва нуқтаи A-ро мағриб ва нуқтаи B-ро чануб ва нуқтаи C-ро машриқ ва нуқтаи D-ро шимол фарз мекунем. Ва ҳар ними диаметрро ба навад ҷузъ ва мухити дойраро ба сесаду шаст ҷузъ тақсим мекунем.


Ва ба тариқи мисол мехоҳем, ки нисфи диаметри дойраи BZD-ро, ки яке аз давоири тӯл аст ба даст оварем ва фарз мекунем HZ дурии маркази он аз маркази H бошад, бадеҳӣ аст, ки HZ маълум аст, зеро ба ачзое, ки нисфи диаметри он HC навад ҷузъ аст, он маълум хоҳад буд. Ва ҳар як аз BHQ ва HD низ навад ҷузъ аст.

Ва чун HZ-и маълумро дар маҷмӯи HHHZ-и маҷҳул, ки диаметри матлуби мо бошад, зарб кунем ва ZH-ро аз он кам кунем, монанди зарби HB дар HD аст, ки мураббаи яке аз ин ду бошад. Ва HB-ро дар худаш зарб карда ва маҷмӯъро, ки ҳашт ҳазору сад бошад, бар HZ-и маълум тақсим мекунем. Ва аз ин кор маҷмӯи HHHZ ба даст меояд. Ва HZ-ро бар он афзуда ва нисфи маҷмӯъ, ки ZH бошад, нисфи диаметри дойраест, ки қавси BZD ҷузъе аз он аст. Ва чун ин матлуб ба даст омад, ба андоза он фатҳаи паргорро боз карда нуқтаи Z низ маълум бошад, яке аз ду пояи паргорро бар нуқтаи Z мегузорем дигареро ба ҳар чо, ки аз хатти HA, ки ба таври лоиҳоят хорич гашта ва ба маркази дойрае, ки H бошад хоҳем расид. Ва ин амал моро аз маърифати мобайни ду марказ бениёз мекунад.


Ва ҳар кас, ки ба истихроҷи дурии маҷоз ниёзманд бошад, яъне он нуқта аз доира, ки хатти восил миёни ду нуқтаи BH ба он мегузарад, ки қавси At бошад, бояд BH-ро муттасил кунад, ки мухитро дар t қатъ кунад ва амуди tZ-ро бар BD ихроҷ намуда ва tD-ро васл намояд. Ва чун мусалласи BHC пахлӯи он ба ачзое, ки ба он ачзоъ нисфи диаметри доира навад ҷузъ аст, маълум аст, ки тахвили ҳар пахлуе аз он ба миқдоре, ки ба он нисфи диаметри доира шаст бошад, бад-ин тавр аст, ки дар шаст зарб намуда ва ба навад тақсим кунад. То дар натиҷаи ин кор ба миқдори шастгона тахвил шавад. Ва мусаллассҳои BHH, BtD, BSt муташобеҳ ҳастанд ва HH-ро дар BD зарб намояд ва маҷмӯъ-

facebook.com/Китобхона

ро бар HB тақсим кунад, Dt ба даст хоҳад омад. Сипас Dt-ро дар HH зарб карда ва маҷмӯъро бар HB тақсим кунад ва DS ба даст меояд. Ва чун онро дар ҷадовили ҷайбҳо бадал ба қавс кунем ва қавси онро аз навад илкӣ кунем, At боқӣ хоҳад монд.



Ва агар дурии маҷозро аз роҳе осонтар бихоҳем ба даст оварем, мусалласи BHC-ро, ки пахлӯи он маълум аст, ба миқдоре, ки бо он миқдор нисфи диаметри доираи шаст ҷузъ аст, тахвил мекунем. Ва зовияи tDB дар сурати аввалӣ ва зовияи tDB дар сурати дуюм, он аст, ки тамоми дурии маҷозро камонак вокеъ шудааст. Ва чун тахвили ҳар пахлуеро аз ин мусалласро ба миқдоре, ки бо он миқдор ва шаст ҷузъ бошад, бихоҳем дар шаст зарб карда, BH маҷмӯъро бар BH ба миқдоре, ки ба он миқдор нисфи диаметри доира шаст ҷузъ аст, тақсим мекунем ва матлуб ба даст. меояд. Ва чун пахлӯи HH-ро бо ин миқдор ба даст оварем, дар ҷадвали ҷайбҳо бадал ба қавс мекунем ва қавси Dt ба даст меояд. Ва аз ҳар роҳе, ки ин амалро бинамоем бо ихтилофи роҳҳо ба як натиҷа хоҳем расид. Ва шакли доира ин аст:




Шаклро боз такрор медиҳем, ки то ончиро, ки собиқан дар давоири арзҳо гуфта шуд бишносем.

Фарз мекунем доираеро, ки мехоҳем нисфи диаметри онро бишносем, доирае бошад, ки t кулли китъае аз он аст ва ҳар як аз AtHKCl дар шумор мусовӣ бошанд. Ва амуди tA-ро, ки ҷайби Dt-и маълум аст ва HD-ро, ки ҷайби At-и маълум аст, ихроҷ мекунем ва аз HA миқдори HK кам мешавад. Ва пас аз он ки онро аз аъзои нагадгона ба шастгона тахвил кардем, KA боқӣ хоҳад монд. Ва чоркунҷаи tA-ро бар он тақсим намуда ва бар хориҷи қисмат KA-ро меафзоем ва нисфи онро

facebook.com/Китобхона

гирифта, ки KH бошад, яъне нисфи диаметри доинисфи диаметри доираи рае. ки tKl бо ачзое, ки ABCD бо он шаст чузъ аст.



Ва агар дурии мачоз-ро бихоҳем, AH-ро васл мекунем, ки мухити доираро бар t қатъ мекунад. Ва tC-ро васл менамоем ва амуди tS-ро бар AC фурӯд меоварем ва AC-ро дар HC зарб мекунем ва мачмӯро бар AH тақсим карда. tC ба даст меояд. Ва чун ин хорич қисматро дар HH зарб кунем ва мачмӯро бар AH тақсим кунем, SBH хорич мешавад, ки tS ҳосили мазруби он аст, дар AS, ки чайби қавси мачоз бошад ва низ агар AH-ро ба микдоре, ки бо он микдори AH саду дах чузъ аст, таҳвил кунем. Сипас, дар чадовили камонакҳои томма бадал ба қавс кунем, қавси At, ки дурии мачоз аст, хорич мешавад. Ва ҳол дар чиҳати C монанди чиҳати A аст ва дар чиҳати B монанди чиҳати D ва ҳеч бо якдигар фарқ надоранд. Ва ин матлаб охирин гуфтори ман буд:

Ва ваъдаеро, ки дода будем, вафо кардем. Ва пурсишҳоеро, ки аз мо намуда буданд, то ҳадде, ки тавоной доштем, посух гуфтем. Ва дар таҳзиби назар ва бартараф сохтани ҳар гуна шак аз таворихи анбиё ва подшоҳон ва иршоди ҳайратзадагон аз яҳуду насорӣ хонандагонро раҳнамой кунад. Ва хонандагони ин китоб аз се даста берун нестанд: Ё шахсе аст, ки дар илм бо ман хампоя ва хамсар аст ва ин шахс маро хохад сипос гузорад. Ва ё ин ки мартабаи илмии ӯ аз мартабаи ман бартару болотар аст, ин шахс бояд дар ислохи ҳалли ин китоб бар ман тафзил намояд. Ва агар лағзише дар он мушохида кунад, маро маъзур дорад. Ва ё он ки хонандаи ин дафтар ҳеч як аз ин ду табақа, ки гуфта шуд, нест ва дониши у аз дониши ман камтар аст. Ва ман барои ин шахс асбоби истифодаро фарохам кардаам. Ва агар аҳли гумроҳон аст, ӯро аз эътироз ба чизе оҷизу нотавон сохтаам.

Ва китоби худро ба ситоишу хамди худованде, ки моро нусрат дод ва хидоят намуд ва роҳи ростро аз кач бишиносонд, тамом кунем.

facebook.com/Китобхона

ГАВЗЕҲОТ

[1] *Аҳли китобҳо* — Дар Қуръон намояндагони дини насронӣ, масеҳиро меноманд, ки гӯё китоби «Таврот» ва «Инҷил» аз осмон барояшон омада бошад. Дертар ба мафҳуми «аҳли китобҳо» намояндагони дини зардуштӣ низ ҳамроҳ карда шудааст.

[2] *Батламиюс (Птоломей)* — ситорашиноси машҳури Юнони қадим буда, дар шаҳри Искандария зиндагӣ ва кор карда, дар соли 168 вафот кардааст.

[3] *Синдуҳинд* — Дар замони ҳукмронии Маъмун ҳиндуе, ки Қанга ном дошт, асаре оид ба ситорашиносӣ таълиф намуда, ба ӯ тақдим менамояд.

Дар ин асар зиҷе тартиб дода шуда буд, ки он бо унвони Синдухинд машҳур буда, маънии «абадият, ҳамешагӣ»-ро дорост.

[4] *Китоб-ул-истишҳод би ихтилоф-ул-ирсод* — Ин асари Абӯрайҳони Берунӣ то ба ҳол дастраси мо нагардидааст.

[5] *Абурайҳони Берунӣ* дар ин ҷо ҳокими машҳури сулолаи Зиёриён (928—1042) Шамсулмаолӣ Қобусро, ки дар солҳои 976—1012 дар Гургон ҳукмронӣ кардааст, дар назар дорад.

[6] *Совун (Теон)* — Ситорашинос ва математики машҳури Юнон буда, дар асри IV зиндагӣ ва эҷод кардааст.

[7] *Мӯътазид* — яке аз халифаҳои Аббосиён буда, дар солҳои 892—902 ҳукмронӣ кардааст. Вай ба тақвим ислоҳот дохил намудааст.

[8] *Пешдодӣ* — Сулолаи афсонавии мардуми эронинажод мебошад.

[9] *«Миҷастӣ»* — асари машҳури олими Юнон Батламиюс мебошад, ки оид ба илми ситорашиносист.

[10] *Фисҳ* — иди исавиён ва мусавиён аст, ки гӯё дар он рӯз Исо таваллуд ёфта бошад. Инчунин рӯзи ҳуҷуми Бани Исроил барои тасарруфи Миср мебошад, ки онро иди Пок ҳам меноманд.

[11] *Кинона* — номи қабилаи араб мебошад.

[12] Офтоб дар муддати як сол бурҷҳои дувоздаҳгонаро тай мекунад ва Моҳ бошад, ин муддатро, ки бисту ҳашт манзили он аст, дар як моҳ тай менамояд. Вале ҳиндиён манзилҳои моҳро бисту ҳафт манзил донистаанд.

[13] *Абӯмуҳаммад Ноиби Омулӣ* — ситорашиноси намоёни тоҷику форс буда, дар асри IX зиндагӣ кардааст. Фаъолияти илмии ӯ асосан ба забони арабӣ буда, яке аз асарҳояш бо унвони «Китоб-ул-ғурра» машҳур аст.

facebook.com/Китобхона

[14] *Яъқуб бинни Ториқ* — мутарҷимест, ки асарҳои оид ба ҳайат ва нуҷумро ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Вай дар асри VIII ҳаёт ба сар бурдааст.

[15] *Каюмарс* — подшоҳи афсонавии силсилаи Пешдодиён дар сарзамини Эрон буда, тасвири он дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ дода шудааст.

[16] *Искандар* — Шоҳи Юнони қадим, ки ҳамасри подшоҳи силсилаи Қаёниён — Доро буда, дар соли 365 пеш аз мелод, пас аз 33 сол умр дидан вафот кардааст.

[17] *Яздигурд* — подшоҳи сулолаи Сосониён буда, дар солҳои 632—654 ҳукмронӣ кардааст.

[18] *Мулук-ут-тавоиф* — силсилаи шоҳоне, ки меросхӯри Искандари Мақдунӣ буда, солҳои зиёд ҳукмронӣ кардаанд, ки онҳоро таърихшиносони араб ба ифодаи «Мулук-ут-тавоиф» ном бурдаанд.

[19] *Ашконiён* — силсилае аз подшоҳони Эрон, ки пас аз хотима ёфтани ҳукмронии сардорони Искандари Мақдунӣ салтанат кардаанд. Онҳо қариб 461 сол, яъне то муддати пайдоиши сулолаи Сосониён ҳукмронӣ доштаанд.

[20] *Ҷузъҳои басита* — унсурҳои чаҳоргона, яъне об, оташ, бод ва хокро гӯянд.

[21] *Хисоби ҷуммал* — ҳисоб ба воситаи ҳарфҳо, ки ҷамъи онҳо дар ҳашт калимаи сохтаи абҷад ғунҷонида шудааст:

[1] Ҳисоби ҳарфҳо: ا—1, ب—2, ج—3, د—4, ه—5, و—6, ز—7, ح—8, ط—9, ى—10: ك—20, ل—30, م—40, ن—50, س—60, ع—70, ف—80, ص—90, ق—100, ر—200, ش—300, ت—400, ث—500, خ—600 ذ—700, ض—800, ظ—900, غ—1000.

[2] Ҳашт калимаи сохтаи бемаъно:

ابجد (абҷад), هوز (ҳаваз), حطى (ҳутӣ), كلمن (каламан), سعفص (саъфас), قرشت (қарашат), ثخذ (сахаз), ضظغ (зазағ):

[22] *Яҳудо (Иуда)* — номи писари чоруми Яъқуб буда, минбаъд асосгузори қабилаи махсуси яҳудиён мегардад. Вай давлати алоҳидаи худро ташкил медиҳад, ки дар натиҷа давлати яҳудиён ба ҳукуматдорони авлоди Яҳудо ва Бани Исроил таксим мешавад.

[23] Муаллиф дар ин ҷо Мусо писари Имрон аз авлоди Яъқубро дар назар дорад.

[24] *Куруш — (Кир)* — подшоҳи қадими сарзамини Эрон, ки дар солҳои 558—529 пеш аз мелод ҳукмронӣ кардааст.

[25] *Байт-ул-муқаддас* — дар соли 490 буньёд ёфтааст. Вале дар поёнтар «Ҳафтсобӯъ» мегӯяд, ки ин ифодаест гӯё Байт-ул-мукаддас дар соли 49 сохта шуда бошад.

[26] *Ҷолут* — Подшоҳе, ки дар аҳди Толут бо дасти Довуд кушта шудааст.

[27] *Бухтанассар* — мувофиқи маълумотҳои таърихӣ бори аввал Байт-ул-мукаддасро Навхудонасри дуюм вайрон кардааст. Вале дар «Осор-ул-боқия» муаллиф вайрон карда шудани Байт-ул-мукаддасро бо номи Бухтанассар вобаста мекунад, ки ин шояд сахв бошад.

[28] *Ашъиё* — пайғамбаре, ки ба забони ибрӣ ӯро Исиёҳ гӯянд.

[29] *Ису* — Писари Исҳоқ ва бародари Яъқуб мебошад.

facebook.com/Китобхона

[30] *Батламиюси Филиёдилфиюс* — Батламиюси дуввум буда, дар Миср солҳои 285—247 пеш аз мелод салтанат доштааст.

[31] *Ибни Бозьёр* — ситорашиноси машҳури асри IX мебошад.

[32] *Марқиюн ва асҳоби Ибни Дайсон* — ин ду олим аз ҷиҳати динӣ — мазҳабӣ ва таълимоти фалсафии худ муқобили ҳамдигар баромад карданд. Онҳо дар асрҳои II—III солшумории мо зиндагӣ кардаанд.

[33] *Монӣ* — наққоши машҳурест, ки даъвои пайғамбарӣ кард ва ӯро дар соли 276 ба қатл расонданд.

[34] *Салмони Порсӣ* — яке аз саҳобаҳои нимафсонавии Муҳаммад буда, аслан эронинажод мебошад. Дар бораи Салмони Порсӣ ҳикоя ва ривоятҳои зиёде вуҷуд дорад. Инак, гӯё писараш Абдулло аз забони ӯ «Инҷили ҳафтод»-ро навишта гирифта бошад.

[35] *Абӯмаъшари Балхӣ* — ситорашиноси машҳури асри IX буда, зиҷи он дар асари «Авсот-ул-кавокиб» мавҷуд аст.

[36] *Айёми Арҷабҳаз* — аз тарафи ситорашиноси Ҳинд Арҷабҳаз дар соли 500 ҷадвали махсуси ситораҳо тартиб дода шуда буд, ки ситорашиносон минбаъд мавриди истифода қарор додаанд.

[37] *Абӯисҳоқи Сарахсӣ* — файласуфи машҳури асри IX форсу тоҷик буда, асарҳояшро ба забони арабӣ навиштааст.

[38] *Абулвафо Муҳаммад бинни Муҳаммади Бузҷонӣ* — Математики машҳури форс ва тоҷик аст, ки аслан аз Хуросон буда, ба забони арабӣ таълифоти зиёде дорад. Дар соли 998 вафот кардааст.

[39] *Иббархис (Гиппарх)* — ситорашиноси бузурги Юнони қадим, ки дар асри II пеш аз солшумории мо зиндагӣ кардааст. Даврҳои соле, ки вай тартиб додааст, дар илми ситорашиноси маъруф мебошад.

[40] *Солис (Фалес)* — файласуф ва математики машҳури Юнони қадим, ки дар асри VI пеш аз милод ҳаёт ба сар бурдааст.

[41] *Ардашери Бобак* — шоҳаншоҳи сулолаи Сосониён буда, дар солҳои 226—241 ҳукмронӣ кардааст: Тасвири пурраи ҳукмронии Ардашери Бобакон дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ дида мешавад.

[42] *Зардушт* — писари Пуршасп буда, аз нажоди Фаридун мебошад. Мувофиқи маълумотҳои афсонавӣ қисми асосии ҳаёти ӯ дар замони шоҳаншоҳии Гуштосп ва Қайқубод, ки ба асрҳои VII—VI пеш аз мелод рост меояд, гузаштааст. Вай донишманди илми ҳайат буда, асосгузори кеши зардуштиён мебошад.

[43] *Филифус (Филипо)* — падари Искандари Мақдуниро не, балки бародари ӯ Филипп Арридейро дар назар дорад, ки он дар соли 323 пеш аз мелод бар тахт нишастааст.

[44] *Ҳабиб бинни Бехрез* — олими намоёни асри IX буда, бисьёр асарҳои донишмандони Юнонро ба забони арабӣ гардонидааст.

[45] *Агустус (Август)* — императори аввалинни Рим аст, ки аз соли 30 пеш аз мелод то соли 14 пас аз мелод ҳукмронӣ кардааст.

[46] *Аҳмад бинни Саҳл бинни Хошим* — феодали намоёне, ки дар давраи Сомониён зиндагӣ карда, соли 919 дар ҳабсхона ҳалок гардидааст.

[47] *Антанинус (Антонин)* — императори Рум, ки дар солҳои 138—161 ҳукмронӣ кардааст.

[48] *Дақлатиёнус (Диоклетиан)* — императори Рум буда, солҳои 284—305 ҳукмронӣ кардааст.

facebook.com/Китобхона

[49] Маймун бинни Мехрон — раиси андозчинони давраи хилофати Умари II (717—720) мебошад.

[50] *Хурмузон* — яке аз сипахсолорони Эрон мебошад, ки дар вақти Эронро забт кардани арабҳо ба зудӣ дини исломро қабул намуда, ба ҳидмати онҳо гузашта буд.

[51] *Шаъбӣ* — яке аз ровиёни машҳури мусулмонон буд, ки ривоятҳои исломиро паҳн мекард.

[52] *Абулмусо Ашъарӣ* — яке аз ҳукамо ва арбоби давлатии давраи аввали ислом мебошад.

[53] *Мӯътазид* — халифаи аббосӣ буда, дар солҳои 892—902 хилофат доштааст.

[54] *Абӯбакри Сулӣ* — муаррихи машҳури араб, ки дар соли 946 вафот кардааст.

[55] *Мутаваккил* — халифаи аббосӣ буда, дар солҳои 847—861 хилофат доштааст.

[56] *Убайдулло бинни Яҳьё* — вазири мутаваккил — халифа (847—861) будааст.

[57] *Ҳишом бинни Абдумалик* — халифаи сулолаи Уммавиён буда, дар солҳои 724—743 хилофат доштааст.

[58] *Холиди Қасрӣ* — яке аз наздикони халифаи Уммавия Ҳишом бинни Абдумалик (724—743) будааст.

[59] *Ҳорунаррашид* — халифаи сулолаи Аббосиён буда, дар солҳои 786—809 хилофат доштааст.

[60] *Холид бинни Бармак* — аз авлодони вазири Аббосиён буда, дар давраи хилофати Абӯҷаъфар дар Озорбойҷон вазифаи ҳокимиро адо мекардааст. Вале дар замони хилофати Маҳдӣ вазифаи вазириро адо карда, соли 802 дар ҳабсхона фавтидааст.

[61] *Иброҳим бинни Аббоси Сулӣ* — котиби дарбори халифаи Аббосӣ Мутаваккил (847—861) будааст.

[62] *Валид бинни Убайди Бӯҳтурӣ* — яке аз шоирони маъруфи араб буда, дар солҳои 820—897 зиндагӣ ва эҷод кардааст.

[63] *Шопури Зулактоф* — Зулактоф лақаби подшоҳони сулолаи Сосониён — Шопур (310—379) мебошад.

[64] *Офриг* — дар асри IV дар Хоразм салтанат доштааст.

[65] *Кутайба бинни Муслим* — яке аз сарлашкарони котили араб, ки дар соли 712 Хоразму Мовароуннаҳрро забт карда буд.

[66] *Баҳри Аҳзар* — яъне уқёнуси Атлантика.

[67] *Доро бинни Доро (Дорои III)* — подшоҳи охирини сулолаи ҳахоманишиҳо, ки дар солҳои 335—330 пеш аз солшумории мо салтанат доштааст. Дар вақти бо Искандар ҷангидан аз тарафи наздикони худаш кушта мешавад.

[68] *Муҳаммад бинни Абдурразоқи Тӯсӣ* — яке аз ҳокимони сулолаи Бувайҳӣ буда, дар вақти султонии Рукнуддавла (соли вафот) 967 дар Тӯс ҳукмронӣ кардааст.

[69] *Иброҳим бинни Ҳилоли Соби* — яке аз арбобони давлати сулолаи Бувайҳӣ (асри X) буда, «Тоҷ» ном асаре эҷод кардааст, ки он то ба мо омада нарасидааст.

[70] *Мардовиҷ* — набераи Вардоншоҳ писари асосгузори сулолаи Зиёриён Зиёр мебошад. Вай дар Табаристон сарфармондеҳи лашкари ҳоким Асфар бинни Ширӯя буд ва дар соли 935 ба қатл расонида шудааст.

[71] *Анушервон (Хусрави I)* — шоҳаншоҳи сулолаи Сосониён буда, дар солҳои 531—579 ҳукмронӣ кардааст.

facebook.com/Китобхона

[72] *Абдулло бинни Маймуни Каддоҳ* — халифаи аввалини сулолаи Фотимиён дар Миср буда, дар солҳои 909—934 хилофат доштааст.

[73] *Абўалӣ бинни Низор* — халифаест, ки бо номи Ҳаким машҳур буда, дар солҳои 996—1021 хилофат доштааст.

[74] *Умар бинни Хаттоб* — дуввумин халифа буда, дар соли 23-и ҳичрӣ вафот кардааст.

[75] *Ибни Дурайд* — адабиётшиноси машҳури араб, ки дар соли 933 вафот кардааст.

[76] Дар «Қуръон» қиссае вуҷуд дорад, ки гўё ҳудҳуд аз вуҷуд доштани маликаи бутпараст Билқис ба Сулаймон хабар медиҳад. Дар натиҷа бо тадбири Сулаймон шоҳии Билқис қатъ мегардад.

[77] *Азвоҷ* — ҷамъи зу (зӣ) буда, ба маънои соҳиб, соҳиби чизе, ҳоким меояд. Илова бар ин силсилае аз подшоҳони Яман, ки аввали номашон бо ҳамин «зу» сар мешавад.

[78] *Абдулло бинни Хурдодбеҳ* — ҷуғрофияшиноси машҳури асри IX буда, асарҳояшро ба забони арабӣ навиштааст.

[79] *Мўътасим* — яке аз халифаҳои аббосӣ буда, дар солҳои 833—842 хилофат доштааст.

[80] *Собити Омулӣ* — дар ин ҷо шояд сахве гузашта бошад, зеро ки муаллифи асари «Китоб-ул-ғурра» Собити Омулӣ набуда, балки Ноиби Омулӣ, ки ситорашиноси машҳури асри IX тоҷику форс аст, мебошад.

[81] Берунӣ дар ин ҷо испаниҳоро дар назар дорад.

[82] *Юлиус (Юлий Цезарь)* — дар ин ҷо гуфтаи Берунӣ ба ҳақиқати таърих рост намеояд. Зеро ки Юлий Цезарь дар соли 59 пеш аз мелод мамлакатро ба даст дароварда, дар соли 44 пеш аз мелод ба қатл расонда мешавад.

[83] Муаллифи ин асар маълум нест. Баъдтар Берунӣ қайд мекунад, ки ин асар дар соли 1225 искандарӣ, яъне дар аввалҳои асри X солшумории мо навишта шудааст.

[84] Ин ифода баробар аст ба $365\frac{81}{400}$ рўз соат.

[85] Муҳаммад бинни Мусо бинни Шокир — риёзидон ва ситорашиноси машҳури асри IX буда, дар соли 873 вафот кардааст.

[86] *Собит бинни Қурра* — ситорашинос, математик ва табиби машҳур буда, дар солҳои 836—901 зиндагӣ кардааст.

[87] Мазҳаби яҳудиён, ки аввалҳо бо унвони «анонӣ» ва баъдтар бо «Карроъ» машҳур гаштааст. Асосгузори ин мазҳаб Анон бинни Довуд мебошад, ки он дар нимаи дуюми асри VIII зиндагӣ кардааст.

[88] *Алӣ ибни Абутолиб* — сарлашкар ва халифаи чаҳорум буда, дар солҳои 656—661 хилофат доштааст.

[89] Набатиҳо яке аз қабилаҳои қадими арабҳо мебошанд, ки дар шаҳри Бобул (арабҳо шаҳри Савод меноманд.) сукунат доштаанд.

[90] *Абулқосим Исмоил ибни Аббод* — вазири сулолаи Бувайҳиён буда, бо тахаллуси «Соҳиб» машҳур аст. Вай табъи шоирӣ дошта, дар таърих ҳамчун ҳомию парастори аҳли адаб ном бароварда аст. Ин марди начиб дар солҳои 936—995 зиндагӣ кардааст.

[91] *Наср* — маънии «илова», «пасандоз»-ро дорад. Арабҳои даврае ҷохилия барои барҳам додани фарқи байни соли қамарӣ ва

facebook.com/Китобхона

шамсӣ, ки ҷамъ 11 рӯз аст, тадбири зеринро анҷом додаанд. Ҳангоме, ки рӯзҳои пасандозшуда ба як моҳ рафта мерасиданд, он гоҳ солро аз сенздаҳ моҳ иборат медонистанд. Инак, дар зарфи 24 сол нӯҳ соли сенздаҳмоҳа ба амал меомад. Ҳамин моҳи сенздаҳумро «насӣ» мегӯянд. Дар соли 631 Муҳаммад «насӣ»-ро бекор кардааст.

[92] *Ҷаъфари Содиқ* — имоми шашуми мазҳаби шиа (дувоздаҳимомиҳо) буда, дар соли 766 дар Мадина вафот кардааст.

[93] *Мансур* — халифаи сулолаи Аббосиён буда, дар солҳои 751—775 хилофат доштааст.

[94] Мувофиқи таълимоти ситорашиносони қадим, гӯё баробари таваллуд ёфтани ҳар як шахс ситорае пайдо мешавад, ки дар он миқдори умр ва бахту нокомиҳои ӯ акс меёфта бошад.

[95] Хонаи Хуршед — бурҷи Асад аст ва назди он дар нуздаҳумин дараҷаи Ҳамал воқеъ гардидааст.

[96] Ватад чаҳортоанд: Толеъ, ғориб, ватадуссамо ва ватадуларз

[97] Дар ин ҷо сайёраҳои Миррих ва Зуҳалро дар назар дорад

[98] *Мошоллоҳ* — яке аз олимони маъруфи илми ситорашиносӣ буда, дар нимаи дуюми асри VIII ҳаёт ба сар бурдааст.

[99] Дар илми ситорашиносӣ дар як аз масофаи муайяни аз ҳам дур истодани сайёраҳоро «Қирони авсат» менаманд.

[100] *Собит бинни Синони Курра* — набераи Собити машҳуре, ки математик аст, мебошад.

[101] Ин шаҳр дар наздики Бағдод аз ҷониби Мӯътасим — халифа дар соли 837 сохта шудааст, ки маънои «бинанда шод мешавад»-ро дорад.

[102] *Тузун* — яке аз сарлашкарони халифа Муттақӣ (940—944) мебошад.

[103] Муизуддавла ва Изаддуддавла ҳокимони хонадони Бувайҳиён (асри X) мебошанд.

[104] *Носируддавла* — ҳокими Сурия буда, дар солҳои 963 ҳукмронӣ кардааст.

[105] *Соҳиб бинни Аббод* — ҳамон Абулқосими Исмоил бинни Аббод аст, ки вазири олӣ Бувайҳ буда, дар солҳои 936—995 ҳаёт доштааст.

[106] *Абӯсаиди Шодон* — мунаҷҷими намоёни асри IX мебошад

[107] *Саффор* — Саффори мисгар, ки лақаби Ёқуб бинни Лайс мебошад. Вай асосгузори сулолаи Саффориён (873—903) буда, то ба даст даровардани давлат бо касби мисгарӣ шуғл меварзид.

[108] Ҳалила, амила ва балила номи гиёҳонест, ки аз онҳо дорухои гуногун тайёр мекарданд.

[109] *Абӯабдулло Нотилӣ* — муосири Абӯрайҳони Берунӣ буда, асарҳояшро ба забони арабӣ навиштааст.

[110] *«Варроқон»* — шахсоне буданд, ки бо китобу дастхатҳои қадима сарукор дошта, онҳоро аз нав менавиштанд. Илова бар ин нависандагонро низ бо ин унвон ном мебурданд.

[111] *Умирус (Гомер)* — шоири машҳури Юнон қадим аст, ки дар асрҳои X—IX то милод даргузаштааст.

[112] *Қолинус (Гален)* — табиби машҳури Юнони қадим мебошад, ки дар асри II зиндагӣ кардааст.

[113] *Баҳроми Чӯбина* — сарлашкари машҳуре, ки дар охири асри VI ба мукобили шоҳаншоҳ Хурмузди IV баромад. Писари Хурмуздии IV Хусрав (Кисро) аз Баҳром шикаст хӯрда, ба шохи Рум Маврикус мурочиат менамояд, то ки ёрдамаш бирасонад.

facebook.com/Китобхона

[114] *Сақлабӣ (Василий)* — Берунӣ пеш аз Василий давраи шоҳи Феофил (829—842) ва Михаили III (842—867)-ро сарфи назар мекунад.

[115] *Муътазид* — халифаи сулолаи Аббосиён, ки дар солҳои 866—869 хилофат кардааст.

[116] *Муътамид* — халифаи сулолаи Аббосиён, ки дар солҳои 870—892 хилофат доштааст.

[117] Берунӣ дар ин ҷо китоби «Худойнома»-ро, ки аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ гардонда шудааст, дар назар дорад.

[118] *Саид бинни Муҳаммади III Зуҳлӣ* — яке аз фақеҳони намоёни асри IX мебошад.

[119] Монирро ба муносибати бахшида ба Шопури Сосонӣ (241—272), асаре таълиф намуданаш, чунин номидаанд. Аз ин асар баъзе порчаҳо ба мо омада расидааст.

[120] *Аҳмад бинни Тайиби Сарахсӣ* — ситорашиноси машҳури асри IX мебошад.

[121] Абурайҳони Берунӣ бо унвони «Китоби рақамҳо» асаре таълиф намудааст, ки он ҳоло дастраси мо нагардидааст. Дар ин ҷо котиб қисме аз фикри муаллифро, ки дар китоби номбурда сабт шудааст, меоварад.

[122] *Абулаббос Хотими Табрезӣ* — ситорашиноси намоёни асри IX форс-тоҷик мебошад.

[123] *Холид ибни Абдумалики Марваррудӣ* — ситорашиноси намоёни асри IX форс-тоҷик мебошад.

[124] *«Хроникун»* — ҷадвалест, ки яҳудоён пеш аз иди Фисҳ (пасха) барои ҳисоб кардани вақт тартиб додаанд.

[125] *Арасту (Аристотел)* — файласуфи машҳури Юнони қадим, ки дар солҳои 384—322 пеш аз мелод зиндагӣ кардааст.

[126] *Абунасри Мансур бинни Алӣ бинни Ироқ* — яке аз муосирони калонсоли Абурайҳони Берунӣ буда, дар чорякҳои аввали асри XI вафот кардааст. Донишманди илмҳои ситорашиносӣ, ҳандаса, ва шумор буда, дар ин бобат таълифоти зиёде дорад.

[127] *Муҳаммад бинни Ҷобири Баттонӣ* — ситорашиноси машҳури асри X тоҷику форс буда, бо забони арабӣ асарҳои илмӣ навиштааст. Вай дар соли 929 вафот кардааст.

[128] *Хабаши Хосиб* — ситорашиноси намоёни асри X тоҷику форс буда, ба забони арабӣ таълифот дорад.

[129] Ҷадвали ба шакли лавлаб (пармамонанд), ки дар асл ҳаст ба тариқи ҷадвали росткунҷа овардем. Дар ҷадвал қатори «сатри адад» бо ранги қирмизӣ ва қатори «аломати аввали рамазон» бо ранги сиёҳ фаҳмида шавад.

[130] *Абӯҷаъфари Хозин* — ситорашиноси машҳури тоҷику форс буда, дар нимаи дуюми асри X зиндагӣ ва эҷод кардааст. Асарҳои ба нуҷум таълиф кардаашро ба забони арабӣ навиштааст.

[131] *Собиин* — намояндаи мазҳабе, ки онро онҳо иборат аз ситорапарастӣ ва ё бутпарастӣ буданд. Таълимоти динии онҳоро қисман ақидаҳои масеҳиён ва қисман ақидаҳои насориён ташкил додаанд. Собиин асосан дар Бағдод ба вуҷуд омада, минбаъд ба дугурӯҳ чудо шуданд. Гурӯҳи аввалини онҳоро «Собиини воқеӣ» ва гурӯҳи дуюмро «бутпарастони суриёнӣ» меноманд. Бутпарастони суриёнӣ дар Ҳаррон сукунат доштанд ва онҳо дар замони халифа Маъмуни Аббос ошкоро шуданд. Собиини бутпараст то миёнаи асри XI дар ин ё он ҷо ному нишоне доштаанд, вале «собиини воқеӣ» дар Бағдод ҳанӯз ҳам вуҷуд доранд.

facebook.com/Китобхона

[132] *Абдулмасеҳ ибни Исҳоқи Киндӣ* — олим ва нависандаи асри X буда, дар шаҳри Кинд ҳаёт ба сар бурдааст. Вай оид ба мазҳаби насорӣ, ки худ ба он мансуб буд, асаре таълиф карда, дар он оину мазҳабҳои дигарро сахт танқид кардааст.

[133] Ин калима шакли дигаргуншудаи муғон мебошад.

[134] *Хошим бинни Ҳаким* — яке аз муборизони зидди забту ғоратгариҳои ачнабиён буда, дар асри VIII зуҳур кардааст.

[135] *Ҳайс* — таоме, ки аз хурмо ва равған тайёр мекунанд.

[136] *Ҳусайн бинни Мансури Ҳаллоҷ* — сӯфии намоёне, ки дар асри X ҳаёт ба сар бурдааст. Мегӯянд, ки ӯро ба қатл расондаанд.

[137] *Абӯубайди Сақафӣ* — яке аз доиёни ақидаи мазҳаби шиа буда, дар охирҳои асри VII зиндагӣ кардааст. Вай тарғиботчии ғояҳои яке аз фарзандони Алӣ мебошад, ки Муҳаммад ном дошта, модараш аз қабилаи Бани Ҳанифа буд

[138] *Суфёнӣ* — авлодони Абӯсуфёнро меноманд, ки он падарҷ халифаи авалини Бани Уммавия, Муовия мебошад.

[139] *Муқтафӣ* — халифаи сулолаи Аббосиён, ки дар солҳои 902—908 хилофат доштааст.

[140] *Муқтадир* — халифаи сулолаи Аббосиён, ки дар солҳои 908—932 хилофат доштааст.

[141] *Ҳашвия* — зиёдатӣ, «мунаҷҷимоне», ки бе ҳеҷ гуна далели илмӣ дар бораи қисмату тақдири инсон «пешгӯиҳо» мекарданд. Аз ин рӯ ин қабил мунаҷҷимонро дар гузашта «мунаҷҷимони бозорӣ» меномиданд.

[142] Дар қадим ҷадвали махсусе тартиб дода шудааст, ки дар он рӯзҳои моҳҳо ба тариқи алоҳида дохил гардидаанд. Дар навбати худ он рӯзҳо ба рӯзҳои фархундаву муборак ва наҳсу номуборак тақсим карда шудаанд. Чунин ҷадвал дар соатҳои офтоб низ вуҷуд доранд.

[143] *Оташи калвозо* — оташи ҳамеша сӯзони оини зардуштӣ мебошад, ки онро «оташи форсӣ» низ меноманд.

[144] *Абулфараҷи Занҷонии Хосиб* — олим, ситорашиноси намоёни тоҷику форс аст, ки муосири Абурайҳони Беруний мебошад.

[145] *Абӯусмони Ҷоҳиз* — яке аз нависандагони донишманди тоҷику форс, ки ба забони арабӣ таълифоти зиёде дорад. Вай дар соли 869 вафот кардааст.

[146] *Чайҳонӣ* — нависанда ва арбоби давлатӣ буда, дар арафаи ҳукмронии сулолаи Сомониён дар Хуросон зиндагӣ ва эҷод кардааст.

[147] *Абӯмуҳаммади Абдулло бинни Кутайба* — адиб ва олими машҳур буда, дар соли 828 дар Бағдод таваллуд ёфта соли 890 вафот кардааст.

[148] *Абӯсаид Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Ироқ* — ҳокими сулолаи хоразмшоҳиён буда, дар асри X ҳукмронӣ кардааст. Суҳан дар бораи ҳамон тақвиме меравад, ки дар соли 959 тартиб дода шудааст.

[149] *Абулқосими Убайдулло бинни Абдулло бинни Хурдодбеҳ* — сайёҳ ва ҷуғрофияшиноси машҳури араб мебошад, ки дар асри IX ҳаёт ба сар бурдааст.

[150] *Навъ* — сӯқути ситораи яке аз манзилҳои бисту ҳаштгона ва тулӯи ракиби он аз Машриқ. Дар гузашта арабҳо гумон мекарданд, ки ҳар гоҳ ситорае аз манзиле сақит шавад ва ситораи дигар муқобили он тулӯъ кунад, ҳочор борону бод ва гармову сармо хоҳад омад.

facebook.com/Китобхона

[151] *Алӣ бинни Ҷаҳм* — шоири намоёни араб буда, дар асри IX ҳаёт ба сар бурдааст.

[152] *Муҳаммад бинни Закариёи Розӣ* — табиб ва табиатшиноси машҳури асри X мебошад, ки дар соли 925 фавтидааст.

[153] *Абӯбакр Хусайни Таммор* — табибу донишманди илми тиб мебошад, ки дар асри X зиндагӣ кардааст.

[154] *Абӯалӣ ибни Сино* — донишманд, табиб, адиб ва философи беҳамтои тоҷику форс мебошад, ки дар соли 980 таваллуд ёфта соли 1037 вафот кардааст.

[155] *Абӯяҳьё бинни Куноса* — табиатшиноси машҳурест, ки дар асри VIII зиндагӣ кардааст.

[156] *Сели Арим* — селеро меноманд, ки он дар қисмати ҷанубии Арабистон дар наздики шаҳри Сабо тахминан дар солҳои 500 пеш аз Ислом ба вуҷуд омада, он шаҳрро тамоман хароб намудааст.

[157] *Ҳаявония* — номи гурӯҳи мусулмононест, ки бо таълимоти махсуси динӣ-фалсафие баромад кардаанд.

[158] *Каймус* — калимаи юнонӣ буда, маънии он иборат аз халқа ғизо дар меъда мебошад.

[159] *Муҳаммад бинни Абдумалики Зайёт* — вазири халифаи Аббосиён Мӯътасим ва писари ӯ Восиқ буда, дар соли 848 ба қатл расонида шудааст.

[160] *Абӯисоқ Варроқ* — шоири намоёнест, ки дар асри IX зиндагӣ ва эҷод кардааст.

[161] *Уламои рамл* — дар гузашта гурӯҳи махсусе буданд, ки онҳо худро донишманд пиндошта, даъво мекарданд, ки гӯё толеву тақдир ва дигар ҳодисаҳоро пешгӯӣ карда метавониста бошанд.

[162] *Манну салво* — мувофиқи таълимоти яҳудиён гӯё то вақти фавти Мӯсо аз осмон барои Бани Исроил таом фурӯд меомадааст.

[163] *Зукрон* — аз калимаи зикр сохта шуда, ба маънои зикр муноҷот, кешу оинҳо ва айёми таваллуди шахсон, ки ба онҳо шарҳу тафсире навишта шудаанд, ифода менамояд.

[164] *Матрон* — рутбаи дини тарсоён аст, ки иҷрокунандаи ин вазифаро пешво ва ё худ раиси меҳтар мешуморанд.

[165] *Католиқос* — номи патриархи калисои арман — Григориан, ки аз асарҳои VI бо чунин унвон машҳур шудааст.

[166] *Уконому укнумияти ибну аб* — Масеҳиён дар зери ин ибора зуҳуроти худро медонанд. Баъзан ба тариқи укнуми салоса низ ном мебаранд, ки он иборат аз аб, ибн, рух ул-қудус мебошад.

[167] *Холид бинни Язид бинни Муовия бинни Абусуфьён* — шоҳзодаи сулолаи Умавия буда, дар аввалҳои асри VIII вафот кардааст.

Мувофиқи маълумоти худи Абӯрайҳони Беруний Абусуфьён философи аввалини ислом аст.

[168] *Муҳаммад бинни Абдулазизи Ҳошимӣ* — ситорашиноси намоёни асри IX тоҷику форс мебошад.

[169] *Абӯҷаъфар Муҳаммад бинни Ҳабиби Бағдодӣ* — нависандаи машҳури асри VIII мебошад, ки тамоми асарҳояшро ба забони арабӣ навиштааст.

[170] «Асҳоби фил» ва «Соли фил» гуфта, соли 570 милодиро меноманд, ки дар ин сол ҳабашҳо бо лашкари зиёде ба Макка ҳуҷум оварданд. Дар катори дигар воситаҳои ҷангӣ филҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки сабаби чунин унвонгузорӣ шудааст.

[171] Дар ин ҷо Алиро дар назар дорад, ки ӯ халифаи чаҳорум буд.

facebook.com/Китобхона

[172] *Бадр* — номи мавзеест, ки дар қисми ҷанубӣ-ғарбии шаҳри Мадина ҷойгир мебошад. Дар соли 623 мелодӣ ба наздики ин мавзеъ дар байни Муҳаммад ва Умия задухӯрди шадиде ба амал омада, Умия шикаст мехӯрад.

[173] *Фотимаи Заҳро* — духтари Муҳаммади пайғамбар аст.

[174] *Алӣ бинни Муҳаммади Бурқавӣ* — дар даврахои аввали ислом барои ҳокимиятро ба даст даровардан кӯшиши фаровоне кардааст. Вай барои ҳамин мақсад худро то ҳатто аз авлоди халифа – Алӣ ба қалам медиҳад.

[175] *Хасан бинни Зайд* — дар нимаи дувуми асри IX дар Табаристон ҳоким будааст.

[176] *Уҳуд* — кӯҳест дар қарибии Макка. Дар соли 624 дар наздикии ин кӯҳ ҷанги мусулмонону насоро барпо гардидааст.

[177] *Ибни Аъробӣ* — адиби арабизабон буда, дар асри IX зиндагӣ кардааст.

[178] *Усмон бинни Аффон* — халифаи сеюм буд, ки дар соли 655 мелодӣ ба қатл расонда шудааст.

[179] *Ансор* — ёрон; Дар ин ҷо ишора ба гурӯҳи мардумони Мадина аст, ки онҳо дар ҳангоми сахтию душворихои вазъияти Муҳаммади пайғамбар бар ӯ мадад расондаанд.

[180] Дар ин ҷо Абурайҳони Берунӣ ба Шамсулмаолӣ Қобус ишора мекунад.

[181] *Кавокиби мутаҳайира* — ситорахои дар ҳайратмонда инҳоанд: Зуҳал, Муштарӣ, Миррих, Зӯҳра ва Аторуд. Ин панҷ ситораро аз он сабаб «кавокиби мутаҳайира» номидаанд, ки онҳо дар асноҳи ҳаракати аввалини худ, баъзан баръакси фурӯравии Офтоб ҳаракат мекунанд.

[182] *Мисқатулҳаҷар* — агар сангеро аз болои чизе партоем, хатман ба поини он ояд.

facebook.com/Китобхона

Мундарича

«Осор-ул-боқия»-и Абурайҳон Берунӣ 3
Ба номи худованди бахшандаи мехрубон 5
Ф а с л. Дар ҳақиқати шаб ва рӯз ва маҷмӯи он ва оғози ҳар яки онҳо 6
Ф а с л. Дар мабдаи сол ва моҳ 8
Ф а с л. Дар ҳақиқати таърих ва ихтилофи умматҳо дар он 9
Ф а с л. Дар ҳақиқати Зулқарнайн 11
Ф а с л. Дар чигунагии моҳҳо, ки дар солҳои аввал истеъмол шуданд 12
Ф а с л. Чигунагии таърих ва ихтилофоти он 13
Ф а с л. Дар «адвору тақуфот» ва мелоди солҳои яҳудон ва кайфияту тариқаи кабисаи он дар солҳои яҳудон ва дигар солҳо 14
Ф а с л. Дар таърихҳои касонест, ки пайғамбариро ба худ бастанд ва умматҳое, ки фиреби эшонро хӯрданд . . . 15
Ф а с л. Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст 16
Ф а с л. Дар идҳои моҳҳои суғдиён 17
Ф а с л. Дар идҳое, ки дар моҳҳои аҳли Хоразм аст . . . 18
Ф а с л. Дар мазҳаби хоразмшоҳиёну идҳои аҳли Хоразм . . 19
Ф а с л. Дар рӯзҳое, ки дар моҳҳои румиён аст 20
Ф а с л. Дар моҳҳои яҳудон ва корҳое, ки бояд дар он анҷом ёбад 21
Ф а с л. Дар амалҳоест, ки насорои маликӣ дар моҳҳои суриёнӣ ба кор мебаранд 22
Ф а с л. Рӯза ва идҳои тарсоён, ки мавриди қабули ҳамаи эшон аст 23
Ф а с л. Идҳои насорои настурӣ ва зукронҳою рӯзаҳои эшон 24
Ф а с л. Идҳои маҷусиёни қадим ва иду рӯзаҳои собиён . . 25
Ф а с л. Рӯзаҳои маъруфи арабҳои давраи ҷоҳилият . . . 26
Ф а с л. Рӯзҳое, ки мусулмонон ба кор мебаранд 27
Ф а с л. Манзилҳои моҳ, тулӯъу ғуруб ва сурати онҳо . . 30
Тавзеҳот 40

ОСОБО-[illegible]ЙСКОЕ
ГЕ [illegible] ИМ. А. [illegible]

Абурайҳон Берунӣ

ОСОР-УЛ-БОҚИЯ

Рассом *И. Ганиев*
Муҳаррири ороиш *Р. Аҳмеров*
Муҳаррири техникӣ *Л. Шашкова*
Мусаҳҳеҳон *Ю. Санавбар* ва *С. Маҳмурод*

БИ № 2994

Ба матбаа 30. 06. 89 супурда шуд. Ба чопаш 14. 03. 90 имзо шуд. Фор 84×108¹/₃₂. Коғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш бар Ҷузъи чопии шартӣ 22,68. Ҷузъи ранган шартӣ 23,1. Ҷузъи нашрию х 22,85. Адади нашр 17000. Супориши 2949. Нархаш 1 с. 30 тин.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба мат

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона

facebook.com/Китобхона



190941
Китобхонаи миллии Тоҷикистон